ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/3 (167)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2015

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Абдулазизов В.- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор
Саидов Х. - доктор филологических наук, доцент

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015
Вестник Таджикского национального университета, 2015

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ВОЖАҲОИ ФАЪОЛ ДАР ЗАБОНИ ҒАЗАЛ
(дар мисоли вожаи «гул»)

М. Саломов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калима ба ҳайси воҳиди асосии луғавӣ барои ифодаи маъно дар забон нақши муҳим дошта, вобаста ба услуб ва мавридҳои нутқ доира ва дараҷаҳои гуногуни истеъмолӣ дорад. «Вожа ва лафз моддаи аслии шеър ва яке аз авомили зебоию таъсири он аст, зеро мусиқӣ ва оҳанги шеър низ аз алфозе, ки шоир ба кор мебарад, бармехезад. Ба ҳамин сабаб яке аз ҳунарҳои шоирони бузург интихоби алфози булӯрин ва муносиб барои шеър аст. Гузиниши алфоз бо ҳама аҳамияте, ки барои шеър ва шоир дорад, тобеи ҳеҷ зобита ва қоидаи муайяне нест ва танҳо завқу истеъдоди зебогузинии шоир аст, ки аз миёни дастгоҳи густурда ва печидаи луғоти забон ва аз дарёи бекарони алфоз онро, ки беҳтару муносибтар ва тарошхӯрдатар аст, интихоб мекунад» [4, 1378, 115].

Дар ҳақиқат, вожаҳо бо тамоми тобишҳои маъной, лексикию семантикӣ ва робитаҳои грамматикии худ дар забони шеър нақши боризе дошта, меҳвари асосии он ба шумор мераванд. Дар баробари ин, ҳунару истеъдоди зотӣ ва таҷрибаю мушоҳидаи тамоми ҳаводиси табиию воқеоти олам аз ҷониби ашхоси суханвар низ, барои баёну ифодаи муассиру образнок муҳим арзёбӣ мегардад. Шоир ба ҳайси шахси эҷодкор ба олами беинтиҳои вожаҳо чун заршинос бояд хеле нозукбинона муносибат карда, вожаҳоро бо дидаи суханшиносона бар тарозуи хираду фаҳмиш ва биниши худ баркашад ва он гоҳ онро ба риштаи назм бикашад. Албатта, танҳо афроди таҷрибадор ва огоҳ аз олами суханшиносию эҷодкорӣ метавонанд аз имконоти мазкури сухан баҳравар гарданд ва дар олами эҷоду адаб ва каломи мавзун мавқеъ пайдо намоянд.

Таркиби луғавии забон чун дигар омилҳои ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳолати рушду такомул қарор дорад. Яъне, вобаста ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ таркиби луғавии забон низ такмилу тағйир меёбад ва дар айни замон инъикоскунандаи тамоми ҳаводиси ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар як давраи муайян истеъмоли як гурӯҳ вожаҳо дар забон хеле фаъол мегарданд ва гурӯҳи дигар ба тадриҷ доираи истеъмоли худро маҳдуд карда, ба қабати ғайрифаъол ё ба истилоҳ ба гурӯҳи вожаҳои пассив ворид мешаванд. Ин хусусияти калимаҳоро бештар дар забони гуфтор, нутқи рӯзмарра ва қабатҳои луғавию услубии забони адабӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар забони назм, махсусан забони ғазал чунин ҳодиса камтар ба назар мерасад. Таҳлилҳо ва тадқиқотҳое, ки доир ба забони ғазал ба анҷом расидаанд, далели онанд, ки вожаҳои забони ғазал камтар осебпазиранд. Яъне, мавқеи вожаҳо ва тобишҳои маъноии онҳо ба тағйиротҳои иҷтимоӣ камтар мувоҷеҳ мешаванд. Ин хусусиятро дар забони рубоиҳои форсию тоҷикӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ба андешаи Хусрави Фаршедвард «Дар шеъри форсӣ вожагони ғазал ва рубоӣ аз қасида ва маснавӣ маҳдудтар аст. Ба ин сабаб, ғазал дар муқобили пазируфтани луғоти тоза бисёр муқовимат мекунад. Ба тавре ки, масалан, ҷо додани вожаҳои омиёна ё рӯзномаӣ ё хоричӣ дар ғазал бисёр душвор аст ва ба кор бурдани истилоҳоте аз қабили, «хиёбон», «мусиқӣ», «уток» дар ин навъ қолаб ё маҳол аст ё мушкил ва ин амр яке аз маъоиби ғазал аст, ки онро аз сурати қолабии имрӯзӣ ва зиндаву пуртаҳаррик хориҷ мекунад, зеро фақат алфозу истилоҳотеро мепазирад, ки Саъдию Ҳофиз ва гузаштагон онро овардаанд ва ба ҳамин сабаб сурудани ғазале, ки ҳолу ҳавои имрӯзро дошта бошад, душвор аст» [4, 1378, 114]. Аз ин андеша бармеояд, ки забони ғазал яке аз воситаҳои муҳимми нигаҳдорандаи фасоҳату балоғати калом ба шумор меравад. Албатта, дар асрҳои баъд аз Саъдию Ҳофиз эҷоди ғазал дар шароитҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ ва муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ дар ҳавзаи густариши забони форсӣ хеле интишор меёбад, вале таркиби луғавии он ба тағйирот камтар дучор мешавад. Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ, мавзӯъ ва муҳтавои забони ғазал то андозае анъанаи даврони пешинро идома медиҳад.

Пас, аз ин андешаҳо бармеояд, ки дар забони ғазали асрҳои XII-XIV як гурӯҳ вожаҳое, инъикос ёфтаанд, ки онҳо дар масири таърих ба ҳайси вожаҳои фаъол аз

ҷониби шоирон мавриди истифода қарор гирифта, барои ифодаи мафҳуму ҳодисаҳои гуногун хидмат намудаанд. Ҳамзамон, ин гурӯҳ вожаҳо ғайр аз ифодаи маънои аслии худ тобиши маъноии дигар касб намуда, дар маънои маҷозӣ барои ифодаи муассиру образноки мафҳумҳо ва воқеаву ҳодисаҳо хидмат намудаанд. Агар ба раванди густариши вожаҳои фаъоли забони ғазали ин марҳила назар кунем, дармеёбем, ки истифода ва истеъмоли семантикии онҳо якранг нест. Яъне, дар марҳилаи аввал вожаҳо бештар ба маънои аслӣ омада, дар марҳилаҳои минбаъда тобишҳои маъноии онҳо нисбатан густурдатар мегардад. Дар ин замина вожаи «гул»-ро метавон ба ҳайси яке аз вожаҳои фаъоли забони ғазал мавриди таҳлил қарор дод ва доираи семантикии онро дар муносибату иртибот ва ҳамнишинӣ бо дигар вожаҳо муайян намуд.

Дар забони осори манзум калимаҳои ифодагари гулу гиёҳ мавқеи хосса дошта, ба шоирон имконият медиҳанд, дар баробари тасвири зебоиҳои табиат ва илҳом гирифтан аз ин зебоиҳо вожаҳои мазкурро барои ифодаи вазъу ҳолатҳои гуногуни иҷтимоию равонӣ мавриди корбаст қарор диҳанд. Бояд тазаккур дод, ки ин гурӯҳ вожаҳо барои ифодаҳои образноку муассир ва тасвирҳои ҷолибу риояи таносуби сухан дар забони шеър мусоидат менамоянд. Масалан:

Хуш омад **гул** в-аз он хуштар набошад,
Ки дар дастат ба ҷуз соғар набошад [7, 108].
Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода **баҳор** хуш набошад [7, 109].
Моро **гуле аз рӯйи ту чидан** нагузоранд,
Чидан чӣ хаёлест, ки дидан нагузоранд [6, 170].
То **ҳавои гули рухсори ту дорад** Хоҷу,
Ҳар шаб аз булбули дилсӯхта шабхезтар аст [Хоҷу, 191].

Вожаи «гул» ҳамчун мафҳуми умумӣ дар забони осори манзум яке аз фаъолтарин вожаҳо маҳсуб шуда, дар ифодаи маъноҳои аслию маҷозии ҷаззоб, сохтани калимаю ибораҳои муассир нақши муҳим дорад. Тавре ки дар абёти боло мушоҳида мекунем, ин вожа дар робита бо дигар вожаҳои таркиби байтҳои зикршуда дар майдони семантикӣ, барои ифодаи маъноҳои ҷолибе омадааст. Яъне, дар байти аввалу дуюм он агар аз омадани фасли баҳор мужда диҳад, дар байти сеюм ба маънои маҷозӣ омадааст ё ба ибораи дигар «гул аз рӯйи касе чидан» маънои бӯса карданро ифода менамояд. Дар байти Хоҷуи Кирмонӣ вожаи гул дар таркиби ибораи **ҳавои гули рухсори касе доштан** маънои орзую ҳаваси дидани рӯйи маҳбубаро ифода кардааст ва дар ин маврид бо вожаи булбул он дар таносуб аст.

Аз ҷониби шоирон анвои гулҳои гуногун низ дар шеър мавриди истифода қарор дода шудааст. Онҳо зимни тасвири ашё хусусиятҳои зоҳирию шаклӣ ва рангу бӯйи гулҳои гуногунро ба инобат гирифта, тибқи талаботи қавоиди шеър барои риояи таносуби сухан вожаҳоро тавре корбаст намудаанд, ки ҳам маъно ва ҳам мафҳум ба забони шеър оҳангнокӣ ва муассирии бештаре бахшидаанд.

Ба андешаи Хоҷуи Кирмонӣ дар байти зер, вақте ки нақҳоши азал (Худованд) нақши инсонро омода мекард, аз килкаш як нуқтае бар гул низ чакидааст. Яъне, дар ин маврид шоир ҳам зебоӣ, нозукӣ ва хушбӯии инсонро ҳамчун бузургтарин офариниши Худованд тасвир намудааст, ки як нуқтаи ин офариниши бузург ба гул низ чакидааст:

Чу нақҳоши азал нақши ту мебаст,
Зи килкаш нуқтае бар **гул** чакидааст [Хоҷу, 216].

Баъзан вожаи «гул» бо тобишҳои маъноии худ ва хусусиятҳои семантикие, ки дар забон дорад, дар як ғазал вожаи калидӣ маҳсуб мешавад, зеро тамои вожаҳои дигар дар доираи майдони семантикӣ ва таносуби сухан ба ин вожа марбут мегарданд. Масалан:

Рафтам ба **боғ** то ки **бичинам** саҳар **гул**е,
Омад ба гӯш ногаҳам овози **булбул**е.
Мискин чу ман ба **ишқи гул**е гашта мубтало,
В-андар **чаман** фиканда зи фарёд ғулғуле.
Ман гаштам андар он **чаману боғ** дам ба дам,
Мекардам андар он **гулу булбул** тааммуле.
Гул ёри **ҳусн** гаштаву **булбул** қарини ишқ,
Онро тафаззуле неву инро табодуле…
Бас **гул шукуфта** мешавад ин **боғ**ро, вале

Кас бе ҷафои **хор** начидаст аз ӯ **гуле**.
Ҳофиз мадор умеди фарач аз мадори чарх,
Дорад ҳазор айбу надорад тафаззуле [7, 313].

Дар ғазали мазкур вожаҳою таъбирҳои **боғ, чидан, булбул, ишқи гул, чаману боғ, гулу булбул, ҳусн, шукуфта, хор** вожаҳоеанд, ки асосу бунёди онро ташкил додаанд ва бо тобишҳои маъноии худ муассирии ин ғазалро қавӣ гардонидаанд.

Дар аксари маврид дар забони ғазалиёт шоирон вожаи «гул»-ро ба маъшуқа ташбеҳ додаанд. Яъне, ин мафҳум дар забони осори манзум бештар образи маъшуқаро ифода мекунад, ки дар ин маврид пеш аз ҳама, ҷанбаҳои муҳимми хусусиятҳои зоҳирию ботинии ин мафҳум ба инобат гирифта шудаанд. Яъне, «гул» мафҳумест, ки хеле нозук аст, бо симои зоҳириаш дидадаро буда, писанди ҳамагон аст ва ҳама мехоҳанд, ки аз тамошои он лаззате баранд, зеро он мавсимӣ буда, баъд аз чанде хазон мегардад ва бинобар ин, парвариши нозуконаеро тақозо менамояд ва он бо бӯйи форамаш машомро муаттар месозад. Маҳз чунин хусусиятҳои ин мафҳум боиси он гардидааст, он ҳам аз нигоҳи лингвистӣ (ифодаи маъно, калимасозӣ, ибораорӣ) ва ҳам аз дидгоҳи адабию зебоишиносии сухан дар осори бадеӣ мавқеи хосса пайдо кунад. Масалан:

Бод **бӯйи гули рӯ**яш ба **гулистон** овард,
Оби **гулзор** бишуд, равнаки аттор бирафт [9, 403].
Бӯйи гул овард **насими сабо**,
Булбули бедил наншинад хамӯш [9, 485].
Рақиб ангушт мехояд,ки Саъдӣ чашм бар ҳам неҳ,
Матарс, эй **боғбон**, аз **гул**, ки мебинам, **намечинам** [9, 522].
Ҷое, ки **арӯсони чаман** ҷилва намоянд,
Гулро чӣ маҳал, чунки **гулистон**и ман он ҷост [Хоҷу, 201].

Агар дар байтҳои боло Камоли Хуҷандӣ вожаи «гул» - ро дар таркиби «таъбири гуле аз рӯйи касе чидан» ба маъной бӯса кардан оварда бошад, дар байти фавқ Саъдии Шерозӣ таъбири «гул начиндан»-ро барои ифодаи маъной нигоҳ накардан овардааст. Вале дар маҷмӯъ, ҳар ду таъбир аз ҷиҳати ифодаи маъно ба ҳам қаробати наздике доранд. Шоир бо овардани вожаи «гул» ва вожаҳои ҳаммаъной он дар майдони семантикӣ (рақиб-боғбон, дидан, начидан) ишора бар он мекунад, ки эй рақиб (боғбон) матарс, ки ман ин «гул» (яъне маъшуқа)-ро танҳо нигоҳ мекунам ва аз зебоии ӯ рӯҳ мегирам ва ӯро намечинам, яъне зиёне бар он намерасонам.

Баъзан шоирон зебоию қашангии маъшуқаи хешро аз зебоии гул болотар донистаанд:

Гули рухсори ту чун **даста** бастанд,
Баҳору боғ дар мотам нишастанд [5, 831].
Гул бар **рухи зебо**и ту то лутфи арақ дид,
Дар оташи шавқ аз ғами дил **ғарқи гулоб** аст [7, 21].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вожаи «гул» ба ҳайси вожаи фаъол дар бунёди як қатор воҳиди фразеологӣ низ нақши муҳимме дорад, масалан, «гули касе шукуфтан» ифодаи ба мақсаду ният расиданро дорад:

Саъдӣ, **гулат шукуфт**, ҳамоно ки субҳдам,
Фарёди булбулони саҳархез мекунӣ [9, 610].

Шукуфтани гулро Саъдии Шерозӣ бо ибораи фразеологии «даҳон боз кардан» ифода кардааст:

Гул низ дар он ҳафта **даҳан боз намекард,**
В-имрӯз **насими саҳараш парда даридаст** [5, 374].

Анварӣ дар ғазале вожаи «гул»-ро бо вожаи «ишқ» оварда, ибораи фразеологии «аз касе ё чизе даст шустан»-ро дар қолаби «аз гули ишқ пой шустан» оварда, маъной ҷолиберо баён кардааст:

Анварӣ пой нахоҳад зи **гули ишқ**и ту шуст,
Гар ту з-ӯ **даст бишӯйӣ**, чӣ кунам, **даст бишӯй** [5, 943].

Дар баробари ин, хелҳои гуногуни мафҳуми «гул» низ бо хусусиятҳои зоҳирию ботинии худ дар забони ғазал мавқеи хосса дошта, барои ифодаи маъно ва образҳои мухталиф мавриди истифода қарор мегиранд.

Масалан, дар байтҳои зерин бунафша, ки яке аз анвои гул аст, аз рӯйи хусусиятҳои зоҳирии худ бо вожаи зулф дар таносуби маъной омадааст:

Бунафша дӯш ба **гул** гуфту хуш нишоне дод,
Ки **тоб**и ман ба ҷаҳон **турра**и фалонӣ дод [7, 86].

Ҳофизи Шерозӣ дар байти зерин чанд аломати гули бунафшаро бо вожаи зулф дар муқоиса ва таносуб овардааст:

Зи **бунафша** тоб дорам, ки зи **зулф**и ӯ занад дам,
Ту **сиёҳи камбаҳо** бин, ки чӣ дар димоғ дорад [7, 87].

Бунафша аз рӯйи шакли зоҳириаш ба зулф хеле монанд аст ва он гули хушбӯй аст. Яъне, шоир аз шаклу бӯйи гули бунафша дар итоб аст, ки он зоҳиран ба зулфи маъшуқа шабеҳ аст ва зулф низ (сиёҳи камбаҳо) дар навбати худ мисли гули бунафша бӯйи форамеро ба димоғи ӯ меорад.

Гули наргис (наргис номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад - ФЗТ, 833) дар забони ғазал бештар барои ифодаи чашм меояд, ки дар ин маврид вожаи мазкур ҷанбаи сермаъноию маҷозӣ касб менамояд.

Ҳар кучо он шохи **наргис** бишкуфад,
Гулрухонаш дида наргисдон кунанд [7, 132].
Наргиси масти навозишкуни мардумдораш,
Хуни ошиқ ба қадаҳ гар бихӯрад, нӯшаш бод [7, 81].
Сад шаб ба таманнои висоли ту чу **наргис**
Бе **наргис**и бемори ту бедор тавон буд [5, 843].
Мезанадам **наргис** чашмак, хамӯш,
Хутбаи мурғони чаман гӯш дор [8, 461].

Наргис ва сунбул:

Дилбаро, **сунбули ҳинду**и ту дар тоб чарост?
З-ин сифат **наргиси сероб**и ту бехоб чарост? [Хоҷу, 190].
Бар канори лолазори оразаш боди сабо
Сунбули серобро дар печу тоб андохтаст [Хоҷу].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «гул» ва вожаҳои ифодагари онро, ки дар байтҳои боло зикр шудаанд, дар доираи майдони семантикӣ ба таври зер метавон тасвир кард:



Аз тасвири ин нақша бармеояд, ки аксари вожаҳоеро, ки дар забон доираи истеъмоли фаъол доранд, метавон дар доираи майдони семантикӣ мавриди пажӯҳиш қарор дод ва хусусиятҳои маъноии онҳоро дар ҳамин доира муайян кард.

Дар баробари ин, гиёҳҳо низ дар забони осори манзум мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Мафҳуми гиёҳ нисбат ба мафҳуми гул бо баъзе хусусиятҳояш фарқ мекунад. Яъне, агар мафҳуми гул дар забони шеър бештар ҷанбаи сувариро ифода намояд, мафҳуми гиёҳ (алаф, набототи ғайричӯбӣ - ФЗТ, 262) дар баробари ин хусусиятҳо, ҷанбаи шифобахшию доруворӣ будан ва истеъмол шуданро ифода менамояд. Масалан, дар байтҳои зер ин хусусият чунин ифода ёфтааст:

Бас кун, эй дӯст, ки санбӯса чу бисёр хӯрӣ,
Ки зи санбӯса туро бӯйи **гиё** меояд [8, 329].
Боварам кун, к-аз нахустин тухми Одам то кунун,
Аз замини мардумӣ **мардумгиё**е барнахост [Хоҷу, 321].

Мардумгиёҳ дар луғат ба маънои меҳргиёҳ (жен-шен) омадааст [3, 642].

Хулоса, вожаи «гул» дар забони ғазал доираи васеи истеъмол дошта, бо хусусиятҳои семантикии худ тавонистааст, ки дар ифодаи маъноҳои нотакрори аслию маҷозӣ, муассир ва тасвири манзараю ҳолатҳои гуногуни қаҳрамони лирикӣ нақши боризе дошта, барои ифодаи образҳои гуногун хидмат намудааст. Яъне, ҳар як вожаи фаъол дар забони осори бадеӣ вазифаи муҳимми маънофарӣ ва зебоишиносии суханро дорад. Ба андешаи Сиритса Г.С. «Функционирование лексики в художественном тексте подчинено конкретным идейно-художественным задачам. В художественном тексте образуются новые семантические отношения между словами» [2, 2014, 90].

Дар ин замина метавон вожаҳои зиёдеро чун **булбул, чашм, зулф, рӯй, чеҳра, бода, ишқ, ошиқ, маъшуқ, соқӣ, ринд, суфӣ, зоҳид** ва монанди инҳоро бо тобишҳои маъноию образнокиашон ба ҳайси вожаҳои фаъол дар забони ғазал мавриди пажуҳиш қарор дод ва доираи дараҷаи истифодаю истеъмоли онҳоро дар доираи майдони семантикӣ муайян кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Саид Муҳаммади Ростгӯ. Ҳунари суханорӣ / Саид Муҳаммади Ростгӯ. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми исломӣ, 1372.- 349 с.
2. Сырица Г.С. Филологический анализ художественного текста / Г.С Сырица. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2014.-344 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М: Советская энциклопедия, 1969.- Ҷ 1. 950 с.
4. Хусрави Фаршедвард. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ / Хусрави Фаршедвард. - Теҳрон: Амири Кабир, 1378.-371 с.
5. Девони Анварӣ.- Теҳрон, Ширкати интишороти илмию фарҳангӣ, 1376.-1172 с.
6. Девони Камоли Хуҷандӣ. Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. – Теҳрон, 1375.- 480 с.
7. Девони Ҳофиз. - Теҳрон: Ширкати интишороти эҳёи китоб,1384.- 400 с.
8. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад (машҳур ба Мавлавӣ). - Куллиёти девони Шамс / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. - Теҳрон: Маҳорат 1374.- Ҷ 1-748 с.
9. Куллиёти Саъдӣ тасҳеҳ ва вироиши Козими Мутлақ.-Қум: Интишороти Асва, 1385.- 896 с.
10. Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ (мутахаллис ба Ироқӣ). Куллиёти девон / Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ. – Теҳрон: Созмони интишороти Ҷовидон, 1367.- 447 с.
11. Хоқонии Шарвонӣ. Девон / Хоқонии Шарвонӣ; ба эҳтимоми Ҷаҳонгир Мансур ва бо муқаддимаи устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар. - Теҳрон: Нигоҳ, 1375. - 862 с.

АКТИВНЫЕ СЛОВА В ЯЗЫКЕ ПОЭЗИИ

(на основе анализа слова «цветок»)

Активные слова в языке поэзии имеют особое место и означают семантическую основу и различные оттенки значения. В языке поэзии поэтов XII-XIV вв. использована группа слов, которые составляли лексико-семантическую основу и содействовали экспрессивному выражению и построению различных образов. Слово «гул» («цветок») своими внешними и внутренними свойствами считается ключевым и активным для языка поэзии и представляет поэтам возможность выражать свои мыслы воздействующим и привлекательным образом.

Ключевые слова: слова, активные слова, язык газели, семантика, семантическое поле, цветок, свойство цветка, лексические значения, отношение и соотношение слов, экспрессивность, образность.

ACTIVE WORDS IN THE LANGUAGE OF POETRY

(based on the analysis of the words "flower")

Active words in the language of poetry have a special place and means of semantic-based and various shades of meaning. In the language of poetry poets XII-XIV centuries used a group of words that comprised the lexical-semantic framework and facilitated expressive expression and construction of different images. The word "Gul" ("flower") for its internal and external properties and is considered a key active for the language of poetry and poets is an opportunity to Express their mysli acting and attractive way.

Key words: word, active word, the language of the ghazal, semantics, semantic field, flower, property, flower, lexical meaning, the attitude and relation of words, expressiveness, imager.

Сведения об авторе: ***М. Саломов*** – докторант Таджикского национального университета

РЕАЛИЯҲО ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ГУРӮҲҲОИ БАРҶАСТАТАРИНИ ВОҲИДҲОИ ЛЕКСИКИИ БЕМУОДИЛ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ ОНҲО АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ф.М. Турсунов
Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Дар раванди тарҷума мушкилиҳое ба миён меоянд, ки ҳалли онҳо таваҷҷуҳи бештари тарҷумонро тақозо мекунад. Чунин мушкилоти тарҷума, алалхусус ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои лексикии бемуодил, яъне воҳидҳои луғавии забони А, ки дар забони Б эквивалент, ё худ баробарҳои бевоситаи луғавии худро надоранд, ба вуҷуд меоянд ва ҳалли масъалаи тарҷумаи онҳо бо роҳҳои анъанавӣ имконпазир намегардад. Воҳидҳои лексикии бемуодил гурӯҳҳои зиёди калимаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷумла истилоҳот, неологизмҳо, калимаҳои мураккаб, ихтисораҳо, калимаҳои тақлиди овоз, нидо, исмҳои хос, реалияҳо ва ғайра. Дар ин радиф "реалияҳо гурӯҳи маъмултарин ва сершумортарини воҳидҳои лексикии бемуодилро ташкил медиҳанд" [1, 156]. Реалияҳо воқеан ҳам бо хусусияти фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии кишвари соҳиби забон алоқаи зич дошта, барои тарҷумонҳо мушкилиҳои ҷиддӣ ба миён мегузоранд. Дар тарҷумашиносӣ як қатор роҳу равишҳои махсус мавҷуданд, ки ба ҳалли масъалаи тарҷумаи реалияҳо аз як забон ба забони дигар равона карда шудаанд. Тарҷумони хуб бояд аз ин нозукиҳои тарҷума огоҳ бошад [2, 3].

Дар мақолаи мазкур мо реалияҳои забони англисиро дар чорчӯбаи воҳидҳои лексикии бемуодил баррасӣ намуда, тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикӣ дар асоси асарҳои бадеӣ таҳлил менамоем. Бояд гуфт, ки реалияҳои забони англисӣ, ки яке аз забонҳои серистифодатарини дунё ба шумор меравад, ифодакунандаи паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсии мардуми англисзабон, қабл аз ҳама, Англия ва Амрико, мебошанд. Барои баррасии нозукиҳои тарҷумаи онҳо мисолҳо дар мақола аз рӯйи усулҳои тарҷума ба гурӯҳҳо тақсим карда шудаанд.

Транскрипсия ва транслитератсия. Ин равиш дар тарҷумаи реалияҳо хеле серистеъмол аст ва калимаҳоро аз рӯйи шакли фонетикӣ (овоз) ва графикӣ (ҳарф) аз як забон ба забони дигар мегузаронад. Ҳангоми истифода аз ин равиш муҳим он аст, ки калимаи бегона бо ягон роҳ–ё дар поварақ ва ё дар дохили матн маънидод карда шавад, зеро бо танҳо иваз кардани овоз ва ҳарфҳои калима маънои он равшан намегардад [3, 83].

Мисолҳоро таҳлил мекунем:

As to your practice, if a gentleman walks into my rooms smelling of ***iodoform****, with a black mark of nitrate of silver upon his right forefinger, and a bulge on the side of his top – hat to show where he has secreted his* ***stethoscope,****… [4, 5-6].*

- Дар хусуси ба табобати шахсӣ шурӯъ карданатон, - агар ба хонаи ман шахсе ворид гардад, ки ба вай бӯйи ***йодоформ*** *нишастааст, агар дар ангушти шаҳодати дасти рости ӯ аз кислотаи азот доғи сиёҳ бошад ва дар силиндраш ғуррие буда, ҷойи* ***стетоскоп****русткардаашро нишон диҳад… [5, 55].*

Калима-реалияҳои **iodoform** ва **stethoscope** дар мисоли якум ба тарзи транскрипсия тарҷума шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми кӯчонидани калимаҳои хосси англисии мазкур ба забони тоҷикӣ тарзи навишт ва талаффузи тоҷикӣ бояд риоя шавад ва аз мисоли мазкур бармеояд, ки кор ҳамин тавр ҳам сурат гирифтааст: калимаи **iodoform** аз ду реша иборат аст – *iod* ва *form*. Решаи аввал аз калимаи iodine баромада, дар забони тоҷикӣ ба шакли *йод* маъмул аст. Ҷузъи дуюми ин калима аз шакли form–аст, вале дар матн ин истилоҳ яклухт, ҳамчун калимаи мураккаб омадааст ва баргардондани он ба забони тоҷикӣ дар шакли *йодоформ*, ки

пайвасти кимёвии ширинбӯе мебошад, мувофиқ аст. Ҳарчанд транскрипсияи ин калима дар забони англисӣ ба шакли [ʌɪˈəʊdə(ʊ)fɔːm] (айоудофом) мебошад, нигоҳ доштани ин тарзи талаффуз ба хилофи қоида ва тарзи истифодаи забони тоҷикӣ мебуд. Тарзи кӯчонидани калимаи **stethoscope** низ ҷолиб аст. Транскрипсия, ё худ тарзи талаффузи ин дар забони англисӣ чунин аст: ['steθəskəup]. Ҳангоми гузариш ба забони тоҷикӣ овози хосси забони англисӣ [θ] дар таркиби калима бо овози [т] дар забони тоҷикӣ иваз шудааст, ки ин бори дигар гуфтаҳои болоро оид ба риояи қоидаҳои фонетикии забони тарҷума, на забони матни асл, ҳангоми транскрипсия ва транслитератсия шудани калимаҳо собит месозад.

Тарҷумаи калимаҳо-реалияҳои зерини ифодакунандаи маводи хӯрока ва ченаки масоҳат низ транскрипсия шудаанд:

1. ‘Leah, make a little hot **negus** and cut a **sandwich** or two [6, 100].
   Ли, зудтар **гроги** гарм ва якчанд **сандвич** омода созед [7, 93].
2. ‘ Fifty **miles**’ [6, 43]. - Панҷоҳ **мил** роҳ [7, 39].
3. Miss Smith put into my hands a border of muslin two **yards** long, together with needle…..[6, 55].
   -…духтархонум Смит порчае докаро ба дарозии ду **ярд** ҳамроҳи сӯзану ангуштвона дод….. [7, 51].

Дар мисоли якум истифодаи ду реалия ба назар мерасад-**negus ва sandwich.** Калимаи **negus** машрубест, ки аз оби ҷӯш, қанд, арақ ё ром тайёр мекунанд. Ин калимаи хосси забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба шакли *грог* гузаштааст, ки он муродифи русии он калима мебошад. Тарҷумон ин реалияи ба хонандаи забони тарҷума ношиносро пурра маънидод накарда, танҳо “-грог–навъи нӯшокӣ” эзоҳ додааст, ки хонанда чӣ хел будани нӯшокиро бояд худаш пай барад. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки баъзе калима ва мафҳумҳои хосси забони англисӣ, ки ба хонандаи тоҷик нофаҳмоянд, муфассалтар бояд шарҳ дода шаванд. Калимаи **negus** аз ҳамин гуна калимаҳост. Ҳамзамон, калимаҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди барои забони тоҷикӣ бегона будан, маъруфанд ва барои фаҳмидани онҳо хонандаи тоҷик мушкилӣ намекашад. Бидуни шарҳу эзоҳ истифода шудани калимаи *сандвич* аз ин далолат мекунад.

Ҳамчунин, ҳангоми маънидод кардани калимаҳои *мил* ва *ярд,* ки дар мисолҳои дуюм ва сеюм омадаанд ва ифодакунандаи масоҳатанд, дар матн мушкилии хоссе пеш намеояд, зеро хонандаи тоҷик ин калимаҳоро бори аввал намебинад. Ба ҳар ҳол, додани эзоҳи кӯтоҳ дар ин ҷо низ аз манфиат холӣ нест.

Чунон ки дар боло зикр гардид, шарҳу эзоҳ додани калима дар поварақ ё дохили матн ҳангоми истифодаи транскрипсия хеле муҳим аст. Мисолҳои ин гурӯҳ бисёранд. Шарҳу эзоҳот дар рӯйхати махсус ё ин ки дар луғатномаҳои мухтасар, дар саҳифаҳои охири китобҳо ё дар охири ҳар як боби асарҳо оварда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо реалияи барои хонанда ношинос дар худи ҳамон саҳифа маънидод карда мешавад, ки ин, албатта, назар ба нигоҳ кардан ба саҳифаҳои охири китоб роҳаттар аст [3, 81].

Масалан: “ Yes. We had occasion some months ago to strengthen our resources, and borrowed, for that purpose, 30,000 ***napoleons*** *from the Bank of France…” [4, 50]. - Ҳа. Якчанд моҳ пеш аз ин ба мо пули зиёдатӣ лозим шуда монд ва мо аз банки Франсия сӣ ҳазор* ***напалеондор*** *қарз гирифтем [5, 22].*

Реалияи ин мисолро тарҷумон дар поварақи саҳифаи хониш додааст, ки **napoleons**–ин намуди пули фаронсавӣ мебошад, ки ба шарафи сарлашкари Фаронса Наполеон ном гузошта шудааст.

Калка. Усули тарҷумае мебошад, ки баъд аз усули тарҷумаи транскрипсия серистифода аст. Ҳангоми истифода аз *калка* реалия ба таври ҳарф ба ҳарф тарҷума

карда мешавад ва маънои семантикии худро гум намекунад, вале, мутаассифона, обуранги миллии асари бадеӣ коста мегардад [3, 85].

Мисол:

1.*"I won't insult your intelligence by telling you how I read that, especially as, rather against the strict rules of your order, you use an* ***arc – and – compass*** *breastpin* [4, 31].- *Франкмасон буданатонро пай бурдан кори душвор не, зеро шумо, бар хилофи устави сахти ҷамъияти шумо, запонкаи расмаш* ***камону доира*** *доред* [5, 5].

2. You ought to be aware, Miss, that you are under obligations to Mrs. Reed: she keeps you; if she were to turn you off, you would have to go to the **poor – house** [6, 13]. - Шумо бояд бифаҳмед, ки чӣ андоза дар назди хонум Рид мебоист сипосгузор бошед; охир, ӯ шуморо мехӯронад; агар аз ин ҷо биронадатон, маҷбуред, ки ба **фақирхона** равед [7, 11].

Агар маъноҳои наздиктарини калимаҳои **arc** ва **compass**-ро дар луғатҳои дузабона дарёфт кунем, истифодаи *камону доира* дар ин маврид мувофиқ аст.

Яке аз хусусияти фарқкунандаи забони англисӣ ин мавҷудияти калимаҳои мураккаб дар он аст, ин гурӯҳи калимаҳо ҳам дар якҷоягӣ ва бо дефис навишта мешаванд. Чун ин гуна калимаҳо аз рӯйи зарурат ҳангоми истифодаи забон аз ҷониби соҳибзабонон сохта мешаванд, дар аксари мавридҳо дар забонҳои дигар ҳамто надоранд ва барои тарҷума низ мушкилӣ эҷод мекунанд. Калкаи калимаи *poor-house* ба забони тоҷикӣ дар шакли *фақирхона* хуб баромадааст ва аз матн барои хонанда як андоза мафҳум аст.

Баъзе аз реалияҳои забони англисие, ки бо усули *калка* тарҷума мешаванд, дар забони тоҷикӣ метавонанд бо гузашти вақт ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Гузариши реалия аз забони сеюм ба забони матни асл ва тарҷумаи он. Тарҷумон дар рафти кор бо ҳолатҳое дучор мегардад, ки ба матни асл реалияи тамоман бегона аз забони 3-юм ворид мешавад. Дар мисолҳои мо низ чунин ҳолатҳо ба мушоҳида расиданд. Ин гуна реалияҳо дар вақти тарҷума фикрронӣ ва мулоҳизаи зиёдеро талаб мекунад, ки барои тарҷумон мушкилиҳо пеш меоварад ва дар баъзе мавридҳо тарҷумаи онҳо аз имкон берун мешавад [3, 86].

Мисолҳоро дида мебароем: 1. ***" Nous verrons,"*** *answered Holmes, calmly* [4, 95].
- ***Инашро мебинем,*** - *оромона ҷавоб дод Холмс* [5, 56].

Дар мисоли якум реалияи бегона ба забони англисӣ аз забони фаронсавӣ омадааст ва дар нохунак бо ҳарфҳои аслӣ дода шудааст. Ин реалияи бегона дар забони тарҷума аз рӯйи контекст маънидод карда шудааст.

Мисолҳои дигар: 2. Assuming an attitude, she began ' **La Ligue des Rats; fable de La Fontaine**' [6, 107]. -Ӯ ба худ қиёфаи ҷиддӣ пазируфта, хондани масали Лафонтен «**Иттиҳоди Калламушон**»- ро оғоз ниҳод [7, 99].

Агар ин мисолро бодиққат аз назар гузаронем, реалияи бегонаи фаронсавӣ пурра тарҷума нашудааст. Тарҷумон танҳо як қисми онро -**La Ligue des Rats–** бо забони тоҷикӣ ҳамчун «Иттиҳоди Калламушон» аз руйи мазмуни матн тарҷума кардаасту халос. Қисми дигараш **fable de La Fontaine–** умуман тарҷума нашудааст. Ин ҳолат ҳам роиҷ аст, зеро тарҷумон ҳаҷ дорад дар рафти кор аз рӯйи зарурат оид ба илова ва ё ихтисор кардани ин ё он унсури матни асл тасмим гирад. Гузашта аз ин, бо ихтисор шудани ин ибораи забони сеюм ҳусни умумии тарҷумаи матн коста намегардад.

3. Here she comes, with her **"bonne,"** as she calls her nurse' [6, 105]. -Ана духтарак худаш ҳамроҳи **bonne** меояд, вай дояшро ин тавр ном мебарад [7, 97].

Дар мисоли сеюм реалияи **"bonne"** дар забони асл дар нохунак омада шудааст, вале дар забони тарҷума не. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки реалия дар забони асл

бегона аст. Он дар забони тарҷума низ бо ҳарфҳои лотинӣ нигоҳ дошта шудааст ва эзоҳ дар матни тарҷума чунин аст: **Bonne– доя, парастор (фаронсавӣ).**

Дар аксари мавридҳо реалияҳои бегонаи забони асл бе тарҷума бо ҳарфҳои курсив ё ин ки бо ҳарфҳои ҳамон реалияи бегона ба забони тарҷумашаванда мегузаранд. Ин ҳолат ғайриоддӣ нест, зеро адабиёти бадеӣ воқеаҳои зиндагиро инъикос мекунад ва ҳаёти мардуми гуногун, алалхусус халқҳои аз назар фарҳанг, иқтисод, ҷуғрофия ва ғайра ба ҳам наздик, бо ҳам робитаҳои зич доранд ва аз баъзе ифода ва ибораҳои забони ҳамдигар бохабаранд.

Тарҷума тавассути забони миёнҷӣ. Бояд тазаккур дод, ки аксарияти асарҳои бадеӣ, ки аз адабиёти Ғарб, аз ҷумла аз адабиёти англисзабон дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, бевосита аз матни аслӣ анҷом нашуда, тарҷумонҳои он давра аз матнҳои русӣ ба таври васеъ истифода бурдаанд. Асарҳои мавриди таҳлили мо низ, истисно нестанд ва дар байни мисолҳо калимаҳое вомехӯранд, ки тарҷумонҳо ба матни русии асарҳо такя карда, калимаҳоро аз рӯйи қоидаҳои русӣ навиштаанд. Албатта, ин хатогии тарҷумонҳо нест, чунки дар вақти фаъолияти тарҷумон Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукмрон буд ва ин гуна калимаҳо ҳамчун калимаҳои минтақавӣ дар байни 15 давлат маъруф буданд. Аз ин лиҳоз, тарҷумон фаҳмиши хонандаро ба ҳисоб гирифта, як қатор реалияҳоро аз матни русӣ бе тағйирот, бо тарзи навишти русӣ, ба матни тарҷумаи тоҷикӣ ворид кардааст.

Мисол: *A**frayed top – hat** and a faded brown overcoat with na wrinkled velvet collar lay upon a chair beside him* [4,31]. -***Силиндр**и куҳна ва палтои бури рангпаридаи вай бо гиребони бахмалини чин – чин ба рӯйи курсӣ партофта шуда буданд* [5, 5].

Чунон ки қайд кардем, дар замоне, ки тарҷумонҳо ин асарҳоро тарҷума карда буданд, забони русӣ нақши дигар дошт, барои ҳамин маънои калимаи **силиндр** ба онҳо фаҳмо буд. Албатта, мутобиқи қоидаҳои имлои забони муосири тоҷикӣ ин калима тарзи навишти зеринро дорад: *силиндр*. Дар замони Шӯравӣ ин калима ба талаботи замон ва шароити забонии он давра мувофиқ буд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки роҳу равишҳои тарҷумаи калимаҳои хосси як забон, ба монанди реалияҳо, бо ин ду равиши мавриди таҳлил қароргирифта маҳдуд набуда, тарзу усулҳои дигар низ мавҷуданд [3]. Вале ҳангоми тарҷумаи “Ҳикояҳои Шерлок Холмс”-и Артур Конан Дойл ва “Ҷейн Эйр”-и Шарлотта Бронте аз транскрипсия/транслитератсия ва калка аз ҳама бештар истифода шудааст, ки ин дар амалияи тарҷума ҳолати маъмулист.

Хулоса, реалияҳо ҳамчун воҳидҳои лексикии бемуодил дар назария ва амалияи тарҷума мавқеи хос доранд ва аз тарҷумонҳо дониши хуби забон, фарҳанг ва таърихи мардуми матни аслро тақозо мекунанд. Ҳамчунин ҳангоми тарҷумаи реалияҳо тарҷумон бояд малакаҳои хуби кор бо фарҳангҳои луғот, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва ғайраро дошта бошад, зеро муваффақияти ӯ маҳз аз ҳалли дурусти тарҷумаи воҳидҳои забон ба мисли реалияҳо вобастагии калон дорад ва саҳлангорӣ дар ин ҷода ба мушкилиҳои ҷиддӣ ва нокомиҳои касбӣ оварда мерасонад.

Таҳлили ҷанбаҳои дигари тарҷумаҳои пешин низ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва метавонад мавзӯи таҳқиқоти минбаъда бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Иванов А.О. Безэквивалентная лексика: учебное пособие / А.О. Иванов. – Спб: Изд-во С.-Петерб.ун-та, 2006. – 192 с.
2. Камолиддинов Б. Тарҷумонӣ ва тарҷумаи бадеӣ (дастури ёрирасони таълим) / Б. Камолиддинов, Ф Турсунов. – Душанбе: Матбуот, 2011. - 228 с.
3. Влахов С. И. Непереводимое в переводе. – Изд. 4 – е / С. И Влахов, С. П Флорин. – М.: Р. Валент, 2009. – 360 с.
4. Arthur Conan Doyle. Adventures of Sherlock Holmes. – USA: Paperback Book Club, 1994. - 307 pp.

5. Дойл Артур Конан. Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс (тарҷ. аз русӣ) / Дойл Артур Конан. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 448 с.
6. Charlotte Bronte. Jane Eyre. – Oxford: University Press, 1993.
7. Шарлотта Бронте. Ҷейн Эйр / Шарлотта Бронте. - Душанбе, ТҶБ Истиқбол, 2010.

РЕАЛИИ – САМЫЙ ОЧЕВИДНЫЙ СЛОЙ БЕЗЭКВИВАЛЕНТНОЙ ЛЕКСИКИ И ОСОБЕННОСТЬ ИХ ПЕРЕДАЧИ С АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ

Статья посвящена анализу реалий как основного разряда безэквивалентной лексики и особенностям их перевода с английского языка на таджикский язык при переводе художественного текста.

Ключевые слова: безэквивалентная лексика, реалия, качество перевода, английский язык, таджикский язык.

CULTURE-SPECIFIC WORDS AS A BASIC GROUP OF NON-EQUIVALENT WORDS AND THEIR TRANSLATION FROM ENGLISH INTO TAJIKI

The article deals with the culture-specific words within the non-equivalent lexical units and ways of their translation from English into Tajiki based upon fiction texts.

Key words: non-equivalent words, culture-specific words, quality of translation, English language, Tajiki language.

Сведения об авторе: ***Ф.М. Турсунов*** – кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзода. Телефон: **(+992) 93-577-20-37**

ВРЕМЕННЫЕ ФОРМЫ ГЛАГОЛЬНЫХ КОНСТРУКЦИЙ С МОДАЛЬНЫМ ГЛАГОЛОМ БОИСТАН В УСЛОВНО-СОСЛАГАТЕЛЬНОМ НАКЛОНЕНИИ И ЕГО СООТВЕТСТВИЯ С МОДАЛЬНЫМ ГЛАГОЛОМ MUST

Эрадж Исмоилзода
Таджикский национальный университет

Модальный глагол **боистан,** исторически подвергаясь изменениям, сохранил отдельные формы - ***бояд*** и ***мебоист***, которые широко используются в таджикском литературном языке [3, 249]. В функциональном отношении модальный глагол **боистан** выступает в роли служебного глагола в глагольных конструкциях, а основное лексическое значение конструкции выражает основной глагол.

Синтаксически модальный глагол **боистан,** входя в состав сказуемого, образует сложное модальное сказуемое.

По своему семантическому значению он является многозначным глаголом, который выражает различные оттенки значения необходимости говорящего к совершению действия. Модальный глагол **боистан** в глагольных конструкциях не выступает как глагол модификатор, т.е. он не является показателем ни времени, ни действия, ни состояния. Грамматическим центром в конструкциях с модальным глаголом **боистан** является основной глагол, который употребляется в соответствующей форме в зависимости от времени, лица, числа и залога. Различные оттенки значения модального глагола **боистан** ассоциируются с грамматическими формами глаголов, сочетающихся с ним.

В английском языке из группы глаголов, имеющих модальное значение, которые выражают необходимость, первым следует назвать модальный глагол **must**, что является первым аналогом модального глагола **боистан.**

В функциональном отношении модальный глагол **must** так же является служебным, поскольку основное значение выражается основным глаголом, а он выражает лишь отношение необходимости к совершению действия основного глагола [5, 329-232]. В сочетаниях основной глагол располагается после модального глагола **must** в форме инфинитива без частицы **to**.

Модальные глаголы **боистан** и **must** по грамматическим формам ограничены, поэтому и являются дефектными.

Из значений, выражаемых модальными глаголами **боистан** и **must,** необходимость - их общее значение, но в разных условиях контекста могут усилиться и другие их оттенки, такие как долженствование, обязательность, неизбежность, предположение, запрет, совет.

Конструкции с модальным глаголом **боистан** в условно-сослагательном наклонении довольно часто употребляются в таджикской художественной литературе, охватывая широкий диапазон значений.

Модальный глагол сочетается с основным глаголом, который выступает в качестве определения временной формы глагольной конструкции. В данном наклонении конструкции с модальным глаголом **боистан** употребляются в двух формах времени: настояще-будущем и прошедшем.

Конструкции с модальным глаголом боистан в настояще-будущем времени

В настояще-будущем времени форма ***бояд,*** сочетается с аористом основного глагола. Данное сочетание употребляется для выражения следующих оттенков значения необходимости:

а) внутренняя осознанная необходимость – действие, которое еще не совершилось, но совершится субъективным мнением говорящего, т. е. говорящий утверждает, что процесс совершения или состояния является необходимостью.

*Акнун барои мақола материал гундоштанро **бояд омӯзам** [10, 179]. (Now I must learn to gather materials for an article).*

*Олимҷон **бояд** корро **ба даст гирад** [8, 235]. (Olimjon must head this work).*

В английском языке соответствие значению внутренней осознанной необходимости выражается конструкцией модального глагола **must** в сочетании с формой Indefinite Infinitive основного глагола. Например:

*I am afraid I **must go** to the city [13, 177]. (Метарсам, ки бояд ба шаҳр равам).*

*No, I really **must go** now, thank you … [11, 28]. (Не, раҳмат, ман бояд ҳозир ба шаҳр равам …).*

б) вынужденность совершения действия, обусловленная объективными причинами, когда говорящий вынужден совершить действия в силу каких-то обстоятельств, которые могут быть указаны или могут быть не указаны в предложении. Например:

*Худамон **бояд** пеш аз ҳама муаллим **тайёр кунем** [8, 244]. (First of all we must prepare teachers ourselves).*

*Лекин аввал ман **бояд** домодро худам **саҷьида бинам** [8, 291]. (But first I must check out my son-in-law myself).*

Конструкция модального глагола **must** в сочетании с формой Indefinite Infinitive основного глагола также выражает значение вынужденности совершения действия, обусловленной объективными причинами [1, 567].

*I **must see** you at once [13, 5]. (Ман туро бояд дарҳол бинам).*

*I **must do** it today [12, 45)]. (Ман бояд имрӯз ин корро кунам).*

в) неизбежность совершения действия, обусловленная объективными причинами – действие еще не совершилось, но совершится независимо от желания говорящего в силу каких-то условий, которые могут быть указаны или не указаны в предложении. Например:

*Хиромон ба ӯ **бояд** аз тарзи кори манокран ақаллан мухтасар нақл **кунад** [9, 244]. (Khiromon must tell him about the work of crane even in a few words).*

*Баъд бонки давлатӣ бо ҳамаи пулу тиллояш **бояд** бо мо **равад** [8, 31]. (Then the state bank with all its golden must go with us).*

В английском языке соответственно данному значению модального глагола **боистан** выступает конструкция модального глагола **must** в сочетании с формой Indefinite Infinitive основного глагола. Например:

*But I **must warn** you, Harry, that the Charm might be too advanced for you [15, 176]. (Ман бояд туро огоҳ кунам, Гаррӣ, ки шояд ҷоду барои ту хеле зурӣ кунад).*

*Well, Arthur, you **must do** what you think is right [15,54]. (Хуб, Артур, ту бояд кореро кунӣ, ки рост мешумориаш).*

г) настоятельный совет или приказ – действие, обращенное ко второму или третьему лицу, которое, по мнению говорящего, нужно осуществить. Например:

*Мо **бояд** хонадор **шавем**, Хиромони ман [9, 212]. (We must get marry, my Khiromon).*

*Феъли шуморо донад ва надонад, ки **бояд** бо ҳам **кор кунед**! [8, 149]. (If he knows or not your character, you must work with him).*

В английском языке соответственно значению настоятельного совета или предложения модального глагола **боистан** выступает конструкция модального глагола **must** в сочетании с формой Indefinite Infinitive основного глагола. Например:

*All of you **must read** this book [11, 47]. (Ҳамаи шумо бояд ин китобро хонед).*

*You **must come and have** dinner with us some day [13, 67]. (Шумо бояд ягон рӯз ҳамроҳи мо наҳорӣ кунед).*

д) запрет – когда говорящий выражает категорическое запрещение совершения действия. Модальный глагол **боистан** употребляется в отрицательных предложениях. Образование отрицательной формы модального глагола **боистан** происходит с помощью префикса ***на-***, который добавляется к нему, а основной глагол выражен в форме аориста.

*Боз мегуфтанд, ки худозадаро банда **набояд занад** [9, 102]. (And it is said that the man who was damned by God must not be beaten).*

*Мамлакат бе қӯшун **набояд бошад**! [8, 160]. (The Republic must not be without an army).*

Отличительная особенность модального глагола **боистан** заключается в том, что его отрицательная форма не является привилегией относительно глагола в таджикском языке.

В английском языке для выражения значения запрета модальный глагол **must** в отрицательной форме сочетается с формой Indefinite Infinitive основного глагола [2, 30].

Отрицательная форма глагола **must** образуется с помощью отрицательной частицы ***not***, которая следует за ним перед основным глаголом: ***must not.***

Следует отметить, что образование отрицательной формы модального глагола **must** является одним из тех общих свойств, по которому грамматически характеризуются модальные глаголы в английском языке. Данная форма модального глагола **must** образуется без помощи вспомогательных глаголов в отличие от остальных глаголов в английском языке.

*You **must not walk** in any direction but to school and back home (10,109). (Ту набояд бар ҳар тараф равӣ: танҳо ба мактаб ва рост ба хона).*

*Visitors **must not feed** the animals [13, 56]. (Меҳмонҳо набояд ба ҳайвонҳо хурок диҳанд).*

Отрицательная форма модального глагола **must** также может употребиться в сокращенной форме ***mustn't,*** обозначая категорическое запрещение совершения действия основного глагола.

Другая отличительная черта заключается в отсутствии этой особенности у модального глагола **боистан** т.е. наличия других отрицательных форм.

*They **mustn't take** a risk like that again ([12, 13]. (Онҳо набояд монанди он бори дигар таваккал кунанд).*

*You **mustn't play** with matches [11, 15]. (Ту набояд бо гӯгирдчӯб бозӣ кунӣ).*

е) Предположение с большей степенью уверенности - предполагаемое действие является одновременным с действием в предположении.

*Он кас, ки саводи шуморо бароварда ба мадраса бурда мондааст, ҳамин шахс **бояд бошад**? [6, 83]. (That man who gave you knowledge and placed you into madrasah, must it be he?).*

*Ва ҳоло он ки узви партия ки шуд, **бояд** ҳатман **сазовор бошад** [9, 261]. (As he became a party man he must be deserving of it).*

В английском языке соответствием значению предположения модального глагола **боистан** выступает конструкция модального глагола **must** в сочетании с формой Indefinite Infinitive основного глагола.

А.И. Зверева отмечает: "Модальный глагол **must** ……. может выражать различные оттенки предположения; при этом он не придает модальное отношение между субъектом действия и действием, выраженным инфинитивом, а отношение говорящего к содержанию предположения в целом" [4, 103]. Например:

*I **must go** down to the Dementors [15, 125]. (Ман бояд ба назди Диминаторҳо фароям).*

*… So now I am telling you, we **must go and find** him, quickly, tomorrow morning [11, 135].(Ҳамин хел ман ба ту гуфта истодаам, ки мо бояд ба ҷустуҷӯйи ӯ равем, фардо субҳ).*

Конструкции с модальным глаголом боистан в прошедшем времени.

Сочетание неизменяемой формы ***бояд*** с причастием прошедшего времени основного глагола и глаголом ***будан*** в форме аориста представляет глагольную конструкцию в

прошедшем времени условно-сослагательного наклонения: ***бояд + Vоснов.прошед.вр. + бош+ам (-ӣ, -ад, -ем, -ед, анд)=бояд хнада бошам.***

В конструкции с модальным глаголом **боистан** форма прошедшего времени условно-сослагательного наклонения выявляется в основном глаголе, вспомогательный глагол ***будан,*** являющийся признаком данного времени, относится к основному глаголу, а форма ***бояд*** сочетается с данной конструкцией. Данная конструкция также выражает необходимость совершения действия, которое имеет оттенки значения настоятельного совета или рекомендации. Например:

*Инсон **бояд** пеш аз ҳама ақл **дошта бошад** [9, 165]. (A human must first of all be clever).*

Передача значения настоятельного совета или рекомендации в английском языке происходит при помощи конструкции модального глагола **must** в сочетании с формой Perfect Infinitive основного глагола.

*I think he **must have interpreted** this as a kind of consent, because now his hands began to move with more urgency [14, 131]. (Фикр мекунам, ки ӯ инро бояд чун розигӣ қабул карда бошад, барои он ки дастонаш бо қувваи нав ҳаракат мекарданд).*

Прошедшее время в конструкции с модальным глаголом **боистан** в условно-сослагательном наклонении также может выражать оттенки значения предположения с большей степенью уверенности.

*Боми ҷаҳон **бояд** аз худи ҷаҳон фарқе **дошта бошад** [10, 130]. (The peak of the world must be different of its world).*

*Иттифоқи ягона **бояд** ақаллан андаке завқи солим **дошта бошад** [10, 231]. (The general unites must have although the healthy interest).*

Соответственно этому значению модальный глагол **must** сочетается с основным глаголом в форме Perfect Infinitive и Indefinite Infinitive (только в контексте прошедшего времени).

*At long last Harry thought it **must be** time for breakfast ...[15, 131]. (Билохира Гаррӣ фикр кард, ки бояд вақти субҳона шуда бошад…).*

*I suppose **that must have been** enough [13, 133]. (Ман гумон мекунам, ки он бояд басанда бошад).*

Сочетание модального глагола **must** с Continuous Infinitive основного глагола употребляется для выражения предположения, когда предполагаемое действие совершается в момент речи:

*One of the tenants upstairs **must be taking** a shower [11, 236]. (Яке аз хӯҷаинҳо дар боло бояд ҳаммом карда истода бошад).*

*... they **must be having** these lessons with the Slytherins [15, 86]. (... онҳо бояд бо Слифенрин дарс гузашта истода бошанд).*

Соответственно этому значению модальный глагол **боистан** сочетается с определенной формой времени основного глагола в условно-сослагательном наклонении.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Барабаш Т. А. Грамматика английского языка / Т. А. Барабаш. – М.: Высшая школа, 1983. – 240 с.
2. Бонк Н. А. Учебник английского языка / Н.А. Бонк, Н.А. Лукьянова, Г.А. Котий. – М.: ДЕКОНТ – ГИС, 1999. - Часть 1. – С.567-570.
3. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. – Қ.1. – 462 с.
4. Зверева Е.А. Исследование по английской филологии Вып. 3 / Е.А. Зверева. (Вторичная функция модальных глаголов в современном английском языке). – Л., 1963. – С.61-71.
5. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – М.: ЮНВЕС, 2003. – 718 с.
6. Айнӣ С. Куллиёт / С. Айнӣ. Ҷ. 6; Айнӣ С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавлатӣ, 1962. – Қ.1, 2. – 414 с.
7. Ҷ Икромӣ. Ҳикоя ва очеркҳо / Ҷ.Икромӣ. – Сталинобод: Нашрдавлатӣ, 1960. – 272 с.
8. Ҷ.Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
9. Муҳаммадиев Ф. Куллиёт / Ф. Муҳаммадиев // Роман ва қисса. – Душанбе: Адиб, 1991. - Ҷ.3. – 384 с.
10. Муҳаммадиев Ф. Шаби савум / Ф.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 288 с.
11. Amy Tan. The Joy Luck Club / Amy Tan. – New York: IVY Books, 1990. – 339 p.
12. Ian Fleming. The Man with the Golden Gun / Ian Fleming. – London: Penguin Books Ltd., 2006. – 192 p.
13. Maugham W. S. The Painted Veil / W. S. Maugham. – M.: Manager, 2004. – 272 p.
14. Michael Crichton. Disclosure. – New York: Ballantine Publishing Group, 1994. – 512 p.

15. Rowling J. K. Harry Potter and the Prisoner of Azkaban / J. K. Rowling. – London: Bloomsbury, 1999. – 318p.

ВРЕМЕННЫЕ ФОРМЫ ГЛАГОЛЬНЫХ КОНСТРУКЦИЙ С МОДАЛЬНЫМ ГЛАГОЛОМ БОИСТАН В УСЛОВНО-СОСЛАГАТЕЛЬНОМ НАКЛОНЕНИИ И ЕГО СООТВЕТСТВИЯ С МОДАЛЬНЫМ ГЛАГОЛОМ MUST

В данной статье анализируются в сопоставительном плане грамматические особенности модальных глаголов ***боистан*** и ***must*** в таджикском и английском языках. Особое внимание уделено на наличие грамматических форм глагольных конструкций с указанными модальными глаголами в условно сослагательном наклонении, выявленных из художественной литературы.

Ключевые слова: модальный глагол, глагольные конструкции, модально-составное сказуемое, сходство, семантика, спрягаемые и неспрягаемые формы, наклонение.

TENSE – FORMS OF THE CONSTRUCTIONS WITH MODAL VERB БОИСТАН AND ITS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is considered the grammatical comparison of a modal verb **боистан** in Tajik and must in English languages. The main question devoted to having the grammatical forms of the constructions with modal verbs in subjunctive mood, which is discovered from the belletristic literature.

Key words: modal verb, open verbal constructions, similarity, finite and nonfinite forms, modal compound predicate, semantics, mood.

Сведения об авторе: ***Эрадж Исмоилзода*** **-** кандидат филологических наук, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка ТНУ. Телефон: **(+992) 918-31-03-88**

ЭКСПЕРТНАЯ ЛИНГВИСТИЧЕСКАЯ ПРАКТИКА: К ВОПРОСУ О НАЛИЧИИ УГРОЗЫ В ВЫСКАЗЫВАНИИ

Е.П. Красильникова

Тульский государственный педагогический университет им. Л.Н. Толстого, Россия,

Модальный глагол **боистан** используется исключительно в прошедшем и прошедшем длительном времени изъявительного наклонения в 3 л. ед. ч. Прошедшее длительное время основного глагола в конструкции с модальным глаголом **боистан** относительно грамматической характеристики разделяется на две формы, отличающиеся друг от друга грамматическими свойствами:

1) Модальный глагол **боистан**, сочетающийся с прошедшим длительном временем основного глагола. В данных конструкциях модальный глагол **боистан** используется в препозиции к главному глаголу в неопределенной форме, т. е. в неизменяемой форме - **бояд-**, а главный глагол спрягается в прошедшем длительном времени: **бояд**+ ме+ основ.прош.вр.основного глагола+ ам-личное глагольное окончание (-й, -ад, -ем, -ед, - анд)—бояд мехондам.

2) Форма прошедшего длительного времени модального глагола **боистан** образуется с помощью префикса ме-, основы прошедшего времени: ме+боист=мебоист [3, 304], но данная форма не совсем является предикативной формой, поскольку в ней нет определенного обращения к лицу, т.е. отсутствуют личные глагольные окончания.

Следовательно, форма мебоист также является неизменяемой формой прошедшего длительного времени. Однако предикативность глагольных конструкций с модальным глаголом **боистан** отражается в основном глаголе, использующемся в соответствующей форме лица и числа в прошедшем длительном времени: мебоист + ме+ основ. прош. вр.основного глагола+ ам (-й, -ад, -ем, -ед, - анд) = мебоист мехондам.

Обе конструкции по своему лексическому значению выражают необходимость совершения действия в прошедшем времени. В данном значении они имеют следующие оттенки значения:

а) Целесообразность действия. Действие совершилось не в пользу субъекта, но говорящий считает, что его целесообразно и уместно было бы совершить. Например:

*1. **Бояд** ба шиками худ корд мезадӣ [2.1,136] [—лекин корд назадӣ].*

2. Дигар шахсро аз рӯйи қоида мебоист правлениями колхоз ҷазо медод, зеро ходими давлатӣ набуд [2.4,259] [-лекин ҷазо надод].

Примеры передачи на немецком языке:

J.W. Goethe „ Die Leiden des Jungen Werthers“. Ich muss fort! Ich danke Dir, Wilhelm, dass Du meinen welkenden Entschluss bestimmt hast. Schon 14 Tage geh ich mit dem Gedanken um, sie zu verlassen. Ich muss. Sie ist wieder in der Stadt bei einer Freundin. Und Albert – und- ich muss fort. [s.116];

Й. В. Гӯте “Нокомиҳои ертери ҷавон” Шарҳе ба “ Девони гарбӣ ва шарқӣ". Ман бояд аз ин ҷо раваму Вилҳелм аз ту миннатдорам, ки ба ҷойи ман тасмим гирифтӣ ва маро аз банди тардиду дудилагӣ раҳо кардӣ. Акнун чаҳордаҳ рӯз мешавад, ки фикри аз ӯҷудо шудан дар сарам ҷой гирифтааст. Бояд ҳатман равам. Инак, Лотте боз дар шаҳр аст, ба дидани яке аз хонумҳои шиносаш рафтааст. Аммо, Алберт …. ман бояд аз ин ҷо равам [70].

б) Неизбежность совершения действия, обусловленная объективными причинами. Действие, которое совершилось независимо от желания говорящего в силу каких-то условий, которые могут быть указаны или не указаны в предложении.

1. Носир Аббос мебоист ба онҳо гуноҳашонро хулоса карда, эълон менамуд [2.4,102].

в) Предположение с большей степенью уверенности — когда предполагаемое действие предшествует высказыванию, в то время как само предположение выражено прошедшим временем.

*1. Тӯйи калон **мебоист,** дар Бухоро, дар ҳавлии калони гузари Арабон будагӣ, мешуд [2.3,106].*

Примеры передачи на немецком языке:

Das müssten di Stadtpfarrer tun, zagt er, „die Bauern haben keinen bösen Humor“, doch könnt’s auch nichts schaden zuweilen, es wäre eine Lektion für seine Frau wenigstens und den Herrn Amtmann.(s.78); Ин корро бояд рӯҳониёни шаҳр иҷро кунанд, деҳқонон бадхулқ нестанд, вале онҳо агар гоҳ- гоҳе дар ин бора насиҳат шунаванд, зарар надорад, аққалан ин дарси ибрат мебуд, барои зани ман ва ҷаноби ҳаким. [с.39].

Конструкции с модальным глаголом **боистан** в условно-сослагательном наклонении достаточно часто используются в таджикской художественной литературе, охватывая большой диапазон значений.

Модальный глагол сочетается с основным глаголом, который выступает в качестве определения временной формы глагольной конструкции. В данном наклонении

конструкции с модальным глаголом **боистан** употребляются в двух формах времени: в настоящее - будущем и в прошедшем.

В настояще-будущем времени форма **бояд,** сочетается с аористом основного глагола. Это сочетание используется, чтобы выразить следующие оттенки значения необходимости:

а) внутренняя осознанная необходимость — еще несовершенное действие, которое еще не совершилось, но совершится субъективным мнением говорящего, то есть по утверждению говорящего процесс совершения или состояния является необходимостью.

1. Акнун барои мақола материал ғундоштанро бояд омӯзам [2.5,179].

*2. Олимон **бояд** ҳарчи зудтар мошинҳои электронии одамшиносӣ ихтироъ карда, ба кӯмаки мо бирасанд [2.4,85].*

*3. Олимҷон **бояд** корро ба даст гирад [2.3,235].*

Примеры передачи на немецкий язык:

*1. Ich muss sagen , sie gefiel mir nicht übel.[s.75.]; **Бояд** иқрор шавам, ки ман ӯро писандидам [с.36].*

*2. Da sie am offensten für alle Freuden sein konnten (s.76.); **Бояд** дар ин вақт дари дили онҳо ба рӯйи шодиву нишот боз бошад [с.37].*

б) вынужденность совершения действия, которая обусловлена объективными причинами. Говорящий при этом вынужден совершить действия в силу каких-то обстоятельств, которые могут быть указаны или могут быть не указаны в предложении. Например:

Примеры передачи на немецком языке:

*1. J. W. Goethe „Die Leiden des Jungen Werthers“. .Eure Idee will noch nicht die meinige werden, dass ich mit dem Gesandten nach gehen soll. [s. 89]; Й. В. Гӯте “ Нокомиҳои Вертери ҷавон”. Шарҳе ба “Девони ғарбӣ ва шарқӣ”. Ман ба фикри шумо, ки **бояд** бо сафир ба...равам зид ҳастам [с. 48].*

в) неизбежность совершения действия, которая обусловлена объективными причинами - действие еще не совершилось, но совершится независимо от желания говорящего в силу каких-то условий, которые могут быть указаны или не указаны в предложении. Например:

Примеры передачи на немецком языке:

*1. J. W. Goethe „ Die Leiden des Jungen Werthers“. Besitz! – Genug, Wilhelm, der Bräutigam ist da. Ein braver, lieber Kerl, dem man gut sein muss [s.91]; Й.В. Гӯте “ Нокомиҳои Вертери ҷавон” Шарҳе ба “Девони ғарбӣ ва шарқӣ”. Соҳиб! Хулоса, Вилҳелм, домод дар ҳамин ҷост. Ӯ як марди ростҷӯ ва меҳрубонест, ки бо вай **бояд** нағз муносибат карда шавад [с.51].*

г) настоятельный совет или приказ — действие, обращенное ко второму или третьему лицу, которое, по мнению говорящего, нужно осуществить.

Примеры передачи на немецкий язык:

*Feiner junger Herr, Lieben ist menschlich, mir müsst Ihr menschlich Lieben [s.48]; ҷавони хуб! Ишқ варзидан хосси инсон аст. Шумо ҳам **бояд** мисли одам ишқ варзед [с.14].*

д) запрет – в случае выражения говорящим категорического запрещения совершения действия. Модальный глагол **боистан** используется в отрицательных предложениях. Образование отрицательной формы модального глагола **боистан** происходит с помощью префикса на-, который добавляется к нему, а основной глагол выражен в форме аориста.

Отличие модального глагола ***боистан*** состоит в том, что его отрицательная форма не является привилегией относительно глагола в таджикском языке.

Сочетание неизменяемой формы **бояд** с причастием прошедшего времени основного глагола и глаголом будан в форме аориста представляет глагольную конструкцию в прошедшем времени условно-сослагательного наклонения: бояд + У основ.прошед.вр. + бош+ам (-й, -ад, -ем, -ед, анд)=боядхнада бошам.

Конструкция с модальным глаголом **боистан** формой прошедшего времени условно-сослагательного наклонения выявляет в основном глаголе вспомогательный глагол будан, являющийся признаком данного времени, относится к основному глаголу, а форма **бояд** сочетается с данной конструкцией. Данная конструкция также выражает необходимость

совершения действия, которое имеет оттенки значения настоятельного совета или рекомендации. Например:

*Инсон **бояд** пеш аз ҳама ақл дошта бошад [2.4,165].*

Прошедшее время в конструкции с модальным глаголом **боистан** в условно-сослагательном наклонении также может выражать оттенки значения предположения с большей степенью уверенности.

*Иттифоқи ягона **бояд** ақаллан андаке завқи солим дошта бошад [2.5, 231].*

Примеры передачи на немецком языке:

Da sie am offensten für alle Freuden sein konnten (s.76.)- бояд вар ин вақт дари дили онҳо ба рӯйи шодиву нишот боз бошад [37.].

Сочетание модального глагола **боистан** в форме бояд с формой усеченного инфинитива основного глагола представляют безличную глагольную конструкцию. Грамматическая особенность безличных глагольных конструкций является неопределенностью по отношению к предикативным категориям системы глагола в таджикском языке, т. е. в них неопределенны ни категория наклонения, ни времени и ни категория лица и числа. Лексическое значение данных конструкций модального глагола также выражает оттенки значения внутренней осознанной необходимости к содержанию предложения.

Место модального глагола ***боистан*** к основному глаголу довольно разнообразно, то есть не фиксировано. Он может располагаться в начале предложения отдельно от основного глагола, который стоит в конце. Следует отметить, что функционально с примыкающим глаголом он образует модальное составное сказуемое и если модальный глагол **боистан** употреблен в удаленности от основного глагола, от этого его роль в предложении не изменяется, он продолжает считаться частью модального составного сказуемого. Он также сохраняет свое модальное значение. Например:

*1. Чаро ӯ **бояд** ҳамеша мисли роҳбалади сайёҳон аз гирду пеши ин чойхона бошитоб дартоз бигзарад? [2.3,179].*

*2. **Бояд** ба куч абарояд [2.3,177]).*

Он также может расположиться в середине предложения отдельно от основного глагола, который стоит в конце:

*1. Мегуфт, ки аввал **бояд** Иброҳимҷон биравад [2.3, 246].*

2. Пас, агар ӯро маҷбур кунанд, ноилоҷ бояд корро қабул кунад [2.3, 339].

Он также стоят в препозиции к основному глаголу в предложении. Модальный глагол **Бояд** может располагаться и между именным составным глаголом:

*1. Милитсия сари ба ҳар фалокат **бояд** давида ояд [2.3, 218].*

*2. Лекин модоме ки фалокат пешомаду инсон ба чанги дар дафтод, чӣ **бояд** кард? [2.3, 248].*

Таким образом, глагольные конструкции с модальным глаголом **боистан** синтаксически являются сложными модальными сказуемыми, морфологически - дефектными, функционально - служебными, в сочетаниях с глаголами они не спрягаются по лицам и числам, они употребляются в препозиции к основному глаголу, но модальный глагол **боистан** может стоять отдаленно от основного глагола, отрицательные и вопросительные формы являются привилегией для модального глагола **must** относительно их грамматических свойств; они.не имеют неличных глагольных форм.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бондарко А.В. Принципы функциональной грамматики и вопросы аспектологии / А.В. Бондарко. - Л., 1983. - 208 с.
2. Бондарко А.В. Об уровнях описания грамматических значений / А.В. Бондарко // Теория языка. Методы его исследования и преподавания к 100-летию со дня рождения Льва Владимировича Щербы. - Л., 1981. - С.40-44.
3. Кокова А.В. Категория модальности и ее роль в организации содержания высказывания Межвуз. сб. науч. тр. / А.В. Кокова // Коммуникативно-прагматический аспект предложения в немецком языке. Москва, 1984. - С.73-82.
4. Носирова Ф. Х. Компоненты функционально-семантического поля модальности в таджикском и английском языках: автореф.канд.дис / Ф.Х. Носирова. - Душанбе, 2002. - 25 с.
5. Нуруллаев Х. Система значений и функций глагола machen в современном немецком языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.04 / Х. Нуруллаев. - Санкт-Петербург, 1991. – 15 с.
6. RL = Referenz-Linguistik / H. Vater. München: W. Fink Verlag, 2005. 206S. Schüler Bertelsmann = Deutsche Grammatik / L. Götze (Hrsg.). Gütersloh, Mün-chen: Bertelsmann Lexikon GmbH, 2001. - 445s.

КОНСТРУКЦИИ С МОДАЛЬНЫМ ГЛАГОЛОМ БОИСТАН В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье автор раскрывает конструкцию модального глагола ***боистан*** в немецком языке. Этот глагол многозначный, выражающий разные оттенки значения необходимости говорящего к совершению действия. Различные оттенки глагола ассоциируются с грамматическими формами глаголов, которые сочетаются с ним.

Ключевые слова: модальный глагол, значение, конструкция, инфинитив, грамматическая форма, действие.

DESIGNS WITH MODAL VERB BOISTAN IN TADZHIK LANGUAGE

In given article author reveals the design of the modal verb in german language. This verb ambiguous, expressing miscellaneous tone importances of need speaking to completion of the action. The Different tone of the verb are associated with grammatical forms verb, which match with them.

Key words: modal verb, importance, design, infinitive, grammatical form, action.

Сведения об авторе: ***Г. Толибова*** – преподаватель кафедры теории и методики преподавания иностранных языков Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава.
Телефон: **(+992) 935-24-91-51**

ЁДГИРӢ ВА ОМӮЗИШИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ АЗ ТАРИҚИ РАВИШҲОИ МУФИД

Зуҳра Хушнажод Тамиз
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ АИ ҶТ

Дар забони англисӣ истилоҳот ва ибораҳои феълии бисёр зиёде вуҷуд дорад, ки забономӯзони ғайрибумиро дучори сардаргумӣ карда ва онҳо ҳамвора нигарони фарогирӣ ҳастанд. Ҳамвора дар ёдгирӣ ва тасаллут бар маҳоратҳои забонӣ дучори мушкилӣ хоҳанд шуд. Ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ аз муҳимтарин калимаҳое ҳастанд, ки забономӯзон бояд онҳоро ёд гирифта ва аз онҳо истифода кунанд. Муаллимон бояд беҳтарин равишҳоро барои омӯзиши ин гуна ибораҳо интихоб намоянд, то забономӯзон ба хуби онҳоро ёд бигиранд. Дар натиҷа, онҳо метавонанд аз ин афъол дар матнҳои мухталиф истифода карда ва дар муддати тӯлонитар дар зеҳни худ нигоҳ доранд.

Тибқи назари муҳаққиқон омӯзиши ин афъол бисёр судманд аст. Бисёре аз забономӯзони ғайрибумӣ дар ёдгирӣ ва ҳифз намудани онҳо ва ҳамчун дар корбурди онҳо дучори мушкилӣ ҳастанд. Аҳамияти ин мавзӯъ ин аст, ки бисёре аз забономӯзон намедонанд, ки баъзе аз ибораҳои феълӣ истилоҳ ҳастанд ва дар тарҷума ва дарки онҳо дучори мушкилӣ мешаванд. Мушкилии онҳо ин аст, ки аз ҳуруфи изофа ва ё қайди нодуруст баъд аз афъол истифода мекунанд. Тибқи гуфтаи К. Маркс: «Адами фаҳми ибораҳои феълӣ боиси тарси забономӯзон мешавад».

Аҳамияти мавзӯъ дар ин аст, ки ибораҳои феълӣ аз калимаҳои мураккаб буда, барои бумиҳо ва ғайрибумиҳо аз сахттарин бахшҳоест, ки бояд дар омӯзиш ва ёдгирии саҳеҳи онҳо кӯшид. Истилоҳот ва бавижа ибораҳои феълӣ забонро қавитар намуда ва ба он рангу луоб мебахшанд ва ҷузъи зурурии забон мебошанд, ки наметавон онҳоро нодида гирифт. Бакоргирии онҳо дар гуфтаҳо ва навиштаҳо аҳамияти бисёр доранд [1].

Печидагии онҳо ба далели ин аст, ки наметавон маънии онҳоро аз ҳамаи калимаҳои он дарк кард ва аксари онҳо дорои маъниҳои хоссе ҳастанд. Аҳамияти дигари он дар ин аст, ки бо изофа намудани калимаҳои мухталиф ба теъдоди ками феъл метавон феълҳои бисёре бо маъниҳои ҷадид эҷод кард. Аммо, дар робита бо равиши тадриси онҳо манбаъҳои бисёр каме дар даст аст. Муҳаққиқ талош мекунад, то равишҳои мухталиф барои омӯзиши онҳо ироа дода, ёдгириро осон намояд. Ҳадаф аз ин таҳқиқ ин аст, ки барои ёдгирии осонтар ва беҳтар равишҳои муассиртарро ироа диҳад, то забономӯзон дар муддати кӯтоҳтар теъдоди бештар аз онҳоро ёд гирифта ва ба осонӣ ва ба муддати тӯлонитар дар зеҳни худ нигоҳ доранд.

Воҳидҳои фразеологӣ.Фразеология калимаи юнонӣ буда, ба маънои ибора ва калима будааст ва бахше аз илми забоншиносист, ки ба мутолиаи ибораҳои хоси забон мепардозад. Ин истилоҳро аввалин бор як забоншиноси франсавӣ ба номи Шорел Боли матраҳ кард ӯ ибораҳои хоссеро дар китоби «Гузидаҳои сабкшиносӣ» ва «Сабкшиносии забони франсавӣ» мавриди баррасӣ қарор дод. Боли онҳоро ба

унвони воҳидҳои аз пеш сохташуда муаррифӣ мекунад, ки аз насле ба насли дигар мунтақил шуда ва дар гуфтугӯ ба унвони калимаҳои мураккаб ба кор меравад. Ӯ дар бархе фарҳанги луғатҳои забони англисӣ монанди «Фарҳанги тадриси Ҳоренбей» «Фарҳанги оксфорд» ва ғайраҳо мавзӯи фразеологияро мавриди баррасӣ қарор медиҳад [2]. Сенино забоншиноси дигар мегӯяд: «Воҳидҳои фразеологӣ дорои сохтор бо маъниҳои азпештаъйиншуда мебошанд» [3].

Истилоҳот калимаҳо ва ё ибораҳои собите ҳастанд, ки аз лиҳози грамматикӣ ва маъноӣ ғайриодӣ ҳастанд. М. Макотӣ дар бораи калимаи истилоҳ дар китоби худ «Корбурди истилоҳоти англисӣ» чунин навиштааст ки: «Онҳо дорои маънии хоссе буда ва ба роҳатӣ наметавон онро ҳадс зад» [4].

Табақабандии воҳидҳои фразеологӣ бар асоси сохтори онҳо тавассути профессор Смирнитский.

Профсессор Смирнитский воҳидҳои фразеологиро табақабандӣ намудааст. Ӯ ибораҳои якрешагиро бо калимаҳои якрешагии дигар ва ибораҳои дурешагиро бо калимаҳои мураккаби дурешагӣ муқоиса кардааст. Ӯ ибораҳои якрешагиро ба се даста тақсим кардааст:

1. Воҳидҳои фразеологӣ бар асоси феъл ба изофаи як ё чанд ҳарфи изофа, ки ба онҳо ибораҳои феълӣ мегӯянд монанди to back up, ки ба маънии to support ҳимоят кардан мебошад.

2. Воҳидҳои фразеологӣ ба сурати дигар, монанди on the doorstep, ки баъзе аз онҳо ба сурати номаълум мебошанд ва пас аз онҳо ҳарфи изофаи by ва with ин қарор мегиранд [5].

Таърифи ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ. Ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ навъи истилоҳ буданд ва чун дар муҳовира бисёр истифода мешаванд, аҳамият доранд. Онҳо аз як ва ё якчанд феъл шакл мегиранд. Тибқи гуфтаи Том Макартур аввалин бор шахсе ба номи Лукгон Пиерсол Смит устоди дастури забони англисӣ вожаи ибораи феълиро дар китоби худ «Луғатҳо ва истилоҳот» дар соли 1925 матраҳ кард. Ӯ мегӯяд, ки Ҳенри Броли, ки як вироишгар буд, ин калимаро пешниҳод кардааст [6]. Номи дигари ибораи феълӣ феъли мураккаб бо феъли гурӯҳи қайдӣ, феъли дучузъӣ, сечузъӣ ва ё чандчузъӣ мебошад [6]. Имрӯзҳо аз калима ва ибораҳои феълӣ истифода мешавад ва аз номҳои дигари он истифода намешавад [7]. Ибораҳои феълӣ дар забони англисӣ, бахусус дар матнҳои ғайрирасмӣ бисёр роиҷ мебошад. Бисёре аз онҳоро метавон дар оҳангҳо, филмҳо ва сарфаслҳои рӯзномаҳо ва ғайраҳо ёфт. Онҳо дар матнҳои расмӣ низ ёфт мешаванд [8]. Донистану тасаллуте дар онҳо дар хондан, гӯш додан ва сипас дарки матлаби забономӯзон кӯмак намуда ва онҳо метавонанд, ин афъолро дар мукотиба ва навиштаҳои худ истифода намоянд. Равишҳои мухталиф барои омӯзиши онҳо вуҷуд дорад, ки беҳтар аст аз равишҳои муфид истифода намуд. Ба назари Синклер ва дӯстонаш дар соли 1998 «Гӯянда бо истифода аз ибораҳои феълӣ паёми худро табиитар ба шунаванда интиқол медиҳад». Бо таваҷҷуҳи назари муҳаққиқҳо ба далели аҳамияти ибораҳои феълӣ бояд ба омӯзиши онҳо ба равишҳои дуруст пардохт[9]. Макартӣ чунин мегӯяд: «Истилоҳот ва ибораҳои феълӣ ба забони англисӣ рангу луоб бахшида ва онҳоро зеботар мекунанд, онҳо дар ҳамаи мутуни расми ва гайрирасмӣ дар забони навишторӣ, гуфтор корбурди бисёре доранд» [10].

Грамматика ва сохтори ибораҳои феълӣ. Яке дигар аз далелҳои мушкил будани ибораҳои феълӣ барои забономӯзон грамматикаи печидаи он аст, ки боиси сардаргумии онҳо шудааст. Ба гуфтаи Лорсен Фриман дар соли 2001 забономӯзон бояд грамматикаи ибораҳои феълӣ, монанди лозим ё мутааддӣ будани онҳо, чудо шуданӣ, ғайричудошудании онҳо ва ғайраро бидонанд [11].

Табақабандии ибораҳои феълӣ бар асоси грамматикаи онҳо. Ибораҳои феълӣ чудошуданӣ ва мутааддӣ ҳастанд, яъне ба мафъул ниёз доранд ва феъл ва ҳарфи изофа аз ҳам чудо шуда ва байни онҳо мафъул қарор мегирад. Монанди put on ба маъниии либос пӯшидан мебошад. Чунончи мафъул исм бошад, онро метавон ҳам пас аз ҳарфи изофа ва ҳам қабл аз он ба кор бурд. Вале, агар мафъул замир бошад, (ҷонишини исм) бояд байни феъл ва ҳарфи изофа қарор гирад, ки маъноро тағйир нахоҳад дод.

1. He is putting on his shies.
2. He is putting his shoes on.
3. He is putting them on.

Ибораҳои феълӣ ҷудонашуданӣ ва лозим ҳастанд, яъне ба мафъул ниёз надоранд, монанди Get up ба маънии бедор шудан.

Маънии ибораҳои феълӣ. Донистани маънӣ низ барои омӯзиш ва ёдгирии онҳо бисёр муфид аст. Донистани маънии баъзе ҳарфҳои изофаҳо дар ибораҳои феълӣ муҳим мебошанд. Дар забони англисӣ бештарин чолише, ки забономӯзон бо он рӯ ба рӯ ҳастанд ибораҳои феълӣ, дарк ва тарҷумаи онҳост. Ибораҳои феълӣ ба суратҳои зер ҳастанд:

1. Истилоҳ нестанд: маъниҳои баъзе аз ибораҳои феълӣ таҳтуллафзӣ буда ва осон аст, мисол Look through a book search in a book.

2. Нимаистилоҳӣ ҳастанд: бандҳо бар феъл таъкид мекунанд, мисол Sit down.

3. Истилоҳ ҳастанд: ибораҳои феълӣ аз феъл ва ҳарф ташкил шуда ва дорои маъниҳои хоссе буда, гоҳе ҳарфҳои изофа маънои феълҳоро тағйир медиҳанд. Маънии ибораҳои феълӣ бо маънии худи феъл мутафовит буда, наметавон онро гумон зад. Мисол Look through = Search for something.

Равишҳои омӯзиши ибораҳои феълӣ. Ибораҳои феълӣ мушкилоти фаровонеро барои забономӯзон эҷод кардаанд, зеро теъдоди онҳо бисёр номаҳдуд аст ва таркиби феъл ва ҳарфҳои изофа дар аксари онҳо тасодуфӣ буда ва дорои усул ва қоидаҳои хосе нест [11]. Ёфтани равишҳои муассир барои омӯзиши ин афъол аз вазифаҳои мударрисон мебошад. Дар омӯзиши ибораҳои феълӣ, таваҷҷуҳ намудан ба ҳарфҳои изофа аз бахшҳои муҳим аст ва мударрис беҳтар аст дар синфхона ба ҳамаи ҷанбаҳои ибораҳои феълӣ таваҷҷуҳи хоссе дошта бошад.

Ба омӯзиши ибораҳои феълӣ аз тариқи хондани матни англисӣ ба унвони як равиши муфид. Хондан як маҳорати дарёфтӣ буда ва аз бахшҳои муҳимми ҷаҳон аст. Нависанда матлаберо менависад, то иттилоот ва паёмҳоеро дар ихтиёри хонанда қарор диҳад. Хонанда бояд қодир бошад, то онҳоро бозофаринӣ карда ва рамзҳои паёмро бозкушоӣ кунад. Гоҳе ба маҳорати хондан маҳорати мачҳул ё номаълум мегӯянд, зеро хонанда наметавонад, паёми нависандаро дуруст бозофаринӣ кунад ва дарки саҳеҳ сурат намегирад [12]. Калимаҳо, бахусус ибораҳои феълӣ, дар маҳорати хондан бисёр муҳим ҳастанд ва бидуни онҳо баёни эҳсосот имконпазир намебошад. Ба гуфтаи Волос «Агар гӯянда дар ҳангоми суҳбат кардан калимаи муносиб пайдо накунад, эҳсоси ноумедӣ хоҳад кард» [13]. Хондан бо садои баланд низ муфид буда ва боиси беҳбудии талаффуз мешавад. Хондан ба забономӯзон кӯмак мекунад, то бо теъдоди бештари ибораҳои феълӣ ошно шуда ва ба калимаҳое, ки дар канори ҳар як аз онҳо қарор гирифтаанд, таваҷҷуҳ намоянд. Ёд гирифтани ибораҳои феълӣ боиси тақвияти дарки матлаб низ хоҳад шуд. Бо хондан метавон маъниҳои мухталиф ва грамматикаи дурусти онҳоро дар матнҳои гуногун ёд гирифт. Рӯзномаҳо, мачаллаҳо, достонҳои кӯтоҳ, ахбор, мақолаҳо ва ғайраҳо барои хондан муфид мебошанд. Корнел дар соли 1985 нишон додаст, ки адами ёдгирии давраҳои феълӣ ба ин далел аст, ки забономӯзон камтар бо онҳо бархӯрд доранд. Тибқи назари Терен Бри «Афъоли ибораті бояд яке ва дар матнҳои кӯтоҳ монанди дигар луғатҳо омӯзиш дода шавад [14]. Забономӯзон метавонанд, дар айни хондан ин афъолро ҳамроҳ бо ҷумлаҳо ёддошт намуда ва онҳоро ба дурустӣ ба зеҳн бисупоранд. Интихоби матни муносиб бо синни забономӯз, сатҳи дониши онҳо, ба мавзӯи мавриди алоқаи онҳо дар ёдгирии беҳтар таъсиргузор аст.

Тибқи назари Макартӣ дар соли 1988 забономӯзон бояд ёд бигиранд, ки чи калимаҳое дар канори ин афъол қарор мегирад. Ӯ бо намудоре ишора карда, ки дар марказ як ибораи феълӣ навишта шуда ва дар атрофи он калимаҳои муносиб қарор мегирад. Мударрис дар синфхона ба таври возеҳ тавзеҳ медиҳад. Донистани калимаҳои муносиб атрофи ҳар ибораи феълӣ боис мешавад, то донишомӯзон маъниҳои феълҳоро бароҳатӣ дар зеҳн муддати тӯлонӣ бисупоранд ва ба дурустӣ суҳбат кунанд ва бинависанд [15].

Омӯзиши ёдгирии ибораҳои феълӣ аз тариқи тасвир. Тасвир аз равишҳое аст, ки барои омӯзиш ва суҳуллат дар ёдгирии ибораҳои феълӣ барои афроди бумӣ ва ғайрибумӣ тавсеа мешавад. Лаков ва Ҷонсон дар соли 1999 бар аҳамияти он дар забоншиносӣ таъкид карданд ва муътақид буданд, ки инсонҳо дорои қувваи шинохт ва дарк ҳастанд. Омӯзиши ибораҳои феълӣ аз ин тариқ бар қувваи тахайюл ва зеҳни инсон таъсир мегузорад [16]. Тасвир кашидан ва ё нишон додани тасвирҳои марбут ба ҳар як аз ибораҳои феълӣ, ки барои забономӯзон лаззатбахштар буда, суръати ёдгириро боло мебаранд ва онҳоро ба муддати тӯлонитар дар зеҳн хоҳанд супурд.

Омӯзиши ибораҳои феълӣ аз тариқи матн, яъне бо истифода аз китоб ё фарҳанги луғат равиши бисёр муассире аст, беҳтар аз луғат аз тариқи матн омӯзиш дода шаванд. Барои омӯзиш беҳтар аст, то ибораҳои феълии роиҷтарро интихоб намуд, зеро бархе ибораҳои феълӣ беш аз 15 маънои мухталиф доранд, ки ҳифз кардани онҳо мушкил аст. Бинобар ин, забономӯзон бо истифода аз матнҳо ва ҷумлаҳои мухталиф метавонанд, ба тадриҷ онҳоро ёд бигиранд [17].

Фарҳангҳои луғат, бахусус онҳое, ки дорои тасвир ҳастанд, абзори муносиб барои омӯзиш ва ёдгирии ибораҳои феълӣ мебошанд. Агар забономӯзон натавонанд маъниҳои ин феълҳоро гумон баранд, аз фарҳанги луғат истифода мекунанд. Ин фарҳангҳо барои тарҷумаи ибораҳои феълӣ ба суратҳои мухталиф, яъне электроникӣ ва ғайри электроникӣ, фарҳанги якзабона ва чандзабона ва ғайраҳо дастрас ҳастанд. Мазияти фарҳанги луғат ин аст, ки забономӯзон ба иттилооти мавриди ниёзи худ ба таври сареъ ва дуруст расида ва афъолро бо ҳарфҳои изофа ва ё қайдҳои мухталиф ҳамроҳ бо маъниҳои гуногун ва мисолҳоро дида ва тавфовутҳои онҳоро пай мебаранд. Тибки назари Олен «Фарҳанги луғат яке аз абзорҳои ёдгирии забон мебошад» [18].

Ҳамин тавр, ибораи феълӣ аз як феъл ва ё як чанд ҳарф «қайд ё ҳарфи изофа» ташкил шудааст. Ин феълҳо аз печидатарин бахшҳо дар забони англисӣ аст, ки ҳамвора забономӯзонро дучори сардаргумӣ кардааст ва бештар дар матнҳои ғайрирасмӣ ва дар муколамаҳо корбурд доранд. Ин афъол дорои аҳамияти бисёре будааст, бинобар ин, бо равишҳои муносиб онҳоро омӯзиш дод ва омӯхт. Мударрисон вазифадоранд, то аз беҳтарин равишҳо барои омӯзиши ибораҳои феълӣ истифода баранд, то забономӯзон битавонанд дар муддати кӯтоҳ ва ба роҳатӣ ва сареътар ин феълҳоро ёд гирифта ва ба муддати тӯлонитар дар зеҳни худ супурда ва онҳоро дар муколамаҳо ва навиштаҳои худ истифода кунанд. Ин афъол, ки навъи истилоҳ ҳастанд ба забони англисӣ рангу луоб бахшида ва онро зеботар мекунанд. Ёдгирии афъол дар маҳоратҳои мухталифи забон таъсири бисёре дорад. Муҳаққиқон нишон додаанд, ки хондани бисёри матнҳо ва истифода аз онҳо барои ёдгирии ин афъол бисёр муфид буда ва забономӯзон дар даруни матн бо ибораҳои феълӣ ва калимаҳои атрофии онҳо бештар бархӯрд дошта ва маъниҳои мухталифро дарк намуда ва дар сурате, ки натвонад, маъниҳоро аз матн гумон баранд аз фарҳанги луғат, бахусус фарҳанги луғати тасвирдор, ки худ навъи равиши ёдгирӣ аст истифода хоҳанд кард. Баланд хондан низ ба беҳбудии талаффуз кӯмак хоҳанд кард. Мударрис метавонад, барои ҳар як аз ибораҳои феълӣ намудоре расм намояд, зеро беҳтар аст ҳар як аз онҳо дар даруни ҷумла ва бо ҳамроҳи калимаҳои муносиби атрофи онҳо ёд гирифт. Албатта, мударрис дар интихоби матн бояд синни забономӯзон, сатҳи дониш ва мавзӯи мавриди алоқаи онҳоро дар назар дошта бошад то битавонад, ба таври муассир омӯзиш диҳад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки равишҳои тадрис дар омӯзиши ибораҳои феълӣ бисёр муҳим буда ва умед он аст, ки мударрисон ба он таваҷҷуҳи хоссе дошта, то забономӯзон битавонанд ба беҳтарин сурат ва инчунин ибораҳои феълии бештареро дар даврони кӯтоҳтар ба таври сареъ ва дуруст ёд гиранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Carl W. Hart. The Ultimate Phrasal verbs for ESL & EFL Students (Understanding is Vital to Understanding English) / Carl W. Hart. - Barron"sEducational Series, INC, 1999. - P.78.
2. Балли Ш. Французская стилистика / Ш.Балли; перевод с франц. - М.: Изд-во иностр. лит-ры, 1961. - 394 с.
3. Mc Carthy, M. English Vocabulary in Use / M. Mc Carthy and F. O'Dell. - Cambridge University Press, 1994. - P.6.
4. Vira Dribniuk, Classification Principles of Phraseological Units, Chernivtsi National University, Retrieved from: [Захираи электронӣ] http://www.rusnauka.com/7. DN 2007/Philologia/20481.doc.htm
5. http://en.wikipedia.org/wiki/Phrasal_verb
6. Mc Arthur, T. The Oxford Companion to the English Language / T. Mc Arthur. - Oxford University Press, 1992. - Pp.72-76.
7. Declerck, R. Comprehensive Descriptive Grammar of English, A / R. Declerck. - 1991, - P.45
8. Mc Carthy, M. Felicity o'Dell, English phrasal verbs in use (Advanced) / M. Mc Carthy: 60 Units of Vocabulary Reference and Practice self-study and Classroom Use, - Cambridge University Press, 2007. - P.6.
9. Sinclair J. Collins Cobuild Dictionary of Phrasal Verbs / J. Sinclair [et al]. - London:Harper Collins Publisher, 1998. IV.
10. Mc Carthy, M. English Phrasal Verbs in Use (Advanced) / M. Mc Carthy [et al]. - Cambridge University Press, 1998. - Pp.VI-6.

11. [Захираи электронӣ] www. Studymode.com/essays/phraseology-1614305.html
12. Palmer, F.R. The English verb / F.R. Palmer. - London: Longman Group Limited, 1974. - P.223-224.
13. Chastain K. Developing Second Language Skills: Theory And Practice, Models and Approaches / K. Chastain. – United States of America: Rand Mc Nally College Pub. CO., 1976.
14. [Захираи электронӣ] http://www.acadiaenglish.com/learning-english/how-to-learn-phrasal-verbs 1982
15. Cornell, A. Realistic goals in teaching and learning phrasal verbs / A. Cornell. – IRAL 23,1985. - Pp.269-280.
16. Mc Carthy, M. Felicity o'Dell, English phrasal verbs in use (Advanced) / M. Mc Carthy: 60 Units of Vocabulary Reference and Practice self-study and Classroom. – Use: Cambridge University Press, 2007, - P.14.
17. [Захираи электронӣ] http://www.acadiaenglish.com/learning-english/how-to-learn-phrasal-verbs
18. Allen, V.F. Techniques in Teaching Vocabulary / V.F. Allen. - Oxford: Oxford University Press, 1993, - P.82.

РАССМОТРЕНИЕ И ИЗУЧЕНИЕ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ПРИЕМЛЕМЫМИ МЕТОДАМИ

Словосочетание как грамматическая единица имеет грамматическую форму и грамматическое значение и является одной из единиц, из которых строится предложение, проявляется лексическое значение слова и его лексико-грамматические свойства. Также словосочетание -одно из средств развития речевой активности учащихся. Умение пользоваться различными словосочетаниями - важнейший показатель уровня владения речью. К сожалению, учащиеся при употреблении глагольных словосочетаний допускают многочисленные ошибки, а наиболее распространенными среди них являются ошибки на слабое управление, поэтому в данной статье автором рассмотрены вопросы приемлемых методов обучения глагольным словосочетаниям,.

Ключевые слова: глагольные словосочетания, грамматическая форма словосочетаний, компоненты глагольных словосочетаний, части речи в составе словосочетания, виды связи, согласование, управление и примыкание.

THE REVIEW AND STUDY OF VERBAL COLLOCATIONS ACCEPTABLE

The phrase as a grammatical unit has the grammatical form and grammatical meaning and is one of the units from which the proposal is based, shows the lexical meaning of a word and its lexical and grammatical properties. Also the phrase is a means of development of speech activity of students. The ability to use different combinations of words - a key indicator of the level of proficiency in speech. Unfortunately, the students in the use of verb phrases allow numerous errors, and the most common among them are errors on weak governance, so in this article the author considers questions of acceptable methods of training verbal phrases..

Keywords: verbal collocations, grammatical form of word combinations, the components of verb phrases, part of speech phrase, types of communication, coordination, governance and contiguity.

Сведения об авторе: ***Зухра Хушнажод Тамиз*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ҶУҒРОФИЯИ ГУСТАРИШИ ВОЖАҲО АЗ НАЗАРИ РОМПУРӢ

Абулқосим Раҳимов
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров

«Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ яке аз фарҳангномаҳои мукаммале маҳсуб мешавад, ки дар он ҳам унсурҳои муқаррарии забон ва ҳам истилоҳоти риштаҳои гуногуни илм, мисли филология, фалсафа, табиатшиносӣ, тиб, мантиқ, риёзиёт, нуҷум ва монанди инҳо мавриди тафсиру ташреҳ қарор гирифтааст. Калимаҳои дар фарҳангномаи мазкур эзоҳёбанда, аз рӯйи мутааллиқ буданашон ба забонҳо (тоҷикӣ, арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, туркӣ) ва мансубияти маҳаллиашон ба минтақаҳои гуногуни форсизабонон, ягона набуда, ба шеваю лаҳҷаҳои манотиқи мухталифи Эронзамини таърихӣ тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар мавридҳои зарурӣ маҳз ба кадом навоҳӣ ё вилоят тааллуқ доштани чунин воҳидҳои луғавиро шарҳу эзоҳ дода, вижагиҳои ҳар кадоми онҳоро ба таври возеҳу равшан мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз таҳлилу муқоиса чунин хулоса бармеояд, ки Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар ҷараёни баррасии ҷуғрофияи густариш ва мансубияти маҳаллии калимаву ибораҳо роҳҳои гуногуни шарҳро пеш гирифтааст.

Яке аз ин гуна роҳҳо ҳамин аст, ки ӯ вақти муайянкунии мансубияти унсурҳои луғавӣ калимаву таркибҳои *дар вилоят*, *дар ашъори баъзе аҳли вилоят* ва монанди инҳоро мавриди истифода қарор додааст. Масалан, Ромпурӣ ҳангоми эзоҳи унсурҳои луғавии *олат*, *паланг* чунин менависад: «Ба маънии дастафзор; лафзи арабист,

чунонки дар Ҳиндустон ин лафз ба маънии қазиб шуҳрат дорад, зоҳиран *дар вилоят* мустаъмал набошад. Магар дар каломи Туғро олати мардӣ воқеъ шуда…» [5, 27].

«Дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки паланг даррандаест ғайр аз юз, ки ба ҳиндӣ чита гӯянд ва чорпойи чӯбин ва ба ин маънӣ ҳиндист, ки дар ашъори баъзе *аҳли вилоят* низ воқеъ шуда» [5, 167].

Муҳаммад Ғиёсуддин худи калимаи *вилоят*ро ба таври зерин эзоҳ додааст: «Як мулки подшоҳ ва замини ободон ва мутакаффили кори касе шудан ва тасарруф ба дӯстӣ ва ҳукумат ва иморати султон тақарруби бандаи нек бо Худои таоло, фатҳ (яъне валоят) ёрӣ додан ва садоқат…» [5, 376].

Чунон ки дида мешавад, дар ин эзоҳ муаллиф он маънои *вилоят*ро, ки Ромпурӣ ҳангоми шарҳи калимаҳои *олат* ва *паланг* дар назар дорад, зикр накардааст.

Муҳаммад Муин дар қатори чанд маънои калимаи *вилоят* навиштааст, ки «дар истилоҳи нависандагони шибҳи қораи Ҳинд *Эрон*» аст [4, 5054].

Дар «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо дар ифодаи кадом минтақа мавриди истифода қарор гирифтани ин калимаро пайдо накардем. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» таҳти ин истилоҳ дар назар дошта шудани «*кишвари Эрон ва Мовароуннаҳр* (дар истилоҳи ҳиндустониён) қайд гардидааст [7, 236].

Сабаби аз ҷониби Муҳаммад Ғиёсуддин эзоҳ дода нашудани вожаи *вилоят* ба маънои *кишвари Эрон ва Мовароуннаҳр*, ба назари мо, шояд он бошад, ки дар он давра ба ин маъно вожаи мазкур маъмул будааст. Аз ин рӯ, муаллиф чунин маъно доштани калимаи *вилоят*ро лозим надонистааст.

Бояд гуфт, ки дар муқоиса бо калимаву таркибҳои дигар ин вожа дар фарҳангномаи мазкур бисёр истифода гардидааст. Порчаҳои зерин низ метавонанд тасдиққунандаи ин матлаб бошанд: «*Чанор*- дарахте бошад *дар вилоят* бисёр калон, баргаш ба шакли панҷаи инсон, ба шабҳо аз ӯ ахгар борад ва умраш ба ҳазор сол расад ва бор надорад… ва ба каср (яъне чинор) хатост» [5, 263]. «*Ҳалқабагӯш*- киноя аз ғулом ва фармонбардор; чи *дар вилоят* маъмул аст, ки ба гӯши ғулом ҳалқа меандозанд аз тилло ё нуқра…» [5, 281]. «*Ҳамл*- ва *дар вилоят* ибтидои баҳор аз ин моҳ аст ва дар Ҳиндустон ин моҳи охири баҳор аст» [5, 283].

«*Фундуқ* - меваест *вилоятӣ*, сурхранги баробари кунор, мушобеҳ ба сарангуштон…; дар Ҳиндустон, ки тухми фундуқ *аз вилоят* меояд, онро низ *фундуқ* мегӯянд…» [5, 119]. «*Қимот*- порчае, ки тифли навзодаро дар он печанд ва бар болои он ресмон барпечанд, магар рӯйи тифл кушода доранд ва *ин расми вилоят* аст…» [5, 144]. «*Килид афгандан- дар вилоят расм аст,* ки чун занони он ҷо ба фолгӯш мутаваҷҷеҳ шаванд, афсуне хос бар килид дамида бар сари роҳ андозанд…» [5, 175]. «*Мултонӣ- дар вилоят* мутлақ ҳиндуро *мултонӣ* гӯянд» [5, 299].

Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» бо истифода кардани таркибу ибораҳои *дар ин диёр, новоқифони ин диёр, дар муҳовараи диёри мо, дар муҳовараи ин диёр* ва ғайраҳо низ ба кадом минтақа тааллуқ доштани гурӯҳи калимаву ибораҳоро шарҳ додааст. Масалан, ӯ ҳангоми эзоҳи калимаҳои *ҷомус, шула, садбарг, замон* ва монанди инҳо ифодаҳои фавкро борҳо мавриди истифода қарор медиҳад: «*Ҷомус*- муарраби *гомеш*, ки мухаффафи *говмеш* аст… ва *дар ин диёр* мардуми ин замона ба ҷиҳати тафриқаи нару мода нарро *ҷомус* гӯянд ба таъриб ва модаро *говмеш* хонанд, чунонки асл аст» [5, 225]. «*Шула*- навъе аз таом, ки биринҷро дар обу гӯшт ба таври ҳариса мепазанд ва *новоқифони ин диёр* онро *шӯла* гӯянд, ба вови маҷҳул. Фақир, муаллиф баъзе сиқотро дида, ки биззам ва ташдиди лом (яъне шулла) гӯянд. Ва он барои маънии мазкур пурмакруҳ ва маҳзи хато, чаро ки шулла (биззам ва ташдиди лом) ба маънии латтаи ҳайз омадааст ва ба маънии фарҷи зан…» [5, 470]. «Садбарг- гулест зардранг, ки ба ҳиндӣ генда гӯянд ва ба маънии ҳар гуле, ки ба нисбати дигар аҳсоми худ барги бисёр дошта бошад, ки *дар муҳовараи диёри мо* онро *ҳазора* гӯянд…» [5, 7]. «*Замон*- пазируфторӣ…ва *дар муҳовараи ин диёр* онро *зоминӣ* гӯянд» [5, 19].

Дар радифи истифодаи таркибу ибораҳои зикршуда муаллифи фарҳангномаи мазкур ҳангоми шарҳи ин гуна калимаву ибора ва ифодаҳои дигар вожаву таркибҳои *ва мардуми ин ҷо, дар урфи мардум, дар ин маҳал, дар мардум, дар урф* ва монанди инҳоро ба кор мебарад. Чунин калимаву таркибҳоро дар вақти эзоҳи калимаҳои *талоя, қурра, қазоро, гузор, вуҷуд* ва ғайраҳо мушоҳида намудан мумкин аст: «*Талоя*- фавҷе, ки ба шаб ҳифозати шаҳру лашкар кунад… ва *мардуми ин ҷо*, ки *талова* гӯянд, хатост…» [5, 29]. «*Қурра*- ба маънии хунукӣ ва сардӣ…ва он чӣ *дар урфи мардум* қурра ба маънии мардумаки чашм шуҳрат дорад, ғалати маҳз аст…» [5, 133]. «*Қазоро*- ба маънии аз қазо, чаро ки *дар ин маҳал* калимаи-*ро* ба маънии *аз* бошад…» [5, 137].

«*Гузор*- ва Мир Нуруллоҳ дар «Шарҳи Гулистон» навишта, ки *гузор* ва *гузордан* ба маънии раҳо кардан ва адо кардан аст; *дар мардум*, ки ба золи муъҷама…машҳур аст, ғалати маҳз аст. Ба зои муъҷама саҳеҳ бошад» [5, 193]. «*Вуҷуд*- …ва ба маънии ҷисм ва бадан, ки *дар урф* мустаъмал аст, дар кутуби луғат ёфта нашуд, магар он ки маҷоз бошад. Ва чун забонзади баъзе сиқот аст, зоҳиран дуруст бошад» [5, 369].

Аз ҷониби муаллифи фарҳангномаи мазкур ҳангоми таъкиди мансубияти маҳаллии ин гуна унсурҳои луғавӣ, инчунин вожа ва таркибу ибораҳои гуногуне низ истифода карда шудааст, ки ба силсилаи онҳо метавон *ва ин лугати Мовароуннаҳр, аз билоди Мовароуннаҳр, ба истилоҳи лутиёни вилоят, дар муҳовараи урду, мардуми форсӣ, аҳли Мовароуннаҳр, ба форсии Ҳиндустон, ба эътибори тағйири лаҳҷа, ба тағйири лаҳҷа* ва ғайраҳоро дохил кард. Чунончи, ин гуна ифодаҳоро дар мавриди шарҳи калимаҳои *ҷарасат, хабари касе гирифтан, тадбири касе кардан, шум, қимот, кушод/гушод, каннос, кӯҳон, гирон* ва ғайраҳо метавон мушоҳида намуд: «*Ҷарасат*-овози барҳам задани ду чиз ва барҳам судани дандон ва овози даридани карбос…ва мурод аз фитнаву шар ва ғаммозӣ *ва ин лугати Мовароуннаҳр* аст…» [5, 230]. «*Хабари касе гирифтан ва тадбири касе кардан- …ба истилоҳи лутиёни вилоят* ба маънии зино ва лаввотат ба касе кардан. Чун бо ҳарфи *аз* мустаъмал мешавад, ин маънӣ манзур набошад» [5, 294]. «*Шум*- масдар аст, ба маънии бадфолӣ ва вови ин лафз бадал аз ҳамза аст… форсиён ба маънии манҳус оранд, масдарро ба маънии исми мафъул *ва дар муҳовараи урду* маҷозан ба маънии бахил мустаъмал мешавад» [5, 475]. «*Кушод/ гушод*- сиғаи мозист аз кушодан ва ба маънии фароҳ ва тир аз камон раҳо кардан ва ба маънии хушӣ ва фатҳ низ омада… ва дар «Ҷавоҳир-ул-ҳуруф» навишта, ки лафзи *кушод*ро *мардуми форсӣ ва аҳли Мовароуннаҳр* ба кофи арабӣ истеъмол кунанд» [5, 169]. «*Каннос*- он ки хошоки хонаи мардум рӯбад ва онро *ба форсии Ҳиндустон* хокрӯб ва маҷозан ба маънии ҷаллод ва гарданзананда низ омада…» [5, 179]. «*Кӯҳон*- …ба маънии ҷаҳон ва рӯзгор ва дунё ва ба фатҳи аввал (яъне кайҳон) низ омада ва ба кофи форсӣ (яъне геҳон ва гайҳон) ҳам саҳеҳ аст, *ба эътибори тағйири лаҳҷа*…» [5, 186]. «*Гайҳон*- ба маънии рӯзгор ва ҷаҳон…; ва ба кофи форсӣ ва арабӣ, ҳар ду саҳеҳ аст, *ба эътибори тағйири лаҳҷа*…» [5, 202]. «*Гирон*- ва низ дар «Сироҷ-ул-луғот» мастур аст, ки баъзе ин лафзро *ба тағйири лаҳҷа* ба фатҳ (яъне гарон) низ хондаанд ва ҳам навишта, ки лафзи *гарон* ба маънии шахси ногувор ва макрӯҳтабъ, ки вуҷудаш бар мардум гарон бошад» [5, 191].

Аз таҳлили чунин шарҳи Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ маълум мешавад, ки ӯ дар назди худ на танҳо эзоҳ додани маънову сохти воҳидҳои луғавиро гузоштааст, балки боз кӯшиш намудааст, ки мансубияти забонӣ ва маҳаллии вожаҳоро ба хонандаи фарҳангномааш возеҳу равшан гардонад. Ин иқдомро ӯ, ба назари мо, ба хотири нишон додани муродифҳои гуногуни чунин вожаҳо, инчунин ошносозии хонанда бо вариантҳои лаҳҷавии аксари воҳидҳои луғавӣ пеш гирифтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М. Баҳор. - Теҳрон, 1337. - Ҷ.1. - С.27.
2. Деҳхудо А. Луғатнома / А. Деҳхудо. - Теҳрон, 1373. - Ҷ.12.
3. Маҳмудов М. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (лаҳҷаҳои ҷанубӣ) / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1997. - Ҷ.1.(А-О).
4. Муин М. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. - Теҳрон, 1375. - Ҷ.1-4.
5. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.1. – 406 с., 1988. - Ҷ.2. – 416 с.
6. Неменова Р. Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (фонетика, лексика) / Р. Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. - Ҷ.1.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1-2.
8. Убайдов Ф. А. Ҳифозати вожаҳои аслӣ ва иқтибосии даврони куҳани забони тоҷикӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ (дар асоси маводи зерлаҳҷаи поён) / Ф. А. Убайдов. – Хуҷанд: Андеша, 2012.
9. Ҳасанов А. А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои Х-XIII дар гӯйиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ) / А. А. Ҳасанов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.

ГЕОГРАФИЯ РАСПРОСТРАНЕНИЯ СЛОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ РОМПУРИ

В статье приведены размышления автора относительно «Гиёс- ул-луґот (Гияс- ул- лугат)» (Помощь словарю) относящихся к местным словам и словосочетаниям. Базой статьи является названный словарь, где Ромпури во время географических определений использовал словарные элементы составных слов: В области, в стихах некоторых поэтов области; состав и словосочетания в данном краю, в диалоге нашего края, в диалоге этого края; состав и слова местного населения, обычаи местного населения данной местности, а так же слова и состав других разных словосочетаний. Также автор знакомить читателей с некоторыми диалектными вариантами словаря.

Ключевые слова: область, обычай, население, Мавереннахр, говор, житель, выражение.

THE GEOGRAPHICAL SPREAD OF WORDS FROM THE POINT OF VIEW OF RAMPURI

The article presents the author's reflections about "Yes - ul-lugat (GIAS - ul - lugat) (Using dictionary) relating to local words and phrases. Base articles is called a dictionary, where Rampuri during the geographic definitions used dictionary elements of compound words: in the field, in poems of some poets of the region; the composition and phrases in this region, in the dialogue of our region, in the dialogue of this region; the composition and the words of local people, the customs of the local population in a given area, as well as words and other various phrases. The author also to acquaint readers with some dialectal variants of the dictionary.

Key words: region, tradition, population, Mawarannahr, dialect, resident, expression.

Сведения об авторе:*Абулкосим Рахимов* – соискатель Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **987-58-83-60**

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ГИДРОНИМОВ СРЕДНЕЙ АЗИИ

Д. Ҳомидов

Таджикский национальный университет

Гидронимы обладают многочисленными языковыми, историческими и географическими особенностями**.** Общее количество названий, связанных с водой, или гидронимы (с греческого **hidro–вода),** посредством многочисленных форм и синонимов превышает количество водных объектов. Реки или моря на протяжении истории могут несколько раз менять своё название. В тематическом плане гидронимика может определять гидронимы как особый вид специальных наук в общем и как региональные гидронимы. Названия больших водных объектов (реки и моря) обычно имеют древнюю историю. Большинство гидронимов древнее, чем названия самих населённых пунктов (ойконимов), появившихся на берегах рек и водоёмов, ибо названия городов и селений определяются в период письменной записи названий. Бывают случаи, когда название реки обретает второе имя по названию населённого пункта. Например, Э.М.Мурзаев отмечал, что топонимическая особенность Син-Цзяня и, частично, Средней Азии состоит в том, что названия рек оформились по названиям городов и местностей: реки **Яркент, Хутан, Кошгардарья, Ташкурган;** обратные случаи, когда названия населённых пунктов формируются из названий рек, наблюдаются чаще [10].

Некоторые гидронимы дают возможность восстановить древние названия или прозвища людей, которые не были зафиксированы в письменных источниках. Иногда из числа прозвищ и имён, существующих в структуре названий населённых пунктов, иногда из окружающих рек, речек, водоёмов или родников. Именно эта особенность гидронимов проявляется в топонимическом материале Кулябского региона [4]. Может быть и так, что прозвища или имена людей, сохранившись только в структуре гидронима, встречаются в именах людей последующих поколений [4]. Воды Земли–проточные и стоячие, по природным, географическим особенностям, химической структуре и другим отличительным признакам бывают разными. Люди, дававшие название водным объектам, обязательно принимали во внимание какой-нибудь их отличительный признак. Нужно только отметить, что проточная вода на протяжении истории могла потерять свои начальные признаки, поменять форму или особенности, что впоследствии затрудняет определение смыслового значения этого названия. Сами разнообразные признаки и отличительные черты водных объектов отражаются в их названиях. В гидронимах выражаются особенности течения воды, её цвета и запаха, особенности берегов, отличительные черты грунта, наличие растений и животных на берегах, видов рыб в воде. Иначе говоря, гидронимия может служить уникальным и полезным справочником для географии, гидрологии, геологии, химии, почвоведения, ботаники, зоологии, истории и лингвистики. Например, если река блёклая или пепельного цвета, вероятно, в грунте её дна имеются различные химические примеси [4, 45-50]. Для арийских народов в далёком прошлом воды имели огромное значение, выражая в своих названиях имена богов. Реки могли быть даже источником появления этнического формирования отдельных племён и народностей.

В науке топонимики раздел «гидронимия» в свою очередь, в зависимости от освоения водных местностей делят на несколько подгрупп или видов: **океаноним** – название океана, **пелагоним** – название моря, **потамоним** – название реки, **лимноним** – название озёр, хаузов и т. д. Мы разделим гидронимы, т.е. географический словарь, связанный с водой земель Мавераннахра, на подгруппы пелагонимия–названия морей, потамонимия–названия рек, лимнонимия–названия озёр и хаузов, колодцев и арыков. Согласно этому разделению, исследуем географические названия или гидронимы территории Мавераннахра.

Пелагонимия.На территории Средней Азии существует только одно море под названием Арал и расположено оно в низовьях двух могучих рек Средней Азии – Аму и Сир. Это море находится на юго-западной части Средней Азии. На 5 км², дл. 428 км, шир. 235 км, площадь 690 тысяч км², объём воды был почти 1000 км³. Впадина моря Арал появилась в конце эпохи неогена, в результате вогнутости коры Земли. С этим названием существуют селения в районе Васе и Джами Хатлонской области Республики Таджикистан. Прежнее название моря – Харезм, а после прихода этнических групп тюрков и монголов со стороны Орола и Монголии, назвали море Арал. Отсюда известно, что Орол//Арал относится к этническим племенам монголов и тюрков. В исторических источниках понятие Арал объясняют, как безлюдный остров.

Гидроним Орал//Арал с точки зрения структуры основа-существительное без окончаний [6, 17] или простые географические названия без окончаний (примарные). Прежнее название моря–Харезм с точки зрения структуры основа-существительное без окончаний.

Потамонимия. На территории Средней Азии на основе существующих исторических источников реки и притоки больших и малых рек, ручьи зарегистрированы: **Асруд (Asrūd), Варзоб (Varzāb), Вахш (Vaxš), Гунд (γund), Даргам (Darγam), Кешруд (Kešrūd), Нелу (Nelu), Нихомруд (Nihāmrūd),Ому (Āmu), Осдарья (Āsdaryā), Руд (Rūd), Чагонруд (Čaγānrūd), Хушкруд (Xuškrūd), Хузарруд (Xuzarrūd), Харезм (Xārazm), Танхас (Tanxās)...**

В Средней Азии насчитывается **18777** естественных водотоков. В бассейне Амударьи их 9930, в бассейне Сырдарьи – 4926 и в междуречье этих рек – 2921. Основная часть рек – водотоки длиною менее 10 км, особенно в междуречье рек Амударьи и Сырдарьи, где они представлены в основном пересыхающими почти круглый год реками, и где даже водотоки длиннее 10 км не каждый год имеют сток. Дарё (река) таджикское слово, в древнем персидском языке употреблялось в форме drayah – море, на языке авесто zrayh – море, на среднеперсидском – darya, на новом персидском (таджикском) daryã – река заявила о своём существовании [39, 130]. В толковых словарях, составленных на персидском (таджикском) языке, как: «Гияс-ул-лугот», «Бурхони котеъ», «Луғатномаи Деххудо», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» устода С.Айни, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» приведены точные, достоверные сведения о данных словах. Мы приведём сведения о слове «дарё» (река) из словаря Деҳхудо, где даётся более точная, обобщающая информация всех других словарей: **«дарё»** – море, вода, которая окружает Землю; 2. Моря, которые соединяют с окружающей средой; 3. Озера, которые по величине похожи на моря (озеро Арал, озеро Хазар); 4. Малые и большие реки, как Аму, Сир, Зарафшон, Вахш - «это иносказание, свойственное таджикскому языку» [3, 19].

Потамонимы Средней Азии по строению простые, аффиксальные и сложные: **простые потамонимы** - Вахш (Vaxš), Вандж (Vanj), Гунд (γund),Нелу (Nelu), Ому (Āmu), Пандж (Panj), Руд (Rūd), Сӯх (Sūx),Харезм (Xārazm), Танхас (Tanxās)...; **аффиксальные потамонимы-**Санг+зор (Sang+zār), Марғзор (Marγzār),Сурхон (Surxān...; **сложные потамонимы-**Асруд (Asrūd), Варзоб (Varzāb), Даргам (Darγam), Кешруд (Kešrūd), Нихомруд (Nihāmrūd), Осдарья (Āsdaryā),Чагонруд (Čaγānrūd), Хушкруд (Xuškrūd), Хузарруд (Xuzarrūd)...

Албатта, барои амалӣ намудани барномаи рушди туризм, махсусан бо дарназардошти рушди туризми байналмилалӣ, ки туризми таълимӣ як ҷузъи он ба шумор меравад, тайёр намудани мутахассисони сатҳи баланди касбиву донандагони забонҳои хориҷӣ хеле зарур аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар коргузории расмии аксар ширкату созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотхои хориҷӣ забони англисӣ афзалияти мутлақ дошта, дар сатҳи зарурати касбӣ донистани он барои кормандони ин ташкилотҳо яке аз талаботҳои асосӣ ба шумор меравад. Донистани забони англисӣ махсусан барои мутахассисони соҳаи туризм хеле муҳим буда, яке аз омилҳои асосии пешрафти кору фаъолияти онҳо ба шумор меравад. Доир ба зарурат, моҳият ва роҳу усулҳои таълими забони англисӣ барои ихтисоси туризм тадқиқотҳои зиёду бурда шуда, тавсияҳои методӣ пешниҳод шудаанд ва дар ин бора худи мо ҳам пештар ишора карда будем [6.223-227; 7.33-36].

Ибораи «туризми таълимӣ» асосан маънои бо мақсади таълим сафар карданро дорад. Аз рӯи маълумотҳои сарчашмаҳои мухталиф, имрӯз теъдоди онҳое, ки барои таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ, бахусус ба Британияи Кабир ва ИМА сафар мекунанд, сол ба сол меафзояд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки кишварҳои дар болономбаршуда, барои таълиму омӯзиши забони англисӣ аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ шароити хубу мусоиди тамоми зерсохторҳои туристиро фароҳам оварда, бо ҳамин восита даромади буҷаи худро сол ба сол ғанӣ мегардонанд.

Дар ин самт дар байни ширкатҳое, ки ба ҷалби сайёҳон дар барномаҳои бо ном «омӯзиши забонҳо» машғуланд, рақобат хеле шадид аст. Ин табиист, чунки чунин барномаҳоро таҳрезӣ намудан ва сайёҳонро сафарбар намудан хеле осон буда, макотиби тамоюли забонҳо низ ба ин кор хеле мутаваҷҷеҳанд. Дар маҷмӯъ барномаҳои забономӯзии мавҷударо ба се гуруҳ ҷудо намудан мумеин аст:

Up-market – курсҳои бонуфӯзи қиммат, ки аз ҷониби мактабҳои тамоили забон ва хусусӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар чунин мактабҳои асосан дар интихоби омӯзандагон тавозуни миллӣ низ ба инобат гирифта мешавад. Ширкатҳои туристӣ одаттан бо чунин мактабҳо майли зиёди ҳамкорӣ кардан надоранд. Чунки хизмати онҳо бо сабаи гарон будани нарх на ҳамеша харидор меёбад. Худи мактабҳо низ бо шарикони наву ноозмуда камтар майли ҳамкорӣ доранд.

Middle-market – Хадамотинархимиёна. Дара ин гуруҳаз макотиби бонуфӯзи англисӣ то «макотиби халқии» Финландияро пайдо кардан мумкин аст.

Low-market – Ба ин гуруҳ барномаҳои нисбатан арзон шомиланд. Вале бо ин гуруҳи макотибу барномаҳо эҳтиёткор бояд буд. Чунки намояндагони ширкатҳои туристӣ баъзан мактабҳоеро пешниҳод менамоянд, ки аккредитатсия барномаҳои байналмилалиро доро нестанд ё ки ҷобаҷокуни ва дарсҳо дар гуруҳҳои ғайризабони англисӣ сурат мегиранд.

Аз рӯи мақсади омӯзиш низ туризми таълимиро ба се гуруҳ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст:

- сафарҳои таълимии забономӯзӣ;
- сафарҳои таълимӣ- варзишӣ;
-сайёҳати таълимии касбӣ.

Сафарҳои таълимии забономӯзӣ. Ин шакли туризми таълимӣ дар байни мизоҷони синнусоли мухталиф –кӯдакон ва волидайни онҳо то соҳикорони калонсол хеле маъмӯл аст.

Барномаи сафарҳои таълимии забономӯзӣ метавонанд бо мақсадҳои умумӣ, махсус, корӣ ва ғайра таҳрезӣ карда шаванд, ки дар шаклҳои стандартӣ, бизнес-курсҳо бо мақсади омодагӣ ба имтиҳоноти байналмилалӣ, курсҳои давраи таътил дар пайвастагӣ бо истироҳату омӯзиш, омӯзиши якабяка ва гуруҳӣ, курсҳои академӣ бо мақсади шомил гардидан ба макотиби олӣ ва ғ. ташкил ва гузаронида мешаванд. Барномаҳои таълимии курсҳои дар болономбаршуда, махсус барои таълими забон дар синфхонаҳо ва лабораторияҳои лингафонӣ таҳия карда мешаванд. Машғулиятҳоро метавон дар зинаҳои гуногун, аз ҷула барои навёдгирон, зинаи миёна ва ғ ташкил намуд. Ба ғайр аз машғулиятҳои синфӣ ва лабораторӣ сафрҳои таълимӣ метавонанд, дар шакли барномаи сайёҳатӣ-маърифати амалӣ карда шаванд,

ки он омӯзиши фарҳанг , таърих, адабиёт, урфу одат ва тамошои мавзеъҳои ҷолиби кишвари соҳибзабон гузаронида шаванд.

Яке аз зуҳуроти маъмули замони ҳозира ташкил ва гузаронидани туризми таълимӣ ё худ курсҳои забономӯзӣ барои соҳибкорон ба шумор меравад. Барои ин гурӯҳи одамон таълим зарурати омӯзиши якчанд забони хориҷӣ буда, онҳо ба туризми таълимӣ аз ҳисоби маблағҳои корхонаҳои худ, танҳо ё ҳамроҳи аҳли оилаашон сафар менамоянд.

Аз рӯи барномаи омӯзиши забон сайёҳонро дар меҳмонхона, хобгоҳи назди донишгоҳ ва ҳатто базаҳои туристӣ ҷобаҷо менамоянд. Вале дар ин самт аз ҳама шакли афзалиятнок дар оилаҳои сокинони маҳаллӣ иқомат намудан ба шумор меравад. Ин имкон медиҳад, ки сайёҳ ҳамеша танҳо бо забони хориҷӣ муошират намояд ва «вориди рӯҳи миллат» гардад. Ба ғайр аз ин иқомат дар оила нисбат ба меҳмонхона арзонтар меафтад. Ҳатто аз рӯи хоҳиш агар кӯдакони калонсоли сайёҳ ба кору бори оилае, ки дар он иқомат доранд, кӯмак расонанд, пардохт барои манзил, қариб барҳам меҳӯрад.

Аз тарафи дигар, бо оила якҷоя зистан мувофиқтару бехатар аст, махсусан барои кӯдакони хурдсол. Аз ҳама муҳимаш барои забономӯзӣ ин самараи бештар медиҳад, чунки на танҳо бар мактаб, балки дар хона ҳам имконияти бо забони омӯхташаванда муошират кардан имконпазир аст.

Сафарҳои таълимӣ-варзишӣ. Агарчи мақсади чунин сафарҳо гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва омӯхтани ин ё он намуди варзиш бошад, ҳам иштирокчиёни он, ки имрӯзҳо теъдодашон пайваста меафзояд, маҳорату малакаи забодониашонро низ сайқал медиҳанд.

Сафарҳои саёҳатӣ-маърифатӣ. Дар баробари омӯзиши фарҳанг, таърих, адабиёт, урфу одат ва тамошои мавзеъҳои ҷолиби кишвари соҳибзабон иштирокчиён пайваста ба омӯзиши забон ниш машғул мешаванд.

Ба ғайр аз ин, дар ҷаҳони муосир дар доираи сафарҳои таълимӣ бозорҳои иловагии таълимӣ, бо номи таълими касбӣ – омӯзиши менеҷмент, маркетинг, туризм. дизайн, хоҷагидории меҳмонхона, фаъолияти бонкӣ, ҳуқуқ ва ғ ташаккул ёфта истодаанд, ки ҳангоми сафар омӯзиши онҳо низ сурат мегирад. Инро ба таври оддиву анъанавӣ «такмили ихтисос» мегӯянд, вале он хангоми сафар тавассути ширкати туристӣ амалӣ мегардад.

Дар охир як намуди дигари туризми таълимиро бо номи барномаи **«академикҳо»,** қайд кардан ба маврид аст, ки мақсади он ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ дар макотиби таҳсилоти миёна ва олӣ ба шумоор меравад. Инҳои асосан курҳои тайёрӣ мебошанд, ки маъмултаринашон барномаҳои«Международный академический год», «Foundation», «Академичка» ва ширкатҳои таълимии «Элитур Клуб», «Инсайт-Лингвы», «Группы Йорк», «Канцлера», «Гармонии» ва ғ. мебошанд.

Дар охир ба хулосае омадан мумкин аст, туризми таълимӣ, агарчи таърихи хеле қадима дошта бошад, ҳам шакли муташаккили он дар солҳои охир рӯи кор омада, торафт доираи васеи ҳаводорони ин намуди туризмро фаро гирифта истодааст. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо ҳаҷми туризми таълимӣ ҳар сол 15-20% боло меравад. Бинобар ин зарур аст, ки дар кишвари мо низ ин намуди туризм рушди бештаре пайдо кунад. Барои ин тавре, олими соҳаи туризм М. Ашуралиев барҳаҚ таъкид намудааст, якчанд монеаҳоро бартараф намудан зарур аст[8], ки баъзеи онҳо, танҳо майлу хоҳиш ва дилсӯзии роҳбарон ва мутахассисони соҳаҳои гуногунро тақозо менамоянду халос.

А Д А Б И Ё Т

1. Пяткова С.Г. Организация образовательного туризма в России XIX – начала XX вв / С.Г. Пяткова // Современные наукоемкие технологии. - №1, 2008. – С.80.
2. Квартальнов В.А. Современные особенности туризма как научного познания и исследований / В.А. Квартальнов // Туризм и бизнес. – М., 2006. - № 5. – С.33–48.
3. Образование за рубежом. Справочник. – М., 2005. – С.8.
4. Ваганова Е. Образовательный туризм / Е. Ваганова // Турбизнес. – М., 2004. - №2. – С. 16, 17–21.
5. Степаненко М. Туризм как профессия / М. Степаненко // Обучение за рубежом. – М., 2007. - № 5. – С.16.
6. Мирзоева М.К. Таълими забони англисӣ дар ихтисоси туризм / М.К. Мирзоева, М.Т. Арбобова, А.И. Ахмедов // Паёми ДСХ, - 2011. - № 22. - С. 223-227.

7. Ҳайбатов Н.В. Нақши таълими забонҳои хориҷӣ дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи туризми байналмилалӣ / Н.В. Ҳайбатов, М.Т. Арбобова // Мачмӯаи маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Сиёсати инноватсионӣ дар бахши беҳдошти захираҳои туристӣ-рекреатсионӣ ва масоили рушди туризм». - 2013, - С.33-36.
8. М. Ашӯралиев. 18 монеа дар роҳи рушди туризм дар Тоҷикистон / М. Ашӯралиев // Чархи Гардун, 6.12.2012.

ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ТУРИЗМ И ЕГО РОЛЬ В ИЗУЧЕНИИ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ

В статье рассматриваются вопросы о важности и роли образовательного туризма в изучении иностранных языков, подчеркиваются виды и формы проявления данного вида туризма, его распространение по категориям участников и др.

Ключевые слова:образовательный туризм, виды туризма, турист, тур, туркомпания, экскурсия, иностранные языки.

EDUCATIONAL TOURISM AND ITS ROLE IN LEARNING FOREIGN LANGUAGES

Issue and the importance of the role of educational tourism in learning and teaching foreign languages, kinds and forms, distribution of this kind of tourism among various categories tourists are considered in the paper.

Key words: educational tourism, kinds of tourism, tourist, tour, tour company, excursion, foreign languages.

Сведения об авторах: ***Арбобова М.Т.*** **-** Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана
Мирзоева М.К. **-** Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана. Телефон: **(+992 37) 234-88-02**

МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ВА ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛҲОИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ ВА МУҚОИСАИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

З.А. Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Категорияи семантикии синонимия ё муродифотро дар ҳамаи сатҳҳо ва унсурҳои забоншиносӣ–луғавӣ, калимасозӣ, шаклсозӣ ё сарфӣ (морфология), наҳвии (ибора, ҷумлаи содда, ҷумлаи мураккаб) забони «Гулистон» мушоҳида кардан мумкин аст. Барои он ки муҳтавои асосии ин мақола равшантар гардад, дар оғози таҳқиқи мавзӯи баҳси он ба тариқи намуна як ҳикояти асарро оварда, воҳидҳои ҳаммаънои онро шарҳ медиҳем. Баъдан, варианти ҳикояро ба забони англисӣ оварда, воҳидҳои ҳаммаънои онро дар ҳар ду забон муқоиса хоҳем кард:

Ҳикоят: Ду бародар буданд, яке **хизмати** султон **кардӣ** ва дигаре бо **зӯри** бозу **нон хӯрдӣ**. Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки «Чаро **хидмат накунӣ**, то аз **машаққати кор кардан** бираҳӣ?».

Гуфт:

–Ту чаро кор накунӣ, то аз **мазаллати** хидмат **раҳоӣ ёбӣ**, ки хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».

Ба даст оҳани тафта кардан хамир,
Беҳ, аз даст бар сина пеши амир.

***

Умри гаронмоя дар ин сарф шуд,
То чӣ хӯрам сайфу чӣ пӯшам шито.
Эй шиками хира, ба таънӣ бисоз,
То накунӣ пушт ба хизмат дуто [6, 113].

Тарҷумаи ҳикояи мазкур ба забони англисӣ:

*There were two brothers: one of them in **the service** of the sultan and the other gaining his livelihood by the effort of his arm. The wealthy man once asked his destitute brother why he did not serve the sultan in order to be delivered from **the hardship of labouring**. He replied: 'Why labourest thou not **to be delivered** from **the baseness of service** because philosophers have said that it is better to eat barley bread and to sit than to gird oneself with a golden belt and **to stand in service**?'*

To leaven mortar of quicklime with the hand
Is better than to hold them on the breast before the amir.

***

My precious life was spent in considering

What I am to eat in summer and wear in winter.
O ignoble belly, be satisfied with one bread
Rather than to bend the back in service [7, 59].

Дар матни боло вожаҳои **машаққат** ва **мазаллат** ба маънои умумии **азоб** ё **азоб кашидан** муродифи луғавӣ буда, бо тобиши маъно (**мазаллат**- хорӣ кашидан), дараҷа ва мавқеи истеъмол, обуранги услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар варианти англисиаш бошад, калимаҳои **hardship** ва **baseness** ба маънои умумии **азоб ё азоб кашидан** муродифи луғавиро ташкил дода, бо тобиши маъно, дараҷа ва мавқеи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Феълҳои таркибии **раҳо кардан, раҳоӣ ёфтан (to be delivered**) низ унсурҳои луғавии мустақилмаъно буда, бо вуҷуди муштаракии решаи калима (раҳо) бо тобишҳои маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд. С. Айнӣ ин тафовутро чунин шарҳ додааст:

«Раҳо кард» ва «раҳо намуд»-ро тарҷумон (Э.Муллоқандов. Барои сулҳ. Сталинобод, 1952, с.12) ба маънои «озод кард» кор фармудааст ва ҳол он ки маънии ин калимаҳо «сар дод» гуфтан аст. Суханон ҳарчанд аз як реша бошанд ҳам, басо мешавад, ки дар шакли корфармоӣ маънии дигар пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тарз аст: «раҳонид» ба маънии «озод кард» меояд, аммо «раҳо кард» ва «раҳо намуд» ба маънои «сар додан» меояд. Агар касе чизеро маҳкам дошта ё баста нигоҳ дошта истода бошад ва баъд он чизро ба ҳоли худ гузорад, «раҳо кард» ва «раҳо намуд» мегӯянд. Аммо, агар чизе дар банде ё таҳлукае бошад ва касе он чизро аз он банд ё таҳлука халос кунад, «раҳонид» мегӯянд.

Раҳоӣ ёфтан ба маънои **озод шудан** меояд. Бо вуҷуди ин ҳама тафовут байни ин воҳидҳо аз лиҳози маъно умумияте вуҷуд дорад, бинобар ин онҳоро муродифоти луғавии феъл шуморидан мумкин аст.

Феъли **раҳидан** аз лиҳози сохт содда, **раҳоӣ ёфтан** таркибӣ буда, онҳо муродифи баробармаъноии калимасозӣ ба шумор мераванд. Дар варианти англисиаш феъли мазкур дар ҳар ду маврид **to be delivered** тарҷума шудааст.

Дар матн феълҳои **хизмат кардан (to serve)** ва **кор кардан (to work)** ҳам муродифи луғавианд, ки бо тобиши нозуки маъно (**хизмат кардан** – кори дарборро кардан, мансабдорӣ кардан, **кор кардан -** амали муқаррариро адо намудан) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар тарҷумаи ҳикоя ба забони англисӣ феълҳои **to serve** ва **to labour** истифода шуда**,** муродифоти луғавӣ, **to serve** (хизмат кардан) **to stand in serve** (дар хизмат будан) ва муродифоти грамматикиро ташкил медиҳанд. Ибораҳои **the hardship of labouring** (машаққати кор) ва **the baseness of service (**мазаллати хидмат) низ муродифоти грамматикиро ташкил медиҳанд.

Талаботи нахустини муродифоти грамматикӣ талаботи монандӣ (якхела будан) ва баробарвалентии воҳидҳои муқоисашаванда мебошад. Ҳарчанд онҳо ба воҳидҳои як ҷумла маҳсуб бошанд ҳам, бояд шаклҳои (сохти) грамматикии гуногун дошта бошанд.

Феълҳои **хизмат кардӣ // хизмат мекард (served)**, **нон хӯрдӣ // нон меҳӯрд (ate a bread**), **хизмат накунӣ // хизмат намекунӣ (do not serve)** муродифоти сарфӣ (морфологӣ) ҳисоб меёбанд, чунки шаклҳои гуногуни феъл, яъне шакли замони гузаштаи наздики сиғаи хабарӣ (**хизмат кардӣ - serve**, **нон хӯрдӣ - eat a bread**) бо шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ (**хизмат мекард - served**, **нон меҳӯрд - ate a bread**) ва шакли замони ҳозира–ояндаи сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ (**хизмат накунӣ - if do not serve)** бо шакли замони ҳозира–ояндаи сиғаи хабарӣ (**хизмат намекунӣ - do not serve**) ба маънои муштарак далолат мекунанд ва муродифи сарфӣ (морфологӣ) ба шумор мераванд.

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои феъли «**хизмат кардӣ**», «**нон хӯрдӣ**» ва «**кор накунӣ**» ҳоло хусусияти архаистӣ пайдо намуда, аз истеъмол баромадаанд ва ҷойи онҳоро шакли феъли дигар: «**хизмат мекард**», «**нон меҳӯрд**» ва «**кор намекунӣ**» гирифтааст.

Ҷумлаҳои **«… яке хизмати султон кардӣ…» // «яке ба султон хизмат кардӣ» (one of them served to the sultan), «Боре тавонгар гуфт дарвешро» // «Боре тавонгар ба дарвеш гуфт» (The wealthy man once asked his destitute brother)** муродифи наҳвист, зеро як муносибати синтаксисӣ бо ёрии сохтори гуногуни наҳвӣ (изофӣ ва вобастагии пешояндӣ, пасояндию пешояндӣ) ифода ёфтааст. Ҳамчунин **«Нони худ хӯрдану нишастан беҳ аз камари заррин ба хидмат бастан» (It is better to eat barley bread and to sit than to gird oneself with a golden belt and to stand in service)** муродифи ҷумлаи дигари

матн аст **(ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ - why labourest thou not to be delivered from the baseness of service)**, ки аз лиҳози сохтори ҷумлабандӣ фарқ мекунад.

Иваз шудани **яке хидмати султон кардӣ (one of them in the service of the sultan)** бо калимаи **тавонгар - (the wealthy man)** ва **дигаре бо зӯри бозу нон хӯрдӣ (the other gaining his livelihood by the effort of his arm)** бо **дарвеш (destitute brother)** ва муқобил гузоштани феълҳои **хизмат кардан (to serve)** бо **кор кардан (to labour, to work**) бо мақсади кӯтоҳбаёнӣ ва муассир ифода кардани матлаб сурат гирифтааст. Ин маънои **тавонгар (the wealthy man)** бо **хидмати султон кардан (to be in the service of the sultan)**, **камари заррин ба хидмат бастан (to gird oneself with a golden belt)** ва маънии **дарвеш (destitute brother)** бо **машаққати кор кардан (the hardship of labouring), бо зӯри бозу нон хӯрдан (gaining his livelihood by the effort of his arm)** тазоди ду амалро таҳвият медиҳад.

Андозаи истифодаи муродифот яке аз нишонаҳои боигарии захираи луғавии ҳар шоиру нависанда аст. Ҳар шоиру нависанда дорои услуби муайянест. Саъдӣ низ бо услуби ба худ хосси асарэҷодкуниаш имкониятҳои шефтаангези забони модарии худро ба оламиён нишон додааст. Дар ҳикояҳои «Гулистон» феълҳои ҳаммаъно ва наздикмаъно хеле фаровон истифода шудаанд. Маълум аст, ки муаллифи асар ба тарзи баёни худ диққати ҷиддӣ медодааст, зеро дар он феълҳо такрор нашуда, балки бо ифодаҳои гуногуни ҳамон як маъно ба асар ҳусну ҷилои тоза бахшидаанд, ки инро хонанда пас аз мутолиаи асар дар забони эҷодгашта ва тарҷумаи он ба забони бегона дарк мекунад. Ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ бояд ба интихоби калима, тобишҳои нозуки маънои он, обуранги услубӣ ва мавқеи истеъмоли муродифҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. –Ҷ.1. - 356 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1989. – Ҷ.3. - 222 с.
3. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон / Р Ғаффоров. – Душанбе, 1977. - 208 с.
4. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. - 128 с.
5. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 117 с.
6. Саадӣ. Гулистан. Критический текст, перевод, предисловие и примечание Р.М. Алиева. – М.: Изд.-во восточной литературы, 1959. - 487 с
7. THE GOLESTAN OF SA'DI created by Sheikh Muslih-uddin Sa'di Shirazi. Translated by Richard Francis Burton, 1821.

ЛЕКСИЧЕСКАЯ И ГРАММАТИЧЕСКАЯ СИНОНИМИЯ ГЛАГОЛОВ В «ГУЛИСТАНЕ» СААДИ И ЕЁ СРАВНЕНИЕ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идёт о лексической и грамматической синонимии глаголов в «Гулистане» Саади. Для того, чтобы достичь поставленную цель, автор приводит рассказ из «Гулистана» на таджикском языке и сравнивает лексическую и грамматическую синонимию глаголов данного рассказа на английском языке.

Ключевые слова: синонимия, глагол, лексика, грамматика, морфология, синтаксис, сравнение, употребление, стилистика, валентность.

LEXICAL AND GRAMMATICAL SYNONYMOUS OF THE VERBS IN «GULISTAN» OF SAADI AND ITS COMPARISON IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article considers the lexical and grammatical synonymous of the verbs in «Gulistan» of Saadi. In order to achieve the main purpose, the author brings the story from the «Gulistan» of Saadi in Tajik and compares the lexical and grammatical synonymous of the verbs of the story into English.

Key words: synonymy, verb, lexica, grammatical, morphology, syntax, comparison, using, stylistic, valency.

Сведения об авторе: ***З.А. Назарова*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ.

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ ХОНАВОДА ДАР НАСРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сироҷиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоме ки ба саҳифаи таърихи гузаштаи насли башар назар мекунем, шоҳиди он мегардем, ки аксарияти қавму миллатҳои дунё дорои таърих, фарҳанг, забон, маданият, расму ойин, урфу одат, анъана, муқаддасот ва дигар арзишҳои миллии ба худ хос мебошанд. Ҳарчанд ки бо гузашти замон ва дигар шудани вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеа қисме аз ин қавму миллатҳо қисман ин арзишҳои бунёдиро аз даст дода бошанд ҳам, хушбахтона, бархе аз онҳо дар натиҷаи ҷонбозиҳои фарзандони сарсупурдаи худ ҳифзу нигаҳдорӣ шудаанд.

Халқи тоҷик низ, аз ҷумлаи он миллатҳои куҳанбунёду соҳибтамаддуне мебошад, ки дорои таърихи пурғановати ибратомӯз, фарҳанги ҷаҳонӣ, расму ойин, урфу одатҳои аҷдодӣ ва анъанаю арзишҳои миллии омӯзанда буда, бо гузашти замон ва дигар шудани вазъи сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа онҳо бо диди наву назари нек аз насл ба насл гузашта, мавриди таваҷҷуҳ ва бахрабардории аҳли сухан қарор гирифтаанд, ки яке аз ин арзишҳо, арзишҳои миллии хонаводагӣ мебошад.

Профессор Х. Шарифов дар мавриди омӯзиши эҷодиёти устод С. Айнӣ як нуктаро таъкид мекунад, ки: «Бо гузашти айём ва тағйири рӯзгор, чунонки гуфтаанд, ***«ҳама чиз пирӣ пазирад»*** ва эҷодиёти С. Айнӣ низ аз ин қонуни ҷамъият ва табиат истисно нест, вале дар ҷамъияти инсонӣ арзишҳое ҳастанд, ки умри дарози таърихӣ доранд. Аз он ҷумлаанд арзишҳои фарҳангӣ ва адабӣ, ки дар назди қавме ва миллате муддатҳо эътибори худро нигаҳ медоранд» [9, 134].

Як ниҳоди муҳимму арзишманде, ки барои нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, рушди фарҳанг, суннатҳо, урфу одат ва русуму қоидаҳоро рӯйи кор меорад, созмон додани хонавода буда, барои ба ояндагон ба мерос гузоштани он низ, аз аҳамият холӣ набудааст. Дар ин маврид эҷодиёти яке аз носирони забардаст, адиби нуктасанҷ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода шоистаи таҳсин ва ибрат мебошад. Дар фаъолияти илмию адабии С. Улуғзода «се ҷиҳати асосии зиндагии халқ тасвир шудааст: тақдири таърихии халқ, протсесси худогоҳии шахс ва худшиносии миллӣ» [3, 93] Фаъолияти эҷодӣ ва офарандагии С. Улуғзодаро асосан ҳамин се ҷанбаи ҳаёти таърихии халқи тоҷик ташкил мекунад.

Дигар нуқтаи муҳим дар эҷодиёти С. Улуғзода ҳикмати зиндагӣ, таҷрибаи рӯзгор ва фарҳанги миллии хонавода аст. Барои тоҷикон то ҳол оилаи маъмулӣ ин танҳо ҳамзистии зану шавҳар ва фарзандон набуда, балки бобокалону модаркалон, хусуру хушдоман, бародарону хоҳарон, келину домод ва бародархонду фарзандхон низ дар хонаводаи анъанавии тоҷик нақши муҳим доранд.

Сарнавишти бархе аз бузургони фарҳангии тоҷик, ки то ба даст омадани Истиқлолияти сиёсии кишварамон мавриди омӯзиш ва таҳқиқи муҳаққиқон қарор доштанд, саҳифаи рӯзгори ҷанбаи шахсидоштаи эшон равшану возеҳ ба назар намерасад. Чунончи боби «Шаби эҷод» - и романи «Фирдавсӣ» - и С. Улуғзода далели гуфтаҳои боло мебошад.

Ба андешаи С. Улуғзода «зан, шароб ва чанг – мусиқӣ барои эҷодкор ҳамчун манбаи илҳом ва истироҳат маҳсуб мешаванд» [1, 159]. Афсӯс, ки дар илми адабиётшиносии шӯравии тоҷик бар асари меъёрҳои фирқаи коммунистӣ чунин тарзи тасвири адибонро, ки саҳифаҳои ҷанбаи шахсиву маҳрамона доштанд, дар эҷодиёти қаламкашон намепазируфтанд. Бо вуҷуди ин, С. Улуғзода он лаҳзаҳои илҳомбахшро дар мисоли зиндагидории Фирдавсӣ табииву шарқиёна тасвир намудааст: «Шавҳар (Фирдавсӣ – С. Э.) Фотимаро аз домонаш гирифта боздошт:

- Нарав, як шаб ҳам бо ман бош, Фотимаҷони ширинам.

Ман туро пазмон шудам.

Зан дам назада бо табассуми ҳаёмез сӯйи дар равон шуд.

- Меравӣ? Чӣ тавр дилат мешвад, ки дар ин гуна шаби муродбахш ошиқатро танҳо бигузориву биравӣ, дилситонам?

- Хуб, меоям, - хандида гузашт кард дилситонаш, - аз хоби Манижа хабар мегираму меоям.

Рафт ва баъд аз ним соат баргашт. Ҷойи хоб андохт… Субҳидам бо ҳам таҳорат карданд. Бону агарчӣ он шаб аз хоб монда буд, боз ҳам хушу хуррам шаваҳарашро ба масҷид, ба намози бомдод гуселонд. Худ ба ҳавлии дарун шитофт» [6, 15-16].

Ҳарчанд ки дар назари аввал ин саҳифаи зиндагии шоир, ки зоҳиран аз як шаби зиндагидории ӯ дарак диҳад ҳам, аммо Фирдавсӣ ба ғайр аз он ки шоир асту шеър эҷод мекунад, ӯ боз шавҳар асту дар назди ҳамсараш масъулият дорад.

Яке аз сифатҳои муҳим ва олии инсонӣ дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» муҳаббати беминнат ба аҳли оила ва наздикону хешовандон аст. Заҳматҳои тоқатфарсои Умархон дар дарави гандуми мардум, аз бими қаҳтӣ хонаводаашро ба Тошканд бурдан, ҳамаи инҳо ба хотири аҳли хонадони худро нигоҳубин кардан буд, ки муҳаббату дӯстории аҳли оила ӯро ба чунин кор водор карда буд. Аз хатти сюжети қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» маълум мешавад, ки дар хонадони Умархон аввал шахси нигаҳдори фарзандон ва такягоҳи ӯ – ҳамсараш аз дунё гузашт. Ӯро аз гӯри ҳамсараш ба зӯрӣ берун оварданд: «Падарам баъди ба лаҳад гузоштани модарам чанд фурсат аз он ҷо берун наёмад. Вай якзайл: «Ман инро чӣ хел монда меравам? Маро ҳам гӯронед! - гуфта фарёд мезад.

Одамҳо ӯро тасаллӣ дода, ба сӯяш даст дароз карда, аз лаҳад баровардани мешуданд, аммо вай ҳамоно фиғон мекард:

- Ин фаришта ба таги хок раваду ман зинда гардам? Не, не, бе ин ба ман зиндагӣ даркор нест, ҳамроҳаш маро ҳам гӯронед!» [5, 110].

Аммо умри инсонӣ ***гарчи азиз аст, вале афсӯс, ки бебақост***. Ҳамин дӯстдорию муҳаббати ниҳонӣ буд, ки коҳиши он бар асари марги зану фарзандаш оқибат риштаи умри Умархонро низ бурид: «Умархонро ҳамчун намунаи марди деҳқон ва соҳибхонаи тоҷик бояд шинохт» [10, 7].

Хишти нахустини бинои ҷомеа – хонавода аст, ки идомаи ҳаётро таъмин менамояд. Фаромӯш набояд кард, ки хонаводаи солим хонаводае аст, ки дар асоси вазифаҳои муайяни фардӣ, уҳдадориҳои ахлоқӣ, намунаи рафтори ҳамсарон, иттифоқи зану мард дар асоси муҳаббат, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташкил ёфтааст. Решадории ин муҳаббату сидқро, ки хостангоҳаш зиндагии муштараки хонаводагист, мо дар пораи зерин аз романи «Фирдавсӣ» шоҳид мегардем: «Бечора ҳамсарам (Фотимабону, оилаи Фирдавсӣ, ҳангоми дар бистари беморӣ буданаш - С. Э.), нокому номурод ҳамсарам, маҳбубам, на ин ки рӯйи туро надида мемирам? Охир, ту дар кӯҷоӣ, ба пиронсолӣ дар кадом диёри ғурбат сарсону саргардон гаштаӣ? Тоҷи сарам, муттакоям будӣ. Оҳ ин чӣ қисмати талхтар аз заҳр, чӣ сарнавишти шум буд, ки насиби мо шуд? Э вой, агар ту дар ғурбат фавтида бошӣ, инак ман ба пеши ту мешитобам, барои Фотимаи бадбахтат дар паҳлуи худат ҷой бигузор. Агар зинда бошӣ, - илоҳо баъд аз сари ман боз солиёни дароз умр биниву ба шодии фарзанду набераҳоят зиндаю саломат баргардӣ. Ман, ёри азизи ту, муҳаббати туро ба хок мебарам» [6, 234].

Эҳтиромӣ ҳамдигарӣ дар миёни аъзои хонаводаи тоҷик, аз ҷумла миёни бародарону хоҳарон ва дигар пайвандони оила низ ҳатмӣ буда, он яке аз омилҳои аввалини арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур низ, аз мадди назари С. Улуғзода дур намонда, онро дар мисоли образи Восеъ ва хоҳараш Фотима аз романи «Восеъ» хеле хуб кушодааст: «Фотима бесаранҷом гашт, асабонӣ шуд:

- Чаро ту ӯро (Восеъро - С. Э.) нигоҳ надоштӣ, мардаки дилозор? Охир, дастархонам тайёр шуда буд! Илоҳӣ говат аз сарат монад, медодӣ чӣ мешуд?! Ду соли расо равғани акаамро хӯрда меоӣ, акнун ки ӯ аз дасти амлокдори золим бе гов монд, як бор барои ҷувозаш гови туро талабад, намедиҳӣ? Ба некӣ бадӣ мекунӣ, шарм намедорӣ? Вой бар ман, акаам аз ҳамин қадар роҳ пиёда омад, мани сиёҳпича як пиёла ҷойи алафинаш ҳам надодам!...

- Ака, биист охӣ! Чӣ шуд, ки даррав қаҳр кардӣ, хайр нагуфта рафтӣ? Хок бикашад ин домоди дилозори туро! Биё биравем ба хона, ман барои ту қурутов пухта истода будам, қурутовамро хӯрда иқа дам мегирию меравӣ.

- Ман дигар ба остонаи ту пой намемонам! – гуфт Восеъ.

- Чаро ин тавр мегӯӣ, ака, охир домодат ҳамин хел нокас бошад, гуноҳи ман чист?

- Гуноҳи ту нест, Фотима, аммо аз шӯят дилам монд, тоқати дидори он лаинро надорам. Ту ҳар вақт, ки маро дидан хостӣ, худат ба хона биё. Восеъ боз ба роҳ даромад.

- Биист охӣ, ака, ман чапотӣ овардам, бихур, гушна будагистӣ охӣ!» [4, 33].

Аз образҳои занони мусбати офаридаи С. Улуғзода дар романи «Восеъ», пеш аз ҳама, нақши хоҳари Восеъ – Фотима ҷолибу хотирмон мебошад. Симои ӯ, махсусан дар бобҳои охири асар, баъд аз оне, ки Восеъро банд карда, аз Балҷувон ба Ҳисор ва аз он ҷо ба Шаҳрисабз назди амир мебаранд, хеле таъсирбахш баромадааст. Фотима дар роҳ оҳиста-оҳиста бо корвониён унс гирифта, либосҳои Восеъро мешӯяд. Ҳар қути лоямуте, ки дар роҳ бошандагони маҳаллаҳо ба Фотима медоданд, бо бародараш ба ҳам медид. Ин хоҳари дилсӯзу мушфиқ то пояи дори Шаҳрисабз бародарашро қувват бахшид. Боз аз он ҷо пойи пиёда ба зодгоҳаш тани танҳо баргашта, хабари шаҳид шудани бародарашро ба ҳамдиёрони Восеъ мерасонад.

Марги пайвандон барои бозмондагон дар ҳама давру замонҳо мусибати бузургест, ки ҳеҷ касро бетаъсир намегузорад. Вале марге, ки ба хотири як ҳадафи бузург, ба хотири зиндагии озод, раҳоӣ аз панҷаи зулму тааддӣ сурат мегирад, ҷилваву шукӯҳи дигар дорад. Фотима, хоҳари Восеъ, ки то охирин лаҳзаҳо бародарашро ҳамроҳӣ намуда буд, дар баробари ғаму андӯҳи сангине, ки вуҷудашро фаро гирифта буд, ифтихор дошт, ки бародараш мардона, қаҳрамонона ҷон дод: «Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаланд ҷон дод. Халқон гуфтанд: ёдуш ба хайр, баҳодур будай!» [4, 363]. Нависанда бо тасвири пурсӯзи ҷонфидоиҳои Фотима нисбат ба мусибате, ки ба сари бародараш – Восеъ омада буд, ба офаридани симои миллии духтари воқеии тоҷик муваффақ гаштааст.

С. Улуғзода дар романи «Восеъ» дар баробари образи Фотима – хоҳари Восеъ нақши чанд тан симои барҷастаи занони дигареро ҳам офаридааст, ки аз ошноӣ бо онҳо дар дили кас нисбат ба зиндагӣ, одаму одамгарӣ, меҳру муҳаббат, садоқату дӯстӣ ва самимияти инсонӣ бедор мешавад. Яке аз ин симоҳо духтари Восеъ – Гулъизор мебошад. Гулъизор низ мисли Фотима дар сидқу вафо камӣ надорад. Ҷасуру диловар, баномусу хушодоб ва софдил аст. Гулъизор низ то лаҳзаи охирин падарашро ҳамроҳӣ мекунад: «Ота-а-а!... Ота-а-а!... – рӯканону мӯканон дод мезад Гулъизор.

Вай модари мусибатзадаи аз по афтода ва ҳар рӯз чандин бор аз ҳуш равандашро ба парастории янгааш-зани Қосим гузошта, ҳамроҳи аммааш пойи пиёда ба Балҷувон омада буд, ки падари гирифторашро бинад ва бо ӯ видоъ кунад. Фотима бева монда буд – шавҳари ӯ Сангалиро сарбозон дар деҳаи худаш дастгир карда кушта буданд.

Восеъ қадам нигоҳ дошт.

- Духтарҷонам!... Хоҳаракам! – аз ҷигар фарёд кашид ӯ. – Алвидоъ! Ба модарат бигӯ, Гулъизор, ба додараконат бигӯ, падари шумо ба золимон сар хам накард, ҷангид, шаҳид шуд!...» [4, 356].

Дар мавриди тасвири образи Гулъизор низ, нависанда хислату характери духтарони кӯҳистони тоҷикро воқеӣ, табиӣ ва эътимодбахш нишон дода, ба воситаи нақши Гулъизор, духтари Восеъ, нависанда ҷанбаи миллии асарро пурқувват намудааст.

Хонавода, мисли дигар аркони иҷтимоӣ ҳамеша дастхуши ҳаводиси хубу бади ҳастӣ мешавад. Ҳеҷ хонаводаеро аз ин падидаҳои ногузир ҷойи гурез нест. Зеро, ин ниёзу муқтазои табиати ҳастист. Яке аз чунин саҳнаҳо мусибатҳои хонаводагист, ки бар асари марги волидайн падид меояд. Маргу зиндагӣ ин ду падидаест, ки ҳамеша думболагири тамоми махлуқоти зинда, аз ҷумла инсон мебошад. С. Улуғзода тарзи азсаргузаронии мусибатҳои оилавиро низ, аз ҷониби аъзоёни оила дар асарҳояш хеле таъсирбахш ба қалам додааст. Ӯ дар бисёр мавридҳо фавти қаҳрамонҳои асарҳояшро тавассути манзараҳои табиат ба қалам додааст, ки чунин тарзи тасвир дар назари хонанда хеле таъсирбахш сурат мегирад. Чунончи фавти Ревахшиёнро ба воситаи манзараи табиат, чунин ба қалам додааст: «Дар шомгоҳи сокиту ором аҳли хонавода дар суфаи рӯйи ҳавлӣ, пас аз сарфи шавлаи қӯноқини кишмишу зардолу хӯрда, нишаста буданд. Оҳиста – оҳиста торикӣ доман меёзонд. Гунҷишкҳо, мусичаву кафтарҳо дар лонаҳошон орамида, фақат якто-нимто дермондаҳошон саросема сӯйи ошёнашон мешитофтанд. Ҷойи чаҳ-чаҳу ку-куи онҳоро чирроси чирчиракҳо

мегирифт. Фазои ороми нимторик акнун дар ихтиёри шабпаракҳо монда буд, ки дар пайи шикори хомӯшакҳо чун кулӯхи ба ҳаво ғуррондашуда ба ҳар сӯй паррон буданд. Виркан писарчаашро, агарчӣ фақат се рӯз надида будаш, пазмон шуда буд, вайро бар зонувонаш шинонда навозиш мекард. Ревахшиёни пир як ҳафта пеш вафот карда буд» [7, 157].

Ҷараёни азсаргузаронии мусибатҳои хонаводагӣ хеле сангин буда, он метавонад ба ҳаёти ҳар як аъзоёни оила таъсири манфӣ расонад. Ин аст, ки чунин арзишҳои миллии хонаводагӣ низ, аз мадди назари борикбини С. Улуғзода дур намондааст.

Дар осори С. Улуғзода, махсусан саҳнаи навҳаи духтари Фирдавсӣ аз романи «Фирдавсӣ» ва нолаи ҷонгудози Гулъизор аз романи «Восеъ» ниҳоят таассурбарангез аст. Дар пораҳое, ки ба сифати намуна интихоб шудааст, мо бо чеҳраи воқеии пайванду меҳри хонаводагӣ, ки хосси минталитети мардуми форсизабон, аз ҷумла тоҷикон аст, дар мисоли падару духтар рӯ ба рӯ ҳастем: «Манижаи жӯлидамӯй мушт бар сари бараҳна ва тани фигораш мекӯфту фарёд мекашид, занон рӯймоли афтидаашро ба сараш партофта, ӯро оғӯш карда аз лаби гӯр ба канор кашиданӣ мешуданд, вай тан надода дод мезад:

- Во падарҷонам, қиблагоҳам, қуввати ҷону танам, аз дунёи бевафо ком ҷустеду ноком рафтед. Эй азизон, маро ҳам бо қиблагоҳам гӯронед, ман бе падарҷонам ин зиндагиро чӣ кунам?!» [6, 249].

Афзалияти таълифоти С. Улуғзода боз дар он аст, ки ӯ на танҳо сарчашмаҳои адабию таърихиро хуб медонад, балки дар ҳамин замина аз эҷоди бадеии манзуму мансур хеле олӣ бохабар аст. Аз тарафи дигар, С. Улуғзода аз фарҳанги мардумӣ, аз урфу одат, одобу рафтор, хусусиятҳои синнусолӣ, одоби муошират, аҳду паймон ва ғайра бо тамоми ҷузъиёт маълумоти арзандаю кофӣ дорад.

Арзиши дигари миллие, ки дар оилаҳои анъанавии тоҷикон ба чашм мерасаду дар насри таърихии С. Улуғзода ба тасвир омадааст, бастани аҳду паймони бародари қиёматӣ, фарзандхон кардани ҷавонони бесаробон мебошад. Чунончи, дар қиссаи «Ёрони боҳиммат» дӯстии Зайнаб бо Надежда Михайловна, дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» самимияти Умархон бо Ершов, бародари қиёматӣ шудани Восеъ бо Назир ва писархонд карда ба хонааш овардани Ризо аз тарафи Восеъ, гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад: «Ризо! Агар ту ҷиннигиат, қилиҳҳои бемазаатро партоӣ, ман туро писархонди худ мекунам. Ту ба ин чӣ мегӯӣ?

Ризо як навъ шубҳаомез ба чашми Восеъ нигоҳ карда истоду пурсид:

- Писархонд карда чӣ кор мекунӣ?

- Одам бо писари худаш чӣ коре, ки кунад, ҳамонро мекунам.

- Мезанӣ?

- Агар гандагӣ кунӣ, гапамро нагирӣ, албатта, мезанам.

- Ман чӣ кор мекунам?

- Ҳар коре, ки ман мефармоям.

Ризо паҳлуи бараҳнаи чиркинашро хорида сукут кард, ба хаёле рафт.

Восеъ рӯймоли холишудаашро ғундошт ва рафтанӣ шуда бархосту гуфт:

- Агар ту розӣ бошӣ, ки писархонди ман шавӣ, пагоҳ дар ҳамин вақт ба Дараи Мухтор биёву маро бубин. Розӣ набошӣ – набиё. Хуб?

Ризо ба замин нигоҳ карда, ба аломати қабул сар ҷунбонд…» [4, 36-37].

Аз тасвири муносибати Восеъ бо Ризо манзури С. Улуғзода ба масъалаи ахлоқ ва тарбияи насли наврас равона шудааст. Нависанда барои фардикунонии образи Восеъ, нишон додани симои ҳақиқии ӯ ва шикасти ақидаҳои қафомондае, ки тӯли асрҳо арзиши инсонро аз аслу насаб меҷӯст, кӯшиш намудааст: «Аммо ман мегӯям, ӯ бачаи хуб аст. Писархондаш кунем, савоб мешавад. Фоидааш ба ӯ, савобаш ба мо. Ту ба шумии ӯ, ба қилиҳҳои бемаззааш нигоҳ накун, ҷони ширин, инҳо ҳама аз бесариву бенасибӣ аст. Ман донистам, ҷавҳари бача пок аст, тарбияташ кунем, одам мешавад, ба ман дастёри хуб мешавад» [4, 38].

Дин дар хонаводаи аҳли мусулмон аҳамияти авалиндараҷа дошта, он аз рӯзҳои аввали таъсисёбии оила то лаҳзаҳои охир муқаддас дониста мешавад. Мувофиқи муқаррароти дини мубини Ислом барои нигоҳ доштани низоми хонавода ва баровардани ҳар гуна амру супоришҳои оилавӣ, мард ҳамчун сарвар масъул дониста шудааст. Аз ин рӯ, тибқи таълимоти исломӣ, фарҳанги оиладории тоҷикӣ ва

анъанаҳои миллӣ, мард дар баробари бартараф намудани мушкилоти зиндагӣ, инчунин барои бароварданн райъи худ дар назди соҳибхона, соҳибҳуқуқ мебошад.

Аз эҷодиёти С. Улуғзода ба хубӣ пай бурдан мумкин аст, ки ӯ яке аз донандагони хуби таърих, забон ва фарҳанги миллии тоҷик мебошад. Беҳуда нест, ки ҳангоми тасвири муҳити хонаводаи анъанавии тоҷикӣ ҳангоми тасвир намудани арзишҳои миллии оиладорӣ дар насри таърихиаш, аз ҷумла дар романи «Восеъ», ба ин комёбӣ ноил гардидааст: «Аноргул! Ман духтарамон Гулъизорро ба Ризо номзад кардам. Шумо гувоҳ, - Восеъ ба соҳибхонаҳо муроҷиат кард.

- Агар насиб бошаду аз ҷанг зинда саломат баргардам ва Ризо ҳам баргардад, ман ӯро домод мегирам, сари дуяшонро ҷуфт мекунам. Агар насибам набошаду ман барнагардам, ин корро ту мекунӣ, Аноргул.

Омин, Аллоҳу Акбар!

Аноргул ва соҳибхонаҳо аз ин ҳукми ногаҳонии Восеъ ҳайрон шуда, дармонда бошанд ҳам, беихтиёр дастҳошонро ба рӯй кашиданд.

- Нон бишикан! – амр кард ӯ ба хеши солхӯрдааш.

Пирамард ду нони тунукро гирифта ҳар якеро чор пора кард, ҳозирин як порагӣ хӯрданд, пораи охиринро Ҳасан ба апааш дароварда дод. Ҳамин тавр, Восеъ ногаҳон, бе хеҷ муқаддима, бе ҳеҷ маслиҳату тайёрӣ духтарашро ба Ризо «фотиҳа» кард. Чунон буд, ки вай ба ҷанг равон буда, гӯё сари роҳ ба ин ҷо омада буд ва ба риоя кардани ҳар гуна муқаддамоту русумот фурсат надошт» [4, 271].

Восеъ дар тасвири С. Улуғзода аз ҳама хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бархурдор аст. Ӯ мудом меҳнат мекунад, ризқашро бо меҳнати ҳалол ба даст меорад, паҳлавон аст, нангу номус ва шарафи инсониро дар ҷойи аввал гузошта, шиори асосиаш дар зиндагӣ ҳақиқату адолат аст.

Бархе аз муҳаққиқони эҷодиёти С. Улуғзода бар он ақидаанд, ки то таълифи романи «Восеъ» дар насри таърихии адабиёти тоҷик дӯстии наслҳо, махсусан миёни мардон то ба ин андоза ба тасвир наомада буд. Ҳарчанд ки дӯстию вафо, меҳру муҳаббат, аҳду паймон бештар миёни зану мард: Одина ва Гулбибӣ аз повести «Одина», Ёдгор ва Гулнор аз романи «Дохунда», Ҳасан ва Фотима аз романи «Ғуломон» ба тасвир омадааст. Дар ин маврид: «Романи «Восеъ» - ро на танҳо достони қаҳрамонӣ, балки ба маънои пурраaш, метавон достони дӯстию вафо низ номид. Восеъ дар рафоқату аҳду вафо миёни мардон ба тасвир омад ва як муваффақияти муҳимми насри классикӣ, хусусан анъанаҳои гуманистии насри ҳамосӣ ва ривоятӣ амиқ аз худ шуд» [3, 109-110].

Шинохти С. Улуғзода аз таъриху фарҳанги халқи тоҷик ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд оғоз гардида ва то лаҳзаҳои охири ҳаёташ идома ёфтааст. Дар ин муддат, нависанда таъриху фарҳанги ин халқи тамаддунофарро, ки намунаи беҳтарини арзишҳои умумибашарӣ дар ниҳодашон нуҳуфта гардидааст, дар мисоли асарҳои «Субҳи ҷавонии мо», «Восеъ», «Ривояти суғдӣ» ва «Фирдавсӣ» мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор додааст.

Зиндагии инсонӣ борҳо исбот кардааст, ки бо дигар шудани авзои таърихӣ, рӯй овардан ба сарнавишти шахсиятҳои фарҳангӣ, на ин ки коста намегардад, балки таваҷҷуҳ ба рӯзгору осор ва саҳифаи зиндагии эшон батадриҷ меафзояд. Мисоли барҷастаи он рӯзгору осор, муҳити хонавода ва саҳифаи зиндагии Фирдавсӣ дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода мебошад. Тавре ки аз роман ба мушоҳида мерасад, шахсияти мавриди назари С. Улуғзода шоир аст ва беҳуда нест, ки нависанда аввалан ба коргоҳи эҷодӣ ва муҳите, ки Фирдавсиро фаро гирифтааст, диққати махсус медиҳад. Зеро, дар тасвири коргоҳи эҷодӣ ва муҳити хонаводаи Фирдавсӣ лаҳзаву ҷузъиёте ба мушоҳида мерасанд, ки арзиши баланди ахлоқиву маърифатӣ доранд. Чунончи, бахши арзишманду хотирмони романи «Фирдавсӣ» лаҳзаи видои шоир дар фироқи ҳамсари азизу меҳрубонаш Фотимабону мебошад: «Эй вой, хок бар сарам! Во Фотимаҷонам, во ёри меҳрубонам, ҳамсари аз ҷон азизтарам! Ман сӯйи ту мешитофтам, ту кӯҷо рафтӣ? Чаро аз ман пештар рафтӣ? Эй пири бадбахт, ба ватан расидиву боз ғариб шудӣ!...» [6, 237].

Имрӯз, илми муосир (демография) исбот кардааст, ки заиф гардидани нақши оила, аз байн бурдани фарҳанги суннатии хонаводагӣ инсонҳоро ногузир ба вартаи ҳалокат бурда истодааст ва: «Дар асри XXI равандҳои ҷаҳонигардӣ, модернизатсия, сиёсати ҳукуматҳо ва дигар тағйироти иҷтимоӣ ба сохтори хонавода таъсири назаррас расонида истодаанд. Арзишҳои оилавӣ низ, бо сабаби омилҳои дар боло

зикршуда моҳиятан тағйир меёбанд, аммо вазифаҳои муҳимму аслии он: таъмини бақои насли одамӣ ва иҷтимоикунонии афроди иҷтимоӣ моҳиятан устувор мемонанд» [8, 80].

Бо гузашти айём ва дигар шудани вазъи сиёсию иқтисодӣ, замонаҳо дигар мешаванд. Аммо арзишҳои миллие, ки барои ҳимояи манфиатҳои халқу миллат, рушди фарҳангу маданияти миллӣ, пос доштани анъана, расму ойин, урфу одат ва баланд бардоштани ҳисси миллию ватанхоҳист, набояд ба гӯшаи фаромушӣ равад. «Анъанаи муносибати зану шавҳар, волидону фарзандон, бобоёну наберагон, гиромидошти ҳуқуқи бародариву хоҳарӣ ва монанди инҳо, масъалаҳое ҳастанд, ки дар назари аввал хурду реза, камаҳамият ба назар мерасанд. Аммо, бухрони маънавӣ аз ҳамин хурду резаҳо маншаъ гирифтааст» [2, 137].

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои С. Улуғзода дар эҷоди бадеъ ин офариниши образ аст. Образҳои офаридаи ӯ миллӣ буда, аз манотиқи гуногуни қаламрави забони миллист. Аз ин хотир, ин тарзи образофарӣ одӣ набуда, донистани забони адабӣ ва фарҳанги мардумӣ, гӯйишҳои забони тоҷикиро тақозо менамояд.

Бе муболиға, дар ин маврид низ омӯзиши эҷодиёти яке аз адибони барҷастаи адабиёти нимаи дуюми асри ХХ тоҷик Нависандаи халқии Тоҷикистон С. Улуғзода шоистаи ибрат аст. «С. Улуғзода дар «Субҳи ҷавонии мо», «Восеъ», «Ривояти суғдӣ» ва «Фирдавсӣ» ҳам дар шакл, усули ҳикоя андар ҳикоя ва ҳам дар мазмун, тадқиқи шуури ба худ хосси халқи тоҷик аз роҳи идомаи анъанаҳои миллӣ ва тазоҳури мушаххасоти таърихӣ, ҷанбаи миллии адабиёти моро ба пеш бурд» [3, 148].

Ногуфта намонад, ки Сотим Улуғзода ҳамчун донандаи хуби таъриху мардумшиносӣ, забону адабиёт, фарҳангу эҷоди шифоҳӣ, урфу одат ва расму ойини миллати хеш тавонистааст, ки арзишҳои миллии хонаводагиро, ки дар тӯли асрҳо ташаккулу такомул ёфта, симои ҷомеаро дар оила инъикос мекунанд, дар осораш басо ҳунармандона истифода кунад ва бо ҳамин ҷанбаи воқеӣ ва рӯҳи халқии асарҳояшро дар навиштаҳояш тақвият бахшад.

С. Улуғзода суннатҳои устувори адабии миллии қурунивустоиро мутадовил сохт. Суннати мазкур бахши боғановати ҳофизаи таърихии миллист, ки аз ғановати маънавиёт ва сатҳи баланди тафаккури миллат гувоҳӣ медиҳад.

Рисолати таърихии С. Улуғзода ҳамчун адиб дар гузиниши мавзӯи таърихӣ ва эҳёи фарҳанги миллӣ мушаххас мешавад, ки маърифати он на ба ҳамаи эҷодкорон даст медиҳад. Суннати мазкур маҳз ба хотири бақобахшӣ ба маънавиёти боғановати миллӣ буда, мӯҷиби маҳбубияти том пайдо намудани эҷодкор низ хоҳад шуд. Зиёда аз ин, суннати мазкур нависандаро аз нигилизми миллӣ низ комилан эҳтиёт менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 206 с.
2. Муҳаммадӣ А. Тақдири арзишҳои хонаводагӣ дар шароити бухрони маънавии муосир / А. Муҳаммадӣ // Садои Шарқ. – 2013. - №7. – С.133-138.
3. Рачабӣ М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша / М. Рачабӣ. - Душанбе: Деваштич, 2004. - 172 с.
4. Улуғзода С. Восеъ / С. Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1979. - 367 с.
5. Улуғзода С. Мунтахабот / С. Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1982. – Ҷ.1. - 445 с.
6. Улуғзода С. Фирдавсӣ / С. Улуғзода. - Душанбе: Адиб, 1991. - 256 с.
7. Улуғзода С. Ривояти суғдӣ / С. Улуғзода. - Душанбе: Адиб, 2002. - 218 с.
8. Фароҳонӣ А. Б. Хонавода ҳамчун муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ / А. Фароҳонӣ // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Қисми 2. 3/8(101). - Душанбе: Сино, 2012. – С.77-80.
9. Шарифов Х. Гузашти айём ва арзишҳои ҳунарӣ / Х. Шарифов // Озурдагон ва умедворон. - Душанбе: Сино, 2001. - С.121-135.
10. Шарифзода Х. Гӯяндаи ҳамосаи миллат / Х. Шарифзода // Сездаҳ мақола. - Душанбе: Офсет Империя, 2013. – С.153-167.

НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ СЕМЬИ В ПРОЗЕ СОТИМА УЛУГЗАДЕ

Национальные ценности – это совокупность духовных идеалов представителей тех или иных этнических общностей, в которых находит отражение их историческое своеобразие. Национальные ценности выступают в роли социально и нормативно-культурных аксиом поведения людей одной этнической принадлежности. В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению тема изображения национальных ценностей семьи в в наследии великого таджикского писателя Сотима Улугзаде.

Ключевые слова: Сотим Улугзаде, национальные ценности семьи, изображение национальных ценностей, семья, любовь к Родине, духовные идеалы.

NATIONAL FAMILY VALUES IN PROSE SOTIM ULUGZADA

National values – a set of spiritual ideals representatives of various ethnic communities, reflecting their historical identity. National values act as a social and normative-cultural axioms of human behavior one ethnicity. In this article, the author subjected to study and discuss the theme of the image of national values of the family in the heritage of the great Tajik writer Sotim Ulugzada.

Keywords: Satim Ulugzada, national family values, national values, family, love of country, spiritual ideals.

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** – докторант Таджикского нацонального университета

НАЗАРЕ БА ҚИССАИ ҶОНГУДОЗИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Урватулло Тоиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Соли 1962 донишҷӯйи курси дуюми факултети таъриху филологияи УДТ ба номи В.И. Ленин будем. Устоди бузургвор марҳум профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ҳангоми дарс дар мавриди «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ сухан аз қиссаи ҷонгудози Лайлию Маҷнун оғоз намуда, гуфтанд, ки дар пайравии қиссаи ошиқии Лайлию Маҷнун зиёда аз 40 достон таълиф шудааст ва боз илова карданд, ки ин миқдор ҳадди охирин нест, шояд аз ин ҳам зиёд бошад. Барои муайян намудани тамоми достонҳои қиссаи машҳур пайваста ҷустуҷӯ кардан лозим меояд ва ин кор, албатта, дар тӯли панҷ – даҳ сол анҷом намеёбад.

Устоди бузургвор ҳаҚ будаанд. Ман, ки худ роҳи наверо тай накарда будам, ҳамеша аз пайи устод мерафтам, дар тӯли солҳои зиёд фурсати мувофиқе ёфта, китобҳои навро варақ мезадам. Иқрор мекунам, дар ин кор ба ман пеш аз ҳама, ҷойи кор ёрӣ расонд. Муддати мадиде (зиёда аз 20 сол), ки дар Энсиклопедияи Советии Тоҷик машғули кор будам, зиёда аз 30-40 ҳазор мақола, аз он ҷумла мақолаҳои оид ба адабиётро аз назар гузаронидам. Дар мақолае, ки номи Лайлию Маҷнунро медидам, онро ба картотекаи худ мекӯчондам. Дар ин муддат доир ба қиссаи «Лайлӣ ва Маҷнун» асарҳои зиёде таълиф шудаанд, ки аз ҳар кадоми онҳо маълумоти наве ба даст меомад.

Азбаски дар ҳаҷми як мақола номи тамоми он китобҳоро овардан аз имкон берун аст, лозим донистам, ки дар асоси мақолаҳои «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» (дар ҳашт ҷилд) ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (дар се ҷилд), инчунин дар асоси китобҳои Е.Э. Бертелс «Низами и Фузули» (Избранные труды М.-1962): А. Афсаҳзод Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» -и Абдурраҳмони Ҷомӣ - Душанбе, 1970, Асадуллоев С. «Лайлӣ ва Маҷнун» дар шеъри форсизабон, қисми аввал, Душанбе: Дониш, 1981: Г.Ю. Алиев «Темы и сюжети Низами в литературах народов Востока». М. 1985 ва дигарон ба таври мухтасар номи шоиронеро биёрам, ки дар асоси қиссаи машҳури арабӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» навиштаанд.

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки қиссаи ишқии «Лайлию Маҷун» дар асл арабист. Аз сарчашмаҳои хаттӣ аввалин бор доир ба ин қисса адабиётшиноси эронинажоди араб – Ибни Қутайба (828-889) дар асари «Аш-шеър-ваш-шуаро», мусиқишинос ва шоири форс-тоҷик Абулфараҷи Исфаҳонӣ (897-967) дар «Китоб-ул-ағонӣ» маълумот додаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои адабии асрҳои 9-10 саргузашт ва ишқи ҷонгудози Қайси Омирӣ (бо номҳои Қайс ибни Муод ва Маҳдӣ ибни Мулаввах низ машҳур аст), ки бо лақаби «Маҷнун» шеър ҳам менавиштааст, сабаби машҳур шудани ин қисса гардидаст. Дар асри 11 Абӯбакри Волибӣ ном донишманд девони Маҷнуни Омириро мураттаб сохта, дар асоси ашъори ӯ ва қиссаю ривоятҳои гузашта саргузашти вайро навиштааст.

Дар ашъори шоирони машҳури адабиёти форс-тоҷик Рӯдакӣ, Робиа, Носири Хусрав ва дигарон абёте дучор меояд, ки ба қиссаи Лайлию Маҷнун ишора шудааст, аммо нахустин достон доир ба ин қиссаи шӯрангез ба қалами Низомии Ганҷавӣ тааллуқ дорад. Низомӣ соли 1188 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кард. Достони ӯ дар муддати хеле кӯтоҳ шуҳрати зиёд пайдо кард ва дар пайравии он достонҳои зиёде ба вуҷуд омад. Мо дар поён номи шоиронеро, ки дар асоси қиссаи Лайлию Маҷнун достон навиштаанд, аср ба аср меорем.

Аввалин шоире, ки баъди Низомӣ ба достони ӯ ҷавоб гуфтааст, Амир Хусрави Деҳлавист. Вай соли 1298 бо номи «Лайлӣ ва Маҷнун» достон навишт, 2.

Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун», соли таълиф 1484, 3. Суҳайлӣ маъруф ба Амир Шайхам (1444-1502), хоҳарзодаи Ҷомӣ, соли 1486 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф намудааст, 7. Ҳилолӣ (ваф. 1529), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун», 8. Қосимии Гунободӣ (ваф. 1574), «Лайлӣ ва Маҷнун», соли таълиф – 1524, 9. Мавҷӣ Қосимхони Бадахшӣ (ваф. 1571) шоири тоҷик, аслан аз Бадахшон буда, дар Ҳиндустон зиндагӣ кардааст. Муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун», 10. Раҳоии Хофӣ (ваф. 1576), соли 1575 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кардааст, 11. Замирии Исфаҳонӣ, шоири эронӣ, а.XVI, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 12. Ҳидоятуллоҳи Розӣ, шоири эронӣ, а.XVI муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 13. Кавкабӣ, шоири мутасаввифи форс-тоҷик. Ин шоир дар асоси мавзӯи «Лайлӣ ва Маҷнун» - и Низомӣ бо номи «Анвор-ул-муҳаббат» достони ишқии тасаввуфӣ иншо кард 14. Шаҳидӣ соли 1476 бо номи «Лайлӣ ва Маҷнун» достоне ба забони туркии усмонӣ таълиф кардааст. XV, Аҳмад Пошо (ваф. 1495), шоири турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ. XVI. Ашраф Абӯалӣ Ҳусайн ибни Ҳасани Мароғӣ (ваф. 1459), соли 1438 бо номи «Лайлӣ ва Маҷнун» ё «Ошиқнома» достоне таълиф кардааст. 17. Доии Шерозӣ (тав. 1411), шоири мутасаввифи форс-тоҷик. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ӯ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» таълиф намудааст. 18. Қозии Зовӣ, шоири асри XI, ба ӯ низ достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро нисбат медиҳанд. 19. Имоди Лорӣ, шоири охири а.XI ва аввали а.16 форс-тоҷик. Муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун», то ҳол дастрас нест. 20 Қадамӣ, шоири а.XV-и турк. Вай достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шаҳидиро кӯтоҳ карда, тахаллуси ӯро ба Қадимӣ гардонида, ба худ нисбат додааст. 21. Ҷамолӣ, шоири форс-тоҷики аXV, ба монанди қиссаи «Лайлӣ ва Маҷнун» достоне бо номи «Маҳзун ва Маҳбуб» эҷод кардааст. 22. Маҷнуни Чапнавис, шоир ва донишманди охири асри XV, дар сарчашмаҳои адабӣ ба ӯ достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро нисбат додаанд. 23. Мир Бурҳон, шоири номаълуми а.XV (ваф. 1470), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 24. Мисолии Кошонӣ, шоири эронӣ, соли 1493 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кардааст. 25. Алишер Навоӣ (1441-1501), соли 1483 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба забони ӯзбакӣ таълиф кардааст. 26. Ҳамдӣ Ҳамдуллоҳ (1449-1503), шоири машҳури турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ, таълифаш 1499. 27. Хаёлӣ, шоири номаъмули а.XI турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ. 28. Исои Начотӣ (ваф. 1509), шоири машҳури турк, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 29. Подшоҳхоҷа Ибодуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб (тав. 1480), падари Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 30. Биҳиштӣ (ваф. 1562), шоири турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 31. Осии Кашмирӣ, шоири форсизабони Ҳиндустон (а. 16), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 32. Асирии Турбатӣ, шоири а.XVI-и эронӣ, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 33. Бадруддини Кашмирӣ, шоири а.XVI. тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 34. Дарвешмуҳаммад Алии Гелонӣ, шоири тоҷик (а.16), с.1556 достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро таълиф кардааст. 35. Ризвон Аҳмад, шоири охири а.XI ва аввали а.XVI-и турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 36. Раҳимӣ Муҳаммадраҳимхон, шоири зуллисонайни тоҷикӣ ва туркманӣ,- муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» с.1590. 37. Шаҳобуддини Ҷомӣ, шоири охири а.XV-и тоҷик, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 38. Ҳаҷирӣ, шоири а.XV Озарбойҷон. С.1524 ба озарӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» таълиф кардааст. 39. Фузулӣ (1498-1556), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун», таълифаш с.1555. 40. Синоии Чокарӣ, шоири а., турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 41. Абдибеки Шерозӣ (1515-1580), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 42 Оҳии Машҳадӣ, шоири охири а.XV ва аввали а.XVI, тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 43. Васфии Кирмонӣ (тав. 1591) шоири тоҷикзабони Ҳиндустон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 44. Муҳйҷ, шоири а.XVI-и турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 45. Атоӣ, шоири а.XVI турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 46. Мақсудбеки Шерозӣ, шоири форс-тоҷики а.XVI, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 47. Маҳдии Астарободӣ (ваф 1548), шоири тоҷикзабони Озарбойҷон, дар а.16 зиндагӣ кардааст. Муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 49. Салимҷ, шоири форс-тоҷики а.XV. Соли 1474 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кардааст. 50. Саноии Машҳадӣ (1500-1588), шоири эронӣ, як гурӯҳ муҳаққиқон ба ӯ низ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро нисбат медиҳанд. 51. Сарфии Кашмирӣ (1521-1594), шоири форсизабони Ҳиндустон, с.1590 достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро таълиф кардааст. 52. Шифоӣ (1560-1627), шоир ва табиби эронӣ, баъзе муҳаққиқон ба ӯ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро нисбат медиҳанд. 53. Муллошоҳи Бадахшӣ (1584-1661), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва

Маҷнун». 54. Солеҳ ибни Ҷалол, шоири а.XVI, турк муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 55. Сарфии Совачӣ (ваф 1590), шоири форс-тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 56. Саидҳасан ибни Фатҳуллоҳ, шоири форсизабони Ҳиндустон, а.17, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 57. Сикандар, шоири паштузабони афғон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони паштунӣ. 58. Алиризои Таҷаллӣ (ваф.1677), шоири эронӣ, муаллифии достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро ба ӯ нисбат медиҳанд. 59. Тоиби Ҳиротӣ (ваф 1676), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 60. Унсӣ (ваф. 1517), шоири форс-тоҷик, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун».61. Ҳабибӣ, шоир а.17 форс-тоҷик, с .1679 таълифи «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба охир расонид. 62. Рӯҳуламини Шаҳристонӣ (1573-1637), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 63. Саид, шоири а.17, форс – тоҷик, с 1693 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро анҷом додааст. 64. Ҳинду, шоири форсизабони Ҳиндустон, а.17, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 65. Шокир Лутфуллоҳ, шоир ва донишманди тоҷики а.17, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 66. Мулҳам Муллоабдуллоҳи Бухорӣ (1665-1720), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 67. Мунири Лоҳурӣ (ваф.1644), шоири форсизабони Ҳиндустон, бисёрии муаллифон ба ӯ «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро нисбат медиҳанд. 68. Муродии Тасучӣ Мулломурод ибни Мирзоҷон, шоири а.17, эронӣ, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 69. Номии Баҳкарӣ (ваф.1610), шоири форсизабони Ҳиндустон, дар асоси сюжети «Лайлӣ ва Маҷнун» достони «Рой ва Сурат» - ро навиштааст. 70. Падмонӣ, шоири а.17. Панҷоб, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони панҷобӣ. 71. Халилӣ, шоири а.17, турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ, 72. Холифӣ, шоири охири а.16, ибтидои а.17 турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ. 73. Ҳофиз Низом, шоири пуштузабони Афғонистон, с 1689 достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро таълиф кардааст, ин достон то ҳол дастрас нест. 74. Оҷиз, шоири урду, с.1645 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба забони урду таълиф кардааст.75. Аҳмади Даканӣ шоири а.17, ба забони форсӣ ва урду шеър менавишт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони урду, таълифаш с.1600, 76. Баъйхон, шоири паштузабони Афғонистон, с.1688 ба забони пашту «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф кардааст. 77. Бақоӣ, шоири даризабони Афғонистон, муҳаққиқон ба ӯ таълифи «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро нисбат медиҳанд. 78. Довуди Исфаҳонӣ (1655-1711), шоири эронӣ, ба ӯ низ таълифи «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро нисбат медиҳанд. 79. Ҷалилӣ, шоири охири а.16, аввали а.17 турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркӣ, 80. Замонии Яздӣ (ваф. 1608), шоири эронӣ, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 81. Замирии Исфаҳонӣ, шоири а.16, эронӣ, муалифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун».82. Кошифи Шерозӣ (1593-1650), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун».83. Ҳамдӣ, шоири турк, с.1542 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба туркӣ таълиф кардааст. 84. Маҳвӣ, шоири а.16 турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба туркӣ. 85. Меҳрии Араб, шоири а.17 эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 86. Мирзоаҳмади Кошонӣ, шоири асри а.17 эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 87 Номии Исфаҳонӣ (ваф. 1790), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 88. Озим, шоири урдузабони Ҳиндустони а.18, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони урду, 89. Ошиӣ Мирзомеҳрии Алихон, шоири а.18 форсизабони Ҳиндустон, ба забони урду низ шеър мегуфт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» 90. Андалеб Нурмуҳаммад (1712-1780), шоири туркман, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони туркманӣ. 91. Боқӣ Умар, шоири охири а.17 ва аввали а.18 ӯзбек, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба ӯзбекӣ, 92. Зулолии Хонсорӣ (ваф.1622), шоири эронӣ, достони «Озар ва Самандар» - ро дар таъсир ва вазни «Лайлӣ ва Маҷнун» - и Низомӣ таълиф кардааст. 93. Зариф, шоири урдузабони Ҳиндустон, а.18, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони урду. 94. Қодир (ваф. 1724), шоири Ҳинд, ба форсӣ ва ҳиндӣ шеър мегуфт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони ҳиндӣ. 95. Абдуллоҳи Камтар, шоири урдузабони Ҳиндустон, с.1781 ба забони урду «Лайлӣ ва Маҷнун» - ро таълиф кардааст. 96. Абдурраҳими Низорӣ (тав. 1770), шоири машҳури уйғур, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба уйғурӣ. 97. Раҳматуллоҳи Давӣ, шоири паштузабони Афғонистон, а.18, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 98. Риёзӣ, шоири а.18 тоҷик, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 99. Сафои Шерозӣ Муҳаммадиброҳим (ваф. 1747), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 100. Ҳошимшоҳ, шоири Панҷобӣ, а.18, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони панҷобӣ. 101. Ҳиҷрии Тафрашӣ (ваф. 1766), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 102. Шӯълаи Гулпойгонӣ (1714-1780), шоири эронӣ, дар асоси сюжети «Лайлӣ ва Маҷнун» достони «Шоҳи висол» - ро таълиф кардааст. 103. Битлисии Ҳарис шоири

а.18 курд, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба курдӣ. 104. Булбул Муллоашрафи Доирӣ (1682-1756), шоири форсизабони Ҳиндустон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 105. Маҳдибеки Шаккокӣ (ваф. 1801), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 106. Назири Акбарободӣ (1740-1830), шоири ҳинду, ба забони урду менавишт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 107. Сабои Кошонӣ (1766-1822) шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 108. Таҷалло, шоири урдузабони Ҳинд, с.1792 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба забони урду таълиф кард. 109. Урфӣ (ваф. 1772), шоири турк, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун»-и туркӣ. 110. Фавқии Яздӣ, шоири эронӣ, а.17, муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 111. Аҳқарии Бадахшӣ (ваф. 1853), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 112. Мирзо Лутфалӣ, шоири а.19 ҳинд. Ба забони урду шеър мегуфт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони урду. 113. Муҳаммад Исом, шоири паштузабони Афғонистон, а.19, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 114. Мулломаҳмуди Боязидӣ, нависанда ва донишманди курд, с.1858 «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба наср эҷод кард. 115. Маҳмуди Ҷомӣ, шоири форс-тоҷик а.19, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 116. Насибии Кирмоншоҳӣ, шоири а.19 эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 117. Муло Неъматуллоҳ, шоири урдузабони а.19 Афғонистон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 118. Ҳайдарӣ (ваф. 1823), шоири ҳинду, ба забони урду шеър мегуфт, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 119. Ҳавас, шоири ҳинду, а.19, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони урду. 120. Фозил (ваф.1901), шоири эронӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 121. Носирхон Саидмуҳаммад, шоири форсизабони а.19 Ҳиндустон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 122. Шоҳин (1857-1894), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 123. Ноқисии Каттақурғонӣ, шоири тоҷик, (а.20), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 124. Ноком Исмоилбек (1824-1906), шоири озарӣ, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 125. Асирӣ Муҳаммадюсуф (1884-1918), шоири даризабони Афғонистон, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 126. Аҳқар Мирмуҳаммад (ваф 1853), шоири тоҷик, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 127. Муҳаммад Алихон (1807-1842), писари Нодира, шоири ӯзбек, муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун» ба забони ӯзбекӣ 128. Аҳмади Шавқӣ (1868-1932), шоири араб (аз Миср), с.1931 бо номи «Маҷнун ва Лайлӣ» қиссаи назмӣ таълиф кардааст. 129. Ҷовиди Ҳамадонӣ, шоири эронӣ (а.20), муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 130. Латифӣ Муҳаммад Исмоил, шоири даризабони Афғонистон, с.1919 достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро таълиф карда, с.1933 онро аз нав таҳрир намудааст. 131. Исаакян Аветик (1875-1957), с.1916 бо номи «Лайлӣ ва Маҷнун» достон навиштааст. 132. Азиз Несин (тав.1915) нависандаи турк, с.1972 дар асоси достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Фузулӣ қиссаи мансури «Лайло ё Маҷнун» -ро таълиф кардааст.

Чи тавре ки мебинем, ҳоло шумораи достонҳои «Лайлию Маҷнун» ба 132-то расидааст ва боз ҳамон сухани устоди бузургворро такрор карда гуфтанием, ки ин миқдор низ ҳадди охирин нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев Г.Ю.Темы и сюжети Низами в литературах народов Востока / Г.Ю. Алиев. - М., 1985.
2. Афсаҳзод А. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. - Д., 1970.
3. Крачковский И.Ю. Ранная история повести о Меджнуне и Лейле в арабской литературе / И.Ю Крачковский // Избр. Соч. - М. - Л., 1956. - Т.2.
4. Мирзоев А. Мулҳами Бухорӣ / А. Мирзоев. - 1948.
5. Мирзозода Х., Шамсиддин Шоҳин / Х. Мирзозода. - 1956.
6. Тоиров Урватулло. Рӯдакӣ офаридгори назми оламгир / У. Тоиров, С. Дурманова. - Д., 2013.
7. Урватулло Тоиров. Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ / Урватулло Тоиров. - Д., 2007.

ВЗГЛЯД НА ЛЮБОВНУЮ ПОЭМУ «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН»

В данной статье автор на основе изучения научных и литературных источников рассматривает историю создания и эволюции поэмы «Лейли и Меджнун». История Лейли и Меджнуна в персидско-таджикской литературе давно известна представителям литературы. Однако впервые введение этого сюжета в форму романтического дастана в мировой литературе лучше и более совершенно, чем арабские истории, удалось мастеру слова Низами Ганджави, а затем это вошло в традицию.

Ключевые слова: персидско-таджикская поэзия, любовная поэма, «Лейли и Меджнун», поэтическое искусство, влияние литературы, Низами, Джами, Шохин, «Хамса», поэма.

VIEW LOVE POEM "LEYLI AND MAJNUN"

In this article the author based on the study of scientific and literary sources examines the history of the creation and evolution of "Leyli and Majnun". The story of Layla and Majnun in Persian-Tajik literature has long been known to the representatives of literature. However, the first introduction of this story in the form of romantic

Dastan in world literature better and more perfectly than Arab history, managed to master the words of Nizami Ganjavi, and then it became tradition.

Keywords: Persian-Tajik poetry, love poem, "Layla and Majnun", a poetic art, the influence of literature, Nizami, Jami, Shokhin, "Hamsa", the poem.

Сведения об авторе: ***Урватулло Тоиров*** – доктор филологических наук, профессор, Таджикский национальный университет.Телефон: **(+992) 905-55-99-00**

ШОИРОНИ ЗУЛЛИСОНАЙНИ МУОСИРИ МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН

Саидалиев Шодмон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равшан аст, ки ҳамзамон бо инкишофу тавсеаи ислом дар эронзамин забони арабӣ ба сифати забони давлатӣ, коргузорӣ, илму фарҳанг табдил шуд. Аммо масъала ин аст, ки дар тӯли таърих ҳамеша чунин буда, ки фарҳангу адабиёти миллатҳои ҷаҳон ва хоссатан миллатҳое, ки собиқаи пуршукӯҳу пурифтихори маданӣ доштаву гузашта аз ин, ҳаммарзу ҳамҷавор будаанд, бо ҳам доду гирифтҳои зиёде намудаву аз фарҳангу адаби якдигар мутаассир низ шудаанд.

Имрӯз, ки аз оғози он ҳамкориҳои муштарак қарнҳо мегузарад, агар нигоҳе ба забону фарҳанги хеш намоем, мебинем, ки то чи андоза забони арабӣ дар матну батни зиндагии мо ҳузур дорад. Албатта, перомуни нуфузи забони арабӣ дар қаламрави эронзамин ва муҳоҷирату мондагории эшон таълифоти зиёде шуда, ки мавзӯи ҷудогона аст.

Танҳо ҳаминро бояд зикр намуд, ки пас аз ҷойгузинии ҳокимият забони арабӣ дар канори забони форсӣ густариш меёфт. Агар дар давронҳои оғозин эрониҳо камтар арабӣ медонистанд ва бештар арабҳо ба сабаби сукунат дар Эрон форсӣ меомӯхтанд, аз он пас ниёзҳои ҷомеа дигаргун мешуд ва мардум маҷбур буданд, арабӣ биёмӯзанд.

Равшан аст, ки барои омӯзишу фарогирии забони арабӣ ангезаву заминаҳо зиёд буданд, вале аслан ду ҷанбаи аслӣ буд, ки мардумро бештар роғиб менамуд. Сабаб ё ҷанбаи нахустин ҳокимият ва мақомоти давлатӣ буд. Системаи идорӣ, ҳокимият ба таври рӯзафзун такомулу рушд пайдо менамуд ва кормандон ба хотири барқарории робита бо ҳокимону мансабдорони гуногун, ки аксаран араб буданд, ба ҷуз донистану навиштан бо забони арабӣ чораи дигаре надоштанд. Аз сӯйи дигар, дини ислом буд, ки мардумро водор мекард то арабӣ биёмӯзанд, Қуръон бихонанд, мабонии исломро фаро бигиранд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар таблиғу тарвиҷи забону фарҳанги арабӣ дар эронзамин саҳми донишмандону бузургмардони араб ва худи эрониён ниҳоят бузург аст. Муҳаққиқи эронӣ Озартоши Озарнӯш, ки дар атрофи густаришу доманаи забони арабӣ дар Эрон ва иртиботи миёни арабу аҷам пажӯҳишҳои судманде анҷом дода, чунин хотирнишон месозад: «Забони арабӣ аз он рӯз, ки Абдулҳамид ва Ибни Муқаффаъ онро аз тангнои сачъ ва қофия раҳониданд, забони сахт инъитофпазир ва саршор аз зиндагӣ шуда буд ва дигар метавонист ҳам бори фарҳангии эрониёнро, ки селосо тарҷума мешуд, ба дӯш бикашад ва ҳам бори донишҳои юнониву суриёниро. Маонии сангин, дурдаст ва такрории биёбонӣ ҷойи худро ба маонии пурнишоти шаҳрӣ, ки аз завқи эронӣ оганда шуда буд, дод. Забони арабӣ дигар танҳо василаи тафоҳуми қабилаи араб ё баёни мафоҳими диниву илмӣ набуд, балки худ ҷилвагоҳи ҳунар ва авотифи арҷманд шуда буд. Ошноӣ бо зарофатҳои забон муҷиби сарбаландиву бузургманишӣ мешуд ва ҳатто роҳро барои касби мақомҳои дарборӣ ва шоирӣ мегушуд. Забони араб чандон ба дарунмояҳо ва бурунсохтҳои худ мағрур шуда буд, ки гӯйӣ гоҳ мехост аз ислом ҳам истиқбол бичӯяд ва ба танҳоӣ мояи шараф гардад» [8, 148].

Бархе аз арабшиносони дигар дар атрофи сабабҳои густаришу нуфузи истеҳкоми забони арабӣ миёни ҷомеаи эронӣ андешаҳои ҷолиб дорад. Ба қавли ӯ забону фарҳанги араб дар тӯли ду садсола ба андозае дар Эрон нуфуз карду реша давонид, ки таърихи башар чунин шоҳидеро дар даст надорад. Ин таълиф ба андозае амиқу доманадор аст, ки аксари фозилону донишмандон бо он сухан мегуфтанд, осори хешро ба арабӣ менавиштанд, бо ҳам мукотиба менамуданд ва шоирон шеър

эҷод мекарданд. Забони арабӣ дар Эрон оҳиста-оҳиста ба забони илму адаб табдил ёфт. Мазкур хотирнишон месозад, ки «яке аз илали бузурги истилои сареи забони араб ин буд, ки эрониён дини исломро пазируфтанд ва чун муслимини он замон ҳар китоби ғайр аз китоби арабиро беҳуда ва зойид медонистанд, ночор форсӣ ва кутуби форсӣ ба тадриҷ матрук гардид ва мардум ба фаро гирифтани арабӣ эҳтимом намуданд. Дигар аз асбоби нуфузи забони арабӣ шояд вусъати ин забон бошад, ки нисбат ба паҳлавӣ луғоти он зиёдтару барои шарҳу басти улуми он замон беҳтар буд» [10, 35].

Зимни баррасии адабиёти форсӣ дар нимаи аввали асри XI ва бахусус, шоирони давраи салтанати ғазнавиён ба алоқаву пайванди шоирони форсӣ нисбат ба шоирони араб ва забони арабӣ, Е. А. Бертелс чунин ишора менамояд.

Аз ҷумла менависад: «дар осори бархе аз шоирон таваҷҷуҳи хосса ба назми қадими араб ва талоши тақлид аз он эҳсос мешавад. Ҳарчанд таърихи таълифи қисмати умдаи ашъори маҳфузи нимаи аввали қарни XI-ро таъйин кардан душвор аст, вале гумон меравад, ки ин ашъор шояд дар замоне, ки Маҳмуд дар садади беҳбуди муносибот бо Бағдод буд ва бадин сабаб вазир Исфароиниро барканор намуда ба ҷойи ӯ Маймандиро таъйин намуд ва ба номбурда амр намуд, то дар тамоми умури коргузории дарбор забони арабиро ҷорӣ кунад, таълиф гардидаанд » [2, 375].

Дар вусъату интишори забони арабӣ, махсусан нақши шоирони эронӣ ниҳоят бузург аст. Ба навиштаи пажӯҳандагони адабиёт қисмати зиёде аз шоирони эронӣ мехостанд таваҷҷуҳи ҳокимони арабро ба худ ҷалб созанд. Маҳзи хотири ин, заруратан ашъори мадҳии худро ба забони арабӣ менавиштанд. Ба навиштаи Умар Муҳаммад Дудпуё «эрониён чунин маҳорате дар арабӣ ёфтанд, ки аз муаллимонашон пешӣ ҷустанд ва андак-андак дар заминаи адабиёт ҳатто дар сурудани шеър, ки ҳунари аслии аъроб буд, бар онон ғалаба ёфтанд. На танҳо услуби ононро омӯхтанд, балки худ ба он ҳолу ҳавои дигар доданд ва афкори ҷадида дар он ворид карданд, ки барои шоирони куҳани араб аслан қобили тасаввур набуд» [5, 38].

Аз сӯйи дигар забони арабӣ зарурат, ниёзи мубрами рӯзгор шуда буд. Махсусан, барои онҳое, ки дар умури идорӣ, дар дарбор мақому ҷойгоҳе доштанд, уҳдадор буданд забони арабиро ба таври комил аз худ кунанд. Унсурулмаолии Кайковус, ки худ намояндаи замони ҳокимияти ғазнавиён аст дар боби чилу сеюми китоби машҳури худ, ки «Дар одоби надимии подшоҳ» унвон дорад, таъкид менамуд, ки барои як надим донистани забони арабӣ ва форсӣ, ҳамчунин аз ёд донистани шеъри зиёд бо ҳар ду забон, зарур аст: «Дигар ин ки агар надим шоир набошад, дарӣ шеър бидонад, неку бади назм бар вай пӯшида набошад ва ашъори тозаву порсӣ бисёр донад, то агар ин худовандро багоҳу бегоҳ ба байте ҳоҷат афтад, шоиреро талаб набояд кард ё худ бигӯяд, ё худ ривоят кунад» [6, 203].

То чӣ ҳад нақши корсоз доштани забони арабӣ дар он давр аз иқтибоси фавқ маълум мешавад.

Аксари шоирони асри сомонӣ гузашта аз шоирони даврони ғазнавиву салчуқӣ ашхоси фозилу донишманде буданд ва ба ҳарду забон тасаллути комил доштанд. Аз ҷумла, Шайх Булҳасан, Шаҳиди Балхӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ Алхусравонии Сарахсӣ ва Абӯабдулло Муҳаммад ибни Абдулло Алҷунайдӣ аз ҷумлаи адибоне мебошанд, ки бо ду забон шеър эҷод кардаанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳар муҳаққиқу тадқиқотчие, ки мехоҳад бо ёрии сарчашмаҳои муътабари қадимаи арабӣ ба фазоҳои фарҳангӣ -мадании Эрон дар се садсолаи аввал по гузорад, ба холигоҳи бимноке рӯ ба рӯ мешавад ва саранҷом ба чунин натиҷае мерасад, ки «ҳамаи фарҳанги дерпо ва пурбори куҳан гӯё танҳо аз маҷрои Байнаннаҳрайн ва ба ёрии мардони дузабона ё чандзабонаи он селосо ба рӯдхонаи хӯрушоне, ки дар забони арабӣ ҷорӣ аст мепайвандад ва гӯё сарзамини Эрон бар асари ин интиқол аз мояҳои фарҳангиву таърихии худ тиҳӣ мегардад, то ҷое барои арабӣ, арабӣ-динӣ бигушояд. Гӯё Эрон сарнавишти хешро ба дасти замон супурда, то ҳуввияти таърихиашро дар худ мадфун кунад ва сипас ҷомаи нав бар андомаш биёрояд» [5, 159].

Ошноии шоирони форсӣ ба адабиёти араб ва таълифоти эшон ба андозае будааст, ки аксари онҳо худро шоирону пайрави адибони араб мешумурдаанд. Қабл аз он ки ба тавсифу ташреҳи бештари масъала бипардозем, лозим медонем чанд нуктаи дигарро хотиррасон намоем.

Барои се асри аввали истиқрору паҳншавии ислом мо ҳеҷ асари комилу ҷомее дар даст надорем, ки перомуни адабу фарҳанги он рӯзгор маълумоте бидиҳад. Дар тамоми тазкираву сарчашмаҳо, ки аз асри X ба баъд навишта шудаанд, пайваста ба сарзаминҳои шарқӣ ва адибону шоироне, ки аз ан ҷо бархостаанд, ишора мешавад. Дар китобҳое, ки роҷеъ ба таърихи шаҳрҳову амирону шаҳриёрон таълиф гардидаанд, метавон иттилооти қобили мулоҳизае роҷеъ ба Эрону эрониҳо пайдо намуд. Танҳо дар солҳои поёнии асри IX ва ибтидои асри X китоби арзишманде таҳти унвони «Ятиматутдаҳр» аз ҷониби Саолибии Нишопурӣ таълиф мегардад, ки барои нахустин бор шоирону намояндагони арабро аз рӯйи минтақа тақсимбандӣ менамояд ва роҷеъ ба ҳар яке маълумот медиҳад. Ошноӣ бо маводу муҳтавои ин китоб барои бисёре аз шоирони эронӣ ангеза медиҳад. Таҳти таъсири бархе аз бахшҳои ин китоб онҳо ибрози назар менамоянд. Дар ҳама сарчашмаҳо иртиботи шоирони форсу тоҷик ба дарбор таъкид шудааст. Бо ишора ба ин нукта, яке аз чеҳраҳои маъруфи фарҳангу адаби арабӣ Соҳиб ибни Ибод гуфта, ки «шеър бо шоҳ шурӯъ шуд ва бо шоҳ хатм гардид». Анварӣ дар як қасидааш ин матлабро хеле комилу ҳарф ба ҳарф такрор менамояд:

Шоирӣ донӣ кадомин қавм карданд, он ки буд,
Ибтидошон Имрул Қайс, интиҳошон Буфарос.

Баррасии таърихи адабиёт нишон медиҳад, ки аглаби шоирони адабиёти пешин, маҳз онҳое, ки кам ё беш ба фарҳангу адаби арабӣ тасаллут доштанд, аз донишу фазли арабидонии хеш ифтихору ғурури хосса нишон дода ва гоҳо хешро ба шоирони араб ҳамсону ҳампаҳлу донистаанд, ки яке аз онҳо Манучеҳри Домғонӣ мебошад, ки баръакси дигар шоирони форсӣ аксари девонҳои арабро ҳифз дошт ва махсусан инро ҷузъи мафохири худ мешумурд. Чунончи дар як қасида ба руқабои худ хитоб карда, чунин мегӯяд.

Ман басе девони шеъри тозиён дорам ба ёд,
Ту надонӣ хонд, илло ҳуби бисаҳник фасбаҳино.

Ӯ то он дараҷа мусаллат ба забони арабӣ будааст, ки дар ашъори худ ба қасоиди арабӣ ишора карда, баъзе аҷзои як қасидаро, ки он қасида ба номи он шуҳрат ёфтааст, гирифта танзим мекунад.

Чунонки дар яке аз қасоидаш гӯяд:

Бар талалҳо навҳа карданди ву бар расми талӣ,
Шоирӣ Аббос карду Ҳамза карду Талҳа кард.
Он ки гуфтаст азнатано (اذنتنا) ва он ки гуфт алло ҳубӣ (الا هبى)
Он ки гуфт асайф (الصيف) асдаҚ (اصدق) он ки гуфт аблалҳаво (ابلى الهوى)

Абёти фавқ ишора аст ба матлаъҳои чаҳор қасидаи арабӣ аз Сабъаи Муаллам, Абӯтамом, Муътасим ва Мутанабӣ» [7, 147].

Аз дидгоҳи аллома Шиблии Нуъмонӣ шумораи талмеҳоту таъбироти арабӣ дар ашъори Манучеҳрӣ ба гунаест, ки агар касе арабӣ надонад, маънии андешаҳои ӯро дарк намесозад.

Шарқшиноси тоҷик А. Абдусаттор дар робита ба ин маҳбас менависад: «Манучеҳрӣ ба сабаби он ки ошноӣ ва огоҳии комиле бо фарҳангу адаби арабӣ дошт ва «басе девони шеъри тозиён азбар» буд, беш аз ҳама таҳти таъсири ҷанбаи лафзии адабиёту фарҳанги араб қарор доштааст ва ба замми номҳои шоирони зиёди араб алфозу таъбироти фаровони арабӣ, аз қабили: рафеъ-уш-шон, содиқ-уз-занн, зу-т-тур ва-л-ман ва тарҷумаву нақли мазмуни амсолу ашъори тозӣ ба василаи ашъори ӯ вориди шеъри форсӣ гардидааст» [1, 92].

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китоби арзишманди «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» бахшеро ба таҳлилу арзёбии сувари хаёл дар шеъри арабӣ ихтисос дода, ба наҳви аҳсан таъсирпазирии шоирони форсиро аз шоирони арабӣ нишон додааст.

Вақте ба таври мустақил сухан аз муосирони Масъуди Саъди Салмон дар миён меафтад, зарур аст, ки аз Булфарачи Рунӣ зикри ном шавад. Ӯ аз шоирони номвари давраи дувуми Ғазнавиён маҳсуб шуда, шуҳрату овозааш пас аз он ки ба дарбори султон Иброҳими ғазнавӣ ворид мегардад, оламгир мешавад. Мазкур дар қасоиди хеш аз шоҳони ғазнавӣ беш аз ҳама Султон Иброҳим ва Султон Масъудро ситоишу такрим намудааст. Абулфарач аз шоирони ҳамасраш бо Масъуди Саъд наздик буда, Саъд худро шогирди вай хондааст.

Эй хоҷа Булфарач, накунӣ ёди ман,
То шод гардад ин дили ношоди ман.

Нозам бад-он, ки ҳастам шогирди ту,
Шодам бад-он, ки ҳасти устоди ман… [4, 729]

Ба андешаи муҳаққиқони адабиёт ӯ дар ҳавзаи шеъру шоирии замонаш давраҳои камолотро тай намуда, ба дараҷаи камолу устодӣ расид ва шоҳиди ин истиқболу пайравии аҒлаби шоирон, аз ҷумла Анварӣ, аз ашъори вай мебошад. Абулфараҷи Рунӣ аз ҷумлаи шоироне мебошад, ки барои пайдо намудани роҳу шеваи нав дар шоирӣ саъю талоши фаровон намуда ва аслан сабку услуби ӯ аз дигар шоирон хеле фарқ доштааст.

Ба навиштаи Забеҳулло Сафо «ӯ сабки давраи аввали ғазнавиро, ки бояд онро сабки такомулёфтаи давраи сомонӣ шумурд, ба дур афканд ва шеваи нав падид овард. Дар каломи ӯ ба луғати арабӣ нисбатан зиёд ва баъзе аз истилоҳоту афкори илмиву ибдои таркиботи тозаву ба кор бурдани истиороту ташбеҳоти бадеъ ва диққат дар хаёлоту истеъмоли падидаҳои мутааддад ва мушкил боз мехӯрем. Алфози ӯ санҷида ва мунтахаб аст» [9, 471].

Аз шоирони ҳамасри Масъуди Салмон метавон аз Ато ибни Яъқуб ном бурд, ки дар адабиёт бо номи Нокук машҳур аст. Ӯ низ мутааллиқ ба давраи дуюми салтанати ғазнавиён аст ва аз ҷумлаи шоирони зуллисонайн маҳсуб мешавад. Тибқи иттилооти мазкур дар дарбори Ғазнавиён замони салтанати Султон Иброҳим мақому мартабаи хоссе дошта ва баъдан бо далоили мухталиф аз мақомаш барканор ва ба Ҳиндустон табъиз гашта, ҳашт сол аз зиндагии хешро он ҷо мегузаронад [9, 447]. Масъуди Саъди Салмон дар мадҳу марсияҳое, ки дар ҳаққи ӯ навишта, аз вай ба некӣ ёд мекунад. Дар қасидаи «Мукотиба бо дӯстон ва мадҳи Сайфуддавла Маҳмуд» чунин менависад:

Атои Яъқуб, эй равшан, аз ту ончи илм,
Ту офтобиву мо заррароҳамемонем.
Кунун, ки аз ту зи рӯю ройи ту мо,
Чу зарраи бемехр аз чашми адл пинҳонем [4, 306].

Масъуди Саъд дар марги Атои Яъқуб марсияи пурсӯзе дорад, ки ба сифати намуна байте чанд аз онро нақл мекунем:

Атои Яъқуб, аз марги ту ҳаросидам,
Шудиву нобуд бешам зи марг ҳеҷ ҳарос…
Дар бигирад фалак бар ту раво бошад,
Ки беш чу ту набинад, ҷаҳон мардшинос [9, 492].

Дар «Лубоб-ул-албоб» -и Авфӣ намунаҳое аз шеъри арабии ӯ низ нақл шудааст. Бояд гуфт, ки Атои Яъқубӣ ба ҷуз он чи зикр шуд, манзумаи дигаре бо номи «Барзунома ва Бежаннома» таълиф намуда, ки дар пайравии «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ таълиф шудааст.

Забеҳулло Сафо дар китоби худ перомуни маълумоти ёдшуда маълумоти мухтасар ва дар зимн намунае аз ашъори арабии шоир нақл мекунад, ки ба шарҳи зер аст:

اِلیکَ الیاسمینَ الغَضَّ عنیَ
اِلیکَ فانّ فیه شرَّ فالی
فصف مِنهُ یاس مِن وصال
ونصفء منه من حیال [9, 479]

Тарҷумаи байт:

Ёсуман, аз ман манӯш ҳаргиз челим,
Зинҳор, зеро дар он ба ӯ шугунии ман аст.

Амир Муиззӣ аз шоирони дигари номвар ва ҳамасри Масъуди Саъди Салмон мебошад, ки аксари муаллифони тазкираҳои муътабар дар адабиёти форсӣ барои ӯ мақому ҷойгоҳи хоссае қоиланд. Дар ашъори Муиззӣ низ мисли дигар шоирон калимоту таркиботи арабӣ ҷо-ҷо ба чашм мехӯрад, ки ин як амри табиӣ мебошад, зеро дар он айём фаро гирифтани муқаддамоти арабӣ иқтизову ниёзи замон буд. Устод А.Зарринкӯб дар як мақолаи ихтисосӣ перомуни истифодаи абёту вожагони арабӣ дар шеъри шоир чунин баён мекунад: «ин ки чанд байт ва мисраи арабӣ ба таври пароканда дар байни шеърҳои форсии ӯ ҳаст, ҳокӣ аз ошноияш бо улуми лафзӣ аст ва ҳарчанд аз табаҳури фавқулоддае ҳокӣ нест, дар баъзе маворид танаввуи ҷолибе ба шеъри вай медиҳад ва онро аз якнавохтии одӣ холӣ мекунад:

طال اللیالی بعدکم و ابیض عینی من بکا
یا حبذا ایامنا فی وصلکم با حبذا

Тарҷумаи байт:

Пас аз Шумо шабҳои мо дароз гашту чашмонамон аз гиря кӯр,
Эй хуш он рӯзгоре, ки ба васли Шумо ба сар омад.

دوش آن نگارین روی من آمد به مستی سوی کم
تا شد ز رویش کوی من چون طور سینا پرضیا
تیره شبی کز هاویه دادی نشان هر صاویه
چون قطره ها از راویه پیدا کواکب بر سما.

Шафеии Кадканӣ зимни арзёбӣ ва бозрасии сувари хаёл дар шеъри шоирони араб ба мазмуну тасвирҳои ҳамсони ашъори Муъзӣ бо шоирони араб ишора намуда шавоҳиди фаровонеро пайдо намудааст» [11, 327-377].

Шоири дигаре, ки дар ин замина зикри номаш муносиб аст, Абдулвосеи Ҷабалӣ мебошад, ки аз шоирони дузабонаи хонадони ғазнавиҳо ва салчуқиҳо маҳсуб мешавад. Перомуни зиндагӣ ва осори вай дар сарчашмаҳои муътамаде мисли «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Тазкират-уш- шуарои»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амир Аҳмади Розӣ ва ғайра метавон маълумот пайдо намуд.

Худи шоир дар ашъораш ба шинохту ошноияш аз фарҳангу забони арабӣ ишороти фаровон дорад. Барои намуна метавон чанд байтеро хотиррасон намуд:

Ба сад ҳазор забон бештар ҳамехонанд,
Қасоиде, ки туро гуфтаам бад-ин дузабон
Агарчи дар Арабу дар Аҷам самар гаштаст,
Ба шеър гуфтани тозиву порсии Ҷабалӣ
Ба порсиву ба тозист назму наср маро,
Ба шарқу ғарб масиру ба абру баҳр маҷол» [3, 677].

Дар девони шоир абёти фаровон ба забони арабӣ ҷойгузин шуда. Дар ин ҷо барои таъйиди фикр мо танҳо аз муламмаъҳои ӯ пораеро зикр менамоем.

ایا قرة العینی هات المدام.
فما العیش الا السرور المدام

Тарҷумаи байт:

Эй нури чашм, ҷоми шаробам бидеҳ,
Ки зиндагӣ танҳо хушии бардавом аст.

شرابی که از غایت صفوتش
نبینی چو بر کف نهی جز که جام

Дар поёни ин бахш бояд хотирнишон гардад, ки мавзӯи аслии адабиёти даврони ғазнавиён мадҳу такриму ситоиши сардамдорон, аҳли салтанат маҳсуб гардида жанри марсуми ин замон барои мадҳ қасида мебошад. «Зеро, қасида ба сабаби он ки аз лиҳози теъдоди абёт пас аз маснавӣ қарор дорад ва қофияҳои он аз оғоз то анҷом якнавохт аст, аз шоир тақозои ҷустуҷӯи қофияҳои тозаро мекунад ва ӯро ба он во медорад, ки бештар барои овардани қофияи мувофиқ ба забони арабӣ ручӯъ намояд. Ба ин сабаб, дар қасоиди шуарои ин аҳд ба теъдоди бештари алфозу ибороти тоза бармехӯрем» [1, 90].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе, 2001. – 235 с.
2. Бертельс Е. Э. История персидской литературы / Е. Э. Бертельс. – М: Издателтство Восточной лит-ры, 1960. - 554 с.
3. Абдулвосеи Ҷабалӣ. Девон / Абдулвосеи Ҷабалӣ; бо эҳтимом ва тасҳеҳу таълиқи Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1341. - Ҷ.II. - 680 с.
4. Масъуди Саъд. Девон / Масъуди Саъд; бо муқаддимаи Рашид Ёсимӣ. – Теҳрон: Интишороти Нигор, 1384 -757с.
5. Дудпӯё Умар Муҳаммад. Таъсири шеъри арабӣ бар такомули шеъри форсӣ / Дудпӯё Умар Муҳаммад. - Теҳрон, 1382 – 238 с.
6. Унсурулмаолии Кайковус Қобуснома / Унсурулмаолии Кайковус; бо эҳтимом ва тасҳеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. - Теҳрон, 1366. – 610 с.
7. Шиблии Нуъмонӣ. Шеърулаҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ. – Теҳрон, 1368. - Ҷ.I. – 624 с.
8. Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ / Озартоши Озарнӯш. - Теҳрон, 1385. – 402 с.
9. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон, 1373. - Ҷ.II. - 1128 с.
10. Шафақ Ризозода. Таърихи адабиёти Эрон / Шафақ Ризозода. - Теҳрон, 1369. - 424 с.
11. Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ. - Теҳрон, 1380. - 742 с.

ДВУЯЗЫЧИЕ В ТВОРЧЕСТВЕ ПОЭТОВ-СОВРЕМЕННИКОВ МАСЪУДА САЪД САЛМОН

Статья посвящена анализу влияния арабского языка на поэзию эпохи Масъуда Саъд Салмон. Особое внимание уделено предпосылкам распространения и усиления арабского языка и культуры на персидскую литературу. Отмечено, что хотя арабский язык всегда был чужд широким слоям народа, но его влияние на поэтов-современников Масъуда было значительным. Некоторые поэты творили на двух языках.

Ключевые слова: литература, арабский язык, поэзия, двуязычие.

BILINGUALISM IN THE CREATION OF CONTEMPORARY POETS MASUD SAD SALMON

This article analyzes the influence of Arabic poetry era Masud Sad Salmon. Particular attention is paid to the dissemination and strengthening of the prerequisites of the Arabic language and culture in the Persian literature. Itmecheno that although the Arabic language has always been a stranger to the general people, but its influence on the poetry of contemporary Masud was significant. Some poets worked in both languages.

Key words: literature, Arabic poetry, bilingualism.

Сведения об авторе: ***Ш.А. Саидалиев*** – аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 918-85-00-30.** E-mail: **osafiabdullo@mail.ru**

РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ СУҒДИ ҚАДИМ БО ҲИНДИ БОСТОН

Олимҷон Хоҷамуродов
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ба қавли доктор Дориюш Шойгон ҳиндушинос ва фарҳангшиноси маъруфи Эрон: “Ҳинд манбаи файёзи тафаккуру диёнат дар Осиё будааст. Ба эътиборе метавон гуфт, ки тамоми тамаддунҳои бузурги Осиё таҳти таъсири биноҳои фикрии хиракунанда ва фохири ҳиндӣ будаанд” [1, 190].

Хешовандии забони авастоӣ бо санскритии ведоӣ, мавҷудияти асотиру худоёни муштарак нишондиҳандаи он аст, ки ҳиндуҳо ва эронитаборон асилтарин фарзандони қавми аввалияи ориёӣ ҳастанд.

Робитаҳои забонӣ ва фарҳангиву маънавӣ, агарчи дар раванди таърих гоҳе гусаста ва гоҳе боз бо ҳам гиреҳ хӯрдааст, аммо ҳеҷ гоҳ аз байн нарафтааст. Ва, ҳатто дар густаришу тарвиҷи дину ойини ҳамдигар кӯмак кардааст. Аз ҷумла, дар таблиғу нашри дини буддоӣ дар Чин мардумони эронтабори Осиёи Миёна нақши вижае доштаанд ва гӯё нахустин мубашири дини буддоӣ дар он кишвар як нафар суғдӣ будааст [1, 200]. Ва тоҷикон, ки ворисони ҳамон суғдиёну бохтариёнанд, аз он ифтихор доранд, ки ниёконашон дар синтези фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ нақши чашмгире бозидаанд.

Дар ин мухтасар мехоҳем перомуни робитаҳои ақидатӣ ва фарҳангии мардуми Суғди Панҷакенти бостон бо сарзамини бузурги Ҳинд нигоҳи иҷмолие намоем.

Тибқи тайиди бостоншиносону муаррихин асрҳои V то VIII мелод даврони шукуфоии фарҳангу ҳунари Суғд, ки марказаш Самарқанду Панҷакент будааст, ба шумор меравад. Аммо, сарзамини Суғд қабл аз ин давра, дар арсаи таърих ҳамеша ҷузъе аз императориҳои бузурги Шарқ маҳсуб шуда, дар раванди он фарҳангу тамаддун ва адёну боварҳои мухталифро дар худ мутаҳамилу пазиро шуда, онҳоро такмил ё навсозӣ кардааст [2, 96-107].

Агарчи аз нимаи дувуми асри VI пеш аз мелод сарзамини Суғд таҳти қаламравии императори Ҳаҳоманишиҳо буд, аммо суннату одати суғдиён бештар ба ҳамсоягони хеш – бохтариёну хоразмиён наздиктар будааст, то форсҳову модҳо. Ва шояд нахустин муҳоҷирати суғдиҳо ба тарафи Шарқ, махсусан ба Чину Ҳинд, дар асари Самарқанду Панҷакентро истило кардани Искандари Макдунӣ ва шикасти сахти муборизаи шадиди мардуми ин вилоят бо сарлашкарии Спитамен, оғоз шуда бошад.

Бинобар таъкиди муаррихин, ба таври дастаҷамъӣ суғдиёни муҳоҷир ибтидо дар водиҳои Тарима ва Чини шимолӣ маскан гузидаанд [2, 105].

Аммо, муҳоҷирон робитаи худро бо сарзамини обоии хеш, бавижа бо Самарқанд, ҳифз намуда, дар умурии тиҷоратии он ҳамкорӣ мекарданд. Аз ин рӯ, дар ҳудуди солҳои 300 – уми мелод дар масири "Роҳи абрешим," дар болооби рӯдхонаи Синд (Ҳинд) беш аз соири халқҳо, тоҷирони суғдиро метавон мушоҳида кард. Ва ин тиҷорати дутарафа сабаби омадан ва ба вилояти Суғд муқимӣ шудани ҳиндуёни тоҷир мегардад [3, 5]. Табиист, ки зиндагии тӯлонии ҳиндуҳо дар шаҳрҳо ва шаҳристонҳои вилояти Суғд бо анҷоми ойину маносики милливу динии хеш тавъам будааст. Ҳиндуҳои тоҷир бе ҳеҷ мамоният, бо одобу маносики диниву миллии хеш ба сарзамини Суғд ворид мешаванд, зеро мардуми Суғд дар тӯли таърих ҳеҷ гуна вокуниши манфие ба ойину адёни бегона надоштанд ва ба маросиму маносики бегонагон як навъ эҳтиром қоил буданд. Ин амр боиси он мегардад, ки дар асари таъсири мутақобилаи диниву фарҳангии суғдиёну ҳиндуҳо як навъ синтези фарҳангӣ арзи вуҷуд мекунад. Махсусан, баъд аз тарафи Эфталитҳо тасарруф шудани Суғд ва қисмате аз кишвари Ҳинд, таъсирпазирии фарҳангиву ақидатӣ боз ҳам густардатар гашта, робитаҳои ин ду мардум боз ҳам наздиктар мегардад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ аз Панҷакенти қадим собит месозад, ки ҳунари шамоилнигории (иконаграфияи) ҳиндӣ дар осори ҳунарии Панҷакенти бостонӣ ба таври фаровон истифода шудааст.

Дар деворнигораҳои Панҷакент тасвири худоёнеро метавон дид, ки дар тахти ду сари филдошта нишастаанд. Шояд наққоши суғдӣ дар ин тасвир рамзи махсусеро нуҳуфта бошад, зеро дар асотири суғдӣ образи фил вуҷуд надорад ва суғдиён филро ҳамчун ҳайвоне, ки маконаш Ҳинд аст, медонистаанд. Шигифтовар он аст, ки наққошони суғдӣ дар тасвири худоён на танҳо аз шамоилсозии ҳиндӣ, балки аз пайкараҳои худоёну олиҳаҳои ҳиндӣ низ тақлид мекарданд. Яке аз донандагони барҷастаи таъриху фарҳанги Суғди бостон, бавижа Панҷакенти қадим, шодравон Б.И.Маршак бар ин ақида аст, ки "суғдиён чун бохтариҳо худоёни хешро бо худоёни ҳиндуҳо татобуқ медонанд. Масалан, Адбаги суғдиро (суғдиён худои зардуштӣ – Аҳуромаздоро ба ҳайси худои бузург – Адбаг меномиданд) бо шоҳи худоёни ҳиндӣ – Индра баробар дониста, нишаста дар болои фил тасвир мекарданд" [3, 16].

Дар деворнигораҳои маъбади дар арки Панҷакент ёфтшуда, ду тасвире аз Шива – Шива Махешаварамутӣ ва Шива Натараҷа наққошӣ шудааст, ки аз маъмул будани ойини ҳиндӣ дар ин шаҳри суғдӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ба андешаи бостоншиносони маъруф А.М. Беленитский ва Б.И.Маршак ҳафриёти бостоншиносии Панҷакенти қадим собит сохта, ки дар деворнигораҳои ин шаҳри бостонӣ таъсирпазирӣ аз шамоилнигории ҳиндӣ–буддоӣ хело возеҳ ба назар мерасад. Зеро симоҳои худоёни суғдиро, ки бо таъсир ё тақлид аз шамоилнигории Шива наққошӣ шудаанд, на ҳамеша аз худоёни ҳиндӣ метавон ташхис дод. Барои мисол, худои бод – Вишпаркор ба Маҳдева, ки яке аз тимсоли Шива аст, шабоҳат дорад.

Ба қавли Б.И.Маршак ин кеш аз таърихи Бохтар ба Суғд омада, дар тасвири худоёни маҳаллӣ таъсир гузоштааст. Дар натиҷаи бозёфтҳои ҳафриёти бостоншиносӣ Б.И.Маршак ва А.М.Беленитский собит сохтаанд, ки дар маъбади бузурги шаҳристони Панҷакент, барои ибодати Шива ва Парватӣ ҷойи муайяне ҷудо гардидааст, аммо дари вурудии онро на аз даромадгоҳи асосии маъбад, балки мустақиман аз кӯча боз кардаанд [3, 17].

Дар паҳлӯи тасвирҳои ҳамосии эронӣ – суғдӣ, ки аксари деворнигораҳои хонаҳои Панҷакенти бостонро оро додаанд, махсусан, "Ҳафт хони Рустам",

ҳамчунин наққошиҳое аз ривоятҳои ҳамосии ҳиндии “Маҳабҳарата”, “Панчатантра” ва “Калила ва Димна” – ро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар миёни мардуми суғди Панҷакент об низ аз муқаддасот ҳисобида мешудааст. Бад-ин робита боз як умумияти эътиқодие миёни суғдиёни Панҷакент ва мардуми Ҳинд дида мешавад.

А.М.Беленитский як тасвири ҷолиберо, ки шабеҳи ҳайкалмусаввараҳои Гвалиёри Ҳинд аст, дар деворнигораи қисми ғарбии маъбади дуюми Панҷакенти куҳна кашф мекунад. Ин манзара тасвири ба ҳам якҷо шудани ду шохоби рӯдхонае, ки дар дохилаш чеҳраҳои одамони мухталиф наққошӣ шудаанд, мебошад. Шаке нест, ки дар наққошии Гвалиёр дарёҳои Ганга ва Ҷамна тасвир шудаанд, ки омезиш ё якҷошавии онҳо дар наздикиҳои Аллоҳобод сурат мегирад ва имрӯз он ҷойро Сангам* меноманд ва барои пайравони кеши ҳиндуӣ мавзеи муқаддастарин аст. Оби ин рӯдхона ҳазорсолаҳо барои ҳиндуҳо муқаддас мебошад. Ин ҷо суоле матраҳ аст, ки деворнигораи Панҷакент ифодагари чист?

Ба андешаи А.М. Беленитский: “Мисли мусаввараи Гвалиёр дар деворнигораи Панҷакент мо тасвири рӯдхонаи мушаххасеро мебинем, ки он рӯд маҳз Зарафшон аст” [4, 77]. Муаррихони дигар низ аз ин андеша пуштибонӣ намуда, таъйид мекунанд, ки дар ин наққошӣ ду шохоби калони Зарафшон ва ба ҳам омезишёбии онҳо инъикос шудааст.,

Муқаддас шуморидани рӯди Зарафшон аз замонҳои қадим маълум аст, зеро Зарафшон дар сарчашмаҳои юнонӣ бо номи Политимет (мавриди парастиши беҳад) ва ба сӯғдӣ Номик, яъне «машҳурбуда» ёд мешавад.

Ҳафриёти бостоншиносӣ аз мавҷудияти ойини буддоӣ дар Панҷакенти қадим низ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди он ки бо оғози “Роҳи абрешим” дар байни суғдиёни тоҷири Ҳафтрӯду Синзян ойини буддоӣ мураввaҷ буд, аммо дар мавҷудияти ин кеш дар миёни суғдиёни Самарқанду Панҷакент як падидаи ғайриоддист. Ба қавли Б.И.Маршак: “ Шакли қолабрезишудаи шамоили сафолини муҷассамаи Буддои нишаста, ки аз ҳафриёти Панҷакент ёфт шудааст, бо шамоилнигорӣ ва сабки вижааш мунҳасир ба фард сохта шуда, мислаш дар дигар кишварҳо пайдо нашудааст” [3, 25]

Ба андешаи ин донандаи мумтоз вижагии ин падида дар он аст, ки гарчанде ойини зардуштӣ дар Суғд хело пеш аз истилои Ҳахоманишинҳо ривоҷ дошта, аммо чуноне ки дар Эрон буд, ин ойин ҳеҷ гоҳ дини ҳоким дар ин сарзамин набудааст. Зеро, дар шароити парокандагии сиёсӣ ва низоми мулукуттавойфӣ барои суғдиён аҳамияти аввалиндараҷаро парастиши худоёни алоҳида мебозид. Аз ин рӯ, ҳар як ҳокими шаҳр, раиси сулола ё хонаводаи ашроф яке аз худоёнро пуштибону сарпарасти хеш ҳисобида, ба он эътиқоди аввалдараҷа дошт. Аммо, ин эътиқод на бад-он маъно, ки дигар худоён мавриди парастишу эътироф нестанд. Дар баъзе аз хонаҳои ашроф тасвири чандин худоён ё олиҳахудоён наққошӣ шудаанд ва тартиби ҷойгоҳи онҳо дар ин деворнигораҳо бар асоси эътиқоду парастиши соҳиби хона наққошӣ гардида, на аз рӯйи силсиламаротибаи ойини зардуштӣ ё меҳрпарастӣ.

Бар пояи тасвирҳо ва деворнигораҳои аз ҳафриёти Панҷакенту дигар нуқоти Суғди бостон бадастомада, Б.И.Маршак ба чунин хулоса омадааст, ки “таваҷҷуҳи сокинони Панҷакенти бостон ва умуман суғдиён ба олиҳаи ғайризардуштӣ – Ноноя бештар будааст” [3,25].

---

*Сангам (аз забони санскрит, ба маънии “омезиш, якҷошавӣ) маконе, ки руди бузурги Ҷамна (Ямуна) ба дарёи Ганг пайваст мешавад ва бар асоси оини ҳиндуӣ дар ин макони омезиш рӯди муқаддаси Сарасватӣ аз зери замин ба ин ду руд як ҷо мешавад ва ғусл дар ин ҷо инсонро аз ҳама гуноҳон пок месозад.

Ин андеша қаблан аз ҷониби бостоншиноси маъруф А.М.Беленитский низ таъкид шудааст. Ӯ чунин ёдовар мешавад: “Яке аз ҷолибтарин осори тасвирии мазҳабии Панҷакент иборат аст аз тасвири як олиҳазан бо чаҳор даст, ки дар соли 1964 ҳангоми ҳаффорӣ дар бозмондаҳои меъмории як маҷмӯаи сохтмони қабл аз худи маъбад дар ҳисори маъбади дуюм ба даст омад. Олиҳаи мазбур ба рӯйи тахте ба шакли як ҳайвони афсонавие – аждаҳо бо бадани мор ариза шудааст. Олиҳаи дигаре бо чаҳор даст дар миёни як гурӯҳи чаҳорнафарӣ аз занони гирён ба рӯйи нақшӣ дар маъбади дуюм дида мешавад” [4, 258].

Сипас А.М.Беленитский дар натиҷаи омӯзишу таҳлили ин осор бо кӯмаки бархе матнҳои навишташуда ба хулосае меояд, ки “ин олиҳаҳо дар Панҷакент зери номи “Ноноя” мавриди ситоиш қарор доштаанд. Ойини марбут ба ин олиҳагон зери ин ном ё номи дигар дар тамоми Ховари Наздик аз замонҳои бисёр қадим маъмул будааст” [4, 258]. А.М.Беленитский таъкид мекунад, ки ин ном, яъне Ноноя дар як тарафи сиккаи (тангаи) маҳаллии аз Панҷакент бадастомада низ, ҳак шудааст ва ҳамчунин яке аз ҷуғрофиянависони араб дар лақаби расмии силсилаҳои ҳокимони маҳаллӣ мавҷуд будани ин номро ёдовар мешавад [4, 258].

Ҷойи зикр аст, ки ин нуқтаи назар аз ҷониби мутарҷими форсии китоби арзишманди А.М.Беленитский “Шаҳри асримиёнагии Осиёи Миёна “ дар тарҷумаи форсиаш “Хуросону Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна)” доктор Парвиз Варҷованд зери суол гузошта мешавад. Дар чопи форсии ин китоб бахше зери унвони “Нақди мутарҷим бар натиҷагириҳои нависандаи китоб,” ҷо дода шуда, дар зерфасли “Масоили таърихи мазоҳиб”-и он мунтарҷим чунин изҳори андеша мекунад, ки олиҳа Ноноя ҳамон олиҳаи шинохтаи эронитаборон “Ноҳид” аст. Зеро номи “Ноноя” исми дигари ин олиҳа дар Миёнрӯдон (Байнаннаҳрайн) мебошад. “Номи мазбур бидуни шак номе ҷуз “Оноҳито” набуда ва ба шаҳодати муҷассамаҳои кӯчаки гилӣ, ки самбули ин олиҳа бо тарҳу сабки хос буданду дар бештари ковишҳои минтақа ба даст омадаанд, бояд гуфт, ки аз дер боз мардуми минтақа бо ойини Ноҳид пайванде жарфу огоҳона доштаанд” [4, 268].

Тавре ки мулоҳиза шуд, дар Панҷакенти бостон як синтези боварҳову ойинҳо вуҷуд доштааст ва нақшону тасвирнигорон бо таъсирпазирӣ аз шамоилнигории ҳиндӣ, бештар мутобиқи майлу салиқаи фармоишгарон ба тасвири худоёну олиҳаҳо мепардохтанд.

Берабт нест, агар дар ин ҷо натиҷагирии судманди донишманди фақид Б.И.Маршакро перомуни фарҳангу ҳунари мунҳасир ба фарди суғдиён иқтибос намуда, ба ин баҳс хотима диҳем.

“Мероси ҳунарӣ-бадеии суғдӣ то замони мо завқу талоши халқеро расонида, ки қариб бо тамоми фарҳангҳои замонаш ошноӣ дошт ва бо вуҷуди он вижагии ҳунари хешро бо динамизиму ахлоқияти он ҳифз кардааст, ки бо вазоифи тарбияи шаҳрванди фаъолу соҳибэҳтироми ватани хеш, содиқ ба худоёну ғояҳои ҳамосасоз ва дар талоши фарогирии дарсҳои зиндагӣ иртиботи амиқ доранд” [3, 63].

Мутаассифона, соли 722 ин шаҳри зебои суғдӣ, ки маҳди таҳаммулпазириву эҳтироми мутақобилаи адёну кешҳои мухталиф дар Варорӯд ба шумор мерафт, аз тарафи аъроб тӯъмаи оташ гардонида шуд. То ба имрӯз дар ин мавзеъ касе зиндагӣ намекунад ва шаҳри ҷадиди Панҷакент дар қисмати шимолии он, дар соҳили чапи рӯди Зарафшон бунёд гардидааст.

Ҳиндуҳое, ки дар шаҳристони Панҷакент ва имтидоди яке аз масири “Роҳи абрешим”: Самарқанд-Панҷакент-Қаратоғ, яъне дар қисмати шимолии қаторкӯҳӣ Ҳисор зиндагиву тиҷорат мекарданд, барои наҷоти хеш аз ҳамлаи аъроб, шояд ба водии Ҳисор нақли макон карда бошанд. Зеро, дар ин даврон аз кӯҳҳои душворгузар,

ки муҳофизи мардум аз ҳамлаи душманони саҳронишин буд, гузашта ба водии Ҳисор маскан ёфтани ин қавм аз ҳақиқат дур нест.

Шояд ҳиндуҳои имрӯзаи Ҳисор, ки баъд аз таҳқиқи эроншиноси маъруфи рус Оранский И.М. ба номи қабилаи парияи ҳиндӣ мушаххас шуданд, аз марказҳои фарҳангии Суғди бостон ва Панҷакент омада бошанд.

То ба имрӯз дар байни мардуми дараҳои Киштуд, Шингу Моғиён мураввaҷ будани истилоҳи “деҳи ҳиндуён” дар мавзеъҳое, ки дар имтидоди роҳи корвонгузари “Панҷакент–Қаратоғ” қарор доранд, гувоҳӣ ба водии Ҳисор ва ё дубора ба Ҳинд кӯч бастани ҳиндуёни Суғди бостон мебошад.

Табиист, ки дар натиҷаи аз як хонаводаи забонӣ будани забонҳои эронӣ ва ҳиндӣ метавонад корбурди вожаҳои умумиеро ба миён орад. Намунаи барҷастаи он умумияти забонии “Авесто” ва “Ригведа”, махсусан, дар қисмати готҳо ва мандалҳо мебошад.

Аммо, дар водии Зарафшон, бавижа дар Панҷакенти имрӯза, баъзе вожаҳое мураввaҷанд, ки решаи ҳиндӣ доранд. Масалан, вожаи “балам”, ки аз тарафи мардуми Панҷакент бештар ҳангоми изҳори дарду алам дар маросими мотам ва аз даст рафтани шахси бисёр азиз истифода мегардад. Ин вожа як воситаи баёни таассуфу дард ё нидои сӯзу гудоз маънидод мегардад, ки бо нидои “во-балам!” изҳор мешавад. Ин вожа решаи ҳиндӣ дошта, шакли дурусти он “балма” аст ва дар ҳиндӣ ба шакли “балам” низ мавриди истеъмол мебошад. Маънои “балма” ба забони тоҷикӣ “азиз”, “дӯстдошта” ва “шахси наздик” аст, ки дар лаҳҷаи тоҷикони Панҷакент ба ҳамин маъниҳо истифода мешавад. Ин калима ба ҳамин маънӣ аз тарафи лӯлиён ё ҷӯгиёни Панҷакенту Самарқанд низ ҳамчун ифодаи меҳрубонӣ ҳангоми муроҷиат кор фармуда мешавад: “Биё, балам, хайр кун!”, яъне биё, азизам, хайр кун.

Албатта, ин масъала таҳқиқу тафаҳҳуси амиқеро тақозо дошта, аз доираи баҳси ин мақола хориҷ аст. Ва таҳқиқи чунин калимаҳои иқтибосӣ бисёр масоили робитаҳои фарҳангӣ ва зистшиносии мардуми ин минтақаро равшан месозад.

Дар интиҳои ин мухтасар метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки робитаҳои мутақобилаи фарҳангии Варорӯд, бавижа Суғду Ҳинди бостон таърихи дерина дошта, аз асотиру боварҳо ва фарҳангу ҳунари муштараки ин ду қавми ориёӣ гувоҳӣ медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Дорюш Шойгон. Осиё дар баробари Ғарб / Дорюш Шойгон. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1382 ҳ.ш.
2. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон / Бобоҷон Ғафуров. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе: Ирфон, 2010.
3. Маршак Б.И. Искусство Согда / Б.И Маршак. - С-Петебург: Из-во Государственного Эрмитажа, 2009.
4. Беленитский А. Хуросон ва Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна) / А. Беленитский; мутарҷим доктор Парвиз Варҷованд. – Теҳрон: Нашри гуфтор, 1363 ҳ.ш.

КУЛЬТУРНЫЕ СВЯЗИ ДРЕВНЕГО СОГДА С ИНДИЕЙ

В статье на базе археологических находок древнего города Пенджикент (5-8 вв н.э.), в основном на материалах настенных росписей и культовых скульптур в аспекте культурологического исследования, прослеживаются культурно-религиозные связи и взаимовлияние древних согдийцев и народов Древней Индии с древних времен до 8 в.н.э.

Археологические находки доказывают, что воздействие индийской иконографии на культовую иконографию Согда, начинается с 7 в.н.э. , когда эфталиты, одновременно владели Согдом и частью Индии. О влиянии индийской иконографии позволяет судить многочисленные и разнообразные терракотовые иконы, настенные росписи найденные в аркахи и домов богатых вельмож древнего Пенджикента. К примеру, согдийский Адбаг (верховный бог зароострийцев Ахура Мазда, имя которого согдийцы заменяли эпитетом Адбаг-великий бог) был изображен подобно индийскому царю богов Индра, сидящим на слоне.

Согдийцы были толерантны по отношению религий и вероисповеданий народов,проживавших в их стране , в том числе индусам живущих и занимающихся торговлей в г. Пенджикенте. в результате сочитания

различных вероисповеданий и культовых традиций согдийцы сознательно, создавали новое религиозное искусство древнего Согда.

Ключевые слова: культура, иконография, согдийцы, искусство, археологические находки, Пенджикент.

CULTURAL RELATIONS OF ANCIENT SOGDIANA AND INDIA

The paper based on the archaeological finds of the ancient city Panjikent (5-8 centuries BC), mainly on materials wall paintings and sculptures in the cult aspect of cultural studies traced cultural Religious Relations and mutual ancient Sogdian peoples of ancient India from ancient times to 8 century AD Archaeological evidence indicates that exposure to the iconic Indian iconography iconography Sogda begins with 7 century AD When Ephtalits simultaneously possessed Sogdiana and parts of India. On the influence of Indian iconography to judge the many and varied terracotta icons, wall paintings found in the arches of the ancient homes of the rich nobles Panjikent. For example, Sogdian Adbag (Zoroastrians supreme god Ahura Mazda, whose name was changed Sughdians epithet Abaga-great god) was portrayed like the Indian king of the gods Indra, seated on an elephant.

Sogdians were tolerant of religions and faiths of the peoples living in their country, including Hindus living and engaged in trade in Panjikent. Resulting promptness of different faiths and religious traditions Sughdians consciously created a new religious art of ancient Sogdiana.

Key words: culture, iconography, Sogdians, art, archaeological finds Panjikent.

Сведения об авторе: ***О.Х. Ходжамуродов*** - доктор филологических наук, профессор кафедры гуманитарных наук Технологического университета Таджикистана

ПРЕМЧАНД - РОМАННАВИС

М.А. Нурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи жанрҳои мансур роман ҳамчун жанри асосию пешво, бо суръат равнақёбандаи адабӣ, дар адабиёти аксари миллатҳои мутамаддини ҷаҳон эътироф гардидааст. Бесабаб нест, ки таваҷҷуҳи донишмандон ва муҳаққиқини соҳаи хеш низ дар мавриди шинохт ва тадқиқи табиати ин жанр ва созмони бадеии он меафзояд.

Агар ба решаҳои таърихии зуҳури унсурҳои асосии жанри роман назар кунем, собиқаи рангин ва тӯлонии таърихи жанри мазкурро дар адабиёти қадимаи халқҳои Ҳиндустон ва инчунин адабиёти баъдинаи ҳиндӣ низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Муаллифи асари бузургҳаҷм ва ё офарандаи роман ё романнавис воқеияти зиндагиро акс ва пешниҳод мекунад, баъзан худ ба ҳайси шахси воқеӣ бо сарнавишту зиндагинома ва хусусиятҳои фардӣ баромад карда, бо ин васила санъати эҷодии худро пешорӯ меорад. Яъне, нависанда-романнавис на танҳо чун офарандаи осори бадеӣ хизмат мекунад, балки масъулияти бузургеро бар дӯш дорад ва назди таърих ва хонандаи худ ҷавобгар низ ҳаст. Зеро эҷодкор вазифадор аст, ки ҳодисаҳои таърихии даври худ ва халқу миллати худро бе таҳриф таҷассум кунад. Дар баробари ин «осореро ба хонанда пешниҳод намояд, ки сазовори адабиёти пурбору суннати гузашта ва ҷавобгӯйи ниёзҳои адабии замони нав бошад» [3, 104] ва дар ҳалли ин, пеш аз ҳама, ба суннатҳои адабии миллӣ, ҳадаф ва вазифаҳои ҷомеаи нав диққати хосае додан лозим меояд.

Яке аз масъалаҳои мураккаб ва серпаҳлӯ, ки таҷрибаи адабӣ нишон медиҳад, интихоби мавзӯъ мебошад, ки баъзан он аз масоили зиндагии шахсии адиб сарчашма мегирад. Ба таври дигар, ҳаёти муаллиф низ асоси мавзӯи асар мегардад. Агар ба ҳикояву романҳои адиби шуҳратманд, асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ, нобиғаи адаб Премчанд (1880-1936) назар андозем, замони мудҳиши давр ва ҳаёти вазнини азсаргузаронидаи адибро мушоҳида кардан мумкин аст.

Премчанд чун поягузори як марҳилаи таърихӣ дар таърихи адабиёти ҳиндӣ шинохта шуда, рӯзгори замони худ, куҳану навин, худию бегона ва пастию баландиҳои зиндагии иҷтимоии муосиронашро дар эҷодиёти худ тасвир намудааст. Ӯ ба ҳайси нависандаи воқеӣ, ки дар роҳи эҷодии худ пайдарпайии зиндагии инсонҳо, халқҳо, минтақаҳо ва умуман кулли мардумро фаро мегирад. Премчанд ба тасвири гузаштаи фард, шахс ва ҷомеа тавассути афкори хоси худ диққати амиқ додааст.

Воқеияти давр ва муҳити маънавии ҷомеа, шароиту ниёзҳои тозаи иҷтимоию сиёсӣ аз адибону адабиёт, тасвири равшану серпаҳнои ҳақиқати зиндагиро талаб

менамуд, роҳҳо ва самтҳои инкишофи адабиётро дар тӯли солиёни зиёд таъйин кард. Дар чунин шароит Премчанд ба таълифи асари калонҳаҷми насрӣ, яъне роман рӯ овард, ки дар ҳаллу баррасии бадеии масоил ва мавзӯи давру замон ба миён омада, бештар қобили қабул буд.

Ба майдони адабӣ ворид шудани жанри роман дар таърихи адабиёти Ҳиндустон ҳодисаи бузурге ба шумор меравад. Дар ташаккули насри Ҳинд ин нуктаи асосӣ аст, ки барои даҳсолаҳои оянда ҷараёни ҳаёти мадании Ҳиндустонро муайян намуд. Сар задани жанри роман дар адабиёти халқҳои Ҳиндустон аз аввали асри XIX ба назар мерасад. Асарҳои бузургҳаҷм ба забонҳои адабии Ҳиндустон, аллакай, дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шудан гирифтанд.

Зуҳури равияи романнависӣ дар насри муосири ҳиндӣ бо ному осори Премчанд иртиботи бевосита дорад. Ин аст, ки ташаккули романи даврони ҷадидро бо назардошти осори адабии Премчанд ба давраҳо тақсимбандӣ намудаанд: романи ҳиндӣ то Премчанд (Премчанд-пурв ҳиндӣ-упаняс); романи ҳиндӣ дар замони Премчанд (Премчанд-югин ҳиндӣ-упаняс); романи ҳиндӣ пас аз Премчанд (Премчанд ёттар ҳиндӣ-упаняс) [5, 3].

Таърихи ташаккули романи ҳиндии давраи нав аз бисёр ҷиҳат ба зуҳур ва ривоҷи тамоюли сарзада дар наср вобаста аст. «Зеро маҳз тавассути амиқрафти меъёрҳои тасвири реалистӣ муносибати нависандагон ба воқеияти зиндагӣ ба куллӣ тағйир пазируфта, муборизаи халқ барои бунёди ҷомеаи нав мавриди тасвири насри бадеӣ қарор гирифт» [3, 104].

Агар ба романи ҳиндӣ аз нав баҳогузорӣ намоем, инро гуфтан лозим аст ва ин далели бебаҳс низ мебошад, ки ба саҳнаи адабиёти ҳиндӣ Премчанд барин як нависандаи ҳақиқатнигор ва дақиқнигор қадам гузошт, ки дар офариниши романҳо сусткориро намеписандид. Дигар адибони ҳамзамон ва ҳамфикри Премчанд романҳоеро нигарон буданд, ки дар он қаҳрамонҳо ва ҳодисаҳо ҳақиқатнигорона, зиндадилона, илҳомбахшанда тасвир шаванд. Интизории онҳо баробари нашр шудани романи «Паноҳгоҳ» («Севасадан» 1922), ки ба қалами Премчанд тааллуқ дорад, ҷомаи амал пӯшид.

«Премчанд-юг» ё давраи Премчанд солҳои 1918 то 1936-ро дар бар мегирад. Дар адабиёти ҳиндӣ ин аср бештар бо номи «Чҳаявад» машҳур аст. Асри «Чҳаявад» дар адабиёти ҳиндӣ асри бедоршавӣ буд. Эҳсос, мақсади миллӣ, муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ баҳри истиқлолият ва дигар хусусиятҳои бедоршавии шуурнокӣ дар ҷомеаи Ҳинд, боиси дар саҳнаи адабӣ пайдо шудани асарҳои насрӣ ва махсусан романи ҳиндӣ ба назар мерасад. Ин ҳиссиёт дар вуҷуди адиби маъруфи Ҳинд, асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд низ, сар мезанад. Дар даҳсолаҳои аввали садаи XX ба майдони сиёсии Ҳиндустон Маҳатма Гандӣ, ё чӣ тавре ки ӯро меҳрубонона «Падари миллати Ҳинд» меноманд, қадам гузошт ва ғояи муборизаи ғайризӯроварӣ (аҳинса)-ро паҳн намуд. Чун таълимоти гандизм саршор аз ақоиди инсонпарварӣ буд, ин ҷараён дар саросари Ҳиндустон бо тезӣ паҳн шуд ва пайравони зиёдеро пайдо кард. Таълимоти Гандӣ-ҷӣ дар худ ҳақиқати зиндагӣ, ки омили бузурги ҳаётро дошт, таҷассум мекард. Таълимоти Гандӣ, чун болотар ишора намудем, пайравони зиёдро пайдо намуд ва бешубҳа, ба адибону мутафаккирони замон низ бетаъсир намонд. Дар эҷодиёти Премчанд барин адиби маорифпарвар, махсусан дар ҳикояи ӯ бо номи «Кафан» ва романи давраи аввали эҷодиёти адабиаш «Паноҳгоҳ» таъсири гандизм баръало мушоҳида мешавад. Дигар паҳлуи эҷодиёти Премчандро ҳиндшиноси тоҷик Ҳ. Раҷабов, ки ба таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд машғул аст, чунин баён кардааст: «Дар насри Премчанд дигар ҷиҳат низ ба назар мерасад - таъсири маданият ва адабиёти Ғарб, вале он пайравии кӯр-кӯрона нест, балки он дар асоси маданияти ҳиндустонӣ тасвир шуда, симои мардуми ҷафодида дар сафи аввал меистад. Қаҳрамонҳои асарҳои Премчанд аз табақаҳои поёнии ҷамъият ихтиёр доранд, ки дар худ хислатҳои неки инсониро таҷассум мекунанд. Онҳо дар зиндагии пурмашаққати худ хеле шахсони пуртоқат, некбин, хизматгор, боғурур, дилсӯз буда, зиндагиро бо ҳама бурду бохташ оромона қабул мекунанд. Ва дар ин рӯзгори талху тақдирсозашон боз ҳам ҷиҳатҳои мусбии илҳомбахши ҳаётро бо хушӣ қабул мекунанд» [2].

Премчанд ақидаҳои созандагии Гандиро пурра тарафдор буд. Дар онҳо мувофиқати фалсафаи Аря самаҷ, хоксории Гандӣ-ҷӣ ва бузургии тилак (ишорае, ки мувофиқати каставиро нишон медиҳад) ҷой дорад. Дар асл, ба ақоиди ҳаёти

пешқадами замон мутобиқати Аря самаҷ, тилак ва ақидаи Гандӣ таъсири бевосита доштанд. Аз соли 1919 дар тафаккури қариб ҳамаи ҳиндуҳо таълимоти Гандӣ-чӣ пурра нақш баста буд. Гандиро халқи Ҳинд чун сарвари мамлакат эътироф мекард. Шиорҳои Гандӣ барои ягонагии халқҳои Ҳиндустон, дастгирии кастаи дастнорасҳо (ачҳутпан), зидди маводи мухаддир, ҳуқуқи занҳо, беҳтар намудани ҳаёти деҳот, омӯзиши миёнаи ҳатмӣ ва пурра, нигаҳдории тандурустӣ ва саломатӣ, вафодорӣ ба ватан, пос доштани забони давлатӣ ва меҳру муҳаббат ба забони миллӣ, сабук намудани меҳнати деҳқонону коргарон ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои донишҷӯён, дар ҳама гӯшаю канори Ҳиндустони бузург садо медоданд. Ҳамаи кӯшишҳои Гандӣ акси худро дар эҷодиёти пайравони ӯ ва инчунин Премчанд аён ба назар мерасад. Таълимоти Гандӣ бо инсонпарварии ӯ асос дошт.

Премчанд низ бо инсондӯстии худ дар саросари Ҳиндустон маълум аст. Ӯ мавқеи адабиётро дар зиндагии ҳар як шахс мустаҳкам карда, мегӯяд, ки «Аз гузаштаи куҳан барои инсон аз ҳама наздик инсон аст. Мо моҳияти дарду ғам, хандаю гиряро дарк мекунем ва ин аст ягонагии рӯҳи мо. Инсондӯстии бузург ва беҳадду канор ба тамоми халқҳои ҷаҳон ҳуқуқҳои инсониро ато мекунад, зеро ҳукми он миллат ҳаракатдиҳанда ва пешбарандаи сарват ва тафаккур мебошад». Рӯзҳои охири ҳаёт пояи боварии Премчанд ба идеализм хароб гашт. Аз романи «Севасадан» (1918) то «Годан» (1936) таълимоти «аҳинса»-и Гандӣ мавқеи худро аз даст дода, ҷойи онро муборизаҳои яроқнок бар зидди мустамликадорони англис ва муфтхӯрони дохилӣ ишғол намуд. Ягона роҳе, ки мардумро аз ҷабр озод мекард ин муборизаи яроқнок, яъне революцсия буд. Оқибат дурустии ин ҷараёнро таърих собит намуд ва соли 1947 Ҳиндустон соҳибистиқлол гашт.

Дар саҳифаҳои романи «Говсадақакунӣ» («Годан»)-и Премчанд натиҷаи дигаргунии нуқтаи ҳастии зиндагии худи адиб мушоҳида мешавад. «Годан»-и Премчанд чунин як асари шуҳратманд ва намунавӣ қарор гирифт, ки дарди беисти шахсияти Ҷайнендра, тафаккури мушкили пурпечутоби Илочандр Ҷошӣ, ҳақиқати сотсиалистии Яшпал, шахсияти романтикии Бҳагватичаран Варма, рӯҳбаландии Упендранатҳ Ашк ва инсонгарии бахтовари Амритлал Нагар аз он баҳра гирифтаанд. Ин он хислатҳое буданд, ки охири замони зиндагии Премчанд на танҳо адибону маорифпарварони даврро фаро гирифта буд, балки дар қалби ҳар як шахси ватандӯсту миллатпарвар ҷӯш мезад.

Премчанд дар баробари омӯзиши ҳақиқати зиндагӣ ва дар саҳифаҳои ҳикояву романҳояш тасвири он мавқеи адабиётро дар ҷомеа мустаҳкам кардааст. Ӯ ба адабиёт шавқу завқ дод, онро бо инсонгарӣ ва порсоӣ пур кард, лаззати эстетикӣ дод, барои ташаккули минбаъдаи он қувват бахшид. Барои ҳамин, дар романҳои ӯ инсони шуурнок барои дарки ҳақиқати зиндагӣ, ҷамъияти нав, тасвири симои идеалистӣ, акси ҳодисаҳои беруна, вазъи дохилӣ ва муборизаи ду ҳиссиёт: нав ва куҳан ҷой дорад. Ин романҳо ба забони ҳиндии сода, яъне забони ба халқ наздик ва ё ба таври дигар гӯем, забони мардумӣ навишта шудаанд. Дар саҳифаҳои ин романҳо Премчанд тасвири пурраи пешравии ҷомеа ва мавқеи сиёсии Ҳиндустони муосирро нишон додааст.

Дар адабиёти насрии ҳиндӣ бешубҳа, Премчанд асосгузори адабиёти муосир эътироф шудааст. Ӯ дар муборизаи зиндагӣ зебоиро тараннум мекард. Премчанд тафаккури хоббудаи мардуми Ҳиндро такон дод.

Премчанд вазифаи бузурги нависандаро фаҳмид ва дар зиндагиаш ин ҳақиқатро ба ҳамқаламон ва ҳамзамононаш тараннум мекард. Ӯ мавқеи адабиётро дар ҷомеа муайян ва пойдор кардан мехост. Ҳамин аст, ки Премчанд созандаи адабиёти ҳақиқатнигорона шинохта ва эътироф гардидааст.

Премчанд ба адабиёти ҳиндӣ бо романҳои худ ба мисли «Паноҳгоҳ» («Севасадан», 1918), «Манзилгоҳи муҳаббат» («Премашрам», 1922), «Нирмола» («Нирмала», 1923), «Саҳна» («Рангбҳумӣ», 1925), («Каякалпа», 1928), «Камомад» («Ғабан», 1931), «Майдони ҳарбу зарб» («Кармабҳумӣ», 1932), «Говсадақакунӣ» («Годан»), романи анҷомнаёфтаи «Фотиҳа» («Мангалсутра», 1936) ва ғайра саҳифаи тозаеро дар адабиёти ҳиндӣ кушод. Гуфтан лозим аст, ки нашри романи «Севасадан»-и Премчанд (тарҷумаи таҳтуллафзии он «Хизмат дар паноҳгоҳ») ба муаллиф шуҳрату эҳтироми хоса овард. Ин асар аввал дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сарасватӣ» чоп шуд ва танҳо соли 1918 ба шакли китоби алоҳида баромад. «Ба майдони адабиёти ҳиндӣ қадам гузоштани ин нобиғаи адаб дар жанрҳои насрӣ

дигаргунии судмандеро ворид намуд. Премчанд дар ин адабиёт аз суханварони беҳамто буда, тавонист бо маҳсули адабии худ дар адабиёти ҳиндӣ нақше гузорад, ки он баъди гузаштани солҳои зиёд ҳам назаррас ва омӯзанда мебошад. Ин адиби боистеъдоду сермаҳсул боиси шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани романи ҳиндӣ гардид» [1, 13].

Қаҳрамонҳои марказии ин шоҳасарҳо намояндагони табақаҳои поёнӣ ва миёнаи ҷомеаи Ҳиндустон интихоб шудаанд. Ин романҳои Премчанд ба муаллиф шуҳрати ҷаҳониро бахшид. Мавзӯи ин романҳо замонавӣ буда, барои ҳалли мушкилоти синфи меҳнаткаш хизмат мекунанд. Ҳамаи романҳо бо масоили мубрами зиндагии ҷомеаи Ҳинд вобаста буда, тарзи тасвир ва ҳалли муаммоҳои дар саҳифаи романҳо сарзада аз ҳунари нигорандагии нависанда хабар медиҳад. Дар романҳои худ Премчанд хонандаро бо инсони замони муосир, ки ҳаёти навро қабул кардааст ва бо диди нав ба дигаргуниҳои дохилию берунии кишвар менигарад, раҳнамун сохтааст (Ҷалпаи романи «Камомад», Амаркант, Сукҳда, Найнаи романи «Майдони ҳарбу зарб», симоҳои романи «Говсадақакунӣ» ва д.). Дар санъати нигориш ва дарки маънии зиндагӣ Премчанд аз ҳамасрони худ қадамҳо ва аз сарҳади асри худ солиён пештар рафтааст.

Пас аз Премчанд ҳамзамонон ва ҳамқаламони ӯ чун Вишвамбҳарнатҳ Шарма Каушик (1891-1945), Шринатҳ Синҳ, Шивапуҳан Саҳай, Бҳагватипрасад Ваҷпейӣ, Чандипрасад Ҳридайеш, Роҷа Радҳикарампрасад Синҳ, Сиярамшаран Гупта ва дигарон ба офариниши чунин романҳо, ки мавзуъҳои онҳо ҳамқадами замон буданд, рӯ оварда, дар ин ҷода ном ва мақоми худро дар адабиёти ҳиндӣ мустаҳкам намуданд, ки ҳар кадоме нигарони тадқиқу таҳқиқи доманадор, дар муқобалаю муқояса бо офаридаҳои ҳамзамонони худ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гаврюшина Н.Д. Премчанд ва романи ҳиндии асри XX / Н.Д. Гаврюшина. - М.: Институти шарқшиносии АИР, 2006. – 224 с.
2. Рачабов Ҳ. Премчанд / Ҳ. Рачабов. – Душанбе, 1995. – 110 с.
3. Солиҳов Ш.А. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX (масъалаи ташаккули жанр) / Ш.А. Солиҳов. – Душанбе, 2011. - 212 с.
4. Серебряный С.Д. Роман дар тамаддуни ҳинди замони нав / С.Д.Серебряный. – М.: Российск. гос. гуманит. ун-т, 2003. – 216 с.
5. Тиварӣ Рамчандр. Романи ҳиндӣ («Ҳиндӣ упаняс») / Рамчандр Тиварӣ. – Варанасӣ: Вишвавидялай пракаш, 2006. – 204 с.

ПРЕМЧАНД – РОМАНИСТ

Премчанд как основоположник одной исторической эпохи в истории литературы хинди, названной «Премчанд-юг» (1918-1936) или эпоха Премчанда, чувствовал ритм жизни своего времени, прошлое и новое, низость и высоты социальной жизни своих современников.

Премчанд осознал великую задачу писателя и при жизни восхвалял эту истину своим соратникам. Он старался определить и укрепить роль литературы в обществе. Премчанд – созидатель реалистической литературы хинди. Своими шедеврами как романы «Приют» («Севасадан», 1918), «Обитель любви» («Премашрам», 1922), «Нирмала» (1923), «Арена» («Рангбхуми», 1925), «Перевоплощение» («Каякалпа», 1928), «Растрата» («Габан», 1931), «Поле битвы» («Кармабхуми», 1932), «Воздояние» («Годан») и др., открыл новую страницу в литературе хинди и завоевал любовь всего индийского народа.

Ключевые слова: Премчанд, роман, прозаический жанр, литературное произведение, критический реализм, литература хинди, современная эпоха.

PREMCHAND – NOVELIST

Premchand as the founder of one historical epoch in the history of Hindi literature, the name "Premchand-south" (1918-1936) or Premchand era, feel the rhythm of life of his time, the past and the new, and the height and law social life of their contemporaries.

Premchand realized the great task of the writer's life and praised this truth to his friends and contemporaries. He tried to define and strengthen the role of literature in society. Premchand - creator of realistic literature Hindi. Their masterpieces as novels "Shelter" ("Sevasadan" 1918), "Abode of Love" ("Premashram," 1922), "Nirmala" (1923), "Arena" ("Rangbhumi," 1925), "Reincarnation" ("Kayakalpa ", 1928)," Embezzlement "(" Gabala ", 1931)," Battle of field "(" Karmabhumi ", 1932)," Vozdoyanie "(" Act "), and others, opened a new page in Hindi literature and won the love all Indian people. Ключевые слова: Премчанд, роман, прозаический жанр, литературное произведение, критический реализм, литература хинди, современная эпоха.

Key words: Premchand, novel, prose genre of literature, critical realism, Hindi literature, the modern era.

Сведения об авторе: ***А.М. Нурова*** – доцент кафедры индийской филологии ТНУ

ФАРЗИЯИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ ДАР БОРАИ ЗУЛҚАРНАЙН

Р.Қ. Восиева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар робита ба симои ҷовидонаи таърихӣ - Искандар ва ҷаҳонгирии ӯ дар адабиёти шифоҳиву қаламии мардумони мухталифзабону гуногункеши ҷаҳон нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Ҳамзамон, мутафаккирони илму адаби Шарқу Ғарб аз рӯзгори кӯдакиву наврасӣ ва ҷавонии Искандар сар карда то кунун чандин асарҳои илмию бадеие таълиф намудаанд, ки дар онҳо сафарҳову лашкаркашиҳои ӯ гуногунгоя ва мухталифмазмун тасвир ёфтаанд. То замони мо силсилаи асарҳои бахшидашуда ба Искандару кишваркушоиҳои ӯ бо вариантҳои мухталиф омада расидаанд.

Мавриде ки сухан аз Искандару лашкаркашиҳои ӯ меравад, беихтиёр лақаби «Зулқарнайн» низ пеши назармеояд. Умуман, дар бораишахсияти Зулқарнайн ва мувофиқати ӯ бо афроди барҷаста се фарзияи муҳим вуҷуд дорад:

1. Иддае муътақиданд, ки «Зулқарнайн» - касе ҷуз Искандари Мақдунӣ нест. Шуҳрати набардҳо ва футуҳоти вай дар Шарқу Ғарби олам ин назарияро қувват бахшидааст;
2. Иддае монанди Абулкаломи Озод Зулқарнайнро Куруш донистаанд;
3. Иддае бар ин назаранд, ки «Зулқарнайн» -яке аз подшоҳони Яман будааст. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз касоне мебошад, ки ин фарзияро ҷонибдорӣ кардааст.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем, ки фарзияи Абӯрайҳони Беруниро дар бораи шахсияти Зулқарнайн, ки дар Қуръон омадааст, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Абӯрайҳони Берунӣ аз ҷумлаи мутафаккирони барҷастае буд,ки дар арабшиносии ҷаҳон ҳамчун донандаи беҳтарини ривоёт ва улуми башарӣ шинохта шудааст. Ҳамчунин дар шаҷарашиносӣ ва таърихи бостонии тозиён мавқеи вижаро дорост. Ӯсоҳиби истедоди фавқулодда баланди қиёскунӣ ва таҳлилу таҳқиқи далоил, ки аз манбаъҳои мухталифи арабӣ ва ғайриарабӣ ба даст меомаданд, буд ва саъй меварзид, то ба ҳама чиз тавзеҳи боэътимод дода бошад. Аз ҷумла,ӯ ба масъалаи шахсияти Зулқарнайн ҳам таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар асараш “Осор-ул-боқия” Абӯрайҳони Берунӣ боби махсусеро таҳти унвони “Дар ҳақиқати Зулқарнайн” ба ин масъала бахшидааст [1, 57-63].

Аллакай, аз оғоз Берунӣ муайян кардааст, ки масъалаи мазкур хусусияти шуубӣ дорад ва барои ба он равшанӣ андохтан моро зарур аст, ки номи “Зулқарнайн”- ро ба таҳқиқ расонем. Дар робита ба ин масъала Берунӣ чунин менигорад:“Аз қиссаҳои Зулқарнайн ва корҳои ӯ дар “Қуръон” ҳикоят шуда, ки ҳар кас оёти махсус ва ахбори ӯро бихонад, хоҳад донист. Ва он чи аз ин оёт бармеояд, ин аст, ки ӯ марде қавӣ ва солеҳу шуҷоъ буд. Ва Худованд ба ӯ қудратеву салтанати бузург бахшида буд ва ӯро аз мақосиде, ки дар Шарқу Ғарб дошт, ки иборат аз фатҳи шаҳрҳо ва раёсату фармонравоӣ бар ибод бошад, оламгир карда буд. Ва ӯ тамоми кишварҳои рӯйи оламро як кишвар гардонид ва яке аз масоили мусаллам, ки дар он даъвои иҷмоъ намуд, ин аст, ки Зулқарнайн дар Шимолзамин дохил ба зулмат шуд ва дуртарин ободониҳои рӯйи заминро мушоҳида кард. Ва бо башару маймунҳо ҷангҳои хунин намуд. Ва аз хурӯҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ ба шаҳрҳое, ки дар Машриқзамину Шимолзамин буд, ҷилавгирӣ кард ва аз туғёни ин ду қавм ин тавр мамонийат намуд, ки аз шикофе, ки бояд эшон хориҷ шаванд, қитъаоте аз оҳан, ки бо сурб онҳоро бо якдигар пайванд дода буд, деворе ва садде сохт, чунон ки санъаткорон ҳамин қабил корҳо мекунанд...[1, 57]”. Дар идомаи суханаш Берунӣ таърихи забткориҳои Искандари Мақдуниро ёдрас менамояд: “Ва чун ки дар мақсадҳои хеш ҳикматро сармашқ мекард ва барои муаллими худ Арасту дар мушкилоте, ки барои ӯ рӯй медод, амал мекард, бад-ин сабаб ӯро “Зулқарнайн”гуфтанд”[1, 58].

Берунӣ Зулқарнайни дар Қуръон зикршударо аз Искандари Мақдунӣ ҷудо мекунад ва тавзеҳ медиҳад, ки асоси омехта кардани Зулқарнайни дар Қуръон

зикршуда бо шоҳи Рум ин нофаҳмӣ мебошад. Вай шарҳу тавзеҳи гуногунро оварда зикр мекунад, ки тахаллуси Зулқарнайнро баъзеҳо ба Искандар аз он ҷиҳат нисбат медиҳанд, ки гӯё "Искандар ба ду ҷойгоҳи Шамс, яъне маҳалли тулӯъ ва ғуруби он расид" [1, 58]. "Ҷамъи дигар ин тавр таъвил карданд, ки Зулқарнайн аз ду қарни насли мухталиф ба вуҷуд омад ва мақсудашон Руму Фурс бувад [1, 58]. Ин гуна шарҳи ба вуҷудоии тахаллуси мазкурро ба мисли кӯшиши Искандарро писари Доро муаррифӣ кардан аст, ки Берунӣ онҳоро комилан инкор мекунад. Аз матни Берунӣ бармеояд, ки муфассирони пасини Қуръон аз кадом як ривоят ва ҳикояти форсӣ истифода карда, Искандарро писари Доро муаррифӣ намудаанд: "Ва барои ин гуфтор ҳикоятеро, ки форсиён монанди гуфтори душман барои душмани худ сохтаанд, гувоҳ оварданд, ки чун Дорои Акбар модари Искандарро, ки духтари Филифус бошад, ба занӣ гирифт ва бӯйи бад дар ӯ ёфт ва нахост ва ба падараш рад кард. Ва ин духтар аз Доро ҳам обистан буд. Ва ин ҷиҳат Искандарро ба Филифус нисбат доданд, ки тарбияти ӯро Филифус мутакаффил будааст..."[1, 58].

Берунӣ нишон медиҳад, ки дар шаҷараномаҳои муосиронаш ба тақаллуби зиёд роҳ дода шудааст ва аз тамоми иртиботҳои тӯлонии онҳо хонанда бояд эътимод ҳосил намояд, ки Искандар ба шаҷараи шоҳони Эрон ягон муносибате надорад. Дар робита бо ин китоби "Шоҳнома"- и шоир Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Балхиро Берунӣ зикр мекунад, ки шоир дар асари худ ба китоби "Сияр-ул-мулук"-и Абдуллоҳ ибни ал-Муқаффа, китоби Муҳаммад бинни Чаҳми Бармакӣ, Ҳишом бинни Қосим ва китоби Баҳром бинни Мардоншоҳ – Муъбади шаҳри Шопур ва китоби Баҳром бинни Меҳрони Исфаҳонӣ такя намудааст. Сипас, Балхӣ маълумоти худро бо ахбори Баҳроми Ҳаравии Маҷусӣ муқоиса менамояд. Эҳтимол, он китобҳо ба забони арабӣ буданд, тарҷума ва тасҳеҳи асарҳои паҳлавӣ ва асари боэътимодтаринаш дар байнионҳо маълумот дар бораи шоҳони зардуштии Ҳиравӣ мебошад. Ин китоб барои Берунӣ ҳамчун манбаи санҷиш хизмат кардааст, тавре ки дар ин бора худаш навиштааст [1, 124]. Қисмати бештари муаллифоне, ки Балхӣ аз онҳо ёд кардааст, дар даврахои охири ҳукмронии Уммавиён ва аввали ҳукмронии Аббосиён зиндагӣ кардаанд.

Дар мавриди тартиби ҷадвали хронологии шоҳони Эрон Абурайҳони Берунӣ аз тарҷумаи китоби "Худойнамак", ки онро Ибни ал-Муқаффа тарҷума намуда буд, истифода накардааст, зеро онро китоби эътимодбахш надонистааст:"Гоҳо ин қисм аз таворихро, ки мо зикр кардем, дар "Китобҳои сияр"(дар ин ҷо Берунӣ китоби "Худойнома"-ро дар назар дорад) ва таворих ба хилофи он дида мешавад. Вале, он чиро, ки ман дар ин китоб ворид намудам, наздиктарин аҳвол бувад, ки маҳалли иҷмоъ ва иттифоқи асҳоби таърих аст. Ва дар китоби Ҳамза бинни Ҳасани Исфаҳонӣ, ки номи онро "Китоби таърихи бузургони гузашта ва фаромӯшшуда" гузошта, таври дигаре ёфтам. Ва муаллифи он китоб, мегӯяд, аз рӯйи "Авесто", ки китоби динии эрониён аст, он ахборро тасҳеҳ кард ва ман ин қисматро боз дар ин дафтар ба ҷиҳати шумо нақл мекунам"[1, 131].

Тибқи маълумоти Ҳамзаал – Исфаҳонӣ ва Берунӣ давраи аввали ҳукмронии шоҳони эронӣ ба замони ҳукмронии Дорои 2, писари Дорои 1, қатъ мегардад ва баъдан, тавреки дар дастхатҳои мӯбадон омадааст, ҳукмронии Искандари Румӣ (14 сол) ва пас як силсила румиён ҳукмронӣ карданд, ки вазиронашон аз ҷумлаи эрониён будаанд [1, 131].

Ҳамин тавр, дар асноду далоили расмии форсӣ, инчунин дар зеҳни мардум Искандар шоҳи Эрон эътироф карда намешавад ва ҳуқуқи ӯ дар мавриди муносибати ӯ ба тахти шоҳии Эрон ҳамчун ғосиб дониста мешавад, на валиаҳд.

Аз воқеияти таърихӣ мусаллам аст, ки Искандар тамоми имконотеро истифода мебурд, то ки ба эрониён қаробат пайдо кунад. Муаллифи китоби "Таърихи Шарқи қадим" Б.А. Тураев дар ин бобат чунин навиштааст:"Қадами нахустин дар ин роҳ издивоҷҳои муштарак буданд. Худи Искандар дар Шарқ бо духтари Доро - Сатира издивоҷ кард, ки боиси ба хонадони Ҳахоманишҳо пайвастани ӯ гардид. Ба дунболи

ин амри қабул намудани эрониён ба сафи лашкари македониҳо, ҳатто ба дастаҳои яккачини сипоҳиёни савора сурат гирифт. Маълум аст, ки ин навгониҳои бесобиқа мучиби шӯриши сипоҳиён дар назди Опис гардиданд, ки Искандар дар ин муборизa ғолиб баромад ва ин ҳодиса бо ҷашнгирии ваҳдати македониҳою эрониён анҷом пазируфт. Албатта, на бидуни фишори беруна ва ё лоақал тарс аз қудрати шоҳ ба ин ё он дараҷа, баъзан дар шакли истеҳзоомез шаҳрҳои Эллада илоҳияти Искандарро эътироф карданд ва бад-ин васила ба тобеияти он салтанати шарқие ворид гардиданд, ки ба муқобили он хуб ё зишт яку ним аср муборизa бурданд. Акнун салтанати эрониёнро ба худ тобеъ карда, онҳо худашон дар зери ҳокимияти шоҳи нави Эрон, бо иловаи ситоиши иғроқомези фиръавнӣ қарор гирифтанд. Ин, аллакай, оғози аз шаҳрвандӣ ба фуқаро табдил ёфтан буд. Искандар кӯшиши зиёде ба харҷ дод, тодар тамоми қаламрави давлатдории худ фарҳанги юнониро паҳн намояд, вале ҳамзамон озодии юнониёнро устуворона маҳдуд мекард, ки ҳеҷ ба шоҳаншоҳии шарқиёна созгор набуд [4, 205].

Гузашта аз ин, муаррихи атиқашиноси австриягӣ Ф. Шахейрмайр як силсила китобҳоеро таълиф намудааст, ки ҷамбасти таҳқиқоти бисёрсолаи ӯ ба шахсият ва фаъолияти шоҳи македонӣ – Искандар ва қаробати ӯ бо эрониён бахшида шудаанд. Муҳаққиқ таъкид менамояд: “... Вақте ки Искандар дар назди ҷасади таҳқиршудаи душмани худ–Доро меистод, болопӯши худро аз тан кашида, дар болои ҷасад гузошта онро пӯшонид. Тасвири чунин ҳодиса наметавонад маҳсули тахайюли гӯяндагон бошад, зеро дар ин ҷо маҳорати анҷом додани амали рамзӣ, ки хислати хосси Искандар буд, равшан ба назар мерасад” [5, 183]. Муаллифи мазкур дар идомаи суханаш менигорад:” Аммо, вақте ки ӯ (Искандар - В.Р.) дар назди ҷасади душмани худ ба зону нишаста, ҷасади марҳумро бо болопӯшаш пӯшонид, ин ягон савол ва мушкилиеро ба миён намеовард ва фақат симои муҳаббатомезу некие мебошад, ки бо тамоми маънӣ офарида шудааст. Вале, вақте ки ӯ (Искандар) аз ҷой бархост, бадоҳатан шоҳи бузург, ҳахоманиш ва эронӣ буд, ки баъдтар барои вафодорӣ ба Эрон саховатмандона мукофот медод ва бар алайҳи хиёнат қасос мегирифт” [5, 183].

Дар робита ба хронологияи Ашкониён Берунӣ зикр мекунад, ки давлат дар ҳолати парешонҳолӣ қарор дошт ва онҳо ба сабаби душвориҳое, ки Искандар ва пасовандони ӯ аз Рум бар сарашон оварда буданд, имконияти дар хотира ҳифз намудани хронологияи шоҳонро надоштанд. Онҳо (юнониҳо) китобҳои илмии маҳбуби тамоми мардумро сӯзонида, осори барҷастаи саноеи нафисаву архитектуриро, ки бо мавҷудияти онҳо эрониҳо ифтихор доштанд, вайрон карданд ва дар нобуд сохтани онҳо мусобиқа мекарданд. Искандар анбуҳи бузурги китобҳои диниро сӯзонд ва биноҳои зеборо вайрону валангор кард, ҳатто ибодатгоҳи Истахрро, ки дар он замон бо номи писари Довуд Масҷиди Сулаймон машҳур аст, оташ зад. Абӯрайҳони Берунӣ оид ба ин чунин менигорад: “Аҳволи умумии эрониҳо дар он аср хароб буд ва мардум ба воситаи азобҳо ва бадрафториҳои Искандару ҷонишинони ӯ ба худ овора шуданду аз ҳама чиз монданд. Сабаби дигар ин аст, ки Искандар ҳар чи аз улуми марғуб ва саноеи бадеъ дар Эрон ёфт, ҳамаро тӯъмаи оташ гардонид, ҳатто ин ки миқдори зиёди кутуби диниро ва биноҳои баландро, аз қабили сохтмоне, ки дар Истахр аст ва дар асри мо ба масҷиди “Сулаймон бинни Довуд” маъруф аст, хароб кард ва оташ зад” [1, 148]. Дар идомаи суханаш Берунӣ чунин менависад: “Ин буд, ки Эрониён муддатеро, ки миёни салтанати Искандару Ардашер аст ва Румиён дар он вақт онҳоро идора мекарданд, зикр нанамуданд. Ва пас аз он ки аз шарри Искандару Ашкониён форигболу осудахотир шуданд, ба таърихнависӣ машғул гаштанд” [1, 148].

Ба андешаи мо, Абӯрайҳони Берунӣ имконияти қаробати Зулқарнайни Қуръонро бо шахсияти таърихии Искандар аз он сабаб рад менамояд, зеро ки фарзияи пайдоиши тахаллуси ямании шоҳи дар Қуръон зикргардидаро ҷонибдорӣ

мекунад. Чунки ба он ҳокимияти диниву дунявие, ки аз болои одамон назорат мекунад, шоҳ буд. Чунин шоҳ, ба ақидаи Берунӣ, имкон дорад, Абӯқариб Шаммар Юрҳиш бинни Ифриқис, ҳокими кишвари Ҳимёр бошад, ки ӯро барои ду гесӯи то китфон овезонаш чунин ном мебурданд. Тибқи ривояти яманӣ, гӯё ӯ ба гӯшаҳои Ғарбу Шарқи сайёраи Замин даст ёфта, масофаи аз Шимол то Ҷанубро паймудааст ва бандагони Худоро мутеи худ кардааст. Ба қавли Берунӣ: “Ва қисме гуфтанд, ки Зулқарнайн Абӯқариб аст, ки Шаммар Юрҳиш бинни Ифриқиси Ҳимярӣ аст. Ва аз ин ҷиҳат чунин номида шуд, ки ду гесӯи ӯ ба рӯйи шонааш буда ва ба Машориқу Мағрибзамин расид ва Шимолу Ҷанубро паймуд ва мамлакатҳоро фатҳ кард. Ва мардумро ба зери фармони худ овард”.

Берунӣ бидуни нишон додани манбаи истифодакардааш, ки бешубҳа, сарчашмаи яманӣ дошт ва ё тамоил ба фарзияи яманӣ мегирифт, шеъри як шоҳи ҳимёриро бо номи Асъад бинни Амру бинни Рабиа бинни Молик бинни Субайҳ бинни Абдулло бинни Зайд бинни Ёсир бинни Танъуми Ҳимярӣ овардааст, ки дар он ӯ аз пайванди хешии худ бо Зулқарнайн ифтихор мекардаст:

Зулқарнайн пеш аз ман мусулмон буду
Тамоми ҷаҳонро фатҳ карда,
Ва шоҳе буд ба ҳеҷ кас таслим нашудааст.
Аз Худои карим шартҳои давлатдориро талабида,
Аз Машриқ то ба Мағриб расид.
Ӯ ҷойи фуруд омадани Офтобро
Дар вақти бешаю ботлоқро сиёҳӣ зер кардан дид,
Пас аз Зулқарнайн аммаам Билқис буд,
Ки подшоҳии ӯ ба туфайли ҳудҳуд ба охир мерасад [1, 62].

Ба андешаи Берунӣ чунин менамояд, ки аз ин ду ривоят охиринаш ба ҳақиқат наздиктар аст. Соҳибони тахаллусҳое, ки дар таркиби тахаллусашон калимаи “Зу”доштанд, танҳо дар Яман буданд, на дар кишварҳои дигар. Инҳо аз ҷумлаи касонеанд, ки дар таркиби номи онҳо ҳатман калимаи “Зу” мавҷуд аст, ба қавли Берунӣ: “ Наздиктар ба савоб ин аст, ки аз миёни ҳамаи ин гуфтаҳақ ҳамин қавли охир бошад, зеро азвоъ фақат ба Яман мансубанд. Ва азвоъ касоне ҳастанд, ки номҳои эшон аз калимаи (зӣ, зу) холӣ нест. Монанди: Зулманор, Зулазъор, Зишшанотир, Зинувос, Зиҷадан, Зиязан ва ғайра. Ва ахбори Зулқарнайнро, ки зикр карданд ба ҳикоёте, ки “Қуръон” аз ӯ зикр карда, шабеҳ аст [1, 62].

Ба андешаи мо, дар масъалаи монандии ривоёти яманӣ ба ривоёти Қуръон, бешубҳа, ҳақ ба ҷониби Берунӣ аст. Шеъре, ки Берунӣҳамчун далел овардааст, бешубҳа, дар зери таъсири Қуръон ва ё нақлҳо дар атрофи матни Қуръон дар бораи Зулқарнайн навишта шудааст.Он чизе, ки дар Қуръон дар бораи лашкаркашиҳои Зулқарнайн ба Ғарбу Шарқ ва сохтани садде (монеа) аз Яҷуҷу Маҷуҷ оварда шудааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз вариантҳои роман дар бораи Искандарро Муҳаммад (с) медонистааст. Матне, ки вориди Қуръон шудааст, аниқан нопурра ва ё он ихтисор шудааст. Худи шахсияти Искандар дар он ҳамчун рамзест, ки дар худ афкори ахлоқию динниро инъикос кардааст. Аз ин рӯ, он аз воқеияти таърихӣ хеле дур мебошад. Дар ин матн шахсияти Искандар то андозае пинҳон мемонад, зеро агар нақлҳо дар бораи Яҷуҷу Маҷуҷ ва Садди Зулқарнайну лашкаркашиҳои ӯ намебуданд, мо ба ҳеҷ ваҷҳ дар ин симо Искандари дар асари Каллисфен тасвиршударо наметавонистем фарқ кунем. Маҳз ин номушаххасӣ ва порча-порча будани матни Қуръон майдони фарохеро барои ҳама гуна монандкуниҳою таъбирҳо муҳайё намудааст.

Тамоми чунин баҳсҳо, ки дар заминаи тафсири матнҳои Қуръон ва“Роман дар бораи Александр”-и Каллисфен ба вуҷуд омадаанд, эҳтимол муҷиб бар он шудаанд, ки дар давраи забткориҳои арабҳо дар Шарқи Наздик паҳн гарданд. Онҳо (арабҳо) аз нав ба симои Искандар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд, зеро арабҳо барои ташкили

давлатдории худ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардида буданд, ки танҳо империяи Искандари Мақдунӣ барояшон намунаи ибрат шуда метавонист.

Хулоса, Берунӣ ҳамчун алломаи замони хеш аз сарчашмаҳои муътамади дастрасгардидааш огоҳии комил дошт ва дар тавзеҳу мушаххас сохтани симои ҷовидонаи Зулқарнайн бо далоили боварибахш саҳм гирифт. Табиист, ки то замони кунунӣ баҳсҳо дар атрофи шахсияти Зулқарнайн идома доранд ва фарзияи пешниҳоднамудаи Берунӣ яке аз онҳо мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия / Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 431 с.
2. Абу Рейхан Беруни. Избранные произведения. Памятники минувших поколений / Абу Рейхан Беруни. – Ташкент, 1957. - Т.1. - 49-56
3. Бертельс Е. Э. Роман об Александре и его главные версии на Востоке Навои и Джами / Е.Э. Бертельс. - М.: Наука, 1965. – 499 с.
4. Тураев Б. А. История Древнего Востока / Б.А. Тураев; под ред. В.В. Струве и Л. Снегирёва. - Ленинградское отделение, Социально-экономическое издательство, 1935. - Т.2. – 322 с.
5. Шахермайр Ф. Александр Македонский / Шахермайр Ф; пер.с нем. М.Н. Ботвинника. – М.:Наука, 1986. – 383 с.

ГИПОТЕЗА АБУРАЙХАНА БЕРУНИ О ЗУЛКАРНАЙНЕ

Абурайхан Беруни - выдающийся мыслитель занимает видное место в мировой арабистике как знаток преданий и филологических дисциплин. Обладая удивительной способностью сопоставить и анализировать факты, почерпнутые из разнообразных арабских и неарабских источников и стараясь всему найти достоверное объяснение, он коснулся и проблемы «Зулкарнайна». В «Памятниках минувших поколений» Беруни специально выделил раздел «Слово о разногласиях народа о том, кто такой царь, которого называют Зулкарнайном». В данной статье рассматривается гипотеза Абурайхана Беруни о Зулкарнайне.

Ключевые слова: Беруни, Зулкарнайн, Коран, Дарий, гипотеза предание, источник, авторы, факт, историк, исследование.

ABURAIHAN BERUNIY OF THE ZULKARNAIN HYPOTHESIS

AburaihanBeruniy is a prominent thinker occupies a prominent place in the Arabic world as a connoisseur of philological disciplines and traditions. With an amazing ability to compare and analyze the facts gleaned from various Arab and non-Arab sources and trying to find the true explanation, he touched on the problems of "Zulkarnain". In “Monuments of past generations” Beruni specifically singled out from "word of the disagreement of the people about who is the King, who is called Zulkarnain". This article discusses the hypothesis AburaihanBeruni of the Zulkarnain.

Key words: Beruni, Zulkarnain, Quran, Darius, legend, source of the hypothesis, the authors of the study, historian.

Сведения об авторе: ***Р.К. Восиева*** – доцент кафедры теории и истории таджикской литературы ТГИЯ им.Сотима улугзаде. Телефон: **(+992-37) 232-95-65.**E-mail: **v.rukhshona@mail.ru**

САИДҶАЛОЛИШОҲ ВАЛАДИ ШОҲИКАЛОН ВА «ФАЗИЛАТНОМА» - И Ӯ

Лоло Давлатбеков

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик роҷеъ ба таърихи рушду инкишофи яке аз навъҳои маъмули каломи таълифӣ–наср ва анвои он дар минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз таҳқиқоте ба назар нарасидааст, агарчи арзишмандтарин асарҳои илмии форсии тоҷикӣ – асарҳои фалсафиву динии даврони аввали ташаккули ин навъи сухан, аксаран дар минтақаи мавриди назар таълиф гардидаанд.

Мураттибони «Алфавитный каталог…» номгӯи рисолаҳои зиёдеро овардаанд, ки аксари онҳоро осори мансур ташкил медиҳад, вале муҳимтарин ин навъи рисолаҳо - «Офоқнома», «Миръот-ал-муҳаққиқин», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Умм-ул-хитоб» ва «Усули адаб» мебошанд, ки дар замони Носири Хусрав ё дар қарнҳои баъд аз ӯ эҷод гардидаанд ва як навъи пайравӣ ба осори мансури ӯ маҳсуб мешаванд.

Суннати адабии муназзами насрнависии асрмиёнагии форсии тоҷикӣ дар қарнҳои минбаъдаи ҳаёти фарҳангии Бадахшон мунқатеъ нагардид ва дар охирҳои асрҳои XIX ва аввали асри XX, ки авзои сиёсиву иҷтимоӣ барои мардуми ин минтақа бениҳоят душвор буд, идомаи хешро пайдо намуд. Аксари асарҳои мансуре, ки аз ин

давра боқӣ мондаанд, асосан, дар доираи мавзӯъҳои диниву фалсафӣ, таърихӣ ва тиббӣ таълиф ёфтаанд.

То оғози Инқилоби Октябр дар минтақаи номбурда, махсусан навоҳии Помири Ғарбӣ, аз як тараф, ба иллати дурӣ аз марокизи фарҳангӣ ва аз тарафи дигар, набудани ҳавзаҳои таълимӣ, ба монанди мадрасаҳо, теъдоди зиёди асарҳои таълимиро мушоҳида намекунем. Ягона асари насрии таълимие, ки дар нимаи дуюми солҳои 20–уми асри гузашта тасниф гардидаву характери диниву фалсафӣ дошта, бо мақсади шиносоии шогирдони хурдсол бо дину мазҳаб эҷод гардидааст, «Фазилатнома»-и Сайидҷалолшоҳ валади Сайидшоҳикалон мебошад.

Доир ба ин асар марҳум Бақоев М. баъди экспедитсияи соли 1962 дар ҳисоботи хеш маълумоти мухтасар додааст: «Китоби чопи литографии нодир ва камёби Ҷалолшоҳ низ аз аҳамият холӣ нест. Муаллифи китоб Сайидҷалолишоҳ валади Сайидшоҳикалон валади Сайидҷалоли Бухорӣ, мувофиқи гуфти сокинони маҳаллӣ, дар Рӯшон зиндагӣ карда будааст. Китоби ӯ бо ташаббуси худи вай дар Бомбай нашри литографӣ гардидааст. Қисми аввали китоб аз шеърҳои Ҷалолшоҳ иборат буда, дар қисми дуюми он асари насрии муаллиф «Фазилатнома» дохил шудааст ва ин китоб дорои рӯҳияи ақоиди исмоилӣ мебошад» [1, 69].

Бори дувум А. Бертелс ва М. Бақоев роҷеъ ба муаллиф ва «Фазилатнома»-и ӯ дар «Алфавитный каталог…» чунин иттилоот додааанд: «Муаллифи ин асар мукки Сайидҷалолишоҳ ибни мукки Шоҳикалон аз Гилгит буда, тақрибан наздикии соли 1940 вафот кардааст. Асар мазмуни шиаи исмоилӣ дошта, аз нусхаҳои дар даст доштаамон аввал ва охири он боқӣ мондааст. Литографияи он хеле нодир аст. Аз саҳ. 7–45 ин асар аз маснавӣ, тарҷеъбанд ва мухаммас иборат аст. Тибқи маълумоти Иванов «Фазилатнома» ба таърихи ҷумоди-ас-сонии 1345 ҳиҷрӣ (6-декабри 1926) дар шаҳри Бомбай тавассути чопи сангӣ нашр шудааст» [2, 73-74].

Бертелс ва Бақоев дар «Алфавитный каталог…» зодгоҳи муаллифи «Фазилатнома»-ро «аз Гилгит буда…» қайд намудаанд, ки он тамоман ба воқеият баробар намеояд. Тавре ки аз суҳбати роқими ин сутур бо яке аз наберагони Сайидҷалолишоҳ–сокини қишлоқи Вомари ноҳияи Рӯшон Сайиднуриддинов Сайиднуриддин (соли таллудаш 1954, маълумоташ миёнаи махсус) маълум гардид, Сайидҷалолишоҳ яке аз бобокалонҳои номбурда ба шумор рафта, гузаштагони онҳо ҳамчун намояндагони мазҳаби исмоилия, шояд аз сабаби таъқиботи мазҳабӣ тақрибан дар асрҳои миёна ба Бадахшон муҳоҷират намудаанд. Роҷеъ ба зиндагинома ва фаъолияти адабиву илмии пир Сайидҷалолишоҳ ду мақола чоп гардидааст ва маълумоти зиёдтаре изофа нагардид [4, 78-84; 8, 143-147].

Муаллифи мақолаи «Ақл ва мазҳаб дар «Фазилатнома»-и Пир Сайидҷалолишоҳ валади Сайидшоҳкалон» низ қайд намудааст, ки «Тибқи маълумоти куҳансолони Шуғнону Рӯшон Шоҳкалон Шоҳзодамуҳаммадов ва Давлатшоҳ Саломатшоҳзода пир Сайидҷалолишоҳ бо сабаби номаълуме ҷилои ватан карда, муқими Чатроли Ҳиндустон шудааст. Мардуми мавзеи Уршугуми Читрол дониш ва маърифати Сайидҷалолишоҳро ба назар гирифта, ӯро пири тариқат интихоб намудаанд. Дар ин бора санади архивие шаҳодат медиҳад, ки дар он омадааст: Пир Сайидҷалолишоҳ дар соли 1928 пири тариқати мардуми Читрол буда, дар мавзеи Уршугум 400 ҳавлӣ мурид доштааст» [7, 143].

Мусаллам аст, ки муҳоҷирати пир Сайидҷалолишоҳ аз зодгоҳаш ба Ҳиндустон худихтиёрӣ набуда, омили асосии он вазъияти номусоиди сиёсӣ-иҷтимоии солҳои 20 – уми асри ХХ мамлакати шӯроҳо буд.

Дар нимаи солҳои бистуми асри ХХ муносибати душманонаи Ҳокимияти Советӣ дар тамоми қаламрави шӯравӣ нисбат ба рӯҳониён, баръало мушоҳида мешуд. Агарчи рӯҳониёни Бадахшон ҳамчун намояндагони тариқаи шиаи исмоилия бо ҳукумати нав зиддият ва мухолифат надоштанд, вале муносибати душманонаи рӯзафзуни ҳукумати шӯравиро нисбат ба худ хуб эҳсос намуданд. Ин нуктаро таърихнигорон низ таъкид кардаанд: «Солҳои 1924-1925 ташкилоти вилоятии комсомол ҳанӯз ташаккул наёфта буд. Бо роҳбарӣ ва раҳнамоии ташкилотҳои партиявӣ комсомолон дар сохтмони хоҷагӣ, маҳви бесаводӣ, муборизаи зидди рӯҳониёну сарватмандон ширкат доштанд» [5, 91].

Шояд пешомади нохушро пир Сайидҷалолишоҳ ҳис намуд, ки бинобар ин зодгоҳашро тарк намуда, барои мушарраф шудан ба дидори имоми давр сафари Ҳиндустонро пеш гирифт.

Вазъияти пир Сайидҷалолишоҳ дар ибтидо дар Ҳиндустон хуб набуд. Ӯ дар оғози кор ба мушкилот дучор мешавад, ба дидори имом муяссар намегардад, зеро имоми давр – Мавлоно Султон Муҳаммадшоҳи Оғохони III дар ин рӯзҳо ба Аврупо сафар карда буд.

Муҳаммадшерзодшоев У. навиштаҳои муаллифи китоби «Англо-русское соперничество в Центральной Азии и исмаилизм»-ро мустанад намуда навиштааст, ки дар ин давра мавқеи форсинажодоне, ки дар дарбори Оғохонҳо хизмат мекарданд, тадриҷан суст гардид ва нуфузи исмоилиёни хоҷа дар дарбор ва дигар созмонҳои исмоилӣ хеле мустаҳкам шуд [4, 80].

Мутобиқи ковишҳои А. Бертелс исмоилиёни Ҳиндустон (фирқаи «хоҷа») суннати тарафдорони бадахшонии Носири Хусравро написандиданд ва шаст сол қабл мубаллиғини мазҳабиро ба Бадахшон фиристодаанд, то онҳо дар Бадахшон ин русумро илҳо бикунанд, то аз эҳтироми наздик ба парастиши мардуми он диёр нисбат ба Носир бикоҳанд. Тибқи андешаи А. Бертелс донишманди маъруф Иванов дар шаҳри Бомбай аз уламои исмоилии «хоҷа» дӯстоне дошт, таҳти таъсири афкори онҳо қарор дошт ва дар китоби худ саъй ва ҷаҳд намудааст, то аҳамияти осори Носири Хусравро камтар бикунад [3, 99].

Дар ин муддат пир Сайидҷалолишоҳ ба таълифи китоби «Фазилатнома» оғоз менамояд. Муаллиф дар охири китоб андешаҳояшро роҷеъ ба сабаби таълифи асар дар ҳаҷми якуним саҳифа иншо намудааст. Аз муҳтавои мундариҷаи китоб мусаллам аст, ки муаллиф дар ҳикмату фалсафаи дину мазҳаби хеш дониши вофир ва дар иншои шеър низ дасти тавоно доштааст. Аз хатми китоб аён мегардад, ки Сайидҷалолишоҳ ба умеди дидори имоми 48–уми исмоилиёни ҷаҳон, ки сулолаи имомони низорӣ, ҳанӯз аз солҳои чилуми асри гузашта дар шаҳри Бомбаи Ҳиндустон мустақар буданд, роҳи сафар пеш гирифтааст: «… рӯзе ба умеди дидори имоми замони ҳозир Мавлоно рӯҳӣ ва рӯҳато Султон Муҳаммадшоҳ аз мулку ватани худ ҳаракат намуда, озими роҳи Ҳиндустон шудем ва баъд аз тайи мароҳил ва манозил ба алоқаи Ҳиндустон дар шаҳри Бамбай ба остони файзи нишону қудси ошиён расидем ва баски ғалабаи гуноҳ буд, толеам ёварӣ накарда, дар он рӯз Ҳазрати Мавлоно равнақафрӯзи шаҳри Йуруписто (Аврупо- Л. Д.) ташриф доштанд. Пас, банда ба ғайр аз дидор муддати бисёр дар шаҳри Бамбай ба остонаи муборакі мавло дар Бангола, Ҳасанобод ба ғурбати тамом монда, дилам хост, ки оё чӣ шавад, агар ошиқи дидор якчанд калима абёт дар авсофи Мавлои худ дар таҳти таҳрир дарояд ва ин хаёле, ки дар хотирам хутур кард, пас дар як гӯша хазида, ба гуфтани муноҷот ва сохтани китоб саъй ва талош намудам» [6, 140].

«Фазилатнома» аз 98 саҳифа иборат буда, бо қисмати муноҷот, ки комилан ҷанбаи мазҳабиву фалсафӣ дорад, оғоз мешавад. Муаллиф дар охири хатми китоб барои уюбу нуқсони хеш аз хонанда узр пурсида, сабаби заъфи таълифро ба таври зайл баён намуда, сол ва моҳи хатми китобро қайд намудааст: «… умед аст, ки кадоме ба дидани ин нусха ҳар саҳве ва хатое, ки аз банда гузаштааст, аз роҳи карами банда айб нагиранд, чаро ки банда одами мулки сарҳадот лафзи форсиро аз ин зиёд анҷом додан чора надорад фақат. Тамат тамом шуд нусхаи «Фазилатнома» аз фақирулҳақири саропо тақсир Сайидҷалолишоҳ валади Сайидшоҳкалон аз насли имом Алии Нақӣ, лақабаш ба Сайидҷалоли Бухорӣ аст. Даҳуми моҳи ҷамодиалохири санаи 1345 дар шаҳри Бамбай» [6, 141].

Оғози насри илмӣ ва тарвиҷи он бо мақсади тарғиби асосҳои тариқаи исмоилия, ки ҳанӯз аз асри XI бо ибтикори ҳакими донишманд Носири Хусрав оғоз гардида буд, дар солҳои бистуми асри XX ба тавассути «Фазилатнома»- и Сайидҷалолишоҳ валади Сайидшоҳикалон идома ёфт. Муаллиф мақсади таснифоти хешро ба тариқи сода иброз намудааст: «… китобе сохта шуд, ки ба хонандагони атфол дарсеро аз донистани дину ойини худ огоҳӣ ёфта, ба шинохти имоми вақти худ соате шаванд ва баъд аз донистани дину ойин кӯдакони ваҳшихӯй, ки тавсанони саркашанд, ба тозиёнаи чунин суханон андаке ром шуда, ба таълим мерасанд, чаро ки кӯдакони навтаълим аввал ба маънои китобҳои бузург нарасида, зеҳнторик шуда, зуд хушёр нахоҳанд шуд» [6, 46].

Азбаски китоб бо мақсади таълими «хонандагони атфол» ва «кӯдакони ваҳшихӯй» эҷод гардидааст, аз ин рӯ, муаллиф то андозае принсипи педагогӣ-психологии назарияи таълим – аз сода ба мураккаб ва аз мураккаб ба абстрактро, ки баъдҳо дар мактабҳои замони шӯравӣ шоеъ шуда буд, корбаст намудааст. Бояд қайд

намуд, ки китоб ба бобу зербобҳо ҷудо нашуда, андешаҳои муаллиф якмарому мураттабан баён гардидаанд.

Аз муқаддимаи мундариҷаи асар возеҳ аст, ки он бо тамоили фалсафӣ ва майлҳои равиши исмоилӣ оғоз шуда, муаллиф бе муқаддима хонандаи худро ба шинохти маънавии имом, ки бунёди ин фаҳмиш ва маърифати ӯ тибқи ақидаи мутакаллимони исмоилӣ дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ мастур аст, раҳнамоӣ мекунад. Аз ин ҷиҳат, мусанниф саъй намудааст, ки матлабҳои душвор ва печидаи мазҳабиро бо истифодаи далоили қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ собит намуда, дар ифтитоҳи сухан якбора ба баёни асли мақсад гузарад. Чунин ба назар мерасад, ки забон ва равиши тавҷеҳу тафсири муаллиф дар мавриди шинохти масъалаҳои хоси тариқаи исмоилия ва махсусан имомшиносӣ то андозае шабеҳ ба равиши осори мансури ҳаким Носири Хусрав аст, вале ин муаллиф фақат ба бурҳону далелҳои мантиқӣ қонеъ нашуда, дар мавридҳои гуногун ба ҳайси далоил ривоёти диниро низ истифода бурдааст. Масалан, муаллиф дар саҳифаи 52-и «Фазилатнома» барои шинохти имоми замон чунин овардааст: «Пас бидон, ки Ҳазрати Боритаоллоҳ Одамро барои шинохти зоти худ дар олам мавҷуд кард ва ҷамеи малакутиён аз ҳукми Рабулиззат сар ба суҷуд фуруд оварданд. Азозил, ки саркардаи малоика буд, аз саҷдаи Одам инкор кард ва гуфт: «Ано хайр мана». Яъне, ман беҳтарам. Аз қавли хилқате: «Ман ноду халақата». Яъне гуфт: «Офаридӣ моро аз оташ ва офариди ӯро аз хоки сиёҳ. Байт:

Ки ман аз оташам, ӯ хоки тира,
Куҷо оташ кунад бо хок саҷда.

Яъне, дар калом ворид аст қавли Таолло…. Яъне, «Офаридам Одамро аз хоки сиёҳ ва ҷонро офаридам, ки падари шайтон аст оташи сӯзон. Пас воҷиб аст, ки Худованди Таоло ба ғайр аз зоти худ саҷда ба чизи дигар ҳукм дода бошад, ки дар он асаре аз нури худовандӣ набошад. Яъне, Худованди Таолло аз тоатҳои банда яке саҷдаро ба худ номидаанд. Пас он саҷдаро ба Одам кардан чаро ҳукм карданд, ки Одам ҳам башар буд ва имом буд дар асри худ ва фармудааст: Қавли Таолло: … Яъне, «Қарор додам заминро ба халифа» ва мурод аз халифа имоми замон аст. Пас, он нуре, ки дар Одам нақл карда буд, ҷамеи малоика бо ӯ саҷда карда буданд ва баъд аз он он нур ба куҷо рафт, ки халоиқ аз донистани он нур маҳруманд…» [6, 54].

Як хусусияти муҳимми услубии «Фазилатнома»-и Саидҷалолшоҳ зимни тафсири масоили мазҳабӣ мабно бар истифодаи суннатҳои маъмулии адабӣ – ташбеҳи инсон ба дарахт мебошад. Пӯшида нест, ки ин навъи ташбеҳот зери таъсири осори мансур ва манзуми ҳаким Носири Хусрав зуҳур намудаанд. Масалан, ташбеҳи инсон ба дарахт дар осори Носири Хусрав хеле маъмул аст. Рочеъ ба қиёси инсон ба дарахт дар осори манзуми ҳакими номбурда ва мансубияти он ба фарҳанги қадимии мардуми эрониасл донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов андешаҳои ҷолиб баён намудааст: «… муқоисаи инсон ба дарахт, ки дар шеъри Носири Хусрав кам нест, ба тасаввуроти қадимии эронӣ дар бораи аз дарахт падид омадани инсон ҳамоҳангие меёбад. Ин мавзӯи инсон ва дарахт дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва достони «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ – шоири ҳамзамони Хусрав ҳам дида мешавад ва далолати дар он замон маъмул будани ин ривоят мебошад. Хусрав аз тамаддуни гузаштаи эронӣ огоҳии зиёд дорад ва ба савияи баланди ӯ дар ин самти донишу огоҳӣ забон ва луғоти форсии қадимӣ ва ҳатто барои замонааш камистеъмол гуваҳӣ медиҳанд» [8, 64].

Ҳакими суханвар дарахтонро ба борвар ва бебар тақсим намуда, афроди бехирадро ба гиёҳи бебор шабоҳат додааст ва ин навъи ташбеҳоти ӯ, ҳақиқатан устодона эҷод гардидаанд. Муаллифи «Фазилатнома» дар ин самт андешаи Носири Хусравро то андозае пайгирӣ намуда, одамонеро ба дарахти бебар монанд намудааст, ки дар шинохти имоми даври худ ҳидояти шайтонро истиқбол намудаанд: «… ба ҳеҷ ваҷҳ дар он банда, ки асари меҳри имоми замон нест, коре намеояд. Масалан, ҳар дарахт, ки бесамар аст, аз тарбияти боғбон самаре намебахшад. Пас, эй бандаи муъмин, бидон, ки Худованди таолло дарахти бесамарро ба дунё офаридааст, ба ғайр аз буридан ва сӯхтан чизе фоида дигар аз ӯ ҳосил намешавад. Ва он дарахте, ки самар аз ӯ ба ҳам мерасад, фоидаи ӯ ғизои инсон аст… Пас, бидон, эй бандаи Худо, ҳар кӣ дар ҷаҳон имоми замони худро ҳозиру нозир намедонад, мисли он дарахтест, ки мева надорад ва ба ғайр аз сӯхтан ва буридан чизи дигар нест» [6, 59].

Қобили қайд аст, ки матни китоб фақат аз гузориши масъалаҳои диниву фалсафӣ иборат нест, балки бо мақсади возеҳтар баён кардани матлаб, муаллиф аз

осори манзуми классикони адабиётамон, баъзан бо овардани номи муаллиф ва қисман бе овардани тахаллуси шоир, абёти зиёд ва ё пораҳои шеъриро истифода бурдааст. Ҷумлаҳои матни китоб, аз мавқеи забоншиносии муосир, аксаран дароз ва тафсилӣ буда, ҳудуди онҳо ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва баъзан омехта низ мерасанд. Дар баъзе мавридҳо такрори бемавриди калимаҳо низ дар матн мушоҳида мешавад.

Агар баъзе мусталеҳоти диниву фалсафиро ба инобат нагирем, забони «Фазилатнома», ки ҳарчанд дар пайравии насри ҳикамиву фалсафии гузаштагон эҷод шуда бошад ҳам, дар асл содаву фаҳмо буда, дархури шогирдони мактабу мадраса аст.

А Д А Б И Ё Т

1. М. Бакоев. Отчет о работе экспедиции Отдела востоковедения и литературного наследия АН Таджикистана на Памире (сентябрь 1962) М. Бакоев // Известия Академии наук ССР Таджикистан. Отделение общественных наук. – Душанбе: Издательство АН Таджикистан., 1963. - С.67-70.
2. Бертельс А. Е. Алфавитный каталог рукописей обнаруженных в Горно- Бадахшанской Автономной области экспедицией 1959 – 1963 гг / А. Е Бертельс, М. Бакаев. – Москва: Наука, 1967. – 119 с.
3. Бертельс А.Е. Взгляд некоторых ученных и шиитов двенадцати имамов на наследственные ценности Носира Хусрава / А.Е. Бертельс // Памяти Насира Хусрава. – Мешхед, 1335/1956. – С. 46-72.
4. Мамадшерзодшоев У. Взгляд на жизнь и творчество пира Сайида Джалалишаха / У. Мамадшерзодшоев // Сборник статей. – Хоруғ, 2013. - С.78-84.
5. Назаршоев М.Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской области Таджикской ССР / М.Н. Назаршоев. – Душанбе, 1982. – 292 с.
6. Сайиджалалишох валад Шахикалан. Фазилатнаме / Сайиджалалишах валад Шахикалан // Литография. – Бомбей: Бангала, 1345 ҳ. - 144 с.
7. Хаджибеков Э. Разум и вера в «Фазилатнамае»- Пира Сайида Джалалишаха валад Сайидшахкалан / Э. Хаджибеков // Вестник Хорогского университета, 2005. - Часть 2. - № 6. - С.143-147.
8. Шарифов Х. Тайны мира / Х. Шарифов. – Душанбе: Нодир, 2004. - 352 с.

САИД ДЖАЛАЛИШАХ ВАЛАД ШОХИ КАЛОН И ЕГО «ФАЗИЛАТ-НАМЕ»

Впервые в таджикском литературоведении наблюдается попытка восстановления истории создания одного из педагого-психологических сочинений начала 20-ого века в таджикской литературы Бадахшана – «Фазилат-Наме». По изложению основной темы статьи, её можно разделить на две части: первая, востановление исторической справедливости по отношению к автору сочинения и, вторая, содержание и ценность самой «Фазилат-Наме». Все эти вопросы имеют начуную ценность для таджикской литературы.

Ключевые слова: Сайид Джалолишои, Шохкалон Шохзодамухаммадов, Фазилатнома, Бадахшон, Рушан, Шугнан, религиозная философия, исмаилитская философия.

SAID JALOLISHOH VALAD SHOHI KALON AND HIS “FAZILAT-NAME”

There could be observed an effort of reconstitution of creation of pedagogical- psychological work of the Tajik Literature of Badakhshan in 20 century – “Fazilat-Noma”. In accordance to the main objective of the Article, it could be divided into two parts. First: reconstitution of the historical truth in regards to the author of Tractate and, second the meaning and values of “Fazila-Noma.” All these issues have scientific value for Tajik Literature.

Key words: Sayid Jalolishoh, Shohkalon, Shohzodamuhammadov, Fazilatnoma, Badakhshon, Rushon, Shugnon, Religion’s philosophy, scientific terminology, Ismaili’s philosophy.

Сведения об авторе: ***Лоло Давлатбеков*** – кандидат филологических наук, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 937-95-49-99**

СУВАРИ ХАЁЛИ МАВЛОНО ҶОМӢ ДАР ОФАРИДАНИ СИМОИ ЗУЛАЙХО

Ҳиммати Кӯҳсор

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Достони «Юсуф ва Зулайхо» ишқӣ аст ва шуарои Машриқзамин роҷеъ ба масоили ишқӣ камтар аз адибони дигар ҷаҳон навиштаанд, лобал бо илҳом аз завқи саршортаре дар ин мавзӯъ доди сухан додаанд, ки мисолаш хеле ва хеле зиёд аст. Маснавиҳои ишқӣ, ки шеъру адаби ховариён ва бахусус адабиёти форсӣ ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳон афзудааст, ҳатто муқоиса надорад. Ба ин маънӣ, таваҷҷуҳ равад ба достонҳои ишқӣ аз «Шоҳнома» -и Фирдавсии Тӯсӣ, «Хамса» -и Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, «Вомиқ ва Узро» -и Айюқӣ, «Вис ва Ромин» -и Фахриддини Гургонӣ ва….

Шеъри ғаноии ин адабиёт низ дар асл моломол аз ишқ аст, ҳам ишқи инсонӣ ва ҳам ишқи ирфонӣ. Дар сурудани достони «Юсуф ва Зулайхо» бисёре аз шуарои Ховар завқу ҳунари худро озмуда, дар баробари ин заҳамоти эҷодии худро ба ҷаҳониён арза доштанд. Дар Ховари Миёна ва Ховари Наздик беш аз панҷоҳ тан аз устодони сухан ва суханварони мухталиф қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба назм даровардаанд. Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и мансуб ба Абулқосим Фирдавсӣ, ки муаллифаш номаълум монда, сурудаҳои Муҳаммад Масъуди Қуммӣ, Алӣ Дурбек, Шайёд Ҳамза, Мавлоно Ҷомӣ, Нозими Ҳиравӣ, Ҳозиқ ва ….. аз ҷумлаи ҷолибтарини онҳост, ки дар ховаршиносӣ бештар ёд мешаванд. Вале ҷойи таъкид аст, ки достони «Юсуф ва Зулайхо» -и Ҷомӣ аз нигоҳи маъруфият ва шуҳрат, сатҳи олии бадеият, забони баён ва вусъати интишор дар олами ховаршиносӣ ва умқи нуфуз дар миёни мардуми дигар аз ҳама осори дар ин мавзӯъ эҷодгардида, бартар аст. Тибқи маълумоти ҷомишиносон ин қиссаи Мавлоно Ҷомӣ ба чанд сабаб мақоми баландро молик гардидааст.

Аввалан, муъҷизаосоии Ҷомӣ дар сухангустарӣ ба ҳадде аст, ки ба наҳви иҷобангез ва бо шукӯҳи хоссе бартарии мусаллами худро худи матни қисса ба субут мерасонад. Мазияти хосси ин достони офаридаи Мавлонои Ҷом дар шакли олии бадеӣ, тасвирҳои баланди шоирона, суханофарии балиғ ва фасеҳ, ширинӣ ва салосат, бидуни такаллуф ва мардумӣ будани он ва дасти тавоно ва устодии гӯянда дар тавсифи чеҳраҳои офаридааш аст.

Вақте ба тамоми осори манзуми Мавлоно Ҷомӣ таваҷҷуҳи амиқ равад, дида мешавад, ки вай бо сабки махсус ба худ шеър сурудааст. Вай аз рӯйи мазмун ва муҳтаво ҳар кадоме аз асари худро бо сабки ҷудогона, ки маҳзи ҳамон асар аст, нигошта. Достони «Юсуф ва Зулайхо» ҳам бо сабки хосси нигорандагӣ гуфта шуда, аз ҷиҳати сохт асари мукаммал аст ва дигар аз сабаби шуҳрати босазои ин қисса дар шеваи нигориши он арзёбӣ мегардад. Дар достон таҳкими аркони шеър, соддагии иборат ва баён, ғановати забон, пухта, рехта ва ба маврид истифода шудани саноеъи бадеӣ бо маҳорат ва устодии гуфтор тавъам омадаанд. Ҷомӣ дар «Юсуф ва Зулайхо» бо шеваи офаринанда ва халлоқ на асари таърихӣ, балки як асари пуарзиши бадеӣ офарида, аз шарҳи тамоми қисса даргузашта, ба худ танҳо ҳаводисеро, ки мақсади ӯ аст, мунтахаб ва ба назм кашидааст. Ин ҳадафи Мавлоно Ҷомиро баъзе маворид нусхабардорони достони шоир ҳангоми рӯнависи он саҳнаҳое, аз худ ба он афзудаанд. Тавре муҳаққиқи афғонӣ Муҳаммадҳусайни Бехрӯз нигоштааст «Дар нусхае аз ин достон, ки ба соли 1273 ҳиҷрӣ дар Табрез ба нашр расида, 385 байт аз ҷониби шоири номаълуме ва ё худи хаттот афзуда шудааст» [1, 25]. Ин донишманд ба ин гуфтаи худ меафзояд, ки «бар як нусхаи дигари «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ, ки дар китобхонаи шахсии ӯ маҳфуз аст, 193 байти изофӣ ба қалами шахси номаълуме дар қарни дувоздаҳуми ҳиҷрӣ ворид гардидааст» [1, 29]. Ба ишораи Муҳаммадҳусайни Бехрӯз ин қисмати изофӣ иборат аз қисмати марбут ба «Омадани Юсуф назди падар ва бино шудани Яъқуб ва афву бахшоиши Юсуф бародаронро» мебошад [1, 29-30]. Бешак ин изофаҳо на танҳо ба сабки нигориши Ҷомӣ, балки ба симоҳои офаридаи ӯ, аз ҷумла симои Зулайхо, бетаъсир набудааст.

Ҳадафи аслии Мавлоно Ҷомӣ дар ин достон, сухан гуфтан аз ҳусни Юсуф ва ишқи Зулайхо аст:

Чу тӯтӣ табъро созам шакархо,
Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо [2, 595].

Ин мақсади Ҷомӣ дар оғози тафсири ҳаводис ба тавсифи ин ҷиҳати умдаи симоҳои қисса ба таври зайл баён ёфтааст:

Зи маъшуқон чу Юсуф кас набуда,
Ҷамолаш аз ҳама хубон фузуда.
Зи хубон ҳар киро сонӣ надонанд
Зи аввал Юсуфи сонӣ -ш хонанд.
Набуд аз ошиқон кас чун Зулайхо,
Ба ишқ аз ҷумла буд афзун Зулайхо .
Ба тифлӣ то ба пирӣ ишқ варзид
Ба шоҳиву асирӣ ишқ варзид.
Пас аз пириву аҷзу нотавонӣ,
Чу бозаш тоза шуд аҳди ҷавонӣ ….
Дар ин нома сухан ронам зи ҳар як.
Ба хома гавҳар афшонам зи ҳар як [2, 596].

Аз ин абёт бармеояд, ки пояи асосии достон дар ду мафҳум: зебоӣ ва ишқ барқарор аст ва Ҷомӣ ҷуз ин ба зикри ҳаводиси дигари қисса, ки дар «Тафсири Сураи Юсуф»-и Муҳаммад Зайди Тӯсӣ муфассал омадааст, барои асари худ эҳтиёҷе надида.

Пеш аз ҳама, «Юсуф ва Зулайхо» -и Ҷомӣ дар навъи шеъриии маснавӣ суруда шудааст. Аз ин ҷо ки маснавӣ ба лиҳози қофия маҳдудияти соир қаволибро надорад, шеър мавзӯоти тӯлонӣ аст ва дар достонсароӣ аз он истифода мешавад ва аз ин рӯ маснавӣ ҳам қолаби ҳамоса аст ва ҳам достонҳои ғиноӣ. Ҳамчунин, қолаби муносиб барои адабиёти таълимии манзум низ маснавӣ бувад ва махсусан сӯфиён барои ирояи омӯзаҳои ирфонии худ аз он истифода мекунанд» [3, 309-310].

Ҳамин навъи адабӣ барои гуфтани достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ созгор омадааст. Дар достон ва баёни андешаҳои ошиқона ва сӯфиёнаи худ шоир аз вазни шеъриии Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф кор гирифта, ки арконаш ин аст:

Мафо Илун / Мафо Илун / Фа Улун
Мафо Илун / Мафо Илун / Фа Улун
V - - - / V - - - / V - -
V - - - / V - - - / V - -

Навъи адабии маснавӣ ва вазни интихобнамудаи Мавлоно Ҷомӣ тавонистааст ба ҳама маънӣ симои зоҳирӣ ва ботинии Зулайхоро фаро бигирад ва ба хонанда бо лаҳни зебо ва гӯшнавоз бирасонад ва ҳунарҳои адабии эҷодкорро дар маъниофарӣ ва зебоипарастӣ намоёнад. Ва ин ҳама ба шоири маъниофар имкон додаанд, ки мавридҳои зарурӣ барои равшан баён кардани матлаб – офаридани симоҳои маснавӣ, минҷумла симои ҷолибу ҷозибаноки Зулайхо, имконоти фарохтаре дошта бошад.

Чун дар достони ишқии «Юсуф ва Зулайхо» бештар таваҷҷуҳ ба симои Зулайхо аст, метавон онро аз симоҳои асосии қисса донист, зеро ҳамаи воқеаҳои он зимни фаъолияти Зулайхо мегузарад. Ҳамин Зулайхо аст, ки Юсуфро тарбия карда, ҳамин Зулайхо аст, ки баробари ба камол расидани Юсуф ошиқи шефтаи маъшуқ гардида, ҳамин Зулайхо аст, ки барои ишқи ӯро напазируфтан Юсуфро зиндонӣ карда, ҳамин Зулайхо аст, ки тамоми умр аз хоб дидан то лаҳзаи ба висол расидан дар ишқ содиқ буд. Зулайхо дар тасвири Ҷомии шоир аз ҳама зебоҳо зеботар аст. Ва ба хотири он ки суханвари Ҳиравӣ ба симои Зулайхо қабои бадеӣ пӯшонад, аз саноеи шеърӣ моҳирона истифода менамояд. Вай дар баробари нигоҳ доштани баёни сода ва мардумӣ ба ҳусни адо ва лутфи таъбир, салосат ва балоғат дидаи амиқ дорад. Тавассути устодона кор гирифтан аз сувари хаёл, яъне саноеи шеърӣ, монанди ташбеҳ ва истиора, тавсир, талмеҳ ва киноя, ташхис ва муболиға, тазод, таҷнис ва саволу ҷавоб, симои Зулайхоро ҳарчи зеботар меорояд ва суханро фасеҳ, муҳтавои қиссаро барҷаста, маъниро амиқ, матлабро возеҳ, оҳангнокии гуфторро баланд ва таъсири андешаро ҳамаписанд сохта, ҳам ба лафз ва ҳам ба матни ин баён бартарият мебахшад:

Нагунҷад дар баён васфи ҷамолаш,
Кунам табъозмоӣ бо хаёлаш.
Зи сар то по фуруд оям чу мӯяш,
Шавам равшанзамир аз акси рӯяш.
Зи нӯшин лаълаш истимдод ҷӯям,
Зи васфаш он чӣ дарғунҷад, бигӯям.
Қадар нахле зи раҳмат офарида,
Зи бӯстони латофат сар кашида…
Ду гесӯяш ду ҳиндуи расансоз,
Зи шамшоди сарафрозаш расан боз…
Зи бӯстони Ирам рӯяш намуна,
Дар ӯ гулҳо шукуфта гуна-гуна.
Ду нори тоза барбаста зи як шох,
Кафи умедашон набсуда густох [2, 98-100].

Ва Ҷомӣ аз сар то ба пойи Зулайхоро ба ҳамин равиш ба риштаи тасвир мекашад ва ҷамоли ӯро ҳар кадар ки бардошти қудрати сухан аст, тавсиф менамояд. Вале, ку қудрату тавони сухан, ки он ҳамаро фаро гирифта тавонад? Дар намунаи фавқ ба ҷуз тавсиф боз мебинем, ки шоир саноеи шеъриии таҷнис, ташбеҳ, истиора, талмеҳ, сифатчинро он қадар ба маврид корбаст намудааст, ки ба шарҳашон ҳоҷат нест.

Боби «Никоҳ бастани Юсуф Зулайхоро ва зифоф кардан бо вай», ки дар 64 байт анҷом пазируфтааст ва он ҳамаро наметавон ин ҷо иқтибос кард, тавсифи ба висол расидани Юсуф ва Зулайхо аст, ки гӯёи баланди ҳусну таровати суханварии Ҷомӣ мебошад ва назирашро ба ростӣ, ки дар «Юсуф ва Зулайхо»-ҳои то ӯ гуфташуда ва баъд аз ӯ эҷодгардида муҳол аст, ки дарёбем. Агар завқи шеъри воло доред, боре онро қироат намоед, пушаймон нахоҳед шуд. Ишқ аст, саропо ишқ ва шоир доди сухан дода. Намунаҳое барои санъати истиора:

Сиёҳиро сиришк аз наргисаш шуст,
Зи наргис зори чашмаш ёсуман руст [2, 334].

Дар ин намуна «наргис» ба маънии аслии худ наёмада, он ба ҷойи «чашм» истифода шудааст.

Боз:

Саҳисарваш зи бори ишқ хам шуд
Сараш чун ҳалқа ҳамрози қадам шуд [2, 334].

Ин ҷо «саҳисарв» ба маънои қомати зебо аст ва ҳунари шоирӣ ҳам дар мавриди офаридани симо иборат аз ҳамин дониста мешавад.

Ҷомӣ то эҷоди «Юсуф ва Зулайхо» бо эҷоди осори зиёди адабӣ ва илмӣ поя бар поя «соҳиби табъи баланд, илҳоми ҷӯшон ва тахайюли бепоён буд ва бар замми ин то рӯзи навишта шудани достон ….. роҳи дурру дарози зиндагиро тай карда, улуми зиёдеро пардохта, сардӣ ва гармии рӯзгорро фаровон чашида, бо чашми ақлу хирад дунёро хуб санҷида, чандин дафтарро бо шеъру таронаҳои худ пур карда буд. Ин таҷрибаи калони зиндагӣ, илмӣ ва эҷодӣ ба ӯ имкон додаанд, ки воқеаву ҳодисаҳои зиндагӣ ва хислату кайфияти ашхосро ҳаётиву рангин тасвир намояд» [4, 98-99]. Ин дониши фарох ва таҷрибаи зиёдро Ҷомӣ дар офаридани симои Зулайхо истифода кардааст, ки ин иддаоро аз сатр – сатри достон дармеёбем.

Мавлоно Ҷомӣ дар тасвири симои Зулайхо, пеш аз ҳама, аз санъати шеърии ташбеҳ, ки ин санъатҳои дӯстдоштатарини суханвар дар тамоми эҷодиёташ аст, кор гирифтааст. Умуман, аз ҳар саҳфаи ин қиссаи шоир аз ҳамаи анвои ташбеҳ метавон намунае дарёфт. Ташбеҳҳои Ҷомӣ дар ин маврид бидуни тардид ҳаёти воқеӣ касб карда, хосият ва моҳияти ин ё он ашёро нишон додаанд. Камтар воқеъ шуда, ки Ҷомӣ барои офаридани симои Зулайхо дар зоҳиру ботин ташбеҳҳои хаёлӣ ва сохта дошта бошад. Аз ташбеҳоти Ҷомӣ дар сифати Зулайхо:

Ду пистон, ҳар яке чун қуббаи нур,
Ҳубобе хоста аз айни кофур [2, 159].

Дигар:

Миёнаш мӯй, бал к-аз мӯй ниме,
Зи борикӣ бар ӯ аз мӯй биме [2, 160].

Дар мисоли дувум муболиғаи ғулув низ ҷой дорад, ки ишора бар борикии миён аст ва чӣ тасвири нозуке, ки миёни Зулайхо ба мӯй, бал аз он ҳам камтару бориктар ташбеҳ шудааст.

Санъати суханчинӣ дар истифодаи Ҷомӣ дар ин достон:

Ба Юсуф гуфт, к-эй аз фарқ то пой
Дилошӯбу дилорому дилорой.
Ба рух симои дигар дорӣ имрӯз,
Ҷамол аз ҷойи дигар дорӣ имрӯз [2, 264].

Аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар адабиёти форсӣ дучор меояд, ин санъати тазод ва муқобила аст. Дар ин саноат ба ҳам муқобил гузоштани ду андеша бар ҳамдигар аст ва ё ба таъбири дигар, сифату хислати равонии ду кас ба таври муқоиса.

Байти зер намуна бар ин гуфта бошад, ки Зулайхо дар хонаи ҳафтуми қасри худ бо нияту орзуи ба висоли Юсуф расидан ба ӯ рӯй оварда мегӯяд:

Ки эй худком, коми ман раво кун,
Ба васли хеш дардамро даво кун.
Манам ташна, ту оби зиндагонӣ,
Манам кушта, ту ҷони ҷовидонӣ.
Чунонам аз ту дур, эй ганҷи ноёб,
Ки бошад кушта бе ҷон, ташна бе об...[2, 278].

Мавлоно Ҷомӣ барои нишон додани олами равонии Зулайхо ва ҳар чӣ равшантар намудани симои Зулайхо, аз санъати саволу ҷавоб низ бо лаҳни ширини шоирона кор гирифта, ин гуфтугӯйи ӯро бо Юсуф дар боби «Омадани Зулайхо ба

хилватхонаи Юсуф ва ба дуои вай биноӣ, ҷамол ва ҷавонӣ боз ёфтан» зайлан ба назм кашидааст:

Чу Юсуф з-ин сухан донист, к-ӯ кист
Тараҳҳум карду бар вай зор бигрист.
Бигуфто: -» Эй Зулайхо, ин чӣ ҳол аст,
Чаро ҳолат бад-ин сон дар вубол аст?»
Чу Юсуф гуфт бо вай: -» Эй Зулайҳо»
Фитод аз по Зулайхо бе Зулайхо.
Шароби бехудӣ зад дар дилаш ҷӯш,
Бирафт аз лаззати овозаш аз ҳуш.
Чу боз аз бехудӣ омад ба худ боз,
Ҳикоят кард бо вай Юсуф оғоз:
Бигуфто: «Ку ҷавониву ҷамолат?»
Бигуфт: «Аз даст шуд дур аз висолат».
Бигуфто: «Хам чаро шуд сарви нозат?»
Бигуфт: - «Аз бори ҳаҷри ҷонгудозат».
Бигуфто: - «Чашми ту бенур чун аст?»
Бигуфт: - «Азбаски бе ту ғарқи хун аст».
Бигуфто: - «Ку зару симе, ки будат?
Ба фарқ он тоҷу дайҳиме, ки будат?
Бигуфт: -» Аз ҳусни ту ҳар кас сухан ронд,
Зи васфат бар сари ман гавҳар афшонд.
Сару зарро нисори пош кардам,
Ба гавҳарпошияш подош кардам…» [2, 345].

Ин суолу ҷавоби Юсуф ва Зулайхо идома дорад ва маъшуқ аз ошиқ мепурсад, ки ҳоҷатат имрӯз чист, то баробар бикунам. Зулайхо ба Юсуф рӯй оварда мегӯяд, ки агар бо савганд зомин шавӣ бигӯям, вагарна ҳеҷ. Юсуф қасам ёд мекунад ва Зулайхо аз ӯ ҷавонию ҷамол, қомати сарв ва биноӣ таманно мекунад. Юсуф бо дастгирии парвардигор бо дуое он ҳамаро ба Зулайхои дар аҳду вафои ишқ икто арзонӣ медорад ва зиёда аз ҳама Зулайхоро ба никоҳи худ дармеорад ва бокирааш дармеёбад. Намунаи болоӣ, ки барои санати суолу ҷавоб иқтибос шуд, ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳи изофа надорад.

Сувари хаёли Ҷомӣ дар сурудани достон, минҷумла офаридани симои Зулайхо, ки гардонандаи чархи қисса аз оғоз то анҷом аст, бо саноеи лафзии лаффу нашр, такрор, гардиш, тарсеъ, таҷнис на бо мақсади зоҳирпарастӣ дар шеър, балки барои рӯшантар сохтани маонӣ, тавонмардӣ ва барҷастагии симои қаҳрамони асар, амиқ нишон додани ҳолоти рӯҳӣ ва равонии ин ё он симои асар мавриди истифода қарор додааст.

Санъати такрорро аз лаҳни ошиқонаи худи Зулайхо, ки бар Юсуф ишора намуда, ҳар чӣ дар дил дорад ба ошиқ мегӯяд, мешунавем. Дар ин намуна бештар аз симои ботинии Зулайхо ҳосил мебардорем:

Ба ҳаққи он худое бар ту савганд,
Ки бошад бар худовандон худованд,
Ба ин ҳусни ҷаҳонгире, ки додат,
Ба ин хубӣ, ки дар ораз ниҳодат.
Ба ин нуре, ки тобад аз ҷабинат,
Ки дорад моҳро рӯ бар замин аст.
Ба абрӯйи камондоре, ки дорӣ,
Ба сарви хубрафторе, ки дорӣ …
Ба истилои ишқат бар вуҷудам,
Ба истиғноят аз буду набудам,
Ки бар ҳоли мани бедил бибахшой,
Зи кори мушкилам ин уқда бикшой [2, 278].

Дар намунаи фавқ пешванди «ба» санъати такрор буда, дар мисраи «Ба сарви хубрафторе, ки дорӣ» вожаи «сарв» истиора аст, ишора бар қоматро дорад.

Ҷомӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо» аз санъати зулқофиятайн низ кор гирифта, ба ин васила ҳар чӣ ҷолибтар ва хотирмонтар бароямон намоёнидааст. Ин аст намунае ба санъати зулқофиятайн:

Ба захми сум чу санги хора ҳастӣ,
Зи ҳар моҳи наваш сайёра ҷастӣ [2, 337].

Ин ҷо дар байт «хора» бо «сайёра» ва «ҳастӣ» бо «ҷастӣ» вазифаи қофияро анҷом додаанд.

Аз саноеи лафзӣ, ки Мавлоно Ҷомӣ дар тамоми осори манзумаш зиёда мавриди корбаст қарор додааст, санъати такрор аст ва онро борҳо дар ин қиссаи пуршӯр ва пурмоҷарои ишқи Зулайхо бар Юсуф дучор омадем. Ин санъат бар он аст, ки шоир баҳри боз ҳам сареҳ ва равшан гардонидани ифодаи баёни хеш калима ё таркибе, ё ибораеро интихоб менамояд, ки андешаи зарурӣ бо он беҳтар зоҳир шавад ва ё дар чанд байт такрор ояд. Дар намунаи зер аз боби «Никоҳ бастани Юсуф Зулайхоро ва зифоф кардан бо вай» ин масъулият бар дӯши калимаи «гоҳ» будааст:

Зулайхо мунтазир дар пардаи хос,
Дили ӯ аз тапиш дар парда раққос…
Гаҳе пуроб чашаш з-ашки шодӣ,
Гаҳе пурхун зи бими номуродӣ.
Гаҳе гуфтӣ, ки ман бовар надорам,
Ки гардад хуш бад-ин сон рӯзгорам.
Гаҳе гуфтӣ, ки лутфи дӯст ом аст,
Зи лутфи дӯст навмедӣ ҳаром аст.
Аз ин андеша хотир дар кашокаш,
Гаҳе хуш буд он ҷо гоҳ нохуш [2, 348].

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ дар баробари доштани сабки баланди бадеӣ бо забони аз ҳар ҷиҳат ғанӣ, сода ва барои хоссу ом фаҳмову фасеҳ офарида шуда, дар худ тамоми хусусияти умдаи забони замони нигорандаро фаро гирифта тавонистааст. Вай дар навбати аввал ба талаботи сарфу навҳи забони китобии форсии қарни XV милодӣ риоят кардааст ва дар истеъмоли калима, таркибу ибороти хушоҳанг, таъбирҳои мардумӣ, маҳолҳои роиҷ борикбин ва нодиракор ба назар мерасад.

Ҷомӣ каломи худро ончунон обуранг медиҳад ва зебоӣ мебахшад, ки ниёзманд ва ҳаводиси қисса ва ашхоси онро, бахусус, бештар аз ҳама симои Зулайхоро чун навори синамо ба таври мукаммал мебинад ва пеши назар ба ҷилва меорад. Истифода аз ҳикоёту маҳол ба достон зебоии дигаре бахшидааст.

Билохира, бояд ҳадс зад, ки «Юсуф ва Зулайхо»-и Мавлоно Ҷомӣ аз ҷиҳати шуҳрат, сатҳи волои бадеӣ, вусъати интишор ва умқи нуфуз аз кулли достонҳо ва осори дар ин мавзӯъ иншогардида бартар меистад. Устодии муъҷизаосои Ҷомӣ дар офаридани симоҳои аслӣ ва фаръӣ, пеш аз ҳама симои Зулайхо, ки гардонандаи фаъоли қисса аст, ба ҳадде ба назар мерасад, ки ба навҳи иҷобангез ва бо шукӯҳи хоссе бартарии худро ба субут расонида, дар шаклу мазмуни ниҳоят олӣ, тасвирҳои баланди шоирона, суханварии болиғ ва фасеҳ, салосат ва балоғат, бетакаллуфӣ, бамаврид истифода шудани саноеъи бадеъӣ ва….. назир надорад. Мавсуф симои Зулайхоро дар достон, бидуни он ки пешиниён ҳам дар тафсирҳои Қуръони маҷид, ҳам дар пораҳои алоҳидаи маснавиҳо ва ҳам дар достонҳои комил борҳо ва ба такрор ёд кардаанд, бо шеваи офаринанда ва халлоқ, бар пояи завқу сабки хеш ба назм даровардааст, ки аз достонҳои беҳтарин дар адабиёти форсӣ эътироф шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳрӯз Муҳаммадҳусайн. Такмилаи «Юсуф ва Зулайхо» -и Ҷомӣ / Беҳрӯз Муҳаммадҳусайн. – Кобул: Ориёно, 1324. - № 1. - С.24-32.
2. Ҷомии Ҳиравӣ. Маснавии «Ҳафт авранг» / Ҷомии Ҳиравӣ; ба тасҳҳеҳи Мударриси Гелонӣ. – Теҳрон: Баъдӣ, 1350. - 1154 с.
3. Шамисо Сирус. Анвои адабӣ / Шамисо Сирус. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1327. – Ҷ.1. - 376 с.
4. Аълохон Афсаҳзод. «Лайлӣ ва Маҷнун» - и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1970. - 240 с.

ОБРАЗ МЫШЛЕНИЯ МАВЛОНО ДЖАМИ В СОЗИДАНИИ ОБРАЗА ЗУЛЕЙХИ

В статье автор на основе высказывания предшественников и в своих стремлениях смог показать мастерство красноречия Мавлоно Джами в создании образов Зулейхи в поэме» Юсуф и Зулейха». Чтобы привлекательно показать образ Зулейхы в поэме поэт использует такие литературные приёмы как аллегория, намек, иносказание и др.

Ключивые слова: Джами, Зулейха, поэма, образ, мастерство, литературные исскуство, Коран, хадисы.

THINKING MAVLONO JAMI IN BUILDING UP THE IMAGE OF SULAYHI

The article author on the basis of the statements of his predecessors and in his efforts, was able to show mastery of eloquence Mavlono Jami in creating images of Sulayhi in the poem" Yusuf and zulaikha". To attractively display the image of Zuleikha in the poem the poet uses literary devices like allegory, allusion, allegory, etc.

Key words: Jami, zulaikha, a poem, an image, skill, literary arts, Quran, hadiths.

Сведения об авторе: ***Химмати Кухсор*** – соискатель Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки. Телефон: **221-32-23**

БАҲСИ АНВОИ ШЕЪР ДАР “БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР”-И ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Назари Муҳаммадхоҷа
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Камолуддин Ҳусайн ибни Алии Кошифӣ аз адибон ва донишмандони маъруфи асри XV аст, ки дар ривоҷи насри форсӣ ва такмили улуми адабии давр нақши барҷаста дорад. Вай бо табаҳҳур дар анвои улуми шаръӣ ва адабӣ осори мондагоре боқӣ гузоштааст, ки имрӯз онҳо мавриди қабул ва татаббӯи аҳли илму адаб мебошанд. То имрӯз дар миёни донишмандони исломии Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон ва умуман Осиёи Марказӣ “Тафсири Ҳусайнӣ” мавсум ба “Ҷавоҳири иллия”, яке аз муҳимтарин ва муътамадтарин тафсирҳо ба шумор меравад. Осори дигари ӯ дар заминаи дину ирфон, чун “Ҷомеъ-ус-ситайн”дар тафсири сураи “Юсуф”, “Мухтасар-ул ҷавоҳир”, “Равзат-уш-шуҳадо”, “Лубби лубоби “Маснавӣ”-и Мавлавӣ”, насри ривоӣ ва ахлоқӣ, чун “Анвори Суҳайлӣ”, “Ахлоқи Муҳсинӣ”, “Футувватномаи Султонӣ”, “Рисолаи Ҳотамия” арзиши баланди илмӣ ва адабӣ доранд.

Дар баробари таълифи осори илмии динӣ ва адабӣ, Ҳусайн Воиз чун донишманди дорои савияи баланди улуми адабӣ дар замони худ ва имрӯз эътироф шудааст. Вай дар ин замина осори арзишманде назири “Махзан-ул-иншо” ва “Бадоеъ-ул-афкор”-ро таълиф намудааст. Китоби “Махзан-ул-иншо” дар фанни тарассул, яъне иншо ва номанигорӣ навишта шудааст.

“Бадоеъ-ул-афкор”-и Ҳусайн Воиз асари назарии адабиётшиносӣ буда, масъалаҳои умдаи поэтикаро дар бар мегирад. Ин асар ба шеваи “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Ватвот, “ал-Муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Эъҷози Хусравӣ”-и Амир Хусрав ва дигар осори назарии то асри XV навишта шуда, аз ишораҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ зимни таълифи асари худ ба ин осор назар доштааст. Дар хилоли абвоби асар, зимни баҳс дар масоили адабӣ, гоҳо ба яке аз ин адабиётшиносон ишорат мекунад. Вале истиқлоли фикрӣ дар мабоҳиси Ҳусайн Воизи Кошифӣ қавӣ буда, барои исботи андешаҳои худ аз девони ашъори аксари шоирони то асри 15 мисолҳо меорад ва маълум аст, ки девони ин шоирон ҳамвора пеши назари ӯ будааст.

“Бадоеъ-ул-афкор”-и Ҳусайн Воиз аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат аст. Муқаддимаи ин асар ҳомили аҳамияти баланди илмӣ мебошад. Муаллиф муқаддимаро ба чор фасл ҷудо кардааст, ки фасли аввал “Дар таърифи шеър”, фасли дувум “Дар баёни анвоъ”, фасли савум “Дар баёни ақсоми шеър” ва фасли чорум “Дар зикри баъзе алфозе, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст” ном дошта, дар мавриди маънии луғавию истилоҳии шеър, анвои он, қисматҳои шеър ва алфозе, ки дар байни шоирону нависандагон маъмул мебошанд, баҳс менамояд. Баҳсҳое, ки дар муқаддимаи “Бадоеъ-ул-афкор” сурат гирифтааст, аз ҷониби донишмандони асрҳои охир баҳои баланд гирифта, қимати баланди илмии он таъкид шудааст. Чунончи, адабиётшиноси маъруф Раҳими Мусулмониён дар ин маврид навиштааст: “Муқаддимаи рисолаи Кошифӣ қимати калони илмию амалиро соҳиб мебошад, зеро он дониши моро дар бораи шеъру анвоъу ақсоми он меафзояд. Муаллифи “Бадоеъ-ул-афкор” гуфтаҳои мутақаддимонро роҷеъ ба таърифи шеър ва дигар масъалаҳои ба он марбут такмил додааст” [8, 45].

Дар ҳақиқат муқаддимаи рисолаи Ҳусайн Воиз аҳамияти баланди илмию амалӣ дорад ва навъе ҷамъбасти афкори назарию адабии донишмандони форсизабон перомуни масоили шеършиносӣ мебошад. Махсусан, фасли дуюми он, ки ба анвои шеър бахшида шудааст, навъи такмилаи назарии шинохти жанрҳои шеъри форсист. Албатта, бояд гуфт, ки то замони ӯ дар шинохти навъҳои шеър адабиётшиносони форсизабон нақду назарҳои ҷолибе ироа намудаанд, вале дар шарҳи баъзе анвои шеър ҳанӯз нуктаҳое боқӣ буд, ки ниёз ба таҳриру такмил дошт. Хидмати донишмандону адабиётшиносони то садаи XV дар шинохти анвои шеър хеле бузург аст ва перомуни онҳо донишманди тоҷик Раҳими Мусулмониён тадқиқоти судманде анҷом додааст [5, 6].

Дар таҳқиқ ва шинохти анвои шеър Ҳусайн Воиз ба осори донишмандони гузашта такя намуда, зимни баёни назарҳои мушобеҳ ба онҳо як идда ақидаҳои тозае баён менамояд. Аз ҷумла, зимни шарҳи маънии луғавию истилоҳии қасида менависад: “Қасида он аст, ки абёти он бар як қофия гуфта шавад ва аз понздаҳ байт даргузарад ва матлаи он мусарраъ (ҳамқофия) бошад... Ва баъзе гуфтаанд қасида маъхуз аз қасид, яъне мағзи ситабр (бузург) ва ишорат аст ба матонати (устувории) алфоз ва разонат(мустаҳкамӣ)-и маъонӣ” [8, 58]. Ба андешаи Р. Мусулмонқулов “ишорати зерини муаллиф, ки ба матонату маҳкамии лафзу маънӣ дахл мекунад, дар рисолаи Шамси Қайс дида намешавад” [6, 22].

Вале дар баъзе маворид дар гуфтаҳои Ҳусайн Воиз ихтилоф вуҷуд дорад. Чунончи, дар мавриди таъйини миқдори абёти қасида Ҳусайн Воиз ду андеша баён мекунад, ки бо ҳам мухолифанд. Масалан, дар ибтидо мегӯяд: “... ва аз понздаҳ байт даргузарад” [8, 58], маънои онро дорад, ки ин муаллиф ҳам чун Шамси Қайси Розӣ ҳадди ақалли абёти қасидаро 15 байт медонад. Шамси Қайси Розӣ дар ин бора қайд кардааст: “Чун абёт мутакаррар шуд ва аз понздаҳу шонздаҳ даргузашт, онро қасида хонанд ва ҳар чӣ аз он камтар бувад, онро қитъа хонанд ” [9, 201].

Вале баъдан ин ақидаро сарфи назар намуда, навиштааст: “... ва гуфтаанд авло ин аст, ки ақалли абёти қасида сию як бошад ва аксараш наваду нуҳ ва он чи миёни ин ҳур ду бошад, исми қасида бар он итлоқ (ҳамроҳ) накунанд ва онро қитъа хонанд” [8, 59]. Ҳол он ки дар аксари китобҳои шеършиносӣ ҳадди ақалли қасидаро 15 байт гуфтаанд ва худи Ҳусайн Воиз ҳам дар ибтидо ин нуктаро таъйид карда буд.

Дар поёни шарҳи истилоҳии қасида Ҳусайн Воиз ба мусарраъ (ҳамқофия) омадани матлаи қасида ишорат намуда, дар зимни он таъкид кардааст: “Ва тасреъ дар матолеи қасоид лозим аст. Ва ҳар шеъре, ки матлаи он мусарраъ нест, агарчи мутаввал бошад, исми қасида бар он итлоқ накунанд ва онро қитъа хонанд. Ва он чи матлаи он мусарраъ бошад, онро қитъа нагӯянд, чун муқаттаоти китоби “Нисоб”; мурод маънии луғавии қитъа бошад, на истилоҳӣ” [8, 59]. Дар ин бахш, дар баробари таъкиди шарти ҳамқофия омадани қасида, ба адами мусарраъ будани қитъа таъкид мекунад, ки ин муҳимтарин нукта дар шинохти жанри қитъа мебошад. Ба андешаи Р. Мусулмонқулов “Дар тафсири зерини ӯ ақидаи шахсии муаллиф таҷассум ёфтааст, ки дорои қимате мебошад” [6, 23].

Дар шинохти муқаддимаи қасида, ки онро насиб ё ташбиб меноманд, Ҳусайн Воиз дар фасли чоруми рисолаи худ андешаҳои қобили арзиш баён кардааст. Чунончи, вай миёни ин истилоҳҳо фарқияти хоссе қоил буда, ҳудуди истифодаи ин истилоҳотро мушаххас намудааст. Яъне, насиб ин муқаддимаи ишқии қасида (ё худ тағаззул) ва ташбиб марбут ба мавзӯоти дигар аст. Дар мавриди насиб менависад: “Насиб дар луғат васфи ҷамоли маҳбуб кардан ва ҳикояти худ бо вай гуфтан бошад ва дар истилоҳ ғазалеро гӯянд, ки шоир онро муқаддимаи мақсуди хеш созад, то ба сабаби майле, ки бештари нуфусро ба истимои аҳволи маъшуқ мебошад, табъи мамдӯҳ ба шунидани он рағбат намояд...” [8, 70].

Вале “ташбиб дар луғат ба маънии насиб аст ва дар истилоҳ он аст, ки шоир пеш аз мадҳ сурати воқеа ва ҳасби ҳоли худ зикр кунад ва мар муштамил бошад бар шикояти фироқу шарҳи иштиёқ ва васфи атлолу даман ва боғоту азҳору чаман ва сифати шабу рӯзу зикри иду наврӯз ва таърифи хазону баҳор ва тавсифи масокину диёр ва қиссаи вақоеъи замон ва ғуссаи ҳаводиси даврон- маҷмӯъро ташбиб хонанд”

[8, 70]. Дар охир Ҳусайн Воиз таъкид мекунад, ки “баъзе аз шуаро миёни насибу ташбиб фарқ накардаанд” [8, 71].

Тавре ки дида мешавад, Ҳусайн Воиз, дар баробари идомаи таълимоти адабиётшиносони гузашта перомуни қасида ва хусусиёти шаклию мундариҷавии он нақду назарҳои онҳоро такмил додааст.

Дар мавриди қитъа низ, Ҳусайн Воиз нисбат ба адабиётшиносони гузашта ва муосираш қадаме ба пеш гузошта, шарҳи истилоҳии жанри мазкурро нисбатан комилтар анҷом додааст. “Аввалин шахсе, ки дар таърихи адабиётшиносии тоҷику форс мухтасар бошад ҳам, оид ба қитъа маълумоти алоҳидаи таърифӣ додааст, Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад”- навиштааст Р.Мусулмонқулов [6, 55]. Вай жанри қитъаро чунин таъриф намудааст: “Қитъа дар луғат пораро гӯянд ва дар истилоҳ миқдоре бошад аз шеър, ки муҷаррад (ҷудо) бувад аз тасреи матлаъ (ҳамқофия будани матлаъ). Ва ӯро қитъа аз он ҷиҳат гӯянд, ки ба нисбати бо мақосиди мутааддада (зиёд) ва маонии касира (фаровон), ки дар қасида воқеъ аст, баъзе метавонад бувад аз он ва аксари он ақалли абёти қасида тавонад буд, ки сию як аст ва ақалли он ду байт бошад” [8, 59]. Мувофиқи таърифи Ҳусайн Воизи Кошифӣ мисраи аввали қитъа бояд аз қофия озод бошад, ки имрӯз низ ин қоида побарҷост. Ба таври истисно аз баъзе шоирон қитъаҳое бо матлаи мусарраъ боқӣ мондааст, ки чандон зиёд нест. Тавзеҳи маънии истилоҳии қитъа низ бисёр ҷолиб аст, зеро сохти композитсионии қитъаро дуруст тавзеҳ медиҳад. Дар ҳақиқат қасида дорои якчанд мавзӯъ ва қисматҳои ҷудогона аст, вале қитъа танҳо аз як қисм иборат буда, як мавзӯъ, як ҳолат ё як масъаларо инъикос менамояд.

Ахбори Ҳусайн Воиз доир ба миқдори абёти қитъа низ дорои аҳамият аст: “аксари он ақалли абёти қасида тавонад буд, ки он сию як аст ва ақалли он ду байт бошад” [8, 59]. Яъне, ҳадди ақалли абёти қитъа ду байт ва ҳадди аксари он сию як ва аз он ҳам зиёд буда метавонад. Бар хилофи ақидаи баъзе муҳаққиқони муосир, ки ҳаҷми абёти қитъаро аз 4 то 12 байт маҳдуд намудаанд, ин ахбори Кошифӣ ва суханшиносони дигари асримиёнагӣ сохтор ва ҳаҷми жанри қитъаро дуруст ташреҳ медиҳад.

Роҷеъ ба масъалаи ғазал ва хусусиёти жанрии он низ рисолаи Ҳусайн Воиз ҳомили аҳамияти баланди илмист. Муаллиф дар баробари такрори хусусиятҳои маълуми ғазал, ки то замони ӯ суханшиносони касбӣ баён намудаанд, баъзе нишонаҳои нави жанри мазкурро ироа мекунад. Вай дар тавзеҳи маънии луғавии ғазал батафсил сухан нарондааст, зеро суханшиносони гузашта онро муфассал шарҳ додаанд: “Ғазал муштақ (пайдошуда) аз муғозалат аст ва муғозалат ишқбозӣ бошад бо занон ва ҳадис кардан (сухан гуфтан) бо эшон” [8, 59]. Дар тавзеҳи маънии луғавии ғазал Шамси Қайси Розӣ ба тафсилоти бештар роҳ додааст: “Ва ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва сифату ишқбозӣ бо эшон ва таҳолик дар дӯстии эшон аст; ва муғозалат- ишқбозӣ ва мулоибат аст бо занон; ва гӯянд: рачулу ғазилу, яъне марде, ки муташаккил бошад ба сурате, ки мувофиқи табъи занон бошад ва майли эшон бад-ӯ бештар бувад ба сабаби шамоили ширину ҳаракоти зарифона ва суханони мустаазб” [9, 415].

Дар шарҳи маънии истилоҳии ғазал Ҳусайн Воиз дар баробари такрори таърифҳои маъмули суханшиносон нуктаҳои ҷадиде дар шинохти сохту устухонбандии ғазал баён кардааст. Вай ғазалро истилоҳан чунин таъриф мекунад: “Ва ба забони суханшиносон ғазал онро гӯянд, ки муштамили васфи шаклу шамойили маҳбуб ва шарҳи никояту ҳикояти муҳиб бошад ва ҳиғату (васфу) сифати зулфу хол ва балияти (азоби) ҳаҷру висол ороста бувад” [8, 59]. Ин ҷо шарҳи доираи мавзӯоти ғазал бисёр муъҷазу мухтасар аст ва шомили қариб ҳамаи онҳо мешавад.

Дар идомаи сухани худ Ҳусайн Воиз ба масъалаи шаклу услуби ғазал дахл намуда, фикрҳои боарзише баён медорад: “Ва саломати алфоз ва узубати маънӣ аз хасоиси ӯст ва тасреи (ҳамқофия будани) матлаъ аз лавозими ӯ. Ва аз муморасат (таҷриба) ва истиқрори(устувории) арбоби фасоҳат мафҳум мешавад, ки камтарин

абёти ғазал панҷ аст ва аксари он понздаҳ ва он чи миёни ину он бувад, ансаби (тааллуқи) он аст” [8, 59].

Дар ин гуфтори Ҳусайн Воиз чанд чизи тоза аст. Аввалан, шарти тасреи матлаи ғазалро бори аввал таъкид кардааст [6, 65]. Маълум аст, ки кулли ғазалҳои форсии тоҷикӣ бо матлаъҳои мусарраъ суруда шудаанд ва ин ҳукми қатъӣ доштааст. Вале адабиётшиноси муосири Эрон Сируси Шамисо ду шеъри Фурӯғии Бистомиро бо унвони «ғазали бидуни матлаи мусарраъ» оварда, менависад, ки «гоҳе ба нудрат бо ғазалиёте бармехӯрем, ки матлаи онҳо мусарраъ нест. Аз ин рӯ, гоҳ дар таи қитъаоти девонҳо дарҷ шудаанд» [7, 219-220]. Матлаи ин ду ғазал чунин аст:

Зеби ғазал кардам ин се байти маликро,
То ғазалам садри ҳар муросала бошад.

* * *

Бархез, нигоро, ки зи фармудаи хусрав,
Мавзун ғазале чун қади дилҷӯйи ту дорам [7, 220].

Чунин ғазалҳои бе матлаи мусарраъ дар девони тамоми шуаро мавҷуд нест ва махсусан, дар замони Фурӯғӣ, ки ғазал аз жанрҳои маъмулу шинохташудаи шеър буд, ин кори шоир ҳолати истисноӣ дорад.

Дар мавриди ҳаҷми ғазал низ андешаҳои Ҳусайн Воиз ҷолиби диққат аст ва имрӯз низ адабиётшиносон ба он такя кардаанд. Чунончи, Ҷалолуддин Ҳумоӣ дар такя ба Ҳусайн Воиз ва дигарон навиштааст, ки «ҳадди маъмули мутавассит мобайни панҷ то дувоздаҳ байт бошад. Гоҳе бештар аз он то понздаҳу шонздаҳ байт ва ба нудрат то нуздаҳ байт низ гуфтаанд, аммо аз панҷ байт камтар, чун се, чаҳор байт бошад, метавон онро ғазали нотамом гуфт ва камтар аз се байтро ба номи ғазал нашояд номид» [10, 171]. Ҳадди камтарин абёти ғазалро, ки Ҳусайн Воиз панҷ байт гуфтааст, имрӯз аксари адабиётшиносон таъйид кардаанд.

Муҳимтарин навоварии Ҳусайн Воиз дар шинохти анвои шеър дар шарҳи жанри мусаммат ба назар мерасад. Роҷеъ ба мусаммат донишмандони то замони Ҳусайн Воиз- Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Шамси Фахрӣ, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон маълумот додаанд, вале маълумоти онҳо комил нест. Аз ҷумла, Умари Родуёнӣ дар “Тарҷумон - ул - балоға” менависад:” Мусаммат гурӯҳ-гурӯҳ карда бувад. Бад-ин ҷойгаҳ маънии он чунон бувад, ки шоир қасидае гӯяд ва ҳар байтеро аз вай чаҳор қисм кунад, ё бештар, ҳама қисмҳо бар як вазн то поёни қасида ва ҳама ба саҷъ то охири байт, магар бахши қофия, ки баробар бувад ва ба равӣ хилоф, чунон-к Кисоӣ гӯяд:

Безорам аз пиёла в-аз арғувону лола,
Мову хурӯшу нола кунҷе гирифта танҳо” [3, 70].

Тавре ки аз таърифи Родуёнӣ бармеояд, вай мусамматро ҳамчун як санъати шеърӣ шинохтааст, яъне мусаммат шеърест, ки дар вай санъати саҷъ ба кор рафтааст. Сабаби ин ҳолат, яъне навъи шеърро бо санъати бадеӣ омехтани Родуёнӣ дар он аст, ки мусаммат дар заминаи санъати саҷъ ташаккул ёфтааст.

Рашиди Ватвот низ ҳамон гуфтаҳои Родуёниро такрор кардааст ва илова намудааст: “ва инро шеъри мусаҷҷаъ низ хонанд” [3, 120].

Шамси Қайси Розӣ миёни шеъри мусаҷҷаъ ва мусаммат фарқ гузошта, нахустин шуда, мусамматро жанри мустақили шеърӣ муаррифӣ менамояд ва ду навъи он - мусаммати мусаддас ва мусаммати мусамманро нишон медиҳад. Вай мусамматро чунин таъриф додааст: “Тасмит он аст, ки бинои абёти қасида (яъне шеър- Н.М.) бар панҷ мисраи муттафиқ - ул-қавофӣ ниҳанд ва мисраи шашумро қофияи мухолифи қавофии аввал оранд, ки бинои шеър бар он бошад. Ва бошад, ки дар адади масореъ бияфзоянд” [9, 389]. Ва як мусаммати Абдулвосеи Ҷабалиро овардааст, ки дар шакли мусамман аст.

Донишмандони дигар, чун Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Шамси Фахрӣ, Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Шарафуддини Ромӣ ва дигарон навъи мустақили шеър ба шумор рафтани онро нишон дода, навъҳои мураббаъ ва мусаддасро ишора кардаанд.

Ахбори Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи мусаммат назар ба ахбори суханшиносони гузашта мукаммал ва арзишманд мебошад. Вай дар баробари таърифи мусаммат анвои онро низ шарҳ додааст, ки нисбатан васеътар буда, чанд навъи мусамматро номбар кардааст. Суханшиносони гузашта се навъи мусаммат -

мусаддас, мусаббаъ ва мусамманро зикр кардаанд, вале Ҳусайн Воиз панҷ хели мусаммат-мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусамман ва муашшарро таъкид кардааст: “Ва мусаммат бар анвоъ аст, он чи машҳур шуда мураббаъ асту мухаммасу мусаддасу мусамману муашшар ва ғайри он низ тавон гуфт” [8, 61].

Ҳамчунин Ҳусайн Воиз мусамматро ба ду навъ ҷудо кардааст, ки яке ба шеъри мусаҷҷаъ дахл дорад, зеро ба қавли Ҳусайн Воиз “ҳар ҷузве аз аҷзои мусаммат баъзе бошад аз баҳри асл, яъне мисраи тамом набошад. Чунончи, дар мураббаъ гуфтаанд:

Маҳмил бидор, эй сорбон,
Тундӣ макун бо корвон.
К-аз ишқи он сарви равон,
Гӯйӣ равонам меравад.

Ва наздики афозили Аҷам ин навъи мураббаъ аз қабили мусаммат нест, балки аз ақсоми мусаҷҷаъ аст” [8, 61].

Навъи дуюм, ба назари Ҳусайн Воиз “мусаммати том” [8, 62] мебошад, ки дар мусаммат будани он ҷойи ҳеҷ шакку тардид нест.

Дигар аз тозагиҳои ахбори Ҳусайн Воиз он мебошад, ки дар зимни шарҳи истилоҳи тазмин ба масъалаи робитаи қавии мусаммат ва ғазал ишора кардааст, ки дар осори назарии то замони ӯ вонамехӯрад. Вай дар зимни шарҳи истилоҳи тазмин менависад: “ Ва шояд ки ғазалеро тазмин кунанд ба тарбеъ (чорто кардан), ё тахмис (панҷтоӣ), ё тасдис (шаштоӣ) ва монанди он” [8, 172]. Дар ин ҷо шоир ба мураббаъ, мухаммас ва мусаддас бастан ба ғазалиёти шоирон ишора менамояд, ки дар шеършиносии замони ӯ сухани нав аст.

Ҳамин тариқ, Ҳусайн Воиз дар таъриф ва шинохти жанри мусаммат афкори адабии то замони худро бо ахбори тоза такмил дода, дар пайдоиши мусаммат нақши муҳим доштани ғазалро таъкид мекунад.

Дар мавриди фард низ ибтикори Ҳусайн Воизи Кошифӣ қобили қайд аст. Тибқи таҳқиқи Р. Мусулмонқулов “фард... нахустин дафъа..., дар “Ҷамъи мухтасар”-и Ваҳиди Табрезӣ номбар шудааст. Муаллифи мазкур “муфраду рубоӣ ва ғазалу қитъа”-ро ба ҳисоби қасида даровардааст. Метавон тахмин кард, ки фард (фардиёт, муфрадот низ номида мешавад) дар назари Ваҳиди Табрезӣ сохти қофияи **а б**-ро дорад” [6, 113]. Аз навиштаи донишманди мазкур бармеояд, ки Ваҳиди Табрезӣ истилоҳи фардро ба кор бурда, онро шарҳу тавзеҳ надодааст ва устод Мусулмониён тахмин мекунад, ки шояд қофияи фард дар назари Ваҳиди Табрезӣ **а б** мебошад.

Вале дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ бори аввал, ба таври пухтаву мукаммал Ҳусайн Воизи Кошифӣ фардро шарҳу тавзеҳи илмӣ додааст: “Фард як байтро гӯянд, ки мусарраъ набошад ва ҳаройина бояд, ки он байт дар ҳадди зоти худ ороста бошад ба масале ё маънии хос, то мақбули тибоъу шоистаи истимоъ гардад” [8, 60].

Ба назари Ҳусайн Воиз мисраъҳои фард бояд ҳамқофия набошанд ва дар он ҳатман ҳикмати баланд, ё масал ва ё сухани тозаи шоирона ифода шуда бошад. Муфрадоти шоирони асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки Ҳусайн Воиз хусусиятҳои ин жанри адабиро дуруст ва асоснок баён кардааст.

Ҳамин тариқ, аз баррасии мавзӯи мавриди назар бармеояд, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар шинохт ва тавзеҳи анвои адабӣ бисёр дақиқназар буда, масъалаҳои марбут ба сохту мундарича, хусусиятҳои жанрӣ ва амалияи истифодаи анвои шеъри форсиро амиқ омӯхтааст. Баҳси анвои шеър дар “Бадоеъ-ул-афкор” моро ба натиҷае овард, ки ин рисола таълифоти суханшиносони асримиёнагиро роҷеъ ба таъриф ва моҳияти шеър, анвоъ ва ақсоми он, истилоҳоти роиҷ дар шеъри форсӣ, назария ва амалияи бадеъ, назария ва амалияи қофия ва дигар масоили марбут ба онро такмил намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоуллоҳи Ҳусайнӣ; бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 221 с.
2. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо; талхис аз Муҳаммад Туробӣ. - Теҳрон: Фирдавс, 1378. - Ҷ 3. – 254 с.
3. Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” / таҳияи матн ва тавзеҳоти Х.Шарифов. - Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.

4. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
5. Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика / Р Мусульманкулов. - Москва: Наука, 1989. – 240 с.
6. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан / Р. Мусулмонқулов. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 151 с.
7. Сируси Шамисо. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1370. – 312 с.
8. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор / Ҳусайн Воизи Кошифӣ; муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп У.Тоиров ва А.Ҳафизов. - Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
9. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам / Шамси Қайси Розӣ; муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров. - Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
10. Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ / Ҷалолуддини Ҳумоӣ. - Теҳрон: Ҳумо, 1377. – 424 с.

СПОРЫ ОТНОСИТЕЛЬНО ВИДОВ ПОЭЗИИ В “БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР” ХУСАЙНА ВОИЗА КОШИФИ

Хусайн Воизи Кошифи является одним из видных представителей литературы и культуры таджикского народа и внес определенный вклад в развитие культуры. Его труд «Бадоеъ-ул-афкор» считается одним из лучших его произведений, в котором рассматриваются и изучаются различные виды поэтического жанра, также даны описание и оценка сочинениям других поэтов и писателей различного периода.

Ключевые слова: Хусайн Воизи Кошифи**,** «Бадоеъ-ул-афкор широкий диапазона знаний, описание и оценка поэтических жанров, литературные нравы творчество писателей и мыслителей прошлых веков.

DISPUTES CONCERNING THE TYPES OF POETRY IN “BADEY-UL-AFKAR” HUSAYN VOISE COCHIFI

Hussain Voisi Cochiti is one of the prominent representatives of literature and culture of the Tajik people and made a certain contribution to the development of culture. His work "Badey-ul-afkar" is considered one of the best of his works, which explores and examines different kinds of poetic genre, is also given a description and evaluation of the works of other poets and writers of various periods.

Keywords: Hussain Voisi Kashifi, "Badey-ul-afkar wide range of knowledge, description and evaluation of poetic genres, literary mores creative writers and thinkers of the past centuries.

Сведения об авторе*:Назари Мухаммадходжа* –соискатель Таджикского национального университета.

САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР МИСР

Хайём Икромӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти муосир ва навини араб аз ибтидои асри XIX баъди рукуди фарҳангие, ки дар асари салтанати туркҳо ба вуҷуд омада буд, ба майдон омад. Зулму тааддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ нисбат ба мардум сабабгори пурзӯршавӣ ва боло гирифтани муборизa ба муқобили зулму истибдоди бисёрасраи туркҳо, як рағбату майли хоссеро нисбат ба фарҳангу тамаддуни миллии хеш дар дилашон бедор намуд ва онҳоро водор кард, ки анъанаҳои асили илмӣ ва фарҳангии худро нигоҳ дошта, ҳамқадами замон бошанд.

Дар ин марҳалаи ҳассоси таърихӣ зиёиёни Шарқ бо фарҳанги Аврупо шиносоӣ пайдо намуда, намунаҳои беҳтарини онҳоро аз забонҳои фаронсавию англисӣ ба забони арабӣ тарчума карданд. Чуноне ки аз даврахои баъдтари тараққии адабиёти араб мушоҳида менамоем, таъсири адабиёти Аврупо ба сарнавишти ояндаи адабиёти араб, жанрҳои он дар бисёре аз кишварҳои араб таъсири пурборе гузошт.

Ҳар кӣ адабиёти муосири арабро мутолиа намояд, дармеёбад, ки дар асри навин дар ҷодаи шеъру шоирӣ ва пешбурди ҳама жанрҳои адабӣ дар сарзаминҳои араб Лубнону Сурия ва Миср ҷойгоҳи хоссаеро касб менамоянд.

Омилҳои наҳзат дар мамолики араб хеле зиёд мебошанд ва ҳар як омил сабаби пешрафти маорифпарварӣ дар ин кишварҳо мегардид. Мисол, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Миср дигар шуд. Дар Лубнон замони ҳукмронии амир Башир Шаҳобӣ (1789-1845) бошад, ҳамчун асри “гул-гулшукуфӣ” ном гирифтааст. Амир дар дарбори худ як қатор нависандагон ва шоиронро ҷамъ овард. Авомили зиёд барои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ дар Миср сабаб шудаанд, ки яке аз ин омилҳо таҷдид ва ташаккули мактабҳои ибтидоӣ ва ё таъбири арабҳо мадраса буд.

1. Мактаб. Мактабҳо дар пешрафти кишварҳои араб таъсири бузурге гузоштааст. Ифтитоҳи мактабҳо дар ҳама кишварҳои арабӣ, аз ҷумла, дар Миср рӯ ба нуфуз ниҳод ва то ба имрӯз дар таҳвияти улум ва маориф нақши муҳимме доранд.

Дар Миср, асосан то ин вақт Азҳар ягона таълимгоҳ буд. Муҳаммад Алӣ шахсони ҷадидхоҳро водор мекард, ки китобҳои илмиро дар қолаби арабӣ тарҷума намоянд. Ҳамчунин касонеро, ки мехост ҷиҳати таҳсили илм ба Аврупо равона кунад, аз миёни толибилмони Азҳар интихоб мекард [4, 650].

Муҳаммад Алӣ бо вуҷуди ин мактабҳои нав ва таълимоти навро асос гузошт. Ӯ се навъ мадрасаро таъсис дод: **ибтидоӣ, омодагӣ** ва **тахассусӣ.** Мадрасаи тахассусӣ мадрасаи тиб буд, ки соли 1826 таъсис дода шуд. Дар аҳди Исмоил як қатор мактабҳо кушода шуданд. **«Мадрасат-ул-идора»,** ки баъдҳо **«Мадрасат-ул-ҳуқуқ»** ном гирифт. **«Мадрасат-ул-муаллимин», «Мадрасат-ул-фунун ва-с-синноот»** ва **«Дор-ул-улум-ил-олия»** дар замони ӯ ба вуҷуд омаданд. Дар **«Дор-ул-улум-ил-олия»** илмҳои забони арабӣ таълим дода мешуд. Дар соли 1906 **«ал-Ҷомиат-ул-мисрия»** ё Донишгоҳи Миср таъсис дода шуд.

2. Матбаа (чопхона). Матбаа яке аз бузургтарин васоили нашри маориф дар миёни мардум аст, ки дар қарни понздаҳуми милодӣ ихтироъ шуда буд, вале аввалин навиштаи арабӣ дар шаҳри Фонуи Италия соли 1516 чоп шуд. Номи китоб **«ас-Савоъия»** буд, ки муҳтавои онро намозҳои ҳарсоатаи калисои масеҳӣ ташкил медод [4,651].

Нахустин бор соли 1610 дар Лубнон чопхона ба вуҷуд омад. Дар он ҷо китобҳои арабиро бо ҳуруфи куршунӣ (навиштани алфози арабӣ бо ҳуруфи суриёнӣ) чоп мекарданд. Сурия қадимтарин кишвари араб аст, ки дар он ҷо китобҳоро бо ҳуруфи арабӣ чоп мекарданд. Ҳамин тавр, матбаа ба Ҳалаб омад ва Абдуллоҳ Аззоҳир барои мардум ҳарфи арабиро сохт ва аввалин китобе, ки чоп карданд **«Мазомири Довуди паёмбар»** буд. Аз ин пас чопхонаҳо рӯ ба афзоиш ниҳод, аз ҷумла, Абдуллоҳ Аззоҳир дар Дайр-уш-шувайрии Лубнон матбааеро таъсис дод, ки соли 1734 ба кор шурӯъ намуд. Ин матбаа дар муддати 150 сол дар хидмати маорифи Шарқ буд. Аммо дар Миср бошад, то соли 1821 аз матбаае, ки Муҳаммад Алӣ бо номи **«ал-Аҳлия»** таъсис дода буд, истифода мекарданд.

Санъати чоп пешрафти бузурге намуд ва чопхонаҳо дар саросари машриқ истифода бурда мешуд. Аз ин матбааҳо имрӯз матбааи **«ал-Ҳилол»** ва **«ал-Маориф»** дар Миср истифода мешавад.

3. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо. Бояд зикр намуд, ки адабиёт дар ташаккул ва инкишофи фарҳанг, аз ҷумла, рӯзноманигорӣ нақши умдаро мебозад. Аммо, адабиёти араб дар асрҳои XVI-XVIII аз чорчӯбаи анъанавӣ берун набаромада, чизи намоёне ба вуҷуд наовардааст. Аз ин рӯ, он чандон аҳамияти бузурге надорад. Вале дар ин давра анъанаи рӯйбардории дастхатҳои қадими мавҷуда хеле қувват гирифт. Ба туфайли ҳамин анъана аксари осори хаттии даврҳои бошукӯҳи гузаштаи адабиёти араб то рӯзгори мо боқӣ мондааст. Ҳамаи ин дар ташкили рӯзномаҳои дастнавис ва чопӣ ёрии калон расонидаанд. Хусусан, дар матбуоти нимаи аввали асри XIX анъанаҳои суханварии арабӣ дар публитсистикаи он бамаврид истифода шуданд. Тавре ки ишора шуд, дар минтақаҳои арабнишини империяи Усмонӣ (ғайр аз Миср) дар асри XIX матбуоти даврӣ назар ба Туркистон суст тараққӣ мекард. Дар хусуси Миср бояд гуфт, ки аввалин ошноии мардуми ин кишвар ба матбуот дар охири асри XVIII рӯй дода буд. Ин марбут ба омадани экспедитсияи ҳарбии Наполеон ба ин музофоти ғании империяи Усмонӣ буд. Дар юриши ғосибонаи худ ба Миср соли 1798 Наполеон мақсади амиқе дошт. Аввал, ба ӯ барои ишғол кардани қисматҳои арабии империяи Усмонӣ мавзеи мувофиқе лозим буд. Сониян, ишғоли Миср ба рақиби стратегии Фаронса оид ба тақсиму соҳиби ин минтақа-Англия зарбаи калоне мебуд, зеро ба воситаи Миср роҳҳои алоқаи Англия бо Ҳиндустон ва дигар мустамликаҳои англисӣ ба таври беҳтаре барқарор мегардид. Барои гирифтани мавқеи устувор дар ин кишварҳои араб Наполеон байни аҳолии таҳҷоӣ фаъолияти тарғиботиро вусъат дода, дар ин бора матбуотро воситаи асосӣ шуморид. Бо фармони ӯ дар Искандария, баъдан дар Қоҳира таҷҳизоти типографӣ бо ҳуруфоти лотинию арабӣ оварда шуда, нашри рӯзномаро ба роҳ монданд [5, 203].

Таърихи матбуоти Мисрро метавон аз ду ҷиҳат: расмӣ, мардумӣ ё ташаккули замонӣ марҳалабандӣ кард. Дар ин ҷо беҳтар мешуморем, ки аз нигоҳи таърихи замонӣ марҳалабандӣ намоем.

Ташаккули матбуоти Мисрро ба марҳалаҳои зер тақсим кардан мумкин аст:

а) марҳалаи аввали пешрафти матбуот дар Миср. Миср яке аз кишварҳое ба шумор меравад, ки дар ошноӣ бо рӯзнома миёни давлатҳои дигари арабӣ пешқадам аст. Сабабгори ин пешгомӣ ҳамлаи Фаронса дар соли 1798 ба ин кишвар мебошад, зеро ишғолгарони фаронсавӣ ҳамзамон бо омадани худ нашри ду рӯзномаро ба роҳ монда буданд:

1.Нашрияи низомии **«Le Courrier d'Egypte» (**Пайки Миср**)** мебошад, ки пас аз як моҳи омадани эшон ба ин сарзамин (соли 1798) аз чоп баромад. Ҳадаф аз таъсиси ин нашрия огоҳ намудани афсарони фаронсавӣ бо дастуру фармонҳои мақомоти болоӣ ва хабару рӯйдодҳои минтақа буд. Инчунин, дар ин нашрия латифаю ҳикояҳои шавқовар барои болида гардонидани руҳияи афсарон нашр мешуд.

2. Маҷаллаи илмии **«La decade Egyptienne»** (Даҳаи мисрӣ) аст, ки моҳи октябри худи ҳамон сол аз нашр баромад. Дар ин маҷалла мақолаҳои илмию фарҳангӣ ва адабӣ чоп мешуд.

Бояд қайд намуд, ки ин нашрияҳо на барои мардуми минтақа, балки барои хориҷиён ба табъ мерасиданд, зеро бо забони сирф фаронсавӣ нашр мегардид, ки ҷуз худи афсарони фаронсавӣ ва баъзе аз шахсиятҳои донандаи ин забон, касе қудрати хондани онҳоро надошт ва дар таҳрири онҳо низ ғайримисриён ширкат доштанд. Аз ин хотир ин давраро марҳалаи ошноии мисриён бо матбуот ё худ «рӯзноманигорӣ» ном бурдаанд [1, 65].

Бо гузашти айём, ишғолгарони фаронсавӣ зарур шумориданд, ки барои эшон, нашрияе бо забони мардуми маҳаллӣ (арабӣ) таъсис бидиҳанд. Вале, пеш аз ба табъ расидани нахустин шумораи он, соли 1801 эшонро лозим омад, ки ин минтақаро тарк намоянд. Дар натиҷа, ҳангоми бозгашти онҳо ба ватан он ҳама таҷҳизоти типографӣ, аз ҷумла матбаа ба Фаронса интиқол ёфт.

Дар хусуси матбааро бо худ бурдани Наполеон миёни таърихнигорон андешаҳои гуногун аст. Аз ҷумла, Филип Тирозӣ (таърихшиноси лубнонӣ) бар ин назар аст, ки фаронсавиҳо замони бозгашт ба Париж матбааро ба мисриён фурӯхтанд. Вале, бештари сарчашмаҳои таърихӣ таъкид бар он менамоянд, ки фаронсавиҳо тамоми таҷҳизоти типографӣ, аз ҷумла, матбааро, чӣ бо ҳуруфи арабӣ бошад ва чӣ фаронсавӣ дар Миср боқӣ нагузоштаанд. Дар ин бора санадеро далел меоранд, ки дар он ба генерал Беляр аз ҷониби Наполеон чунин амр шудааст: *«Тамоми таҷҳизот ва навиштаҷотҳои бо забони арабӣ, аз ҷумла, матбаа ба Париж интиқол дода шуда, феълан дар вазорати дохилии кишвар гузошта шаванд»* [1, 76].

Ҳамин тариқ, бо рафтани Наполеон аз Миср (соли 1801) табъу нашри рӯзнома ё худ рӯзноманигорӣ низ, дар ин кишвар то чанд соле хотима ёфта буд (то соли 1827). Аммо, фармонравои вақти Миср Муҳаммад Алӣ каме дер ҳам бошад, ин амалро дубора ба роҳ монд.

б) марҳалаи воқеии матбуоти Миср. Ин марҳала аз се давраи муҳим иборат мебошад:

Давраи якум: Замони ҳукуматдории Муҳаммад Алӣ(1805-1848).

Баъд аз ишғол шудани Миср аз ҷониби фаронсавиҳо, империяи Усмониро лозим омад, то лашкаре барои шикаст додан ва берун сохтани ин ишғолгарон аз минтақа алайҳи онҳо равона созад. Аз ин лиҳоз, ки Муҳаммад Алӣ (1769-1849) он замон дар сафи сарбозони туркӣ ифои вазифа менамуд, сарфармондеҳи ин сипоҳ таъйин мегардад. Муҳаммад Алӣ, ки дар дил орзуи таъсиси Мисри навинро дошт, дар ин ҳамлаи худ алайҳи фаронсавиҳо пирӯзӣ ба даст оварда, баъд аз 4 соли берун рафтани онҳо аз ин кишвар, соли 1805 дар пайи як ҷаласа фармонравои ин кишвар интихоб мегардад.

Давраи ҳукуматдории ӯро, ки 43 солро дарбар мегирад, чӣ аз нигоҳи иқтисодию фарҳангӣ бошад ва чӣ аз нигоҳи низомӣ лаҳзаҳои гул-гулшукуфии Миср меноманд. Ҳодисаи ҳайратовар он аст, ки Муҳаммад Алӣ танҳо дар синни 45-солагиаш хатту савод омӯхтааст. Ҳамчун шахси фавқулодда, соҳибистеъдод ӯ як мамлакати бузургеро бе донистани алифбои одӣ идора мекард. Баъди баровардани савод ӯ ба масъалаи инкишофи маорифу маданият аҳамияти ҳамаҷониба дода, дар рушду пешрафти ин соҳа ёрӣ расонидааст.

Муҳаммад Алӣ бо он таҷрибаву малакаҳои касбнамудаи хеш тасмим гирифт, ки орзуи хеш (таъсиси Мисри навин)-ро амалӣ намояд. Ҳокими вақт, ҳамзамон бо сари қудрат омаданаш, дарк намуд, ки барои эҳёи миллат се қувва: артиш, илм ва матбуот лозим аст. Аз ин хотир, ӯ дар умури кишвар ислоҳоти куллиеро ба роҳ монда, дар

ҳама маврид ба деҳқонони мисрӣ такя намуд. Аз эшон афсар, табиб, муҳандис, муаллим, донишманд, адиб, рӯзноманигор, сиёсатмадор, ҳоким омода сохт, ки ин ҳама ба мисриён эътимоду боварӣ бахшид [1, 87].

Муҳаммад Алӣ, пас аз ба низом даровардани умури идории давлат (1827), дастур дод, ки дар бораи рафти корҳо ва рӯйдоду воқеаҳои кишвар бевосита ба худи ӯ гузориш бидиҳанд ва бояд он ба таври хаттӣ сурат мегирифт. Дар он замон ин гузоришро **«Ҷурнал»** ном гузоштанд. Дар аввал он моҳе як бор аз чоп мебаромад, сипас ҳар ҳафта ва дар охир ҳар рӯз нашр мегардид. Бо гузашти айём номи ин нашрия ба **«Ҷурнал ал-Хидев»** (маҷаллаи Фармонраво) табдил ёфта, теъдоди нашри он бошад ба сад нусха расид, ки ин нусхаҳо танҳо дастраси мақомҳои баландпояи ҳукумат, донишмандон ва афсарон мегардид. Муҳаммад Алӣ бо дидани ин вазъият ба хулосае омад, ки бояд нашрияе таъсис дода шавад, то мардуми оддӣ низ онро ба даст оварда, аз рушду пешрафти умури кишвар огаҳӣ пайдо кунанд. Аз ин лиҳоз, «**Ҷурнал ал-Хидев»**, пас аз як соли фаъолияти худ, дар соли 1828 тағйири ном карда, бо номи **«ал-Вақоеъ ал-мисрия»** (Рӯйдодҳои Миср) ба табъ шурӯъ намуд [1, 112].

Ҳамин тариқ, матбуот аз сари нав бо рӯҳияи дигаре дар Миср ба миён омад, онро на фаронсавиён, балки худи мисриён роҳбарӣ менамуданд.

Нахустин нашрияи мисрӣ: «ал-Вақоеъ ал-мисрия».

Аввалин рӯзномае, ки ҳамчун нашрияи ҳақиқӣ дастраси мардуми Миср гардид. Ин рӯзнома 3-юми декабри соли 1828 аз чоп баромадааст. Дар он давра ин рӯзнома на танҳо иборат аз қарору фармонҳои ҳукумат, балки (тибқи дастур ва фармоиши ҳоким) рӯйдоду хабарҳои муҳим ва маводҳои адабию иҷтимоӣ низ дар он ба табъ мерасиданд. Илова бар ин, дар нашрияи мазкур матолибе саршор аз ҳамду ситоиши фармонраво ва васфи ҳукумати ӯ ҳамчун ҳукумати адолатсолор нашр мешуд. Албатта, нашри ин гуна маводҳо дар мақолаи ифтитоҳии рӯзнома ҳатмӣ буд. Ҳокими вақт тамоми умури идории ин нашрияро зери назорати худ қарор дода, ҳамеша ба коргарон ва маъмурини он хотиррасон мекард, ки дар рафти нашру табъ вазифаи хешро аз таҳти дил ва бодиққат ифо намоянд, то нашрияи мазкур дар сатҳи олӣ чоп гардад. Инчунин, ӯ одат дошт, ки тамоми маводҳои рӯзномаро пеш аз ба чоп фиристодан аз назар мегузаронд, сипас ба табъи он рухсат медод.

Нашрияи мазкур бо забони туркӣ нашр гардида, ба забони арабӣ тарҷума мешуд. Бо гузашти айём, теъдоди нашри он ба 600 нусха расида, ба коркунони ҳукуматӣ, донишмандон, афсарон ва талабагони таҳсилотҳои умумӣ тақсим мегардид. Соли 1840 раҳбарияти ин нашрия бар уҳдаи Шайх Рифоа Таҳтовӣ супорида шуд, ки аз он ба баъд дар ҳаёти ин нашрия тағйироти куллие ба вуҷуд омада, дастовардҳои назаррасеро ноил гардид. Забони аслии рӯзномаи мазкур забони арабӣ гардида, забони туркӣ ҷойи дуюмро ишғол намуд. Инчунин Таҳтовӣ дар сафҳаҳои ин рӯзнома нашри матолиби танқидиро низ ба роҳ монд.

Бо фавти Муҳаммад Алӣ Рифоа Таҳтовӣ ба Судон бадарға карда шуда, нашрияи мазкур бо мушкилиҳои моддию маънавӣ дучор гардид ва аз чоп боз монд, вале чанде баъд бо сари қудрат омадани Исмоил дубора ба нашр мебарояд.

Давраи дуюм: Давраи ҳукуматдории Иброҳимпошшо ибни Муҳаммад Алӣ (аз 20 июли 1848, то 10 ноябри 1848).

Давраи ҳукуматдории Иброҳимпошшо, ки иборат аз чанд моҳе буд, ӯ дар ин марҳалаи басо кӯтоҳ, ҳамчун падари хеш ҳаводори ҳирфаи рӯзноманигорӣ боқӣ монда, ҳанӯз дар аҳди ӯ **«ал-Вақоеъ ал-мисрия»** ва **«ал-Ҷарида ал-аскария» (**Рӯзномаи низомӣ**)** ба табъ мерасиданд.

Дар ин давра ба рӯйхати рӯзномаҳои мисрӣ рӯзномаи дигаре бо номи «**ал-Ҷурнал ал-чумуӣ**» илова гардид. Номи ин нашрия ба он хотир «ал-Ҷумуӣ» гузошта шуд, ки ҳар рӯзи ҷумъа аз чоп мебаромад. Ин ҳафтанома нашрияи бозоргонӣ ва аграрӣ (кишоварзӣ) буда, дар он матолибе дар бораи нарху навои чорво, тухми кишт ва заминҳои корам нашр мегардид.

Давраи сеюм: Айёми ҳукмронии Саидпошшо (1854-1863).

Ин давраро ҳамчун марҳалаи бозсозӣ ном бурдан мумкин аст. Зеро, Саидпошшо бо сари қудрат омадани хеш тавонист, танҳо он чизеро барқарор созад, ки бародарзодааш Аббос Ҳилмии I аз байн бурда буд. Аз ҷумла, ҳаракатҳои илмию маорифпарвариро, ки дар замони ҳукумати ӯ рӯ ба таназзул оварда буданд. Аз ин лиҳоз, дар ҳаёти матбуоти ин давра дидани нишонаҳое аз рушду пешрафт ғайриимкон аст. Чунки то кунун матбуот дар шакли ақибмонда ва расмӣ фаъолият дошт. Танҳо чизи наве, ки дар ҳаёти матбуот дар ин давра ба чашм мерасид, ин ба

миён омадани рӯзномаҳои ғайрирасмӣ мебошад. Ин рӯзномаҳо бо сармоя ва дастгирии ҳукуматдорон нашр гардидаанд. Аз ин хотир, онҳоро ҳамчун нашрияҳои ғайрирасмӣ ном гирифтан мумкин аст.

Яке аз ин рӯзномаҳо нашрияи **«Ас-султон ал-усмонӣ»** мебошад. Ин рӯзнома соли 1857 таъсис ёфта, ҷонибдорӣ аз салтанати Усмонӣ мекард. Сабаби таъсис ёфтани ин нашрия ҳамон нақшаи роҳандозикардаи Саидпошшо ва бо ошкор намудани камбуду норасоии ҳукумати кишвар, ҷалб намудани диққати мисриён ба дарбор (хилофати Усмонӣ) ба шумор мерафт. Вале, нашри рӯзномаи мазкур дер давом накард, ҳамзамон бо ба табъ расидани нашрияҳое аз байн рафт, ки хонандаи худро бо матолиби дорои ҳуҷҷат ва далел қонеъ карда, бо моҳият ва асолати мавзӯъ ошно месохтанд.

Чун истибдоди Абдулҳамид бар кишвар соя афканд, гурӯҳе аз мутафаккирини Лубнон ва Сурия ба Миср, Амрико ва дигар билод муҳоҷират карданд. Онҳо дар ҳар кӯҷо, ки буданд, ба таҳким ва тақвияти забони арабӣ ва рӯзноманигории арабӣ пардохтанд. Рӯзноманигорӣ ба дасти онҳо рушд ёфт, зеро онҳо беш аз дигарон ба забонҳои аврупоӣ ошноӣ доштанд. Омадани ин муҳоҷирин ба Миср сабаби интишори бархе рӯзномаҳо шуд. Чун рӯзномаи **«Наҳзат-ул-афкор» (**Бедоршавии фикрҳо**)** соли 1869, ки асосгузоронаш Иброҳим Муялҳӣ ва Муҳаммад Усмон Ҷалол буданд. Рӯзномаи дигар **«ал-Ватан»** буд, ки онро Михаил Афандӣ соли 1877 таъсис дода буд. Лубнониён ва суриён дар Миср фаъолияти матбуотии худро густариш доданд. Салимпошшо бошад, соли 1872 дар Искандария рӯзномаи **«ал-Кавкаб-уш-шарқ» (**Ахтари шарқ**)**-ро таъсис дод. Салим Башшора низ дар ҳамин шаҳр соли 1875 рӯзномаи **«ал-Аҳром»**-ро таъсис дод. Рӯзномаи **«ал-Аҳром»** сипас ба Қоҳира нақл кард ва бо гузашти рӯзгор бузургтарин рӯзномаи арабӣ шуд. Адиб Исҳоқ ва Салим Наққош дар якҷоягӣ соли 1879 рӯзномаи **«ал-Маҳруса»**-ро ташкил карданд. Соли 1889 рӯзномаи **«ал-Мақтам»** -ро Форис Намру ва Яъқуб Саруф нашр карданд. Рӯзномаи **«ал-Муайяд»** - ро Алӣ Юсуф ва Шайх Аҳмад Мозӣ соли 1889 таъсис доданд. Мустафо Комил низ соли 1900 рӯзномаи **«ал-Ливо»** - ро ба нашр расонид [4, 653].

Аммо, маҷаллаҳо нисбат ба рӯзномаҳо дертар ба миён омаданд. Соли 1876 Форис Намру ва Яъқуб Саруф маҷаллаи **«ал-Муқтатаф»**-ро дар масоили илмӣ, санъатӣ, тарбияти бадан ва кишоварзӣ нашр карданд. Соли 1892 Ҷурҷӣ Зайдон маҷаллаи **«ал-Ҳилол»**-ро дар Қоҳира таъсис дод.

ғ) ҷамъиятҳои илмӣ ва адабӣ.

Ин ҷамъиятҳо дар кишварҳои арабӣ рӯ ба афзоиш ниҳоданд ва яке аз омилҳои пешрафти илм ва маориф буданд. Зеро, ин ҷамъиятҳо адибон ва уламоҳоро дар як ҷо ҷамъ оварда, бо якдигар машварат ва суҳбатҳо мекарданд. Натиҷаи ин машваратҳо бошад, барои пешрафти илм ва забони арабӣ замина гузошт. Нахустин ҷамъияте, ки ташкил карда шуд, ин **«ал-Ҷамъият-ус-Сурия»** мебошад, ки соли 1868 дар Бейрут ба миён омад. Ҳадафи он пешрафти улум ва нашри фунун буд. Аъзоёни ин ҷамъият Шайх Носиф Алёзичӣ, Бутрус ал-Бӯстонӣ ва чанде аз бузургон ва мутафаккирон буданд.

Дар Миср бошад, аввалин ҷамъияти илмӣ - адабӣ соли 1868 таъсис дода шуд. Дар ин ҷо ҷамъиятҳои дигар низ таъсис дода мешуданд, монанди ширкати **«Табъ-ул-кутуб-ил-арабия»** (1898), **«Ҷамъият-ут-таъриб»** (1892), **«Ҷамъият-ут-таълиф-ил-кутуб»** (1911).

«ал-Маҷмаъ-ул-малак-ли-л-луғат-ил-арабия» ҷамъияте мебошад, ки то ҳол дар Миср фаъолият мекунад. Ин ҷамъият соли 1932 бо фармони подшоҳ таъсис дода шуд. Барномае, ки барояш танзим карданд аз ин қарор буд:

1.Ҳифзи забони арабӣ барои баёни матлаби илмӣ ва фаннӣ.

2.Тартиби луғатномаи таърихӣ барои забони арабӣ.

3.Танзими мабҳасҳои илмӣ ҷиҳати забони арабии навин дар Миср ва дигар кишварҳои араб.

4.Таҳқиқ дар умуре, ки дар пешрафти забони арабӣ метавонад муассири воқеъ шавад [1, 96].

ғ) китобхонаҳо.

Дар кишварҳои араб як қатор китобхонаҳои калоне вуҷуд дошт, ки аз ҳуҷуми бисёр сарлашкарҳо ҳама нобуд гаштанд. Аз самароти асри наҳзат он буд, ки шахсоне пайдо шуданд ва ба таъсиси китобхонаҳои умумӣ ва хусусӣ пардохтанд. Ин

китобҳоро ба шеваҳои навин танзим карданд ва феҳристҳои гуногун нашр доданд, то вуруди ташнакомонро ба сарчашмаи дониш осонтар созанд.

Дар Миср **«ал-Мактабат-ул-хидевия»** буд, ки дар аҳди Муҳаммад Алӣ ба вуҷуд омад ва дар он то ҳол бисёр нусхаҳои хаттӣ мавҷуд аст. Соли 1879 **«ал-Мактабат-ул-азҳария»** низ таъсис дода шуд [5, 436].

А Д А Б И Ё Т

1. Бадавӣ Ҷ. Миср мин нофизат-ит-таърих / Ҷ. Бадавӣ. - Қоҳира,1968. - 159 с.
2. Кирпиченко В.Н. Новая и современная литература Египта (IX-XXвв.) / В.Н. Кирпиченко. - М., 2003. - 87 с.
3. Сафронов В.В. Новая арабская литература / В.В. Сафронов. - М.,1996. - 120 с.
4. Фохурӣ Ҳ. Таърихи адабиёт ва забони арабӣ / Ҳ. Фохурӣ. - Теҳрон, 1995. - 680 с.
5. Ҳасан Аҳмад. Таърих-ул-адаб-ил-арабия / Ҳасан Аҳмад. – Қоҳира. -536 с.

ПРИЧИНЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПРОСВЕЩЕНИЯ В ЕГИПТЕ

В настоящей статье проведены исследования основных причин возникновения просвещения и его развития в арабских странах, на примере Египта. Результаты исследований говорят о том, что основные причины возникновения таких течений, как медресе (школ), типография, газета, журнал, библиотека и научно литературные общества, берут свои истоки с европейского просвещения и имеет с ним тесный контакт.

Ключевые слова: просвещение, причина, возникновение, газета, медресе, библиотека, научно-литературные общества.

CAUSES OF ENLIGHTENMENT IN EGYPT

The article discusses the issues of emergence, formation and the main factors of the enlightenment formation in Arab countries in case of Egypt. The article reveals that the main factors for the formation were madrasas, publishing houses, newspapers, magazines, libraries and scientific and literary societies that originate from European enlightenment formation.

Key words: enlightenment, factors, emergence, publishing houses, newspaper, madrasa, library and scientific and literary society.

Сведения об авторе: ***Хайём Икроми*** - аспирант кафедры арабской филологии ТНУ.
Телефон: **(+992) 918 76 62 96**. E-mail: **Khayyom-90@mail.ru**

САНЪАТҲОИ БАДЕИИ ЛАФЗӢ ДАР МАСНАВИҲОИ ЗУЛОЛИИ ХОНСОРӢ

Ядуллоҳ Сармаст

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Зулолии Хонсорӣ яке аз шоирони давраи Сафавия аст, ки дар сабки ҳиндӣ ба шеър гуфтан пардохта ва дар сурудани шеър ба шоироне мисли Амир Хусрави Деҳлавӣ, Алишери Навоӣ ва бахусус Абдурраҳмони Ҷомӣ пайравӣ намудааст. Доктор Забеҳулло Сафо дар бораи ин шоир менависад: «Мавлоно Ҳаким Зулолии Хонсорӣ аз шоирони машҳури авохири садаи даҳум ва рубъи аввали садаи ёздаҳуми ҳичрӣ аст, аз тарбиятшудагони ҳаким ва донишманди машҳур Мирмуҳаммади Боқири Домод ва аз маддоҳони вай ва Шоҳаббос ва вазираш Мирзо Ҳабибуллоҳи Садр, бавижа аз наздикон ва муқаррабони Мирдомод ва Мирзоҳабиб буд» [1].

Ин шоир дар сурудани бисёре аз шаклҳои шеърӣ маҳорат доштааст ва дар девони ӯ қасида, ғазал ва маснавиро метавон дид. Аммо, шуҳрати ӯ дар сурудани маснавӣ бештар аст, то ҷое, ки бисёриҳо ӯро бо маснавиҳои ҳафтгонааш мешиносанд.

Дар аксари тазкираҳо маснавиҳои ӯ ба номи «Ҳафт ганҷ», «Сабъаи сайёра», «Сабъаи Зулолӣ», «Ҳафт сайёра» ва «Ҳафт ошӯб» дарҷ шудааст. Қобили зикр аст, ки худи шоир дар маснавии «Маҳмуд ва Аёз» аз маснавиҳояш ном мебарад:

Сафар кардам ба зери бори ашъор,
Фалак бо «Сабъаи сайёра» сарбор.*

---

*Куллиёти Зулолии Хонсорӣ: тасҳеҳи доктор Саъид Шафеъиюн. - Теҳрон: Китобхонаи маҷлиси шӯрои исломӣ, чопи аввал, 1385 (Минбаъд тамоми абёте, ки барои мисолҳои мақола тсьифода гардидаанд, аз ҳамин девон гирифта шудааст).

Ва ё:

Калиди «Ҳафт ганҷам» дод дар мушт,
Ба имои Ҳилолӣ як сарангушт.

Соҳиби «Тазкираи шуарои Хонсор» дар бораи Зулолии Хонсорӣ чунин менависад: «Зулолии Хонсорӣ табъаш аз маснавӣ тӯфон мекунад» ва найсони килкаш дар ин баҳр лаолии шаҳвор меафканад. «Сабъаи сайёра»-и ӯ замини суханро тарсеъкории осмон бахшида ва саддбандони хаёлро ҳайрат кашида» [2].

Ҳамчунин муаллифи тазкираи «Ҳафт осмон» дар бораи ин шоири сабки ҳиндӣ ин тавр ишора менамояд: «Хеле шомаи истеъдод бояд, то бӯе аз гулҳои маъонии рангинаш тавонад шунид ва фаровон диққати назар шояд, то ба шарфаи айвонандози баландаш тавонад расид. Кайфияти саҳбои хаёлаш ба садрнишинони мастабаи ҳушёри мағзӣ хам-хами бодаи шавқ паёмад ва сарчӯши сабӯи фикраташ гарми равони бодияи талабро ба шароби ишқу муҳаббат раҳбарӣ намояд».

Воқеан баҳои додаи тазкиранигорон ба эҷодиёти Зулолии Хонсорӣ беҳуда набуд, зеро мероси ғании адабии ӯ гувоҳӣ медиҳад, ки дар сурудани маснавӣ дар асри худ ҳамто надоштааст. Барои исботи фикр месазад унвони маснавиҳояшро зикр намуд:

«Ҳусни гулусӯз» – манзумаест ирфонӣ дар баробари «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ.

«Шуълаи дидор» - манзумаест ирфонӣ бар вазни «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ, тақдим ба Шоҳаббос.

«Майхона» - манзумаи дигар аст бо дарунмояи ирфонӣ бар вазни «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Саноии Ғазнавӣ.

«Зарра ва хуршед» - достони тамсилиест дар баёни ишқ, зарра ва хуршед, ки дар вазни «Сабҳат-ул-аброр»-и Ҷомӣ суруда шудааст.

«Озар ва Самандар (ё «Гулу булбул») – достони ошиқонаест дар баёни ишқи озару самандар ва дар вазни достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ ба риштаи назм кашида шудааст.

Маснавии «Сулаймоннома» ё маснавии «Сулаймон ва Билқис» дар баёни ишқи Сулаймону Билқис, ки дар вазни «Искандарнома»-и Низомӣ суруда шудааст.

Маснавии «Маҳмуд ва Аёз» аз муҳимтарин маснавиҳои Зулолии Хонсорӣ аст, ки шоир онро дар ҷавоби достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ сурудааст.

Зулолии Хонсорӣ гарчи маснавиҳояшро дар сабки ҳиндӣ суруд, аммо муҳтавои достонҳояш бештар ба шоирони орифи маслаки рӯзгори гузашта шабоҳат дорад, зеро ки дар таҳти таъсири андешаҳои Низомӣ, Саноӣ ва Ҷомӣ аст. Албатта, вай кӯшиш кард аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ баҳра гирад ва дар корбасти санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ талош намояд, то ба шеърҳояш зебоии бештаре бияфзояд.

Баррасии шеъри шоирони бузург ба ин натиҷа мерасонад, ки ба кор бурдани гунаҳои ҷинос дар офариниши шеър нақши инкорнопазир дорад ва ҳар қадар шоир огоҳонатар ва ҳушмандонатар аз ин санъатҳо истифода барад, шеъраш мондагортар ва ҷовидонатар хоҳад буд. Ҷиносҳо дар оҳанг бахшидан ва пуршӯр кардани ашъор нақши калидӣ дорад. Ба ҳамин далел аст, ки ин фанни адабӣ мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз шоирони соҳибсабк дар шеъри порсӣ будааст.

Яке аз шаклҳои ҷиносе, ки дар маснавиҳои Зулолии Хонсорӣ метавон мушоҳида кард, ҷиноси том аст, ки дар таърифи ин шакли адабӣ устод Ҳумоӣ мефармояд: «Он аст, ки алфози мутаҷонис дар гуфтан ва навиштан, яъне ҳуруфи ҳаракот яке ва фақат дар маънӣ мутафовит бошад».

Зулолии Хонсорӣ дар маснавии «Шуълаи дидор» ба таври хеле зебо аз ин санъати бадеӣ баҳра мегирад ва чунин ба қалам медиҳад:

Офтобро бурун ор аз ҳиҷоб,
То барад хокат зи оби Хизр об.

Ҳамон тавре ки мебинем, шоир дар такрори калимаи «об» ҳам ба жарфи сохти шеър таваҷҷуҳ кардааст ва мафҳуми шеърро амиқтар ҷилва додааст ва ҳам ба рӯсохти шеър, ки як такрори каломии эҷодкарда аст ва ба мусиқии шеър равнақ бахшидааст.

Дигар аз ҷиносҳое, ки дар маснавиҳои Зулолии Хонсорӣ фаровон дида мешавад, ҷиноси ноқис мебошад ва дар маснавии «Шуълаи дидор» ба ин санъати адабӣ бархурд мекунем:

Маънии ҳар чиз чун нуқл асту нақл,
Аз ҷунунобод то иқлими ақл.

Вожаҳои «нуқл» ва «нақл» ҷиноси ноқис ҳастанд, чаро ки дар хатти форсӣ ба чунин тарз навишта мешавад:نـُقل،نـَقل

Дар маснавии «Майхона» месарояд:

Вах, чи дех, дах яке зи дарюза,
Қаҳти шалвору тангии мӯза.

Байни вожагони дех, дах (دِه، دَه) ҷиноси ноқис аст.

Ва боз мегӯяд:

Табассумгунае дар кори ман кун,
Дурре дар гӯши дарёи сухан кун.

Вожаҳои дурр (دُر) ва дар (دَر) ҳамчун ҷиноси ноқис дар ин байт омадааст.

Яке аз санъатҳои бадеӣ дар бахши бадеи лафзӣ, ки Зулолии Хонсорӣ ба он таваҷҷуҳи вижа дорад, ҷиноси зоид аст. Доктор Шамисо дар таърихи ҷиноси зоид менависад: «Яке аз калимоти мутаҷонис нисбат ба дигаре вок ё вокҳое дар оғоз ё васат ё охир изофа дорад» [3]. Пас, ҳамон тавр, ки аз таърифи доктор Шамисо мушаххас мешавад, ҷиноси зоид ба се гуна аст ва ҳар як аз он гунаҳо аз манзари мусиқӣ ба шеърияти шеър кумак мекунад. Ин се гуна ҷиноси зоид иборатанд аз а) ҷиноси мутарриф ё мазид; б) ҷиноси васат; в)ҷиноси музайил.

Зимни таърифи ҳар як аз гунаҳои ин ҷинос кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ҷойгоҳи ин гунаҳо дар шеъри Зулолии Хонсорӣ мушаххас гарданд.

Ҷиноси мутарриф ё мазид, дар ин гуна ҷинос як ё ду ҳиҷои зоид дар оғози вожа қарор мегирад ва ҳамин як ҳиҷо ё ду ҳиҷои бештар дар оғози вожа, оҳанги шеърро дар хониши шеър бештар ба назари мухотаб мерасонад. Ба унвони мисол Ҳофиз месарояд:

Кунун, ки бар кафи гул ҷоми бодаи соф аст,
Ба сад ҳазор забон булбулаш дар авсоф аст [4].

Дар ин байт шоир бо вожаҳои «соф» ва «авсоф» ҷиноси зоидро сохтааст.

Зулолии Хонсорӣ дар маснавии «Озар ва Самандар» ин гуна аз ҷиноси мутарриф баҳра мегирад:

Чӣ кӯҳе, пуршукӯҳе, лола анбуҳ,
Гирифта хуни дилҳо домани кӯҳ.

Дар ин байт байни вожаҳои «кӯҳ» ва «шукӯҳ» ҷиноси мутаррифро метавонем мушоҳида кунем, ки бетардид вожаҳое, ки аз назари овоӣ ва мусиқӣ наздики ҳам ҳастанд, каломи шоирро гӯшнавозтар кардаанд ва ба шеър зебоии бештаре бахшидаанд.

Дар шакли ҷиноси васат ҳиҷоҳое дар миёни калима афзуда шудааст, ки оҳанги шеърро рангинтар месозад:

Мисол аз Ҳофиз:

Сарви чамони ман чаро майли чаман намекунад,
Ҳамдами гул намешавад, ёди суман намекунад [4].

Дар ин байт вожаҳои «чамон» ва «чаман» ҷиноси васат ҳастанд.

Ҳаким Зулолии Хонсорӣ дар оғози маснавии «Маҳмуд ва Аёз» дар бахши тавҳиди аввал месарояд:

Ба номи он ки Маҳмудаш Аёз аст,
Ғамаш бутхонаи нозу ниёз аст.

Дар ин байт байни вожаҳои «ноз»-у «ниёз» ҷиноси васат ба чашм мехӯрад, ки бидуни шак навъи такрори каломе ба вуҷуд меояд, ки оҳангу мусиқии шеър қудрати бештаре пайдо мекунад.

Ва ё ҷойи дигар мегӯяд:

Валекин баҳри тоат чора созам,
Ки нозад бар намози дил ниёзам.

Калимаҳои «ноз» ва «намоз» дар ин байт ҷиноси васатро дар назар ҷилвагар сохтааст.

Ҳиҷоҳои изофӣ низ дар поёни калима ба чашм мехӯрад, ки дар шеър онро ҷиноси музайил мегӯянд ва ин ҷинос дар ашъори Ҳаким Зулолии Хонсорӣ фаровон ёфт мешавад ва ба назар мерасад, ки шоир ҷиҳати рангинтар кардани сурудаҳояш ногузир аз ин санъат истифода бурдааст. Барои мисол назаре меафканем ба маснавии «Шуълаи дидор»:

Барқи рухаш чашмаи саргашта аст,
Об дар чашм қиёмат гаштааст.

Дар ин байт байни калимаҳои «чашм» ва «чашма» ҷиноси музайил вуҷуд дорад ва чунин ба назар мерасад, ки шоир бо канори ҳам қарор додани ин вожаҳо ашъорашро дилнишинтар кардааст ва ҳарфи «ш» ҳам дар зебоии шеър бетаъсир набудааст.

Дар ҳамин маснавӣ ба санъати ҷинос дучор меоем:

Чашмаи чашм аз паяш хоридаам,
Хунбаҳои дил фурӯ боридаам.

Ва боз месарояд:

Дар хуми тан бода танҳоӣ буд,
Бодааш боду масеҳоӣ буд.

«Бода»-ву «бод» ҳамчун ҷиноси музайил мавриди истифодаи хуб қарор гирифтааст.

Ва ё:

Номи ин номасози майхона,
Суварию маънавиаш паймона.

Дар ин байт низ шоир бо корбурди вожаҳои «ном»-у «нома» ба ҷиноси музайил чашм доштааст.

Навъи дигари ҷинос, ки дар ашъори Зулолии Хонсорӣ ба чашм мерасад, ҷиноси музореъ ва лоҳиқ аст ва дар робита бо ин навъи адабӣ доктор Шамисо дар таърифи ин гуна ҷинос менависад: «Ва он вақте аст дар саҷъ мутавозӣ, ихтилофи сомтҳои оғозин бисёр кам бошад, яъне сомтҳо қарибулмахраҷ бошанд» [5].

Доктор Ақдоӣ низ дар таърифи ин ҷинос мегӯяд: «Ихтилофи ду пояи ҷинос фақат дар як сомт аст» [6].

Аммо, он чи ки дар ин ҷинос муҷиб мешавад, ки бад-он дар ҳавзаи зебоишиносӣ таваҷҷуҳ кунем, ҳамовоии мусиқӣ аст. Корбурди ин гуна ҷинос дар шеър шӯридагию шӯрофариниро ба мухотаб мунтақил мекунад. Ҳамовоии вожагон каломро оҳангноктар ва пуртанинтар мегардонад, ки бетардид ба сурату маънои шеър зебоӣ хоҳад бахшид.

Ба байте аз Ҳаким Зулолии Хонсорӣ ишора мекунем:

Бахти яке рустаи тира гилем,
Рахти яке шустаи дасти Калим.

Ба осонӣ пай метавон бурд, ки байни вожаҳои «бахт»-у «рахт» ва ҳамин тавр вожаҳои «руста»-ву «шуста» ва бо овардани қофияҳои «гилем»-у «Калим» як таносуби тавозуни овоӣ вуҷуд дорад. Корбурди ҷинос дар байни калимаҳои мавриди баҳс, бешак, шеърро шӯрангезтар кардааст ва бо қатъият метавон гуфт, ки бо қасди умқ бахшидан ба нуфузи каломаш аз ин суд ҷустааст ва ғайр аз зебоиҳои лафзӣ бо баҳрагирӣ аз калимаи «Калим» ба талмеҳи зебое ҳам ишора мекунад, то шеърашро пурмаънотар ва пурмаҒзтар намояд. Аз назаргоҳи дигар ва дар ҳавзаи баррасии қофия дар шеър ҳам, метавон ба ин байт ишора кард, ки дар ин байт аз се гуна қофия баҳра ҷустааст: 1) қофияи оғозин байни калимоти «бахт»-у «рахт»; 2) қофияи миёнӣ байни вожаҳои «руста»-ву «шуста»; 3) қофияи поёнӣ ё аслӣ байни вожаҳои «гилем» ва «Калим», ки нишон аз тасаллути шоир ба ҳавзаи зебоишиносии шеър дорад ва ҳамзамон қудрати шеърии Ҳаким Зулолии Хонсорӣ бар хонанда ошкор мешавад ва ба назар мерасад, ки шоир ҳушмандона аз ин санъати лафзӣ истифода кардааст:

Мул зи базмаш гард берун рафтае,
Гул зи размаш маст дар хун хуфтае.

Дар ин байт байни вожаҳои «мул»-у «гул» ороиши ҷиноси лоҳақ вуҷуд дорад, ки шоир барои таносуби бештари овоҳо аз ин сифат баҳра гирифтааст. Зимни барқарории мусиқӣ ва оҳанги бештар дар шеър, бо овардан ва дар канори ҳам нишондани ин вожаҳо, ки навъе қофияи оғозин ҳам ба шумор меояд, таносубе низ байни калимоти «мул», «базм», «гул», «маст» барқарор кардааст ва бо эҷоди ин силсилаи маъноӣ мурооти назири зебое низ ба чашм меҳӯрад.

Дар абёти зайл ҳам шоир аз ҷиноси мазореъ ва лоҳақ баҳра бурдааст:

Мекашонам равон зи майли умед,
Дар шашум парда сели марворид.

* * *

Дил аз пайи дарди ту дар ин кох,
Як мушти гилу ҳазор сӯрох.

* * *

Сипар афканда гӯшу ҳуш бекор,

Ҳаво печида бар гулбарг гуфтор.

* * *

Ҳаво аз рӯҳ кушта пушта мешуд,
Хаёли одамӣ ҳам кушта мешуд.

* * *

Ба оҳе мефурӯшам моҳию мох,
Макаш заҳмат, надорӣ дар ҷигар оҳ.

Ба мисли ин абёт дар девони Ҳаким Зулолии Хонсорӣ ҷинос фаровон ба чашм мехӯрад ва метавон гуфт, бо пажӯҳиш дар маснавиҳои шоир ҷиноси музореъ ва лоҳаҚ яке аз пурбасомадтарин ҷиносе аст, ки шоир аз ин гуна ҷинос истифода кардааст.

Ҷиноси иштиқоқ яке дигар аз гунаҳои ҷиносе аст, ки дар ашъори Ҳаким Зулолии Хонсорӣ ёфт мешавад. Номи дигари ин ҷиносро иқтизоб ҳам гуфтаанд. Доктор Ақдоӣ дар таърифи он менависад: «Иштиқоқ ба маънои шикофтану гирифтани калимае аз калимаи дигар аст ва дар истилоҳи фанни бадеъ ба ҷиносе итлоқ мешавад, ки дар он пояҳо аз як реша гирифта шуда бошад» [6].

Доктор Сируси Шамисо дар китоби «Нигоҳе тоза ба бадеъ» дар таърифи ин ҷинос мегӯяд: «Калимоти мутаҷонис аз ҳайси мусавват баланд бо якдигар фарқ доранд» [3]. Аммо, аллома Ҳумоӣ дар китоби «Фунуни балоғат ва санооти адабӣ» [5] ҷиноси иштиқоқ ё иқтизобро аз фурӯъи ҷинос медонад. Ба ҳар ҳол ин гунаи ҷинос дар шеъри шоирон фаровон ёфт мешавад.

Чунон ки Соиби Табрезӣ гуфтааст:

Дар гушоди кори худ мушкилкушоён оҷизанд,
Шона натвонад гушудан турраи шамшодро [3].

Дар ин байт байни вожаҳои «гушода», «гушоён», «гушудан», ки ҳамреша ҳастанд, санъати ҷиноси иштиқоқ вуҷуд дорад.

Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Ман кӣ бошам дар он ҳарам, ки сабо
Пардадори ҳарими ҳурмати ӯст [6].

Байни вожагони «ҳарам», «ҳарим» ва «ҳурмат» сифати ҷиноси иштиқоқ ба чашм мехӯрад ва Зулолии Хонсорӣ низ, ин гунаи ҷиносро чунин ба кор бурдааст:

Баски тинати тундиаш ангехта,
Санъати сонеъ дар ӯ овехта.

Дар ин байт калимаҳои «санъат»-у «сонеъ», ки ҳамрешаанд, санъати иштиқоқро ба вуҷуд овардаанд ва ё:

Ҳама ошиқ маъшуқпеша буданд,
Аз ин май хушк қаҳқаҳашиша буданд.

Вожаҳои «ошиқ»-у «маъшуқ»-ро, ки ҳамхонводаанд ва дар канори ҳам нишонданашон ба мусиқии шеър ҷилва мебахшад, орояи ҷиноси иштиқоқ мегӯянд.

Саъид оқибати Маҳмуд, Маҳмуд,
Чароғи чашми худ, яъне ки Масъуд.

Дар ин ҷо дар байни калимоти «саъид» ва «Масъуд» ҷиноси иштиқоқ ба чашм мерасад.

Ба ҳар ҳол, ба далели ин ки бисёре аз вожагон аз як реша ҳастанд, барои мусиқии бештар пайдо кардан ва пуровотар кардани ашъор шоирон аз калимоти ҳамреша зиёд истифода мекунанд. Басомади корбасти ин гуна ҷинос дар шеъри порсӣ, бавижа дар маснавиҳои Зулолии Хонсорӣ фаровон вуҷуд дорад.

Дар байни калимот гоҳе ончунон ҳамонандӣ ба мушоҳида мерасад, ки хонанда мепиндорад байни ин вожаҳо як хешовандӣ вуҷуд дорад ва ҳатман аз як реша ҳастанд, дар ҳоле ки агар андаке тааммул кунем, дармеёбем, ки ин вожаҳо аз як реша нестанд, балки бо ҳам шабоҳати наздик доранд, ки инро ҷиноси шабеҳи иштиқоқ меноманд.

Эй ба сабӯҳии када нози ту,
Дарди туву сӯзи туву сози ту.

Калимаҳои «сӯз»-у «соз», ки таҚрибан шабеҳи ҳам ҳастанд, агарчи аз як реша нестанд, ҷиноси шабеҳи иштиқоқ мебошанд.

Ҷиноси хат ба ҷиноси мусҳаф низ маъруф аст ва ин ҷинос аз назари навиштор яксонанд. Аммо, аз назари нуқтагузорӣ мутафовитанд ва дар ҳақиқат шоирон ҳунарнамоӣ мекунанд ва ҷойи нуқтаҳоро бо ҳам ҷо ба ҷо мекунанд ва вожаҳои дигар месозанд. Мисол:

Ки тозад пайки ҷонон ҳалқа бар дар,

Зи чашми нимбози нозпарвар.

Мебинем, ки вожаҳои «боз» ва «ноз» фақат аз ҷиҳати нуқта ҷой иваз кардаанд ва боз:

Аз он дар харҷи ҷомаш чарх гум шуд,
Ки чун ман бодеро ними хум шуд.

Дар байти фавқ ҷойи нуқтаҳои калимоти «харҷ» ва «чарх», ки тағйир ёфта ва ду вожаи мутафовит сохта шудааст, ҳунари шоирии ӯ бештар ба ҷилва меояд.

Араз бар чеҳр ранги беғараз дид,
Бурунат ҷавҳар аз аъроз печид.

Шоир дар ин байт бисёр ҳушмандонаву ҳунармандона амал кардааст, бахусус дар корбасти вожагони «араз» ва «ғараз», ки ҷобаҷойии нуқта аст, ҷиноси хат вуҷуд дорад. Байни вожаҳои «араз» ва «аъроз» ҳам ҷиноси иштиқоқ вуҷуд дорад ва бо дар канори ҳам нишондани ин вожаҳои «араз» ва «ғараз», ки ҷиноси мазореъ ҳам метавонад бошад, ҳунари шоирии ӯро ба авҷ расонда, қудрати шоирии ӯро назди аҳли адаб бозгӯ месозад.

Дар он кӯ рӯшноӣ орзуе,
Шуда борик торикӣ чу мӯе.

Бо нигоҳи сода дармеёбем, ки байни вожаҳои «борик» ва «торик» нуқтаҳо ҷобаҷо шуда ва ҷиноси хат мадди назари шоир будааст. Бинобар ин, метавон ишора кард Зулолии Хонсорӣ дар бакоргирии ҷиноси хат фақат ба зоҳири вожа таваҷҷуҳ накард, балки ба жарфсохтии шоирона ва ҳакимона мерасад ва шеърҳояш ба ҳамин далел аз мафҳумҳои амиқ ва жарфӣ бархурдор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон: Фирдавс, 1368. - Ҷ.5. – С.128.
2. Юсуфи Бахшӣ. Тазкираи шуарои Хонсор / Юсуфи Бахшӣ. - Теҳрон: Бузари ҷумҳурӣ, 1336. – С.301.
3. Сируси Шамисо. Нигоҳе тоза ба бадеъ / Сируси Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1368. - С.45, 321, 401.
4. Манучеҳри Алипур. Девони Ҳофиз бо ҳамроҳи шарҳи комили душвориҳо / Манучеҳри Алипур. - Теҳрон: Тирагон, 1391. – С.125, 176.
5. Турач Акдой. Бадеъ дар шеъри форсӣ. Чопи аввал / Акдой Турач. - Занҷон: Неконкитоб, 1380. - С.71-72, 262.
6. Аллома Ҷалолиддин Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ / Аллома Ҷалолиддин Ҳумоӣ. - Теҳрон: Ҳумо, 1370. – С.239.
7. Девони Соиби Табрезӣ: ба кӯшиши Муҳаммад Қаҳрамон. - Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1375. – С. 97.
8. Аз забоншиносӣ ба адабиёт. - Теҳрон: Чашма, 1373.
9. Девони Рӯдакӣ бо ҳамроҳи шарҳи комили душвориҳо: ба кӯшиши Манучеҳри Алипур. – Теҳрон: Тиргон, 1390.
10. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ: ба кӯшиши доктор Саъид Ҳамидиён. - Теҳрон: Дод, 1374.
11. Ғазалиёти Саъдӣ: ба кӯшиши доктор Ғуломҳусейни Юсуфӣ. - Теҳрон: Сухан, 1385.
12. Куллиёти Зулолии Хонсорӣ: тасҳеҳи доктор Саъид Шафеъиюн. - Теҳрон: Китобхонаи маҷлиси шӯрои исломӣ. 1385.
13. Муҳаммадризо Шафеъи Кадканӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеъи Кадканӣ. - Теҳрон: Огоҳ, 1371.
14. Аҳмадалӣ Аҳмад Мавлавӣ. Ҳафт осмон / Аҳмадалӣ Аҳмад Мавлавӣ. - Теҳрон: Китобфурӯшии Асадӣ.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭМ ЗУЛАЛИ ХАНСАРИ

Зулали Хансари является одним из известных поэтов Сефевидского периода, творчество которого способствовало развитию индийского стиля в персидской литературе конца XVII – начала XVIII вв. Новый литературный стиль позволил поэтам выйти за рамки традиционных поэтических правил, и широко использовать народные мотивы, пословицы, поговорки и т.д. Сборник сочинений Зулали Хансари «Ситта сайара»(«Семь планет») состоит из семи поэм, обогативших своим содержанием персидскую литературу.

Ключевые слова: персидская поэзия, Зулали Хансари, индийский стиль, народные мотивы.

THE LITERAL/LEXICAL RHETORIC MANIFESTATION IN THE MASNAVIS (ODES) OF ZOLALI KHOVANSARI BY EMPHASIZING ON HOMONYM GENRE

The Persian poem/rhyme enjoys individual attributes in Indian style during Safavid time. The poets of that period, in addition to benefiting and taking effect of artistic and rhetoric/rhetoric/innovative elegances/tastefulness of past times poets, endeavored to display more manifestations in the area of thought features and rhyme music. In the mean time, Hakim Zolali Khovansari who is a famous and effective poet of Savavid time was not only exempted of this fact, but he could deal with the poem composing with more elegance in writing of 7fold ode (planet) by him.

Key words: Persian poem, Persian rhyme, Zolali Khovansari, lexical rehetoric, homonym

Сведения об авторе: ***Ядуллох Сармаст*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

МАЗМУНҲОИ ПАНДУ АХЛОҚӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАКИМ НИЗОРИИ КАҲИСТОНӢ

Ёдгор Додихудоев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам суннати Пайғамбарист.
(Муҳаммад Иқбол).

Ҳаким Низории Каҳистонӣ яке аз шоири соҳибдевон ва гӯяндагони тавонои қарнҳои XIII-XIV–и форсу тоҷик, мебошад. Дар таърихи адабиётшиносии тоҷик бисёр кам аз ӯ ёд шудааст. Шояд мамлу аз мазомини динӣ будани ашъори шоир ба ин сабаб шуда бошад. Дар ин масъала баҳсҳои зиёде рафта буд. Аммо, ин ҷо «баҳси мо дар лутфи табъу хубии ахлоқ»-и Низорӣ аст. Ҳарчанд, Низории Каҳистонӣ анъанаи ахлоқгароии адибони пешинро давом дода бошад ҳам, дар ин мавзӯъ, яъне пандгӯйиву андарзгарӣ, наметавон ӯро пешсаф хонд. Камтаваҷҷуҳии шоир ба масъалаи панду ахлоқ, ба андешаи инҷониб, ду сабаб дошт:

Аввалан, замонаи носолиму носозгори шоир ба ин сабаб шудааст, зеро дигар пандпазиреву насиҳатниюше намонда буд.

Дуюм, Низории Каҳистонӣ, ки худ, ба ифодаи Шайх Саъдӣ «ба ахлоқи покиза дарвеш» шуда буд, дар ашъораш бештар мазмунҳоеро ҷой дода буд, ки ба ботингароии ӯ дахолат мекарданд.

Аммо, ҷойи баҳс нест, ки адабиёти оламгири форсии тоҷикӣ бо тараннуму тарғиби хулқи некӯ, одоби хубу кирдору рафтори писандида шуҳрат дошта, ба борикбинии Шиблии Нуъмонӣ «оид ба ахлоқ ва таълимоти ахлоқӣ он қадар ашъор, ки дар форсӣ мавҷуд аст, дар арабӣ нест» [7, 212], Низории Каҳистонӣ бо ашъори гуногунмазмунаш истисно буда наметавонад.

Мавзӯъҳои панду ахлоқӣ яке аз мавзӯъҳои умда буда, дар тарбияи насли инсоният нақши муассире доранд ва таърихан ҳеҷ гоҳ арзиши худро аз даст намедиҳанд ва нахоҳанд дод. Аз рӯзе, ки тухми инсонӣ дар рӯйи замин кошта шуд, аввалин ниҳоди табиӣ ва неъмати азалие, ки дар табиат ва тинати ӯ сиришта шуд, ин адаб ва ахлоқ буд. Инсон тавассути ин неъмати бебаҳо некиву бадиро аз ҳам тамиз мекард ва мақоми худро дар зиндагии моддӣ ва маънавӣ устувор медошт. Ба андешаи адабиётшиноси тоҷик Ҷ. Саидзода «адабиёти мо аз оғози пайдоишаш руҳи таълимӣ доштааст ва мавзӯи ахлоқ ва тарбияи инсон яке аз ҳадафҳои муҳимми он маҳсуб меёфтааст» [8, 3].

Тарғибу ташвиқи сифатҳои хуби инсонӣ ва ситоиши аъмоли писандида, аз қабили некмазҳариву нексиголӣ аз масъалаҳое мебошанд, ки Низорӣ ба онҳо ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Нек будан ва некӣ кардан асли инсоният буда, шоир бо тазмин аз мисраи машҳури муаллими ахлоқ - Шайх Саъдӣ сареҳан мефармояд:

Ба такрору тазкор одат кунанд,
Бад-ин байти тазмин иодат кунанд.
«Касе нек бинад ба ҳар ду сарой,
Ки некӣ расонад ба халқи Худой» [3,264].

Тибқи назари шоир, инсон бояд рисолати инсонии хешро дар ҳама замонҳо адо намояд ва масъулияти хешро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунад, зеро Худованд ӯро дар рӯйи замин на барои анҷом додани амалҳои зишту бад, балки барои некӯкориву хайрхоҳӣ халқ кардааст:

Нек хоҳу нек бошу нек бину нек дон,
Чун қалам рафтаст бар лавҳи азал нақкошро [3, 512].

Шоир дар баробари инсонҳоро ба анҷом додани амали хайр ва нек будану нек дидан талқин кардан, инчунин содиқу вафодор будани онҳоро низ асли инсоният мепиндорад. Низорӣ, пеш аз ҳама, тавассути ахлоқи ҳамидаи волои

инсонияш як шахсияти намунавӣ ба назар менамояд, зеро ин амр аз хулосаи гуфтаҳои панду насиҳатвораи ӯ ошкор аст. Аз рӯйи гуфтаҳои шоир дар абёташ маълум мешавад, ки ӯ худаш ҳам ин сифатҳоро доштааст:

Хилофи аҳди Низорӣ макун ба саъй ҷафо,
Ки дар вафову сафо беназиру монанд аст [3, 760].

Низорӣ ҳамчун омӯзгори ҷаҳондидаву ҷаҳонозмуда ва аз рӯзгор таҷрибаандӯхта, ба аҳду паймон вафо карданро ҳамеша талқин менамояд. Ӯ ба инсон муроҷиат карда панд медиҳад, ки аҳдро бо касе бастан лозим аст, ки паймоншикан набошад:

Роз макшой в-агар чора набошад ин аҳд,
Бо касе банд, ки ботил накунад паймонро [3, 3528].

Шоир аз рӯйи кунҷковию доноӣ ҳар камбудиву нуқсони ҷамъиятро зуд дарк карда, тавассути суханҳои маслиҳатомез ва дастурҳои пандгунаи худ баҳри бартараф кардани норасоиҳо баромад мекард. Ӯ мефармояд, ки дар ботини инсон ду нерӯ – некӣ ва бадӣ ҳамеша дар набарданд. Чун хирад асли асосии инсон аст, бояд кӯшиш кунад, ки одоти бадро ба худ раҳ надиҳад. Агар одоти бад вориди табиати инсон шаванд ва инсон бар равиши онҳо ҳамвора амал намояд, оқибат ба балои бад гирифтор хоҳад шуд. Бинобар ин, ҳар инсон бояд пайваста аз пайи одоти хуб бошад, то аз ҳар гуна бало эмин монад ва дар «азоби алим» намонад:

Агар одат аз ибтидо бад кунӣ,
Хилофи раҳу расми бихрад кунӣ.
Шавад бо ту он одати бад қадим,
Бимонӣ зи бад дар азоби алим.
Ва гар хавфро расми некӯ кунӣ,
Баданро ба тадриҷ хушхӯ кунӣ [3, 271].

Низории Қаҳистонӣ ба ҳайси як шахси парҳезгор мавзӯъҳои панду ахлоқии худро дар доираи шариати исломӣ ва китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръони шариф ва аҳодиси набавӣ ва дигар гуфтаҳои бузургони дин, баён карда, раво ва норавоҳоро мувофиқи онҳо дастур додааст. Масалан, шоир хислати суханчинӣ ва ғайбатро аз хусусиятҳои бади инсонӣ шумурда, чунин амалро аз доираи мусулмонӣ ва шариати исломӣ берун медонад:

Эй, он ки ғайбат мекунӣ, ташнеъ бар мо мезанӣ,
Шарти мусулмонист ин, ҳайҳот, бединӣ макун.
Дар пойи пили сайри мо яксон бувад шоҳу гадо,
Чун рах дар ин раҳ рост рав, рафтори фарзинӣ макун.
Барнеҳ Низорӣ ҳону-ҳон қуфли хамӯшӣ бар даҳон,
Алқисса, чун номаҳрамон, дигар суханчинӣ макун [3, 238].

Масъалаҳои дигаре, ки тибқи қонуну қавоиди исломӣ норавоанд, фисқу фасод ва рибову зино мебошанд. Худованди карим низ дар китоби муқаддаси мусалмонон Қурони Шариф чунин рафторҳои зиштро манъ кардааст: «Худо ба адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зишткорӣ ва ситам наҳй мекунад. Шуморо панд медиҳад, бошад, ки пазирои панд шаведҳ» [2, 278]. Шоир дар абёти зер аз ин амалҳои зишту нописанд, ки мухолифи шариат ва ғайри хости илоҳианд, инсонҳоро панд медиҳад, то ки аз онҳо дурӣ ҷӯянд, чаро ки аз ин амалҳо дар рӯзи ҳашр аз инсонҳо ҳатман пурсида хоҳанд шуд:

Соқӣ, ба ҷону сар, ки ба ҷон дорамат сипос,
Қад қоматуссалот баромад, биёр кос.
Аз май чӣ меҳаросад майхора муҳтасиб,
Гӯ аз ҳарому фисқу рибову зино ҳарос.
Дил бо Худой дору ба бутхона роз гӯй,
Дар ҳашр кай харанд зи мо лобаву микос [3, 1257].

Низорӣ дар аксари маворид масъалаҳои ахлоқиро тавъам бо усулҳои динию мазҳабӣ баррасӣ менамояд. Ӯ ҳамчун донандаи аҳкоми илоҳӣ ва усулҳои динӣ ҳамеша таъкид бар покиву озодагии рӯҳи инсонӣ дорад. Ӯ қайд мекунад, ки мақоми инсон воқеан дар ҷаннати аълост. Инсон танҳо ба як шарт метавонад ин мақоми олиро ба даст биёрад, ё вориди биҳишти ҷовидонӣ гардад, агар аз тамоми олудагиҳо ва палидиҳо дур бошад. Барои инсон ба мақоми биҳиштӣ расидан, танҳо аз ин роҳ муяссар асту халос. Аз ин лиҳоз, хушхулқу хушхӯ будан дар ин ҷаҳони зоҳир яке аз

масъулиятҳои муҳим ва аввалиндараҷаи инсонҳо мебошад. Шоир дар ин робита бо истифода аз арзишҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш кардааст, ки инсонҳоро аз ҳар гуна олудагиҳо ба хушхӯйӣ ва некӯӣ даъват намояд. Абёти зери шоир истидлол ба гуфтаҳои фавқанд:

Хуш аст олами озодагиву хушхуйӣ,
Бад-ин мақом даро, гар биҳишт меҷуйӣ.
Агар ту оинаи рӯйи дӯст дарёбӣ.
Ба рӯйи оина бингар, ки чун накӯрӯйӣ.
Кадом ҷоми Ҷам он ҷо ки синаи софест,
Дар ӯ дигар чӣ тавон дид, ғайри некӯӣ [3, 676].

Хоксориву фурӯтанӣ хислати хуби инсонӣ ба шумор рафта, шахси дорои чунин хислатҳо соҳиби обрӯву эътибор мебошад. Хоксориву фурӯтанӣ ба инсонҳо зебу зинат мебахшад ва инчунин шахсро дар назари халоиқ азизу мукаррам мегардонад. Хислати хоксориву фурӯтаниро ҳар як шоиру нависанда тавсифу тамҷид карда, ҳатто дар каломи раббонӣ ва аҳодиси набавӣ ва аимма низ аз он таъкид шудааст. Аз ҷумла, дар аҳодиси Ҳазрати Алӣ (а) дар боби фурӯтанӣ чунин омадааст: «Фурӯтан бошед, то маҳбубу муҳтарам бимонед ва ба дониш бигароед, то тоҷи шарафу шавкат бар пешонии шумо бидурахшад ва сабр кунед, зеро сабр таҳти иззату эътиломи (баландӣ) Шумо хоҳад буд» [6, 18]. Ҳаким Низорӣ бо истинод ба каломи Ҳазрати Алӣ (а) менигорад, ки кас дар ҳар ҳолате, ки набошад, ё ғанӣ ва ё фақир, ё шод ва ё ношод, бо дигарон ҳамчун банда хоксору ҳалим ва фурӯтан рафтор кунад. Гӯяндаи мисраъҳои зер афроди хоксор ва фурӯтанро бо ифтихор «покизагавҳар» меномад:

Гарат хуш бувад, варна, хуррам нишин,
Чунон к-аз ту хушдил бувад ҳамнишин…
Назар пеш гиру сарафканда бош,
Ба ҳар кас, ки пеш омадат, банда бош.
Кунад офарин бар ту аҳли хирад,
Ки покизагавҳар чунин бигзарад [3,276].

Дар ҷойи дигар низ, шоир айнан ба ҳамин маънӣ изҳори назар мекунад, ки инсон то даме, ки аз табиат ва хислати девӣ ва одоти бад дурӣ начӯяд, ба мақоми фариштагӣ нахоҳад расид. Чуноне, ки шоири дигари қарни XI-ум Ҳаким Носири Хусрав низ ба ин маънӣ фармудааст:

«Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош,
Чӣ бояд дев будан, одамӣ бош» [4, 556].

Мавриди тазаккур аст, ки Ҳаким Низорӣ аз андешаҳои панду ахлоқии Носири Хусрав бетаъсир набуда, дар мазмуни байти дар боло зикршуда изҳори ақида кардааст:

Худбиниву худпарастӣ, ай ёр,
Ин ҳар ду хилофи шаръу дин аст.
Эмин наӣ аз фариштаи нафс,
То лашкари дев дар камин аст…
Филҷумла хилоф дар миёна,
Аз ғояти ҳаққу буғзу кин аст [3, 725].

Низорӣ тавассути панду андарзҳои хеш инсонҳоро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Баъзеҳо барои пешрафти зиндагиашон муттасил ҷаҳду талош меварзанд, бархе аз афрод мутавассит ва бархеи дигар ба дунболи ҳавову ҳавасу хобанд. Мувофиқи андешаи шоир инсон бояд ҳамеша аз такопӯйи зиндагӣ бехабар намонад. Ӯ ҳамеша бояд бо замона дар набард бошаду худро ҳамқадами замон гирад, на бар акси ҳол, ки аз таҳаввулоти замона бехабар монда, дар созандагиву ободкорӣ дар баробари дигарон саҳим набошад. Ин гуна афродро Низорӣ зери тозиёнаи танқид гирифта, сахт мазаммат мекунад ва мегӯяд:

Эй, ба хӯрду хоб қонеъ ҳамчу ҳайвон аз ғизой,
Як нафас з-ин чорчӯби табъи ҳайвонӣ барой [3, 377].

Озору ранҷ ва зулм кардан бар касеро Низорӣ амали носавоб эълом медорад. Шоир мегӯяд, ки агар некномӣ хоҳӣ, даст аз озори мардумон бикаш, қалби як касро заррае хафа мадор. Бар мардумон ситамкора мабош ва зулмро бар эшон раво мабин. Шахси камозор ҳамеша растагору некном аст:

Гар накӯноми-т мебояд, маҷӯй озори халқ,
К-аз ситамгорӣ нашуд бо фарраи эзид ҳумой.

Растагорӣ бо камозорӣ тавонӣ ёфтан,
Бо камозорон нишину бо камозорон гарой [3, 377].

Амали дигаре, ки сазовори рафтори инсонӣ нест, ин моли ятимон хӯрдан аст. Моли ятимону бечорагон хӯрдану дуздидан, яке аз амалҳои ноҷову носавоб буда, шахсони ба чунин иштибоҳ муртакибшуда, аз аҳли башар нестанд. Низорӣ ин амалро ҳеҷ гоҳ намеписандад ва намехоҳад, ки дигарон низ ба ин амал даст зананд. Ӯ дар либоси фақр зистанро беҳ аз хӯрдани моли наимони хасис медонад. Ҳамчунин аз лаҳми хук барои худ ғизо дуруст карданро афзалтар мешуморад, аз он ки ба моли ятимон дастдарозӣ кардан. Низорӣ ба ҳайси як инсони дилсӯзу ятимпарвар одамонро насиҳат мекунад, ки бигзор бадани хокӣ аз фақирӣ ранҷ кашаду ҳаргиз ба қути ятимон чашм мабандад ва дили эшонро озурда мадорад. Чунончӣ мефармояд:

Маро ба фахр бувад тавқро дар гардан,
Хато бувад ба наими хасон тамаъ кардан.
Зи лаҳми хук ғизо сохтан басе беҳтар,
Ки ҷону тан ба таоми ятим парвардан.
Ба гулхан аз пайи нонреза, ростӣ беҳ аз он.
Ба зулм тоқу равоқ аз фалак баровардан.
Зи бори фоқа танозурда бошу дилхаста,
Раво мадор касеро зи худ биёзурдан [3, 218].

Илова ба гуфтаҳои фавқуззикр шоир моли ятимон хӯрданро амали номуносиб ва ризқи дигарон дӯздидану хӯрданро амали зишт мешуморад. Ӯ панд медиҳад, ки ҳар фард бояд ба мисли мӯрчаи донакаши бегуноҳ ба заҳмату меҳнати бозӯи хеш ризқи ҳалоли худашро ёбад, на ин ки аз фоидаи дигарон ба даст орад. Абёти зерини шоир ифодагари гуфтаҳои фавқанд:

Муҳосиби дигаронӣ ба вақти доду ситад,
Ҳисоб кун, ки чӣ хоҳӣ барои худ бурдан.
Бас аст, мазлумаи бегуноҳ мӯрчае,
Куҷо барӣ ба шутурвор бор бар гардан.
Дил аз ҳаёти маҷозӣ барор, аз он андеш,
Ки оқибат ба зарурат бибоядат мурдан.
Ба оби тавба баровар, Низориё, ғусле,
Бишӯй даст зи дарде, ки хушк шуд дар тан.
Ба май маноз, ки хилқати замона чун ангур
Ба дасти ҳодиса ногаҳ бихоҳад афшурдан [3, 218].

Шоир дар боби одоби сухан зери мазмуни мисраъҳои машҳури Шайх Саъдӣ:

«Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ садро яке гӯй»

Ӯ бисёргӯйиву беҳудагӯйиро намеписандад. Таъкид мекунад, ки кас бояд дар мавриди сухан кардан ҳадди хешро бидонад. Агар дар ҳоли муошират хатое аз забон сар занад, ба мисли тир аз камон рафтан ба ислоҳи ӯ кӯшиш кардан суде намебахшад. Чуноне, ки мефармояд:

Нагӯйӣ басеву набошӣ хамӯш,
Нигаҳ дор ҳадди тавассут, бикӯш.
На хомӯш будан ба як бор нек,
На бисёр гуфтан ба такрор нек.
Нагӯйӣ сухан, то напурсанд, беҳ,
Чу гуфтӣ, ба такрор заҳмат мадеҳ.
Чу гуфтиву неку наомад сухан,
Ба ислоҳи калпатра кӯшиш макун.
Гаронӣ макун зуд раҳ гир пеш,
Махӯр беш, албатта, аз ҳадди хеш.
Бурун ой бе чашму гӯшу забон,
Накӯ бишнав андарзи ин меҳрубон [3, 269].

Мавзӯи дигаре, ки Низорӣ дар хусуси он ибрози андеша кардааст, ҳирсу озмандӣ ва такаббурӣ мебошад. Шоир таъкид медорад, ки инсон дар ин ҷаҳони моддӣ ҷовидонӣ нест. Дар дунёи чандрӯза инсон гаҳе шоду гаҳе ношод, рӯзе бо пастиҳову рӯзе бо баландиҳо рӯ ба рӯ аст. Ба қавли шоир, агар инсон ҳамвора тобеи нафси худ бошад, ба дунё ҳирсу ози бештаре дорад. Агар тамоми ҷаҳонро ба коми ӯ диҳанд, ҳанӯз ҳам нотамом аст. Яъне, чашми одамӣ барои дороии дунё ҳамеша кушод аст, вале ӯ бояд барои ба даст овардани манфиати хеш аз ҷаҳони моддӣ андоза

нигаҳ дорад. Таъкиди шоир бар он рафтааст, ки инсон набояд дар ин дунёи дурӯза маҒруру худписанд шавад. Шоир аз ҷаҳони зоҳир, новобаста аз нишебу фарозиҳояш ризоятманд аст ва аз он ҳеҷ гилае надорад, аммо боз афсӯс мехӯрад, ки умри инсон дар ин манзилгаҳ ҷовидонӣ нест:

Меҳнатсарои даҳр чу ҷойи мақом нест,
Осоише дар ӯ зи ҳалолу ҳаром нест.
Бе суру мотаму ғаму шодӣ дар ин ҷаҳон,
Шоме ба субҳ рафтаву субҳе ба шом нест.
Гар мулки коинот ба хӯрди касе диҳанд,
Аз фарти ҳирсу оз ҳанӯзаш тамом нест…
Дар санглохи ҳирс марон тавсани ғурур,
Оҳистатар, ки бар сари маркаб лагом нест.
Хуш манзилест олами дунё, вале дар ӯ
Даврони зиндагонии мо бардавом нест [3, 889].

Дар ҷойи дигар низ шоир мегӯяд, ки аз ҳирсу оз инсон беқадр мегардад. Ҳарчанд кас аз молу маноли дунё чашм пӯшад ва дил аз хору хаси дунё холӣ кунад, он қадар озодатару болидатар хоҳад буд:

Яқин медон, ки бошӣ дар ҷаҳаннам,
Чу худро дар миёни оз ёбӣ.
Насозад бо ту дунё, то ту аз ҳирс,
Ҳама кори ҷаҳон носоз ёбӣ [3, 398].

Чи тавре, ки мусаллам аст, дар эҷодиёти тамоми шоирон ғанимат шумурдани фурсат хеле зиёд ба чашм мехӯрад. Ҳаким Низорӣ низ ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, дигаронро низ панд медиҳад, ки қадри вақтро дарёбанд, то фардо аз он ҳасрат нахӯранд:

Як нафас нақд чу дарёфтаӣ, фавт макун,
Ғами фардо чӣ хӯрӣ беҳуда, фардо-фардост [3, 672].

Ё ин ки:

Низорӣ, гар надонӣ қадри имрӯз,
Басе ёдоварӣ кард аз ҷавонӣ.
Ба сар бар дасти ҳасрат, боз мегӯй,
Дареғо, рӯзгори меҳрубонӣ [3, 579].

Хулоса, андешаҳои панду ахлоқии Низории Каҳистонӣ ҳама ба ҳидояти дурусти тамоми инсонҳо равона шудаанд, то ки ҳушёру зираку доно ва неку хушрафтор бошанд. Инсони соҳибхираду худогоҳ дар ин дунёи нопойдор ба ҳеҷ чизе тамаъ намебандад. Ягона орзӯву талабаш аз инсонҳо рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек мебошад. Панду андарзи ҳакимонаи шоир ҳарчанд зиёд нестанд ҳам, дар тарбияи мардум нақши волое доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ. - Теҳрон: Боронӣ. - 649 с.
2. Қуръони Карим / Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. - Теҳрон: Нашри Замон, 2006. – 605 с.
3. Низории Қаҳистонӣ. Девони ашъор / Низории Қаҳистонӣ; тадвини Мазоҳири Мусаффо. - Теҳрон: Маҳорат, 1371. - 1409 с.
4. Носири Хусрав. Куллиёт / Н. Хусрав; таҳия ва тадоруки Аликул Девонақулов, Сурайё Раҳимзода, Абӯсаид Шоҳхуморов. - Душанбе: Ирфон, 1991. – 637 с.
5. Озар. Оташкада / Озар; бо кӯшиши Ҳасан Содоти Носирӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1337. – 456 с.
6. Пайғоми Ҳазрати Алӣ / муҳаррирон Қутби Киром, Шанбезода Ҳайрат. - Душанбе: Адиб, 1992. – 44 с.
7. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам / Шиблии Нуъмонӣ. - Теҳрон, 1368. - С.212.
8. Саидзода Ҷ. Сарсухан / Ҷ Саидзода // А.Ҷомӣ. Гулчини панду ҳикматҳо. - Душанбе: Сифат, 2014. - С.100 с.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ И НАЗИДАТЕЛЬНЫЕ МОТИВЫ В ТВОРЧЕСТВЕ НИЗАРИ КАХИСТАНИ

В данной статье рассматриваются морально-этические мысли в поэзии поэта XIII-XIV вв. Низари Кахистани и выявлены их дидактические аспекты. Также автор охарактеризовал морально-этические мысли поэта на основе релегиозных ценностей.

Ключевые слава: Низари, мысль, поэзия, мораль, этика, аспект, религия.

THE MORAL AND ETHICAL THOUGTS IN NIZARI QUHISTANI'S WORKS

In this article considered moral and ethical thoughts within poems of poet XIII-XIV century Nizari Quhistani and discovered their didactical aspects. Also, author tried to describe (characterize) moral and ethical thoughts of poet on basis of religious values.

Keywords: Nizari, thoughts, poem, mental, ethic, aspect, religious.

Сведения об автор*: Ёдгор Додихудоев* – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ.Телефон: **(+992) 935-37-39-38**

ДИНИ ЭРОНИЁНИ ҚАБЛ АЗ ИСЛОМ
(аз назари Фирдавсӣ)

Джавад Джафари Бура Ганбар
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Сухан гуфтан аз «Шоҳнома» - ин китоби ситурги ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва ин асари ҷовидона ва санади миллии Эрону Эронзамин осон нест. Он қадар ин дарё жарф ва бепоён аст, ки солҳои сол хирадмандон ва фарҳехтагони зиёд дар мавриди ин китоб ва нигорандаи бузурги он сухан гуфтаанд, мегӯянд ва хоҳанд гуфт. Тамоми ин пажӯҳишҳо ва гуфтаҳо на танҳо ки яксону такрорӣ нест, балки ҳамвора ширину латофати тозае дар каломи ҳар кадом нуҳуфтааст.

Дар ин мақола, ки каламоти Фирдавсӣ тавҳиди эрониён ва «Шоҳнома» се калидвожаи аслӣ маҳсуб мешавад, саъй бар он аст, ки дар бораи рӯшангарии ҳакими хирадманди Тӯс, дар мавриди тавҳиди эрониёни қабл аз ислом пардохта шавад. Ҳарчанд, ки мавзӯи мавриди баҳс бисёр амиқ аст ва пургуфтугӯ, аммо умедворам, ки дар ин мақола андак матлабе қобил ироа кунам.

«Шоҳнома» - ин асари шигарфи ҳакими Тӯс, зикри таърихи қавми эронӣ аст. Зикри боварҳои мардуми Эрон аз оғози зиндагии аввалини қавм дар ин марзу бум то поёни саргузашти азамати ҳукумати Сосониён аст.

Бузургмарди адабиёти ҳамосаи Эрон хост, то бо ба назм кашидани ин таърих, ганҷи азим аз дониш ва ибрату ҳақиқати миллати эронӣ, ки дар хазонаи фарҳангу тамаддуни марзу бум буд, дар ихтиёри сокинони ин пурдостон, хосса нухбагону фарҳехтагон қарор диҳад, то аз фарозу фурӯди саргузашти куҳани ин кишвару тамаддуни куҳансоли он бидонанд ва аз диққату тааммул дар чанду чуни кори онон дарси ибрат гиранд ва тӯшаи охират бардоранд.

Бад-ин номаи шаҳрёрони пеш,
Бузургони ҷангӣ саворони пеш.
Ҳама разму базм асту рою сухан,
Гузашта басе корҳои куҳан.
Ҳамон донишу дину парҳезу рой,
Ҳамон раҳнамунӣ ба дигар сарой [1].

Банда дар ин мақолаи кӯтоҳ бар онам, то нимнигоҳе ба як ҳақиқати таърихӣ дошта бошам, ки яке аз ангезаҳои аслии ин ҳакими фарҳехта дар ба назм кашидани ин асари ситург будааст, ҳақиқате, ки ба далоили мухталиф, ки бисёр гузида ва хулоса оварда хоҳад шуд, дар сиёҳнамоии арабҳои кинатуз ғубори талбис бар қомати он нишаста буд. Он ҳақикат ҳамон эътиқоди Эрониёни қабл аз ислом ба ваҳдонияту ягонагии худованди мутаол аст, ки аз ибтидо то интиҳои «Шоҳнома» дар ҷо-ҷойи ин китоби бузург ва ба баҳонаҳои мухталиф аз забони ширини ин шоири ҳақиқатбин зикр мешавад.

Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,
Ниёиш ҳамекарду хонд офарин [1, 13].
Абарофаринанда кард офарин,

Бимолид рухсорагон бар замин [1, 70].
Пас аз офарин гуфт то як худой,
Ҳамехостам то бувад раҳнамой [1, 80].
Ба роҳи Худованди хуршеду моҳ,
Зи бун дур кун девро дастгоҳ [1, 610].

Ва аз ин даста абёт ва ишорот дар сар то сари «Шоҳнома» баёнгари ин ҳақиқат аст, ки Фирдавсӣ ҳамвора мехоҳад худопарастӣ, тавҳиду дингаройии қавми эрониро баён бидорад. Аз он ҷое, ки барои ҳамагон равшан аст ва дар таворих /мазбут/ баъд аз ҳамлаи аъроби мусалмон ба Эрон ва суқути силсилаи Сосониён ҳукумати Эрон таҳти салтанати хулафои ислом қарор гирифт ва тайи солиёни аввал ин сейтара (султа)-и аъроб сахтгириҳои бисёр нисбат ба аҳвоми эронӣ аам аз забону фарҳанг ва ҷанбаҳои мухталиф иттифоқ афтод.

Он гуна ки доктор Зарринкӯб дар китоби «Ду қарн сукут»-и худ дар бораи Эрон ва эронӣ зикр мекунад, воқеан қобили таммул аст, ки озодагон ва нажодгони эронӣ тавассути бузургони араб аз тамоми ҳуқуқ ва шаъуни маданӣ ва иҷтимоӣ маҳрум буданд ва монанди бандагони дирамхарид бар онҳо таҳқиру ҷафо мерафт ва мисли як мувло* бо онҳо рафтор мешуд. Ҳукумат ва қазовати ҳама ҷо, махсус араб буд, зеро ки асл бо саёдати араб буда [2, 93] ва ё ин ки сухан гуфтан ба забони форсӣ мамнуъ шуд ва забони арабӣ забони расмӣ ва идории ҳамагон шуд.

Ҳар ҷо, ки ба хат ва забону китоб ва китобхонаи эронӣ бармехӯрданд ба сахтӣ ва шиддат бо он ба мухолифат бармехостанд. Ба унвони мисол рафторе, ки тозиён дар Хоразм бо хатту забони мардум карданд бад-ин даъвӣ ҳуҷҷат аст [2, 115].

Дар тайи ин ду қарн сукуте сахт мумтад ва ҳаросангез бар саросари таъриху забони Эрон соя афканда буд ва забони форсӣ, ки дар аҳди хусравон аз ширинву шевоӣ саршор будааст, дар саросари ин ду қарн чун забони гуногун, ношинос ва беасар монда буд ва муддати дароз гузашт, то эронӣ қуфли хамӯширо шикаст ва тавонист дубора лаб ба сухан бикшояд.

Ин аст, ки эшон ду қарни аввали ҳукумати аъроб бар Эронро барои эрониён ва барои забону фарҳанги ин марзу бум ва ба таври куллӣ Эрону эронӣ ду қарн сукут медонад, ки албатта, бурузу зуҳури иттифоқоте мисли шуубия қиёми озодихоҳони мухталиф дар ҷо-ҷойи Эронзамин ва ҳаводисе аз ин даста, худ баёнгари фишору сахтгирии арабҳо бар Эрон аст. Аз ин рӯ, авсоф ва азамати кори Фирдавсӣ ва ангезаҳои ин марди бузург бо диққати бештар қобили баррасӣ аст:

Басе ранҷ дидам дар ин соли сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Бо каме таммул дар ин сухани Фирдавсӣ равшан аст, ки зинда кардан ҷуз пас аз марг ва мурдан маънӣ надорад ва воқеан забону фарҳанг, дину дониш ва ному нишони Эрон баъд аз ҳамлаи аъроб мурда буд. Бояд ба ёд оварем, дар ин овон ҳанӯз муддати зиёде аз он замон, ки тақрибан ҳама чиз дар ихтиёри хулафои нажодпарасти БаҒдод буд, намегузарад.

Замоне ки ҳанӯз эрониёнро муволӣ мехонданд ва забон, дину фарҳанги марсумро мутааллиқ ба худ медонистанд ва гузашта аз ин Эронро ба шиддат саркӯб мекарданд, дар ин шароит аст, ки Фирдавсӣ сурудани «Шоҳнома»-ро беҳтарин баҳона барои зинда кардани ин қавми бостонӣ бо реша ва ба қавли худи ӯ нажода ва поксиришт меёбад.

---

*Озодкардашуда, ғулом, банда. Арабҳо ин номро бар касоне мегузоштанд, ки дар воқеъ ба гунаи мамлуки онҳо маҳсуб мешуд. Мувло наметавонист ба ҳеҷ кори обрӯманд бипардозад. Ҳақ надошт силоҳ бисозад, бар асб биншинад ва аз духтарони араб зан бигирад. (Зайли калимаи мавло Луғатномаи Деҳхудо).

Ҳарчанд нуктаи қобили зикр ин аст, ки дини эрониёни бостон бо дини зардуштӣ ду мақулаи ҷудост ва ҳол он ки аз назари таърихи динӣ низ, давраи асотирӣ ва давраи паҳлавонӣ ду давраи динӣ аст, ки аз як дигар мутафовитанд. Аммо, дар «Шоҳнома» сухан аз ягонагии эътиқодӣ меравад. Фирдавсӣ ҳамаи ононро яздонпараст мехонад ва пайрави Худои мутаол ва Худованди моҳу хуршеду ситорагон медонад, ки дар он ҳам ба далели маъхази ӯ, ки «Шоҳнома»-и Мансур Абӯнаср Абдураззоқ аст, ҳамин интисоб ба амал омада буд ва чун маводи он низ аз «Худойномак», ки дар асри Сосониён фароҳам шуда буд, пайдост, ки муаллифони зардуштӣ «Худойномак»-ро таҳти таъсири комили маздясно ва назар ба таассуби миллии эрониён ва ифтихор ба ин, ки эрониён ҳамвора Худопараст ва муваҳҳид буданд, куллияи подшоҳонро яздонпараст муаррифӣ кардаанд [3, 61-62].

Аммо, Фирдавсӣ илова бар нуктаҳои бисёре, ки зикр мекунад, як нигоҳи куллӣ ба эрониён дорад, ё таваҷҷуҳ ба ҳама масоил ва ихтилофот ҳамаро аз як реша ва аз як асл медонад. Ӯ ҳамаро яктопараст ва худодӯст мешуморад. Дар ҳама умур шокиру сипосгузори Худоӣ ягонаанд. Ба тақдиру сарнавиште, ки Худованд барои онҳо таъйин карда, муътақиданд. Ин нуқтае аст, ки Фирдавсӣ дар тамоми «Шоҳнома» ба он ишора мекунад.

Бибахшуд Яздони некидеҳаш,
Яке буданӣ дошт андар буваш [1, 68].
Бихӯрд обу рӯю сару тан бишуст,
Ба пеши ҷаҳонофарин шуд нахуст [1, 227].
Ҷаҳондор шуд пеш бартархудои,
Ҳамехост то бошадаш раҳнамои.
Ҳамегуфт к-эй кирдигори сипеҳр,
Фурӯзандаи некиву доду меҳр [1, 693].

Ҳол он ки зикри хулосае аз вазъи асри Фирдавсӣ ва иттифоқоте, ки дар асари сахтгириҳо ва фишори аъроб бар эрониён ва фарҳангу забони эронӣ пеш омада буд, худ ҳуҷҷате хоҳад буд бар исботи ин муддао, ки шояд ҳамин гуфтаҳои Фирдавсӣ аст, ки ӯро дар қаламрави шуубигарӣ ҳам қарор медиҳад.

Ҳеҷ бурҳоне беҳтар аз ин нест, ки эшон дар чанд байт равшану возеҳ ба кеши эронӣ ишора мекунад ва танҳо тафовути онро дар тағйири шеваи ибодат зикр мекунад ва ба навъе туҳмати оташпарастиро, ки ҳамин арабҳо дар нафйи дини эрониёни қабл аз ислом раво медоштанд, ҷавоб медиҳад.

Ниёро ҳамебуд ойину кеш,
Парастидани эзадӣ буд пеш.
Нагӯйӣ, ки оташпарастон буданд,
Парастанда поку яздон буданд.
Дар он гаҳ будӣ оташи хубранг,
Чу мар тозиёнро меҳроб санг.

Лозим аст ин нукта ишора шавад, ки мутобиқи ояи 24 аз сураи фотир «Ҳеҷ уммате намуда магар ин, ки Худованд паёмбаре барои ҳидояти онон дар миёншон мабъус кардааст» [4]. Пас бе тардид эрониён низ дар зумраи умматҳое буданд, ки паёмбаре барои иблоғи паёми илоҳӣ ба сӯйи эшон фиристода шудааст.

Бинобар ин, бисёре аз пажӯҳишгарон бар ин боваранд, ки Зардушт, ҳамон паёмбари эрониёни аҳди бостон буда ва бо таолими китоби осмонӣ «Авасто» мардумро ҳидоят намудааст. Ҳол он ки ойини зардушт ҷузви адёни илоҳӣ аст ё хайр? Ё ин ки мутобиқи назари Қуръон инон аҳли китоб ба ҳисоб меоянд ё хайр? Баҳсе аст бисёр густурда, ки дар ин мақола намегунҷад. Аммо лозим аст, ки чанд нукта дар ин маврид баён шавад.

Бо муроҷиа ба ояи 14-и сураи Ҳаҷ, ки дар он мардум ба се гурӯҳ: муъминин, аҳли китоб ва мушрикин тақсим шудаанд, то андозае посухи ин суолро равшан

мекунад. Худованд мефармояд: «касоне, ки имон овардаанд ва онон, ки яҳудӣ шуданд ва собииҳо ва насорӣ ва маҷус ва касоне, ки ширк варзанд, Худо дар рӯзи растохез миёнашон имтиёзе мениҳад ва аз ҳам ҷудояшон мекунад» [4].

Тибқи мазмуни ин оя, яҳудиҳо, масеҳиҳо, собиин ва маҷусҳо (пайравони дини зардушт, зардуштиён) на ҷузви муъминин ҳастанд ва на ҷузви мушрикон, балки аҳли китоб маҳсуб мешаванд ва суннати паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ) низ нишон медиҳад, ки паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ) бо ин чаҳор гурӯҳ, тибқи аҳкоми аҳли китоб бархӯрд менамуданд ва агар исломро намепази- руфтанд, ононро ба пардохти ҷазия маҳкум мекарданд.

Бо вуҷуди китобҳои Таврот ва Инҷил, ҳамагон аҳли китоб будани қавми яҳуд ва масеҳиёнро бароҳатӣ мепазируфтанд, аммо пазириши ин воқеият дар мавриди маҷус, ки дар императории Эрони Сосонӣ дини расмӣ маҳсуб мешуд, мушкил менамуд [5, 157]. Аммо, бинобар ривояте, ки паёмбар (с) дастур дода буд, то аз аҳли китоб ҷазия гирифта шавад, агар дини исломро напазируфтанд, иддае аз мушрикон саъй карданд то ҳамонанди маҷус, ки аз дидгоҳи онон дугонапараст ва мушрик буданд, аз имтиёзи ҷазия истифода кунанд. Пас ба Ҳазрат нома навиштанд ва аз он ҳазрат хостанд, то аз онон низ ҷазия бигиранд ва дар бутпарастӣ озодашон бигзоранд. Паёмбари ислом ҷавоб фиристонд, ки маҷус паёмбаре доштанд, ки ӯро куштанд ва китобе доштанд, ки паёмбарашон дар пӯсти дувоздаҳ ҳазор гов навишта ва оварда буд, ки онро сӯзонданд [6, 14].

Баъд аз вуруди аъроб ба Эрон, бузургтарин армуғон ва баракате, ки аз ин бархӯрди сахт ва муҳкам насиби эрониён шуд, ислом аст. Аммо, равшантарин воқеият осебҳои ҳар ҳамла ва ҳуҷуму таҳаввулоти баъд аз он аст, ки ҳеҷ қавм ва миллати маҳҳуреро аз он гурезе нест. Бахусус ин ки пешинаи таърихӣ нишон медиҳад, ки аъроб ҳеҷ дилхушӣ аз эрониён надоштанд ва баъд аз тасаллут бар онон фурсатро муносиб диданд то бо ниҳояти шиддат ва ҳиддат ба кинаҳои деринаи худ посухи муносибе бидиҳанд. Бинобар ин, оташпарастӣ, дугонапарастӣ, табиатпарастӣ ва амсоли инҳо раҳоварди ҳамин бархурди кинатузонаи арабҳо бо дин ва фарҳанги эронӣ аст.

Дар ҳоле, ки далоили мутааддиде вуҷуд дорад, ки эрониён қабл аз омадани Зардушт низ муваҳҳид будаанд ва ойини онон ҷузви адёни тавҳидӣ ба ҳисоб омадааст. Ин эътиқод ба тавҳид баъд аз зуҳури Зардушт низ идома ёфт ва вай низ ба унвони мунодии тавҳид ба таблиғи ойини худ пардохт. Ӯ ба худойи якто қоил буд ва ӯро Аҳуро Маздо, яъне донои тавоно мехонд [7, 97].

Бинобар он чи дар эътиқодоти расмии китоби Авасто мастур аст, Аҳуро Маздо монанди худойи мутаол ва бартар аз ҳамагон мавриди парастиш аст. Вай дорои зоти мутаол ва вуҷуди бешабеҳ ва мисол аст. Албатта, ин назарияи тавҳиди холис баъдҳо таҷзия ва инқисом пазируфт ва андешаи тавҳид, ки Зардушт таълим медод, дастхуши тағйироте шуд [8, 468].

Инҳо худ, далоили равшан аст, бар он ки иллати пазириши ислом тавассути эрониён тақрибан ошноии онҳо бо дини ҷадид ва омӯзаҳову ойинҳои он буд.

Ба ҳар ҳол, ёдоварии ин ҳақиқат барои аъроби мусаллат яке аз ангезаҳои аслии Фирдавсӣ буд, ки дар «Шоҳнома» ба дунболи танвири он аст. Албатта, баёни ин ҳақоиқ мучуд, то ҳадди зиёде ӯро дар доираи шуубият қарор диҳанд. Ҳатто, баъзеҳо ҳам пештар рафта ва ӯро ҷузви шоироне қарор додаанд, ки ба куллӣ бо аъроб мухолифанд, ҳам бо диёнати онҳо ва ҳам бо саёдати онҳо, ки яқинан ин наметавонад дуруст бошад, чӣ расад ба ин ки бо андаке диққат дар дебочаи китоби «Шоҳнома» равшан хоҳад шуд, ки иродати ӯ ба паёмбар ва Алӣ (а) то чӣ ҳад аст. Аммо, бояд вобастагии Фирдавсиро ба наҳзати шуубия таъйин кард.

Устод Ҷалолиддин Ҳамоӣ дар зимни баҳс дар бораи шаубият, шоирони мунтасиб ба шаубияро бар се даста тақсим кардааст.

1. Аҳли тасвия, ки араб ва аҷамро ба як чашм медиданд ва ҳеҷ миллатеро зотан бартар аз миллати дигар намедонистанд. Аглаби шуарои аҳли ҳикмат ва ирфон аз ин дастаанд.

2. Онон, ки саёдати аҷам ва диёнати арабро бо ҳам мехоҳанд, яъне нажоди эрониро бар араб бартарӣ медиҳанд, аммо пайрави дини арабанд.

3. Онон, ки бо ҳама чизи араб, аам аз саёдат ва диёнати ӯ мухолифанд. Устоди фақид, Фирдавсиро аз дастаи дувум медонист [9, 123-124].

Албатта, Фирдавсӣ сареҳан аз ҷониби худаш саёдати аҷамро матраҳ намекунад, вале он чи ҳаст аз забони «Шоҳнома» аст. Гӯё ин ки ба ин тарзи баёни ғайримустақим бояд аҳамияти бештар дод, аммо на бад-он гуна, ки тамоми онҳо ҷузви афкор ва ақоиди шоир талаққӣ шаванд. Барои дарки беҳтари ин баён кофӣ аст масалан, лаҳни ӯро дар баёни номаи Рустами Фаррухзод бо он чи дар васфи ҳолат ва ҳайбати сардори араб ва фиристодаи Саъд, бо он ҷомаи мундарис ва зоҳири бешулида дар баробари шукӯҳ ва таҷаммули дарун холии сардори эронӣ бисанҷем [10, 90]. Ба унвони намуна ба яке аз он номаҳои Рустам ба Саъди Ваққос бингаред ва мулоҳиза фармоед, ки оё нигоранда бархатост ё хайр.

Ӯ баъд аз суханони дароз дар таҳқири аъроб ва дар зимни баёни таҷаммулоти басоти Яздигурд ҳарфҳое аз ин даст мезанад ва гӯё надониста иллати асабонӣ шудани аъробро ҳам баён медорад:

Саги юзу бозаш даҳу ду ҳазор,
Ки бо занги зарранду бо гӯшвор.
Ба соле ҳама дашт найзаварон,
Наёбанд хӯрд аз карон то карон.
Ки ӯро бибояд ба юзу ба саг,
Ки дар дашт нахчир гирад ба таг.
Сагу юзи ӯ бештар з-он хӯрад,
Ки шоҳ он ба чизе ҳаме нашмурад [1].

Саранҷом ин, ки Ҳакими Тӯс дар сахттарин шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он рӯзгор, тавонист китоберо барои ояндагон ба ёдгор бигзорад, ки пурифтихортарин санади миллии Эронзамин бошад ва то имрӯз фарҳехтагону пажӯҳандагони бешуморе битавонанд аз лобалои забони ширин ва устувори ин бузургмарди таъриху адабиёти Эрон мақолот ва пажӯҳишҳои арзишманде барои донишафзоии донишдӯстон ва донишҷӯён бингоранд, то беҳтар битавонанд арзиши воқеии ин асари сутургро бинамоёнанд.

А Д А Б И Ё Т

1. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бар асоси чопи Маскав. - С. 13, 70, 80, 610, 68, 227, 693.
2. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ду қарн сакут / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон: Сухан, 1378//2000. - С.93, 115.
3. Муин Муҳаммад. Маздясно ва адаби порсӣ / Муин Муҳаммад. - Теҳрон: 1355//1977. - Ҷ.1. - С.61-62.
4. Қуръони карим, сураи Фотир, ояи 24; сураи Ҳаҷ, ояи 14.
5. Муртазо Мутаҳарӣ. Маҷмӯаи осор. Хадамоти мутақобили ислом ва Эрон / Муртазо Мутаҳарӣ. - Теҳрон: Сударо, 1377//1999. -Ҷ.14. - С.157.
6. Шайхи Алкофӣ. Сиғгат-ул-ислом / Шайхи Алкофӣ // Кулиёт. - Нармафзори нур. – Ҷ. 4.- С.14
7. Муҳаммадҷаводи Машкур. Хулосаи адён дар таъриҳи динҳои бузург / Муҳаммадҷаводи Машкур. - Теҳрон: Иштишороти шарқ, 1360. – С.97.
8. Ҷонбинос. Таъриҳи ҷомеи адён / Ҷонбинос; тарҷумаи Али Асғарӣ. - 1370//1992. - С.468.
9. Ҷалолиддин Ҳамоӣ. Шуубия / Ҷалолиддин Ҳамоӣ. – Исфаҳон: Интишороти Соиб, 1363//1985. - С.123-124.
10. Сайид Ҳамидиён. Даромаде пурандеша ва ҳунари Фирдавсӣ / Сайид Ҳамидиён. - Теҳрон, 1372//1994. - С.90.

ДОИСЛАМСКАЯ РЕЛИГИЯ ИРАНЦЕВ
(с точки зрения Фирдоуси)

В данной статье ключевыми словами являются «Фирдоуси», «единобожие» и «Шахнаме», которые говорят об истинной вере ислама в Иране до исламского периода.

Ключевые слова: Фирдоуси, верования, монотеизм, Шахнаме, Иран, Персидская литература.

RELIGION OF ISLAM TO IRANIANS
(in terms of Ferdowsi)

In this paper, key words are "Ferdowsi", "monotheism" and the "Shahnameh", which speak of the true faith of Islam in Iran until the Islamic period.

Key word: Firdausi, religious doctrine, monotheism, Shokhnoma, Iran, Persian literate

Сведения об авторе: ***Джавад Джафари Бура Ганбар*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

МУҚОИСАИ «ФАН АШ-ШЕЪР»-И АРАСТУ БО «ФАН АШ-ШЕЪР»-И ИБНИ СИНО

Илҳомиддин Давлатов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҳақиқат, олиму донишманд будани як шахсро баъд аз мутолиаи китоби ӯ ё баъд аз шунидани суханонаш метавон дарк намуд. Аз ҷумлаи донишмандоне, ки аз осори фаровону пурқимати онҳо бузургии онҳоро метавон дарк намуд, ин Арасту ва Ибни Сино мебошанд. Арасту, ки яке аз бузургтарин муҳаққиқ ва мутафаккири Юнони қадим мебошад, аз худ зиёда аз 146 асар боқӣ гузоштааст, ки кас баъд аз ошноӣ бо он ҳама осор аз илму дарки вофири ӯ дар ҳайрат мемонад. Ё Ибни Сино, ки баъд аз ошно шудан ба яке аз асарҳои ӯ, масалан, "*Китоб аш-Шифо*" инсон дар шигифт меафтад, ки чӣ гуна ин донишманд дар ин як асари хеш ин ҳама улуми мухталифро ҷой додааст. Бад-ин сабаб ин тоифа инсонҳоро бе ҳикмат нобиґа нахондаанд.

Яке аз муҳимтарин осоре, ки мавриди таваҷҷуҳи донишмандони мусалмони вобастаи улуми фалсафӣ, нақди адаб ва фанни шеър қарор гирифтааст, ин китоби «*Фан аш-шеър*»-и Арасту мебошад. Дар дунёи ислом тарҷумаҳо, шарҳҳо ва хулосаҳои гуногуне бар ин китоб аз ҷониби муҳаққиқон дар ҳар давру замонҳо сурат гирифтааст, ки «*Фан аш-шеър*»-и Сино аз ҷумлаи муътабартарини онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ин чанд сатр мо кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, то бо қиёс намудани фаслҳои ин ду китоб ва зикри масоили зиёд намудаи Ибни Сино исбот намоем, ки «*Фанн аш-шеър*»-и Ибни Сино як тарҷумаи таҳтуллафзии рисолаи «*Фанн аш-шеър*»-и Арасту набуда, балки ҳадафи асосии Ибни Сино аз навиштани ин рисола пешниҳод намудани як гузориши комил аз китоби «*Бутиқо*» («*Поэтика*»)- ӯ мебошад. Ва ӯ ин ҳадафи худро бо зикр намудани назарияҳои ҷадиди хеш ва овардани мисолҳои возеҳу равшанкунанда аз он рисола исбот намудааст.

Марҳум Ш. Ҳусейнзода низ ин гуфтаҳои моро дар яке аз мақолаҳои худ таҳти унвони "Моҳияти шеър дар ёдгориҳои адабии асри Х" чунин баён намудааст: "Қисмати "*Фанни шеър*"-и "*Китоби Шифо*"-и Ибни Сино, ҳарчанд шарҳи "*Поэтика*"-и Арастуст, вале ҳамчун манбаи асосӣ дар бораи назарияи ақидаҳои Сино оид ба санъати шеър аҳамияти бағоятдараҷа калоне дорад" [7, 198].

Бояд қайд намуд, ки дар ин ҷода олими мисрӣ Абдурраҳмони Бадавӣ ва аз донишмандони тоҷик Абдунабӣ Сатторзода суханони ҷолибе гуфтаанд.

А. Сатторзода фикру андешаи худро нисбати ин рисолаи Ибни Сино дар китоби хеш бо номи "*Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ*" чунин баён менамояд: "Аслан, тафсир бояд бандубаст ва мазмуну мундариҷаи китоби тафсирёбандаро дар худ нигоҳ дорад. Аммо, мо ин ҳолатро дар рисолаи Ибни Сино дучор намекунем. Вай аз нав рисолаи тозае сохта, танҳо баъзе мазмун ва гуфтаҳои муаллифи «Поэтика»-ро шарҳ додааасту халос. Он ҳам мулоҳизаву қайдҳое, ки ба таври умумӣ дар хусуси шеъру шоирӣ баҳс мекунанд, шарҳу тафсир ёфтаанд" [6, 29].

Бояд қайд намуд, ки Ибни Сино нахустин ва ё ягона нафаре нест, ки ин китобро шарҳу тафсир намуда бошад. Яке аз мутарҷимони муосири он Абдурраҳмони Бадавӣ аст, ки дар муқаддимаи китоби хеш дар бораи мутарҷимони ин китоб сухан рондааст. Мо хулосаи онро ин ҷо мухтасаран баён менамоем: "Китоби "*Фан аш-шеър*"-ро Абӯбишри Матто ибни Юнуси ал-Қунноӣ аз забонӣ сурёнӣ ба забони арабӣ тарҷума намуда буд. Инчунин, шогирди Абӯбишр Яҳё ибни Адӣ низ онро тарҷума намудааст.

Бештари гумони мо ин аст, ки Ибни Сино маҳз дар тарҷума ва хулосаи ин китоб аз тарҷумаи Яҳё ибни Адӣ истифода намудааст. Баъд аз он ин китобро Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ мухтасар намуд. Баъдан аз он Абӯнасри Форобӣ истифода кард. Дар ин масъала шакке вуҷуд надорад, ки Ибни Сино дар ин асари хеш аз мухтасари Форобӣ низ кӯмак ҷустааст. Сипас Ибни Сино аввалин мухтасари комилеро ба китоби Арасту пешниҳод намуд" [3, 50-53].

Ин нуктаро низ бояд қайд намуд, ки тарҷумаи Матто ибни Юнуси ал-Қунноӣ соли 1978 дар шаҳри Қоҳира ба табъ расидааст. Ва тарҷумаи Ибни Рушд низ дар ин шаҳр пештар, яъне дар соли 1971 ба нашр расида буд. Ва ӯ ин китоби Арастуро дар шаш фасл хулоса намудааст.

Фаслбандии китоби «Фан аш-шеър»-и Арасту: Мавзӯъҳои китоби Арастуро тарҷумонҳо ба мисли Абӯбишр Матто ибни Юнус ал-Қунноӣ, Абдурраҳмони Бадавӣ ва Зарринкуб дар бисту шаш боб хулосабардорӣ намуда, ҳар кадомро тибқи услуби хеш номгузорӣ намудаанд ва барои ҳар як мавзӯъ унвонҳои ҷудогона ниҳодаанд, ки он ҳама мавзӯот ба шарҳи зер аст:

1. Шеър ва тақлид;
2. Навъҳои шеър;
3. Навъҳои тақлид;
4. Андар пайдоиш ва навъҳои шеър;
5. Мазҳака, фоҷеа ва достон;
6. Таърифи достон;
7. Ҳаҷми фоҷеа;
8. Ягонагии воқеа;
9. Таърих ва фалсафа;
10. Кирдори сода ва мураккаб;
11. Дигаргунӣ ва бозшинохт;
12. Ҷузъҳои фоҷеа;
13. Авсофи афсона ва мазмун;
14. Тарс ва шафқат;
15. Сирати ашхоси достон;
16. Ақсоми бозшинохт;
17. Кайфияти таълифи фоҷиа;
18. Уқдагушоӣ, фоҷеа ва достон;
19. Андеша ва гуфтор;
20. Ҷузъҳои гуфтор;
21. Навъҳои исм;
22. Камоли сухани шоирона;
23. Якрангии кирдор дар ҳамоса;
24. Шеъри ҳамосӣ, васфи Ҳомер;
25. Рафъи баъзе эродҳои мунтақидон;
26. Бартарии фоҷиа бар достон [1, 168-169; 4, 1].

Фаслбандии китоби «Фан аш-шеър»-и Ибни Сино: Ибни Сино бошад, мавзӯъҳои китоби хешро дар ҳашт фасл ба тартиби зерин тарҷума ва гирдоварӣ намудааст:

1. Мутлақи шеър, навъҳои ҳунари шеърӣ ва қисмҳои шеърҳои юнонӣ;
2. Ғаразҳо ва муҳокоти куллии шоирон;
3. Чигунагии пайдоиши шеър ва анвои он;
4. Муносибати миқдори байтҳо ҳамроҳ бо ғаразҳо бахусус дар бораи трагедия ва баёни ҷузъҳои трагедия;
5. Ҳусни тартиби шеър бахусус трагедия, аҷзои афсонаи мазмун дар трагедия;
6. Ҷузъҳои трагедия мувофиқи тартиб ва иншо, на ба тартиби маъно. Инчунин ҳар он чи дар ҳар ҷузъ ботадбиртар аст. Махсусан, он чи ба маъно вобастагӣ ва тааллуқ дорад;

7. Тақсимбандии лафзҳо ва созгории онҳо бо навъҳои шеър, монандиҳо ва фарқиятҳои фоҷеа аз дигар шеърҳо;

8. Хатоҳои шоирон ва бартарии фоҷеа бар шеърҳои монанди он [5, 77-78].

Акнун баъд аз зикр намудани мавзӯоти ин ду китоб ҳардуи онро бо ҳам мухтасаран муқоиса менамоем, то исбот шавад, ки то чи дараҷа мавзӯоти ин ду асар бо ҳам мувофиқат менамоянд. Агарчи мавзӯъҳои зикршуда дар фасли аввал аз китоби Ибни Сино дарбаргирандаи баҳсҳое ҳастанд, ки иртибот ба китоби Арасту доранд, лекин наметавон онро мустақиман ба фасли хоссе аз китоби Арасту татбиқ ва баробар намуд. Агар мо бо тадаббур ба суханони Ибни Сино гӯш андозем ӯ дар ибтидои фасли дуюми китобаш ишора намуда мегӯяд, ки: “Акнун мо миқдоре аз таълими аввалро, ки тавонистем бифаҳмем, тафсир ва таъбир мекунем...” [7, 168-169; 4, 80; 5, 31; 3, 167].

Аз ин ишораи Ибни Сино дарк мешавад, ки ӯ тарҷумаи китоби Арастуро аз фасли дуюми китоби хеш оғоз намудааст. Ибни Сино кӯшиш ба харҷ додааст, то ин ҳама бисту шаш мавзӯъро дар китоби худ ба баҳс кашида, мавриди баррасии хеш қарор диҳад. Шоёни зикр аст, ки тақсимбандии мавзӯъҳои китоби Арасту бо китоби Ибни Сино яксон ва якранг намебошанд. Масалан, фасли чаҳоруми китоби Ибни Сино нисбат ба китоби Арасту бештар дар мавзӯи мавриди баҳс қарор гирифта суҳбат намудааст. Ва дар фасли шашум бошад ҳашт гуфтор аз китоби Арасту хулоса карда шудааст. Барои муайян сохтани аҳамияти бархе мавзӯъҳои китоби Арасту аз дидгоҳи Ибни Сино бояд он фаслбандиеро, ки Ибни Сино аз мавзӯъҳои китоби Арасту анҷом додааст, мавриди баҳс қарор диҳем.

Барои осон шудани равиши тадқиқи кори хеш нахуст мавзӯоти ин ду китобро дар ҷадвал ба шакли зер зикр менамоем.

Муқоисаи мавзӯъҳои китоби «Фан аш-шеър»-и Арасту ва Ибни Сино

№	Мавзӯъҳои мавриди қиёс қарор гирифта	«Фан аш-шеър»-и Арасту	«Фан аш-шеър»-и Ибни Сино
1	Таърифи шеър ва анвои шеъри юнонӣ	-	Фасли I
2	Шеър ва муҳокот аз ваҷҳи мутлақ	Боби I, II, III	Фасли II
3	Маншаи шеър, чӣ гуна пайдо шудани трагедия ва комедия	Боби IV ва ду банди аввали боби V	Фасли III
4	Таърифи трагедия	Бандҳои охири боби V, VI	Фасли IV
5	Бартариҳои хосси трагедия	Бобҳои VII, VIII, IX, X, XI	Фасли V
6	Ҷузъҳои трагедия ва бартариҳои хосси ҳар яки он	Бобҳои XII, XIII, XIV, XV, XVI, XVII, XVIII, XIX	Фасли VI
7	Ҷузъҳову гуфтор ва навъҳои исм, вижагиҳои хосси шеър, ҳамоса ва сифатҳои ашъори юнонӣ	Бобҳои XX, XXI, XII, XIII, XIV	Фасли VII
8	Анвои хатоҳои шеърӣ ва бартарии трагедия бар ҳамоса	Бобҳои XXV, XXVI	Фасли VIII

Аз он чи дар ин ҷадвал зикр намудем ба чунин хулоса мерасем, ки мавзӯъҳое, ки бештар мавриди назари Ибни Сино буда, инҳоянд:

- мавзӯъҳое, ки ба шеър тааллуқ ва вобастагӣ дорад, ба мисли робитаи шеър ва тақлид, маншаи шеър, мафҳум ва навъҳои шеър ва маънои муҳокот;

- мавзӯоте, ки ба таъриф ва дастабандии навъҳои шеъри юнонӣ мепардозад, ба мисли таърифи трагедия, комедия, ҳамоса ва дигар навъҳои шеърӣ ва баҳс дар бораи бартарии трагедия бар навъҳои дигари шеър.

Чизи дигаре, ки метавон аз ин ҷадвал бардошт намуд, ин аст, ки Ибни Сино ба шакли гуногун аз китоби Арасту мавзӯъҳоро хулоса карда баён намудааст.

Дар охир мехоҳем атрофи он навовариҳое, ки Ибни Сино дар китоби хеш, бар китоби Арасту анҷом додааст сухан ронем. Баъд аз мутолиаи фаслҳои китоби Ибни Сино навовариҳои зеринро дар он мушоҳида намудем:

Фасли аввал: Ин фасл дар асл ҳамчун муқаддима бар китоби Арасту ба ҳисоб меравад. Чуноне ки аз номгузории ин фасл маълум ва равшан аст, дар ин фасл Ибни Сино атрофи шеър новобаста аз он, ки он шеъри арабӣ аст ё юнонӣ баҳс менамояд.

Баъдан ба ҳунарҳои шеърӣ ишора карда, дар охир шаклҳои ашъори юнониро номбар менамояд.

Муҳимтарин чизеро, ки Ибни Сино дар фасли аввал изофа намудааст ин таърифҳои луғавӣ ва истилоҳии калимоти муҳиммест, ки дар китоби Арасту омадааст. Чуноне ки дар байни аҳли илм роиҷ аст, пеш аз пардохтан ба мавзӯъҳои ин ё он илм дар мадди аввал мепардозанд ба шарҳу тавзеҳ додани мафҳум ва маънои луғавӣ ва истилоҳии он соҳа ва ин ки дар бораи он чӣ илм баҳс намуда, ҳадаф аз омӯхтани он илм дар чист. Тибқи ҳамин суннат Ибни Сино дар ибтидои баҳс ба таърифи шеър ва баъзе истилоҳоти муҳимме, ки марбути он аст, пардохтааст. Ва ин амали Ибни Сино бавижа дар китоби Арасту кори басо муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Чаро, ки Арасту дар ин асари хеш аз луғатҳои хосси юнонӣ ва истилоҳоти гуногун истифода намудааст, ки эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳ доштанд. Ба таври мисол Арасту дар боби “маншаъ ва анвоъи шеър” дар бораи «трагедия»,«комедия» сухан рондааст, ки барои юнониҳо фаҳми ин калимот мушкил набуд, аммо барои арабҳову форсҳо ин як чизи номафҳум ба ҳисоб мерафт. Маҳз ба ҳамин сабаб Ибни Сино дар ибтидо талаффузи арабии ин калимотро «طراغوذيا», «قوموذيا» зикр намуда, сипас ба тавзеҳи шарҳи маънои ҳар яке аз онҳо, зиёдтар аз он чи Арасту намудааст, пардохтааст.

Чизи дигаре, ки Ибни Сино дар ин фасл афзудааст ӯ анвоъи шеъри юнониро зиёдтар аз Арасту зикр кардааст. Агар Арасту фақат дар бораи «трагедия», «комедия», «дитиром», «ёмбу», «сотурӣ», «дромото» ва «ҳамоса» сухан карда маълумот дода бошад, Ибни Сино илова бар онҳо боз дар бораи шаш навъи ашъори юнониҳо «диқрофӣ», «анисӣ», «ифиқӣ», «фуюмуто», «ифҳо босордус» ва «уқустиқӣ» маълумот додааст. Чун назар ва ақидаи Ибни Сино дар бораи «мақсад аз сурудани шеър», дар ин фасл зикр шудааст, бинобар ин мо онро ин ҷо нақл менамоем: “Шеърро гоҳо ба хотири тааҷҷуб ва гоҳо бошад барои ғаразҳои иҷтимоӣ мегӯянд. Ва ашъори юнониҳо аз қисми дуюм ба ҳисоб меравад.... Хитоба ва шеър дар ин бобат бо ҳам шариканд, магар бо ҳамин фарқ, ки хитобаро ба хотири бовар ва тасдиқ намудан ба кор мебаранд ва шеърро бошад, барои тахайюл ва шӯрангезӣ....” [5, 25; 2,7 4].

Фасли дуюм: Дар ин фасл Ибни Сино суханони зеринро афзудааст:

Таърифи муҳокот: Муҳокот иборат аз овардани чизе, ки мисли чизи дигар аст, аммо худ он чиз нест. Мисол: Намоиш додани як ҳайвон ба сурате, ки зоҳиран монанди ҳайвони табиӣ ба назар мерасад. Аз ин қабил аст тақлиди баъзе одамон ба якдигар ва намоиш додани онон [5, 32; 2, 81].

Дар бораи адоти сегона (оҳанг, лафз ва вазн): Шеър иборат аз он ҳунарҳоест, ки ба воситаи се чиз хаёлро барангехта, кореро ҳикоя менамояд: Оҳанг: Яке лаҳн ва оҳанг, ки бо он менавозанд, зеро лаҳн дар нафс таъсир дорад, ки дар он шакку шубҳае нест. Ва ҳар ғаразеро лаҳнест, ки аз ҷиҳати дурушти ва нармӣ ба воситаи худ созгор мебошад. Ва сабаби ҳамин таъсир аст, ки нафс худ ба худ нишондиҳандаи андӯҳу хашм ва амсоли он мегардад. Лафз: Дигаре лафз худ метавонад хаёлангез ва ҳикояткунанда бошад. Вазн: Баъзе аз вазнҳо мояи изтиробанд ва баъзеи дигар сабаби оромишанд [5, 32; 2, 81].

1. **Нақши оҳанг дар рақс.** Ҳангоме ки ба рақс оҳанг ҳамроҳ шавад, шакли беҳтаринро мегирад, то он дараҷае, ки бар нафс таъсири бештаре мегузорад [5,32; 2,82].

2. **Зикри мисол дар бораи каломи мавзуни ғайримуҳайял.** Суханҳои мавзуне, ки чанде аз файласуфон, аз ҷумла Сукрот, мегӯянд, бо вазнҳои гуногун баён шудааст. Ҳақиқатан онҳоро шеър гуфта намешавад, балки онҳоро метавон суханҳои монанд ба шеър номид [5,33; 2,82].

3. **Муқоисаи байни мавзӯи тақлид дар шеъри юнонӣ ва арабӣ.** Дар шеъри юнонӣ бештар ҳолат танҳо намоиши рафтору кирдор ва аҳвол мақсуд аст. Аммо онҳо ба он дараҷае, ки арабҳо дар шеъри худ ба намоиши ҳайвонот мепардохтанд, напардохтаанд [5,34;2,82].

4. **Муқоиса байни мақсад ва ғараз аз шеъри юнонӣ ва арабӣ.** Арабҳо ба ду хотир шеър мегуфтанд:

а) Нафсро аз чизе мутаассир созанд, то онро барои феъл ва инфиол омода созанд;

б) Танҳо барои ба шигифт овардан. Аммо юнониҳо бошанд, мехостанд бо гуфтор мардумро ба сӯйи анҷоми коре барангезанд ё аз он боз доранд. Онҳо ин корро гоҳо бо роҳи хитоба ва гоҳо бо роҳи шеър анҷом медоданд. Ба ҳамин сабаб

муҳокотии шеърии онҳо дар рафтору кирдор ва аҳволи ашхосе, ки инҳоро доро мебошанд, маҳдуд будааст [5,34; 2,83]

5. **Ишора ба наққошони дини Монӣ.** Шоирон коре ҳамчун наққошон анҷом медоданд. Наққошон фариштаро ба сурати зебо ва шайтонро бошад ба сурати зишт тасвир менамуданд. Ин равиши худро дар тасвир намудани ҳолатҳо низ ба кор мебурданд. Чуноне ки пайравони Монӣ ҳолати хашму меҳрубониро тасвир менамуданд. Онҳо хашмро ба сурати зишт ва раҳматро ба сурати накӯ тасвир мекарданд [5,35; 2,84].

Фасли сеюм*:* Дар ин фасл бошад, Ибни Сино фарқияти муҳокот ва шеъри ёмбусро илова намудааст.

Фарқияти муҳокоте, ки ба воситаи инсон анҷом ёфтааст, аз муҳокоте, ки ба василаи ҳайвон сурат гирифтааст. Инсон дар муҳокот аз ҳайвон дида қавитар ва нерӯмандтар мебошад. Баъзе ҷонварон аслан ҳеҷ тавонони тақлид ва муҳокотро надоранд. Ва тоифаи нодире аз ҳайвонотро метавон ном бурд, ки тавоноии муҳокоти андакеро анҷом диҳанд. Метавонем ба таври мисол ба муҳокоти оҳангие, ки тавассути тӯтӣ сурат мегирад, ва ё муҳокоти шаклӣ ва тақлидие, ки аз ҷониби бузина сурат мегирад, ишора намуд.

Муҳокоте, ки аз тарафи инсон сурат мегирад, дорои фоида аст. Ба таври мисол ишорае, ки маониро ба он мерасонад ва кори омӯзиш ва таълимро мекунад ва ҷойи умуре, ки пеш аз таълим бояд воқеъ гардад, мегирад. Ҳангоме ки ишора бо баён ҳамроҳ шавад, маъно ба таври ошкор дар нафс воқеъ мегардад. Зеро ки нафс аз муҳокот лаззат ва шод мегардад ва ин лаззат сабаб мегардад, ки муҳокот ҷойгоҳи хоссеро дар таълим дошта бошад [5,37; 2,85-86].

Дар бораи шеъри ёмбус. Ва он иборат аз вазнест, ки ба ситеза ва танзу ранҷишу густохӣ, бе он ки шахси муайянеро қасд кунанд, ихтисос дода шудааст. Ва ин вазнро дувоздаҳ поя буда, шоироне бо номи «ديلاذا» ва «فارودیا» ба кор мебурдаанд [5,39; 2,87].

Фасли панҷум: Дар ин фасл масъалаҳои зеринро Ибни Сино илова намудааст:

Дар бораи ҷузъи миёна ва васат дар трагедия. Ибни Сино дар ибтидои фасли панҷум дар бораи ҷузъи васат дар трагедия сухан намуда, чунин мефармояд: “Ҳар амре дорои оғоз, миёна ва охир аст. Ва ҷузъи бартар ҳамон ҳадди миёна ба шумор меравад. Ва ин бартарияти миёна ба хотири ҷойгоҳи васат доштани он нест, балки ҷузъи миёна бояд дар бузургӣ низ миёна бошад. Миқдори бартар ва шоиста ин андозаи бузургии миёна аст. Аз ин сабаб лозим аст, ки аҷзои трагедия дорои ҳадди миёна бошад” [5, 51.

Дар бораи мустаҳкамӣ ва баъзе сифатҳои шеър. Мустаҳкамии шеър бояд бо ин сифот бино ёфта бошад. Бояд шеър дорои тартиби аввал, миёна ва охир бошад. Ва қисмати (мазмуни) беҳтарини он дар миёна ҷойгир шуда бошад. Дорои миқдорҳои миёна ва муътадил бошад. Ва мақсади он муайян бошад, то ин ки бо мақсадҳои дигаре, ки мувофиқ бо ин вазн нест, омехта нашавад. Он бояд тарзе гуфта шуда бошад, ки агар қисме аз онро ҳазф намоем фосид ва ноқис гардад. Зеро чизе, ки бо тартиб сохта шудааст, агар он тартиб аз байн равад, кори хешро анҷом дода наметавонад (яъне агар мо як қисми шеърро аз он ҳазф намоем, пас он маъноеро, ки шоир қасд дошт, дигар он шеър ифода карда наметавонад.- Д.И). Сабаби ин чиз дар он аст, ки он шайъ (шеър) ба монанди кулл аст, ки вазифаи худро анҷом медиҳад. Ва ин кулл бо ҷузъҳояш маҳфузасту фаъол. Ҳангоме ки ҷузъе аз кулл вуҷуд надошта бошад он кулл дигар кулл ба ҳисоб намеравад [5, 53].

Фарқият миёни шеър ва қиссаҳои таърихӣ (бо ишора ба Калила ва Димна). Муҳокоте, ки дар қиссаву масалҳост, муҳокоти шеърӣ нест. Ва фарқ байни шеъру қиссаҳои таърихӣ низ танҳо дар вазн нест. Ба таври мисол фарқ байни ду китоби мавзун, ки яке китоби дорои шеър ва дигари дорои масал аст, мисли «*Калила ва Димна*», ки дорои шеър нест ва ин ҷо фарқият танҳо дар вазн нест. Агарчӣ ин китоб дорои вазн ҳам набошад, аммо кор ва вазифаи худро анҷом додааст. Кор ва вазифаи китоби «*Калила ва Димна*» иборат аз ифодаи фикру андешаҳоест, ки натиҷаи таҷрибаҳо ва ҳолатҳои гуногуне мебошад, ки ба корҳое, ки вуҷуд надоранд, нисбат дода мешаванд, агарчӣ дорои вазн ҳам набошанд. Аммо мақсад ва мурод аз шеър тахайюл (ба хаёл андохтан) аст, на ифодаи фикру андешаҳост. Пас, агар вазн аз байн биравад, тахайюл ноқис мегардад. Аммо, ҳадафи дигари «Калила ва Димна» ин ифодаи таҷриба аст ва каме ҳоҷат ба вазн дорад. Шеър аз қиссаҳои таърихӣ дида шабоҳати бештар ба фалсафа дорад. Зеро он бо чизи

мавҷуд робитаи зиёдтаре дошта, бо ҳукми куллӣ ҳукм мекунад. Аммо, он навъи калом (қисса- Д.И) бошад, дар бораи як чиз сухан мегӯяд, ки ваҳдат ба он пеш омада, барои он номе ихтироъ шуда, аммо вуҷуд надорад. Навъе аз ин сухан вуҷуд дорад, ки дар бораи ба қисса даровардани аҳволи ҷузъест, ки вуҷуд доштаанд, аммо дар он тахайюл вуҷуд надорад. Лекин ҷузъиёте, ки шоирон дар атрофи он сухан мекунанд, омехта бо куллиёт аст [5, 54].

Фасли ҳаштум: Дар ин фасли охирин ду масъалаеро, ки онро Ибни Сино афзудааст, зикр хоҳем намуд.

Хатогӣ дар ҳунар. Ҳар хатогӣ ва иштибоҳе, ки дар ин ё он ҳунар рух медиҳад, аз ин ду шакл холӣ нест:

1. Дар даруни он ҳунар буда, мувофиқи он аст;
2. Берун аз он ҳунар буда, ғайри муносиб ба он аст.

Дар умум ҳар навъи ҳунар хатогӣ ва иштибоҳи махсусе дорад. Ва роҳи ҳалли он хатогӣ ҳам вуҷуд дорад, ки соҳиби он ҳунар бояд бо он ошно бошад. Аммо зарур нест, ки соҳиби ҳунар хатогии ғайри муносибро ҳал намояд [5, 71].

Хатогиҳои як шоир. Аз зумраи хатогиҳои шоир ин чизҳоро метавон ном бурд:

1. Ҳикоя намудани он чизе, ки вуҷуд надорад;
2. Таҳриф (тағйир додан дар асли калом) дар муҳокот;
3. Дурӯғ гуфтан ҳангоми муҳокот. Ба мисли касе, ки ҳангоми ҳикоя ва васфи гавазни мода ба ӯ шохи калоне нисбат диҳад;
4. Кӯтоҳӣ дар муҳокот [5, 71-72].

Мо бо қадри иститоат кӯшиш ба харҷ додем, то аз фаслҳои 1,2,3,5 ва 8-уми китоби Ибни Сино масоили афзудаи ӯро пайдо намуда, мавриди таҳлил ва муқоиса қарор диҳем. Баъди таҳлилу баррасии ин ду китоб ба чунин хулоса омадем, ки **«Фан аш-шеър»**-и Ибни Сино сирф тарҷумаи таҳтуллафзии **«Фан аш-шеър»**-и Арасту набуда, балки як шарҳи комилест бар китоби Арасту. Ибни Сино, дар ҳақиқат, бо овардани мисолҳои возеҳу равшан тавонистааст то ҳадде мавзӯъҳои муғлақи ин китобро барои насли баъдина равшан гардонад. Инчунин, Ибни Сино дар ин китоби хеш зиёдтар атрофи он мавзӯот, ки марбути шеър ва хусусан шеъри замона аст, баҳс намуда, тавзеҳоти бештаре додааст. Аммо он мавзӯъҳоеро, ки иртибот ба он надоштааст, ба таври хулоса ишора карда гузаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Арасту. Поэтика (Андар ҳунари шеъру шоирӣ) / Арасту; тарҷума ва пешгуфтору тавзеҳи Истад Қосимзода. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 170 с.
2. Фанни шеър / Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд [ва дигарон]; танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
3. Абдурраҳмон Бадавӣ. Аристотолис Фан аш-Шеър / Абдурраҳмон Бадавӣ. - Бейрут: ад-Дор ас-саҚофа,1973. – 263 с.
4. Абдулҳусейни Зарринкӯб. Арасту ва Фанни шеър / Абдулҳусейни Зарринкӯб. - Техрон: Сипеҳр, 1382 // 2003. – 220 с.
5. Ибни Сино. аш-Шифо. (ал-Мантиқ) / Ибни Сино. - Қоҳира: ад-Дор ал-мисрия лит-таълиф ват-тарҷама, 1966. – 87 с.
6. Абдунабӣ Сатторзода. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / Абдунабӣ Сатторзода. - Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.
7. Ҳусейнзода Ш. Моҳияти шеър дар ёдгориҳои адабии асри Х / Ш. Ҳусейнзода // Гуфтор аз ганҷи сухан. - Душанбе,1985. – 224 с.

СРАВНЕНИЕ «ФАН АШ-ШИ'Р» («ПОЭТИКИ») АРИСТОТЕЛЯ С «ФАН АШ- ШИ'Р» («ПОЭТИКОЙ») ИБН СИНА

В современном восточном литературоведении, когда речь заходит, например, о поэтическом трактате Абуали ибн Сины «Фан аш- ши'р» («Искусство поэзии» или «Поэтика»), то выражается мнение, что это произведение является простым толкованием «Поэтики» Аристотеля на арабском языке. В настоящей статье предпринята попытка доказать, что трактат Ибн Сины не является бесстрастным комментарием того, что изложил в своем произведении Аристотель, а представляет собой самостоятельный труд Ибн Сины, посредством которого он не только ознакомил мусульманский Восток с греческой системой стихосложения и поэтическами жанрами, но и дал им соответствующую оценку, изложив при этом собственний взгляд на поэтическое искусство и различия между греческой и арабо-персидской поэтикой.

Ключевые слова: Ибн Сина, «Фан аш- ши'р», Аристотель, поэзия, трагедия.

COMPARISON OF "FAN ASH-SHI'R" ("POETICS") ARISTOTLE "FAN ASH-SHI'R" ("POETICS") IBN SINA

In modern oriental literary, when it comes, for example, a poetic treatise Abu Ali Ibn Sina "Fan ash-shi'r" ("The Art of Poetry" or "Poetics"), it expressed the view that this work is as the simple interpretation of "Poetics" Aristotle in Arabic languge. In this paper, an attempt to prove that the Ibn Sina's treatise is not a dispassionate commentary that outlined by Aristotle in his work, and is an independent work of Ibn Sina, by which he not only introduced the Muslim East with the Greek system of versification and poetic genres, but also gave them the proper assessment, setting out with his viewpoint of the poetic art and the differences between the Greek and the Arab-Persian poetics.

Key words: Ibn Sina, "Fan ash-shi'r" Aristotle, poetry, tragedy.

Сведения об авторе: ***И. Давлатов*** – магистр факультета языков Азии и Европы ТНУ.
Телефон: **(+992) 918-43-02-88**. E-mail: **anas_293@mail.ru**

ОБРАЗ ЛЕЙЛИ В ПОЭМЕ «МЕДЖНУН И ЛЕЙЛИ» АМИРА ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

Мехрнуш Мансурии Майманди
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

В первичном описании Лейли в «Меджнун и Лейли» Амира Хосрова Дехлави много внимания уделено ее красоте. Таким образом, что в начальном представлении Лейли для описания ее красоты Амир Хосров сочинил девятнадцать бейтов. В то время как в своей поэме «Ширин и Хосров», в дополнение к описанию красоты Ширин, Амир Хосров в объеме около двадцати бейтов описывает мужество и доблесть Ширин. На самом деле, Амир Хосров представлению Меджнуна посвящает большее количество бейтов. Следовательно, представляется, что здесь Лейли имеет меньшее присутствие в сравнении с Ширин, по этой причине, в отличие от «Ширин и Хосров», в которой преобладает образ Ширин, эта поэма названа «Меджнун и Лейли»:

Гаситель лучей солнца и светил,
Вводящий в сумасшествие ангелов и людей.
Грабитель имущества жизней,
Разрушающий семейные узы.
Правитель сладкогубых горизонтов,
Разрушающий армию влюбленных (Дехлави, 1974. – С. 74).

«В дастане «Меджнун и Лейли», несмотря на то, что имя Меджнуна стоит на первом месте, тем не менее, характер Лейли по сравнению с Меджнуном является более активным, Меджнун выступает большей частью наблюдателем и эти движения выполняют другие». (Мирзозода Х., 1977. – С. 159).

«В начале дастана описывается внешняя красота Лейли. Вначале читатель видит ее изображение и затем постепенно вглядывается в нее. Лейли является единственной в мире, не имеющей равных себе красавицей:

От головы до ног она полна жеманства и кокетств,
Она красива и обаятельна.
Тростник идола в светильнике буддистов.
Сожитель тюльпана ее локон,
Ее рот сладок как мед.

Внешняя изысканность Лейли, начиная со школьного возраста до достижения совершеннолетия, во всех классических дастанах воспета одинаковым образом». (Там же. – С. 155)

С точки зрения Амира Хосрова, Лейли с головы до ног полна женственностью и соблазнительностью, одно ее кокетство возбуждает тысячи интриг, только ее удивительная красота оставляет тысячи убитых в городе. Он считает, что Лейли заманивает не только сердца земных людей, но и ангелов:

От искушения глаза дива закрыты,
Молитвенные четки ангелов порваны (Дехлави, 1974. – С. 75).

Низами, в подражании которого Амир Хосров сочинил свою поэму, описывает красоту Лейли следующим образом:

Проказница, которая своим кокетством,
Стеснила не одну тысячу сердец.
С глазами оленя, которая в любой миг
Убила своим жеманством весь мир.
В каждом сердце страсть к ней,
Ее локоны как ночь, а имя Лейли (Низами Ганджави, 2005. – С. 235).

Подобное описание красоты Лейли Амиром Хосровом и Низами Ганджави, противоречит рассказу о Лейли, который Мавлана Джалалуддин Руми приводит в своем «Маснави», совершенным образом:

Сказал халиф, Лейли, что ты та,
Которая свела с ума Меджнуна и сделала его рассеянным.
Не выше, чем другие краснoликие,
Сказал: замолчи, поскольку ты не Меджнун (Мавлави, 1996. – С. 22).

Саиди Сирджани относительно любви Лейли и Меджнуна пишет:

«Любовь Лейли и Меджнуна берет свое начало от безвинного отношения двух детей, далеко от сексуальных намерений – оба ребенка учились в одной школе. В соответствии с племенной системой и этническими традициями, по-видимому, в детском возрасте эти два невинных ребенка, которые еще не достигли зрелого возраста, учились в школе племенного духовного лица, вероятно, с именем Сиях Паласи, и были одноклассниками. Постепенно совместная учеба приводит к симпатии друг к другу и невинной любви, которая была обычной между детьми одного семейного рода или одной местности». (Саиди Сирджани, 2006. – С. 10).

Лейли влюблена соразмерно с Меджнуном, аналогично соперничеству, которое имела Ширин в своей любви к Хосрову. В школе Меджнун не обращал никакого внимания на других девушек – он был влюблен в Лейли. Однако у Лейли душа горюет больше, чем у него:

У них у всех страсть к Кайсу,
Но этот страстно влюблен в Лейли.
Лейли горюет душой, больше, чем он,
Все тяжелее становилось дыханье (Дехлави, 1974. – С.77).

Таким образом, что когда они глядят друг на друга, их состояние становится одинаковым:

Оба при взгляде лицом к лицу,
Фантазии проникли по каждому волосу.
Губы перестали говорит, как и язык,
Сердца соединились и души тоже (Дехлави, 1974. – С.77, 78).

В огне своей любви к Меджнуну Лейли сгорает, как хворост в топке, и как влюбленная не имеет терпения и спокойствия. Однако, несмотря такую любовь, она сохранила скромность и благочестие:

На лице она ткала занавес от скромности,
И взяв огонь в сердце, она горела (Там же. – С. 81).

И, несмотря на изобилие скромности, которое было необходимо в поведении арабских девушек в то время, она не сумеет скрыть свою любовь, потому что:

Хотя и была бутоном нераскрытым,
Пьянила она своим запахом людей.
Она горела, как хворост в топке,
Становясь дымом перед глазами людей (Там же).

С точки зрения Амира Хосрова, Лейли в любви является созрелой, но, по мнению ее матери, она была еще незрелой и неготовой к любви и наставляет ее следующим образом:

У тебя простой нрав и непрочное сердце,
Ты невежественна в добре и зле времени.
Поскольку нет у людей ныне верности,
Нельзя ожидать от них преданность.
Предостерегайся, не распускай узды сердца от рук,
Если упала, то спасение можно найти мало (Там же. – С. 85).

Относительно личности Лейли Х.Мирзозода пишет: «На пути к чистой любви, Лейли всегда является сильной и воинственной. Когда мать наставляла отвернуться от

любви к Кайсу, из-за уважения к родителю она не могла ничего говорить, но проливала болезненные слезы, проявляя, таким образом, свое несогласие:

Возложила голову на колено болезни,
Закрыла губы и открыла кровь в сердце.
Мать, как только узнав, что она пленена,
Поняла, что нет силы у "делай и не делай".

Когда отец Лейли запрещает посещать школу, в ответ она сохраняет молчание, поскольку не оставление без ответа поведения отца считалось правилом для девушек того феодального периода на Востоке. Однако она не скрывала свое чувственные и горестные любовные ощущения в отношении неправильного поведения своего отца:

Она осталась в углу комнаты печальной,
Своими слезами она покрасила землю.
С каждым стоном, которого она издавала из-за любви,
Шёл огонь из ее сердца (Мирзозода Х., 1977. – С. 155).

Мать Лейли, как и другие матери, тревожилась от слов людей, которые говорят о ее дочери, и по-матерински наставляет ее:

Не садись там, как только поставила там ногу,
Встанешь с такого места оклеветанной (Дехлави, 1974. – С. 86).

Однако Лейли не только не воспринимает наставление матери, но впадает в еще печальное состояние, на самом деле, она представляет собой больную, которой насколько больше запрещают ей что-либо, настолько больше она становится жадной к нему:

Больной, которому запрещаешь чего-либо,
Открывает свой рот к той пище (Там же. – С. 87).

Таким образом, в своей любви Лейли проявляет такую устойчивость, что мать понимает ее состояние и воздерживается от наставлений. Но когда она видит, что все дороги закрыты, как и любая другая женщина, она обращается к своему мужу, раскрывает тайну ее любви ее отцу. Возможно, если бы она проявила в это время некоторую дальновидность и раскрыла бы тайну любви Лейли к Меджнуну, возможно не произошло бы трагедия Лейли и Меджнуна, и путем сватовства Меджнуна к Лейли влюбленный и возлюбленная воссоединились бы. Отец Лейли, как и другой фанатичный отец, после уведомления об этом постыдном процессе, считает себя униженным и все усилия, направленные на предотвращение воссоединения этих двух страстно влюбленных, заключались в предотвращении падения чести, которая находилась на грани падения. Дело в том, что согласно древним обычаям арабов, если любовная история между мужчиной и женщиной становится раскрытой, люди не выдавали свою дочь замуж за того мужчину, поскольку для семьи девушки этот инцидент становится поводом позора:

Как только отец услышал о состоянии своего дитя,
Затерялся от смущения и склонил голову (Там же).

Отец распоряжается держать Лейли в затворничестве:

Приказал, чтобы ранневесенний кипарис,
Оказался заключенным за глиняным занавесом.
Чтобы она не вела разговор за пределами занавеса,
Говорила все, что хочет за занавесом.
Луну затворили в сарае,
Сделали стены сарая высокими (Там же).

В этой связи Саиди Сирджани пишет: «Лейли представляется воспитанницей общества, в котором сердечная привязанность и любовные чувства предполагались как начало к отклонению, последствием которого является неизбежное падение в ужасающее обвинение в проституции. На основании такого убеждения, вся сила племени тратилась на то, чтобы держать в отдельности друг от друга воду и огонь, другими словами, огонь и хлопок с тем, чтобы не возникли предпосылки свершения греха, и рожденное человеком не впало в вечное разрушение. В такой среде одна лишь детская улыбка могла превратиться в черное пятно стыда. В таком обществе члены семьи и даже племени на рынках, в палатках и любых других местах, начиная от детей школьного возраста и заканчивая пожилыми племенными старейшинами, наблюдают за поведениями друг друга. Первая улыбка Лейли и Меджнуна в малом возрасте имела место в ограниченном пространстве школы, которая осталась скрытой от острых глаз муллы, но не от глаз любопытных детей и их одноклассников. На этой земле, если молодая девушка и молодой

юноша обменивались скромными взглядами, несмотря на то, что они являются одноклассниками и не обладают достаточным опытом, то это считалось тяжким грехом. Аплодируя и пением люди начинают стыдить их, доведя дело и инцидент до такой степени, что ревностный отец забирает свое дитя из школы и сажает его в затворничестве; а нищий Меджнун потрясен из-за нападок и упреков своих сверстников и сходит с ума. Одно событие с той простотой превращается в дастан, полный волнениями, преувеличениями и рассказами, а поэты воспевали место объяснений в любви как порочности в песенной форме, распространяя их из уст в уста на улицах и рынках». (Саиди Сирджани, 2006. – С. 12).

Лейли Амира Хосрова является очень болезненной и пассивной. Она не способна защищать себя и даже не может возражать своему отцу, по-видимому, признавая такое свое положение своим правом. Ее единственным оружием были плач и горечь за свою зловещую судьбу. По сути, без какой либо реакции и сопротивления она воспринимает такое поведение, в отличие от Ширин, считающейся женщиной, способной своим сопротивлением преклонить Хосрова перед собой и противостоять своей силой перед Хосровом, намерившимся разорвать платье ее благочестия. Лейли не может даже протестовать против жестокого поведения своего отца:

Она осталась в углу комнаты печальной,
Своими слезами она покрасила землю.
С каждым стоном, которого она издавала из-за любви,
Пыхало огнем ее сердца.
Стал дом из стона полон огня,
Наполнился дымом как могила преступника (Дехлави, 1974. – С. 87).

В описании Амира Хосрова Дехлави Лейли выступает настолько угнетенной, что когда Навал начинает войну против них, люди Лейли решаются убить ее, чтобы придать забвению эту интригу:

Родственники идола, услышав это,
Чувством вражды выбежали наружу.
Встанем и прольем кровь Лейли,
На земле сделаем ручеек (Там же. – С. 119).

Как только эта весть достигает Меджнуна, в безумстве ради своей возлюбленной он отрекается от своего требования и кричит:

Предостерегайся, пока не возьмешь теперь лук,
Пока не настигнет мою жизнь стрела.
Стрелу, которую ты пускаешь на меня,
Вонзает в жизнь и выходит через дверце тела (Там же. – С. 120).

«В стране Лейли абсолютная власть основана на насилии и мужестве и зависела от рукоятки меча. Даже на такие тонкие ритуалы, как сватовство, шли с барабанами войны и стрелами, при этом, в уме такого свободного мужественного человека, как Науфаль не возникнет ли такой вопрос: допустим ты одержишь на войне победу, смешаешь с грязью и кровью племя Лейли, передаешь девушку Меджнуну, в таком случае – каково будет поведение Лели в отношение мужчины, убившего ее отца, брата и родственников?

Конечно, такой вопрос не возникает ни в уме Науфаля, ни во взволнованном уме Меджнуна. Они имеют право, чтобы в таком обществе не являлись одним из предметов этой категории вопросов. Большинство наложниц в гаремах шахов и эмиров были дочеьями убитых или плененных отцов. Согласно традиционному правилу, признанному всеми, имущество соперника, убитого на войне, а также его лошади, коровы, недвижимое имущество вплоть до слуг и служанок, его жены и дочери принадлежали убийце. Все они находились в статусе мамлюков и располагались в категории одинаковых ценностей». (Саиди Сирджани, 2006. – С. 16).

Состояние Лейли Амир Хосров ярко описывает в одном бейте:

Что та отшельница с закрытым лицом,
Все время находилась с разбитым сердцем (Дехлави, 1974 –С. 194).

Девушка-отшельница с разбитым сердцем не в состоянии что-либо сделать для успокоения своего любящего сердца и своего нетерпеливого возлюбленного, своего школьного собеседника – Меджнуна. Наоборот, Ширин, выступившая воинственной авантюристкой, не беспокоится ни о чем и ни о ком. Она даже не беспокоится о сердце своего возлюбленного.

Лейли замкнута в себе и ни с кем не общается, но Ширин Амира Хосрова имеет много друзей и для конкуренции с Хосровом каждый день проводила с ними веселсья и ходила на охоту, страхуя, таким образом, себя перед усилиями любви к Хосрову. Однако, согласно словам Амира Хосрова, Лейли:

Она не смешивалась ни с кем,
Оставалась только печалью о своем любимом (Дехлави, 1974. – С. 195).

Если не существовали бы радикальные традиции, могло бы произойти так, чтобы Лейли, как и Меджнун, отправилась бы в горы и пустыни. Она всегда ждала Меджнуна и расспрашивала об его состоянии у его спутников:

Днем от пекла солнца она в том же состоянии,
По ночам сонные глаза в том же состоянии.
Предает свое сердце грусти,
Кладет грусть на свое лицо (Там же. – С. 127).

Без всякой робости она пишет письмо Меджнуну, объясняет в нем свои любовные страсти без колебания, передав его посланнику, чтобы тот довез его до Меджнуна. Казалось, что Лейли не придавала никакого значения общественному мнению своего времени и не опасалась того, что ее письмо вдруг окажется в руках ее отца. В письмах Лейли Меджнуну мы являемся свидетелями риторики и красноречия, которые кажутся далекими от арабской девушки периода джахилии, о чем в своем «Лейли и Меджнун» указывает Низами Ганджави явным образом:

Лейли, которая имела особую элегантность,
В поэзии слова была красноречивой.
Полировала жемчужину и дирхам,
Сама она сочинила девственные бейты (Низами Ганджави, 2005. – С. 286).
В своем письме к Меджнуну Лейли беспомощно требует от него, чтобы:
Если в твои объятия приходит новый друг,
Не забудь своего старого друга (Дехлави, 1974. – С. 151.
С ехидным намеком она поздравляет его с таким воссоединением:
Теперь, когда ты радостно спишь воссоединением,
Поздравляю тебя с спящей с тобой (Там же. – С. 152).

Вместе с тем, она продолжает, что она любить любящую его, и если судьба не благоприятствовала ей воссоединиться с ним и она сопутствовала ее врагу, из-за его любви к ней она возлюбила ее.

«Если душевная боль Лейли по причине первой разлуки с Кайсом была сильной, то после уведомления о женитьбе Кайса эта боль удваивается, поскольку горечь и печаль по неверности возлюбленного самые тяжкие по сравнению со всеми горестями, которых имеет влюбленный, в котором нет утешения для влюбленного…

Следовательно, услышав о женитьбе Меджнуна, Лейли впадает в бесконечные душевные страдания. Лейли для Меджнуна представляет собой олицетворение его внутренних чувств, в которых отражены духовные страдания одного из основных героев другой стороны любовных отношений.

Лейли упрекает Меджнуна за оставление своей возлюбленной, в то же самое время она рассматривает такое его состояние не в качестве его наслаждения и удовольствия, а как душевную и моральную боль влюбленного, лишенного своей возлюбленной. Лейли старается не позволять разрыву нити любовных отношений не только посредством упрека и обвинения, но и путем оказания своей непосильной помощи, которая всегда была ей свойственна:

Твоя боль от меня, хотя мое состояние,
Также наполовину полно болью.

Такое состояние для Лейли считается издевательством над собой. Но она объясняет это как муки любви, которые должен терпеть влюбленный, и таким распущенным характером (терпением) она крепко держит любовные отношения. По ее убеждению, невозможно отвлечь сердца истинного влюбленного даже когда тот будет иметь стремление к другому человеку внешне красивому и привлекательному.

Такая любовь увела мое сердце,
Какая польза от чьей-то любви.

С одной стороны, путем наставления и объяснения сути истинной любви, с другой стороны, путем выражения бессилия и потребности, посредством подчеркивания широких

возможностей Меджнуна в своих действиях, с помощью которых он может отдалить от себя горести, а также путем его призыва к милосердию и состраданию Лейли пытается сохранить нити любовной связи. Кроме того, путем проявления сострадания Меджнуну, выражения полного и искреннего доверия, что он не наслаждается воссоединением со своим новым другом, а также посредством призыва к тому, чтобы не забывал свою предыдущую возлюбленную и со смирением призывает его к милосердию и состраданию. Таким образом, иногда путем напоминания дружбы, периода любви, иногда посредством упрека и иногда проявлением милосердия ее мучениям посредством его поздравления с его новой супругой, не показывая в этом состоянии свое огорчение, иногда проявлением высокого человеческого великодушия даже своему врагу Лейли демонстрировала свою верность Меджнуну и терпимость в любви. Таким образом, она пыталась воздействовать на моральные чувства Меджнуна и сдерживать его от оставления первой любви и направить на верную дорогу. Если вспомнить, что Меджнун не свыкся со своей новой супругой и оставляет ее, совсем не отвернулся от любви к Лейли, то письмо, написанное Лейли кровью сердца, представляет собой средство, изображающее ее внутренний мир. Если, с одной стороны, своим смирением, бессилием и потребностью Лейли удерживает первую любовь устойчивой, с другой стороны, она продолжает приключение правдивой любви своим активным действием, отправляясь в горы и пустыни в поиске Меджнуна. (Мирзозода Х., 1977. – С. 156).

Меджнун отвечает на её письмо красивым образом:

Теперь, когда я упустил поводья,
Зачем ты упрекаешь меня, вонзая остриём.
Тебя не заменит мне никто,
Воистину, даже вместится воображение (Дехлави, 1974. – С. 157).

Иногда, несмотря на хладнокровие и однородность, доминировавшие в ее поведении и поступках, она становится храброй и сильной таким образом, что она садится верхом на животное и отправляется вслед за Меджнуном в горы и пустыни. Лейли в любви является такой преданной, что когда она направляется в опочивальню Меджнуна, животные открывают для нее дорогу:

С любовью, которая была равна преданностью,
Все животные расступились в сторону (Там же. – С. 198).

«В условиях пленения, пребывания в затворничестве, слухов и интриг людей, странствия в горах и пустынях, окружения хищными и дикими животными отправление Лейли к Меджнуну представляет собой еще некоторый знак верности, честности, смелости и храбрости, что вызвало еще большую любовь Меджнуна. В то же время, среди этих двух влюбленных активным и принципиальным лицом была Лейли, посредством инициативы которой два возлюбленных воссоединились друг с другом, сливаясь в одну душу». (Мирзозода Х., 1977. – С. 157).

Постепенно она привыкала к страсти и нанесла внутреннюю волну сочной газелью на поверхности воды:

Снова горечь любви пришла в голову,
Развалилось здание моего терпения.
Снова страсть охватила меня,
Не осталось у меня следа от ума (Дехлави, 1974. – С. 209).

Она признает, что более ее хиджаб упал с ее лица:

Что я могу сделать сейчас, если хиджаб моего лица,
Упал с лица, полного стыда.
Тому, у кого поранено нутро,
Чем поможет занавес на двери (Там же. – С. 211).

Осень жизни Лейли Амир Хосров изображает как осень природы, описывает этот сезон года с использованием специальных слов, подготавливая тем самым читателя для принятия горьких событий:

Пришла как осень, чтобы разграбить сад,
Села ворона вместо соловья.
Красное лицо стало полно морщинами,
Зеркало воды превратилось в железо (Там же. – С. 237-239).

И до последнего момента, когда она вручает свою жизнь Создателю, она не имела ничего в своей голове, кроме тяготения к Меджнуну:

Ее душа, которая пошла между волной и кровью,
Произнеся имя Меджнуна она покинула тело (Там же. – С, 247).

В дастане Низами, в последние моменты своей жизни Лейли поручает своей матери, чтобы дорожил Меджнуном:

Я все время дорожила им,
Как я ты тоже дорожи им (Низами, 2005. – С. 305).
Как и другая истинно влюбленная она мечтает, чтобы:
Мы испытывали в себе агонию смерти,
Живи ты долго, так как мы покинули этот мир (Дехлави, 1974. – С. 211).

Амир Хосров Дехлави, как и другие персоязычные поэты, пишет много стихов в похвалу женщины-матери. Вместе с тем, он не был лишен сухой и неуместной предвзятости и фанатичности людей своего времени и как люди в период невежества считал мнение дочери стыдом и позором, и, наконец, подчинившись закону природы, признает мнение дочери.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Дехлави Амир Хосров. Меджнун и Лейли / Дехлави Амир Хосров. – Москва: Знание, 1995. - 274 с.
2. Дехлави Амир Хосров. Диван-е ашъор / Дехлави Амир Хосров; корректировка Икбала Салахаддина. – Тегеран: Нигох, 2008. - 930 с.
3. Сафа Забихуллах. Амир Хосров Дехлави / Сафа Забихуллах. – Тегеран, 1963. - 27 с.
4. Крачковский И.Ю. Ранняя история повести о Межнун и Лейли в арабской литературе / И.Ю. Крачковский // Избранные сочинения. – М. – Л., 1956. – Том 2. – С.588-632.
5. Асадуллоев С. Лайлӣ ва Маҷнун дар адабиёти форсӣ / Асадуллоев С. – Душанбе: Дониш, 1981. – 320 с.
6. Музафарова Ш. «Семь красивиц» Низами и создание поэмы о Бахраме Гуре: авт. дисс. на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Ш. Музафарова. – Душанбе, 1999. – 25 с.
7. Мусульмонкулов Р. Персидско – таджикская поэтика X – XV вв. / Р. Мусульмонкулов. – Москва: Наука, 1989. – 240 с.
8. Алиев Г. Ю. Легенда о Хосрове и Ширине в литературах народов Востока / Г.Ю. Алиев. – Москва: Наука, 1960, – 228 с.

ОБРАЗ ЛЕЙЛИ В ПОЭМЕ «МЕДЖНУН И ЛЕЙЛИ» АМИРА ХОСРОВА ДЕХЛАВИ

В первичном описании Лейли в «Меджнун и Лейли» Амира Хосрова Дехлави много внимания уделено ее красоте. Таким образом, что в начальном представлении Лейли для описания ее красоты Амир Хосров сочинил девятнадцать бейтов. На самом деле, Амир Хосров характеристике Меджнуна посвящает большее количество бейтов. Следовательно, представляется, что здесь Лейли имеет меньшее присутствие по отношению к Ширин.

Амир Хосров Дехлави, как и другие персоязычные поэты, имеет много стихов в похвалу женщины-матери. Вместе с тем, он не был лишен сухой и неуместной предвзятости и фанатичности людей своего времени и как люди в период невежества считал мнение дочери стыдом и позором, и, наконец, подчинившись закону природы, признает мнение дочери.

Ключевые слова: Амир Хосров Дехлави, поэма «Меджнун и Лейли», описание красоты Лейли, отношение поэта к образу женщины-матери.

THE IMAGE OF LAYLA IN THE POEM "MAJNUN AND LAYLA" AMIR KHOSROW DEHLAVI

In the initial description of Leyli in "Majnun and Layla" Amir Khosrow Dehlavi lot of attention paid to her beauty. Thus, the initial view of Layla to describe her beauty Amir Khosrow wrote nineteen bayts. Actually, Amir Khosrow representation of Majnun devotes more bayts. Therefore, it appears that Layla has a smaller presence in relation to the Width

Amir Khosrow Dehlavi, like other Persian poets, has a lot of verses in praise of mothers. However, he was not deprived of dry and inappropriate bias and fanaticism of the people of his time and how people in the period of ignorance believed the estate of the daughter's shame and disgrace, and, finally, obeying the law of nature, recognizes the estate of his daughter.

Key words: Amir Khosrow Dehlavi, poem "Majnun and Layla, the beauty of Layla, the attitude of the poet to the image of mother.

Сведения об авторе: ***Мехрнуш Мансурии Майманди*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

ИСМАТ ЧИҒАТОЙ ВА РОМАНИ «ХАТИ ПЕЧОН»

Ҷовид Холов
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Дар адабиёти урду шуҳрати И. Чиғатоиро романи «Хати печон» баланд бардоштааст. «Хати печон» романест, ки дар он печидагиҳо ва мушкилоти қаҳрамони асар Шуман аз таваллуд то давраи ҷавониаш мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст. Шуман дар оилаи мусулмони миёнаҳоле ба дунё омадааст, ки бо баробари таваллуд шудани ӯ дар оила як фазои аҷибу кайфиятбахше ҳукмфармо мегардад. Шуман фарзанди даҳуми оила буд. Одатан барои нигоҳубини фарзандони хурдӣ хоҳарони калонӣ машғул мешуданд. Вале барои нигоҳубини ӯ аз Агра дояеро оварданд, ки масъули тарбияи Шуман буд. Шуман аз ботини доя меҳри модарӣ меҷуст. Дере нагузашта дояро бо марди ношиносе машғули ишқварзӣ диданд ва ҳамон дам аз хона ӯро ронданд. Хоҳари калонӣ аз нигоҳубини Шуман рӯ мегардонад ва ин вазифаи пурмасъулият ба дӯши Манҷҳу меафтад. Манҷҳу хоҳараш Шуманро дӯст медошт. Шуман миёни фарзандон духтари шӯх ва бадҷаҳл буд. Ба бародару хоҳаронаш итоат намекард ва агар ӯро меранҷониданд, ба онҳо чун гурба ҳуҷум мекард. Манҷҳу дар парвариши Шуман мушкилӣ мекашид, зеро ӯ таҷрибаи модарӣ надошт ва гоҳо ба хоҳараш сахт меомад.

Муддатҳо мегузарад ва ба Манҷҳу хостгор меояд ва аҳли оила ба маросими тӯйи арӯсӣ тайёрӣ мебинанд. Танҳо Шуман аз рафтани хоҳараш парешон буд. Аз ғазаб Шуман ба хонаи ҷиҳоздор даромада сару либос ва дигар сомони арӯсиро тагорӯ менамояд. Ва бо ҳамин «интиқом» - и хешро аз апааш мегирад. Манҷҳу низ ба Шуман меҳри модарона баста буду дилашро ғами чудоӣ зер карда буд: «Вақте ки Манҷҳу омадани хостгорҳоро фаҳмид, тамоми гузаштаи зиндагиаш пеши назар омад. Ба худ печиду ба фикр фурӯ рафт. То дер ашк мерехт, ашкҳояш хушк шуданд, ва акнун фиқ – фиқи беашк гиряи ӯро идома мебахшид» [3, 23].

Манҷҳу ба шавҳар мебарояд ва Шуман дар хона эҳсоси танҳоӣ мекашад. Шуман шабу рӯз Манҷҳуро дуо мекард, ки шавҳараш мурад ва ӯ ба хона баргардад. Хилофи чашмдошт шавҳари хоҳари калонии Шуман аз олам чашм мепӯшад. Ва ӯ бо духтараш Нурӣ ба хонаи падараш бармегардад. Нуриро модараш хеле дӯст медошт ва ҳар замон ӯро навозиш мекард ва ин навозишҳо ба Шуман бад мерасид. Шуман ҳасуд меҳӯрд ва нисбати онҳо ва аҳли оила зиддият пайдо мекунад.

И. Чиғатоӣ ҳаёти вазнини Шуманро пас аз омадани хоҳари калонӣ ба хубӣ тасвир намудааст. Дар оила кор то ба ҷое расида буд, ки ҳатто агар хоҳари калонӣ Нуриро ҷанг кардан мехост, бе номи Шуман ҳарфе намегуфт: «Боз мегӯям, агар гапамро нагирӣ, мисли Шуман зери пойи ҳама мешавӣ! Агар оббозӣ накунӣ ба мисли Шуман ифлос мешавӣ! Агар нахонӣ ба мисли Шуман ҷоҳил мемонӣ! Чаро ту ҳам мисли Шуман якравӣ! Чаро мисли Шуман дурӯғ бисёр мегӯӣ! Ана ҳамин Шуман шумоёнро вайрон кардааст! Агар бори дигар бо Шуман бозӣ карданатро бинам, бо дастони худам мекушамат!» [3, 47].

Шуманро Манҷҳу ба хонаи худ мебарад, вале на хонаи ӯ ва на аҳли хонадони ӯ ба хоҳараш маъқул намешавад. Шуман махсусан набераи онҳо Каданро чашми дидан надошт. Кадан як духтари гапдаро буд ва ҳамеша худро ба бағали бибиаш мезад. Шуман мебинад, ки дар оила ҳама Каданро дӯст медоранд, бинобар ин, ӯ ба ғайр аз дӯстӣ пайдо кардан бо Кадан дигар чорае надошт. Ҳангоми бозӣ бо Кадан ба ғазаб меояд. Кампир мехоҳад ӯро ором кунад. Вале Шуман аз қаҳру ғазаб калобаҳои кампирро ба замин паҳн карда, Кадани бечораро мурданивор мезанад. Манҷҳу маҷбур мешавад, ки ӯро зуд ба хонаи падараш баргардонад. Шуман хеле нозпарвар ва ҷангара буд. Бинобар ин, забони ӯро на ҳама кас ёфта метавонист.

Муҳити оила олами аҷоибе буд. Шуман бо холадухтараш Нурӣ дӯстӣ пайдо мекунад. Дар ин миён ба хонаи онҳо Доктор Рашид – бародари шавҳараш ба меҳмонӣ меояд ва хоҳари калонӣ ба беморӣ гирифтор мешавад. Рашид аз пайи муолиҷаи ӯ дар хона мемонад. Пас аз чанде аз номи хоҳари Рашид номае меояд, ки ишқварзии Рашидро бо зани бародараш ифшо менамояд. Аз тарси падараш худ аз худ беморӣ хоҳари калонӣ ба анҷом мерасад ва омадурафти Рашид низ ба ин хонадон қатъ мегардад.

И. Чиғатоӣ тавассути характерҳои офаридааш ҳақиқати ҷомеаро мунъакис гардонидааст ва норасоиҳои онро ба зери танқид гирифтааст. Ӯ кӯшидааст, ки характери офаридаашро ба монанди қаҳрамони романҳои ғарбӣ аз паҳлуҳои гуногун нишон диҳад. Дар «Хати печон» бештар паҳлуҳои нафсонӣ ва равонии духтарони табақаи миёна ба тасвир кашида шудааст. Характери Шуман инъикоскунандаи симои зиндаву муборизи ҷомеа ба шумор меравад. Нависанда ҳамроҳ бо кашмакашҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ, инчунин муносибатҳои ҷинсиро низ ба хонанда пешкаш намудааст. И. Чиғатоӣ заминаҳои пайдоиши мушкилоти нафсонӣ ва иҷтимоии занону духтарони Ҳиндро омӯхта, тамоми харобиҳо, бедодиҳо ва беадолатиҳоро моҳирона тасвир намудааст. Нуқтаи назаррас ва хеле ҷолиб ин аст, ки нависанда воқеаҳоро ба таври драматикӣ ва усули дилкаш пешниҳод мекунад, ки кашиш ва дилгармии хонандаро коҳиш намедиҳад. Масалан, муноқишаи байни Рашид ва Шуман ба Шуман хеле таъсир кард, ки ин манзараро И. Чиғатоӣ моҳирона ба қалам додааст: «Ба Шуман тавре аён шуд, ки гӯиё лентаи филми тамошокардаистода аз байн баногоҳ канда шуд ва чароғакҳои зал якбора рӯшан гаштанд. Аз шуоъҳои тези ин рӯшанӣ чашмони ӯ хира шуданд. Ӯ хомӯш ва ҳайратзада чӣ кор карданашро надониста рост меистод» [3, 124].

Шуман ба ҷону ҳоли падараш намонда, ба мактаби мусулмонӣ дохил мешавад. Ва минбаъд Шуман дар хобгоҳ зиндагӣ ихтиёр менамояд. Дар мактаб ӯ бо муаллима Мис Чиран риштаи дӯстӣ пайдо мекунад. Инчунин, бо муҳассилин Начмо, Фотима ва Билқайс муносибати наздик барқарор менамояд ва оҳиста – оҳиста миёни онҳо муҳаббати дӯстона ба вуҷуд меояд. Шуман дар зиндагиаш бори нахуст нисбат ба инсон муҳаббат пайдо мекунад ва ин шахс Мис Чиран буд. Вале дере нагузашта Мис Чиран бо баҳонаи вайрон намудани ахлоқи духтарон аз мактаб ронда мешавад. Шуман аз ин муаллима бисёр чизҳоро омӯхт ва дар зиндагии ӯ тағйиротҳои куллие ба миён омад.

Пас аз ин, Шуман Нуриро ба хобгоҳ ба хонаи худаш меорад. Нурӣ дар хобгоҳ бо ҷаҳони духтарон шинос мешавад. Акнун онҳо ҳарду ба балоғат расида буданд. Дугонаашон Саодат бо сабаби беморӣ ба кӯҳистон бармегардад. Ва пас аз ин, хоҳари дугонаи Саодат Билқайс аз Англия бармегардад ва ӯро сарвари мактаб таъин менамоянд. Онҳо панҷ хоҳарон буданд ва ҳама рӯйирост бо бачаҳо ишқварзӣ мекарданд ва дар ин кор хоҳари калонӣ монеъ намешуд.

Билқайс Шуманро бо бародараш Рашид шинос мекунад. Ва ишқи нахустини ӯ бо Рашид ба авҷи аъло мерасад ва то дами ба Англия рафтани Рашид идома меёбад.

Ин ҷо дар рафтори хоҳари калонӣ дигаргуниҳо дида мешуд. Ӯ бо зани миёнсоли бурутдоре дӯстӣ пайдо мекунад ва миёни мардум миш-миш паҳн мешавад, ки онҳо ҳарду муносибати ҳамҷинсӣ доранд. Дар баробари ин, писарҳолаи Шуман Эъҷоз Аҷу пас аз марги падараш ба хонаи онҳо меояд. Аҷуро ба Шуман доманчок карда буданд. Ӯ тамоми кори вазнини хонаро ба дӯши худ мегирад. Ва дере нагузашта ба Шуман изҳори муҳаббат менамояд. Шуман ин муҳаббатро қабул карда наметавонад ва Аҷу маҷбур мешавад, ки ин хонадонро тарк намояд.

Пас аз Аҷу ба хона писари амаки Шуман Аббос меояд, ки дар Англия таҳсил намуда, тахассуси муҳандисиро соҳиб гашта буд. Падари Аббос мехост, писараш яке аз духтарони ин хонадонро ба занӣ қабул кунад, вале ба Аббос ҳеҷ кадом аз духтарон маъқул намешаванд.

Шуман дар мактаб бо Према ном ҳиндудухтаре шинос мешавад ва ба воситаи ӯ бо падари Према Рой Соҳиб ошноӣ пайдо мекунад. Падари Према шахси орому хушсуҳбате буд. Суҳбати онҳо гоҳо ба шӯхиву бозӣ мегузашт. Ва боре Шуман худро ба оғӯши Рой Соҳиб партофту ғайричашмдошт ба ӯ изҳори муҳаббат менамояд: « «Рой Соҳиб маро тела надиҳед. Рой Соҳиб... Рой Соҳиб ман шуморо дӯст медорам... Рой Соҳиб ман...Ман шуморо хеле дӯст медорам... Ман шуморо дӯст... Рой Соҳиб ман... » - гулӯи Шуманро чизе гирифт ва овозаш гум шуд.

- «Шуман гӯш кун... Нагз хоб кун» - гуфта Рой Соҳиб ангуштони дар панҷаҳои Шуман мондаи худро ҷудо кардан гирифт.

- «Не...не, Рой Соҳиб, ман бе шумо зиста наметавонам. Рой Соҳиб... Рой Соҳиб маро аз худатон дур накунед».

Гӯё касе торсакие ба рӯяш зада бошад, Рой Соҳиб якбора ба ҳуш омад.

- «Рой Соҳиб ман ба хотири шумо динамро иваз мекунам» - боз ҳам наздиктар шуда гуфт Шуман.

Рой Соҳиб худро гум карда ба чор тараф ҳаросон менигарист ва беҷавоб оҳиста аз пеши Шуман дур шуд» [3, 202].

Ва пас аз чанд рӯз Рой Соҳиб аз олам чашм мепӯшад ва ин риштаи муҳаббат зуд ба охир мерасад. Нависанда дар симои ин мард инсони олӣ ва хирадамандеро тасвир намудааст, ки ба ҳама воқеаву ҳодисот бо чашми ҳақиқат ва инсонпарварона менигарад.

Дар ин асно Ачу дубора ба хона бармегардад ва акнун ӯ ҷавони таълимгирифта ва тануманди зебое гашта буд. Аҳли оила мехоҳанд, Шуманро ба Ачу ба шавҳар диҳанд. Аммо «Шуман ба ғайр аз Ачу тайёр буд бо ҳар ҳайвоне хонадор шавад. Ин саҳнача дар оила ба як таърихи калон табдил ёфт. Ин қадар беҳаё, золим, берӯ буд Шуман, ки орзуҳои ҳамаро ба хок яксон кард» [3, 222]. Ва Ачу оқибат дугонаи Шуман Билқайсро рафиқи ҳаётии худ интихоб менамояд.

Чанд сол баъд Шуман ба донишгоҳ дохил мешавад. Дар донишгоҳ ӯ ба ҷараёни тараққипарвар шомил мегардад ва ба равия ва ақидаҳои ин ҷараён сахт мутаваҷҷеҳ мешавад. Дар мубоҳисаҳои миёни донишҷӯён дар мавзӯъҳои мухталиф фаъолона ширкат меварзад. Афкори хешро роҷеъ ба масоили оламгири сиёсиву иҷтимоӣ ҷасурона баён мекард. Зимни вохӯриҳо ва мубоҳисаҳо Шуман бо Ифтихор, Сатейл ва Элея робитаи дӯстӣ пайдо менамояд. Ифтихор президенти иттифоқи касабаи донишгоҳ буд ва Элея насронидухтаре буд, ки ба мардуми Ҳиндустон муҳаббати беандоза дошт ва аз шахсони маъруфи тараққипарвар ба ҳисоб мерафт. Ва Шуман дар натиҷаи суҳбатҳо ва ширкат дар маҳфилҳои ҷараёни тараққипарвар шефтаи ғояҳо ва аҳдофи он мегардад. Акнун ӯ он Шумани пешина набуд. Рафтори шӯху сабукиҳои ҷавониашро ботамкинӣ ва сабурӣ иваз карда буд. Шуман аз аъзоёни фаъоли ҷараёни тараққипарвар мегардад.

Дар ин миён Нурӣ ба шавҳар мебарояд ва Шуман ба хона меояд. Нурӣ маъюс дар гӯшае нишаста буд. Маҳре, ки талаб карда мешуд панҷоҳу як ҳазор рупия буд. Шуман инро шунида, нахуст ба ғазаб омад, ки ба шавҳар баромадан ин бозии савдогарон будааст: «Ҳоли Нурӣ аз гову хар ҳам бадтар аст. Нархи маҳри ӯро, яъне нархи ҷавониашро панҷоҳу як ҳазор мондаанд. Ва акнун ин ҷавон ӯро гирифта рафта истодааст. Девона ин корро намекунад, зеро ӯ бо дастони худ навиштааст, ки ба гулӯяш корд монанд ҳам хилофи шавҳар намебарояд ва ҳар фармони ӯро иҷро мекунад. Миёни ин савдо ва савдои ҳайвонот дар бозор чӣ тафовуте ҳаст. Ҳа, фақат ҳамин фарқ аст, ки он ҷо савдои яклаҳзаина ва ин ҷо савдои якумра. Ин савдо то даме, ки касе аз онҳо гирифтори балое нагардад идома хоҳад ёфт» [3, 254].

Вале ҳангоми рафтани Нурӣ домод дар назди ҳама ваъда медиҳад, ки арӯсро ҳамеша хуш нигоҳ медорад. Шуман ба фикр фурӯ меравад, маросими арӯсӣ на фақат «бозии савдогарон» будааст, балки барпокунии риштаи «покизаи муҳаббат» низ ҳаст.

И. Чиғатоӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷавононро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Масалан, Элина аз Ифтихор ҳомиладор мешавад, аммо намехоҳад ба ӯ ба шавҳар барояд ва ба шаҳри дигар барои исқоти кӯдаки дар батнаш буда меравад. Кӯдак ба дунё меояд ва ӯро Ралф ном мегузоранд. Элина Ралфро азобу шиканҷа медод ва оқибат Ралф аз олам чашм мепӯшад.

Миёни Шуман ва Ифтихор низ алоқаи наздик ҷой дошт ва онҳо муҳаббати пинҳоние доштанд. Ҳангоми бемории Ифтихор Шуман ба ӯ барои муолиҷа пул мефиристод. Аммо, рӯзе Ҳасинбӣ ба Шуман номаҳои ошиқонаи Ифтихорро нишон медиҳад. Маълум мешавад, ки Ифтихор бо чандин занони дигар, аз ҷумла, бо тавоиф низ алоқаи ҷинсӣ доштааст.

Пас аз ин Шуман бо марде бо номи Тейлор шинос мешавад. Тейлор бо хушсуҳбатӣ ва хушҳолиаш дили Шуманро ба даст меоварад. Ва ин риштаи дӯстӣ оқибат ба издивоҷи ин ду тан оварда мерасонад.

Гӯиё мақоли маъмули ҳиндии «арӯсӣ ин барбодист» - ро барои Шуман гуфта бошанд, пас аз издивоҷ ба сари Шуман борони талхиҳову нокомиҳо меборад. Миёни Тейлор ва Шуман ихтилоф ба вуҷуд меояд ва Тейлор ба ҷанг сафарбар карда мешавад. Шуман дубора танҳо мемонад. Вале чун Шуман ҳомиладориашро мефаҳмад, эҳсоси танҳоӣ ба зудӣ хотима меёбад. Ӯ бо хаёлоти ширини ояндаи фарзанд ва муҳаббати модариву фарзандӣ зиндагии умедбахш оғоз менамояд. Шуман гумон мекард, ки гӯиё тамоми сарвати дунё ҳамроҳ бо кӯдакаш дар батни ӯ ҷой дорад.

Пас аз хатми донишгоҳ Шуман сарварии яке аз мактаби миллиро ба ӯҳда мегирад. Нависанда ба ҳоли мактаби миллӣ механдад. Бинои фарсудаи ин мактабро раисе хайрот дода буд, каси дигар тамоми китобҳои нолозимаашро ба китобхонаи мактаб дода буд. Духтароне, ки номнавис шуда буданд дар дарсҳо набуданд. Ба номи муаллимаҳо сӣ рупия менавиштанду ҳамагӣ бист рупия моҳона медоданд. Мизу курсиҳо гӯё аз тавоиф боқӣ монда буд, ки дар ҳолати нимшикаста қарор дошт. Ба маънои томаш мактаби миллӣ воқеан оинаи вазъи мавҷудаи иҷтимоии мардум буд.

Ҳангоме ки Шуман сарвари муассисаи таълимӣ таъин мешавад, дар ҷараёни кори муассиса, ба бетартибиҳову бесарусомониҳо дигаргунии куллие ба вуҷуд меояд, ки ин ҳам натиҷаи инкишофи маънавиёти қаҳрамони асар ба шумор меравад. Ӯ норизогии хешро аз шароити мавҷудаи иқтисодӣ чунин арз кардааст: «Бо бист рупия кирояи хонаро пардохт намоем, чор бачаро хӯронем, либос харем. Ин дам ба назари Шуман муаллимае атса зад. Гӯё дар мактаб неву дар кадом як ятимхонае қарор дорем, ки пур аз гуруснаву бараҳна аст. Ҷое, ки аз калон то хурд ҳоли бад дорад» [3, 294].

И. Чиғатоӣ дар романи «Хати печон» кашмакашҳои нафсонии занону духтаронро бо салиқа ва зовияи хосса пешкаш намудааст. Ӯ, ки худ намояндаи ҷинси латиф аст, аз ин хотир, эҳсосот ва ҷаззобияти занро бо ҳама нозукиҳояш медонист. Камбудӣ, мушкилӣ, танқисӣ ва риштаҳои хосси олами занонаро нависанда бо маҳорат ва меъёри ахлоқи ҳамида баён доштааст. Дар ин роман бевосита истифода аз дониши андӯхта ва таҷрибаи зиндагии нависанда баръало эҳсос карда мешавад. В. Азим андешаашро роҷеъ ба ин масъала чунин иброз доштааст: «И. Чиғатоӣ ба олами мушоҳидаҳо, тафаккури чуқур ва тахайюлоти васеъи хеш фурӯ рафта, ба таври хеле мукаммал дар романи «Хати печон» хонандаро ба он водор менамояд, ки раванди ҳодисотро ба зери мушоҳидаи худ гирад» [1, 3].

Дар ин роман И. Чиғатоӣ баҳри он кӯшидааст, ки табаддулотҳо ва тағйиротҳои дар ҷомеа рухдиҳандаро баррасӣ намояд. Аз ҷумла, нависанда ҷараёни шикастани расму русум ва одатҳои ғайримақбули пешинаро дар мисоли қаҳрамонҳои асар инъикос намудааст. Ба ҷойи он И. Чиғатоӣ фарҳанги наву тозаро пешкаши аҳли ҷомеа мекунад. Ҳаёти зери пардаи оилаҳои мусулмони миёнаҳол бо оҳистагӣ дастраси хоссу ом мегардонад. Ба хобгоҳ бурдани мусулмондухтар аз нишонаҳои маърифат ва нигоҳи тоза ба зиндагии воқеӣ аз ҷониби волидайни Шуман мебошад. Шуман дар зиндагии берун аз муҳити оила бо мушкилиҳо ва масъалаҳои ҷории зиндагӣ рӯ ба рӯ мешавад. Тахайюлоти озод ӯро ҳамроҳ мегардад. Дигар ӯ дар муҳити ҷомеа таълиму тарбият мегирад. Дар ниҳоди Шуман эҳсосот ва майлонҳои фардӣ такомул меёбад. Ҳамчунин дар баробари ин дар ин ё он паҳлуи ташаккули характери Шуман волидайни ӯ, бародарон ва хоҳарон, доя, муаллимаҳо, духтарони мактабӣ, дӯстони нигоҳи тараққипарвардоштаи коллеҷиаш заррае бошад ҳам саҳмгузоранд.

Шуман аз вазъияти гирду атроф ва умуман авзои ҷаҳонӣ бархурдор буд. Ба ҳолати иқтисодиву иҷтимоии кишвар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд ва худро аз ҷараёни ҳодисот канор намегирифт. Ва чун яке аз фаъолони ҷараёни тараққипарвар дар ташвиқи ҳаёти ширин шарик буд. И. Чиғатоӣ ҳанӯз аз оғози асар такя ба майлони тараққипарварон намуда, ақоиди онҳоро то анҷоми романи «Хати печон» нигоҳ доштааст. Қаҳрамони асар Шуман бо ғурур аз номи синфи коргару табақаи ғарибон сухан меронад: «Ҳоло шумо мебинед. Оқибат қувваи коргарон ғолиб меояд. Ин қувва низоми пӯсидаи ҷомеаро пора – пора хоҳад кард. Хуни бегуноҳон зоеъ нахоҳад рафт. Нони аз ин хун ба даст расидаро хӯрда мардуми сурхрӯ ба дунё хоҳанд омад. Домони сукунат чок хоҳад шуд» [3, 337].

Ҳамин гунна, дар ин роман боз як хусусияти И. Чиғатоӣ ҷилвагар мешавад, ки ӯ эҳсосоти андарунии характерро тавассути таъсири омилҳои беруна ифшо менамояд. Яке аз чунин лаҳзаҳо дар роман бо бевафоии Ифтихор мансубият дорад, ки дар натиҷа салтанати муҳаббати Шуман тороҷ мегардад. Субҳи дигар вақте ки ӯ бедор мешавад, дар рӯзнома чашмаш ба сарлавҳаи мақолае меафтад, ки навишта шуда буд: «Олмон ба Рус ҳамла кард». Баробари хондани ин хабар ҳолати рӯҳии Шуман тамоман дигар мешавад. И. Чиғатоӣ бо салиқаи баланду ҳунари волояш афкори Шуманро нисбат ба сиёсати байналхалқӣ ва ҳамчунин кайфияти ботинии ӯро, ки он вақт тамоми вуҷуди ӯро фаро гирифта буд, ба тасвир расонидааст. Дар ойинаи вазъи муташанниҷи хориҷи кишвар инъикос намудани ҳолати зиндагии дохила, далели

раднопазири қудрат ва тавоноии қалами И. Чиғатоӣ мебошад: «Ҳасинбии аз дар даромадаро гӯё пай набурд, лекин хабарро аз рӯзнома хонду худ ба худ табассум кард. Магар ахбор сурати нав пӯшида ояд одамро механдонад? Охир то дирӯз Руссия ва Олмон ҳамдигарро ба оғӯш кашида, лофи бародариву дӯстӣ мезаданд. Аммо, имрӯз ин ҷанги хонумонсӯз сар шуд. Дар ин бора, албатта, шаку шубҳа буд, вале на ба ин қарибиҳо. Акнун бисту дувуми июн ҳам аз хотир намебарояд. Касе намедонад, ки ба ғайр аз Руссия боз кӣ ҳадафи талаву тороҷ мегардад» [3, 163].

Пас аз мутолиаи романҳои И. Чиғатоӣ маълум мегардад, ки миёни рафторуекирдор ва ҷараёни воқеоти характерҳо ва зиндагии нависанда бисёр омилҳои муштараке мавҷуданд. Ин нуқтаро Кашмирӣ Лал Зокир ба сурати зайл тафсир додааст: «Аксар навиштаҳои Исмат Чиғатоӣ омили автобиографиро дорост. Он характере, ки ба зиндагии ӯ омад, рӯзгори нависандаро зери мушоҳида гирифт ва баъдан дар навиштаҳояш ворид гашта, дидаҳояшро ба маърази хонанда расонид. Характерҳо бо забоне гуфтугӯ мекарданд, ки забони сӯҳбатороии худи нависанда буд».

Оид ба мақоми романҳои Исмат Чиғатоӣ С. Бухорӣ чунин изҳори ақида кардааст: «Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки И. Чиғатоӣ то имрӯз танҳо як роман – «Хати печон» - ро таълиф намудааст, ки ба маънои томаш асари хонданибоб ва соҳибмақом ба шумор меравад. Романҳои «Зиддият» ва «Савдоӣ» хеле суст ва заъиф иншо гаштаанд. Романи «Маъсума» аз роман дида ба повест бештар наздикӣ дорад. Албатта, дар тарзи нигориш ва услуби баён ҷавҳари сухан бурун меояд ва ҷойи шак нест, ки адиба дар адабиёти урду мақом ва мавқеи сазовори худро дорад» [4, 367].

З. Азимӣ низ бо С. Бухорӣ ҳамақида аст. Муҳаққиқ мақоми романи «Хати печон» - ро чунин арзёбӣ намудааст: «Дар романнигории урду ин асар («Хати печон» – Ҷ.Х.) ҳамто надорад» [2, 99].

Муҳаққиқи дигари осори И. Чиғатоӣ Ҷагдеш Чандар Вадҳаван дар таҳқиқи худ зери унвони «Исмат Чиғатоӣ – шахсит ва санъат» таъйид намудааст, ки «Ҷиҳати қобили зикри ин роман (Хати печон – Ҷ.Х.) дар он аст, ки И. Чиғатоӣ доираи афкори васеъро дар мади назар дошта, кӯшиш намудааст, ки романро ба дараҷаи кофӣ пурсалосат ва пурғановат таълиф намояд. Аммо, аз сабаби норасоиҳои дониши фитрӣ, зеҳнӣ ва адабӣ ба ҳадаф нарасидааст... «Хати печон» аз романҳои хуби адабиёти урду маҳсуб мешавад» [5, 410].

Чи хеле ки мебинем, нуқтаи назари мунаққидон роҷеъ ба мақоми ин роман мухталиф аст. Вале муҳим он аст, ки чунин як романи мукаммал таълиф шудааст ва мо дар иртибот бо масоили куллии шахсият, иртиботи нависанда ва ҷомеа, ҷустуҷӯҳои зебошинохтии адабиёт ва мавқеи шахсияти нав, амиқфикрии проблемаҳо, ғановати шакли ифода ва фасоҳати баён сухан ба миён овардем. Ин ҳам шаҳодати он аст, ки И. Чиғатоӣ дар раванди адабиёти то солҳои 1947 сазовор ба баҳсҳои ҷиддии илмӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки романҳои давраи таҳқиқ қароргирифта, яъне адабиёти тараққипарвар то соли 1947 хоҳ «Шабе дар Лондон» - и С. Зоҳир бошад, хоҳ «Шикаст» - и К. Чандар ва хоҳ «Зиддият» ва «Хати печон» - И. Чиғатоӣ бошад, пур аз ҳақиқати талхи зиндагии Ҳиндустони онрӯза аст. Кишвари Ҳиндро муборизаҳои иқтисодиву ичтимоии ҷаҳонӣ, табаддулотҳои гуногун, ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо ба ҷунбиш дароварда буд. Адибони ин давр аз навиштанҳои сарсарӣ ва беасос даст кашида, афкори худро бештар бо маводи илман асоснок арзёбӣ менамуданд. Вазъи сиёсии ҷаҳонӣ онҳоро ба ҷониби ливоҳои сотсиалистӣ ва назарияи марксистӣ мутаваҷҷеҳ мекард. Адибон баҳри он саъй менамуданд, ки дар асарҳояшон ақоиди комунистӣ ва марксистиро тарғиб намоянд. Бинобар ин, пеш аз он ки ба романҳои адибони тараққипарвар рӯ оварем, бояд ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои адабиро дар мадди назар дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Azim Viqar. Dastan se afsane tak / Azim Viqar. - Карачи, 1960. – 224 с.
2. Azimi Shahob Zafar. Urdu naval ke asalib / Azimi Shahob Zafar. - Patna, 2005. - 201 с.
3. Chughtai Ismat. Terhi lakir / Chughtai Ismat. – Lahor: Maktabai urdu, 1967. – 356 с.
4. Bukhari Suhail. Navalnigarii Urdu, ta’rikhu tanqid / Bukhari Suhail. – Lahor: Meri laybrary, 1966. – 254 с.
5. Wadhawan Jagdesh Chandr. Ismat Chughtai shakhsiyat aur fan / Wadhawan Jagdesh Chandr. - Dehli: Kitabi dunya, 2006. – 456 с.

6. Сухочев А.С. От дастана к роману: из истории художественной прозы урду XIX века / А.С. Сухочев. - М: Наука, 1971. – 245 с.

ИСМАТ ЧУГТАИ И ЕЁ РОМАН «КРИВАЯ ПАЛКА»

В данной статье автором подвергнут рассмотрению и анализу роман И. Чугтаи «Кривая палка», который был опубликован до разделения Индии. В романе справедливо и реалистично изображены недостатки и пороки индийского общества в период правления британских империалистов. Главный герой романа – Шуман является воплощением идеи личных пристрастий писателя. В этом образе писатель воплотил своё видения нового общества, общества справедливых людей.

Ключевые слова: характер, социальная жизнь, мусульманин, индус, Исмат Чугтаи, лучший роман, Шуман, школа.

ISMAT CHUGTAI AND HER NOVEL "THE CURVE STICK"

In this article the author has subjected to analys and consideration of the novel of I. Chugtai. Her novel "The curve stick" was published before the dividing of Indiato the separate contries where trushfully and realistically were shown defects and shortages of the indian society in a period of the British imperialists. The main personage of this novel Shuman is an entailment to ideas of the personnel passion of this writer. In this image the writer personified her vision of the new society of the fair people. I. Chugtai is considered one of the most revered figures in the field of Urdu women novellist and progressive movement.

Keywords: character, social life, Muhamedian, hindu, Ismat Chugtai, best novel, Shuman, school.

Сведения об авторе: ***Дж.Ш.Холов*** - доцент кафедры таджикской филологии Таджикского педагогического института в городе Пенджикент. Телефон: **(+992) 920-97-88-08, (+992) 927-59-54-74.** E-mail: **javeed@bk.ru**

БАДЕИЯ ВА САЙРИ ТАЪРИХИИ ОН ДАР АДАБИЁТИ ПОРСИИ ТОҶИКӢ

Умриддин Юсуфов
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Бадеия як навъи қасидаест, ки аркони он бар асоси санъатҳои бадеӣ сохта шуда, ҳар байт дорои як ё чанд воситаи тасвир ва дар маҷмӯъ умдатарин саноеи бадеӣ бошад, фасоҳат ва узуббати калом риоят гардад ва сохтори умумияш мавзӯи мадҳу саноро дар бар гирад. Ин навъ қасоидро «масмӯъ» низ номанд. Вале, ба ақидаи Бобаки Фарзона «нахустин ангезаҳои пайдоиши ин навъи шеър танҳо мадҳ набуда, балки гароиши тунд ба ороятҳои лафзӣ, тазоҳур ба дониши фарогир дар ин замина ва низ гирдоварии ҳамаи ашколи бадеъ дар як қасида, худ метавонад аз асбоби ба вуҷуд омадани бадеия бошад» [11 ,597]. Ҳароина, ин андеша ба бадеиёти порсии тоҷикӣ марбут аст. Бадеиёти порсии тоҷикӣ дар баробари риояти қоидаҳои умумии қасида, ки ба қавли Ҳусайн Оҳоҳусайнӣ ва Муҷоҳид Ғуломӣ» «фарҳанги мухтасаре аз балоғат» [7, 125] мебошад, сода аст. Қасидаҳои Қавомии Ганҷавӣ, Шарафуддин Фазлуллоҳи Ҳусайнӣ, Шамси Фахрии Исфаҳонӣ, Салмони Совачӣ, Дарвеши Мансурӣ, Ҳофиз Алӣ ибн Нур, Ибни Ҳисом, Мавлоно Соҳиби Балхӣ, Аҳлии Шерозӣ... ба ин гурӯҳ шомил мешаванд. Ин гуна қасоидро аз назари санъати илтизом ба санъати бадеӣ (таврия ё иҳом) иброз намоем, онро «ғайримултазам» хонанд. Шоир дар қасидаи «ғайримултазам ба ҳамин андоза басанда мекунад, ки ҳар байт дорои навъ ё анвое аз санъат бошад ва пас аз санъат бошад ва пас аз «ҳусни матлаъ» ва «бароати истеҳлол», саноеъро ба дилхоҳи худ, дар абёти қасида биёварад» [12, 116].

Вале, дар таъриф ва сохтори бадеиёти арабӣ, ки дар асри XIII пас аз сад соли пайдоиши бадеиёти порсии тоҷикӣ ба вуҷуд омада буд, баъзе тафовутҳо дида мешавад. Ин такмилаҳоро Иззуддини Мавсилӣ, ки худ қасидаи бадеияи ғаррое навишта, ворид кардааст. Ба ақидаи ӯ, «абёти бадеия «солеҳ лит-таҷрид», яъне ҳар байт аз назари таркибу маънӣ, аз байти қабл ва баъд мустақил бояд бошад. Ва дар навбати худ шоир илтизом мегардад, ки номи санъати бадеиро низ ба тариқи таврия ва ишора дар байт биёварад, «ба шарти он ки инсиҷом ва фасоҳати калом зоил нашавад ва вузӯҳи маонӣ ба таъқид нагарояд» [11, 598]. Ин гуна бадеиёт дар адаби порсии тоҷикӣ ҳаргиз сохта нашуд.

Фарқи дигари он ин аст, ки бадеиёти порсии тоҷикӣ дар баҳри хафифи махбуни мақсур ва бадеиёти арабӣ дар баҳри басит навишта мешаванд.

Аксари бадеиёти форсӣ бо ҳарфи равии «ро» ва бадеиёти арабӣ бо равии «мим» сохта шуда, инчунин қасидаҳое низ ҳастанд, ки ҳарфи равии мухталиф доранд.

Нахустин намунаҳои бадеиёт дар адабиёти порсии тоҷикӣ дар асри XII мелодӣ, хусусан дар ашъори Саид Зулфиқори Шервонӣ ва Рашидии Самарқандӣ падид омада, Қавомии Ганҷавӣ онро такмил бахшида, қасидаи мустақил эҷод карда, ба навъи адабии нави бадеия асос гузошт. Ҳадафи навиштани ин мақола ва сайри таърихии таҳаввули бадеия дар адабиёти порсии тоҷикӣ, дар мисоли ашъори шоирони фавқ мебошад.

Саидушшуаро устод Абӯмуҳаммад ибн Муҳаммад Рашидии Самарқандӣ (нимаи аввали асри XII м.) дар сурудани ашъори балеғ ва дорои саноеи мухталиф маҳорат доштааст. Дар бораи ӯ Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ин гуна маълумот додааст: «...устоди шуарои муқаддам ва пешвои ин табақа» (яъне шуарои Мовароуннаҳр-У.Ю.) буд, «дар саноати сухан ва бароати иборат бар зумраи сухансароён сабқат ёфта», «дар илми шеър чанд тасниф сохтааст ва чанд таълиф пардохта ва «Зинатнома» яке аз натоиҷи хотири отири ӯст», «шеъри ӯ ҳама маснуъ аст ва устодона ва аз ҳашву ито ва шойгон масун» [1, 176] аст. Яке аз мухтареоти Рашидӣ қасидаест, ки ороста ба санъати тавшеҳ мебошад. Шамси Қайс дар «ал-Муъҷам» онро ҳамчун намунаи ин санъат зикр кардааст:

Эй кафи роди ту дар чуд беҳ аз абри баҳор,
Халқро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чӣ кор?
Оламеро дил аз афшондани борони кафат,
Хушу хуррам шуда в-ороста чун боғу баҳор.
Беш аз андоза ин тоифа **бар банда ниҳод**,
Чуди ту бори гарон, з-он ду кафи гавҳарбор.
Дигаронанд чу ман бандаву ман **банда зи шукр,**
Оҷизам чун дигарон в-аз хиҷилӣ гашта фигор.

Ҷумлаи қасида аз баҳри рамал аст ва он чи дар ҳайизи (бахши) аввал ба сурхӣ навиштааст, чун ҷудо барҳонӣ ин дубайтӣ аст:

Бар банда ниҳод ҷуди ту бори гарон,
Банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Кардастам ҷурм сӯйи афват нигарон,
Ин ҷурм ба фазл з-ин раҳӣ даргузарон.

Ва ҳайизи дувум, ки ба сурхӣ набиштааст, қитъаест аз баҳри ҳазаҷи мусаддаси мусаббаг бар мафъӯли мафоъилун мафоилон:

Шуд абри матир назди ту ҳайрон,
Шуд шамси мунир пеши ту пинҳон.
Дар донишу фазл он дили покат,
Дил чун баҳри қаир гашт бепоён.
Натвонад буд, мар туро ҳаргиз,
Ҳамтою назир дар ҳама кайҳон.
Осуда шуданд бо кафи родат,
Аз шуғли ҳақир шоирон яксон.
Мансур шудем бар муроди дил,
Яздон-т насир бод ҷовидон.

Ҳайизи севум ин қитъа аст бар мафъӯлу мафоъилун фаъӯлун:

Фархунда кунод бар ту мавло,
Эй саъдулмулки иди Азҳо.
Он кас, ки ба ид мадҳи ту гуфт,
Баррафта зи чоҳ, то ба шиъро [9, 397-399].

Ин абёти Рашидии Самарқандиро «мувашшаҳи мухаййир» хонанд. Мухтассоти дигари он, -мегӯяд Шамси Қайс, - «мухталифулвазн» бошад [9, 396]. Зеро, он дар баробари қасидаи комил будан, боз аз он се бахши мустақили шеърӣ падид омада, маҳорати устодонаи шоирро нишон медиҳад ва дар навбати худ барои зуҳури қасоиди маснӯъ ва бадеиясароиӣ дар адабиёти порсии тоҷикӣ замина мегузорад.

Шоири дигаре, ки дар ин жанри адабӣ табъозмоиӣ намудааст, Сайид Зулфиқори Шервонӣ (ваф. 679 ҳ.) мебошад. Ӯ «дар илми шеър баҳоят моҳир» [10, 121] ва «дар қавоиди саноеъ ва бадоеъ устод ва мухтареъ» [6, моддаи Зулфиқори Шервонӣ] будааст. Шоир дар қасидаи маснӯи хеш вазири Шервон Садр Саид ал-Мостариро мадҳ гуфта, ҳафт хирвор абрешим сила дарёфт кардааст. Муаллиф ин қасидаро «Мафотиҳ-ул-калом фӣ мадоиҳ-ил-киром» ном ниҳода. Баъдан он аз ҷониби Қавомии Мутарразии Ганҷавӣ, Шамси Фахрии Исфаҳонӣ, Салмони Совачӣ ва Аҳлии Шерозӣ истиқбол ёфта, дар татаббӯи он қасидаҳои «Бадоеъ-ул-асҳор фӣ

саноеъ-ил-ашъор», «Махзан-ул-буҳур», «Саррихи мумаррад» ва «Махзан-ул-маонӣ»-ро навиштаанд.

Он, - мегӯяд Давлатшоҳи Самарқандӣ, - «муштамил аст бар тавшеҳот ва давоир ва зиҳофот ва аз ҳар байт чандин масореъ ва абёти мулавван дар буҳури мухталифа ихроҷ мешавад ва берун меояд» [10, 122]. Ва се байт аз ин қасида нақл карда:

Чаман шуд аз **гули садбарг**и тоза **дилбарвор**,
Баҳор ёфт **баҳоре** зи **бод дар гулзор**.
Ниҳол **чун** қадди дилбари чамон шавад **дар** рақс,
Лисони фохта **чун бедил**он биноланд зор.
Ирам зи рӯйи таносух ба **бӯстон ояд**,
Хазон **хазон** чу дар **ояд** ба боғи боди баҳор.

Ва аз ҳар се байти ин қасида байте ихроҷ мешавад бад-ин насақ дар буҳури мухталифа:

Гули садбарг дилбарвор чун дар бӯстон ояд,
Баҳоре бод дар гулзор чун бедил хазон ояд [10, 122].

Аввалин қасидаи бадеияи комили порсии тоҷикӣ, ки ба қалами Қавомии Ганҷавӣ тааллуқ дорад, дар авоили асри дувоздаҳуми мелодӣ навишта шудааст. Дар бораи зиндагинома, соли таваллуду вафот ва эҷодиёти Қавомуддин Аҳмад ибн Абибакр, маъруф ба Қавомии Мутарразии Ганҷавӣ дар сарчашмаҳои адабӣ ва китобҳои таърихи адабиёти порсии тоҷикӣ тақрибан ягон маълумот вуҷуд надорад. Бад-ин рӯй мавзӯи бадеияи порсии тоҷикӣ нисбатан камомӯхта буда, дар ин самт таҳқиқи алоҳида ва мукаммали аҳвол ва осори Қавомӣ то кунун сурат нагирифтааст. Донишмандон ва пажӯҳишгароне, ки адабиёти қарни дувоздаҳуми порсии тоҷикиро таҳқиқ намудаанд, бо ду-се ҷумлаи умумӣ иктифо карда, ӯро «суханвари номӣ», «шоири маъруф» ва дар «саноеъ ва бадоеъи сухан соҳибмаҳорат» тавсиф ва мулаққаб ба «устодушшуаро» донистаанд [6, Қавомӣ]. Эдуард Браун [3, 76] ва Алиакбари Деҳҳудо [6, Қавомӣ] вайро амаки Ҳаким Низомии Ганҷавӣ гуфтаанд. Соҳиби «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» дар тавсифи санъати «сиёқатулаъдод» се байти Қавомии Ганҷавиро шоҳид овардааст:

Зи акси рӯю лабу оразаш баранд сафо,
Яке Суҳайлу дувум Зуҳраву севум Ҷавзо.
Суҳайлу Зуҳраву Ҷавзо зи нури ӯ шудаанд,
Яке нажанду дувум волаву севум шайдо.
Нажанду волаву шайдо шаванд пеши рухаш,
Яке париву дувум луъбату севум ҳуро [9, 394].

Чунонки дида мешавад, дар баробари санъати «сиёқатулаъдод», инчунин дар он санъатҳои «табйин», «такрир» ва «тафсир» корбаст шудааст.

Илова бар ин, аглаби муҳаққиқон дар навиштаҳои худ аз қасидаи «Бадоеъ-ул-асҳор фӣ саноеъи-л-ашъор»-и Қавомӣ ёд мекунанд, ки ба ӯ шуҳрати беандоза овардааст. Қасидаи мазбур ҳовии сад байт ва дар баҳри хафифи махбуни мақсур, яъне вазни фаъалотун мафоилун фаъалон (vv--|v-v-|vv-) навишта шудааст. Қавомӣ қасидаашро дар ситоиши шоҳ Қизил Арслон, ки аз 1158 то 1191 м. ҳукумат кардааст, (Шаҳ Қизил Арслон, ки дасту дилаш, Ҳаст хасми шумору хасми шумор) эҷод намуда, дар он 83 навъи санъати бадеии маъмули замони худро ба кор бурдааст.

Қасидаи Қавомӣ бо матлаи зер оғоз мешавад, ки санъати тарсеъ низ корбаст гардидааст:

Эй фалакро ҳавои қадри ту бор
В-эй малакро нисои садри ту кор.

Зимнан бояд гуфт, ки муаллиф дар байти 63-уми қасида матлаи нав месозад, ки ҳамзамон зуқофиятайн мебошад:

Аз дилам савсанаш бибурд қарор,
Ба сарам наргисаш супурд хумор.

Ба ақидаи ин ҷониб, баъзе аз абёти қасидаи Қавомӣ ба шарҳ ниёз доранд, ки онҳоро дар ин ҷо тавзеҳ медиҳем.

Масалан:

Тири чархат зи меҳр дида сипар,
Тири чархат зи меҳр дида супор.

Маънии ин байт чунин бошад:

Шоир дар ин байт санъати тарсеъро истифода бурда, ки калимаҳо дар ин воситаи тасвир талаффузи яксон ва маънои мухталиф доранд. Чунончи дар ин байт

«тири чарх» ба маънои «тири осмон», яъне ситораи Муштарӣ омада, вожаи «чарх» ҳам маънии «камон»-ро адо кардааст. Таркиби «тири чарх» ба маънои «тири камон» меояд. Муроди шоир дар ин байт ба тариқи зайл аст: «Тири камонат офтобро сипар дида ва ситораи Тир (Муштарӣ) дар осмон аз рӯйи меҳр чашм ба ту дӯхта аст».

Ё:

Ҷуз ғубор набарди ту набурд,
Дидаи ақл сурмаи дидор.

Таркиби «дидаи ақл» дар ин байт истиора буда, яъне ақле, ки чун дидаи равшан биност.

Ва:

Бо ҳавои ту куфр бошад дин,
Бе ризои ту фахр бошад ор.

Дар байти зер санъати *муҳтамилулваҷҳайн* корбаст шуда, яъне он ду маънии муқобил ва мутазодро муҳтамил бошад. Зеро, дар забони порсии тоҷикӣ маҳалли корбурди мубтадо ва хабар тағйирёбанда аст. Аз ин рӯ, онро метавон ба ду ваҷҳи мухталиф, ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ маънӣ кард. Шоирони порсигӯй гоҳе зоҳиран шахсеро ситоиш мекунанд, вале дар ҳақиқат қасди ҳаҷв ва қадҳи ӯро доранд, ки намунаи боризаш байти мазкур аст.

Сарфи назар аз уюби мусаллами шеър будани *ҳашв* (ҳашви қабеҳ) гоҳе узуббати каломро чунон афзун менамояд, ки айби шеър ба зебоӣ мубаддал мегардад ва онро ҳашви малеҳ гӯянд. Чунончи дар ин байт ба назар мерасад:

Боғи умрат, ки тоза бувад мудом,
Чашми бад дур равзаест ба бор.

Корбасти санъатҳои бадеӣ, албатта, ба маҳорату ҳунари шоирии муаллиф вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ҷумла, истифодаи санъати *мутталаввин* чунон бошад, ки байтро ба ду вазни мухталиф тавон хонд. Ин санъатро зубаҳрайн низ номанд:

Эй бидеҳ қудваи вазеъу шариф
В-эй шуда қиблаи сиғору кибор.

Байти мазкурро дар баҳри хафифи махбуни мақсур, яъне фаъалотун мафоилун фаъалон (vv--|v-v-|vv-) метавон хонд, ки вазни умумии қасида мебошад. Ҳамзамон дар вазни сареи матвӣ, яъне муфтаъилун, муфтаъилун, фоъилон (-vv-|-vv-|-v-), ки вазни нав аст.

Овардани санъати *лугз ё чистон* дар шеър аз як тараф маҳорати шоирӣ ва табъи равон доштани шоирро нишон диҳад, аз ҷониби дигар маҳосини каломро шукӯҳ ва ҷамол бахшад:

Чист он давру асли ӯ наздик?
Чист он фарду феъли ӯ бисёр.
Хоми ӯ ҳар чи илмро пухта,
Масти ӯ ҳар чи ақлро ҳушёр.
Дилшикан, лек дарди дил пайванд,
Хушгузар, лек рӯзгори гузор.
Ранҷи ӯ назди бедилон роҳат,
Хори ӯ назди зиракон душвор.

Эдуард Браун мегӯяд, ки «ин луғзҳо маъмулан мубҳам ва ғомизанд ва ман бо таассуфи бисёр бояд бигӯям, ки ҷавоби ин луғзро наёфтам» [3, 93], вале Абулфазли Бадеънигор ин луғзро дар сифати «анбар» донистааст [2 ,78].

Фанни муаммо дар замони зиндагии шоир ривоҷ дошта, мартабаи хоссе доштааст, ки сабаби ба ин санъати шеър (баъдан онро бадеънигорон ба навъи шеърӣ дохил карданд) таваҷҷӯҳ зоҳир намудани бадеънигорони асри XII, пеш аз ҳама, «имтиҳони табъ» ва «озмуни хотир» [8, 102] буда, сухан пӯшида гӯянд ва ба истихроҷи он «табъҳои наққод ва хотирҳои ваққодро биёзмоянд» [4, 304].

Байти муаммои бадеияи Қавомӣ ба гунаи зайл аст:

Мавҷи дуди дилу ду дидаи ман,
Бурд дарёву абрро миқдор.

Абулфазли Бадеънигор дар шарҳи ин байт навиштааст: «Қавомӣ дар шеър исми худро таъмия намуда ва пӯшонидааст ва «мавҷи дил» гуфтааст ва аз «дили мавҷ» ҳарфи «вов» ирода карда ва аз «ду дида» ду «ъайн»-ро гирифта, ки ба ҳисоби абҷад ду «ъайн» саду чиҳил мешавад, ки мутобиқ бо ҳарфи «қоф» ва «мим» бошад ва дар

мисрои дувум калимаи «бурд дарё» гуфта ва ҳамчу ирода карда, ки «қоф» ва «вов» ва «мим»-ро дохили дар «ё» намояд, калимаи Қавомӣ ташкил дода мешавад [2 ,83].

Дар байти дигар шоир ба мамдӯҳи худ бо тааҷҷуб суол мекунад ва зоҳиран чунин менамояд, ки он маънии комил надорад:

Ҷой дар гар миёнаи дарёст,
Аз чи маънист дасти ӯ дарбор.

Вале, дар байти баъдӣ равшан мешавад, шоир ба суоли худ ба воситаи корбурди санъати *ҳусни таълил*, ки аз баёни иллати хаёлпарварду шоирона барои як амри воқеӣ иборат аст, посух медиҳад:

Рағми дарё, ки бухл меварзад,
Ӯ кунад мол бар ҷаҳон исор.

Қавомӣ дар ин байт мегӯяд, ки сабаби ҷуду сахой он аст, ки бухли дарёро зишт мешуморад, гарчи дарё ба караму бахшиш маъруф аст. Дарёсифатӣ ба шоҳон тааллуқ дорад ва аз хасоили ҳамидаи онҳо ба ҳисоб меравад, ки муроди шоирро бароварда месозад.

Шоир қасидаи худро бо ин мақтаъ ҳусни ихтитом мебахшад:

Рӯзу шаб ҷуз сахо мабодат шуғл,
Солу маҳ ҷуз сахо мабодат кор.

Бояд гуфт, Қавомии Ганҷавӣ нахустин шоири порсигӯй аст, ки бо сурудани бадеияи комил ба ин навъи адабӣ асос гузошт. Фузун бар ин, пас аз ӯ бадеия ба ду равиш иштиҳор пайдо кард: якум, бадеиясароӣ истиқбол ёфт, шоирон ба ҳар бадеия номи махсус гузоштанд, дувум навиштани шарҳи бадеия ҳамчун урфи адабӣ расмӣ шуд.

Ҳусайн Оҳоҳусайнӣ ва Муҷоҳид Ғуломӣ дар мақолаи «Бадеиясароӣ дар адаби порсӣ ва арабӣ» 16 қасидаи бадеияро дар адаби порсӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд [7], ки бархе аз онҳоро мо дар боло номбар кардем. Масалан, ба қалами Аҳлии Шерозӣ се бадеия бо номҳои «Махзан-ул-маонӣ» (129 байт) дар мадҳи Алишери Навоӣ, бадеияи 154 байтӣ дар ситоиши Султон Яъқуб Оқ Қуюнлу ва севум бадеияе дар васфи Шоҳ Исмоили Сафавӣ (160 байт) тааллуқ дорад.

Инчунин дар пайравӣ ба қасидаи Қавомӣ се шарҳ навишта шуда, ки ба қарори зер аст:

1. Шарҳи «Бадоеъ-ул-ашъор»-и Мирзо Фазлуллоҳи Бадеънигор. Ин шарҳ як маротиба дар шаҳри Машҳади Тӯс соли 1331 ҳ. чоп шудааст [5, 34].
2. Шарҳи Эдвард Браун, дар ҷилди дувуми китоби «Таърихи адабиёти Эрон» [3,76-106].
3. Шарҳи Маҳмуд ибн Умари Наҷотии Нишопурӣ.

Хулласи калом, бадеиёти порсии тоҷикӣ, аз лиҳози сохтор, мавзӯъ ва шаклу мазмун дар асри XII такмил ёфта, ҳамчун навъи (жанри) мустақили адабӣ зуҳур кард. Он нисбат ба бадеиёти арабӣ сад сол собиқа дошта, шоирони араб аз қабили Сафиюддини Ҳаллӣ ва Алӣ ибн Усмони Ирбилӣ, ки аз мубтакирони ин навъи шеъри арабӣ ҳастанд, танҳо дар оғози асри XIII-и масеҳӣ ба таснифи бадеия пардохтанд. Ба назари мо, ашъори бадеияи арабӣ дар партави бадеиёти порсии тоҷикӣ эҷод шудааст, ки дар оянда таъсири мутақобилаи онҳоро мавриди таҳқиқи алоҳида қарор хоҳем дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Нимаи аввал / Авфӣ Муҳаммад; ба саъй ва эҳтимоми Эдвард Браун. - Теҳрон: Чопхонаи Мумтоз, 1361. - Чопи аввал. 550 с.
2. Бадеънигор Фазлуллоҳ. «Бадоеъу-л-ашъор» / Бадеънигор Фазлуллоҳ. - Машҳади Тӯс, 1331.
3. Браун Эдвард. Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ / Браун Эдвард; тарҷимаи Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ. - Теҳрон: Марворид, 1381. - Чопи шашум. - Ҷ. 2. - 464 с.
4. Ватват Рашид ад-дин. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаик ас-сихр фӣ дакаик аш-шиър) / Ватват Рашид ад-дин; перевод с персидского, исследование и комментарий Н. Ю. Чалисовой. - Москва: Наука, 1985. - 324 с.
5. Дебоҷӣ Сайидиброҳим. Нахустин «бадеия»-и форсӣ (Бадоеъу-л-асҳор фӣ саноеъи-л-ашъор)-и Қавомии Мутарразии Ганҷавӣ / Дебоҷӣ Сайидиброҳим // Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон. - Баҳори 1382. - С. 27-34.
6. Деҳҳудо Алиакбар. Луғатнома / Деҳҳудо Алиакбар. Диск. Зимни моддаҳои дахил.
7. Оҳоҳусайнӣ Ҳ. Бадеъиясароӣ дар адаби порсӣ ва арабӣ / Ҳ. Оҳоҳусайнӣ ва М. Ғуломӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Лисони мубин (пажӯҳиши адаби арабӣ). - Соли севум, давраи ҷадид. - Шумораи шашум. Зимистони 1390. - С. 125-145.

8. Родуёнӣ Муҳаммад Умар. Тарҷумону-л-балоға / Родуёнӣ Муҳаммад Умар; ба тасҳеҳ ва иҳтимоми профессор Аҳмад Оташ ва интиқоди Маликушшуаро Баҳор. - Теҳрон: Асотир,1362. - 290 с.
9. Розӣ Шамсуддин Муҳаммад ибн Қайс. Ал-мӯъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-Аҷам / Розӣ Шамсуддин Муҳаммад ибн Қайс; ба тасҳеҳи аллома Муҳаммад Қазвинӣ, устод Мударриси Разавӣ ва Сируси Шамисо. - Теҳрон: Илм, 1388. - 640 с.
10. Самарқандӣ Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро / Самарқандӣ Давлатшоҳ; ба эҳтимом ва тасҳеҳи Эдвард Браун. - Теҳрон: Асотир, 1382. - 275 с.
11. Фарзона Бобак. Бадеъия. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ / Фарзона Бобак. - Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 2003. - Ҷ. 11. - 768 с.
12. Фотимӣ Саидҳасан. Бадеъиёт / Фотимӣ Саидҳасан // Оинаи пажӯҳиш, шумораи 27. - С. 115-124.

БАДЕИЯ И ЕГО ИСТОРИЧЕСКИЙ ПУТЬ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В настоящей статье исследуется исторический путь становления и развития жанра бадеия, выделение в отдельный литературный жанр и его место в творчестве поэтов Рашидии Самарканди, Саид Зулфикори Шервони и Кавомии Ганчави, представляющих таджикско-персидскую литературу. Бадеия таджикско-персидской литературы возникла за сто лет до появления его аналога в арабской литературе, что автор несомненно утверждает о его влиянии и роли ее становления и развития в арабской литературе.

Ключевые слова: бадеия, персидская бадеия, Кавомии Ганчави, Бадаеъ-асхар фи санаеъ-ал-ашъар, влияние жанра персидского бадеия на арабский, сборник поэтических произведений.

BADEIYA AND ITS HISTORICAL PATH IN TAJIK-PERSIAN LITERATURE

The present article investigate the historical path of formation and development of the genre “Badeiya”, transformation in a separate literary genre and its place in the poetry of Rashid Samarkandi, Said Zulfikor Shervoni and Kavomii Ganchavi representing the Tajik-Persian literature. “Badeiya” of Tajik-Persian literature has arisen for a hundred years before its counterpart in Arabic literature, which certainly shows its influence and the role of its formation and development in Arabic literature.

Key words: “Badeiya”, Persian “Badeiya”, Kavomii Ganchavi, Badoeu-ashor fi sanoei-l-ashor, the influence of the Persian genre “Badeiya” to Arabic, collection of poems.

Сведения об авторе: ***У.А. Юсуфов*** - докторант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки АН РТ.Телефон: **(+992) 919-04-55-75**. E-mail: **nushin74@mail.ru**

Keywords: creation of dictionaries, explanatory dictionaries, "Sihah-ul-furs" Muhammad Hindushahi Nakhjavani, a dictionary of the language of poetry, the interpretation of expressions.

Сведения об авторе: ***С. Саидов*** **–** доцент кафедры классической литературы Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 927-72-77-07**

ОСОРИ МИРЗО МУҲАММАД ТОҲИРИ НАСРОБОДӢ

Мансураи Муслимифар
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии ба номи Б.Искандарови АИ ҶТ

Мирзо Тоҳир дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ асосан ҳамчун муаллифи «Тазкираи Насрободӣ» маълуму маъруф гардидааст. Вале, аз шаҳодати Малеҳо ва муаллифони дигар осори адабию таърихӣ бармеояд, ки ҳанӯз дар замони зиндагиаш ҳамчун шоир ва пайрави сабки ҳиндӣ шинохта шуда будааст. Чун имрӯз девони ашъори ӯ аз байн рафтааст, танҳо дар заминаи пораҳои ашъори боқимондааш, ки худ дар тазкирааш овардааст ва муаллифони баъзе дигар сарчашмаҳо иқтибос кардаанд, метавон дар бораи осори манзум ва ҳунари шоирии ӯ сухан кард.

Малеҳои Самарқандӣ ҳангоми сафараш ба Эрон аз мушоираҳояш дар қаҳвахонаи Мирзо Тоҳир ёд карда, бо ҳунари шоирӣ ва гароиши сабки ӯ сареҳан ишора мекунад ва дар равиши шоирӣ «муътақиди Абӯтолиби Калим» [3, 336-337] будани вайро таъкид менамояд.

Аз муосирони дигари Мирзо Тоҳир, ба иборати худаш «нури чашми аҳли камол» Мир Абдулъол, дар қитъае аз ҳунари шоирии ӯ ба сароҳат ёд карда, аз ҷумла менигорад:

Нури чашми камолу ҷаҳони сухан,
Мирзо Тоҳири хуҷастахисол.
Зери ҳар нукта нуктаҳо дорад,
Қаламат ҳамчу руқъаи рамол.
Дорам аз дер диданат шиква,
Эй, дилат идгоҳи аҳли камол [5, 462].

Аз ёддоштҳои худи Мирзо Тоҳир ва ҳам аз суҳбатҳое, ки Малеҳо бо ӯ дар Насробод ва Исфаҳон доштааст, бармеояд, ки вай чун як нафар шоири маъруф дар ҳаёти адабии давраш фаъолона ширкат доштааст. Ҳам аз ёддошти Малеҳо ва худаш ва ишораҳои шоироне чун Мир Абдулъол, ки мегӯяд «қаҳваро нест бе ту ҳеҷ сафо» маълум мешавад, ки вай на танҳо иштирокчии доимии маҷлису маъракаҳо ва маҳфилҳои адабӣ, балки яке аз дастандаркорони таҳиякунандаи маҳфилҳои мушоираи аҳли адаб низ будааст. Дар чунин маҳфилҳо ва сабқатҳои шеърӣ, ки моддаи таърих ва муаммогӯйӣ чузъи он аст, Мирзо Тоҳир фаъолона иштирок карда, дар ин замина ҳамчун шоир маъруфияте доштааст.

Аз он чи ки аз ӯ боқӣ мондааст, метавон хулоса кард, ки вай дар гуфтани маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ ва қитъаот маҳорат дошта, бештар дар пайравии сабки ҳиндӣ шеър гуфтааст.

Таъсири равияҳои асосии адабиёти асри ҳабдаҳи Эрон дар эҷодиёти ӯ эҳсос мешавад. Вай дар татаббӯи осори шоирони мавриди назараш шеър гуфта, ҳамчунин дар асри зиндагиаш, ки таърихгӯйӣ ривоҷ доштааст, дар ин замина низ ашъори қобили мулоҳиза гуфтааст, ки поёнтар дар боби хусусиятҳои шеъри моддаи таърихи ӯ сухан хоҳем кард.

Аз осори манзуми боқимондаи ӯ, ки худ дар тазкирааш нақл кардааст, метавон аз маснавии дар татаббӯи маснавии Мулло Аҳлии Шерозӣ навиштаи ӯ ёд кард. Чордаҳбайти аввали маснавӣ дар ҳамди Борӣ таъоло гуфта шудааст. Қисматҳои дигари маснавӣ дар наъти ҳазрати расул, манқабати ҳазрати Амиралмуъминин, мадҳи шоҳ ҷамҷоҳ, хитоб ба подшоҳ, сифати ишқ ва сифати карам суруда шудаанд. Мазмун ва тарзи тасвир дар ин маснавӣ суннатист. Ҳамчунин, таъсири «забони вуқӯъ ва сабки вуқӯъ»-и [19, 126] аҳди Сафавӣ, ки то ҷое ифодагари «ғалабаи мазоқи табақоти ом» [1, 126] буд, дар ин маснавӣ ва ашъори дигари ӯ равшан ба назар мерасад ва ин равишро метавон аз мушаххасоти сабки нигориши ӯ донист.

Мисли байти зер, ки тасвир то ҷое заминаи тафаккури авомона дорад ва ба воқеият асос ёфтааст, дар осори боқимондаи ӯ зиёд ба назар мерасад:

Шериву бадбини ту чун муш бод,
Пайкаре аз кини ту чун мӯ-ш бод [5, 465].

Дар маснавии зикршуда муаллиф бештар ба зоҳир намудани сират ва сурати ахлоқии мухотаб саъй карда, даҳ байтеро дар боби сифати карам низ ихтисос додааст.

Мирзо Тоҳир, чунонки худаш низ таъйид кардааст, дар ҷавонӣ таълим ва тарбияти кофӣ надидааст. Он чи дарёфтааст, аз суҳбат ва қариниаш бо шуарою фузало ва талошу кӯшиши фардиаш будааст. Бинобар ин ҳам, шеъри ӯ аз ҷиҳати мавзӯъ то ҷое маҳдуд буда, ҳадафҳои сиёсии замонааш ба тафаккури бадеии ӯ низ таъсири қобили мулоҳиза дошт.

Мо аз таърих медонем, ки худи шоҳ Аббос дар қаҳвахонаҳо гоҳ-гоҳ бо шуаро дӯстона суҳбат мекард ва дар ҳаққи баъзе аз онҳо ҳам аҳёнан силаҳои қобили мулоҳиза инъом менамуд. Аммо, вай шеърро зоҳиран ҳамчун василае барои таъмини мақосиди мулкӣ ва сиёсии хеш талаққӣ мекард ва чун сиёсати мазҳабиро аз он муассиртар меёфт, ғолибан дар шеър ба чашми василае, ки чандон мавриди истеъмол ҳам надорад, медид» [1, 124]. Ҳарчанд, ба қавли Мирзо Тоҳир қизилбошҳо гоҳ-гоҳ вақте ки фурсате доштанд, мутаваҷҷеҳи назм мешуданд» [5, 9], вале таъсири сиёсати ҳадафмандонаи мазҳабиашон ба равиши тараққиёти адабиёт, аз ҷумла шеър, зиёд буд, ки ин таъсир дар эҷодиёти манзуми Мирзо Тоҳир низ хеле амиқ аст. Ҳамин равиши таъсири сиёсати мазҳабӣ, дар мисоли қасидаи дар мадҳи подшоҳи диндор шоҳ Сулаймон гуфтаи Мирзо Тоҳир равшан ба назар мерасад.

Ин қасида хеле ҳунармандона гуфта шуда, дар он санъати суханварӣ ва тасвиргарии муаллиф чашмрас аст. Махсусан, ташбиби қасидааш, ки бо тавсифи зебоиҳои табиат, яъне «ҷилваи наврӯзу хушо фасли баҳор» [5, 466] шурӯъ мешавад, бо қисматҳои дигар пайванди амиқи маънавӣ ва суварӣ дорад.

Байтҳои тағаззул ба қисмати баъдии қасида, ки мадҳ бошад, пайванди комил доранд. Барои тавзеҳи бештари ҳунари шоирии Мирзо Тоҳир чанд байти тағаззули қасидаашро иқтибос мекунем:

Шӯри булбул набувад дар чаману шӯхии гул,
Рӯҳи Маҷнун шуда парвонаи шамъи дидор.
Баски бар рӯи чаман лутфу назокат гул кард,

Шавқи дилро натавон бурд ба як бор ба кор.
Беди Маҷнун чу арӯсон шуда доман-ш паҳн,
То барад фоида аз атри баҳораш аттор [5, 466].

Ба далели он ки ин абёти иттисоли муқаддима (тағаззул) ба наҳве устодона ва латиф суруда шудаанд, ба қисмати аслӣ ё танаи қасида, яъне мадҳ, пайванди маънавӣ ва шаклӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, дар ин қасида байти тахаллус, ба қавли Шамси Қайси Розӣ «аз тахаллусоти нодири бадеъ» [2, 328] аст.

Вале, тобеияти иродаи муаллиф барои «таъмини мақосиди мулкӣ ва сиёсие, ки ҳадафи мазҳабии қотеона дорад, пайванди андешаи ӯро ба воқеияти зиндагӣ коста, ҷанбаи ҳиссӣ ва отифии қасидаро суст кардааст». Бо вуҷуди ин, чаҳор бахши ин қасида, яъне ба иловаи ду бахши дар боло тавсифшуда, бахшҳои танаи қасида ё қисмати аслии он, ки мадҳ аст ва поёни қасида ё шарита, ки шоир дар ҳаққи мамдуҳ дуо мекунад, аз нигоҳи таркиб ва сохтор ва таносуби муҳтавою тасвир комил буда, таъсири онро зиёд кардааст. Ҳатто, поёни қасида ё шарита, ки шоир дар ҳаққи мамдуҳ дуо мегӯяд, моломоли хаёли шоирона ва маҷмӯи таҷрибаҳо, ёдҳо ва таъсироти табиӣ аст, ки эҳсос ва андешаи хонандаро таҳрик мебахшад. Чунончи:

Арзи матлаб набувад сурфаи соил ба карим,
Тоҳир аз баҳри дуо дасти ниёзе бардор.
То пайи фасли баҳорон бувад осеби хазон,
Бод дар гулшани иқболи ту пайваста баҳор [5, 467].

Танҳо дар заминаи ҳамин қасида метавон хулоса кард, ки зеҳни шоир дар сохтмони қасидаи мазкур ду гуна нерӯи халқу ибдоъ ва ё кӯшиши ҳунарӣ дорад. Дар як сӯй шарҳи куллӣ ва аҷзои созандаи шеър аст, ки бо якдигар ба таври табиӣ таркиб ёфта, сохтмони куллӣ ва шакли умумии шеърро ба вуҷуд овардааст ва дар ин ҳавза хаёли шоир аз маҷмӯи таҷрибаҳо ё ёдоварҳо ва таъсироти табиии худ дар заминаҳои мухталиф ёрӣ гирифтааст, ки ба қасида тамомияти мундаричавӣ ва шаклӣ бахшидааст. Дар ин қасида аҷзои баёни шоир аз хаёлҳои шоирона бархурдор гардида, ба ин васила тарҳи тозае дар сохтмони куллии шеър ба вуҷуд овардааст.

Аммо, ин кӯшиши ҳунармандона дар ҳамаи шеърҳои шоир яксон ба назар намерасад. Баррасии шеърҳои боқимондаи ӯ ба рӯшанӣ нишон медиҳад, ки меҳвари хаёли шоиронаи ӯ дар бисёре аз пораҳои шеъраш заъиф ва дур аз халқу ибдоъ аст.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо, ки нақши умумии шеъри аҳди сафавии ҳавзаи Эрон ва Мовароуннаҳр аст, намунаи ғазалҳо ва рубоиёти Мирзо Тоҳир гувоҳи завқи баланди ба қавли Малеҳо ин шоир «афзалуззамон ва акрамулқирон ва аблағулбулаго ва афсаҳулфусаҳо ҷаноби Мирзо Тоҳири Насрободӣ аст» [3, 336]. Чунонки ишора ҳам шуд, шоҳони сафавӣ дар шеър ба чашми василае [1, 124] менигаристанд ва ин нигариш ба эҷодиёти шоирони баъд аз шоҳ Аббос низ бетаъсир набуд. Шайх Абулқосими Козуронӣ, муаллифи китоби «Сулам-ус-самовот», ки худ муосири шоҳ Аббос будааст, сареҳан хотирнишон мекунад, ки бар хилофи «мулуки мозия» чун «салотин ва мулуки мутааххиринро ҳифзи қавоиди дин ва тарбияти уламо ва муҷтаҳидин бар мурооти ҳоли шуаро ва истимоъи муфтариёти эшон ғолиб аст … чандон илтифоте ба мақолоти эшон нест, лоҷарам назми ашъорро ҷуз доъияи ишқбозӣ ва ноираи ҷонгудозӣ маншаъ ва муҳаррике намонда ва мурғони ин чаман бештар азми ғазалсаройӣ намудаанд» [1, 125]. Ба ин минвол дар шеърҳои боқимондааш, аз ҷумла, ғазалҳо тобеъи ҳадафи сиёсии «ҳукумати шомил ва ҷомеъи-Totalitaire» (Зарринкӯб)-и Сафавӣ будани Мирзо Тоҳир равшан ба назар мерасад.

Дар миёни чанд пора ғазале, ки Насрободӣ дар тазкирааш нақл кардааст, беҳтаринаш ҳамон аст, ки Малеҳо низ дар «Музокир-ул-асҳоб» иқтибос намудааст, вале бо андаке тағйир. Ин ғазал дар тазкираи Насрободӣ ба сурати зайл омадааст:

То насими атри зулфат бар сабо печидааст,
Атса* дар мағзи ғизолон хато печидааст.
Нест дар баҳри тааллуқ дар кафи дил ҳеҷ чиз,
Чун ҳубоб ин қатра беҷо бар ҳаво печидааст,
Монеъи омадшуди дард аз дили ошиқ маҷӯй,
Қуфли ин ганҷинаро дасти қазо печидааст†.
Дар сари мо нест гардан тофтан аз қайди ишқ,
Ғӯши моро дасти таслиму ризо печидааст*.

---

* Дар Малеҳо атр омадааст
† Ин байт дар тазкираи Малеҳо нест

Дил шаҳиди орзу кардем аз теғи ҳавас,
Хуни дил моро чунин бар дасту по печидааст†

Чунонки хосси сабки ҳиндӣ аст, Мирзо Тоҳир низ дар ин ғазал «абёти мутафарриқеро дар масоили гуногун бо риштае аз радиф ва қофия ба ҳам дӯхта» ғазал сохтааст. Дар ин ғазал низ мисли дигар ашъори шоир «танаввӯи тасвир ва тавсиф чашмгир аст» ва ин ҳол равиши гурез аз тарҳи масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафиро дар эҷодиёти Мирзо Тоҳир таҳким бахшидааст.

Дар тазкирааш Мирзо Тоҳир панҷ рубоиашро низ нақл кардааст, ки ҳама масоили ахлоқиро матраҳ кардаанд. Рубоиёти ин шоир аз ҷиҳати шакл ва мазмун нисбат ба дигар анвои шеъраш бартарӣ доранд ва намунаҳояш инҳо ҳастанд:

Он, к- аз ҳама хешро сарафроз кунад,
Бояд, ки ба мардӣ сухан оғоз кунад.
Дашном зи мард беҳ, ки мард аз номард,
Шерат бихӯрад беҳ, ки сагат моз кунад [5, 468].

* * *

Чун рӯҳ ба олами сувар меояд,
З-омезиши унсураш хатар меояд.
Ҳарчанд ҳисор монеъи дузд бувад,
З-ин чор ҳисор дузд дармеояд.
Он кас, ки ба тардоманӣ ояд хабараш,
Пайваста ба акрабо расонад зарараш.
Хатте, ки нависаду бисозад ҳакаш,
Ночор ба сафҳаи дигар ҳаст асараш.
Сӯфӣ, ки бувад ҳамеша дар вирди ҳиял,
Омӯхта шайтон зи вай ойини дағал.
Ҳар гоҳ каманди вахдаташ ҷо бошад,
Девест, ки афтода ба хати мандал [5,468].

Чунон ки ба назар мерасад, дар ин рубоиҳо ва дигар намунаҳои шеъри ӯ нуфузи «сабки бозор» (Абдулҳусайни Зарринкӯб) равшан ба назар мерасад. Ин ҷо сухан фақат аз тарзи ифода намеравад, нақши тафаккури омма дар шаклгирии маъниҳои шоиронаи шеъри ӯ фарогир буда, ба осори манзумаш ранги иҷтимоӣ бахшидааст.

Қисми дигари ашъори Мирзо Тоҳир моддаи таърих мебошад, ки дар маҷмӯъ 120 мисраъ аст. Маҳорати моддаи таърихгӯйии ӯ аз ҷониби муҳаққиқони адаби форсӣ эътироф шуда, аз ҷумла Забеҳуллоҳи Сафо оид ба моддаи таърихи бинои «Ҳашт биҳишт», ки Мирзо Тоҳир гуфтааст, чунин андеша дорад: «Мирзо Тоҳири Насрободӣ дар таърихи бинои «Ҳашт биҳишт» ба соли 1080 нахуст маснавӣ сохт, ки ҳар бор дар мисраи охир аз чаҳор байти охири он таърихи 1080-ро метавон ёфт ва сипас, ҳимматаш бар ин кунд нашуда ва ду рубоӣ сохт, ки ҳар мисраи онҳо ҳамин таърихро доранд ва сипас як маснавии бисту чаҳорбайтӣ ба дунболи он овард, ки ҳар мисраъ аз ҳар байт ҳамин таърихро дорад, яъне чиҳилу ҳашт бор дар чиҳилу ҳашт мисраъ ҳамон таърих такрор шудааст ва ҳамин корро боз дар таърихи рехтани тӯпе ба 1082 ҳичрӣ кардааст» [4, 628]. Чанд байтеро аз маснавии «Таърихи бинои мубораки «Ҳашт биҳишт» иқтибос мекунем:

Зиҳӣ давлатсарои подшоҳӣ,
Бувад дар сояаш маҳ то ба моҳӣ.
Бувад зебо арӯсе шӯху сармаст,
Ки аз ҷомаш бувад оина дар даст.
Шавад то ҳалқааш бар рӯи даргоҳ,
Дили худ мехӯрад з-ин орзу моҳ.
Паи нақшу нигори он сутуда,
Зи чашми ҳур оварданд дуда.
Зи оби дасти нақкошони гулкор,
Шуда шабнам ба рӯи гул намудор.
Гаҳи наззорааш аз норасоӣ,
Бувад мадди назар тири ҳавоӣ.
На фавор аст, к-онро дар миён аст,

---

* Дар Малеҳо ин мисраъ ба шакли зер омадааст: Гӯши моро дасти таслими қазо печидааст [3, 339].

† Ба ҷойи ин байт дар тазкираи Малеҳо ин байт сабт аст: Баски аҳли олам аз мо бозмегиранд файз,
Соя ҳамчун дом бар боли ҳумо печидааст [3, 339].

Ба шукри шоҳ доим тарзабон аст.
Расида то ба Исо рифъати ӯ,
Шуда фаввора шамъи хилвати ӯ.
Бувад толораш аз тубӣ ба сомон,
Гули ӯ шуд хамир аз оби ҳайвон.
Сутунаш такягоҳи осмон аст,
Давоми гардиши афлок аз он аст.
Ба таърихаш қалам қадро алам кард,
Хаёлам (**машриқи давлат**) рақам кард [5, 488].

Маҳорати Мирзо Тоҳирро дар таърихгӯйӣ чиҳилу ҳашт мисраъ шеъре, ки ҳар мисрааш моддаи таърих аст, низ собит мекунад. Аз ҷумла:

Ҷонпаноҳе, ки мадеҳаш ом аст,
Муршиду доддеҳи айём аст.

Ҳар ду мисраи ин байт таърихи 1080-ро сабт кардааст.

Бояд гуфт, ки дар бахши моддаи таърихҳо ба ғайр аз ҳақиқати таърихӣ Мирзо Тоҳир таърихи бунёди биноҳои таърихии Исфаҳонро ишора мекунад, ки барои пажӯҳишгарони таърихи меъморӣ бисёр судманд аст. Мирзо Тоҳир бо моддаи таърихҳояш на фақат таърихи бунёди осори меъмории Исфаҳони Эронро, мисли мадрасаи Ҷарде, мадрасаи Хоҷа Муҳаббат, мадрасаи Наққошон, мадрасаи Шайх Лутфуллоҳ, масҷиди ҷомеъи Аббосӣ, Имомзода Саҳл ибни Алӣ ва ғайра рақам мезанад, балки ба воситаи ҳунари шоириаш зебоиҳои меъмории он замонро, ки аксар имрӯз аз байн рафтаанд, таҷассум мекунад. Моддаи таърихҳои ӯ, пеш аз ҳама баёнгари завқи баланд ва ҳунари шоирии ӯянд.

Моддаҳои таърих Мирзо Тоҳир собит месозанд, ки ин касб барои ӯ ҳам машғулияти адабӣ будааст, ҳам рисолати инсонию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Эҷодҳои ӯро дар ин замина ба эътибор гирем, ин қабил осори Мирзо Тоҳирро метавон намунаи хуби навъи шеъри таърихӣ шинохт. Аз ин назар, таърихгӯйӣ барои ин фақат машғулияти адабӣ маҳсуб намешавад. Вай ҳамчун шоири асил ва рисолатшинос ба таърихгӯйӣ рағбат менамояд. Моддаҳои таърихи ӯ тафаннуноти адабӣ набуда, балки пеш аз ҳама, воситаи адои қарзи инсонӣ ба муносибати пешомаду рӯйдодҳои зиндагӣ ва ба наҳве василаи касби маоши зиндагӣ низ будааст.

Агар ба матни зиндагии Мирзо Тоҳир нигарем (ӯ дар инзиво зиндагӣ ба бар бурдааст), мебинем, ки вай монанди бисёре аз шоирони ҳамаҳдаш барои ниёзмандиҳояш моддаи таърих нагуфтааст. Бахусус, дар рӯзгоре, ки ин ҳунар василаи дарёфти эътибор ва афзалиятҳои молӣ қарор гирифта буд. Шоирони ниёзманд бо гуфтани моддаи таърих ва муборакбодии ба мансаб таъйин гардидани ин ё он шахс, таваллуди фарзанд ё сохтмони қасру ҳавлиҳои бошукӯҳи давлатмандон ва ғайра силаву инъомҳои гаронбаҳое дарёб мекарданд. Дар айёме, ки қасида, аллакай, ҳамчун василаи ба даст овардани силаву инъом кайҳо аҳамияти худро гум карда ва аз расмият баромада буд, ба ҷойи он шоирон, махсусан, шоирони тамаъкор, шеъри таърихро ба як навъ манбаи зиндагӣ ва василаи дарёфти силаву инъом қарор дода буданд. Шоирони зиёде буданд, ки аз рӯйи ҳирсу тамаъ моддаи таърих мегуфтанд, ба таври доимӣ, ба ҳар муносибате ин корро мекарданд.

Аммо, аз моддаҳои таърихи Мирзо Тоҳир маълум мешавад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ дар бораи ҳодисаҳои хурд ва аҳамияти фардидошта моддаи таърих нагуфтааст. Ҳамчунон ки зикр шуд, агар ба номгӯйи моддаҳои таърихи ӯ таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки он чи ӯ гуфтааст бо гузашти замон арзиши бештаре пайдо кардааст. Таърихномаҳои ӯ ба наҳве ойинаи меъморихои асри зиндагияш аст, ки қисме аз онҳо ба василаи нақши қалами ин шоири ватанпараст, зинда мондаанд. Таърихномаҳои ӯ ба ғайр аз ҳақоиқи таърихӣ баёнгари ҳунари меъмории асри сафавӣ ва ҳофизи осори муҳимми таърихию фарҳангии он рӯзгоранд. Аз мурур ба осори манзуми Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ метавон чанд натиҷа бардошт:

а) намунаҳои боқимондаи осори манзуми ӯ гувоҳи завқи саршор ва қариҳаи шоирии ӯ мебошад;

б) Мирзо Тоҳир чун шоир дар ҳаёти адабии давраш нақш ва ҷойгоҳи худро дорад;

в) анвои шеърие, ки аз ӯ боқӣ мондааст далели он аст, ки дар сурудани ғазал, маснавӣ, қасида ва рубоӣ дасти тамом доштааст;

г) моддаи таърих дар эҷодиёти ӯ танҳо воситаи ҳунарнамойии касбӣ ва санҷиши маҳорати адабӣ набуда, балки баёнгари диди фарох ва ҳақшиносонааш ба воқеиёти

фарҳангии аҳди Сафавӣ мебошад; таърихномаҳои ӯ таҷассуми ҳунар ва дидгоҳҳои ҳунаршиносиаш ҳастанд;

ғ) ашъори боқимондааш бештар тамоюли мадҳӣ дошта, зери таъсири идеологияи ҳокими замони Сафавиён шакл гирифтааст;

д) дар андеша ва маромиши шоирии ӯ, мисли эҷодиёти аксари пайравони сабки ҳиндӣ, ҳолатҳои ҳайрат, даҳшат ва изтироб, асолати ваҳм, нигариши парешон, ҷойгоҳи хос дошта, то ҷое сабки нигориши ӯро таъйин кардаанд;

е) бо вуҷуди таъсири равияи хаёлбофиҳо ва такаллуфот, шеъри ӯ аз чошнаи тасаввуроти омиёна об хӯрда, сарманшаи тасвирҳояш воқеияти зиндагист, яъне ӯ дар шеъраш тарзи табиии тасвироти бадеиро ҳифз карда, бо ин фардияти ҳунариашро мушаххас сохтааст;

ё) шахсияти инсонӣ ва шоирии Мирзо Тоҳир зери таъсири унсурҳои созанда ва инҳитотбахши замони зиндагиаш шакл гирифта, ҳолати отифӣ ва завқии инсони ҳунармандро дар замони мушаххаси таърихӣ ва фарҳангӣ ифода мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ҷаҳони Соиб: даричае ба ҷаҳонбинии ӯ / Абдулҳусайни Зарринкӯб // Аз чизҳое дигар. Маҷмӯаи нақд, ёддошт, баррасӣ ва намоишвораҳо. - Теҳрон: Интишороти Сухан, 1389.- С.113-140.
2. Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам / Қайси Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1985. – 464 с.
3. Малеҳо Муҳаммадбадеъ. Музаккир-ул-асҳоб. Матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим ба эҳтимоми Камолиддин Садриддинҳоҷаи Айнӣ / Малеҳо Муҳаммадбадеъ. - Душанбе: Пайванд, 1385. – 689 с.
4. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз оғози садаи даҳум то миёнаи садаи дувоздаҳуми ҳиҷрӣ. Бахши якум / Сафо Забеҳуллоҳ. - Теҳрон, 1362. - Ҷ.5. – 633 с.
5. Тазкираи Насрободӣ. Таълифи Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ. Муштамил бар шарҳи ҳол ва осори қариб ҳазор шоири асри Сафавӣ / Тазкираи Насрободӣ; бо тасҳеҳ ва муқобилаи устоди фақид Ваҳиди Дастгардӣ. - Теҳрон, 1361. – 575 с.

ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ МИРЗО ТОХИРА НАСРОБОДИ

В статье рассматривается литературное наследие Мирзо Тохира Насрободи - автора крупнейшей антологии персидско-таджикской литературы XVII века «Тазкире Насрободи». Кроме названной работы он написал много стихотворений, сохранивщихся в страницах антологии.

Ключевые слова: стихотворение, литературные жанры, поэзия, индийсий стиль.

LITERARY HERITAGE MIRZO TOHIR NASROBODI

The article discusses the literary heritage of Mirzo Tohir Nasrobodi-author anthology largest Tajik-Persian literature of the 17th century "Tazkira Nasrobodi." Also called the book he wrote many poems, which have been preserved in the pages of this anthology.

Key words: poem, literary genres, poetry, Indiys style.

Сведения об авторе: ***Мансура Муслимифар*** - соискатель Института гуманитарных наук АН РТ.
Телефон: **(+992) 900-98-79-87**

ТОЗААНДЕШИҲОИ НОДИР ШАНБЕЗОДА ДАР ҒАЗАЛИЁТИ Ӯ

А.Абдулназаров
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии ба номи Б.Искандарови АИ ҶТ

Нодир Шанбезода аз зумраи он намояндагони адабиёти шӯравӣ аст, ки дар баробари офаридани дигар жанрҳои гуногунҳаҷм, бештар аз ҳама дар заминаи адабиёти оламшумули классикӣ дар эҷоди жанри ғазал масъулияти бузурге нишон додаанд. Шоир ҷаҳд кардааст, ки дигаргуниҳои ҳаррӯзаи ҳаётро на танҳо дар шакл ва жанрҳои нисбатан калони назм, балки дар шаклҳои хурдтари он, мисли ғазал низ тасвир намояд. Ин кӯшиши шоир аз эҷоди нахустин шеърҳояш ҳис мешавад ва ҳатто дар ғазалҳое, ки ба зебогии мавсуф бахшида шудаанд, аз дигаргуниҳои нави ҳаёт низ хабар медиҳад. Чунончи, дар ғазали «Ҳамдами қанд аст» (1939) шоир онро бо байти ниҳоят ҷолиби матлаъ, ки ҷавобгӯйи тамоми талабҳои санъати ҳусни ғазал аст, оғоз

намуда, дар давоми он озодии мавсуф аз фаранҷиро, ки мантиқан бо байти аввал пайвастагии зич дорад, мувофиқи талаботи жанри ғазал хуб ва муассир сурудааст. Масалан, байти матлаъ бо ду байти минбаъда, ки ҳунари ғазали классикиро доранд:

Лаъли ту ба ширинии худ ҳамдами қанд аст,
Бар гардани ҷон ҳалқаи гесӯт каманд аст.
Берун чу шудӣ аз шаби торики фаранҷӣ.
Бар ҷумла ҷаҳон рӯйи дилорот писанд аст [1].

Байти минбаъда ба тавсифи фаъолияти зарбдоронаи маҳбуба бахшида шудааст:

Бо раҳбарии ҳизби Ленин, эй маҳи тоҷик,
Ичрои плонат ҳама дам яксаду чанд аст [1].

Дар ду байти оянда зебогии шаҳрҳои Душанбе ва Ленинобод (Хуҷанди ҳозира) ва сарфарозии шоир аз шукуфоии онҳо тараннум гардидааст. Байти тахаллус низ ҳамоно пухта ва хуб сароида шудааст:

Чун булбули хушхон ба гулистон дили Нодир,
Бар сунбули зебои суманбӯйи ту банд аст [1].

Албатта, чунин муносибат ва тавсиф, аз як тараф, ба такя бар анъана ва аз тарафи дигар, ба бардошт аз дигаргуниҳои иҷтимоӣ вобаста буд. Бесабаб нест, ки муҳаққиқи таърих ва назарияи адабиёти тоҷик Шарифҷон Ҳусейнзода, дар хусуси анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ сухан гуфта нигоштааст:

«Таърихи инкишофи адабиёти бисёрмиллати советӣ нишон дод, ки ривоҷ ва равнақи адабиёти ҳар як республикаи советӣ, аз як тараф ба тафаккури бадеии тамоми башарият, аз тарафи дигар, ба анъанаҳои миллии ҳамон халқ, ки дар ҷараёни зиндагии таърихи он ташаккул ёфтааст, вобаста мебошад» [4]. Ҳамин олим, дар замоне, ки бисёрии олимон ва эҷодкорон даст кашидан аз ғазалсаройиро талаб карда, онро маҳсули давраи қафомонда муаррифӣ мекарданд, чунин хитоб карда буд: «Яке аз беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии тоҷик ғазалсаройист» [2]. Шанбезода маҳз ҳамин анъанаро давом дода, онро ба мавзӯъҳои замонавӣ мувофиқ сохт.

Барои мисол, шеъри ғазалмонанди «Оҳуи парранда» (1939), ки ба нахустин тайёраи ба Бадахшон сафар карда бахшида шудааст, бо байте чунин оғоз мешавад, ки ҷавобгӯйи талаботҳои матлаи ғазал аст:

Аҷаб карам зи каромоти хеш ёрам кард,
Чӣ лутфҳои фараҳбахш кирдигорам кард [6].

Устод Ш.Ҳусейнзода дар хусуси ашъори ошиқонаи назми форсии тоҷикӣ андеша ронда, менависад: «Шеърҳои ошиқона, ки ишқи табиии инсонро тараннум мекунанд, бешак бо ҷараёни зиндагии одам пайвастагӣ дошта, нишоту шодӣ, шӯру шавқ ва ҳолатҳою кайфиятҳои ушшоқро инъикос кардаанд» [7]. Таҳлили ашъори ошиқонаи Шанбезода, ки бо масъалаҳои иҷтимоии замонаш омехта аст, хулосаи мазкури олимро дар ин самт собит месозад.

Дар эҷодиёти Нодир Шанбезода лирикаи ишқӣ мавқеи махсус дорад. Чуноне ки «асоси ғазал баёни ишқ ва муҳаббат аст» [8], ғазалҳои шоир аз ин хасоиси навъӣ холӣ набуданд. Дар “Энсиклопедияи Советии тоҷик” овардаанд, ки «дар лирикаи ишқии ӯ (Нодир Шанбезода – А.А.) назокати сухан, таъбирҳои анъанавию нав, ифодаҳои рангину маъниҳои бикр хеле моҳирона ба қалам дода шудааст» [9]. Пас аз чунин баҳогузорӣ ба лирикаи шоир, яке аз аввалин шеърҳои шакли ғазали ӯ, ки «Нахли дилоро» ном дошта, ҳанӯз соли 1938 эҷод шуда буд, ба ҳайси мисол оварда мешавад, ки он ҷавобгӯйи жанри мукаммали ғазал мебошад:

Ширин набувад ҳамчу лабат қанд ба олам,
Ку гул ба гули рӯйи ту монанд ба олам?
Аз гулшани дил офату осеби хазон рафт,
То меҳри рухат нури худ афганд ба олам.

То гулшани ӯ чун ту гуле зод, азиз аст,
Чун мардумаки чашм Самарқанд ба олам [10].

Ғазали мазкур таваҷҷуҳи пажӯҳандагони адабиёти тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст ва муҳаққиқ Ҳ. Қаландаров мазмун ва таъсири он ба хонандаро исботи ақидаҳои файласуф Кант дар хусуси мафҳум ва мавқеи шеър гуфтааст. Вай менигорад: «Ба ақидаи Кант «шеър иборат аст аз як гуна фаъолияти ҳамоҳанг ва таносуби қувои нафсонӣ, ки ба озодӣ бидуни ҳеҷ тақайюд ва таайюн дар олами тасвир ва таҷсим анҷом пазирад». Шеъри Шанбезода ҳам иборат аст аз таносуб ва ҳам оҳанги дарунӣ ва зеҳнӣ, ки дар зарфи эҳсосот таҷаллӣ менамояд. Мо ин кайфиятро дар тамоми ашъори Нодир Шанбезода ва аз ҷумла, дар шеъри «Нахли дилоро» метавонем мушоҳида кард» [11].

Дар баробари тараннуми ҳаводиси замонавӣ, Шанбезода мавзӯоти анъанавии ғазалро, ки сармастӣ аз ишқу ёр, гурез аз бевафоиву аҳёр аст, давом додааст. Ӯ ин матлабро чунин баён доштааст:

Гоҳ хонад дилам таронаи ишқ,
Гаҳ ғазалҳои ҷовидонаи ишқ.
Сабаби зиндагӣ яқин ишқ аст,
З-ин сабаб дил шудаст хонаи ишқ [1].

Ва нақди ҷон харидани ин ганҷи ҷовидонаро коре дуруст ва табиӣ меҳисобад:

Ишқи ту ба нақди ҷон харидам,
Бо ҷони ту ройгон харидам.
Ин гавҳари поки баҳри дилро,
Аз аҳли назар ниҳон харидам [1].

Дар матлаи ғазали дигар мазмуни байти аввали ғазали болоро, ки «Ширин набувад ҳамчу лабат қанд ба олам, Ку гул ба гули рӯйи ту монанд ба олам» аст, чунин овардаст:

Лаъли ту ба ширинии худ ҳамдами қанд аст.
Бар гардани ҷон ҳалқаи гесут каманд аст [6, 177].

Шарифҷон Ҳусейнзода дар хусуси давоми анъанаи ғазалсаройӣ дар ашъори Айнӣ сухан ронда, барҳақ менигорад, ки «ғазал аз ваҳдати ишқ ва тафаккур иборат аст» [2]. Ба фикри мо, муҳаққиқ «тафаккур» гуфта, сухани бикрро, ки саршор аз маърифат аст дар назар дорад. Бо як назар ба ғазалҳои Шанбезода, метавон аз онҳо байт-байт «ваҳдати ишқ»-ро бо «тафаккур»-и шоирона дарёфт. Чунончи дар байтҳои зер:

Боз он нодираам чеҳра барафрӯхтанист,
Хирмани сабри дилу ҷони маро сӯхтанист.
Чашми шӯхаш, ки шуда наргиси боғи нигаҳам,
Аз тамошои ҷаҳон чашми маро дӯхтанист [1].

Аз ҳамин хотир бошад, ки Шанбезода Нодир нисбати хеш ва нисбати дигар эҷодкорон дар масъалаи эҷоди шеър хело ҳам серталабу сахтгир буд. Ӯ шеъри сода ва хомро намеписандид ва талқин ба омӯзиши шеъри сара мекард.

Адабиётшиноси муосири тоҷик Ҳоким Қаландаров дар хусуси шеъри Шанбезода, тафаккури шоирона ва санъату бадеияти он ҳарф зада, маҳз ҳамин ғазалро, ки як навъ барномаи шоир нисбат ба эҷоди каломи асил аст, ба унвони мисол меорад. Муҳаққиқ фикри хешро дар ин масъала чунин ҷамъбаст намудааст: «Манзури мо аз он иборат аст, ки гӯяндаи шеър пеш аз ҳама бояд аз улуми адабӣ ва қавоиди илми шеър комилан огоҳӣ дошта бошад ва ҳама муҳассаноти лафзӣ ва маънавиро ёд бигирад, то битавонад эҳсосот ва идрокоти даруниро ҳарчи аз тавфиқи илоҳӣ дарк кунад, онро бо беҳтарин алфоз ва зеботарин таъбирот муҷассам ва мусаввар созад ва аз уҳдаи ин кор ба таври беҳтар дармеояд. Ҳама шоирони бузург аз ин сифатҳои суварӣ баҳрае доштаанд ва Нодир Шанбезода низ аз онҳо бегона набуд. Ӯ як шоири ғайрикасбӣ набуда ба қатори шуарои ҳирфаӣ дохил мешавад» [6].

Дар баробари мавзӯи ишқу нигор шоир ба мавзӯъҳои дигари барои ҳар як фард муқаддас, амсоли тараннуми зебоиҳои диёр, дӯстиву рафоқат ва муҳаббати ватан

шеъру достонҳо эҷод намудааст, ки қимати тарбиявию зебоипарастиро доро мебошанд. Дар ин миён мавзӯи тараннуми дӯстиву рафоқатро дар ашъори шоир махсус қайд кардан лозим.

Дар адабиёти даврони шӯравӣ масъалаи тараннуми дӯстӣ як навъ рӯҳияи сиёсӣ пайдо карда буд. Ҳамаи адабиётҳои ҷумҳуриҳои бародар вазифадор буданд, ки дар ин масъала асар эҷод намоянд. Махсусан, эҷоди достонҳои калонҳаҷм бо тараннуми дӯстии халқҳои бародар дар фатҳ кардани қуллаҳои дастнорас, ба воситаи даст ба даст гирифтани бародарони халқҳои як мамлакат бо номи Иттиҳоди Шӯравӣ расм шуда буд. Албатта, дар чанде аз осори Шанбезода, ки ба сохтмонҳои калони ҷумҳурӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми сохтмони сотсиалистӣ бахшида шудаанд, ин масъаларо дидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки ба ин маҳз муҳит ва сиёсати ондавраина сабаб шуда буд, чун таҳкими дӯстии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз талабҳои асосии таҳкими ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар масъалаи руҷӯи Шанбезода ба ин масъала ва ҳалли он ҳаминро гуфтан лозим аст, ки шоир дар ин самт низ тозагӯйиҳо дорад. Ӯ дӯстии миёни одамонро на дар он мебинад, ки сиёсати даврро пайгирӣ мекунанд, балки тараннуми он аз тарафи шоир самимона аст. Дар баробари шеърҳои ба воқеаҳову чорабиниҳои махсус бахшида, мисоли «Салом овардем» (барои бародарони қазоқ), «Зафар кардем мо» (бахшида ба 30 - солагии Ғалаба бар фашизм), «Байрақи дӯстии мо абадӣ ҷилвагар аст» (ба анҷумани XXV Партияи Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ) ва ғайра, шоир шеърҳои бикрро, ки саршор аз самимият ва бадеияти шеърӣ ҳастанд, дар мавзӯи дӯстӣ ба қалам овардааст.

Шоир дӯстии инсонҳоро «беҳтарин неъмат ба олам» ҳисоб мекунад ва онро «чашмаи оби ҳаёт» меномад:

Беҳтарин неъмат ба олам дӯстии халқҳост,
Меваи ин нахли боғи зиндагӣ сулҳу сафост...
Чашмаи оби бақои Хизр як афсона буд,
Дӯстии аҳли олам чашмаи оби бақост [7].

Маҳз аҳлона зиндагӣ кардан, дӯстона ҳаёт ба сар бурдан мақсад ва мафҳуми одамият аст, на чизи дигар. Душманӣ ба одамон танҳо сиёҳбахтӣ меораду халос. Шоир хитоб мекунад:

Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад,
Ғайр аз ин фикре агар гӯяд касе, фикри хатост...
Одамӣ аз душманӣ ғайр аз сияҳбахтӣ чӣ дид?
Ҷуз харобии ҷаҳон аз ҷанг чизе барнахост [7].

Маҳз дар хусуси ин гуна шеърҳои Шанбезода Ҳ. Қаландаров ба ин натиҷа мерасад, ки онҳо «пайвандгари наслҳо, қавмҳо ва қарнҳо» [6] мебошанд.

Таҳлили ашъори шоир, муқоисаи он ба даврони ҳаёташ шаҳодат медиҳад, ки дар баробари доштани истеъдод ва дониши баланди шеърӣ, муҳити зисти шоир низ дар эҷоди ашъори баландмазмун мусоидат карда ва мавқеи махсус доштааст. Ин масъаларо метавон бо суханони зерини муҳаққиқи адабиёти тоҷик Ш. Ҳусейнзода ҷамъбаст намуд, ки навиштааст: «…ҳар як тағйирот ва таҳаввулоте, ки дар таърихи ҳаёти ҷамъиятии мардумон падидор мешавад, боиси ба вуҷуд омадани маданияти нав, адабиёт ва шеъри нав мегардад. Мазмун ва шакли адабиёт – шеър низ дар ин марҳила аз ҳисоби анъанаҳои мутараққӣ ва таҷрибаҳои адабӣ-бадеии адабиёти ватанӣ ва адабиёти дигар халқҳо амиқ ва решадор, доманааш кушода ва фарох хоҳад шуд. Чунин ҳол шоирро водор месозад, ки на танҳо дар шакл ва сурати шеърӣ, балки ҳатто дар омезишҳои фикрӣ ва уфуқи андешаву хаёли худ низ роҳҳои тоза ҷустуҷӯ намояд» [4].

А Д А Б И Ё Т

1. Шанбезода Н. Ҳосили умр / Н. Шанбезода. - Душанбе, 2008. - С.175, 177, 240.
2. Ҳусейнзода Ш. Анъанаи ғазалсароӣ дар ашъори Айнӣ / Ш. Ҳусейнзода // Баҳс ва андеша. -

Душанбе, 1964. - С.169, 176.
3. Ҳусейнзода Ш. Сайри таҳаввул ва такомули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (аз асрҳои Х то ХУ) / Ш. Ҳусейнзода // Ҳабдаҳ мақола. - Душанбе: Ҳумо, 2007. - С.5-49.
4. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – С.289, 348.
5. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик - Душанбе, 1989. - С. 470.
6. Қаландаров Ҳ. Одамият дӯстона зиндагӣ кардан бувад // Дар кит. "Ҳосили умр". - Душанбе, 2008. - С.54-60.
7. Шанбезода Н. Тарози дил / Н. Шанбезода. - Душанбе: Ирфон. 1984. - С.299.

НОВАТОРСТВО НОДИРА ШАНБЕЗОДА В ЕГО ГАЗЕЛЯХ

В статье прослеживается проблема мастерства Нодира Шанбезаде в создании традиционного жанра таджикской поэзии - газель. Основные особенности газелей Шанбезаде заключаются в том, что он, продолжая идейно-художественные традиции классиков, в тоже время, обогащал их новыми темами и проблемами своего времени (советской жизни). Естественно, это новаторство заключается в современном видении традиционной тематики и включении новых тем и форм в газели.

Ключевые слова: Шанбезода, поэзия, газель, любовь, дружба, поэтические фигуры, новаторство, традиционная тематика.

INNOVATION NODIRA SHANBEZODA IN HIS GHAZALS

The article describes the talent of Nodir Shanbezoda in creating of the Tajik Poetry traditional genre – Gazal. The specific of the Nodir Shanbezoda's gazals is that besides continuation of the ideological – artistic aspects of the classical gazals, they consist from the topics and problems of the Poet life period (Soviet Union life). These innovation initiatives are based on the modern vision of the traditional themes with comprising of the new forms in the Gazels.

Key words: Shanbezoda**,** poetry, ghazal, love, friendship, poetic image, innovation, traditional theme.

Сведения об авторе: ***А. Абдулназаров*** – соискатель Института гуманитарных наук им.Б.Искандарова АН РТ.Телефон: **(+992) 93-406-08-04**

ТАВЗЕҲИ ҚИССАИ "МӮСО ВА ХИЗР" ДАР "ВАЛАДНОМА"-И СУЛТОН ВАЛАД

Юҷел Озяшар
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ

Мӯсо ва Хизр ду шахсияти машҳуре ҳастанд, ки дар бораи ҳуввияти воқеии онҳо андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Аммо мо ба ин масъала намепардозем, баҳси ин матлабро дар манобеу маҳоҷеъи дигар пайдо кардан мумкин аст [3, 870-876; 3, 332-336; 6, 2045; 7, 481; 1, 79-80; 2, 607-608]. Танҳо таъкид мекунем, ки манзури мо аз Мӯсо пайғомбари улулазмест, ки саргузашти пурнишебу фароз дорад ва Хизр ҳамонест, ки ба оби ҳаёт даст ёфту то рӯзи растохез умри ҷовидона пайдо кард. Ҳам Мӯсо ва ҳам Хизр аз ҷумлаи образҳои ҷовидонаи адабиёти мардумони форсизабон буда, аз роҳи асотир ва сарчашмаҳои динӣ вориди адабиёт шудаанд.

Вуруди Мӯсо ва Хизр ба адабиёт ҳам ба сурати ҷудогона ҳамчун образи бадеӣ (асои Мӯсо, яди байзоии Мӯсо) ва ҳам пайваста, дар қолаби қиссаи "Мӯсо ва Хизр" ба муносибатҳои гуногун зоҳир мешавад, ки манзури мо дар ин мабҳас ҳолати дувум аст. Агар ба манобеи адабию таърихӣ мурочиат бишавад, маълум мешавад, ки қиссаи "Мӯсо ва Хизр" бори аввал дар китоби "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ"" [9], ки бо дастури Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ (962-976) аз ҷониби гурӯҳи уламои Мовароуннаҳр аз арабӣ ба порсии дарӣ баргардон шудааст, ёд шудааст.

Номи Хизр дар Қуръон ба сурати ҷудогона наомадааст, аммо бино ба таҳқиқи Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ, "бисёре аз муфассирон мафҳуми ояи 65 сураи Каҳфро марбут ба ӯ дониста ва навиштаанд, Мӯсо ба талаби Хизр шуд, то аз ӯ илм биёмӯзад, зеро Худо ба ӯ ваҳй кард, ки ман дар замин бандае аз ту олимтар дорам ва номи ӯ Хизр аст" [3, 333]. Агар ба сураи мазкур дар Қуръон мурочиат бишавад, маълум

мешавад, ки ҳадиси Мӯсо ва Хизр дар 23 оят нақл шудааст. Яъне, қиссаи мазкур на фақат аз як ояти 65, балки аз оятҳои 60-82 ахз шудааст [4, 300-302].

Дарвоқеъ, вуруди қиссаи Мӯсо ва Хизр ба китоби “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”” ҳам ба оёти мазкури сураи Каҳф иртибот дорад. Маълум мешавад, ки бинобар аҳамияти махсус доштани қиссаи мавриди назар мутарҷимон салоҳ донистаанд, ки онро ба сурати қисса ҷудо аз матни аслии тарҷума пешниҳод бикунанд. Дар ин сурат матни қисса дар қиёс ба асли тарҷума, ки дар қолаби оятҳо зикр шудааст, муфассалтар мебошад [9, 368-372].

Мо дар ин ҷо мазмуни қиссаи мавриди назарро ба таври пурра нақл намекунем, чунки он бисёр машҳур аст, балки бо тартиби муайяне, ки қисса дар китоби “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ”” омада ва бо дастабандие, ки аз ҷониби мо сурат гирифтааст, ба муҳимтарин нукоти он ишора мекунем:

1. Муноҷоти Мӯсо ба даргоҳи Худованд ва пурсидан аз Ӯ, ки “ё Раб, ҳеч халқ туро ҳаст бар пушти замин аз ман донотар?”.

2 Посухи Парвардигор: “Ё Мӯсо, маро бандаест – номи ӯ Хизр, ӯ ба илм аз ту беш аст”.

3. Роҳнамоии Мӯсо ба ҷониби Хизр.

4. Баҳс перомуни паёмбар будан ё набудани Хизр.

5. Ёдоварӣ аз ду бандаи Худо, ки “бад-ин ҷаҳон андар ҳамебуванд зинда то он рӯз, ки ҳама ҷонварон ҷон биситонад, ин ду зиндаанд бад-ин ҷаҳон андар, он гоҳ ҷони эшон биситонанд”ва зикри масъулияти ҳар кадоми онҳо:

а) Хизр, ки ӯро Худованд “ба дарёҳо барбигумоштааст, ки ҳар касе, ки ба дарёҳо ғарқа шавад, ки аҷали вай ҳанӯз сипарӣ нашуда бошад, Хизр мар ӯро бигирад ва кишти (ки) ба дарё роҳ гум кунад, роҳ бад-ӯ намояд”;

б) Илёс, ки Худованд ӯро “муаккал кардааст бар хушкӣ, ки ҳар кас, ки андар хушкӣ роҳ гум кунад, Илёс варо ба роҳ боз барад. Ва агар касе ба биёбон андар бимирад, Илёс бар ӯ намоз кунад ва ба гӯр кунадаш” [9, 368-369].

Ин ду нафар то рӯзи бозпасин намемиранд ва ҳар сол дар мавсими ҳаҷ ба тавофи хонаи Каъба мераванд, ҳаҷ мекунанд, вале ҳеч кас онҳоро намешиносад ва онҳо низ худро ба ҳеҷ кас наменамоёнанд. Онҳо ҳар ду шаб ва рӯз бар умматони ҳазрати Муҳаммад (с) дуо мекунанду аз Худованди бузург омурзиши гуноҳкоронро мехоҳанд.

Хизр ва Илёс зинда ва дар замин мебошанд ва боз ду паёмбари мурсали дигар аз фарзандони Одам (а) ҳам ҳастанд, ки “ҳаргиз намиранд ва шабу рӯз бар бандагони Худо, азза ва ҷалла, дуо кунанд ва омурзиш хоҳанд”. Инҳо яке Исо ибни Марям (а) ва дигаре Идрис (а) ҳастанд. Худованд Исоро “ба осмон бурд то наздики хеш. Ва чун охири замон бувад, Исо бар замин боз ояд ва ҷаҳон рост кунад ва Яҷҷуҷ ва Маҷҷуҷ ва Даҷҷолро аз ин ҷаҳон берун кунад ва халқро аз азоби эшон бираҳонад ва худ ба осмон боз шавад”. Дар мавриди Идрис, “ки ҳеҷ паёмбар набуд дар он рӯзгор, ки Худойро ибодат кардӣ, чунон-к Идрис” хабар чунин аст, ки “ҳамчунин зинда аст ба осмон ва вай низ ҳам ба биҳишт андар аст” [9, 369].

6. Баёни қиссаи Хизр ва Мӯсо ибни Имрон:

а) ҳамроҳи Юшаъ ибни Нун - бо мақсади дарёфтани Хизр ва аз ӯ илм омӯхтан - ба сафар баромадани Мӯсо;

б) раҳнамоии Мӯсо ба самти Хизр (ҳадиси аз моҳӣ таом омода кардани Юшаъ, ба хоб рафтани Мӯсо ва Юшаъ, бар асари чакидани чакраи оби ҳаёт зинда гаштани моҳӣ, аз паси моҳӣ то ба мақомгоҳи Хизр расидан, Хизрро дар айни ибодат дарёфтан);

в) гуфтугӯйи миёни Мӯсову Хизр, байъати онҳо ва ҳуҷҷат гирифтани Хизр аз Мӯсо;

г) ҳамроҳии Хизр, Мӯсо, Юшаъ ва пеш омадани воқеоте, ки таҳаммул ва дарёфти маънии онҳоро надоштани Мӯсо: киштӣ дар дарё, ки онро Хизр сӯрох кард; дар миёни кӯдакон он як ғуломро куштани Хизр; девори хамгардидаро рост кардани Хизр.

7. Натиҷагирии Хизр аз воқеаҳо ва нопадид шуданаш. Ин бахш, ки шомили паёми аслии воқеаҳои марбут ба Хизр ва Мӯсо мебошад, айнан иқтибос мешавад: "Эдун гуфт (яъне, Хизр дар хитоб ба Мӯсо – Ю.Ӯ.), ки он киштӣ аз баҳри он сӯлох кардам, ки аз они гурӯҳе дарвешон буд, ки карда буданд бад-он дарё андар, то мар эшонро нафаҷа бошад ва он ҷо малике буд, ки ҳама киштиҳо ба ғасб бигрифтӣ ва мар он киштиро аз баҳри он сӯлох кардам, то айбнок гардад. Ва чун маъюб бувад, он малик онро настонад аз он дарвешон.

Ва он ғулом буд дузд ва роҳдор ва бадхислат ва падару модари хуб дошт ва нек ва падару модараш ҳама рӯз ҳаме дуо карданд, ки Худой моро халафе диҳад беҳтар аз ӯ ва Худой ҳоҷати эшонро раво кард ва ман ӯро бикуштам ва Худой мар эшонро халафе дод беҳтар аз ӯ.

Ва аммо он девори ду ятим буд ва андар зери он мар эшонро ганҷе буд ва Худои азза ва ҷалла чунон хост, ки он ганҷ бад-эшон расад ва ман он девор аз баҳри он буд, ки рост кардам". Пас, Хизр гуфт: "Ин аст таъвили он, ки ту бад-он сабр натвонистӣ кард".

Ва чун Хизр ин бигуфт, ҳамон гоҳ аз пеши Мӯсо нопадид шуд ва Мӯсо ӯро андар наёфт, ҳарчанд талаб кардаш" [9, 371-372].

Кулли ёдовариҳо ва ишораҳое, ки дар адабиёт марбут ба қиссаи "Мӯсо ва Хизр" ҳастанд, асосан фарогири мазмунҳои ёдшуда ҳастанд. Аммо тариқи муроҷиат, бархурд ва ғарази адибон аз зикри ин қисса, ки бар мабнои ҳикмати илоҳӣ тарҳрезӣ шудааст, яксон нест. Месазад, ки масъалаи мазкур дар саросари адабиёти форсӣ ҷустуҷӯ гардида, дар доираи мавзӯи ҷудогонаи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор бигирад. Мо танҳо бар онем, ки бо муайян кардани самти таваҷҷуҳи Мавлоно Ҷалолуддин ба қиссаи мазкур дар "Маснавии маънавӣ" тавзеҳи онро аз ҷониби мусаннифи "Валаднома" баррасӣ бикунем.

Аз мутолиаи "Маснавии маънавӣ" ва табақабандии мавзӯоти марбут ба қиссаи мавриди назар дар ин асари мондагор ва муқоисаи он бо матолиби мастур дар "Валаднома" чунин натиҷа ба даст меояд, ки Мавлоно Ҷалолиддин ба шахсияти Мӯсо беш аз Валад таваҷҷуҳ зоҳир карда ва қиссаҳои марбут ба вайро шурӯъ аз дафтари дувум ва севуму чаҳоруми "Маснавӣ" беш аз бисту панҷ маврид ба гунае ба риштаи назм кашидааст, ки чеҳраи комили ҳазрати Мӯсо (а)-ро аз хилоли мутун дарёфтан мумкин аст [5, 220, 236, 237, 238, 239, 242-243, 245-246, 299, 301-302, 400, 405-406, 408, 411, 412, 416, 418, 433]. Мавлоно қиссаи ҳазрати Мӯсоро агарчи ба сурати мустақим аз воқеаи "хоб дидани Фиръавн Мӯсоро алайҳи-с-салом ва тадорук андешидан" оғоз мекунад, қабл аз он фасли ҷудогонае дорад, ки "Амри Ҳақ(қ) таъоло ба Мӯсо алайҳи-с-салом, ки маро ба даҳоне хон, ки бад-он даҳон гуноҳ накардаӣ" ном дорад. Аз унвони ин фасл ва муҳтавои он, ки хеле мухтасар аст, маълум мешавад, ки манзури Мавлоно аз Мӯсову қиссаҳои марбут ба вай, қабл аз ҳама, ҷанбаҳои маънавию рӯҳонии воқеаҳо мебошад. Масалан, дар фасли мазкур, ки пас аз ишора ба афзалияти дами хуш доштан ҳангоми дуо омадааст, таъкид мешавад, ки пок кардани даҳон натиҷаи чолоку чобук кардани рӯҳро ба миён меоварад. Гузашта аз ин

Чун дарояд номи пок андар даҳон,
На палидӣ монаду на андуҳон [5, 220].

Дар қиссаҳои вобаста ба Мӯсову Фиръавн манзур аз аввалӣ ақл ва дувумӣ ваҳм аст. Мӯсо ҳамеша соҳиби ақл ва рафтори вай дар ростои андешаву ақлонӣ буда, дар

муқобили ӯ Фиръавн қарор мегирад, ки соҳиби ваҳм ва ҳамеша андешаманду ваҳмзада аз ҳастии Мӯсо аст. Дар миёни қиссаҳои марбут ба Мӯсо, ки дар муқобили Фиръавн қарор мегирад, якчанд фаслҳои дигар ҳам ба чашм мехӯранд, ки ғарази гӯянда аз овардани онҳо таъкид ва тасдиқи ин ё он андешаҳои ахлоқие мебошад, ки дар доираи масъалаи маърифати ҳақиқати кулл ба ҳам меоянд.

Мусаннифи "Маснавӣ" аз қиссаи Мӯсову Хизр ба сурати бахшбандие, ки хосси матолиби китоб аст, танҳо дар як фасл ёд кардааст, ки он бахш ҳам хеле мухтасар аст. Ин фасл чунин унвон дорад: "Сирри талаб кардани Мӯсо Хизрро алайҳи-с-салом бо камоли нубувват ва қурбат" [5, 265]. Аз мазмуни фишурдаи матни мазкур маълум мешавад, ки Мавлоно ин қисса ва рамзу розҳои ниҳон дар онро бепоён ҳисобида, фақат ба масъалаҳои зерин ишора кардааст, ки ин ҳама, дар маҷмӯъ, сирри дар талаби Хизр иқдом намудани Мӯсоро менамоёнад: муштоқи ҳақиқат будани Калими Ҳақ(қ), сарфи назар аз ҷоҳу ҷалоли пайғомбарӣ аз худбинӣ барӣ будани ҳазрати Мӯсо, саргаштагии ҳамешагӣ "дар пайи некӯпайӣ", растагорӣ аз хавфу риҷо, паридан ба парру боли худ, ишқи ҷононро кам аз ишқи нон надонистан. Аз ин ҷо сабаби муроҷиати Султон Валад ба қиссаи Мӯсо ва Хизрро дар "Валаднома" пай бурдан мумкин аст. Яъне, Валад хостааст, ки матолиби алоқаманд ба қиссаи мазкурро, ки падараш - шояд ба сабаби қиссаи маъруф будани он - хеле мухтасар ва ба таври гузаро аз он ёд кардааст, ба сурати нисбатан муфассал тавзеҳ бидиҳад. Аммо ғарази аслии муроҷиати Валад таъкиди дарёфти муштаракоте миёни Мӯсо ва Ҷалолуддин аз як тараф, Хизр ва Шамси Табрезӣ, аз ҷониби дигар мебошад, ки дар ин бора баъдтар таваҷҷуҳ мешавад.

Гузашта аз ин, Мавлоно дар хилоли фаслҳои дигари "Маснавӣ" ҳам ба қиссаи Мӯсову Хизр ручӯъ кардаву маъниҳои маъхуз аз муносиботи миёни он дуро таъкид кардааст. Масалан, дар мавриди таъкиди мазмуни тақарруб ҷустан ба суҳбати бандаи хосси Худованд, бо таваҷҷуҳ ба қиссаи мавриди назар, ба чунин тамсил дучор мешавем:

Чун гирифтат пир, ҳин, таслим шав,
Ҳамчу Мӯсо зери ҳукми Хизр рав.
Сабр кун бар кори Хизре бенифоқ,
То нагӯяд Хизр: "Рав, ҳозо фироқ".
Гарчи киштӣ бишканад, ту дам мазан,
Гарчи тифлеро кушад, ту мӯ макан.
Дасти ӯро Ҳақ(қ) чу дасти хеш хонд,
То "яд-ул-Лоҳ фавқа айдиҳим" биронд.
Дасти Ҳақ(қ) миронадаш, зинда-ш кунад,
Зинда чӣ бвад? Ҷони поянда-ш кунад.
Ҳар кӣ танҳо, нодиро, ин раҳ бурид,
Ҳам ба авни ҳиммати пирон расид.
Дасти пир аз ғоибон кӯтоҳ нест,
Дасти ӯ ҷуз қабзаи Аллоҳ нест... [5, 91-92].

Чунонки аз мазмуни ин байтҳо маълум мешавад, дар ин ҷо, қабл аз ҳама, матлаби итоат ба пир таъкид шудааст, ки ин маънӣ дар роҳи шинохти ҳақиқат бисёр муҳим ба ҳисоб меравад.

Қабл аз он ки қиссаи "Мӯсо ва Хизр" ва тавзеҳи онро аз назари муаллифи "Валаднома" ҷустуҷӯ бикунем, ба сабаби таваҷҷуҳи зиёди сӯфиёну орифон ба қиссаи мазкур ишора мекунем. Якум, ин ки сӯфиёну орифон Мӯсо ва Хизрро дар зумраи авлиё шумурдаанд. Дуюм, чунонки Ёҳақӣ ишора дорад, ба назари орифон "Хизр намунаи ишқ ва Мӯсо мазҳари ақл аст, ки дар ҳамсафарии Хизр нотавон омад; оби

ҳаёт дар даруни зулмат ҷой дорад ва Хизр, ки пири тариқату зиндаи ҷовид аст, соликро ба он роҳ менамояд” [3, 333].

Баргардем ба тавзеҳоти соҳиби “Валаднома”. Султон Валад бори аввал замоне аз ҳазрати Мӯсо (а) ёд мекунад, ки масъалаи мухотабони хос доштани анбиёро ба миён мегузорад. Дар ҳамин маврид барои исботи муносибати миёни анбиёву авлиё ба чунин суханҳо мутаваҷҷеҳ мешавем:

Авлиёро Калим ҷӯён буд,
Пайи эшон ҳамеша пӯён буд.
Ҳар саҳаргаҳ ба нола аз Яздон,
Хостӣ ӯ лиқои он мардон.
Оқибат чун дуош гашт қабул,
Хизрро ёфт, шуд амал ба ҳусул [8, 29].

Баъд аз ин хабар, бевосита, фасле оғоз мешавад, ки “Шукр кардани Мӯсо Худоро, ки дуош қабул гашт ва Хизрро (алайҳи-с-салом) дарёфт” ном дорад. Идомаи самти таваҷҷуҳи соҳиби “Валаднома”-ро ба қиссаи мавриди назар дар фаслҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст: “Ҷавоби Хизр Мӯсоро, алайҳи-с-салом, ки чун мулоқоти ман мақдури ту шуд, акнун бозгарду пеши уммати худ рав...”, “Боз истиғфор кардани Мӯсо, алайҳи-с-салом ва қабул кардани тавбаи ӯро Хизр, алайҳи-с-салом”, “Боз руҷӯъ кардан ба қиссаи ҳазрати Мӯсо”. Дар ниҳоят таҳти унвони “Дар баёни он, ки чунонки Мӯсо (а) бо қуввати нубуввату азамати рисолат ҷӯёи Хизр (а) гашта буд, Мавлоно (қаддаса-л-Лоҳу сирраҳу-л-ъазиз) бо вуҷуди чандин фазоилу хисол ва мақомоту каромот ва анвору асрор, ки дар давру таври худ беназир буду масал надошт, толиби Шамсиддини Табрезӣ (қ.с.а.) гашта буд” фасле меояд, ки он ба шахсияти маънавии Ҷалолуддин иртибот дорад.

Аз мазмуни фаслҳои мазкур маълум мешавад, ки Валад ба нақли мазмуни қисса аз дидгоҳи тамоман дигар мепардозад. Барои ӯ муҳим хатти сужети мустақим нест, вай нахуст масъалагузорӣ мекунад, сонӣ ба ҷойҳои муҳимми қисса муроҷиат мекунад, ки дар охир ҳар кадом бо натиҷагирӣ ҷамъбаст мешавад. Сухан вақте дар баёни тавзеҳу ташреҳ гиреҳ мехӯрад, ки Валад муносибати худро ба асли қисса ва ғараз аз зикри он баён мекунад. Манзури мо ҳам ҳамин матлаби охир аст, ки дар идома ба он пардохта мешавад.

Тавзеҳи қиссаи “Мӯсо ва Хизр”, тибқи мабоҳиси мундариҷ дар “Валаднома”, қабл аз ҳама, чунин аст, ки манзури Валад аз Калим, яъне ҳазрати Мӯсо дар ҳама маврид Мавлоно Ҷалолуддин аст. Ба ин маънӣ худи Валад чунин фармудааст:

Ғаразам аз Калим Мавлоност,
Он, ки ӯ беназиру беҳамтост.
Он, ки чун ӯ набуд кас ба ҷаҳон,
Он, ки буд аз ҷаҳон ҳамеша ҷаҳон... [8, 52].

Ин сухан замоне ироа шудааст, ки Валад маҷмӯи гуфторҳои хешро дар бораи қиссаи “Мӯсо ва Хизр” ҷамъбаст менамояд. Яъне, ҳама рамзу розҳое, ки дар иртибот ба Мӯсо дар “Валаднома” баён гардидаанд, ба назари Валад, ба шахсият ва зиндагии Мавлоно Ҷалолуддин ҳамхон ҳастанд. Дар қиёс ба Мӯсо ва Ҷалолуддин ғарази Валад аз зикри Хизр шахсияти Шамси Табрезӣ мебошад. Дар ин хусус айни сухани Валад чунин аст:

Хизр-ш буд (?)Шамси Табрезӣ,
Он, ки бо ӯ агар даромезӣ,
Ҳеч касро ба як ҷаве нахарӣ,
Пардаҳои зуломро бидарӣ.
Он, ки аз махфиён ниҳон буд ӯ,
Хусрави ҷумла восилон буд ӯ [8, 53].

Дарвоқеъ, агар зоҳиран ҳам таваҷҷуҳ бишавад, маълум мешавад, ки манзараи дидору қилу қоли Мавлоно Ҷалолуддин бо Шамси Табрезӣ ва ғоиб шудани вай ба дидору мулоқоти Мӯсо бо Хизр ва ногаҳон нопадид шудани ӯ шабоҳат дорад. Ба назари мо, ин монандии зоҳир аз нигоҳи ботин ҳам ҳомили маънии хос ва рамзогин мебошад, ки дар ин хусус ковишҳои ҷудогона лозим аст. Аммо, мушкилии асосӣ дар муносибати Мӯсо ва Хизр ба таъйини масъалаи масъулият ва диди ҳар кадом бастагӣ дорад, чунки онҳо рисолоти ҷудогонаро бар уҳда доранд.

Бозтоби ҳамин ҷиҳати масъаларо агар аз нигоҳи Мавлоно Ҷалолуддин бисанҷем, маълум мешавад, ки манзури ӯ аз зикри Мӯсо ва Хизр чизи дигар аст, ки аз бардоштҳои Валад фарқ дорад. Масалан, барои намоёнидани назари соҳиби “Маснавии маънавӣ” чунин суол мегузорем: сабаби номуносиб намудани афъоли Хизр назди Мӯсо дар чист? Ба ин пурсиш аз “Маснавии маънавӣ” посух дарёфтан мумкин аст. Дар фасле таҳти унвони “Оғози мунаввар шудани ориф ба нури ғайббин”, ки дар дафтари дуюм омадааст, ба чунин сатрҳо дучор мешавем:

...Чун муносибҳои афъоли Хизир
Ақли Мӯсо буд дар дидаш кадир.
Номуносиб менамуд афъоли ӯ,
Пеши Мӯсо чун набудаш ҳоли ӯ.
Ақли Мӯсо чун шавад дар ғайб банд,
Ақли мушӣ худ кӣ аст, эй арҷманд?
Илми тақлидӣ бувад баҳри фурӯхт,
Чун биёбад муштарӣ, хуш барфурӯхт.
Муштарии илми таҳқиқӣ Ҳақ(қ) аст,
Доиман бозори ӯ боравнақ аст... [5, 199].

Чунонки аз мазмуни байтҳои боло маълум мешавад, ба назари соҳиби “Маснавии маънавӣ”, Хизр, ки дар мақоми ориф қарор дорад, соҳиби нури ғайббин аст. Дигар ин, ки Хизр ҳамчун ориф соҳиби ҳол аст, дар қиёс ба вай Мӯсо дар итоати ақл қарор дорад. Ин ҷо масъалаи ақл ва ишқ ба миён меояд, ки дар роҳи маърифати ҳақиқати кулл ишқ болотар аз ақл қарор мегирад. Се дигар ин, ки Хизр дар муқоиса бо Мӯсо молики илми таҳқиқӣ аст, ки дар муқобили илми тақлидӣ қарор дорад.

Дар мавриди таъйини масъалаи масъулият ва диди Мӯсо ва Хизр назари Валад чунин аст, ки ҳар ду масъулияти бузургеро бар уҳда доранд ва ҳамин масъулият аст, ки байнашон фарқ гузошта мешавад. Агарчи ҳар ду аз як манбаи файёз баҳраманд ҳастанд, дараҷаи огоҳӣ ва шинохти онҳо мутафовит аст. Хизр дар кори худ огоҳтару далели роҳ аст, ҳамчунон ки Шамси Табрезӣ дар қиёс ба Мавлоно Ҷалолуддин. Халқи гумроҳро ба роҳ овардан ва ба сӯйи Худованд хондан, ҷумла халқро аз нори ҷаҳим раҳонидану ба садри наъим расонидан, ки подоши ин ҳама дарёфтани савоб ва аҷри беҳаду ҳисоб аз Ҳақ(қ) аст, аз ҷумлаи муҳимтарин масъулияти Мӯсо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, агар ба тавзеҳоти Валад бо таваҷҷуҳ ба ҳамоҳангие, ки вай миёни Калим ва Ҷалолуддин пайдо кардааст, бинигарем, маълум мешавад, ки соҳиби “Валаднома” аз оғози дар дили Мӯсо пайдо шудани майли дидор бо Хизр то ба анҷоми мулоқоти онҳо марҳалаҳои камолоти маънавии падари хешро дар назар дорад. Масалан, расидан ба мабдаи файёз ва баҳрамандӣ аз файзи суҳбат дар мисоли ҳузуру мулоқоти Мӯсо бо Хизр чунин баён шудааст, ки дар айни замон манзараи мулоқоти нахустини Ҷалолуддинро бо Шамс ба хотир меорад:

Он чи меҷуст аз Худои вадуд,
Дар сухан ҷумларо ба вай бинмуд.
Сад чунон шуд, ки буд зи суҳбати ӯ,

Дили бастааш равона гашт чу ҷӯ.
Ҷӯ чӣ бошад, ки шуд яке дарё?!
Дар садаф гашт дурри беҳамто [8, 29].

Ин ҷо суоле пеш меояд, ки дар ниҳояти мулоқот аз Хизр ба Мӯсо чӣ расид? Дар идомаи сухани Валад пай бурдан мумкин аст, ки файзи суҳбатеро, ки Мӯсо дар натиҷаи мулоқот бо Хизр пайдо кард, ба қалам овардан номумкин аст, бори маърифатии он дар қолаби сухан намегунҷад:

Дур(р) чиву баҳр чӣ, чӣ гуфтам ман?!
Он чи ӯ шуд, маҷӯ зи роҳи сухан! [8, 29].

Ин андеша тимсоли он аст, ки ҷаҳони маънавии Мавлоно Ҷалолуддин пас аз мулоқот бо Шамси Табрезӣ ба дараҷае тағйир пазируфтааст, ки дар қолаби баён намегунҷад ва, дарвоқеъ, дар асл ҳам ҳамчунин аст. Дар ин масъала ҷойи баҳс намемонад. Ҳамчунин, масти бе ҷому бе шароб будани Мӯсо ҳам ба ҳамин масъала вобастагӣ дорад.

Валад дар тавзеҳи се амале, ки аз Хизр сар мезанаду Мӯсо ба ҳикмати он амалҳо пай намебарад, ба сурати ҷудогона таваккуф мекунад. Таъвили ӯ аз ин амалҳо айни матлабест, ки дар китоби “Тарҷумаи “Тафсири табарӣ”” дарҷ шуда ва мо онро дар боло нақл кардем. Ба назари Валад, пойбандӣ ба зоҳири ҳодисот аст, ки Калимро аз вуруд ба олами маънавии Хизр бозмедорад. Дигар ин, ки бозгӯйи сирри амалҳои мавриди назар маънии баёни ҳақиқати ҳодисоту воқеоти муайянеро дорад, ки дарки он на ба ҳар кас муяссар аст. Маърифати сирри дунё ва он чи дар дунёст аз ҷониби инсон ба суратест, ки ҳамчун ризқ аз ҷониби Офаридгор муайян шудааст. Аз ин ҷост, ки Хизр дар хитоб ба Мӯсо чунин мегӯяд:

Нест бо ту маро дигар суҳбат,
Ин қадар буд аз Худо ризқат [8, 50].

Таъкиди ниҳоии Хизр дар хитоб ба Мӯсо чунин садо медиҳад, ки намоёнгари мавҷудияти зинае болотар аз мулоқоти мабдаи файёз дар роҳи шинохт мебошад:

Сирри он ҳар серо чу гуфт бад-ӯ,
Гуфт: “Моро биҳил, Худоро ҷӯ” [8, 51].

Ҳамин тавр, аз тавзеҳот ва натиҷагириҳои Валад аз баёни қиссаи “Мӯсо ва Хизр” чунин ҳақиқат ошкор мешавад, ки ғарази аслии вай аз зикри ин қисса таъйин ва таъкиди мақоми Мавлоно Ҷалолуддин дар роҳи маърифат ва худшиносӣ мебошад. Дар кулли гуфторҳои алоқаманд ба қиссаи мазкур манзури Султон Валад аз Мӯсо ва Хизр Мавлоно Ҷалолуддину Шамси Табрезӣ ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома Шумораи мусалсали 140. Шумораи ҳарфи “хе”: 6 / Деҳхудо Алиакбар; зери назари доктор Муҳаммади Муъин. - Теҳрон, 1348. - 1019 с.
2. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома. Шумораи мусалсали 220. Шумораи ҳарфи “мим”, бахши дувум / Деҳхудо Алиакбар; зери назари доктор Муҳаммади Муъин, дуктур Сайидҷаъфари Шаҳидӣ. - Теҳрон: Чопи Сирус, бе таъ. - 336 с.
3. Ёҳақӣ Муҳаммад Ҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Ёҳақӣ Муҳаммад Ҷаъфар. - Теҳрон, 1386. - 968 с.
4. Қуръони карим. Ҳамроҳ бо тарҷума, тавзеҳот, вожанома. Чопи сеюм / мутарҷим Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. - Теҳрон, 1376. - 902 с.
5. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. (Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар) / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ; таҳия, танзим ва баргардони матн: Баҳриддин Ализода (Алавӣ), Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. - Теҳрон, 1379 ҳ. = 2001 м. - 728 с.
6. Муъин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ (мутавассит). (Эълом) / Муъин Муҳаммад. - Теҳрон: Амири кабир, 1375. - Ҷ.5. - 1229 с.
7. Муъин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ (мутавассит). (Эълом) / Муъин Муҳаммад. - Теҳрон: Амири кабир, 1375. - Ҷ.6. - 1230-2351 с.
8. Султон Валад Муҳаммад ибни Муҳаммад. Валаднома / Султон Валад Муҳаммад ибни Муҳаммад; бо муқаддимаи Фаршед Иқбол. - Теҳрон: Иқбол, 1388. - 532 с.

9. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ (дар як китоб ва ҳафт муҷаллад) / таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов [ва дигарон]. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 822 с.

ОБЪЯСНЕНИЕ СКАЗАНИЯ «МУСА И ХИЗР» В «ВАЛАД-НАМЕ» СУЛТОНА ВАЛАДА

В статье рассматривается проблема объяснения сказания «Муса и Хизр» на основе постулатов, выраженных Султоном Валадом в его «Валад-наме». С точки зрения Мавлана Джалолиддин Балхии Руми, которая выражена в его "Маснавии ма'нави", Хизр является «вали» 'приближенным к Богу' и обладателем таких высоких качеств, как сокровенное сияние, положение и изыскательское науки. В сравнения с Хизром, Мусо думает разумно и является обладателем подражательной науки. Однако Валад под образом Мусо подразумевает своего отца – Мавлана Джалолиддина, а в образе Хизр Шамса Табризи, выводит духовного учителя Джалолиддина Руми. Цель Султан Валад в объяснении сказания «Муса и Хизр» даст определение и подтверждению места Мавлоно Джалолиддина на пути познания и самосознания.

Ключевые слова: Джалолиддин Балхии Руми, Султон Валад, «Валад-наме», Муса, Хизр, сказание,предание, объяснение.

EXPLANATION STORY «MUSA AND KHIZR» IN «VALADNAME» BY SULTAN VAL AD

The Present article considers to explanation story «Musa and Khizr» problem at the base of postulates, expressed by Sultan Valad in his «Valadname».The author compares "Khizr" and Muso and gives his own conclusions that Sultan Val ad's aim in the explanation story Musa and Khizr» is determining Mavlono Jaloliddin's place on the way to cognition and self consciousness

Key words: Jaloliddin Balkhii Rumi, Sultan Val ad, Valadname, Musa, Khizr, story, explanation.

Сведения об авторе: ***Юджел Озяшар*** - соискатель ТГПУ им. С. Айни. Телефон**: (+992) 917-64-88-22**

ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСӢ - ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҲИНДУСТОН ДАР РОМАНИ "АЙВОНИ ҒАЗАЛ"-И ҶИЛОНИ БОНУ

М. Амиршоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Интишори романи бузурге бо номи "Давраи зулм" (1976) номи муаллифи он Ҷилони Бонуро машҳуру сари забонҳо кард. Маҳз бо шарофати ин роман Ҷилони Бону дар адабиёти урду ҳамчун адибаи соҳибсабку дорои услуби хос шинохта шуд. Роман бозтобдиҳандаи давраву вазъияти муайяне аз таърихи кишвар аст, ки ҳамзамон масъалаҳои муҳимми рӯзро фарогир аст. Шояд яке аз ҷанбаҳои арзишманди асар ҳам дар ҳамин бошад. Бори аввал ин асар бо номи "Давраи зулм" пешниҳод гардид, вале бо сабаби авзои мураккаби сиёсӣ мақомоти дахлдор (сензура) дар ивази номи он исрор карданд. Ҳамин тавр роман бо номи "Айвони ғазал" манзури хонандагон гардид ва нависандаи худро сазовори мукофоти "Ғолиб"* гардонид. Аслан дар роман даврони пешазозодӣ ва баъди озодӣ, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҳайдаробод ва проблемаҳои думболагири он тасвир ёфтааст. Зимни мутолиаи ин асар, қабл аз ҳама, ҳунари нависандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва фаҳмиши сиёсию иҷтимоии Ҷилони Бону пеши назар ҳувайдо мешавад. Яке аз мавзӯъҳои асар зикри давраи пайдоишу заволи табақаи феодалон (дарбор), мардуми одӣ ва тасвири зиндагии дарборӣ ва масҳари фаъолияту кори шоирону маддоҳони дарбор аст.

Мавзӯи дигаре, ки таваҷҷуҳи адибаро ба худ машғул дошта, вазъи занон, мавқеияти иҷтимоии эшон, заифиву нотавонӣ, побандии мазҳабию фиребгарӣ, фарсудагии расму ойин, омезиши маданияту дин, маданияти наву фарҳанги куҳна, носозгориҳои динӣ, истеъмори бераҳмонаи камбағалону деҳқонон мебошад. Муборизa бар зидди ғуломдорӣ, пайдо шудани қувваи нави мубориз ва шӯришу ҳаракатҳои онҳо дар ин роман инъикоси воқеии худро ёфтаанд. Ҷилони Бону ба тарзи равшан собит месозад, ки ба давраи гузашта рағбате надошта, аз низоми феодалӣ низ вобастагие надорад. Номбурда тавассути навиштаҳояш дар асл ба муқобили ҷабру зулм мебарояд ва мавқеияти сиёсии хешро иброз медорад.

"Айвони ғазал" дар асл, як романи фарҳангӣ ва иҷтимоист, ки дар он пеш аз ҳама, заволи ҳукумати Ҳайдаробод нишон дода шудааст. Нависанда дар роман

* Мукофоти ғолиб аз тарафи акдемияи адабиёти Ҳиндустон таъсис гардидааст, ки ба беҳтарин асарҳо мукофотонида мешавад.

чеҳраи зоҳирии табақаи феодалонро тасвир накардааст, балки саҳнаҳои зиндагии дохилии онҳо ва масъалаҳои мавҷуд дар низоми онро ҳақиқатнигорона инъикос кардааст.

Мусаллам аст, ки вазъи иқтисодиву фарҳангии ҳар ҷомеа аз вазъи сиёсии он вобаста аст. Сохти феодалии Ҳайдаробод, ки дар замони мавриди назар таназзул ёфта буд, бидуни шак таъсири манфии худро ба ҳаёти фарҳангии ҷомеа мерасонид.

Воҳид Ҳусайн ва Аҳмад Ҳусайн намояндагони охирини дарбори феодалии Ҳайдарободанд, ки онҳо қаҳрамонҳои асосии ин роман маҳсуб мешаванд. Низоми феодалии Ҳайдаробод ва масири таназзулу вожгунии он дар хатти ин достон ниҳоят ҳунармандона бозтоб шудааст. Аз як сӯ, низом дар ҳоли завол аст ва аз сӯйи дигар ба бақои тамоми масоили фарҳангӣ аз ҳаракатҳои сиёсиву ҷамъиятӣ вобаста аст.

Воҳид Ҳусайн ва Аҳмад Ҳусайн намояндагони охирини ин сохторанд. Дар дохили ин сохтори феодалии Ҳайдаробод тамоми рафтору хусусиятҳои ба ин табақа хос, ба мисли шеъру шоирӣ, зебопарастӣ, айшпарастӣ, зоҳирпарастӣ ва ғайра арзи вуҷуд доштанд. Ҳаракатҳои тезутунд ва муносибатҳои нобасомон вақти анҷоми ин ҷамъиятро муайян менамуданд.

Дар “Айвони ғазал” саҳми занҳо дар ҷомеа ва ҳолату мушкилоти вазъияти онҳо хуб ба қалам дода шудааст. Дар асар зимни тасвири муносибатҳои феодалон-табақаи болоӣ ва зиндагии табақаи поёнӣ, махсусан мушкилоту вазъи тоқатшикани онҳо воқеъбинона тавсиф шудааст. Ногуфта намонад, ки дар ин қисмат, махсусан, ҷаҳони ботинии занҳо, эҳсосоту хайрхоҳӣ, мушкилот ва андешаҳои пурпечи равонии онҳо ниҳоят зебо ва дилчасп мунъакис гардидааст.

Дар ин сохтор занҳо ҳамчун махлуқи безабон тасвир шудаанд. Онҳоро маҳз барои айшу ишрат истифода мебурданд. Занон бо хомӯшӣ, заҳри зиндагиро менӯшиданд. Ҷилони Бону барои тавсифи вазъи риққатбори занон ташбеҳоти зеҳннишине пайдо мекунад. Аз нигоҳи ӯ, ин занҳои мазлум мисли кафтаронанд, ки ҳамеша тарсхӯрда, мутеъ, садо мекунанд ва мунтазири бахшишу омурзишанд, барои гуноҳҳои нокарда. Намунаи чунин зани мазлум Батулбегим аст, ки аз шавҳар доим латукӯб мехӯрад. Ва боз он золим аст, ки қисми нимҷони латхӯрдаро ба оғӯш мегирад, то ин ки занҳои ҷавон вориди хона мегарданд, пас аз вуруди чеҳраҳои тоза оташи қалби онҳо нисбати занҳои пешин хомӯш гардида, онҳоро аз худ канор мезаданд. Баъзан чунин духтарон ба мисли Қайсар алайҳи расму ойини куҳан исён мебардоштанд, лекин аз тарафи хоҷагони худ ҷазои сахт медиданд.

Дар ҷомеаи феодалӣ ду ва ё се зан доштан марсум буд. Ғайр аз ин маъшуқа низ доштанд, ки ин боиси фахр дониста мешуд. Пеш аз оиладор шудан ва баъд аз он ба беморию маъюбӣ низ аҳамият дода мешуд.

Дар қиёс бо занҳои “Айвони ғазал” вазъияти занҳои берун аз дарбор сангинтар аст. Ҳуқуқҳои маҳдуде доранд, вазъи вазнину сангини рӯзгор нафасгирашон намуда, хоҳиши фирор доранд, аз мушкилотҳои зиндагӣ ба танг омадаанд. Натиҷа ин аст, ки гурӯҳе даст ба худкушӣ мезананд то бо хоби абад хешро аз чанги мушкилот раҳо созанд.

Ҷилони Бону воқеияти ифротомези расму анъана ва муносибати риёкоронаи диндоронро дар ҳалли мушкилоти занон ҳақиқатнигорона тасвир кардааст. Масалан, дар роман омадааст:

“Андешаи бепаноҳӣ занҳои Мискин Алишоҳро ба ташвиш оварда буд..... духтароне буданд, ки новобаста аз ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ баъзан аз дидани акси Мискин Алишоҳ эҳсоси тарсу ваҳшат мекарданд. Ҳолати онҳо шабеҳи вазъи турманҳо (турман- навъи кабутар) буд [4, 15].

Қаҳрамони дигари “Айвони ғазал” Алиф Лайлӣ мебошад, ки мухолифи хонаводаи Ҳайдаралихон аст. Ӯ аз фарҳанги Ғарб намояндагӣ мекунад. Дар маҳфилу хилватгаҳи Алиф Лайлӣ занҳо озоданд, бо мардон шароб менӯшанд, ҳамроҳи онҳо ба клуб мераванд. Дар ҳавз шино мекунанд. Савори киштиҳо мегарданд. Хуллас, бо мардон гарми сухбату муоширатанд. Ҳамаи ин аъмол барояшон мояи ифтихор аст. Фарҳанги ғарбӣ истисмори наврасонро манъ намуда буд.

Муаллиф дар асар шеърхонии феодалон ва таҳаввули тадриҷии авзои сиёсии замони зиндагии занҳои табақаи болоӣ, олимону нависандагонро бо лаҳни дардмандона нишон медиҳад. Ҳадаф аз ин бахши роман аз як тараф нишон додани расму анъанаҳои маҳфилҳои феодалон ва саҳми занҳо мебошад ва аз ҷониби дигар

нависанда ниҳоят борикбинона шеваҳои истисмори занонро бо усули фарҳанги ғарбӣ нишон медиҳад.

Ҷолиби диққат аст, ки занҳо ва духтарони табақаи поёнӣ дар қиёс бо вазъияти волидайни хеш, ҳолу ҳавои маишиву иҷтимоии беҳтаре надоштанд. Онҳо дар қасрҳо ба сифати маъшуқа нигоҳ дошта мешуданд. Онҳоро ба ҳар кору бори хона низ кор мефармуданд.

“Резидентро маҳкум намуданд, ки дар ҳарамсаройи ҷаноб бо занҳо зулму ситами зиёд дода мешаванд, он гоҳ ин гуна зулму ситам раво буд. Дар он давр қоида буд, ки ҳамаи навобон барои дилхушкунӣ духтарони зеборо ба қаср меоварданд. Духтарони камбағалро аз падару модар ҷудо мекарданд ва волидайни онҳо бошанд, аз гуруснагӣ дар ҳар гӯша ҷон медоданд, ё ин ки духтарҳо ба ягон шахси ҷоҳилу разил оиладор мешуданд. Аммо, дар қасрҳо онҳоро утоқҳои зебо интизор буд. Падару модари он духтарон бо бахшишҳои гуногун зиндагии хешро зебо менамуданд, барои ҳамин ҳам онҳо мехостанд, ки духтарҳояшонро бештар ба қаср ворид кунанд” [4, 56].

Нависанда маҳфилу мушоираҳои феодалонро, дар хонаҳо, клубҳо, театрҳо ва маконҳои махсус, саҳнаҳои нохушоянди истифодаи занҳоро бе ягон тахайюлу муболиға, ҳақиқатнигорона инъикос намудааст.

Хатти сайри мавзӯи роман гувоҳ бар ин аст, ки аз як тараф зулму золимӣ ба авҷ расида ва аз ҷониби дигар дар синаи ҷомеа ба муқобили низоми истисморгари дохилӣ шӯрише дар ҳоли зуҳур аст. Ҳамчунин равшан мегардад, ки ивазшавии сохтор низ тақозои давру замон аст. Ин ҷо ҳолати шӯриши занҳоро адиба муфассал баён мекунад, ки дар ҳаракатҳои оммавии инқилобӣ шомил шуда, барои хотима бахшидани сохтори истисморгарӣ мубориза низ мебаранд.

Ба қавли доктор Анвар Пошо: “Моҳтоб ва Ғазалоне, ки аз қасрҳо берун баромада, дар клубҳо то театрҳо истисмор бурда мешуданд ва онҳо фармонҳои ин феодалон ва сохтори пӯсидаистодаро анҷом медоданд. Кирдори худкушии онҳо ва ба ғайр аз ҳақиқати маҳдудкунии онҳо чизе нест, ки орзуҳои духтарони қадрас ва орзуҳои зебои онҳоро, дар ин табақаи пӯсида қурбон шуданд.

Аз тарафи дигар, инқилоб инъикоскунандаи шӯриш мебошад. Занҳо аз дунёи қасрҳо берун баромада дар ҳаракатҳои оммавӣ ҳисса мегузоштанд. Иштироккунандагони ҳаракати инқилобӣ аз тарафи шоҳ гунаҳгор ҳисобида шуда, ба дор овехта мешуданд. Вале, барои ин инқилоб шуда духтарони башӯромада, худро дар оташ мепартоянд” [1, 100].

Муносибатҳои феодалӣ ва занҳои дар он ба воя расида низ, аз зулму истисмор ба танг омада, шӯришҳо мебардоштанд. Яке аз ин занон Гавҳарбегим буд, ки маҷбур тамоми умрашро дар қасрҳои феодалон мегузаронид ва ба қисмати худ тан дода, ҳама гуна машақатҳоро бардошт мекард. Дар охир ба танг омада, бар муқобили ин сохтор шӯришу исён бардошт. Ӯ ба Рашид мегӯяд:

“Бале, ман ба мисли ту одамонро аз ҳар рагу пайвандашон воқифам. Ту худ яке аз ҳомиёни ҳисобу ҳасадӣ. Баъзан, ба ман садақа мепартоӣ, баъзан маҳтобро дар оташ меандозӣ.... Дар ин “Айвони ғазал” ҷиноят нисбати занҳо пӯшида аст, мардумро истисмор карда, онҳоро ғорат мекунед” [4, 49].

Ҷилони Бону аз муҳити қасрҳои феодалон баромада, замони нав, дигаргунии вазъиятии ҷтимоиро тасвир мекунад ва мегӯяд, ки сабаби ин ҳама дигаргунӣ инқилоб ном дорад. Ҷилони Бону тамоми андеша ва мушоҳидаҳои хешро нисбати истисмору мушкилоти занон дар ҷамъият пурра ба қалам мекашад.

Дар “Айвони ғазал” аз ҷониби адиба заифиву нотавонии занҳо, побандӣ ба расму анъанаҳои куҳна, ба туморҳои овезон эътиқоддошта ва ғайра ба наҳви олӣ тасвир шудааст. Муколамаи занҳо, рафтор, эҳсосоту ҳолоти равонии занҳо ва дигар мазоҳири зиндагии пурранҷу азоби эшон воқеъбинона тавсиф шудааст.

Фосилаи мавҷуд миёни насли наву пешин, рафтору кашмакашиҳои онон дар ин роман тасвири воқеии худро ёфтааст. Бо гузашти замон сохторҳои мавҷуди иҷтимоӣ ва ҳамгоми он вазъияти аср, дигаргунӣ пайдо менамуд. Заминдорону феодалон шукуҳу азамати пешин, маишату базмҳои тафреҳофарини худро аз даст медоданд ва эҳсос мекарданд дар зиндагии баъдӣ эҳтиёткор бошанд. Таҳаввули сиёсию ҷамъиятӣ қонуну фарҳанги навро ба вуҷуд меовард. Дар “Айвони ғазал” мо мебинем , ки вазъияти Воҳид Ҳусайн, охирин намояндаи сохтори феодалии музофоти

Ҳайдарободро маҷбур месозад, ки гузашткорӣ кунад, ба маслиҳатҳои донишмандон гӯш диҳад. Писари ӯ дар риштаи муҳандисӣ таҳсил мекард. Барои ба тарзи нав зиндагӣ намудан ҳамеша кӯшиш менамуд. Ӯ мисли падару насли гузаштааш ба шеъру шоирӣ ва зебопарастӣ ягон рағбат надошт, танҳо ба давлат кор кардан мехост. Вай муҳандис аст, аммо машғулияти тоҷирӣ низ дорад. Дар ширкати бузурге хоҳарзодаи худ Чандиро тавонист муаррифӣ намояд ва ба ин восита мансаб ба даст оварад.Чандӣ дӯстдори фарҳангӣ Ғарб, моделер (мӯдсоз) ва озодандеш аст. Ин роҳи пешгирифтаи вай ба Воҳид Ҳусайн қатъиян писанд набуд, аммо ба вай муқобилият карда наметавонист. Чунки модари Рашид духтари дӯстдоштааш буд.

Зикр кардем, Рашид ҳудуди сохтори феодалиро гузашта, худ намояндаи табақаи сармоядор аст. Вай зебопарастиву айшу ишрат ва дигар анъанаҳоро ҷонибдорӣ накарда, баръакс, танҳо бо роҳи ҷамъ намудани сарват, сохтори нави худро бунёд кардан мехоҳад. Барои ин кор, ӯ зебогиву ҷамоли Чандиро истифода мебарад. Муаллиф ба воситаи Воҳид Ҳусайн ва Рашид насли куҳна ва навро ба ҳам муқобил мегузорад.

“Айвони ғазал” ҳамаи даврахои пеш аз озодӣ ва баъд аз озодӣ, воқеаҳои дар он шомилбударо дар бар мегирад. Бинобар ин, дар роман ҳаракатҳо, ҷунбишҳову муборизаҳои сиёсӣ тасвири худро ёфтаанд. Падидаҳое, ки дар ин замина аз ҷониби адиба инъикос шудаанд марбут ба ҳолатҳову манзараҳои сиёсии Ҳайдарободанд. Бо истифода аз фурсат феодалони Ҳайдаробод худро соҳибмухтор дидан мехостанд. Масъалаи тақсимоти Ҳинд ва Покистон ба миён омада буд, аммо мардуми Ҳайдаробод нисбат ба ин хабарҳо ягон иштиёқе надоштанд, чунки Ҳайдарободро дар ин вақт сукути беканор фаро гирифта буд.

Бетаваҷҷуҳии мардум дар Ҳайдаробод ба ҳаракатҳои озодӣ ва низоангезиҳо аз он манша мегирифт, ки намояндагони табақаи феодалӣ низому иқтидори пешинаро барқарор кардан мехостанд. Онҳо огоҳ буданд, ки агар озодӣ ба даст ояд, он гоҳ Ҳайдаробод ҳамроҳи Ҳиндустон, албатта, якҷо мешавад. Дар натиҷаи он зиндагии айшпарастонаи феодалӣ низ завол меёфт ва маблағҳои ҷамъкардашуда аз тарафи бегонагон ғорат карда мешуд. Ҳангоме, ки Ҳиндустон озодиро ба даст оварад, ҳеҷ гоҳ ба ҳукумати Ҳайдаробод ҳаққу ҳуқуқи озодӣ намедиҳад. Англисҳо ҳангоми тарк кардани Ҳиндустон ба тамоми ҳукумат озодӣ дода ва иброз доштанд, ки ҳар яки онҳо ҳуқуқи истиқлол доранд, лекин фақат зери парчами кишвар. Чун Ҳайдаробод аз ин саркашӣ мекард, ҳукумати марказиро лозим омад, ки ба ин ҷо сиёсатмадорони махсуси мусулмонро фиристад. Мардуми Ҳайдаробод ба муқобили иттиҳодияи лашкари Ҳинд шӯриш бардоштанд. Мардуми ғамзадаи бечора барои ҳимоят ва вафодорӣ ба маҳалли зисти худ ва ба ҳукумати Ҳайдаробод омода буданд аз ҷон бигзаранд. Ин аст, ки ҳама ба муборизе бархостанд.

“Ҳар як ҷавон, ҳар як хонавода дар ҷангал паси буттае пинҳон шуда хоб мерафт. Барои нигоҳ доштани танкҳову тӯпҳо қафаси синаҳои худро гузоштанд, чун ки онҳо ягон аслиҳаи ҷангӣ надоштанд ва барои ҳифзи худ низ тайёрӣ надида буданд...” [4 ,75].

Вазъияти сиёсиву иҷтимоии Ҳайдаробод баъди муътадилу оромиш пайдо кардан дар “Айвони ғазал” зикр ёфтааст. Дар Ҳайдарободи Ҳиндустон, дар ҳақиқат, ҳар гӯшаю канори онро даҳшату ғорат фаро гирифта буд. Роҳбарони “Иттиҳодияи мусулмонон”, аллакай, роҳи фирорро ихтиёр карда буданд. Анҷоми сохтори феодалӣ ва ба вуҷуд омадани сохтори нав дар ҳаёти иҷтимоии мардум нақши амиқ гузошт ва он сабаки зиндагӣ барои насли оянда буд.

Тақсими кишвар низ дар “Айвони ғазал” хеле назаррас аст. Бо тақсими мамлакат тамоми фиску фасод баръало нишон дода шудааст. Роман фарогири тасвири манзараҳои Ҳайдаробод аст, вале нависанда саҳнаҳои вуруди муҳоҷирон ва мардумони мухолифро, ки бо ғаразҳои гуногун ба музофоти Ҳайдаробод ворид мешуданд, низ дар роман инъикос намудааст:

Дар “Айвони ғазал” дӯстии ҳиндуҳову мусулмонон низ зикр карда шудааст, ки ҳар ду қавм якҷо он мусибатҳоро аз сар гузаронидаанд. Дар сохтори феодалӣ, паҳлуи хуби он дар он буд, ки онҳо соҳиби фарҳангу тамаддуни муштарак буданд. Дар “Айвони ғазал” оиди оҳангу мусиқии ҳинду мусулмон, қабл аз тақсимоти кишвар, айёми фазои хушгувор зикр ёфтааст. Новобаста аз гуногунии мазҳабу ойинҳои динӣ ҳиндуҳову мусулмонҳо дар хурсандиву мусибатҳои ҳамдигар шарик буданд, аммо ин

фазои хушгувор бо сабаби тақсимоти мамлакат мухолифат, хунрезиҳо ва ваҳшигариҳоро байни ду дин ба вуҷуд овард.

Дар ин хусус муаллиф қайд мекунад: “Ҳар як фард ҳангоми муроҷиат намудан бо истилоҳи ҳиндӣ ё урду бисёр эҳтиёткорона рафтор мекард, чунки дар назди мусулмон бо ҳиндӣ ҳарф задан мумкин набуд ва дар назди ҳинду бо урду. Бараҳмани Ҳайдарободии Шеронӣ бар сар тӯпии туркӣ мепӯшид ва рӯзномаи урдуро хонда, аз он ба худ ягон хатареро ҳис намекард. Бештари занҳои ҳиндӣ дар долонҳо руст шуда менишастанд, лекин мардони оддии мусулмон кӯшиши хафа кардани занҳо ва мардони ҳиндуро надоштанд” [4, 87].

Муаллиф ба таври воқеӣ қайд мекунад, ки якчанд манфиатҷӯйи сиёсатмадор ба хотири манфиатҳои хеш ба ин дӯстиву ҳамоҳангӣ хотима бахшида ва дурӯғу воҳимаҳои беасосро паҳн мекарданд. Ин ба он оварда мерасонад, ки зебогию покии инсоният дӯстиву рафоқат, муносибатҳои муштараки фарҳангии мусулмонону ҳинду аз байн мераванд. Ин манзараро мо то ҳол мушоҳида мекунем.

Дар поён гуфтан ҷоиз аст, ки воқеияти замон аз ҷониби адиба ниҳоят воқеъбинона ва ҳунармандона тасвир шудааст. Саҳнаҳои мавҷуд дар роман тасаввуроти комилеро дар зеҳни хонанда перомуни дарбору муҳити дарборӣ ҳосил месозанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулкалам Қасимӣ Naval ka fan / Абдулкалам Қасимӣ. - Алигарх, 1992. - 210 с.
2. Анвар Пошо. Hindu pak me urdu navel / Анвар Пошо. - Деҳлӣ, 1992. – 158 с.
3. Машраф Алӣ. Jeelani Bonu ki navelnigari ka mutalia / Машраф Алӣ. - Деҳлӣ, 2003. – 147 с.
4. Ҷилони Бону. Айвони ғазал / Ҷилони Бону. - Деҳлӣ, 1976. - 220 с.
5. Ҷилони Бону . Бориши санг / Ҷилони Бону. - Ҳайдаробод, 1985. - 240 с.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ И КУЛЬТУРНОЙ ПРОБЛЕМЫ ИНДИИ В РОМАНЕ ДЖИЛАНИ БАНУ «АЙВОНИ ГАЗЕЛ»

Джилани Бану принадлежит к плеяде урдуязычной литературы современной Индии, которая своими произведениями пополнила литературу урду. «Айвони газал» является одним из ее популярных романов, где отражается социально-политическая и культурная жизнь Индии, (особенно Хайдарабада) в период от колониальной системы до независимости страны.

Ключевые слова: произведение, отражение, социальный, экономика, политика, система

REFLECTION OF SOCIAL – POLITICAL N CULTURAL PROBLEMS OF INDIA IN THE NOVEL OF JILANY BANU “AYVONI GAZAL”

This article is dedicated plied of India modern Literature of urdu language, which completed with literary work in urdu literature. “Aivony gazal”, is one of its popular novels, which reflects social – political a cultural life in India? (a specially Haydarabad) in period from colonial system to independence of country.

Key words: literary work: reflection, social, economics, politics, system.

Сведения об авторе: ***М. Амиршоева*** – соискатель Таджикского национального университета

БАРРАСӢ ВА МУҚОИСАИ КИТОБИ ДАРСИИ АДАБИЁТИ ФОРСИИ ЭРОН ВА ТОҶИКИСТОН

Ғуломаббоси Ориф
Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ, Эрон

Забони форсӣ яке аз қаддимтарин ва асилтарин забонҳои ҷаҳон аст. Асрҳо забони роиҷи бахшҳои васеи қораҳои паҳновари Осиё будааст. Бидуни шак, ин забон баъд аз забони арабӣ дуюмин забони фарҳангии ҷаҳони ислом аст. Баъд аз забони арабӣ камтар забоне аст, ки ба мизони забони форсӣ китоб ва осор офарида бошанд. Ин забон дар ҳудуди сесад сол забони расмии густураи азиме аз шабеҳи қора будааст. Қисматҳое аз шимоли Африқо, Чину Аврупо ба ин забон суҳбат мекарданд. «Агар замоне густурдагии забони форсӣ аз моварои Ҳинду Чин то шимоли Африқо ва Осиёи сағир, Осиёи марказӣ, бахшҳое аз Аврупои шарқӣ Босния ва Албания густариш дошт ва гӯйишварон ба ин забон осори адабӣ ва илмӣ меофариданд, имрӯзҳо гарчи қаламрави густурдаи гузаштаи хешро надорад, аммо ҳанӯз ҳам дар се

кишвар Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон забони расмӣ аст ва шуморе аз кишварҳои дигар, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қирғизистон, Покистон, Ҳинд, Озарбойҷон, Туркия ва Ироқ мардумоне зиндагӣ мекунанд, ки ба форсӣ сухан мегӯянд ва ба ин забон шеър месароянд» (1).

Таърихи фарҳанг. Таърихи фарҳанги Тоҷикистон бо Эрон равобити бисёре дорад. Дар пораҳое аз даврони пеш аз ислом Тоҷикистон ҷузъе аз шоҳаншоҳии Эрон буд. Пас аз ислом сарзамини Хуросон ва Фарорӯд, аз ҷумла Тоҷикистон зиндакунандаи фарҳанги эронӣ ва ба вуҷудорандаи забони порсии дарӣ буд, ки ҷойнишини забони паҳлавӣ шуд. Нахустин шоирони порсизабон аз ин ноҳия будаанд, бавижа Рӯдакӣ падари шеъри порсӣ маҳсуб мегардад. Дар нахустин садаҳои охир Хуросон ва Мовароуннаҳр маҳди тамаддун ва улуми эронӣ буданд ва бузургоне, монанди Ибни Сино ва Форобиро дар худ парваридаанд, Ҳукумати Сомонӣ низ аз тоҷикон бархостааст.

Ҳамкории Эрон бо Тоҷикистон дар таълифи китоби дарсӣ. Дар соли 1380 вазири вақти омӯзиш ва парвариши Эрон дар раиси ҳайате аз масъулони вазоратхонаи матбӯъ дар ҷамъи вазирҳои омӯзиш ва парвариши сад кишвар дар Конфронси ҷаҳонии омӯзиш ва парвариш дар Женева ҳузур ёфта ва бо бархе аз вазирҳо ба баҳсу гуфтугӯ нишаст. Конфронси ҷаҳони омӯзиш ва парвариш муҳимтарин маҷмӯаи ҷаҳони омӯзиш ва парвариш аст, ки чиҳилу ҳаштумин давраи он бо мавзӯи «Омӯзиши фарогир, роҳе ба сӯйи оянда» баргузор шуд. Дар ин конфронс беш аз сад тан вазирон ва муовинони Вазорати омӯзиш ва парвариши кишварҳои узви ЮНЕСКО ширкат доштанд.

Дар ҳошияи ин конфронс нишасти беш аз сеҷонибаи вазирони омӯзиш ва парвариши Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон низ баргузор шуд, ки дар ин нишаст вазирони омӯзиш ва парвариши се кишвари форсизабон бар таҳвият ва густариши ҳамкориҳои омӯзишӣ, бавижа дар заминаи омӯзиши забони форсӣ таъкид кардаанд.

Баъд аз ин нишаст Вазорати омӯзиш ва парвариши Ҷумҳурии исломии Эрон тафоҳумномае бо Вазорати маорифи Тоҷикистон баст, ки бар асоси он созмони парвариш ва барномарезии омӯзишӣ ба хатти форсӣ барои донишомӯзони тоҷик китоби дарсӣ таълиф кунад. Дар марҳилаи аввал китобҳои дарсӣ барои синфҳои чаҳорум то шашум таълиф шуд ва ба низоми омӯзишии Тоҷикистон роҳ ёфт. Китоби синфи ҳафтумро тоҷикҳо худ таълиф кардаанд. Охири китобҳои синфҳои ҳашт то ёздаҳ низ бо машварати муаллифони эронӣ таълиф шудааст. Ин китобҳо матнҳои бисёре аз бузургони забон ва адаби форсиро бо хатти форсӣ ба донишомӯзони тоҷик ироа медиҳад.

Дар муқаддимаи китобҳои ҷадидалтаълифи «Баёзи адабиёт» омадааст: «Ба номи Худованди ҷону хирад».

Дар идома, ба нақд ва баррасии ҷадидултаълифи «Алифбои ниёгон» ва «Баёзи адабиёт» ва микёси онҳо бо сохтори китоби дарсии Эрон мепардозем.

Синфи 4. Матолиби ин китоб чун пояи омӯзиши адабиёти форсӣ маҳсуб мешавад, ҳам ба забони форсӣ ва ҳам ба забон ва хатти тоҷикӣ аз чап ба рост нигориш ёфтааст. Китоб дорои 88 саҳифа буда, бо теъдоди 140000 нусха дар Эрон ба чоп расидааст. Дарсҳои аввалияи китоб мабоҳисе дар бораи таърихи адабиёти форсӣ «Ниёгон» ва лузуми ёдгирӣ ва ҳифзи он омадааст. Дар бахшҳое аз ин дарсҳо мехонем:

«Шогирдони азиз! Китобе, ки дар даст доред, «Алифбои ниёгон» номгузорӣ шудааст. Оё медонед, ки барои чӣ онро «Алифбои ниёгон» мехонанд? Калимаи алифбо аз синфи якум ва «Иди алифбо» барои шумо маълум аст. Аммо, калимаи ниёгон чӣ? маънои калимаи ниёгон «аҷдод», «гузаштагон» ва «бобоён» аст, ё ба ин алифбо бобо ва бобокалонҳои мо ва шумо дар тӯли таърих тамоми асарҳои худро эҷод намудаанд. Бояд шумо донед, ки то «Алифбои ниёгон» алифбо ё аҷдоди мо, яъне «Алифбои мехӣ» (давраи ҳахоманишиён) ва баъдтар алифбои паҳлавӣ (давраи Сосониён) буд, лекин дар асри 8 бо паҳн шудани дини ислом дар сарзамини ориёиёни форсизабонон алифбои арабӣ низ чун «Алифбои ниёгон» қабул шуд. Дар он замон ҳатто, кӯшишҳо шуд, ки забони арабӣ ба ҷойи забони модарии мо ҷорӣ шавад, аммо ин кор муяссар нашуд, зеро нест кардани забоне, ки бо шири модар дар ҷон ва усутухони инсон ҷой мегирад, кори хеле мушкил аст. Пас, бароятон маълум шуд, ки «Алифбои ниёгон» алифбои арабӣ будааст. Алифбое, ки бо он «Қуръон»-и шариф ҳадисҳои набавӣ ва дигар осори шуаро ва нависандагон ва олимону бузургони мо,

Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Сино, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон навишта шудааст.

Ҳамин тариқ, дар давоми зиёда аз дувоздаҳ аср ниёгони мо бо алифбои арабӣ чӣ қадар асарҳо эҷод намудаанд, ки ин ганҷина мисли як баҳри беканор буда, мо аз он қатраи баҳра ва рушдем. Хулоса, акнун ки мо дорои давлати мустақил ва соҳибистиқлол ҳастем, бо давлатҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанги худӣ - Эрон ва Афғонистон муносибатҳои хуб ва дӯстона дорем ва аз ин кишварҳо китоб ва рӯзнома, маҷаллаҳои гуногунро дастрас мекунем. Ҳамчунин, дар Тоҷикистони азизи мо ҳам рӯзнома ва маҷалла, китоб ба хатти ниёгон нашр мешавад. Бинобар ин, барои тамоми ин асарҳо истифода бурдану донистани «Алифбои ниёгон» барои мо ва шумо, шогирдони азиз, хеле заруру муҳим аст».

Дар ин китоб дар ҳар дарс ба шеваи таҷвизи қавоиди ҳар як аз ҳуруфи алифбо, куллиёти марбут ба ҳуруфи алифбо, тамрини машқи ҳуруф, тақсими ҳуруф ба «мутассил» ва «мунфасил» ва мабоҳисе аз ин дастро ба донишомӯзон омӯзиш медиҳанд.

Дар ин китоб аз тасовир, ки кӯмаки зиёде ба фаҳми матолиб мекунад, камтар истифода шудааст. Дарс дар ҳар сатре аз китоб поён ёбад, бо фосилаи дарс бӯъде шурӯъ мешавад. Ин худ боиси пур будани тамоми сафаҳоти китоб мешавад, ки аз назари равонӣ асари номатлубе бар донишомӯзон дорад.

Синфи панҷум. Ин китоб бо унвони «Алифбои ниёгон ва мутуни қоидаҳои имло» дар соли 2006, бо теъдоди 130000 нусха, дар 129 саҳифа, ба ду хат - кирилӣ ва форсӣ ба чоп расидааст. Китоб дорои 34 дарс аст. Тавзеҳоти аввалияи дарсҳо ва тамринҳо ба хатти криллӣ ва луғоту тамринҳо ба хатти форсӣ нигориш ёфтааст. Усул ва асоси ин китоб бар асли омӯзиши саҳеҳи вожаҳо ва ошноии донишомӯзон ба калима сохтан бо ҳуруфи алифбоӣ тарроҳӣ шудааст. Аз он ҷо ки ин китоб ва китоби синфи чорум пояи забономӯзӣ ва ошноӣ бо луғат аст, дар поёни китоби вожаҳои ҷадид дар 17 саҳифа маъно шудааст. Аз намунаи тамринҳое, ки ин маҳорати «имло»-ро тақвият мекунанд, ин аст, ки намунаи мутунҳое аз шеъру насрро ба хатти кирилӣ овардаанд ва аз донишомӯзон хоста шуд, ки онро ба хатти форсӣ баргардонанд.

Аз нуқоти заъфи ин китоби пурҳаҷм ва сангин будани матолиби китоб аст, ки бо таваҷҷуҳ ба замони ҳафтагӣ андаке, ки барои он пешбинӣ шудааст, ёдгирӣ ба тарзи матлуб ва муфид анҷом намеёбад. Ҳамчунин, омӯзиши матолиби ин китоб мисли китоби дарсии синфи 4 дастурӣ-таҷвизӣ ва бештар қиёсӣ аст. Аммо бар хилофи китоби дарси синфии 4 бар асли навиштан, ки боиси таъмиқи ёдгирӣ мешавад, бештар такя шудааст.

«Алифбои ниёгон» ва матнҳои шашум. Ин китоб бо шумораи 130000 нусха соли 2006 дар 151 саҳифа, дар Эрон ба чоп расидааст. Ин китоб дорои 33 дарс аст ва тақрибан дарсҳои он матнҳои китоби дарсии соли аввал, роҳнамоии қадим, дувум ва савум роҳнамоии аввали дабиристони Эрон аст ва аз мутуни тоҷик фақат як дарс аз намунаи осори Садриддин Айнӣ қарор додаанд.

Дарсҳо дорои шумора ҳастанд. Бархе аз дарсҳо ба шеваи мустақим ва ғайримустақим рӯҳияи худобоварӣ ва гароиш ба эътиқоди мазҳабиро дар донишомӯзон таҳвият мекунанд. Баъд аз матнҳои дарсҳо калимаҳо ва таркибҳои нав сипас, пурсишҳо ва машқи иншо қарор дорад.

Дар поёни бархе аз дарсҳо ба манзури эҷоди тунӯъ ва илтизози адабӣ ва таҳвияти ҳисси алоқамандии донишомӯзон ба мероси гаронсанги форсӣ намунаҳое аз шеърҳои шоирони номдори Эрон ва тоҷик дарҷ гардидааст. Ҳамчунин, ба манзури таҳкими завқ, салиқа ва ҳисси зебоӣ, дӯстии шогирдон ва ошноии бештари онҳо бо ҳунари хушнависӣ баъзе матнҳо бо хатти настаълиқ ҳамроҳ бо тасвир ва хатҳои дигар нақш гардидааст. Вуҷуди тасвири алоқа бар ҷанбаҳои зебоӣ, дарки кӯмак ба ёдгирӣ ва таъмиқи он асари босазое доранд. Дар ин китоб аз тасовири бештар аз китоби дигар истифода шудааст. Тасовири Фирдавсӣ, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз, Парвини Эътисомӣ ва дигар шоирон дар пас заминаи шеърҳои онон дарҷ шудааст, ки ҷанбаи омӯзишӣ дорад.

Ҳамон гунае ки гуфта шуд, матни дарсҳои ин китоб аз мутуни китоби дарсии қадим ва ҷадиди Эрон гирифта шудааст. Номи бархе аз ин дарсҳо дар зеҳни донишомӯзони қадим ва ҷадиди эронӣ нақш бастааст: «Зебоиҳои замин», «Найнома»-и Мавлоно», «Шигифтиҳои офариниш», «Зебоиҳои дарё», «Кӯчи парастуҳо», «Аз ман нигаҳдорӣ кунед (дархат)», «Ҳилоли аҳмар», «Гувоҳии дарахт»,

«Муш ва гурба», «Рустам ва Сӯҳроб», матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав», «Ҳунар чист?», «Фаслҳои сол» ва монанди инҳо.

«Алифбои ниёгон»-и синфи ҳафтум. Ин китоб тавассути муаллифони тоҷикӣ дар Тоҷикистон, дар 128 саҳифа бо хатти форсӣ ба чоп расидааст. Дарсҳо фоқиди шумора ва тартиб ҳастанд. Матни дарсҳо шомили муаррифии шоирон ва нависандагон ва адабиёти баргузидае аз девони онҳост. Донишомӯзон бо ҳар шоир ва нависанда ва намунаи осори онон дар тайи чанд дарс ошно мешаванд. Масалан, Рӯдакӣ ва ашъораш дар тайи ҳафт дарс муаррифӣ мешавад, ки ҳудуди бист саҳифа аз китобро ба ду ихтисос додааст. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Парвин Эътисомӣ, Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ дар ин китоб шиносонида мешаванд.

Баъд аз ҳар дарс се бахши маҷоз вуҷуд дорад. Бахши аввал шомили луғат ва маонии онҳо дар дарс аст. Бахши дувум тамрини навиштан бо унвони «Нависед» аст, ки бахшҳои баргузидае аз дарс барои тамрини маҳорати навиштан дар назар гирифта шудааст. Бахши севум бо унвони «Фаромӯш накунед» бо тасвири заррабине, ки нишондиҳандаи дақиқ бештар аст, ба баёни қавоиди дастурӣ ва имлоӣ мепардозад. Ба назари роқими ин сутури унвон ин бахшҳо аз назари тарбиятӣ унвони муносибе надоранд, зеро ҳолати таҳкимомез ва омирона доранд. Ин унвон дар китоби дарсии Эрон унвонҳои беҳтару санҷидатаре доранд: «Хударзёбӣ», «Навиштан» ва «Тамрин».

Нуқоти қувват. Ошноии донишомӯзон бо шоирони гузашта ва муосир ва матни осори онҳо ба сурати муфассалтари баёни маънои луғоти душвор дар поёнии ҳар дарс мебошад. Ошноии донишомӯзон бо қавоиди имлоӣ ва дастурӣ бо мисолҳое аз ҳамон дарс низ, дар назар аст.

Нуқоти заъф. Адами истифода аз тасовир ва ашколу саҳифаороии номатлуб, тӯлонӣ будани матнҳо, адами таносуб бо доираи вожагонии донишомӯзон, ки гоҳе мафҳумро дарёб ва сахтфаҳм мекунад, мебошад. Шакли омиронаи навиштанҳоро фаромӯш накунед. Дар навиштанҳо гоҳе мафҳуми норасо ва ғайриқобили фаҳм дида мешавад: нависед байтҳои 1-4. Матнҳо рӯҳияи диннӣ, боварӣ ва ақидаи донишомӯзонро тақвият намекунанд. Гоҳе вақтҳо адами таваҷҷуҳ бо омӯзаҳои тарбиятӣ фурӯгузор карда мешавад: «Аҳмад Махдум муҳандиси дониш будааст ва бинобар аз ҳадди зиёд калон будани сараш ӯро «Аҳмади калла» мегуфтанд». Намунае аз матнҳои сангини «Алифбои ниёгон»: «Кунун, эй хирадманд, арҷи хирад, Бад-ин ҷойгоҳ гуфтан, андар хӯрад…».

Таҳлили муҳтавои китоби баёзи адабиёт. Китоби адабиёт (баёзи адабиёт)-и форсӣ пояи 8 150 саҳифа аст ва ҳовии адабиёти давраи қадим, адабиёти қуруни XI ва XII мелодӣ аст, ки матолиби он ихтисос ба Саноии Ғазнавӣ, Анварӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҳоқонӣ ва Низомии Ганҷавӣ дорад.

Ҳамчунин, матолиби китоби адабиёти форсии синфи нуҳум бо Саъдӣ оғоз мешавад ва матолиби худро дар бораи Мавлоно, Ҳофиз, Ҷомӣ ва бархе шуарои, адабиёти ҳиндӣ ва мовароуннаҳрии ин даврон ба поён мебарад.

Матолиби китоби адабиёти форсии синфи нуҳум шомили шуаро, удабои сабки ҳиндӣ ва ҳавзаи Фаророӯд аст, ки Соиби Табрезӣ ва Бедил аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар китоби адабиёти форсӣ пояи 11, ки бар ҷилди он тасвире аз Садриддин Айнӣ нақш бастааст, зимни муаррифии 22 тан аз шоирони асри XX-уми осоршиносон мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифтааст ва бахши шуаро бо Нақибхони Туғрал, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Луҳутӣ ва Мирзо Турсунзода оғоз ва бо шоирони муосир, монанди Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Меҳмон Бахтӣ, Гулназар Келдӣ ва Абдуҳамид Самад идома меёбад.

Баёзи адабиёти синфи 8. Китобҳои баёзи адабиёт, ки барои синфҳои ҳаштум то ёздаҳ дар назар гирифта шудааст, машҳур аз мутуни назм ва насри тоҷикӣ ва форсӣ аст. Ҳамон тавре ки гуфта шуд ин китобҳо бо ҳамкории муаллифони Эрон дар соли 2010 таълиф шуда, адабиёти аз қарни IVва V то муосирро шомил мешавад.

Китоби адабиёти (баёзи адабиёт) форсии синфи ҳаштум дорои 150 саҳифа буда ва ҳовии адабиёти давраи қадим, адабиёти қарни XI ва XII аст, ки матолиби он ба Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ, Асадии Тӯсӣ, Анварӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҳоқонӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар назм ва Фаромӯрзи Худодод, Абулмаолии Насруллоҳи Муншӣ ва Унсурмаолии Кайковус дар наср ихтисос дорад.

Дар бахши «Авесто» бахшҳое аз «Готҳо», «Ясноҳо», «Яштҳо», «Вандидод» оварда шудааст. Ҳамчунин, аз насри қадим қисматҳое аз «Корномаи Ардашери

Бобакон» ва «Андарзнома»-и Бузургмеҳри ҳаким ва муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ оварда шудааст. Сипас, дар бахшҳои дигар ба муаррифии нависандагон ва шоирони мазкур ва намунаҳои муфассале аз осори онон пардохтааст.

Ба таври куллӣ, китоби баёзи синфи 8 шомили мутуни қадим, то қарни 8 аст, ки ҳеҷ намунаи муосири дигаре дар он гунҷонида нашудааст. Дарсҳо шомили се бахш- «матн», «калимаҳои тоза» ва «пурсишҳо» мебошад.

Ҳар дарс бо унвони «баёз» шурӯъ мешавад ва матни дарсҳо байни 4 то 8 саҳифа аст. Китоб шомили 23 баёз аст. Аз ҳар дарс се пурсиш матраҳ шуда, ки маъмулан савумӣ «вогаро» ва дигарон «ҳамгаро» ҳастанд.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ, ин ки матнҳо бисёр пурборанд ва барои донишомӯзон сангин ва бо вуҷуди пурҳаҷмӣ ва дерёбӣ тавзеҳоти ҷумлаҳои мураккабе дорад. Ба ҳадде ки дарс фақат се саҳифаи луғати тозаро маъно кардааст.

Баёзи адабиёти синфи 9. Ин китоб низ бо ҳамкории муаллифони китоби дарсии Эрон дар 144 саҳифа ба чоп расидааст. Аз назари замонӣ шомили матнҳои қарни XII то поёнии қарни X аст. Дар ин китоб понздаҳ шоир ва нависанда муаррифӣ мешаванд. Ҳар дарс низ аз чаҳор бахш: муаррифии мухтасари шоир ё нависанда, матнҳои дарс, калимаҳои тоза ва дар охир тарҳи се пурсиш пурсиш иборат аст. Ҳаҷми дарсҳо таодул ва тавозуни мантиқӣ надоранд. Масалан, дар баёзи 1 (дарси аввал), ки Шайх Саъдӣ муаррифӣ мешавад, шомили се саҳифаи матн аз «Гулистон» ва «Бӯстон» аст. Мавлоно дар ҳашт саҳифа ва зимни муаррифии Ҳофиз дувоздаҳ ғазали ӯ оварда шудааст.

Баъзе матнҳо, ҳамчунон ки гуфта шуд, сақил ва дерёб аст. Баъзе дарсҳо низ печида ва шояд, аслан зарурат надорад, ки дар китобҳо оварда шавад. Масалан, дар дарси Ҷомӣ дар бораи шеър омадааст: «Дар достон мурғони қофиясанҷи саробӯстони суханварӣ ва тӯтиёни ғазалсарои шакаристони назмгустарӣ, шеър дар урфи қудамои ҳукамои каломӣ аст …» (Баҳористон).

Баёзи адабиёти синфи даҳум. Матолиби китоби адабиёти форсии синфи даҳум шомили муаррифии шуаро ва удабои сабки ҳиндӣ ва ҳавзаи Фароруд то қарни XII аст. Аз шоирони барҷастаи Эрон, Соиби Табрезӣ ва Висоли Шерозӣ ва аз шоирони Шибҳи Қора Бедили Деҳлавӣ ба унвони тавонотарин ва беҳтарин шоир муаррифӣ мешаванд. Китоб дорои 14 дарс аст, ки тайи он аз 14 тан шоир ва нависанда шеъру матн оварда шудааст. Ҳамчунин, ҳар дарс шоир ё нависанда дар чанд сатр муаррифӣ мешавад, сипас матни дарс, ки байни саҳифаи матн аст, баъд аз матн ва вожанома ва баъд аз он пурсишҳо матраҳ мешаванд.

Саҳифаороии хуб, ҷилди муносиб ва истифода аз тасовири муносиб аз мазоёи китоб аст.

Баёзи адабиёти синфи ёздаҳум. Ҳамон гуна ки гуфта шуд, китоби адабиёти форсии синфи ёздаҳум, ки бар ҷилди он тасвире аз Садриддин Айнӣ нақш бастааст, зимни муаррифии 22 тан аз шоирони муосир, осорашон мавриди таҷзия қарор гирифтааст ва бахши шеър бо Нақибхони Тӯғрал, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода оғоз ва бо шоирони муосир, монанди Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Меҳмон Бахтӣ, Гулназар ва Абдулҳамид Самад идома меёбад.

Дар ин китоб низ ҳамчун дигар китоби баёзи адабиёт ҳар дарси шоир ё нависанда дар чанд сатр муаррифӣ мешавад. Сипас, матни дарс ва баъд аз матн вожанома ва баъд аз он пурсишҳое, ки ба сурати вогаро ва ҳамгаро матраҳ мешавад ҷой дорад. Аз вижагиҳои китоб ин аст, ки бештар аз китобҳои дигар, аз матнҳои насрӣ дар қолабҳои филмнома, намоишнома, хотираи достон ва … истифода шудааст.

Баррасӣ ва таҳлили муҳтавои китоби адабиёти Эрон ва муқоисаи муҳтавои он бо китоби адабиёти Тоҷикистон.

Дар ин ҷо аз баҳси муфассал дар бораи муҳтавои сохтори китоби дарсии Эрон худдорӣ мешавад, аммо ба манзури тадоӣ ва ёдоварии хонандагони азиз ба таври хулоса вижагиҳои сохторӣ ва муҳтавои ин китоб арза мегардад.

Таваҷҷуҳ ба ҳуввияти эронӣ- исломӣ. Яке аз вижагиҳои барҷастаи ҳар китоби миллӣ парварандаи рӯҳияи ватандустӣ ва тақвиятдиҳандаи бинишҳои мазҳабии донишомӯзон аст. Ихтисоси як фасл аз китоби адабиёти Эрон дар давраи роҳнамоӣ бо унвони «Сарзамини ман» ва дарсҳои пароканда дар давраҳои мутавассита ибтидои ишқ ва алоқаи донишомӯзонро ба ватан ва кишвари худ тақвият мекунад.

Дар китоби таълифии Тоҷикистон низ ба ин амр ба хубӣ пардохта шудааст. Суруди миллии Тоҷикистон дар пешонии ҳар китоби дарсӣ худнамоӣ мекунад. Аслан, дар Тоҷикистон ба ду мақула бисёр таваҷҷуҳи хос мешавад, яке модар ва дигаре Ватан.

Оғози ҳар китоб бо ном ва ёди Худо, ҳамду ниёиши он далели хубе барои исботи ин муддао аст, ки дар китобҳои дарсӣ ба ҳуввияти исломӣ таваҷҷуҳи хос мешавад. Аммо китоби дарсии Тоҷикистон аз ин вижагӣ бебаҳра аст.

Таваҷҷуҳ ба маҳорати забономӯзӣ наметавонад вазифаи як мақтаъ ё як поя ва китоби хос бошад. Имрӯз арзиш ва аҳамияти хондан ва навиштан, сухан гуфтан ва гӯш додан бар ҳамагон ошкор аст ва бояд низоми омӯзишӣ тавре тарроҳӣ гардад, ки пардохта ба ин маҳоратҳо дар авлавият бошад. Дар як баррасии куллӣ аз сохтори китобҳои дарсии Эрон чунин бармеояд, ки китоб дар рушди маҳоратҳои забонӣ-хондан, навиштан, гӯш додан ва сухан гуфтан то ҳудуди муваффақи амалкарда аст ва нигоҳи вижагии муаллифин ба ин амр қобили дарк аст. Овардани бахшҳои ҷадиде, чун «равонхонӣ, тамрин, шеърхонӣ, кори гурӯҳӣ, хударзёбӣ ва …» баҳра шуд, маҳоратҳои забонии донишомӯзонро кӯмак хоҳад кард.

Яке аз нуқоти заъф дар китобҳои баёзи адабиёт напардохтан ба омӯзиши маҳоратҳои забонӣ аст. Дар ин китобҳо беш аз ҳар чизе ба маҳорати хондан таваҷҷуҳ шудааст.

Омӯзиш, имло ва иншо ба шеваҳои илмӣ ва созмонёфта. Дар китоби дарсии Эрон дар давраҳои ибтидоӣ ва роҳнамоӣ ба омӯзиши ин маҳоратҳо ба хубӣ пардохта шудааст. Гунҷонидани ҳафтае як соат дар барномаи дарсӣ барои дарсҳои имло ва иншо заминаи мусоидеро барои парвариш ва кашфи истеъдоди нависандагӣ фароҳам намудааст. Чаҳор дарс, махсусан имло далели аҳамият додан ба ин дарс аст. Ба нигориш, иншо ва номанигорӣ низ ба хубӣ таваҷҷуҳ шудааст.

Дар китобҳои «Алифбои ниёгон» ба маҳорати имло ва иншо аҳамият дода шудааст. Бозаргонии калимаҳо аз хатти форсӣ ба алифбои кирилӣ ва бо билакси омӯзиш ва маҳоратҳои навиштан, ҷумласозӣ ва … аз намунаҳои тамрини имло ва иншо аст. Аз он ҷо ки дар китоби баёзи адабиёт ба маҳорати хондан беш аз маҳоратҳои дигар таваҷҷуҳ шудааст, фурсате барои омӯзиши имло ва иншо намонда ва тамрин ва навиштан мафгул мондааст.

Пайвастагии муҳтаво бо муҳтавои китоби пояҳои қабл. Дар китобҳои дарсии чопи 1382 ба қабл миёни омӯхтаҳои солҳои қабл донишомӯзон иртиботи тӯлонӣ вуҷуд надошт. Хушбахтона, ин нақиса дар китобҳои ҷадиди давраҳои мухталиф бартараф шуд ва омӯзиш дар як хатти сайри мантиқӣ ва бидуни чолиш ва гусастагӣ пеш меравад. Ҳатто, фаслҳои китобҳо мушобеҳи фаслҳои китобҳои давраҳои қабл аст, аммо муҳтаво ба тадриҷ аз адабиёти суннатӣ ба адабиёти муосир мерасад. Дар давраи роҳнамоӣ аз назари замонӣ матолиб аз гузаштагон ба муосир пеш меоянд ва ҳадаф дунбол мешавад. Ин кори санҷидаро муаллифони тоҷик низ анҷом додаанд. Китобҳои баёзи адабиёт шомили матнҳои қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ то матнҳои муосир аст.

Натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо. Таълифи китобҳои дарсӣ ба хатти форсӣ, ки колбади рӯҳи забони форсиро дар худ парваронда ва ҳифз кардааст ва солҳо зиннатбахши девонҳо ва дафотир будааст, дар Тоҷикистон сарооғозе барои бозгаштан ба асли хештан аст. Хушбахтона, заминаҳои бозгашти ин гумшуда ҳамеша пайдор ба домони оли Сомон фароҳам шудааст ва ин иттифоқи мубораке аст, ки дар оянда баҳраҳои пурсамар хоҳад дошт.

Ҳосили ҳамкории Эрон ва Тоҷикистон дар таълифи китоби дарсӣ, хулқи осоре аст, ки барои аввалин бор дар чархаи низоми таълим ва тарбияти Тоҷикистон ворид мешавад. Мусалламан, таҷрибаҳои аввал дар ҳар коре бидуни каму костӣ нахоҳад буд. Дар ин пажӯҳиш саъй шуд, ки нуқот ва заъфи китобҳои ҷадид мунъакис шавад ва ёфтем, ки ин китобҳо барои мухотабони худ дар ҳар радаи синнӣ мушкил ва саҳил аст ва замони омӯзиши пешбинишуда барои тадриси ин китобҳо андак аст.

Китобҳо тамоми маҳоратҳои забониро намесанҷанд ва бештар маҳорати хонданро таҳвият мекунанд, ҳол он ки суҳбат кардан, навиштан, гӯш кардан ва ҳатто, маҳоратҳои фарозабонӣ -нақд ва таҳлил тафаккур ва андеша, имрӯз дар амри омӯзиш муҳим ва асосӣ аст.

Ҳаҷми дарсҳо зиёд ва гоҳо хастакунанда аст. Ба ҷойи гунҷонидани осори масалан, 14 шоир дар як китоб метавон осори бештар ва матнӯътареро овард, то

фазои омӯзишро шодитар ва матнӯътар созад. Ҳамчунин, аз тасовир, бахусус дар китобҳои синфҳои 7 то 4 хеле кам истифода шудааст.

Мағфул мондани адабиёти ҷаҳонӣ аз ҷумлаи навоқиси китобҳо ба шумор меояд. Хуб аст, ки донишомӯзон по ба пойи адабиёти форсӣ бо адабиёти ҷаҳон ва таҳаввулоти он ошно шаванд.

Тавҷеҳи набудани муаллимон ва нагузоридани давраҳои омӯзишӣ зимни хидмат барои тадриси ин китобҳо аз ҷумлаи нукоте аст, ки сатҳи омӯзишро поён меоварад. Дастандаркорони низоми таълим ва тарбияти Тоҷикистон бояд ин мавзӯъро ҷиддӣ бигиранд ва нисбат ба иртиқои дониш ва биниши муаллимон талош намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Адабиёти форсӣ (китоби дарсии давраҳои роҳнамоӣ ва дабиристон). - Теҳрон: Идораи куллии чоп ва тавзеҳи китобҳои дарсӣ, 1388.
2. Кабиров Ш. Алифбои ниёгон ва матн (синфи чорум) / Ш.Кабиров, А.Байзоев. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2006.
3. Кабиров Ш. Алифбои ниёгон ва матн (синфи панҷум). Қоидаҳои имло / Ш.Кабиров, А.Байзоев. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2006.
4. Сафаров Умар. Алифбои ниёгон ва матн (синфи шашум) / Умар Сафар. - Душанбе: Саҳбо, 2006.
5. Абдунабӣ Сатторзода Баёзи адабиёти синфи 8 / Абдунабӣ Сатторзода; бо ҳамкории муаллифони китоби дарсии Эрон. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2010.
6. Шоев М. Баёзи адабиёти синфи 9 / М.Шоев; бо ҳамкории муаллифони китоби дарсии Эрон. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2010.
7. Кӯчаров А. Баёзи адабиёти синфи 10 / А. Кӯчаров, У.Сафаров; бо ҳамкории муаллифони китоби дарсии Эрон. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2010.
8. Кӯчаров А. Баёзи адабиёти синфи 11 / А.Кӯчаров, У.Сафаров; бо ҳамкории муаллифони китоби дарсии Эрон. - Теҳрон: Саҳҳоми ом, 2010.

ИССЛЕДОВАНИЕ И СРАВНЕНИЕ УЧЕБНИКА ПО ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ В ИРАНЕ И ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье автором подвергнут изучению и рассмотрению учебник по персидской литературе, который используется в учебном процессе в школах Ирана и Таджикистана в процессе изучения персидского языка.

Ключевые слова: учебник персидского языка, изучение персидского языка в Таджикистане, процесс изучения персидского языка.

RESEARCH AND COMPARE TEXTBOOK ON PERSIAN LITERATURE IN IRAN AND TAJIKISTAN

In this article, the author subjected to study and discuss the textbook of Persian literature, which is used in educational process in schools of Iran and Tajikistan in the process of studying the Persian language.

Keywords: a textbook of the Persian language, the study of the Persian language in Tajikistan, the process of learning the Persian language.

Сведения об авторе: ***Гуломаббос Ориф*** – преподаватель персидского языка и литературы школы города Арок, Иран

НАҚИЗАҲОИ АБӮИСҲОҚИ АТЪИМА БАР ҒАЗАЛҲОИ ҲОФИЗ

У. Алимова

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нақиза, ки маънои мухолиф, муқобил, зид ва божгунаро дорад, дар истилоҳи адабиётшиносӣ жанри адабиест, ки ба тарзи тақлидии ҳарзаомез сохта мешавад. Ин жанрро на танҳо дар адабиёт, балки дар синамо, асарҳои театрӣ, мусиқӣ истифода мебаранд. Истилоҳи нақизаро дар Аврупо пародия ва дар адабиётшиносии Эрон «танз» ё «назираи танзомез» низ гуфтаанд. Жанри нақиза метавонад як навъ воситаи мубориза ба муқобили камбудиҳои эҷоди бадеӣ, ҳодисаҳои номақбули адабиёту санъат, мубориза барои маҳорати адабӣ, тозагии забон, ягонагии шаклу мазмуни асари бадеӣ бошад.

Жанри нақизаро шоирон бештар дар назм истифода бурдаанд, аммо баъзан дар наср ҳам адибон қувваозмоӣ намудаанд. Намунаи онро метавонем дар асари «Хористон»-и Адиби Кирмонӣ мушоҳида кунем, ки ӯ сабки «Гулистон»-ро ба танзу тақлид пайравӣ кардааст. Дар адабиёти Ғарб жанри нақиза чи дар назм ва чи дар наср баробар корбурд мешавад ва он воситаест, ки шакл ҳифз мешавад, вале маънӣ

тағйир намеёбад. Агар маънӣ тағйир наёбаду шакли асарро иваз намоянд, онро «тровестия» мегӯянд. Нақиза жанрест, ки агар хонанда аз шеъри аслӣ, яъне нақизашаванда, хабар надошта бошад, аз шеъри нақиза лаззат намебарад.

Нақизаро олимон ба ду навъ: мутоибавӣ ва ҳаҷвӣ ҷудо намудаанд. Дар нақизаи мутоибавӣ ҳазли рафиқона, назари хайрхоҳона ба асари нақизашаванда ба назар мерасад. Дар нақизаи ҳаҷвӣ асоси ғоявӣ ва бадеии асари нақизашаванда танқид аст. Нақизаи шеъру ғазалҳо яке аз шаклҳои маъмулу машҳури он мебошад. Шоир вазну шакли шеъри нақизашаванда, образҳо, тарзи тасвир ва ҳаҷми онро риоя карда, мисраъҳои суст, забони шеър, калимаҳои лаҳҷавӣ, такрорҳои бемаврид ва мазмуни онро зери танқид мегирад. Баъзан шоирон ба шеъри худ низ нақиза менависанд. Тарзи дигари нақизанависӣ аз номи шоири дигар шеър гуфтан аст. Ҷавоби онро нақизаи нақиза мегӯянд.

Яке аз шоироне, ки дар нақизанависӣ истеъдоди бузург ва дасти қавӣ доштааст, шоири асри XV Абӯисҳоқи Атъимаи Шерозӣ мебошад. Мавлоно Ҷамолуддин Абӯисҳоқи Ҳаллоҷи Атъима дар шаҳри Шероз ба дунё омадаст. Дар бораи санаи тавлиди ӯ маълумоти аниқ дар тазкираҳо оварда нашудааст. Ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ яке аз надимони Султон Искандар ибни Умар буд. Ӯ марди латифтабъ ва ҳаҷвпеша буда, ҳамеша васфи таъомҳоро мекард, ки касе дар он аҳд ба Абӯисҳоқ баробар шуда наметавонист. Дар бораи зиндагии шоир низ сарчашмаҳо маълумоти муфассал наовардаанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкирааш ҳикояти зерро марбут ба шуғли шоир меорад:

Дар рӯзгори шоҳзода Искандар ибни Умаршайх Баҳодур Абӯисҳоқ чанд рӯзе ба маҷлиси подшоҳ наомад. Баъд аз ҳузури ӯ шоҳзода пурсид, ки Мавлоно чанд рӯз аст, ки пайдо набудӣ? Мавлоно гуфт: «Эй подшоҳ, як рӯз ҳаллоҷӣ мекунам ва се рӯзи дигар пунба аз риш бармечинам» [1, 32].

Аз ин бармеояд, ки рӯзгори Абӯисҳоқ одӣ ва фақирона мегузаштааст. Нисбат ба соли таваллуд санаи фавти шоир маълумоти дақиқ оварда шудааст ва онро ба соли 827-и ҳичри қамарӣ баробар ба соли 1424 мелодӣ дар шаҳри Шероз нисбат додаанд. Имрӯз мақбараи ӯ дар ҳамин шаҳр ҷойгир аст.

Мероси адабии шоир аз ғазалиёт, рубоӣ, қитъа, қасида ва асарҳои алоҳида бо номи «Канз-ул-иштиҳо», «Асрори чангол», «Достони Музаффар ва Буғро» ва «Хобномаи Бӯисҳоқ» иборат аст. Девони ӯ дар давраи зиндагиаш тадвин шудааст ва худи ӯ дар ин бора чунин мегӯяд. «… Ва ҳол ба ҷое расид, ки аз Қоф то Қоф бӯи латоиф бигрифт ва дар мамолики Эрон ва Тӯрон овоза бигрифт ва паҳлавонони ҳарис дар иштиёқи дидани ин фақир биафтоданд ва шакарлабони Самарқанд мунъатиши шарбати қанди мо шуданд».

Хоне кашидаам зи сухан Қоф то Қоф,
Ҳамкосае куҷост, ки ояд баробарам [4, 27].

Чуноне ки аз гуфтаҳои худи ӯ бармеояд, ашъори шоир, бахусус ғазалиёту қасоиди ҳаҷвӣ ва осори насрии ӯ дар он замон хеле машҳур гашта, ба дили ҳаводорони шеър роҳ ёфта буданд. Шеъри Абӯисҳоқ аз шеъри шоирони ҳамзамонаш аз ҷиҳати содагӣ ва равониву дилнишинӣ фарқ мекард. Аз ин ҷост, ки ӯ шеърашро бартар аз ашъори муосиронаш шуморидааст.

Моҳиён гар бишнаванд ин шеъри чун оби равон,
Бар сари нозам барафшонанд аз дарё гуҳар [4, 33].

Яке аз навовариҳои Абӯисҳоқи Атъима ин аст, ки ӯ тамоми эҷодиёташро ба васфи таъому нӯшокиҳо бахшидааст ва дар назму насри ӯ тасвирҳои зебо, санъатҳои баланди бадеӣ, ба монанди ташбеҳу истиора, маҷозу талмеҳот ва дигар санъатҳоро дида метавонем. Хонанда вақте бо шеъри ӯ шинос мешавад, фикр мекунад, шоир шахси ҳарис ва нафспарвар аст, аммо ӯ бо васфи ғизоҳо тавонистааст, ки нодорӣ ва эътирози иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии мардуми асри худро дар шеър инъикос кунад. Дар ҳақиқат, пас аз ҳамлаи муғул дар Эрони онрӯза мардум аз фақру гуруснагӣ ва буҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ азият мекашиданд. Шоир ин вазъияти оммаро дар шеърҳояш хеле хуб ишора кардааст:

Қурси рӯйи нони паҳн, азбаски холаш бар рух аст,
Даъвӣ андар ҳусн бо туркони маҳваш мекунад [4, 41].

Ё ин ки:

Нони оташрӯйи хирмансӯзи хонорои ман,
Ҷӯ ба ҷӯ барбод хоҳад дод чун коҳам дигар [4, 47].

Хидмати дигари Абӯисҳоқ дар гирдоварии луғати марбут ба ғизо мебошад, зеро тамоми эҷодиёти шоир фарҳангеро мемонад, ки истилоҳоти атъимаро фаро гирифтааст. Дар девони шоир як қатор калимаю номҳои хӯрокҳои нодир ва азбайнрафтаро метавон дарёфт, ки барои бою ғанӣ гардидани забон кӯмак мерасонанд. Инчунин, дар китоби ӯ номи ғизоҳои ҳиндиро низ дида метавонем, ки яке аз қасидаҳои худро бо номи «Дар мадҳи гиҷирӣ» ном ниҳодааст.

Девони Абӯисҳоқи Атъимаро дар Эрон чанд маротиба чоп намудаанд, аммо беҳтарин чопи маҷмӯаи осораш дар Истанбул соли 1885 мелодӣ бо хидмати Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ ҳамроҳ бо муқаддимае дар бораи зиндагии шоир чоп гардидааст, ки мо низ аз он истифода бурдем. Ин девон аз қасоиду ғазалиёт, тарҷеоту рубоиёт, рисолаи «Канзулиштиҳо», «Асрори чангол», достони «Музаффар ва Буғро», «Хобномаи Бӯсҳоқ», «Хотимаи девон», «Фарҳанги девони Атъима», «Бақияи девон», «Қасида дар мадҳи гиҷирӣ» иборат аст.

Абӯисҳоқи Шерозӣ, чуноне ки дар боло гуфтем, шоири шӯхтабиат ва ҳазлпеша буд. Аз ин ҷост, ки васфи таъомҳоро менамуд ва ба ашъори шоирони гузашта ва муосиронаш, ба монанди Салмон, Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ироқӣ, Мавлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Имоди Фақеҳ, Валии Кирмонӣ нақиза мебаст. Ӯ таваҷҷуҳи хосса ба ашъори ҳаҷвии Убайди Зоконӣ доштааст ва шеъри худро бо шеъри ӯ муқоиса мекунад:

«Сухани ин заиф бо ашъори Убайд муносибати бағоят ғариб дорад ва агар ҳоҳӣ ин муносибат маълум фармоӣ, чунон тасаввур кун, ки байте ки шуаро фармуда буданд, ҳамчун хонае буд, ки Мавлоно Убайд бино кард ва ин ҳақир матбах бардошт. Аз ин маънист, ки аз шеъри ӯ бӯйи шалворбанд меояд ва аз сухани ман роиҳаи суфрабанд» [4, 66].

Ашъори Абӯисҳоқ, махсусан, дар ҷавобҳо ва тазминҳояш заҳрханде пайдост, ки ба ғазалҳои пешиниён нақиза бастааст ва барои ҳосил кардани мақсадҳои эҷодӣ худро пайрави Убайди Зоконӣ медонад.

Абӯисҳоқи Атъима дар қатори дигар шоирони бузурги гузашта ба ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ таваҷҷуҳи хоса дорад. Ӯ ба якчанд ғазалҳои Ҳофиз нақиза сохтааст, ки мо дар ин мақола онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ӯ мавзӯи аслии суханро тағйир дода, барои шарҳи мустақим баёни орзуҳои гуруснагонро дар бӯйи суфраи мунъимон интихоб намудааст. Ӯ ба ғазалҳои машҳури Ҳофиз васфи атъимаро намуда, маъниҳои ҳаҷвиро ворид намудааст ва мавзӯи тозае дар адабиёти форсӣ афзудааст. Минбаъд сабки падидовардаи ӯ мавриди тақлиди дигарон қарор гирифтааст. Ӯ гоҳе пурра ба ғазали Ҳофиз ҷавоб гуфтааст гоҳе мисраъҳои дохили ғазали Ҳофизро бетағйир овардааст. Ғазали зерин аз ҷумлаи онҳост.

Ҳофизи Шерозӣ мефармояд:

Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, ин дам аст, то донӣ…

Дар ҷавоби ғазали Ҳофиз ин ғазалро меорад:

Ҳар замон, ки дарёбӣ нони гарму бӯронӣ,
Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ
Аз пайи чунин лутфе гар расӣ ба собуне,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, он дам аст, то донӣ.
Нони саътару сӯфӣ мову мурғу машкуфӣ,
Он ба ӯст шоиста, ин ба мост арзонӣ.
Пеши сирка аз сахту дам мазан, ки натвон гуфт,
Бо табиби номаҳрам ҳоли дарди пинҳонӣ.
Ҳарки ишқи кочӣ пухт, оқибат пушаймон шуд,
Оқило, макун коре, к-оварад пушаймонӣ.
Дил зи чашми бузғола гӯш доштаам, лекин,
Каллаи пур аз мағзаш мебарад ба пешонӣ.
Нону ширдон, Бӯсҳоқ, доди ту нахоҳад дод,
Ҷаҳд кун, ки аз гетӣ доди хеш бистонӣ [4, 57].

Абӯисҳоқ дар тасвири атъима хеле муваффақ аст ва мекӯшад, то таъму ранг ва тарзи таҳияи ғизоҳо ва дилпазир будани онҳоро ба тарзҳои мухталиф тасвир кунад. Шоир тавонистааст, ки майлу рағбати хонандаю шунавандаи ашъорашро ба таъомҳо ҳувайдо созад ва эҳтирому арҷи баъзе аз ғизоҳоро ба хубӣ нишон диҳад.

Ғазали дигари Ҳофиз, ки дар васфи чаману гулу булбул, ишқу тараб ва зебоиҳои табиат суруда шудааст, манбаи илҳоми Абӯисҳоқ гардидааст.

Дили мо ба даври рӯят зи чаман фароғ дорад,
Ки чу сарв пойбанд асту чу лола доғ дорад…

Дар ҷавоби ин ғазал шоир дар васфи барраи бирён ва қаля чунин гуфтааст:

Дили мо ба даври бӯрак зи адас фароғ дорад,
Ки ба пунба пойбанд асту зи сар чӣ доғ дорад.
Ҳабаше бубин, ки дорад сари суҳбати Музаффар,
Ту сиёҳи камбаҳо бин, ки чӣ дар димоғ дорад.
Чӣ хуш аст боғи бӯрак чу зи пеши қаля ояд,
Ки ба бели кафки равған ба аёни боғ дорад.
Чу ба саҳни бара дидам ҳабаше ба кунда куфта,
Ки бубин мақоми Анқо, ки чӣ гуна зоғ дорад.
Хуш аз он нафас, ки Бусҳоқ чу масти қаля бошӣ,
Ва дигар боти кадубо ба дарат айғ дорад [4, 49].

Абӯисҳоқ дар ашъораш нишон медиҳад, ки ӯ шеваи шоирони гузаштаро давом дода, онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст, дар ҷавобгӯӣ ба ашъори ҳар як аз онҳо, аз он ҷумла Ҳофизи Шерозӣ маҳорат ва тавонии фаровоне касб кардааст. Ӯ маҳорати лафзӣ ва маънавии худро, чуноне ки гуфтем, ба таври табиӣ васфи ғизоҳою нӯшокӣ ва хӯрданиҳо намудааст. Ғазали зерини Ҳофиз, ки ҷанбаи ифронӣ ва фалсафӣ дорад, мавриди назари Атъима қарор гирифтааст:

Агарчи арзи ҳунар пеши ёр беадабист,
Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.
Парӣ нуҳуфта руху дев дар карашмаи ҳусн,
Бисӯхт дида зи ҳайрат, ки ин чӣ булъаҷабист…
Биёр май, ки чу Ҳофиз ҳазорам изтиҳор,
Ба гиряи саҳариву ниёзи нимашабист.

Абӯисҳоқи Атъима дар ҷавоби ғазали Ҳофиз васфи ширинихоро намудааст ва ситоиши қанду набот ва шефтагии худро нисбат ба ширинихо баён намудааст:

Агарчи баҳси рутаб пеши қанд беадабист,
Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.
Набот ҳамдами чӯб асту хор ёри рутаб,
Дар ин миён дили мо сӯхт, к-ин чӣ булъаҷабист.
Чӣ мева мекунад оби набот бар дили мо,
Ки бар табақчаи холиву косаи хобест,
Дигар магӯй, ки полуда об маёвез аст.
Бинои гулшани гетӣ паҳлӯяш танабист.
Сабаб мапурс, чу Бӯсҳоқ хуш хӯрад лавте,
Ки иштиҳои ҷунуиро дилам бесабабист [4, 45].

Ашъори Хоҷа Ҳофиз дар пояи баланди шоирӣ суруда шуда, аз обу ранги бадеӣ хеле бой аст. Ба ғазалҳои ӯ чи ҳамасронаш ва чи шоирони баъдӣ пайравӣ намуда, ҷавобияҳои зиёд гуфтаанд. Абӯисҳоқ низ ин ҷо истисно нест ва дар қолаби ғазалҳои Ҳофиз маъниҳои дигар ворид намудааст. Ин ғазали мазкурро, ки хеле маънии баланд ва лаҳни ширин дорад, дида мебароем.

Булбуле барги гуле хушранг дар минқор дошт,
В-андар он баргу наво хуш нолаҳои зор дошт.
Гуфтамаш: «Дар айни васл ин нолаву фарёд чист?»
Гуфт: «Моро ҷилваи маъшуқ дар ин кор дошт»…

Абӯисҳоқи Атъима дар ҷавоби ғазали дар боло овардашуда ғазали нақиза месозад ва дар байни он мисраъҳои ғазали Ҳофизро истифода мебарад. Дар ин ғазал ба васфу таърифи самбӯса ва равған мепардозад.

Мухлифе[1] санбӯсаи парқия дар минқор дошт,
Дар миёни ҷӯши равған нолаҳои зор дошт.
Гуфтамаш: «Дар равғане, ки сӯзу нола баҳри чист?
Гуфт: «Моро шеваи самбӯса дар ин кор дошт».
Гар музаъффар[2] бо адас[3] наншаст ҷурми суфра чист?

---

1. мухлиф - кабӯтар
2. музаъффар - биринҷ
3. адас - наск

Подшоҳе комрон буд, аз гадое ор дошт,
Чашмаи равгаи дар атрофи ҳарисе бомдод,
Шеваи ҷанноти таҷрӣ таҳтуҳ-ал-анвор дошт,
Ман зи мурғу ҳалқачӣ гуфтор дорам дар даҳон.
Хуррам он к-аз нозбинон бахти бархӯрдор дошт,
Чун малак аз чарби ширин бурдаӣ ҳалвофурӯш.
К-ин хаёли ҳалқачӣ дар гардиши паргор дошт,
Ғарқи шарбат кун, Худоё, рӯҳи Бӯсҳоқ ин замон,
В-он ки ширинии олам ҷумла дар ашъор дошт [4, 53].

Инчунин, ба ғазалҳои машҳури Ҳофиз, ки қабули хосу оманд, шоир дар либоси таркибу истилоҳоти таъомҳо нақиза сохтааст. Ин ғазали маъруфи Хоҷа Ҳофиз манбаи илҳоми Абӯисҳоқ қарор гирифтааст.

Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.
Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро…
Ғазал гуфтиву дурр суфтӣ биёву хуш бихон, Ҳофиз
Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро [5, 6].

Дар ҷавоби ин, шоир ғазали кӯтоҳеро овардааст, ки мисраъҳои ғазали Ҳофизро дар байни байтҳо бетағйир ҷой додааст:

Ба пешам чун хуросонӣ гар орӣ саҳни Буғроро,
Ба бӯйи қаля бифрӯшам Самарқанду Бухороро.
Чӣ олоӣ ба мушку ҷаъфарон рухсори полуда,
Ба обу рангу холлу хат чӣ ҳоҷат рӯйи зеборо.
Ҷамоли барраи бирёну ҳусни равгани кушкак,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони Яғморо.
Бигӯ Исҳоқ васфи хӯшаи ангури малоҳӣ,
Ки бар шеъри ту афшонад фалак иқди Сурайёро [4, 30].

Ғазали маълуму машҳури дигари Ҳофиз, ки саросар маънои ирфонӣ дорад, диққати Абӯисҳоқи Атъимаро ба худ ҷалб намудааст:

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд набишт...[5, 50].

Дар ҷавоби ин ғазал ӯ чунин мефармояд:

Айби коҷи макун,эй бӯраки покизасиришт,
Ки хамираш ба сиришти ту нахоҳанд сиришт.
На манам дар талаби нон, ки аз даҳр биравам,
Падарам низ биҳишти абад аз даст баҳишт.
Ту агар тухми гиёҳ корию манн сирпиёз,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.
То қазо сӯзани мо ҳар чба сарсуфра ниҳод,
Ҳеҷ касс ҳамчу манн ин риштаи борик наришт.
Насри Бӯсҳоқ магар қабл бар ришта бурид,
Ё падар мавриди ин тифл ба томмоз навишт [4,93].

Ҳамин тавр, жанри нақиза дар эҷодиёти Абӯисҳоқи Атъимаи Шерозӣ мавқеи калонеро ишғол кардааст. Бахусус, дар ғазалҳои ӯ ин жанри адабиро бештар дида метавонем, ки яке аз хидматҳои бузурги ӯ дар адабиёт аст. Ӯ бо завқи баланду хушгӯйӣ ва танзсозии хеш ба ғазалҳои шоирони гузаштаи худ, аз он ҷумла ба Ҳофизи Шерозӣ ҷавобҳо гуфта, васфи таому хӯрданӣ ва нӯшокию ширинихоро намудааст. Ғазалҳои нақизашавандаи ӯ фарогири луғоту истилоҳоти ғизоҳои мухталиф ва нодир буда, аз ҷиҳати содагию равонӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ғазалҳои Атъима тасвирҳои зебо, санъатҳои баланди лафзию маънавиро дида метавонем.

А Д А Б И Ё Т

1. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ; бо ҳиммати Муҳаммади Рамазонӣ. – Теҳрон: Падидаи Ховар, 1366. – 450 с.
2. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Ойина, 1373. - 399 с.
3. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1362. – Ҷ.4. - 704 с.
4. Мавлоно Абӯисҳоқи Ҳаллоҷи Шерозӣ. Девон / Мавлоно Абӯисҳоқи Ҳаллоҷи Шерозӣ. – Истамбул, 1303. – 560 с.

5. Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. – Техрон: Нашри замон, 1379 / 2001. – 356 с.
6. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1989. - Ҷ.3. - 593 с.

ПАРОДИИ АБУИСХАКА АТЪИМА К ГАЗЕЛЯМ ХАФИЗА

Абуисхак Атъима Ширази жил и творил в XVвеке и обладал большим мастерством в сочинении пародий. Жанр пародии имел очень большое значение в его творчестве. Он обладая высоким художественным вкусом, сочинял великолепные пародии на газели поэтов-предшественников, в том числе и на газели Хафиза Ширази и воспевал в них еду, напитки и сладости. Его пародийные сочинения привлекали своими особенностями изложения, использования словарей и терминов относительно еды, сладостей и напитков. В газелях Атъима мы видим красивое изображение, высокое искусство красноречия.

Ключевые слова: Абуисхак Атъима Ширази, жанр пародии, мастер сочинения пародий, великолепные пародии на газели поэтов-предшественников.

PARODY OF ABHISHEKA ATHEMA TO THE GHAZALS OF HAFIZ

Abhishek Athima Shirazi lived and worked in XVвеке and possessed great skill in composing parodies. The parody was of very great importance in his work. He has high artistic taste, composed a magnificent parody of the ghazal poets that preceded it, including the ghazals of Hafiz Shirazi and sang them in food, drinks and sweets. His parodic writings attracted to its features of presentation, use of dictionaries and terminology regarding food, sweets and drinks. In the ghazals Athima we see a beautiful image, the high art of eloquence.

Key words: Abhishek Athima Shirazi, genre parody, master works of parody, great parody of ghazal poets of the predecessors.

Сведения об авторе: ***У. Алимова*** – аспирантка Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 917-11-44-41**

ОИД БА ЗАМИНАҲОИ СИЁСИВУ ИҶТИМОИИ ТАНЗИМИ «ШОҲНОМА»

Джавад Джафари Бура Ганбар
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар Наҳованд ба соли 21-и ҳиҷрӣ (580 м.), чаҳордаҳ қарни таърихи пурҳодиса ва бошукӯҳи Эрони бостон, ки аз ҳафт қарни қабл аз мелод то ҳафт қарни баъд аз он кашида шуда буд, ба поён расид. Албатта, ин ҳодиса фақат суқути давлати бо азамат набуд, суқути дастгоҳи фосид ва табоҳшуда буд [1].

Зеро дар поёни кори Сосониён аз парешонӣ ва бесаранҷомӣ дар ҳама корҳо фасод ва табоҳӣ роҳ дошт. Аз тарафе ҳам ваҳдати динӣ дар ин рӯзгор тазалзуле тамом ёфта буд ва аз фасоде, ки дар ахлоқи мӯбадон буда, хушмандони қавм аз ойини Зартушт (Ойини ҳукуматишуда) сархурда буданд ва ойини тозае меҷустанд, ки ҷанбаи ахлоқӣ ва рӯҳонии он аз дини Зартушт қавитар бошад ва расму ойини табақотии куҳанро низ дарҳам фурӯ резад. Нуфузе, ки ойини тарсо дар ин айём дар Эрон ёфта буд аз ҳамин ҷо буд. Беҳуда нест, ки Рӯзбеҳ ибни Марзбон, ё чунонки баъдҳо хонда шуд, Салмони Форсӣ дар пайи гурез аз дини ҳукумати Сосониён ойини тарсо гузид ва боз хурсандӣ наёфт. Ночор дар пайи дини тоза дар Шом ва Ҳиҷоз мерафт [2]. Ба ҳар ҳол арабон бар Эрон мусаллат шуданд, шаҳрҳо ва қалъаҳои бисёр вайрон гашт. Хонадонҳо ва дудмонҳои зиёд барбод рафт, неъматҳо ва амволи тавонгаронро тороҷ карданду ғаноим ва анфол* ном ниҳоданд. Духтарон ва занони эрониро дар бозори Мадина фурӯхтанд ва сабоё ва усаро хонданд. Аз пешаварон ва барзгарон, ки дини мусулмониро напазируфтанд, боҷи гарон ба зӯр гирифтанд ва ҷизя ном ниҳоданд.

Ҳамаи ин корҳоро низ аъроб дар сояи шамшер ва тозиёна анҷом медоданд. Ҳаргиз дар баробари ин корҳо ҳеч кас ошкоро ёрои эътироз надошт. Ҳад ва рачму қатлу ҳирқ танҳо ҷавобе буд, ки араб, хосса дар аҳди Уммавиён ба ҳар гуна эътироз медод.

Хушунат ва қасовати араб нисбат ба мағлубшудагон беандоза буд. Араб бо худписандии кӯдаконае, ки дар ҳар фотеҳе ҳаст, мусалмонони дигарро маволӣ ё бандагони хеш мехонд. Таҳқир ва носазоӣ, ки дар ин номи нораво вуҷуд дошт, кофӣ буд, ки ҳамвора эрониёнро нисбат ба араб бадхоҳ ва кинатуз нигаҳ дорад. Аммо,

---

*Ғаниматҳое, ки аз куффор гиранд (Луғатномаи Деҳхудо) Деҳхудо Алӣ Акбар. Зайли калимаи анфол, нармафзори фарҳангнома.

қуюд ва ҳудуди ҷобиронае, ки бар онҳо таҳмил мешуд, ин кина ва нафратро муваҷҷеҳтар мекард. Бедод ва фишори дастгоҳи ҳукумат сахт мояи нигаронӣ ва норизоии мардум буд.

Мавло наметавонист ба ҳеҷ кори обрӯманд бипардозад. Ҳақ надошт силоҳ бисозад ва бар асб биншинад. Агар як мавлои нажоди эронӣ духтаре аз арабонро ба занӣ мегирифт, як суханчини фитнаангез кофӣ буд, ки бо таҳрик ва саоят талоқу фироқро бар зан ва тозиёнаву зиндонро бар мард таҳмил намояд.

Ҳукумат ва қазоват низ ҳама ҷо махсуси араб буд, ҳеҷ мавлое ба ин гуна маносиб ва мақомот намерасид. Ҳаҷҷоҷ бинни Юсуф бар Саид бинни Ҷабир, ки аз порсотарин ва огоҳтарини мусалмонони асри худ буд, миннат мениҳод, ки ӯро бо он ки аз маволӣ аст, чанде ба қазои Куфа гумоштааст, назди онҳо иштиғол ба мақомот ва маносиби ҳукумат дархури маволӣ набуд, зеро ки асл бо сиёдати фитрии нажоди араб мунофот дошт. Аммо ин тартиб наметавонист давом дошта бошад, зеро араб барои кишвардорӣ ва ҷаҳонбонӣ ба ҳеч ваҷҳ завқ ва истеъдоду таҷрибаи кофӣ надошт [3].

Араб, ки майдони фикр ва амали ӯ ҳаргиз аз ҷавлонгоҳи аспон ва шутуронаш таҷовуз накарда буд, барои идораи кишвари васее, ки ба дасташ афтод, наметавонист ба куллӣ аз маволӣ сарфи назар намояд. Ночор дер ё зуд бартарии «маволӣ»-ро изъон намуд.

Абас нест, ки як халифаи худхоҳи мағрури баландпарвози умавӣ маҷбур шуд ин иборати маъруфро бигӯяд ки: «Аз ин эрониҳо шигифт дорам, ҳазор сол ҳукумат карданд ва соате ба мо мӯҳтоҷ набуданд ва мо сад сол ҳукумат кардем ва лаҳзае аз онҳо бениёз нашудем». Аммо ба рағми касоне, ки наметавонистанд ин маволиро дар раъси корҳои ҳукумат бубинанд, дере нагузашт, ки эрониён дар қаламрави дин ва илм ҷойгоҳи шоистае барои худ ба даст оварданд.

Чунонки дар поёни давраи умавӣ бештари фуқаҳо, бештари қуззот ва ҳатто иддаи зиёде аз уммол аз маволӣ буданд, маволӣ бар ҳама шууни ҳукумат истило доштанд. Бад-ин гуна ҳуш ва нубуғи маволӣ ба тадриҷ корҳоро қабза кард [4].

Ба ҳар ҳол хилофати умавиҳо дастхуши ҳарҷу марҷ ва арзаи таассуб ва низоъ гашт, ки ин даргириҳои дарунӣ ва ихтилофи назарҳо мояи заъфи давлати бани Умайя гашт. Хоса, ки дар Хуросон – маркази даъвати Аббосиён низ, бар асари ин низоъ ва таассуб бани Умайя маҷоли саркубии мухолифони хешро намеёфтанд. Хуросон, ки маҳди афсонаҳои паҳлавонии Эрон буд ва аз тарафе аз маркази ҳукумати арабӣ дуртар буд, беш аз ҳар ҷо барои қиёми эрониён муносиб менамуд.

Ба ҳамин ҷиҳат вақте қудрати бани Умайя рӯ ба уфул мерафт, даъвати Аббосиён дар он ҷо тарафдорони бисёр ёфт. Аз ҷумлаи касоне, ки ба ин даъват посух дода буд, Абумуслими Хуросонӣ буд, ки аз ҷумлаи эрониёне буд, ки аз ҷавру таҳқир ва бедоди арабон ба сутӯҳ омада буд ва наҳзати худро мужди раҳоии хеш талаққӣ кард ва ошкоро ба тавсеаи ин наҳзат пардохт.

Ҳарчанд ки ӯ ва наҳзати ӯ дар пайи ғадр ва хиёнати Аббосиён масун намонд ва мисли дигар наҳзатҳои озодихоҳонаи қаҳрамонони эронитабор, ки дар асари зулму ҷаври аъроби кинатуз алами шӯриш барафроштанд, кушта шуд.

Аммо боз ба баҳонаҳои мухталиф нафрат ва кинае, ки эрониён нисбат ба араб доштанд, ононро дар ҳар ҷараёне, ки ранги шӯриш ва исён бар зидди хулафо дошт, ворид мекард, дар ивази заҷру қатл ва зиндону табйид фақат иродаи онҳоро қавитар ва азмашонро росихтар мекард.

Дар ҳар сурат бо ин шӯришҳо ва кашокашҳо Эрон ва эронӣ кам-кам аз зери ливои зулм ва ҷаври аъроб берун меомад, то ин ки бо қатли Амин ва Маъмуни Аббосӣ араби мутаассиб дигар қадр ва манзалати худро (тақрибан) аз даст дода буд. Дуруст аст, ки аз оғоз хилофати Аббосиёни араби мутаассибро қадре ва шаъне набуд, аммо боз дар ин давра хулафои Бағдод онҳоро ба куллӣ каноре нанҳода буданд. Дар баъзе умур бо онҳо машварат мешуд ва баъзе маносиб ба онҳо вогузор мегашт. Ихтилофи Амин ва Маъмун, ки дасти вузаро ва умарои араб ва Эрон дар он дахолат дошт, саранҷом ба пирӯзии Маъмун хотима ёфт, ки модараш эронӣ буд ва хуросониён ӯро ёрӣ мекарданд ва аз он пас араби умавӣ дигар дар даргоҳи хилофат қадр ва шаъне наёфт. Аммо кина ва душмании аъроб поёне надошт ва ҳамчунон осораш дар лоя-лояи табақоти иҷтимоии эрониён чеҳраи нафратангезашро нишон медод.

Ба ҳар ҳол қиёмҳо ва шӯришҳои мухталифи озодихоҳони эронӣ то авоили қарни савуми ҳиҷрӣ агарчи ғолибан ба натоиҷи мусбате нарасид, вале таъсири муҳими

онҳо эҷоди заъф ва хилоф дар дастгоҳи хилофат ва фароҳам овардани муқаддамоти кор барои барпо сохтани қиёми ниҳоии истиқлолталабони эронӣ буд ва нахустин касе, ки бо лаёқат ва кордонии тамом аз ин оби гилолуд моҳӣ гирифт, Яъқуб писари Лайси Саффор – рӯйгарзодаи номовари системӣ буд. Ӯ тавонист бо сипоҳе коромад, ки аз дастаҳо ва гурӯҳҳои мухталифи системӣ, ки мухолифи дастгоҳи Аббосиён ва тозиён буданд, худро дар кашмакашҳои сиёсати маҳаллӣ ворид кунад ва дар соли 248 ҳ.қ. (798 м.) бар ҳама Систон даст ёбад ва бе он ки аз халифа маншури ҳукумат бигирад, бо истиқлоли комил фармонравои Систон шавад [4].

Яъқуб ҳарчанд тавонист, ки ба мавқеиятҳои фаровоне бирасад, аммо дар ниҳоят бо ғалабаи Маҳмуди Ғазнавӣ аз қудрат афтод. Он чи ки муҳим аст, ин аст, ки Саффориён мардуме меҳандӯст ва шуҷоъ буданд. Яъқуб шахсан бар асари тарбияти маҳаллӣ ва синфии худ дар эҳтиром ба мабонии миллият ва бузургдошти русуму одоби миллӣ сахтгир буд ва ба забони порсӣ алоқаи тамом дошт ва ба ҳамин сабаб фармон дода буд, то шоирон дар маросим ва идҳо ӯро ба забони тозӣ наситоянд, балки ашъори худро ба порсӣ сароянд ва ин муқаддимаи ривоҷи забони форсӣ ба сурати забони расмии дарборӣ дар дарборҳои салотини эронии машриқ гардид ва бад-ин тартиб адаби порсӣ поя гирифт ва барҷой монд [1].

Аз тарафи дигар, дар шимоли шарқии Эрон хонадони Сомонӣ, муҳимтарин, бузургтарин ва пурифтихортарини хонадонҳои ҳукуматии аҳди Аббосиён буданд. Ҷадди аълои ин хонадон «Сомонхудо» аз аъқоби Баҳроми Чӯбин буд ва дар аҳди бани Умайя бар Балх ҳукумат мекард. Вай дар оғози амр дини зартуштӣ дошт ва сипас қабули ислом кард ва баъд аз ӯ писараш Асад ҷои ӯро гирифт ва фарзандони Асад дар инқилоботи Хуросон, ки ба аҳди Ҳорун даргирифта буд, хадамоте ба халифаи ислом карданд ва ба ҳамин сабаб Маъмун ҳукумати чанд шаҳр аз Мовароуннаҳрро бад-онон бахшид (ҳудуди солҳои 204 ҳиҷрӣ – 765 мелодӣ). Ба ин тартиб авлоди Сомонхудо аз оғози қарни савум бар дурдасттарин навоҳии шимолу шарқи мамолики исломӣ даст ёфтанд ва ба таҳкими мавзӯи иқтидори худ дар он ноҳия пардохтанд, то дар соли 279 ҳиҷрӣ (819 м.) Исмоил бинни Аҳмад баъд аз вафоти бародараш Наср мунҳасиран ҳукумати тамоми Мовароуннаҳрро дар даст гирифт ва ҳашт сол баъд дар ҷанге, ки бо Амр ибни Лайс кард, бар ӯ ғалаба ёфт (287 ҳиҷрӣ – 818 м.). Ва Хуросонро низ замимаи ҳукумати худ сохт ва дар ҷангҳои баъд аз ин таърих то ҳудуди Рай ва Қазвин пеш ронд ва аз ҷониби Машриқ ҳам қабоили мутаҷовизи туркро бар сари ҷои худ нишонд. Бад-ин тартиб ҳангоме ки вафот меёфт, ҳукумате мустақил ва нерӯманд ба вуҷуд оварда буд, ки то соли 389 ҳиҷрӣ (998 м.) давом ёфт ва бар қисмати бузурге аз Эрон то Синду Кирмону Рай тасаллут дошт ва Систону Хоразм боҷгузори он ва тамоми Мовароуннаҳр то соҳили Сирдарё ва доманаҳои Помир дар ихтиёри он буд.

Аҳамияти умарои Сомонӣ аввалан аз он ҷиҳат аст, ки чун аз як хонадони асил ва қадими эронӣ буданд, ба миллияти худ алоқаи бисёр доштанд ва ба ҳамин сабаб русуму одоби қадими эрониро, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр боқӣ монда буд, ҳифз карданд ва табақоти қадими иҷтимоии эронӣ монанди «деҳқонон» ва «озодон» ва аҳли бутутотро ҳамвора мавриди икроми худ қарор медоданд ва ин амр моҳияти тасбити бисёре аз русуми қадим гардид ва чун Ғазнавиён низ тарбиятёфтаи онон буданд, аглаби он русум ва қавоидро нигоҳ доштанд [2].

Таваҷҷуҳ ба забони порсӣ ҳам аз хадамоти муҳими шоҳони Сомонӣ аст. Ҳамаи афроди ин хонадон алоқаи шадид ба забони форсӣ ва назму насри он доштаанд ва аз ин рӯй шоирони порсигӯйро мавриди ташвиқ ва инъому икром қарор медоданд. Мутарҷимонро ба тарҷумаи китобҳои мӯътабаре монанди «Сандбоднома», «Бахтиёрнома», «Калила ва Димна», «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири кабири Табарсӣ» ба насри форсӣ ташвиқ мекарданд ва аз ин роҳҳо бунёни адаби форсиро аз ҳар ҳайс мустаҳкам месохтанд.

Баъзе аз умарои тобеи давлати Сомонӣ ҳам дар ин роҳ аз онон пайравӣ мекарданд, масалан, дар ҳамин аҳд буд, ки дар Хуросон ба ҳиммати яке аз волиёнашон «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» тадвин ва таълиф шуд, ки яке аз манобеи аслии «Шоҳнома»-и манзуми ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ буд.

Дуруст дар ин рӯзгор аст, ки тақрибан хонадонҳои эронӣ дубора имтиёзоти куҳанро ба сурате дигар ба даст меоварданд, бузургон ва донишмандон ва адибони бузурги ин марзу бум қад барафроштанд ва ҳақиқати азамат ва бузургии Эрон ва эрониро ба рух кашиданд.

Тӯфоне саҳмгин ва хурӯшоне, ки аз сарзамини араб баромада буд ва давлати бузургу пурқудрати Сосониёнро зеру забар карда буд, шаҳрҳо ба тасхир даромада ва молҳо ба тороҷ рафта буд, дигар баъд аз талоши Абумуслим ва Муқаннаъ* дар Хуросон, Ҷовидон* ва Бобак* дар Озарбойҷон, Сипаҳбади Хуршед* ва Мозёр* дар Табаристон аз хориҳо ва кучакшуморихои арабон миллати Эронро растохезе шуд, ки дар тайи ин растохез паҳлавони маглуб қад барафрошт ва пушти фотеҳи маграрро ба хок расонид.

Ҳукумат ва сиёдати араб рафта-рафта чун «рӯъёи шаби нимаи тобистон»* дуд ва бод гардид ва ба ҳамин тартиб тақрибан қарни чаҳоруми ҳичрӣ (қарне, ки ҳамқарн бо рӯзгори Фирдавсӣ аст) дар Эрон даврони ғалаба ва ривоҷи сиёсати нажодӣ, хоҳ дар ҳукумат ва идораи кишвар ва хоҳ дар умури иҷтимоӣ ва ҳифзу идомаи русуму одоби миллӣ ва фарҳанги Эрон аст.

Дар ин давра дигар миллати Эрон бар асари муҷоҳидати қуруни пешин тавонист истиқлоли аздастрафтаро таҷдид кунад ва забони порсиро чун забони мустақил бо адабиёти пурсарвати он бар курсӣ нишонад. Ин давра аз назари иҷтимоӣ аҳди муфохират ба нажод ва миллияти эронӣ ва озодии афкор ва ақоиди фираки мухталиф ва адами таассуби умаро ва ҳифзи сиёсати миллӣ ва нажодии эрониён шумурда мешавад ва ба ҳамин сабаб пояи ҳамосаҳои миллии форсӣ дар ин давра гузошта шудааст [2, 68].

Хосияти нажодии эронӣ дар ин замон ба ҳадди камол буд ва ба ҳамин сабаб дар сиёсат афроде назири Исмоил бинни Аҳмад ва Мардовиҷ писари Зиёр ва Алӣ писари Буя ва Муизуддавла бародари ӯ ва назири онон; ва дар илм афроде бузург ва номбардоре чун Розӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва назоири эшон ва дар адаби форсӣ низ бузургоне монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ ва амсоли онон дошт, ки аз тарафе ғолибан бешоибаи таассуби динӣ ва бо ҷустуҷӯи ҳақиқат ва талаби дониш барои нафси илм саргарми кор ва кӯшиш буданд ва аз тарафе дигар дар тариқи сарбаландии миллат ва таҳкими бунёди ифтихороти миллӣ муҷоҳадат мекарданд.

Ба дунболи талош ва муҷоҳадати ҳамин гурӯҳҳо ва меҳандӯстон буд, ки кам-кам бунёди ташкили шуубиён шуд ва ҳатто ба Фирдавсӣ низ баъзе аз ояндагон нисбати шуубиягарӣ додаанд.

Ин гурӯҳ дар ҳақиқат дар гирудори мушоҷироте, ки дар заминаи ақоид ва орои динӣ байни соҳибназарон даргирифта буд ва масъалаи дигаре, ки дар байни мусалмонон матраҳ буд, шакл гирифтанд ин ки: оё арабон, ки Эрон ва дигар кишварҳои ҷаҳонро ба номи ислом таҳти султаи худ даровардаанд ва бар бисёре аз ақвоми ҷаҳон пирӯз ёфтаанд, бар дигар ақвоми ҷаҳон бартарӣ доранд? Албатта, аъроб худ дар ин боб шак надоштаанд, гузаштаи рӯзгори хешро оганда аз фахру шараф ва озодӣ ва бузургворӣ медиданд. Аз бобати саъй ва муҷоҳадате низ, ки дар кори нашри ислом карда буданд, хештанро бар дигар мусалмонон соҳиби ҳақ мешумурданд. Бад-он сабаб низ, ки паёмбари ислом (с) аз араб бархоста буд ва Қуръон ҳам ба забони араб буд, гумон мекарданд арабро бар ҳама ақвоми ҷаҳон бартарӣ аст, ки албатта, дар Эрон ба рӯзгори умавиён чандон ин бартариро, ки муддаӣ буданд, ба раҳҳо кашиданд, ки мояи ранҷу малол гашт [1, 296].

---

*Муқанаъ ё ал-Муқанаъ. Ҳошим бинни Ҳаким ё Ҳаким бинни Ато, соҳиби моҳи Нахшаб, пешвои сапедҷомагон (оташпарастон), марде якчашм ва гозар буд, ки дар он сӯи Ҷайҳун фирқае дар муқобили сиёҳҷомагон таъсис кард.

*Ҷовидон ибни Саҳрак. Аз муассисини аввалияи хуррамиён аст, ки баъдҳо ба хуррамдинон шӯҳрат ёфтанд ва махдуми Бобак хуррамӣ буд.

*Бобак, ҳамон Бобаки хуррамдин аст (барои иттилооти бештар руҷӯъ шавад ба Алфехрасти Ибни Надим ва Луғатномаи Деҳхудо).

*Ҳокими Табаристон, мулақаб ба Изуддавла, писари Муиззуддавлаи Дайламӣ, ки ҳамвора аз мухолифони дарбори хилофати Бағдод буданд.

*Аз ҳуккоми Мозандарон, дар асл аз порсиёни Эрон буда ва ойини зардуштӣ дошта ва бо Маъмун ба мухолифат пардохт. Охируламр ӯро гирифта ба Бағдод бурданд ва халифа ӯ ва Афшину Бобакро бикушт ва бисӯхт.

*Ишора ба драмаи маъруфи Шекспир ба ҳамин унвон аст.

Албатта, дар натиҷаи ин бартаричӯии аъроб касоне буданд, ки ин иддаои онҳоро рад мекарданд ва ба оёти мухталиф дар Қуръон ишора мекарданд, ки «гиромитарини шумо дар назди Худованд он кас аст, ки парҳезгортар бошад» [3].

Ин гурӯҳ, ки онҳоро аҳли тасавия меномиданд, ин даъвиҳои аъроби ҷоҳилро ба зиёни мусалмонӣ мешумурданд. Ғайр аз ин аҳли тасавия касоне дигар буданд, ки фаротар аз аҳли тасвия ба таҳқиру сарзаниши аъроби худсито мепардохтанд. То он ҷо, ки аъробро ҷуз ғоратгару мардумкуш наменомиданд ва дар айни ҳол Қуръон ва ойини исломро хорич аз араб ва билоди араб медонистанд, чизе фаротар аз мухтаси як қавм ва қабилаи хос мешумурданд.

Номи шуубӣ, ки бар ин фирқаи мухолифи араб итлоқ мешуд, аз он рӯ буд, ки онҳо мӯътақид буданд, ки қабоили арабро бо мардуми ғайриараб ҳеч тафовут нест ва он даъвиҳо, ки араб дар бартарии хеш доранд, беҷо ва норавост. То он ҷое ин мушоҷара байни аъроб ва шуубиён боло гирифт, ки аз ҳар тараф суханварон бархостанд ва якдигарро ҳаҷвҳо ва сарзанишҳо карданд ва мухолифони араб, хоса эрониён, бозори ин ҳангомаро гармтар карданд ва дар ҳаҷв ва қадҳи араб беш аз он чи ҳақ ва сазо буд, ифрот пеша гирифтанд ва корро ба ҷое расониданд, ки андак-андак на ҳамон қавми араб, балки ҳар чизи дигарро низ аз забон ва ойину эътиқод, ки мансуб ба араб буд, таҳқир карданд ва мухолифат бо даъвиҳои арабро баҳона карданд, то бо даъвиҳои Қуръон ва ислом низ мухолифат кунанд ва дар ин мушоҷара аз ҳадди эътидол ба куллӣ хорич шуданд. Дар ҳар сурат аглаби инҳо бад-ин сабаб ҳар касе, ки дар ин даврон ва даврахои баъдтар аз Эрон ва эронӣ ва ифтихороти миллӣ ва нажодӣ сухан мегуфт, дар маърази нисбат ба шуубигарӣ қарор гирифт, ки аз он ҷумла Фирдавсӣ низ ба хотири сурудани «Шоҳнома» ва ситоиши фарҳанги эронӣ тавассути баъзеҳо ба ин фирқа мансуб мешуд, ки албатта, ба назари устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ Фирдавсӣ аз ин нисбат мубарро аст ва он ҳам ба ин далел, ки Фирдавсӣ дар ин боб дучори кашокаш ва таорузи дарунӣ аст, яъне рӯҳи ӯ арсаи низоъ миёни эҳсосест, ки ӯро ба тамоюлоти гурӯҳе наздик мекунад, ки сиёдати аҷам ва диёнати арабро бо ҳам мехоҳанд, яъне нажоди эрониро бар араб бартарӣ медиҳанд, аммо пайрави дини араб ҳастанд [4, 123–124].

Албатта, лозим ба зикр аст, ки мумкин аст Фирдавсӣ дар зимни достонҳои «Шоҳнома» ва аз забони ашхоси «Шоҳнома» ин сиёдати аҷам бар арабро баён карда бошад, аммо мубоҳоти сареҳи ӯ ба меҳри набӣ ва васӣ нишоне аз нодурустӣ ва тақяву риё надорад. Ҳамчунин фахри Фирдавсӣ на ба шукӯҳ ва зарқу барқи бемӯҳтавои Сосониёни охарӣ, балки ба пешинаи тамаддун ва фарҳанги эронӣ дар асри асотирӣ ва паҳлавонӣ аст. Ба ҳар ҳол суханони зебои эшон дар исботи диёнати эшон ба ислом ва пайғамбари гиромии ислом барои баёни ин муддао кофист.

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.
Худованди ному Худованди ҷой,
Худованди рӯзидеҳи раҳнамой.
Зи ному нишону гумон бартар аст,
Нигорандаи баршуда гавҳар аст.
Ба ҳастиш бояд, ки хасту шавӣ,
Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.
Манам бандаи аҳли байти набӣ,
Ситояндаи хоки поки васӣ.
Ба дил гуфт: агар бо набию васӣ
Шавам ғарқа, дорам ду ёри вафӣ [5].

Ин буд хулосае аз ҳаводис ва рухдодҳое, ки баъд аз ҳамлаи аъроб ба Эрон иттифоқ афтод ва то замони Фирдавсӣ дар кишвари Эрон мояи заминаҳое шуд, ки яке аз ангезаҳои Фирдавсии бузург дар кори ба назм кашидани ин асари сутург бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн Ду қарни сукут / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: Нашри сухан. - Чопи 22. Соли 1389. - С. 81, 89, 91, 92, 93, 296.
2. Сафо Забеҳуллоҳ Таърихи адабиёти Эрон / Сафо Забеҳуллоҳ. – Теҳрон: интишороти Қақнус. - Чопи 1386. – Ҷ. 1. – С. 24, 25, 23, 25, 65, 66, 68.
3. Қуръони карим, сураи ал-Ҳуҷрот, ояи 13.
4. Ҳумоӣ Ҷалолуддин Шуубия / Ҳумоӣ Ҷалолуддин. – Исфаҳон: Интишороти Соиб, 1363. – С. 123, 124.

5. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Абёти ибтидоӣ дар дебоча.

О СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ОСНОВАХ СОЧИНЕНИЯ«ШАХНАМЕ»

Обращение к изучению идей мыслителей прошлого, в частности, Фирдоуси на примере его «Шахнаме», объясняется его значимостью и ценностью в современных условиях. Постоянное обращение к «Шахнаме» Фирдоуси с целью ознакомления с процессами развития персидского общества позволяет пролить свет как на сущность и структуру государства и общества того времени, так и использовать эти ценнейшие знания в наше время.В данной статье автор рассматривает социально-политические основы сочинения «Шахнаме», героями которого являются действовавшие в то время общественные лица и народ.

Ключевые слова: «Шахнаме» Фирдоуси, процесс развития персидского общества, справедливость, правдивость, общественная среда, социально-политические основы сочинения «Шахнаме».

ON THE SOCIO-POLITICAL FOUNDATIONS OF THE WRITINGS OF THE"SHAHNAMEH"

Resorting to the study of the ideas of thinkers of the past, in particular, Ferdowsi in his Shahnameh, explains its importance and value in modern conditions. Constant appeal to the "Shahnameh" of Ferdowsi to familiarize with the processes of the development of Persian society to shed light on the nature and structure of state and society that time and to use these valuable knowledge in our time.In this article the author examines the socio-political foundations of the writings of the "Shahnameh", the characters of which are applicable at the time, public entities and the people.

Key words: Shahnameh of Ferdowsi, the process of the development of Persian society, justice, truthfulness, social environment, socio-political fundamentals of composing the poem, .

Сведения об авторе: ***Джавад Джафари Бура Ганбар*** – аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 934-78-22-87.**

НАЗАРИЯИ «ТАВҲИД» ҲАМЧУН ШИНОХТИ АСРОРИ ИЛОҲӢ ДАР ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

К. Қодиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тавҳид илми ирфон аст, зеро ин илм ба тамоми илмҳои дигар шафоат дорад. Агарчи дар илми каломи назарӣ ва ҳикмати фалсафӣ низ ғолибан аз мавзӯи худошиносӣ баҳс мешавад, вале назар сирфан фаҳмидани далел ва чидани суғрову кубро барои расидан ба натиҷаи лафзӣ аст. Дар илми тавҳид калому ҳикмат бо далелу бурҳон, расидани солик ба ҳазрати рубубият ва наздик шудани ӯ ба пешгоҳи улуҳият, ки ниҳояти ормону ҳадафи банда аст, истиқлол дода мешавад.

Тавҳид ин аст, ки анвори офтоби зот ба саҳрои ҳуввият метобад ва қатраи борони ҳудус дар баҳри ваҳдат гум мешавад, то худро наёбад:

(Ту дар ӯ гум шав, ки тавҳид ин бувад…)

ва:

Гар ту хоҳӣ то бад-ин манзил расӣ,
То ки мӯе мондаӣ, мушкил расӣ.
Ҳар кӣ дар дарёи ваҳдат гум нашуд,
Гар ҳама одам бувад, мардум нашуд.
То нагардӣ бехабар аз ҷисму ҷон,
Кай хабар ёбӣ зи ҷонон як замон?
Гар ҷаҳоне роҳ ҳар дам биспарӣ,
Гоми аввал бошадат чун бингарӣ.
Ҳеҷ солик роҳро поён надид,
Ҳеҷ кас ин дардро дармон надид.
Ҷумлаи мардон ниҳон ин ҷо шуданд,
Аз ду олам бенишон ин ҷо шуданд.
Ошиқон донанд дар майдони дард,
То фанои ишқ бо эшон чӣ кард [2, 169].

Шинохти асрори илоҳӣ марбут ба илми тавҳид аст, ки онро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун «Нуқта ва ё асрори нуқта» ишора кардааст. Асрори нуқта яке аз мадороте аст, ки ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, даҳоиқи илми тавҳид даври он сайр мекунад. «Нуқта» аз лиҳози эътибору мулоҳиза ва ҳамчунин зуҳур дар дараҷаи маҳориҷи ҳуруф дорои мартаба аст.

Нуқта калиди ганҷинаи аъёни калимоти арқом ва сурати ҳуруфи кутубӣ аст ва

агар нуқта набошад дараҷаи мушкилот, осори тобеи мухталифи он, ҳавоси гуногун ва таайюн маълум намешавад. Яъне, таайюни аввал василаи эҷоду авомили имкония ва калиди авомили ғайбия аст. Нуқта мабдаъ, реша ва асли суратҳои ҳуруфи арқом аст, ҳақоиқи вуҷудоти ҳуруф ба ӯ бармегардад. Нуқта, дар ойинномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, охири ҳама аст, оғози ҳама аст ва дар айни оғоз будан охир ва дар айни хафо дар таҷаллиёт пайдову ошкор аст.

Нуқта ҳаюло ва моддаи аслии ҳуруфу калимоти Ҳақ аст. Нуқта моддаи ҳақоиқи ҳуруфи арқому ҳаюло ва дақоиқи руқуми каломест, ки сурати калимот дар муҷаллои сафаҳоти авроқ ба воситаи он мавҷуд мегардад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нуқтаро аз ин ҷиҳат дорои болотарин асар ва бузургтарин тасарруф медонад. Дар байни ин ду ҳақиқат ду олам аст. Олами арқому ҳуруф ва олами аъдоду шумораҳо. Ин ду олам аз асрор макнунаи Ҳақ дар ҷаҳони паҳновари ҳастӣ аст ва касе наметавонад пардаи онро аз талъати ин асрор бардорад, ғайр аз аҳли калифу шуҳуд.

Нуқта, дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ монанди обе аст, ки аз рагҳо, шохаҳои дарахтон гузашта, ҷазб мешавад ва табиати об дар маҷрои шохаҳо, баргҳо, шукуфаҳо ва бӯю таъми дарахтон нуфуз менамояд, чунончӣ:

Таҷаллӣ намуд дар таҷаллии вуҷудаш, баҳри диданам,
Ва дар ҳар чизи дидашаванда дидам бо ҳар диданам.
Ва чист он алон (ки) ҷудо шуд ба зоҳирҳо,
Пиндоштанд ғайри онро, лек ӯ дар он таҷаллӣ намуд.
Ин ҳама акси маю нақши мухолиф, ки намуд
Як фурӯғи рухи соқист, ки дар ҷом уфтод [2, 27].

Асрори нуқта чунин аст, ки ӯро ҷиҳати муайяне нест ва ҷойгоҳи муайяни он дорои шакли кӯравӣ аст, ки танҳоию тағйир надорад. Маҳз нуқоти ҳафтгона ҳолати нуқтаро ташкил медиҳанд ва дар такомули худ ба се василаи авсофи камолия ва улуми ҳақиқия аз ғуюби ҳафтгона мадад мегирад. Латоифи инсонӣ ба муносибати худ донише аст, ки ба василаи он такомул пайдо мекунад ва аз ғайбу ботини махсуси худ мададу файз мегирад. Аввал илми латифаи бадания аст (ки табъония низ гӯянд). Ин илм дар мартабаи табъ барои камоли бадану ҷисми солим лозим аст. Донише аст, ки вобаста ба азобу ахлоқи зоҳирӣ. Дуюм, илми нафсония, ки мутааллиқ ба ахлоқу масоили нафсонӣ, ислоҳи умури ухравӣ аст. Дар натиҷа он солик аз хӯйҳои зишт ва ҳолатҳои торику зулмонӣ раҳо меёбад. Сеюм, илми латифияи қалбия аст ва он низ илми куллии яқинӣ аст, ки марбут ба сифати камолия аст. Ба воситаи ақли назарӣ ва ҳақоиқи кашфия аз ғайби сир мадад мегирад. Чаҳорум илми латифаи сиррия аст ва он низ илми ҳақиқӣ аст, ки мутааллиқи мукошифоту таҷаллиёт аст ва ба воситаи мушоҳидаи ғайбия ва ғайбу ботини рӯҳ мадад мегирад. Панҷум, илми латифаи рӯҳия аст ва он илме аст, ки мавзӯи он мушоҳида аст, ки бо воситаи нафаҳоти иноятии Ҳақ ба насими ҳидояти ӯ аз ғайби хафо илҳом мегирад. Шашум, илми латифаи хафия аст ва он низ илми иҷмолӣ аст, ки мутаалиқ ба асрори муҳаббату тафрид аст. Ҳафтум, илме аст, ки ба дараҷоти ҳашт биҳишт ва ворунаи ҳақоиқи суратҳои тафсилии он ишора ба ҳафт дӯзах ва оташ аст [2, 27-28].

Нуқтаи ишора аст, зеро солик нафси худро аз зиштиҳои накӯҳидаи афъоли нафсония ва тирагиҳои торики шавоғили олами ҳис ва табиат боз медорад ва ба ин тариқ, ки афъоли худро дар афъоли Ҳақ фонӣ ва мухмаҳил месозад. Нуқтаи ишора аст, зеро солику роҳрав ойинаи дилро аз зангори олоишҳои зудуда, аз палидиҳои хӯйҳои бад, чиркинии авсофи накӯҳида соф намуда ва сайқале намояд ва сифати худро дар сифати Ҳақ несту фонӣ менамояд.

Дар рисолаи «Зикрия» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ менависад: «…тавҳид он бувад, ки водии муқаддаси қадамро аз лӯси аз хоку хошоки ҳудус пок дорӣ ва аз манзилу вахдатгоҳи ҳутут рахти улфат бардорӣ ва ҳар чӣ дидӣ ва донистӣ надидаву надониста ангорӣ ва дар кулли ҳақиқӣ чунон гум шавӣ, ки аз ҷузъият ёд наорӣ» [4, 138]. Яъне, тавҳид шакли вахдати вуҷуд аст. Вахдати вуҷуд маънои ягонагии ҳастӣ аст. Мавзӯи ҳақиқии тавҳид танҳо Худост, боқӣ ҳама таҷаллии Худо аст. Дар ин маврид Ҷалолиддини Румӣ мефармояд:

Мо адамҳоем ҳастиҳонамо,
Ту вуҷуди мутлақу ҳастии мо.
Мо кӣ бошем, з-ӯ ту моро ҷони ҷон,
То ки мо бошем бо ту дар миён [5,88].

Вахдати шуҳуд-солик дар мақоми зулайнайн дарк мекунад, ки ҳодисот аз таҷаллӣ, яъне тобиши нури Худо ба вуҷуд меоянд. Ҳофизи Шерозӣ ба ин маънӣ

мегӯяд:

Дар хароботи муғон нури Худо мебинам,
Ин ачаб бин, ки чӣ нуре, зи кучо мебинам.
Хоҳам аз зулфи бутон нофагушоӣ кардан,
Фикри дур аст ҳамоно, ки хато мебинам.
Сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб,
Ин ҳама аз назари лутфи шумо мебинам.
Ҳар дам аз рӯйи ту нақше занадам роҳи хаёл,
Бо кӣ гӯям, ки дар ин парда чиҳо мебинам?
Кас надидаст зи мушки Хутану нофаи Чин,
Он чи ман ҳар саҳар аз бодӣ сабо мебинам [5,105].

Ваҳдат як будан ва мурод аз ваҳдати ҳақиқӣ вуҷуди Ҳақ аст ва вуҷуди ашё иборат аз таҷаллиёти Ҳақ ба сурати ашё аст ва касрати маротиби вуҷуд амри эътиборӣ аст. Ба қавли Маҳмуди Шабистарӣ аз таҷаддуди файзи раҳмат таъминоти аквонӣ намуде дорад ва зуҳури умури касир ва таҷаллиёти гуногун ваҳдату зоту камоли сифоти илоҳиро коста намегардонад. Масалан, партави офтоб, ки ба замин афтод, дар ҳадди зоти худ тақсиму шикаста намегардад ва агар ба шиша ҳам рангин тобад, ҳар як ба ранге намояд:

Офтобе дар ҳазорон обгина тохта,
Пас ба ранге ҳар яке тоби дигар андохта.
Ҷумла як нур аст, лекин рангҳои мухталиф,
Ихтилофе дар миёни ину он андохта [8, 84].

Ваҳдатро се маротиба аст: аҳадият, воҳидият ва ваҳдоният. Маъмулан орифон ваҳдатро ботини касрат ва касратро ботини ваҳдат гӯянд, ки вобаста ба ин ҳақиқат дар ҳар ду якест, ҳастию вуҷуд якест ва дарёи пурмавҷ асту олами одам ҳама амвоҷи он баҳранд. Сафӣ Алимшоҳ фармудааст:

Ваҳдати зоташ таҷаллӣ карду шуд касрат падид,
Боз пайдо з-ин касир он воҳиди яктостӣ.
Орифон гӯянд к-он зоти қадими лобашарт,
Ки на ҷузвасту на кул(л), андар масал дарёстӣ.
Баҳри лоҳаде бурун аз камму кайфу мадду ҷазр,
На фузун гаштӣ ба шайъе, не зи шайъе костӣ.
Баҳри аввалро ки зот аст, он ба тартибу вуҷуд,
Нест ҷуз як мавҷу он як ҳазрати асмостӣ [8, 84-85].

Мир Саийд Алии Ҳамадонӣ дар «Асрор-ун-нуқта ё тавҳиди ирфонӣ» ба мақсади возеҳтар гардидани моҳияти ҷараёни судур нуқта ва ҳарфу рақамҳоро мисол овардааст: «Ва чунон, ки нуқта мабдаъ ва решаву асли суратҳои ҳуруфи арқом буда ва ҳақоиқи вуҷудоти ҳуруф бар ӯ бармегардад ва мунтаҳо алайҳи ашколи ҳуруф аст, ҳамон тавр иқтидори кишвари ҳастӣ ва атвори мухталифи манозили шуҳуд чӣ пинҳон ҳама аз зоти Худованд ҳаст шудаанд ва бозгаштанашон ба ӯст. Ва ӯ дар айни ин ки охири ҳама аст ва дар айни оғоз будан охир ва дар айни қафо дар таҷаллиёт ва мазоҳири зуҳури худ пайдову ошкор аст ва бозгашти умури ҳама бар сӯйи ӯст» [2, 109].

А Д А Б И Ё Т

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. (таҳия, тасҳеҳ, луғат ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷаи Султонзода). - Душанбе: Ирфон, 1995. – Ҷ.I.
2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. (таҳия, тасҳеҳ, муқобила ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхӯҷаи Султонзода). - Душанбе: Ирфон, 1995. – Ҷ.II.
3. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ / Муҳаммад Риёз. - Душанбе: Ирфон, 1995.
4. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз / Муртазо Мутаҳҳарӣ. - Душанбе: Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1998.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ. - Душанбе: Ирфон, 1983.
6. Қодиров К. Риёзи ирфони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К Қодиров. - Душанбе: Деваштич, 2008.
7. Кашф-ул-асрор. Гулчини ғазалиёт аз девони Шайх Абдурраҳими Давлат. - Душанбе: Ҳумо, 2000.

ТЕОРИЯ «ЕДИНОБОЖИЯ» КАК ПОЗНАНИЕ ТАИНСТВА ТВОРЦА МИРОВ В МИСТИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В данной статье автор рассматривает тему теории «единобожия» как познания таинства творца миров

в мистической поэзии Мир Сайида Али Хамадани. Али Хамадани был ярым знатоком исламской культуры и на его творчество имели сильное влияние мистика и философия, а суфизм был мировоззрением Али Хамадани. Хамадани в своих сочинениях выступает как исследователь и теоретик ирфана. Большинство его работ представляет собой небольшие трактаты, посвященные отдельным вопросам суфизма.
Ключевые слова: мистическая поэзия, Мир Сайид Али Хамадани, теория единобожия, познание таинства творца миров, религиозная мифология, установление ислама, неподдельная вера в Творца миров.

THE THEORY OF "MONOTHEISM" AS THE KNOWLEDGE OF THE ORDINANCES OF THE CREATOR OF THE WORLDS IN THE MYSTICAL POETRY OF MIR SAYID ALI HAMADANI

In this article the author considers the subject of the theory of "monotheism" as the knowledge of the ordinances of the Creator of the worlds in the mystical poetry of Mir Sayyid Ali hamadani. Ali hamadani was an ardent scholar of Islamic culture and his work had a strong influence of mysticism and philosophy, and Sufism was the worldview of Ali hamadani. Hamadani in his writings serves as a researcher and theorist Irfan. Most of his works is a small treatises concerning the issues of Sufism.
Keywords: mystical poetry, Mir Sayyid Ali hamadani, the theory of monotheism, the knowledge of the ordinances of the Creator of the worlds, religious mythology, the establishment of Islam, genuine faith in the Creator of the worlds,

Сведения об авторе: ***К. Ҳодиров*** - доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета

АФКОРИ АДАБИИ МУҶМАЛӢ РОҶЕЪ БА ОДОБИ ИНШО ВА ФАЗИЛАТИ МУНШӢ

Ш. Файзиева
Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ

Воҷидалии Муҷмалӣ дар шумори чеҳраҳои адабии шинохташудаи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб меёбад, ки то кунун роҷеъ ба хидматҳои адабиву илмии ӯ дар таълифоти илмӣ ба нудрат сухан рафтааст. Аммо бо он ки андак ба шинохти рӯзгор ва осори ин донишманди номвар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, муҳимтарин таълифоти вай «Матлаъ-ул-улум фӣ маҷмаъ-ул-фунун» дар адабиёти форсу тоҷики шибҳи қора ҳамчун дастури таълимӣ ва қомус дар ихтиёри мутааллимин қарор дошта, ҳамчун асари муҳим маълуму машҳур будааст. Дар китобхонаи миллии Фирдавсӣ 8 нусхаи чопи сангии ин китоб мавҷуд аст. Дар шуъбаи дастхатҳои китобхонаи давлатии Тошхӯҷаи Асирӣ як нусхаи чопи сангӣ аз ин китоб вуҷуд дошт, ки он низ ба китобхонаи нави марказ интиқол шудааст.

Воҷидалии Муҷмалӣ табиб ва донишманди асри XIX-и шибҳи қораи Ҳинд маҳсуб ёфта, ҳама андӯхтаҳояшро дар шакли дастур ҷамъоварӣ ва дар зарфи як сол ин китобро ба итмом расонидааст. Ин матлаб аз навиштаи худи ӯ дар сароғози китоб ҳувайдост:

Ба як сол, к-ин ранҷ бардоштам,
Чунин ганҷи гавҳар бипардохтам.
Муаллиф намонад ба олам мудом,
Валекин бимонад дар ин нома ном [433].

Муаллифи «Рӯзи равшан» Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо дар бораи ӯ менигорад: «Аслаш аз Ҳугулӣ қариби дорулиморати Калкутта аст, дар 12- солагӣ аз ватан бар ҷодаи сайру саёҳат қадам гузошт ва ҳар ҷо комили фанне ва олими илме дарёфт ба хидматаш бар зонуи истифода ва истифоза нишаст ва аз ҳар хирман хӯшае барбаст ва муддате дар Акбаробод раҳли иқомат афканд. Муншӣ Фидоҳусайнхони Ғариқ мефармояд, ки алҳол умраш ба 80 расида, дар навоҳии шаҳри Кувил таваттун гузида, зоташ ҷамеи сифот аст. Дар тиб маҳорати комил дорад ва ба истиғнои мизоҷ аз қайди миллату мазҳаб озод аст. Китоби «Матлаъ-ул-улум фи маҷмаъ-ул-улум» дар форсӣ аз таснифоти ӯст [3, 761].

Дар китоби «Адаби форсӣ дар шибҳи қора» -и Ҳасани Анӯша аз ду асари пизишкии ӯ - «Илм-ул-абдон» ва «Шифо-ул-абдон» (ба форсӣ) ёд шудааст [10 , 2631]. Ин нуқта аз он шаҳодат медиҳад, ки Муҷмалӣ бо вуҷуди табиб буданаш барои мутааллимон маълумоти муҷазу муфидро доир ба улуму фунуни гуногун дода, баҳри таҳвияти фикрҳояш аз рашҳаи қалами хеш музайян мегардонад.

Боби ҳаштуми ин асар «Дар илми одоб, таҳрири макотиби арздошту асноду тамассукот» ном дошта, қавоиди навиштори мактубот, одоби иншо, киноёту мусталеҳоти форсӣ, дар баёни ташбеҳот, дар ашъори устодон дар васфи сару поро дар бар мегирад. Ба андешаи мо, дар як боб ҷамъ сохтани ин мавзӯот аз он иборат аст, ки дабир ё муншӣ бояд аз ин фазоили сухан бохабар бошад ва дар мавқеи муносиб онҳоро кор фармояд. Мо ин ҷо дар мавриди одоби иншо аз назари Муҷмалӣ таваққуф мекунем. Яке аз бахши улуми адабӣ иншо маҳсуб ёфта, дар ҳар асру замон таҳаввулу такомул меёфт.

Ёдовар бояд шуд, ки таҳқиқу баррасии сайри таърихии таҳаввулоти он дар чандин рисолаҳои таҳқиқии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ сурат гирифтааст, метавон изҳор дошт, ки нахустин китоби марбут ба улуми иншо ҳанӯз дар даврони Сосониён ба қалам омадааст ва аҳли таҳқиқ онро шартан «Андар ойини нома навиштан» унвон кардаанд. Ин матлаб дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон (қабл аз ислом)»-и Аҳмади Тафаззулӣ ва рисолаи доктории академик Носирҷон Салимов ҳам тазаккур ёфтааст. Ба навиштаи донишманди эронӣ Аҳмади Тафаззул дар аҳди Сосониён китобе иншо гардида буд, ки роҷеъ ба мухтассоти дабирӣ ва аносири муҳимми он баҳс мекард ва онро муаллифи мазбур ва дигар муҳаққиқон шартан «Ойини номанависӣ» унвон гузоштаанд» [7, 252].

Муҳассанот ва шеваҳои номанигорӣ дар таҳқиқоти донишманди эронӣ Ҳусайни Хатибӣ «Сайри номанигорӣ дар адаби форсӣ» ва таҳқиқоти муҳаққиқони номвари тоҷик Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Ҷӯрабек Назриев «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома» тазаккур ёфтааст [3, 12].

«Иншо дар истилоҳи нависандагӣ, - қайд мекунад Ҳасан Мансурӣ,- фан ё ҳунарест, ки метавонад эҳсосҳои дарунӣ, мушоҳидоти берунӣ, паёмҳо ва мафҳумҳои зеҳнии нависанда ё гӯяндаро ҳарчи беҳтару гиротар ба хонанда ва шунаванда интиқол диҳад» [11, 33].

Номанигорро дабир, муншӣ, котиб меномиданд. Дабириро яке аз фазилатҳои хуби суханварӣ медонистанд ва пайваста ба ин расоилу бахше аз ин масоил дар осорашон ҷой дошт.

Унсурулмаолии Кайковус дар боби 39-уми «Қобуснома»-аш андар ойини котиб ва шароити котибӣ ҳарф зада, фикрҳояшро бо ҳикоятҳо тақвият мебахшад. Аз ҷумла, менависад:

«Бидон, эй писар, ки агар дабир бошӣ, бояд ки бар сухан қодир бошӣ ва хати некӯ дорӣ ва таҷовуз кардан дар хат одат накунӣ ва бисёр навиштан одат кунӣ, то моҳиртар бошӣ дар навиштан» (2, 141).

Мақолоти аввали «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ маҳз ба дабирӣ бахшида шудааст. Ӯ мегӯяд, ки «дабир бояд, ки каримуласл, шарифулирз (боборӯ), дақиқунназар, амиқулфикр, соқибуррой (равшанфикр) бошад…» [5, 31].

Ҳанӯз дар асри Х дар муқаддимаи китоби «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ дар ин мавзӯъ вомехӯрем. Нависанда 7 чизро дар нома зарур медонад: бунёди нома, фарри нома, ҳунари нома, номи худованди нома, моя ва андозаи сухан пайвастан, нишон додан аз дониши он кас, ки нома аз баҳри ӯст, дарҳои ҳар сухане нигоҳ доштан [18, 38]. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 5-6 рукни он зикр шудааст: 1). нвон; 2) зикри котиб; 1) сифат; 4) сипоси Худой; 5) арзи таҳнИят; 6) эҳтимом.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ бошад, дар «Махзан-ул-иншо» номаҳоро ба дарборӣ, давлатӣ, қисмат намуда, онро аз бахшҳои зерин иборат медонад: 1) ифтитоҳ; 2) сифат; 3) алқоб; 4) сипоси Худой; 5) зикри котиб; 6) арзи таҳнИят; 7) изҳори ахлоқ; 8) шарҳи шавқ; 9) зикри замони котиб; 10) зикри макони котиб; 11) эҳтимом; 12) унвон. (Муллоҳусайн Воизи Кошифӣ «Махзан-ул-иншо» Нусхаи хаттии шумораи 57-уми Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, варақи 106). Минбаъд, ин шартҳо бо таъсири осори арабӣ тағйир меёбанд. Номаҳо дар коғази махсуси парниён, ҳарир, ҳарири сафед, чиниҳарир ва бо қалам, килк, хома, қалами румӣ, қалами туркӣ ва ғайра навишта мешуданд. Дабирӣ ва муншигариро аз мактаб таълим медоданд. Бояд гуфт, ки номанигориро аз маҷмӯаҳои мудаввани номаҳо, осори назарии мактубнависӣ, мактуботи адибон ва қомусҳо аз худ мекарданд.

Аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ аз ҷумлаи маҷмӯаи номаҳо «Ароис-ул-хавотир» ё «Абкор-ул-афкор»-и Рашидуддини Ватвот, «Утлабат-ул-катаба»-и Атобаки Ҷувайнӣ,

Аттавассул- илат-тарассул-и Муҳаммад ибни Муайяди Бағдодӣ, «Равзат-ул-куттоб ва ҳадиқат-ул- албоб»-и Абӯбакри Қуниявӣ, «Макотиби форсӣ»-и Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ, мактуботи Аҳмади Ғаззолӣ Айнулқуззот, Ҷалолуддини Румӣ ва ғайра маълуманд.

«Аттавассул илаттарассул»-и Баҳоуддин Муҳаммад бинни Муайяди Бағдодӣ дар даврони салчуқӣ навишта шудааст. З. Сафо дар таърифи ин китоб мегӯяд: «Алҳақ «Аттавассул», ки маҷмӯаи муншаоти Баҳоуддини Бағдодист, дар зумраи беҳтарин ва олитарин муншооти мутарассилони фасеҳи қадимест, ки дар он қудрати нависанда дар баёни маонии гуногуну оростани онҳо ба саноеи мухталифи лафзӣ ба сароҳат дида мешавад» (З.Сафо «Таърихи адабиёт дар Эрон», Теҳрон, 1376, ҷ.2, иб. аз 1127). Дар садаи Х ва миёнаи XII-уми ҳиҷрӣ якчанд асарҳои боарзише дар сулуки котибу номанигорӣ маншур ёфта буданд. Дар феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ дар китобхонаи музеи Британиё 2 рисола бо унвони «Дар аҳкоми донистани иншо ва имлое, ки зарур аст» ва дигар «Рисола дар баёни алфозе, ки дар тарассулот ба кор ояд» маҳфуз аст, ки дар Ҳинд дар садаи мазкур навишта шудаанд.

Инчунин, «Дастури дабирӣ»- и Абдухолиқи Меҳанӣ, «Маҷлиснависи Насирӣ»-и Абулқосим бинни Муҳаммадризо, «Латоиф-ул-иншо», «Саҳифат-ул-ихлос»-и Абдулғаффори Сиддиқи Ҳусайнӣ, «Бадоеъ-ул-иншо»-и Мавлоно Ҳаким Юсуфӣ, «Иршодат-ул-толибин»-и Ҳарн Карн писари Матҳурадас Канбӯҳи Мӯлтонӣ, ки аз муншиёни Ҷаҳонгирхон буд; «Тарассули Мансурӣ»-и Мансур Муҳаммад ибни Алӣ, «Туҳфат-ус-султония»-и Ҳасан писари Гулмуҳаммад, «Завобит-ул-иншо»-и Саидалӣ Нақшхон таълиф гаштаанд.

Расоил ул-эъҷоз» ё номи дигараш «Эъҷози хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ яке аз пурғановаттарин китобест доир ба наср ва тарассул (номанависӣ). Он аз 5 рисола ва 38 фасл иборат аст. Муаллиф услуби мутарассилон, навъҳои нома, тартиботи мактуб ва тарзи навишти иншоро муфассал баён намудааст. Доир ба ин китоб муҳаққиқони шинохта Худоӣ Шарифов, Шарафнисо Пӯлодова нуктаҳои ҷолиб қайд кардаанд. Муфассалтар дар ин мавзӯъ Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби «Таърих ва назарияи номанигорӣ» таваққуф намудааст.

Аз бозе ки хат пайдо шудааст, арҷи муншиву котибро ниёгони мо авло медонистанд. Ин аст, ки барои мутааллимони макотибу мадорис донистани ин ҳунарро боиси шоистагӣ ва бурдборӣ мешумурданд.

Муҷмалӣ низ ин мавзӯъро дар боби 8-уми асараш матраҳ намуда, 14 шартро назди муншӣ воҷиб меҳисобад: Аввал, мактубро ба номи поки Эзиди бечун оғоз кардан, ихфои ҳуруф камтар кардан, сутур мусовӣ ва байнассутур ҳамвор будан, агар мактубилайҳ аз котиб ба мартаба бузургтар бошад, арзи коғаз миёна бувад ва агар фурӯтар бувад, аризтар бошад баъди навишта шудан қаламро ба пояи зиллат нагузоштан, балки паси гӯш ниҳодан, ба мактуб андаке хок пошидан ва ғайраҳо [2, 108].

Ҳамин тавр, Муҷмалӣ 14 шартро манзур дошта, боз 10 амрро ба муншӣ таъкид менамояд:

1. Ба хотир доштани оёти каломи маҷид, аҳодис, сухани бузургону ҳукамо, зарбулмасалу ашъори балиғи шоирон.
2. Аз алфози ғайримустаъмал ва луғоти бемуҳовара парҳез намояд;
3. Номаро ба андозаи фаҳму идроки мактубгиранда нависад.
4. Аз истифодаи алфозе, ки охири лафзи аввал ва аввали лафзи охир аз як ҷинс бошад, мисли «Шамъи олам ва боғи ғайр» эҳтироз намояд.
5. Каломаш аз пурсиши шикоятомез дур бошад.
6. Вақти мадҳ намудан аз алфозе, ки хам мадҳу ҳам маънои сарзанишро дорад, эҳтиёт шавад.
7. Агар ба зан мактуб менавишта бошад, аз алфозе, ки муҷиби ҳиҷоби занон бошад, парҳез намояд.
8. Дар номаи таҳнийт аз алфози таъзият ва дар номаи таъзият аз алфози таҳнийт эҳтиёт кунад.
9. Ба лақабҳои мактубгиранда лафзе набиёрад, ки дар урфу одат манъ бошад ё хато, ки маънии маломатро касб намояд.
10. Аз такрори калимот дурӣ намояд, ки як лафзро такрор кардан аз аҷзи котиб дарак медиҳад.

Дар оғоз барои муншиён намунаи нома ва ҳуҷҷатҳоро меоварад ва минбаъд, фасле дар баёни расмулхати форсӣ фароҳам меоварад ва котибро месазад, ки дар навишти онҳо ба саҳв роҳ надиҳад. Аз ҷумла, мегӯяд, ки «алифи замири ҷамъи ғоибро ба китобат дароранд ва ба талаффуз нагиранд:

Бигуфт он ҷо парирӯёни нагзанд,
Чу гил бисёр шуд пилон билагзанд [112].

Фасли дигарро ба киноёту мусталеҳоти форсӣ бахшида, шарҳи иборот менамояд. Мисол, «оби бодаранг – киноя аз ашки хунист». Ҳамин тавр, танҳо дар тавзеҳи киноёти алифи мамдуда 75 иборотро оварда, шарҳ додааст.

Фасли даҳумро дар баёни баъзе луғоти форсӣ мусаммо карда, калимаро бо тарҷумаи ҳиндӣ ва арабиаш ташреҳ медиҳад: «одрахш бо доли мавқуф ба тозӣ барқу соиқа ва ба ҳиндӣ баҷҷалӣ» [118]. Бояд афзуд, ки бо се забон – форсӣ, арабӣ ва ҳиндӣ овардани луғот яке аз афозили хуби ин фасл мебошад. Албатта, буданд кутубе, ки барои мубтадиён луғоти дузабона, аз қабили «Нисоб-ус-сибён»-и Абӯнасри Форобӣ ва ғайра.

Фасли ёздаҳумро дар баёни ташбеҳот қарор додааст: «рухи маъшуқонро ба моҳу офтобу шамъу чароғу каъба ва мусҳафу шӯъла ва машъалу шуълаи Тур, таҷаллии Тур ба лолаи арғувон ва субҳу гулистон, гулшан, гулзору чаман ва биҳишт ташбеҳ диҳанд» [2, 123].

Фасли дувоздаҳум дар тасҳеҳи алфози ғалат омада, шакли дурусти калимаро бо маъноях шарҳ медиҳад: «арлиқ - ғалатулом, саҳеҳ - алиқ, маънӣ - лоиқтар».

Фасли сенздаҳумро дар ашъори устодон, ки дар мукотиботу муросилот ба ҳасби маҳаллу мақом ба тариқи истиора меоварад, ки бахши ҷолиби ин боб ба шумор меравад. Мисол, васфи ораз аз Мавлоно Ҷомӣ:

Зи бӯстони Ирам рӯяш намуна,
Дар ӯ гулҳо шукуфта гуна-гуна [126].

Васфи **чашм** аз Мумтоз:

Пайи таҳрири васфи чашми ҷоду
Ҳаме бояд давот аз чашми оҳу.
Худо бар дафтари ҳусни Худодод,
Зи чашми сурмасо карда магар сод? [126].

Инчунин, баргузидаи абёти шоиронро дар баёни шавқу висол фироқ ва ахлоқ мегузинад. Аз шоирони машҳури адабиёти классикии тоҷик – Мавлавӣ, Камол, Мавлоно Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва Авҳадӣ ва шуарои шибҳи қора Мирзо Ҷалоли Асир, Қосимбек, Муҳаммад Боқир, Мумтоз мисолҳо овардааст. Маълум аст, ки Муҷмалӣ табъи латиф дошта, аз фасоҳату балоғати калом бохабар аст.

Дар асри XIV асари энсиклопедии «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн»-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ эҷод гардида буд, ки дар пайравии он «Матлаъ-ул-улум» таълиф шудааст. Вай улуми адабиро аз 15 фан иборат донистааст: илми хат, луғат, тасриф, иштиқоқ, илми наҳв, илми маонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қавофӣ, тақриз, амсол, давовин, илми иншо, истифо. Муҷмалӣ бошад аз улуми адабӣ илми тасриф, сарфу наҳви форсӣ, маонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қавофӣ, иншо, расмулхати форсӣ луғатро баргузидааст. Муҳаммад Омулӣ 30 шартро дар одоби иншо зарур донистааст:

1. Муншӣ аз луғоти араб ва ашъору амсолу тарокиби булаго ба қадри кофӣ бояд донад.
2. Аз русуму шароити тарошидани қалам бохабар бошад.
3. Ибтидо мактуб ба номи Ҳақ кунад.
5. Дар тасвияи сутур ба тахсиси авоили он иҷтиҳод кунанд.
6. Коғаз, хат, баёзи сарномаи мактуб аз рӯйи мақоми мактубилайҳ интихоб карда шавад.
7. Сатри охири мактуб майл ба боло кунад.
8. Алқоб ва адъия муносиби мактубилайҳ кунад.
9. Дуо бисёр муқаррар накунад.
10. Аз такрори алфоз мутлақо эҳтироз кунад.
11. Аз калимоти ракика иҷтиноб кунад.
12. Муносибат миёни ибтидо, интиҳо ва васати мактуб риоят кунад, яъне нома дам ба дам то ба охир расидан дар тараққӣ бувад.

13.Лафзе ки миёни мадҳу зам бошад, ё мавҳум нанависад.
14. Навиштани ҳуруф аз рӯйи қонуни илми хат бошад.
15. Хатро нуқтаи бисёр ва эъроб наниҳад.
16.Бар зӯҳр мактуби бузургтар аз худ ҳеҷ нанависад.
17. Дар нома таърихи навишта муқайяд кунад, то муддати таҳрир маълум шавад.
18. Батааннӣ мутоила намояд, то саҳве афтода бошад, ислоҳ намояд.
19. Қалам дар даҳон нагирад, балки дар паси гӯш ниҳодан беҳ.
20. Чун нома ба соҳибшавкате нависад, андаке баёз бигзорад ва риояти ин маънӣ дар номи ӯ болои бар канор дасти рост сабт кунад ва риояти ин маънӣ дар номи Ҳақ таоло аввалӣ бувад.
21. Дар нома аз дашном ба ҳеҷ ҳол нанависад.
22. Чун нома тамом кунад, андаке хок бар ӯ афшонад, чунки дар ҳадис ҳам омада.
23. Номаро мӯҳр кунад, мурод нома махтум бошад.
24. Чун мӯҳр кунад, унвон бинависад ва маълум шавад, ки нома аз кист.
25. Номаро бар замин андозад, то қосид бардорад ва ба дасти ӯ надиҳад, ки яке аз суннатҳои Паямбари ислом ин буда.
26. Номи худро муносиби он нависад, ки мактубилайҳро ёд карда шавад.
27. Аз ғоиб ба ҳозир наравад ва билакс чи он далолат кунад бар адами қудрати ӯ, бар таркиби камоянбаҳӣ магар ҷое, ки далоили илтифот қоим бувад.
28. Номаро мураббаъ нагузорад, чӣ тарбеи назари адоват бошад ва низ ташбеҳ ба наъш кунад.
29. Агар нома ба занон нависад, зикри иштиёқу орзумандӣ накунад ва номи эшонро тасреҳ нанависад.
30. Агар нома ба салотин ва мулук нависад ҳам, зикри иштиёқ накунад, ки он маънӣ аз адаб дур афтад ва муболиға накунад, балки ба ибороти писандида матлуби худро адо кунад.

Ҳамчунон ки маълум гашт, аз 14 шарти Муҷмалӣ ва 10 амре, ки ба муншиён таъкид месозад, 7 шарт дар «Нафоис-ул-фунун»-и Омулӣ дида нашуд. Ихтилофи назар дар ин боб дар он аст, ки Омулӣ дар шарти 7 мегӯяд, «сатри охири мактуб майл ба боло кунад», Муҷмалӣ бошад, мегӯяд: «Сутур мусовӣ ва байнассутур дуруст ва ҳамвор бошад». Муҷмалӣ шартҳоро кӯтоҳ карда, дар навишти мактуб низ танҳо 3 чизро муҳим мешуморад: алқоб, одоб, матлаб. Масалан, барои навиштани нома ба волид ё бародар, алқоб: Қиблаву Каъбаи ду ҷаҳон мад зиллаҳул олӣ; одоб: Шароити таслимоту қавоиди кӯрнишот ба тақдим расонида, ба арзи матлаб мепардозад; матлаб: Дер аст, ки ба вуруди саҳифаи шарифа захоири шарафу мубоҳот наяндӯхта, хотири ақидатмазоҳир шабу рӯз мубталои изтиробу изтирор аст, ки оё чӣ воқеа пеш омада, ки ба вуруди саҳоифи шароиф чандин таваққуф ва тарроҳӣ роҳ ёфта. Оллоҳи таоло тақаддус шаънаҳу мувофеъ ба хайр гардонад» [2, 108].

Мисбоҳиддини Нарзиқул қайд мекунад, ки аз рӯйи мавзӯъ ва мухотаб мактубро ба султониёт ва ихвониёт ҷудо мекунанд. Султониёт мактубҳое, ки ба султону умарову вузаро навишта шудаанд. Ихвониёт номаҳое мебошанд, ки ба ёру дӯст, бародар, хонавода мансубанд. Муҷмалӣ низ мактубро аз рӯйи мақом ҷудо мекунад:

1) мактуби хурдон ба бузургон; 2) мактуби бузургон ба хурдон; 3) мактуб ба дӯстону азизону ягонагон; 4) мактуб ва одоби таҳрир ба мулуку салотин; 5.мактуби салотин ба салотину умаро ва вузаро.

Дар «Нафоис-ул-фунун» бошад, бад-ин тартиб мебинем: 1) мактуб ба салотин; 2) ба умарои бузург; 3) ба соҳиби девони бузург; 4) ба мулуки диёр; 5) ба қуззоти бузург; 6) ба нуқабои бузург; 7) ба донишмандони бузург; 8) ба машоихи куббор; 9) ба табибон; 10) ба мунаҷҷимон; 11) ба хавотин; 12) иштиёқнома.

Муҷмалӣ тарзи мактуботе, ки ба аҳли ақрабо ва хонавода навишта мешавад, матраҳ намудааст, ки дар «Нафоис-ул-фунун» дида намешавад. Масалан, ба фарзанд: «Лахти ҷигари фархундасияри хуҷастакирдори саодататвори мадди Аллоҳи умраҳу ва иқболаҳу ва агар духтар бошад умрҳо нависанд…» [2, 108].

Дар тарзи баёни мактубҳо Баҳоуддини Бағдодӣ навъҳои маснӯъ ва матбӯъро зикр намуда, шеваи нигоришро ба таври зерин муайян менамояд: 1) тариқи тарсеъ ва тасҷеъ; 2) сухани фасеҳу бетакаллуф; 3) сухани маснӯъ; 4) сухане, ки лафз бар маънӣ бартарӣ дорад (13, 53-54). Дар мактубе, ки аз боби мазкур оварда шуд, тарзи баёни

Муҷмалиро ба тариқи тарсеъ ва тасҷеъ мансуб донистан мумкин аст. Зеро вай санъати саҷъ ва тарсеъро дар баёни матлаби мактубҳо истифода бурдааст.

Ниёгони мо суханро «сеҳри мубин» донистаанд ва суханварию суханпарвариро савобтарин пеша мешумурданд. Дабирӣ ва номанигорӣ низ рукне аз сухандонист ва маҳорати истеъдоди хосро талаб менамояд.

Дар маҷмӯъ, афкори илмиву адабии Воҷидалии Муҷмалӣ роҷеъ ба улуми иншо ва номанигорӣ, мақоми мунши дар низоми сиёсат ва улуми адабӣ аз ҳар ҷиҳат қобили мулоҳиза маҳсуб мебошад ва агарчи чунин осор қабл аз Воҷидалӣ дар қаламрави Фарорӯдон ва Эрон ба қалам омада буданд ва дар худи Ҳинд ҳам беш аз 30 асари дастурии донишномавӣ навишта шудаанд, аммо афкори ин нависанда ва донишманд қобили таваҷҷуҳи махсус мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳроми Тӯсӣ. Ҳунари навиштан / Тӯсӣ Баҳроми.- Теҳрон,1354, 120 с.
2. Воҷидалии Муҷмалӣ. Матлаъ-ул-улум фи маҷмаъ-ул-фунун/- Конпур Нувал Кишур, чопи сангӣ, 1902, 440 с.
3. Донишпажӯҳ Манучеҳр. Сайри номанигорӣ дар адаби форсӣ / Манучеҳр Донишпажӯҳ. -Теҳрон, 1374.
4. Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо. Рӯзи равшан/ Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо.- Теҳрон, 1343.
5. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола/ Низомии Арӯзии Самарқандӣ. - Душанбе Ирфон, 1986.- 159 с.
6. Салимов Н. Марҳилаҳои услубии таҳаввули наср дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои миёна (асрҳои 10-13) / Н. Салимов.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.
7. Тафаззулӣ Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон. Пеш аз Ислом / Аҳмад Тафаззулӣ.- Теҳрон, 1376.- 452 с.
8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома/ Кайковус Унсурулмаолии. - Душанбе, 1979.- 191 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ – Москва 1969.- Ҷ.1. - 951 с; - Ҷ.2.- 947с.
10. Ҳасани Анӯша. Адаби форсӣ дар шибҳи қора/ Анӯша Ҳасани. - Теҳрон.
11. Ҳасан Мансурӣ. Иншо ва номанигорӣ/ Мансурӣ Ҳасан. -Теҳрон,1373.- 240 с.
12. Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ. Назриев Ҷӯрабек. Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»/ Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ. -Душанбе: Адиб,- 1992.
13. Нарзиқул Мисбоҳиддин. Таърих ва назарияи номанигорӣ / Мисбоҳиддин Нарзиқул.- Душанбе: Эҷод, 2009.-138 с.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. –Душанбе,1989.- Ҷ. 2.- 559 с.
15. Шарифов Худоӣ. Назарияи наср/ Худоӣ Шарифов. - Душанбе, 2004.- 319 с.
16. Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ/ Шамсиддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ. Нафоис-ун-фунун фӣ ароис-ун-уюн.- Теҳрон, 1381 ҳ. –Ҷ. 1.- 595с.
17. Муҳаммад Омулӣ «Нафоис-ул-фунун» / Муҳаммад Омулӣ; бо тасҳеҳи Ҳоҷӣ Мирзо Абулҳасани Шеъронӣ. - Теҳрон: Исломия, 1381ҳ. - Ҷ.1. – 568 с.
18. Х. Шарифов. «Каломи бадеъ» / Х. Шарифов. - Душанбе, 1991. - 157с.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ВОЗЗРЕНИЯ МУДЖМАЛИ ОТНОСИТЕЛЬНО МАСТЕРСТВА ПИСАРЕЙ И ПИСЬМОВОДИТЕЛЬСТВА

В настоящей статье автор раскрывает роль и значение писарей и культуру написания письма с точки зрения Водджидали Муджмали. Также он обращает внимание на историю письма в таджикской классической литературе и сравнивает «Матлаъ-ул-улум фи маджмаъ-ул-фунун» Водджидали Муджмали с «Нафоис-ул-фунун» Мухаммада ибн Махмуда Омули.

Ключевые слова:: писарь, сочинение, секретарь, внимательность, порядок написания письма, ученые записки.

LITERARY VIEWS MUJMAL RELATIVE SKILL OF THE CLERKS AND PISMOVODITELJA

In this article the author reveals the role and importance of scribes and the culture of writing letters from the perspective of Oddzialy Adimali. He also drew attention to the history of the letter to the Tajik classical literature and compares "Matlay-ul-Ulum Fi majmah-ul-funun" Oddzialy Mujmal with Nafais-ul-funun" Muhammad Ibn Mahmud Omul.

Key words: clerk, essay, Secretary, care, order of writing letters, scientific notes.

Сведения об авторе: ***Ш. Файзиева*** - ассистентка кафедры государственного языка и обществоведения Политехнического института ТТУ им. М.С. Осими

ЧАШМАНДОЗИ ИҶТИМОИИ ГУЛРУХСОР ВА ДАВРАҲОИ ТАҲАВВУЛИ ОН

Умеда Абдурашидова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулрухсорро адабиётшиносон зимни нақду баррасии масоили таҳаввули шеъри муосири тоҷик ва ҳамзамон ба таври ҷудогонаву муфассал арзёбӣ кардаанд. Бино ба хулосаи муаллифи рисолаи «Ҳамзоди тӯфон» профессор Матлубаи Мирзоюнус «ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон хеле назаррас аст ва ашъори Гулрухсор метавонад намунаи боризи ин навъи шеър бошад. Хосса, баъд аз оғози ҷанги бародаркушӣ оҳанги иҷтимоиву сиёсӣ дар шеъри Гулрухсор хеле боло гирифт ва аз ҷанбаҳои дигар афзалият пайдо кард».

Дар рисолаи фавқуззикр моҳияти ашъори иҷтимоии шоира, асосан, дар доираи ин давраи сарнавиштсози миллат ва дар рисолаи муҳаққиқи ҷавон Сурайё Ҳакимова ин ашъор вобаста ба се марҳала – аз ибтидои солҳои 80 то бозсозӣ (1980-1985), аз замони бозсозӣ то фаро расидани истиқлолияти кишвар (1985-1991) ва аз давраи истиқлолият то ибтидои садаи нав (1991 – ибтидои асри ХХ1) таҳқиқ шудааст.

Дар маҷмӯъ, ашъори иҷтимоии Гулрухсорро ба таври муфассал ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

1. Давраи аввал – солҳои 1970-1985;
2. Давраи дувум – солҳои 1986-1992;
3. Давраи севум – солҳои 1992-даҳсолаи аввали асри ХХ1.

Давраи аввал. Ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷик аз солҳои 70 асри ХХ рангу тобиши дигар гирифт. Ба фикри адабиётшинос Юсуф Акбаров, ин гуна шеър – «шеъри тааммулу тааммуқ» «натиҷа ва ҳосили афкору андешаҳои дақиқу пайвастаи фалсафӣ» буда, «дар пояи баланди санъати шеърӣ» қарор доранд: «Дар назми имрӯза рӯҳи граждани, оҳанги мутантани сиёсию публитсистӣ ва мазмуни иҷтимоиву фалсафӣ торафт пурқувват ва амиқ гардида… ин равияи тоза дар эҷодиёти М. Миршакар, М. Қаноат, Лоиқ, Бозор, Гулрухсор ва дигарон бештар мушоҳида мешавад…».

Шеърҳои иҷтимоии оҳанги «оромона» ва таҳлилию таҳқиқидошта, бозёфте дар эҷодиёти солҳои 70-уми шоира Гулрухсор буд. Дар ин роҳ мунаққидон ӯро ба сафи пеш гузоштаанд. Аз мутолиаи ашъори шоира бармеояд, ки вай ба ифшои дардҳои иҷтимоӣ ҳанӯз аз даврахои аввали такомули маҳорати шоириаш гароиш дошт. Ӯ дар аглаби шеърҳои маҷмӯаҳои «Бунафша», «Шабдарав» ва «Дунёи дил» дарду эҳсоси нохушоянд ва зиндагии ба назар носозеро таҷассум кардааст. Ифодаи рӯҳияи хушбин, ватандӯстии камназир, корбурди лаҳни гуворову матин дар ситоиши музаффарияти даврони шӯравӣ, ки дар эҷодиёти шоирони дигар мақоми баланде касб кардааст, дар ашъори Гулрухсор бо баёни дардҳои иҷтимоӣ омезиш ёфтааст.

Дар ашъори Гулрухсор баробари тасвири бурду барори рӯзгор ногувориву сардӣ ва нохушояндии ҳаёт низ мақоми хос дорад. Ин матлаб дар перомуни мавзӯъҳои умумии рӯз, масалан, шарҳи ишқи носоз ва номуродии ошиқона матраҳ гардидаанд. Дар ин қабил ашъор ҳарфи «андӯҳ» ва «нотавонӣ» дар ҷойи намоён қарор гирифта, ҳайрати шоир дар он аст, ки чӣ гуна «ин қадар дарду алам дар мушти дилаш ғунҷида»-аст. Сипас, тафсири ин мавзӯъ аз изҳори нисбатан маҳдуди дарди дили як нафар ошиқи маҳрӯру назарбаланд ва аз тарафи дигар, ғампарвару маҳзун фаротар рафта, ба масоили қазову қадар (сарнавишт) табдил меёбад:

Дар мулки сарнавишти ман ҳар рӯз ид нест,
Ҳар рӯз бахт нагзарад аз санҷаи дарам...

Аз ин ҷиҳат, шеърҳои «Гуреза» (1974), «Дар дил хумори рӯйи ту» (1975), «Барф меояд зи домони само» (1976), «Шамоли сард меояд зи кӯҳистон» (1976), «Чӣ дунёе» (1976) намунаи муассири ошӯбу ситези ботинии шоира ҳастанд. Дар ин сурудаҳо ҳолу ҳавои шоира ба рамзу намодҳое, аз қабили «оташи ситораи ба хок рехта», «барги хазон», «рӯди носабур», «мурғи ваҳшӣ» ва ғайра мепечад ва маъниву матлаб бо оҳанги шӯру ситез, дили ғамситез ва оҳанги ашкполо ифода ёфтаанд, ки аз онҳо хонанда бардошти ҷолиб ва натиҷаҳои ҷиддие мегирад:

Чӣ дунёе, чӣ дунёе, чӣ дунё,
Ҳар он чи моли мо буд, нест аз мо.

Дар идомаи шеър ба такрор ин дарди ботинӣ забона мезанад:

Гуноҳи худ намедонем, аммо,
Гуноҳи сад ҷаҳон дар гардани мо…
Ба рӯйи санг гул мерӯяду лек,
Нарӯяд сабзае дар гулшани мо,
Зи борони баҳори орзуҳо…
Сарамро то куҷо гирам гурезам,
Ки дарёбам сари бедарду ғавго?
Чӣ даъвое, чӣ даъвое, чӣ даъво…

Дар шеъри дигар «бар як дили чу ойина якрӯю зудшикан» задани «сад зарбаҳои санг», «ожангҳои рӯйи ман уту намешаванд» эътироз аст ва беҳтарин намунаи тасвир дар ин маънӣ мебошанд.

Тасвири ҳолу авзои ботинии қаҳрамони ғиноӣ низ хеле муассир аст:

Чӣ рӯзеву чӣ ҳоле шуд,
Зи худхорӣ дар ин олам ҷазое нест,
Ду чашми бози кӯрамро
Ғурури нозарурамро Худо гирад.

Дар шеъри дигар шоира пайваста талқин менамояд, ки ҳамеша дари «рӯзгори созу обод» баста аст («Зиндагӣ пул доду мансаб доду лек, Рӯзгори созу ободат надод»). Ӯ чун дигар аз шоирони дардманди гузаштаву имрӯзи форсу тоҷик аз носозии зиндагӣ бештар доду вовайло мезанад ва бар ин бовар аст, ки «зиндагӣ ба созиши носози» аҳли замон бепарвост: «Зиндагӣ бар созиши носози мо, Нимнигоҳе карду бепарво гузашт». Ин ҳолу ҳаво инсонро водор ба «парвоз» мекунад. Аммо, дар ин ҳол амри «парвоз» рамзи буридагӣ аз рӯзгори нобасомон ва раҳ ёфтан ба олами покиро мегирад. Аз ин рӯ, дар бархе аз ашъори ӯ тасвири бадеии «қулла», майли расидан ба қуллаи баланд, андешаи қуллаи баланд ҷойгоҳи мушаххас ва зебо ёфтааст:

Аз сари қулла гул бубояд чид,
Аз бари қулла зиндагӣ бояд.
Қуллаҳоро бирав, зиёрат кун,
Кӯҳ бар назди ту намеояд.

Дар шеърпораи «Дар роҳи Помир» низ сухан аз парвози дил ба рӯйи қуллаҳои Помир меравад. Гӯянда дар ин шеър «шогирди парвин» аст, ки аз вай «саводи қулла» гирифтан мехоҳад. Рамзҳои парвоз ба «мулки сарди пирях», «ожанги регистон», «тамкини кӯҳистон», хониши «ниҳоди кӯҳ ҳамчун китоби тоза» арзу тӯл ва ғунҷоиши дунёи дил, рангинии хаёли пардозгарӣ, вусъати нигоҳи хосси иҷтимоии шоираро ба масоили замон, ки аз фаҳмиши амиқи ҳастии пурпечутоби маънавӣ ва рамзу рози нуҳуфтаи инсонӣ бармеояд, ошкор мекунад.

Чунин бармеояд, ки изҳори муносибат, мавқеъ ва ақида, дардошноӣ ба манзараҳои ҳазини муҳити иҷтимоӣ шахси шоирро то кадом андоза фаъол ва шеърро то куҷо муассир мегардонад. А. Абдуманнонов бисёре аз шеърҳои Гулрухсорро он гуна дарёфтааст, ки «дар онҳо ситоишу накӯҳиш, шӯру ғалаён, энергияи рӯҳ, муҳаббату надомат, парвозу афтидан, хастагиву болидагӣ, пайвастану гусастан ва чандин дигар тобишу ҷилваҳои ҳолати шахси гӯяндаро метавон дид».

Шояд ҳамин бардошти иҷтимоии аз нуқтаи назари нақди он замон зоҳиран камарзиш, тадричан ба бардошти пурғунҷоиши иҷтимоиёт ва дарди душвордавои ҷомеа иваз шуда, дар солҳои 80-90-уми асри XX диди шоира ба масоили рӯзгори иҷтимоӣ бошиддат ривоҷу равнақ ёфт. Решаи ин мавзӯъ дар ашъори солҳои 70-уми шоира устувор мебошад. Адабиётшиноси маъруф, академик Муҳаммадҷони Шакурӣ ба ҷойгоҳи ашъори Гулрухсор дар ин давра чун «шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ» баҳо дода, онҳоро аз ҷиҳати фарогирии ҷойгоҳи ҳастии маънавӣ ва майли худафрӯзии ботинӣ муҳим донистааст.

Ин ҷо сухан дар бораи бардошти иҷтимоии аз нуқтаи назари нақди адабии замон камарзиш ба миён омад. Зеро, дар шарҳи нақди адабии шӯравӣ ашъори гирифтори яъсу ноумедӣ ва андӯҳу нотавонӣ аз нуқсонҳои ғоявӣ ва дасти кӯтаҳи гӯянда дар тасвири дороиҳои замон маҳсуб меёфт. Бесабаб нест, ки ин сифати шеъри Гулрухсорро баъзе ноқидон, муқарризони маҷмӯаи ашъор ва муҳаққиқони шеъри муосири тоҷик чун нуқси ғоявӣ ёдрас карда, мавриди гуфтугӯйи ҷиддӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, муқарризи маҷмӯаи «Шабдарав» Нӯъмонҷон Файзуллоев навиштааст: «Дар ишқияҳои Гулрухсор оҳанги яъсу ноумедӣ нисбат ба шодиву сурур

бештар ва баландтар аст. Ҳамин оҳанги нолишомез баъзан кушод ва дар баъзе шеърҳо рамзӣ ва пардапӯшона баён шудааст, ки нуқси ашъори шоира мебошад».

Аммо, шояд эҳсоси дарачаи завқу салиқаи хосси адабии Гулрухсор ва масъулияти тарбияву парвариши истеъдоду қобилияти эҷодии ӯ аз ҷониби парчамбардорони сухани ноб сабаб гардид, ки нақди адабӣ бо мақсади ба роҳи дурусти ғоявӣ равона кардани шоира аз ин «нуқсони ғоявӣ» чашм пӯшид ва ҳарчи бештар паҳлӯҳои мусбат ва ба назар намоёни ашъор, дар маҷмӯъ, комёбиву тавфиқи эҷодии ӯро ошкор намуд. Дар ин маврид Нӯъмонҷон Файзуллоев чунин изҳори назар кардааст: «Дуруст аст, ки лирикаи ишқии Гулрухсор ифодаи ҳиссиёти бевоситаи фардист ва аз ин рӯ, хостааст танҳо андеша ва эҳсосоти қалбии конкретро ба тасвир гирад, вале набояд фаромӯш кард, ки ҳиссиёти соф субъективӣ ҳанӯз ифодаи ҳақиқати обективӣ нест ва дар сурате ба воқеияти реалӣ табдил меёбад, ки агар ба дарди умум мехӯрда бошад».

Давраи дувум. Шеъри сиёсӣ-иҷтимоӣ дар нимаи дувуми солҳои 80-уми асри ХХ мазмуну муҳтавои тамоман дигар пайдо кард. Намунаи барҷастаи шеъри сиёсӣ-иҷтимоии ин давраро шоирони номвар Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон суруданд, ки ин раванд аз қуввати баланди рӯҳияи бозсозӣ ва ошкорбаёнии замони шӯравӣ ва таъсири он ба муҳтавои шеъри тоҷик дарак медиҳад. Дар ин давра адибон имкон ёфтанд, ки бо ҳақгӯйӣ ва тасвири воқеии зиндагонии давраи шӯравӣ, дар маҷмӯъ, ҳақиқатҷӯйиву ҳақпарастӣ даст ба ифодаи ормонҳои худ зананд.

Нуктаи дигаре, ки бояд ин ҷо вобаста ба мавзӯъ зикр гардад, баҳсу мунозираи пайвастаи мунаққидону адабиётшиносон оид ба шеъри тоҷик дар қолаби сиёсат ва иҷтимоъ аст. Гурӯҳе аз муҳаққиқон ба таъйини мақоми шеър аз назари ниёзҳои нав наздик шуда, ҷойгоҳи онро вобаста ба тамоюли сиёсиву иҷтимоӣ арзёбӣ карданд [А. Сатторзода, Р. Мусулмониён].

Дигар муҳаққиқон (аз ҷумла, А. Абдуманнонов) як тамоюли шеъри ин давраро дар он дидаанд, ки «адабиёти мо он айём на ин ки ҷомеаро аз паси худ бурд, балки дар сатҳи тафаккури оммаи мардум қарор гирифт. Ашъоре дар рӯзномаҳои «Адолат», «Чароғи рӯз» ва ғайра ба нашр мерасиданд, ки ҳама аз дашному ҳақорат иборат буданд. Ба истилоҳ «шеъри майдон» ба вуҷуд омад. Ҳатто Бозор Собир, ки майдоннишин буд, сатҳи шеърашро ба тафаккури омма мутобиқат кард».

Дар мавриди наздик кардани шеър ба фаҳмиши мардум профессор Раҳими Мусулмониён андешаеро ба миён гузоштааст: «Дур нест, бахше аз хонандагони шеършинос нукта бигиранд, ки бисёре аз ин намунаҳо шеър нестанд (намунаҳои шеъри муосири тоҷикии даҳаи 90 ба назар гирифта шудааст – У. А.) ва назманд ва гоҳе дар вазн ҳам халал доранд. Эродашон болои дида. Ва аммо ниёз ба тавзеҳ дорад, ки имрӯз пеши тоҷикон муҳимтар мутаваҷҷеҳ сохтани дигарон ба дард аст, то ба ҳунар. Мардуми мо бар ин бовaранд, ки имрӯз дар ҷойи нахуст ҳастии хона аст, на ороиши он. Он рӯз, ки ба лутфи худовандӣ ба ҳиммати худи тоҷикон ва дастгирии бародарон дард дармон ёбад ва хонаи Тоҷикистон боқӣ монад, иншооллоҳ шоирони боҳунар ҳам машғул хоҳанд шуд».

Ба тафаккури мардум мувофиқ кардани сатҳи шеъри шоирони майдоннишин дар таърихи адабиёт амали собиқадор аст. Аз лиҳози пояи ҳунарӣ ашъоре, ки устодони дарачаи аввали шеъри тоҷикӣ дар ин давра эҷод кардаанд, дар сатҳи зарурӣ қарор дошта ва эътибори завқиву образофарии онҳо аз доираи назари адабиётшиносон дур наафтодааст. Ин нукта дар мисоли «шеъри майдон»-ии Гулрухсор равшан мешавад.

Таҷрибаи беш аз ҳазорсолаи адабиёти мо ин нуктаро исбот кард, ки адабиёт ҳамеша бавосита ё бевосита бо сиёсат ва ормонҳои сиёсӣ дар пайванд буд. Муносибати дуҷонибаи адабиёт ва сиёсат аз он маншаъ мегирад, ки ҳам адабиёт ва ҳам сиёсат бо ҷомеа сарукор дорад. Адабиёт аз иқдоми сиёсати давр вокуниш ба вуҷуд меорад, сиёсатеро, ки ба манфиати ҷомеа аст, дастгирӣ менамояд ва ё сиёсати номақбулро мазаммат менамояд. Бештари осори адабиёти асри моқабл ва имрӯзаи тоҷик бо ҳадафҳои сиёсӣ навишта шудаанд.

Аммо, дар замони бозсозӣ ин ақида низ эътибор пайдо кард, ки амали ҳақҷӯйиву ҳақпарастӣ аз ҷаҳонбиниву андешаҳои шахси эҷодкор сарчашма мегирад, на аз сиёсати ҳукмрон ва на аз рӯйи нишондоди сиёсатмадорони давр. Яъне, шеър аз сиёсатгароӣ озод мешавад, бештару амиқтар ба ниёзҳои мардум рӯй меорад, шахси эҷодкор аз дурӯягӣ, аз муросо раҳоӣ меёбад, ба мабдаи азалии хеш – офариниш наздик мегардад.

Теъдоде аз шоирони пешрави тоҷик эҳтиёҷи сиёсатро ба адабиёт ва баръакс, ниёзи адабиётро ба сиёсат дарк намуданд. Чунин ба назар мерасад, ки ашъори Гулрухсор дар ин давра маҳз аз дарки ҳамин нукта сар мезанад. Шоира дар радифи нафароне қарор гирифт, ки мехостанд дар пайванди байни сиёсат ва адабиёт қадами ҷиддӣ гузоранд. Адои қарзи рисолати аслии шоирӣ дар ҳамин вазифа эҳсос гардид. Хусусан, фаъолияти сиёсии Гулрухсор бо интихоб шуданаш ба намояндагии парламенти кишвари шӯравӣ вусъати бештар пайдо кард.

Намунаҳои шеъри сиёсӣ-иҷтимоии Гулрухсор аз нимаи дувуми солҳои 80-ум дар китоби «Тахти сангин» ҷамъоварӣ шуда, он маҷмӯае аз дардҳои беканори сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад. Аз ин маҷмӯа шеърҳои «Варта», «Танҳоӣ забон дорад», «Дар гулӯи замона мемирам» (1986), «Таронаи ҳузн», «Фиғони хазонрез», «Таронаи бехобӣ», «Тори гусаста», «Танҳоӣ», «Деҳи муҳоҷир», «Марги мазҳаб» (1987), «Буҳтон», «Марги Зарафшон», «Мусофир» (1988), «Дармони ханда» (1989), «Кӯҳистонӣ», «Дар дили шаб» (1990), «Қатли Қурратулайн» (1991), ҷамъан 119 шеър ва 1 достон («Жакон») намунаи таассуроту бардошти адабии гӯяндаи дардкаш ва дардошно мебошанд, ки суннатҳои хосси шеъри иҷтимоиро дар адабиёти охири асри ХХ устувор гардониданд.

Дар бахше аз ашъори иҷтимоии ин давра масоили таърих ва рӯзгори гузашта пеши назар меояд. Гӯянда ба таърих рӯ меорад, рӯҳи гузаштаро ба гуфтугӯ меорад, аз равзанаи гузашта муаммои имрӯзро ҳал карданӣ мешавад. Масалан, дар як шеър муноҷоти Ибни Синои фирорӣ бо рӯҳи Зардушти офаридгори покиҳо чун рамзи пайвастани имрӯзу дирӯз, ҳадафи асосӣ «дармони ҳама дарди ҷаҳон» қарор мегирад. Гулрухсор ба аҳли замони мо аз номи Сино талқин менамояд, ки «роҳе, ки ба маъбад набарад, – Варта бувад!...».

«Аз гуноҳи бегуноҳӣ» дар замин – «дар ҳалқаи доми куфр» ҷон додани Тоҳира – аз шоираҳои баноми асримиёнагӣ дар шеъри «Қатли Қурратулайн» сабақ барои аҳли замон аст. Яъне, гӯшзад кардани ин ки замин аз қадим арсаи ҷон додани беҳтарин фарзандон аз «гуноҳи бегуноҳӣ» аст. Ба ҷурми ҳамин бегуноҳӣ бисёре аз афроди саршиноси замонаҳо ба қатл расиданд.

Дар шеъри «Муноҷоти рӯҳи сарсони Восеъ пас аз сад сол…» (1987) сухан аз «луъбати макри ватанбоз» меравад, ки дар он рӯҳи замон ва беҳтарин ормони зиндагӣ бо ҳадафи раҳоӣ аз вартаи тазвири дунё ифода ёфтааст. Дар ин маврид шоира раҳоӣ аз рӯзгори бефурӯғ ва бечароғро хоҳон аст:

Хоҳам аз даврон фурӯғи бедурӯғеро,
То начӯям шабчароғе рӯзи офтобӣ.
Ку чароғе, ки маро аз ман ниҳон созад,
Дар шаби девофару танҳои бехобӣ?!

Дар шеъри «Базми танҳоӣ» (1987) таркибу ибораҳои «макри ҳарифону ҳароси марги танҳоӣ», «айши фиребоӣ», заҳри ширину шакаркуш, «шабистони сиёҳидудаву маҳзун», «санги номуродӣ» маънии иҷтимоӣ доранд:

Шабистони сиёҳидудаву маҳзун,
Хаёлеву ғамеву инқилоби хун…
Ба гирди қандилам парвонаеро пар намесӯзад,
Зи пири панди ман тифле нахоҳад фанди афсона.
Ба рӯйи оламе пӯшидаам дарвозаи чашмон,
Дари пӯшидаи ман сад балоро карда бехона!
Паси девори ғампӯшам,
Барои хеш менӯшам!...

Дар ибораву таркибҳо, образҳои шеърӣ ва рамзу намоди барсохтаву барчидаи шоира – «нони сӯхта», «бешаи нангу ор», «неши бенӯш», «дуди дидагони анҷуман», «марзи ташнасӯзон», «таронаи ҳузн», «ҳузни лонаи холӣ», «оташгоҳи сарди хонаи холӣ», «марги тадричӣ», «дунёи ҷоҳилпарвари оқил», «гуноҳи бегуноҳӣ», «домани сиёҳи шаб», «исёни рақси духтари гесӯпареши шаб», «хомӯшии дутори падар», «пири муҳоҷир», «пири мусофир», «деҳи муҳоҷир» ва…оҳанги ситезу ошӯб ва эътироз ба ҷомеа ва замона, ғолибан носозиҳои рӯзгори даврони шӯравӣ нақш ёфтаанд.

«Фиғони хазонрез» намунаи муассири дилномаи шоира буда, сӯзу гудоз ва оҳи дили реши гӯянда драматизми тасвирро шиддат бахшидааст.

Хабар дорам, –
Зимистон гул намекорад,
Хазон маҳри арӯси навбаҳорон нест,

Нигоҳи пири барҷомонда аз равзан.
Умедолудаи ишқи нигорон нест…

Ҳамин тавр, дар ашъори сиёсӣ-иҷтимоии нимаи дувуми солҳои 80-уми шоира таҳқиру тазвири шаъну эътибори инсонӣ, озору андӯҳ, дурӯғу фиребу фасона, манзили вайрона, фарёду фиғону алам, буҳтону ҳузн, танҳоиву бехобӣ, қатлу марг, нодории моддиву маънавӣ, заъф ва қашшоқии фикру андеша, худрафтагӣ, худбохтагӣ, гусастагӣ аз дирӯзу парерӯз, теғи макру ҳиллаи аҳли замона тасвир ва бо рангҳои дилреш дар рӯйи қоғаз суфта шудаанд.

Давраи севум. Давраи севуми чашмандози иҷтимоии Гулрухсор аз ибтидои солҳои 90 оғоз ёфта, доираи афкор ва сохтори дарунии шеъри ӯ вобаста ба таъсири сиёсати рӯз – фурӯпошии кишвари шӯравӣ, мушкилоти солҳои аввали истиқлолияти кишвар, ривоҷи ҷанги бародаркуш дигаргунӣ ва вусъат ёфт. Маҳз аз ҳамин давра дар ашъори ӯ рӯйдодҳои нангини ҷанги ҳамватании тоҷикон дар охири асри ХХ ҷойгоҳи бештар ёфтаанд.

Ашъори публитсистии дар солҳои 90-ум эҷодкардаи Гулрухсор бештар дард дорад. Ин нуктаро Аскар Ҳаким дар маърӯза ба анҷумани IX адибони кишвар зимни бозгӯйи ин нукта, ки «шеъри иҷтимоии замон на фақат аз раҳи тасвир ва ё гуфтани дарду шиканҷа, балки аз роҳи тасвири орзую умеди рангин низ ба даст меояд», чунин таъкид мекунад: «Дар як силсила ашъори Гулрухсор интизорӣ, умед ба рӯзгори хуш ҳаст, аммо азбаски кай ба ин умед расидан маълум нест, сухан пурдард аст».

Ашъори ин давра аз захми хунчакон, ятимони гирён, нолаи модарон, гурезагони аз гуноҳи худ бехабар ва дар диёри сарду бегона хушёр қисса мекунанд. Қисмате аз ин ашъор дар вазъияте сароида шудаанд, ки «дар қабристонҳои ғарибиву ватанӣ ҳанӯз сабзаҳо гӯри азизонро напӯшонидаанд, ҳанӯз ғами нотавонии ҷисмиву рӯҳӣ дар гулӯи оқилону фозилон кӯргирех монда ва минбарҳои ҳунару фарҳангу илм холӣ мондаву қисмати созандагии миллат «ашки сари мижгони бақост».

Вижагии муҳимми ин ашъор оҳанги тезутунд ва пуртазоди сухани гӯянда аст:

Боядам
Бо хештан
Дар кунҷи танҳоӣ,
Ҳамчу шери кӯр размидан.
Боядам
Бо чашми устурлоби худкоҳӣ
Кам шудан, –
Афзудани худро аён дидан…

Дар бораи ашъори иҷтимоӣ-сиёсии Гулрухсор муҳаққиқи шеъри муосири тоҷик Алиасғари Шеърдӯст чунин навиштааст: «Баёни шоиронаи хонум Гулрухсор ҳам дар бештари шеърҳои сиёсӣ-иҷтимоиаш халалнопазир менамояд. Вай забони таҒаззулӣ ва пурэҳсоси худро, ки аз сабки ҳиндӣ мутаассир аст, дар шеъри эътироз чунон ба кор мегирад, ки ҳамаи вожаҳо рангу бӯйи сиёсӣ ба худ касб мекунанд ва он рангу бӯйи мутадовил ва утуматиза (автоматикӣ) шудаи калимот дигаргуна мешавад. Яъне, дар ҳуввияти ҳиссии чандсолаи вожаҳо бо талоши ошноизудоёнаи шоир тасарруф ба амал меояд».

Дар ин маврид ба пораи зерин таваҷҷуҳ шавад:

Сард гашта хуни эҳсон,
Дар рагу пайванди кайҳон.
Абрҳо ях баста, андар таркиши исёни тӯфон.
Обҳо дар варзиши варзобҳо ях бастаанд,
Ашкҳо дар гавҳари бехобҳо ях бастаанд…

Ин навъе аз иҷтимоигароии шоира аст, ки зери мафоҳими шоиронаи «сард гаштани хуни эҳсон» «дар рагу пайванди кайҳон», «ях бастани абр» «дар таркиши исёни тӯфон», «об дар варзиши Варзоб» ва «ях бастани ашк дар гавҳари бехоб» ифода шудааст.

Ба назари мо, рӯҳи замон ва иҷтимоиёту иҷтимоъгарӣ дар ашъори шоира аз муҳимтарин мавзӯе аст, ки баррасии он ба таври ҷудогонаву муфассал барои муайян кардани аслу моҳияти табиати фитриву инсонӣ ва эҷодии Гулрухсор аҳамияти бештар дорад. Дар хулоса метавон гуфт, ки зуҳури рӯҳи иҷтимоии замон ба василаи таассуроти муфради ғиноӣ ва омезиши тасвирҳои ҳамосӣ дар ашъори ғиноӣ, дарунмояи шеъри Гулрухсорро ганӣ гардониданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзоюнус М. Мавзӯи ҷанг дар ашъори Гулрухсор / М. Мирзоюнус // Боргоҳи сухан, 2005. – №6.
2. Ҳакимова С. Вижагиҳои шеъри ичтимоӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ (дар чоряки охири қарни бист): рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / С Ҳакимова. – Хуҷанд, 2009.
3. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985.
4. Дунёи дил. – Душанбе: Ирфон, 1977.
5. Девон (Девони Ишку Ашку Ханда). – Душанбе, 2004
6. Тахти сангин. – Душанбе: Адиб, 1992.
7. Гулчине аз ашъори Гулрухсор Сафиева. – Теҳрон: Интишороти байналмиллалии Ал-ҳудо, 1373/1994.
8. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб. Мақолаҳо / А Абдусаттор. – Душанбе: Адиб, 2004.
9. Файзуллоев Н. Туҳфаи шоира: Тақриз ба маҷмӯи «Шабдарав»-и Гулрухсор / Н. Файзуллоев // Садои Шарқ. – 1977. – № 2.
10. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / А. Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997.

СОЦИАЛЬНЫЕ МОТИВЫ ПОЭЗИИ ГУЛРУХСОР И ПЕРИОДЫ ЕГО ЭВОЛЮЦИИ

В данной статье автор размышляет о социально-политической лирике Гулрухсор Пристальное внимание к творческой личности и поэзии Гулрухсор обусловило признание идейно-эстетических ценностей ее произведений. Поэтические произведения Гулрухсор, убеждают в том, что автор относится к числу самых плодотворно работающих таджикских литераторов. Третий период публицистической лирики Гулрухсор совпадает с периодом социальных и политических перемен в стране. Художественные воззрения поэтессы и идейное содержание ее стихотворений в русле этих перемен обретают высокую гражданственность и социальные черты. Именно в стихотворениях этого периода нашли свое отражение трагические события гражданской войны. Поэзия этого периода трогательно повествует о смертельных ранениях и боли, осиротевших детях, слезах матерей, о беженцах, скрывающихся на чужбине.

Ключевые слова: поэзия Гулрухсор, художественный стиль Гулрухсор, социально- политическая лирика, создание новаторских поэтических произведений, проблемы современности.

SOCIAL MOTIVES POETRY ACTIVELY INVOLVED AND THE PERIODS OF ITS EVOLUTION

In this article the author reflects on the socio-political lyrics actively involved Careful attention to the creative personality and poetry actively involved led to the recognition of the ideological and aesthetic values of her works. Poetry actively involved, convince us that the author is among the most effective in working Tajik writers. The third period publicistic lyrics actively involved coincides with the period of social and political change in the country. Artistic visions of the poet and conceptual content of her poems in line with these changes attain good citizenship and social features. It is in the poems of this period reflected the tragic events of the civil war. The poetry of this period is a touching story about the fatal wounds and pain, orphaned children, crying mothers, refugees, fugitives in foreign lands.

Key words: poetry actively involved, the art style is actively involved in socio - political lyrics, the creation of innovative poetic works, the problems of modernity.

Сведения об авторе: ***Умеда Абдурашидова*** **-** кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры МПЯ кафедры таджикской филологии ХГУ им. Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 927-78-25-83**

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ ЛИРИКИИ МИРЗОЛАТИФ РАҲИМЗОДА

М. Икромова

Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Дар адабиёти ҳамаи халқияту миллатҳо агар ҷинси адабии эпос ҳаётро ба воситаи воқеаҳои гуногун ва саргузашти одамон тасвир кунад, драма (асари саҳнавӣ) зиндагиро ба воситаи амалиёти инсонҳо ва рафтору кирдори онҳо намоиш медиҳад. Дар ин маврид лирика, ки яке аз се ҷинси адабист, дар худ фикру ҳиссиёти воқеаро ба риштаи тасвир мекашад. Дар асари лирикӣ воқеаю амалиёт бевосита нишон дода намешавад, балки дар он андешаву мулоҳиза ва ҳиссиёту ҳаяҷоне, ки касе аз як ё якчанд ҳодиса ҷамъ овардааст, ифода мегардад. Зарур ба ишора аст, ки лирика аз калимаи «лира»-и юнонӣ гирифта шуда, номи асбоби торноки мусиқӣ мебошад ва [1, 45] аз қадимтарин шаклҳои зуҳуроти фаъолияти бадеии эҷодкорон дониста шудааст. Доир ба фарқи лирика аз эпосу драма адабиётшинос Ю. Акбаров чунин хулосаро пеш гузоштааст: «Ифода ва баёну инъикоси афкору эҳсосоти ш адиду мухталифи инсон, ки аз асари рӯйдоду гардишҳои зиндагӣ, муҳити зист, ҳаёти воқеӣ, муносибатҳои мухталифи байни одамон, аз барангехтани ҳиссу ақл ҳосил мегардад

ва ин яке аз муҳимтарин хусусияту тафовутҳои лирика аз дигар ҷинсҳои адабист» [2, 98].

Тавре ишора рафт, лирика аз решаи калимаи «лира»-и юнонӣ гирифта шудааст ва дар ибтидо он асарҳоеро асарҳои лирикӣ меномидаанд, ки тавассути навохтани асбобҳои мусиқӣ суруда мешуданд ва таъсирнокиашон бештар буд.

Дар адабиёти навини форс-тоҷик низ аз ибтидо, дар баробари дигар ҷинсҳои адабӣ, лирика низ арзи ҳастӣ намуда, аз замони устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то ба ҳол адабиётро бою ғанӣ ва рангин менамояд. Аз адабиёти гузаштаамон танҳо қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Одамушшуароро ёд орем басанда аст, ки бо чӣ эҳсосу ҳаяҷоне офарида шудааасту дар замону макони худ чӣ таъсири амиқе гузоштааст.

Бояд гуфт, ки дар адабиёти форс-тоҷик лирика дар навъҳои хурди адабӣ, аз қабили рубоиву дубайтӣ, ғазалу қасида, қитъа, мустазоду мухаммас ифода мегардид, ки ба онҳо чаҳорпораҳо, сонет ва анвои дигари тозаи шеъри имрӯза, монанди шеъри Нимоӣ ва шеъри сафед низ ҳамроҳ гардиданд. Асарҳои лирикӣ бештар дар шакли бадеии назм навишта шуда, аз рӯйи мазмуну муҳтаво ба лирикаи сиёсӣ, лирикаи ишқӣ, лирикаи ахлоқӣ, лирикаи иҷтимоӣ, лирикаи фалсафӣ, тасвири табиат тақсим мешаванд.

Чун бо хусусиятҳои умдаи ҷинси бадеии лирика ошно гардидем, ба асли мавзӯъ бармегардем ва мебинем, ки яке аз суханварони камшинохтаи тоҷик Мирзолатиф Раҳимзода (1902-1967) дар осори лирикӣ эҳсосоташро дар чӣ поя ба риштаи назм кашидааст.

Мирзолатиф Раҳимзода аз худ беш аз 2000 байт шеър ба мерос мондааст, ки қисме аз онҳоро метавон аз ҷиҳати шаклу мазмун мансуб ба ашъори лирикии ӯ донист. Ҳамин ашъори шоир гувоҳу гӯёи онанд, ки вай дар баробари маснавӣ ба офаридани шеърҳои лирикӣ низ ҳунари назаррас дорад. Вақте ба асарҳои лирикии Мирзолатиф Раҳимзода муроҷиат шуд, маълум гардид, ки эҷодкор ҳаддалимкон ба ҳамаи мавзӯъҳои асарҳои лирикӣ, вобаста ба шаклу мазмун даст доштааст. Ба ин маънӣ, мураттиби китоби Мирзолатиф Раҳимзода «Соати саъд» Алии Муҳаммадӣ, дар муқаддимаи мукаммали ба он навиштааш дуруст қайд менамояд, ки «Мавзӯъҳои ватандӯстию меҳнатпарастӣ, сулҳу амният, нумӯи кишвари азиз, ваҳдати мардум, пешрафти назарраси илму ҳунар, ишқи поки беолойиш аз ҳар гуна макру фиреб, муҳаббат ба ҳаёту зиндагӣ, боварӣ ба фардо, хидмат ба мардум, сабру қаноат, тарбияи насли наврасу панду насиҳат ба онон, эҳтироми ҳамдигарӣ, аҳамияти илму дониш дар ҳамаи замонҳо, кашфи роҳи кайҳон, эҳтироз аз тафриқа, муборизa алайҳи хурофот, зиёни маю майхорагӣ дар китоб ҷойи муҳимро ишғол намудаанд» [3, 15].

Ва хушбахтона, ҳамин мавзӯю муҳтаво, ки адабиётшиноси шинохта Алии Муҳаммадӣ дар заминаи омӯзишу пажӯҳиши осори манзуми шоир баршумурдааст, дар ашъори лирикии шоир хеле рӯшан инъикоси худро ёфтаанд. Агар шеърҳои «Сулҳ пойдор аст», «Ба ҷангандозони Ветнам», «Иди Май» ва чанд ғазали шоир ба лирикаи сиёсии вай шомил гарданд, ба лирикаи ахлоқии Мирзолатиф Раҳимзода шеърҳои «Нома ба фарзандам Нозимҷон», «Ба таҳнияти дӯсти худ барои таваллуди фарзандаш», «Насиҳат», «Насиҳат ба фарзанд», ба лирикаи иҷтимоияш шеърҳои «Тоҷикистон», «Донишварон», «Ба истиқболи олимони тоҷик», «Дар васфи Кӯлоб», «Ба ҷашни 40-солагии Тоҷикистон» ва ғайра, ба лирикаи фалсафӣ ва ишқии суханвар як идда ғазалҳояшро метавон ёдовар гардид.

Мирзолатиф Раҳимзода, пеш аз ҳама, дар зиндагӣ оромию осудагии дунёро тараннум намуда, ҷонибдор ва таронасаройи сулҳу маҳкумгари ҷанг аст, ки мегӯяд:

Боғи ҳаёту гулшани бахт аст ёри сулҳ,
Анвоъи ҷумла маъдану ганҷ аст бори сулҳ.
Тинҷии мулку неъмату осойиши вуҷуд,
Вобаста аст ин ҳама доир ба кори сулҳ.
Ҷанг аст раъду барқ, ҷаҳонро кунад сиёҳ,
Бошад чу офтоби дурахшон шиори сулҳ…[3, 21]

Ба андешаи шоир, агар ҷаҳон орому осуда бошад диёри вай – Тоҷикистон низ ором аст. Ва бешубҳа, ин оромӣ боиси гулгулшукуфиаш мешавад. Ин на танҳо орзуи Мирзолатиф Раҳимзода дар он замон, дар замони зиндагию эҷоди ӯ буд, балки шоирони маъруфи ҳамзамонаш, устодони сухан Мирзо Турсунзода, Мирсаид, Миршакар, баъдтар Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайд Раҷаб, Боқӣ Раҳимзода, Ашӯр Сафар, Муъмин Қаноат, Файзулло Ансорӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ ва ғайра низ, дар

ашъори лирикию эпикии худ аз сулҳу осудагӣ дар ҷаҳон пуштибонӣ мекарданд. Ҳамин осудагист, ки Тоҷикистони азизи шоир рӯ ба сарсабзию шукуфоӣ дорад:

Кишвари азизи ман пур зи боғу бӯстон аст,
Мулки нозанини ман соҳиби дабистон аст…
Кӯҳи сар ба афлокаш, оби Замзаму хокаш,
Сабзаю гули покаш роҳати дилу ҷон аст [3, 20].

Дар ин мисол, асари лирикӣ танҳо ба ифшои ҷаҳони ботинии инсон маҳдуд нагардида, зиндагии ба чашми сар медидаашро бо ҳама рангҳои доштааш амиқ тасвир мекунад. Калимаву таркибу ибораҳои «кишвари азиз», «боғ», «бӯстон», «мулки нозанин», «оби Замзам», «кишвари фараҳмандон», «хонаи ҳунармандон», «маскани адибон», «неъмати фаровон», «фитрат», «баҳри ҳиммат» барои гуфтани шеъри пур аз эҳсосу ҳаяҷони шодӣ боис шудаанд. Ба қавли устод Соҳиб Табаров «дар ин гуна шеърҳо далелу ҳодисаҳои конкретӣ ба воситаи образҳои бадеии санъаткорона ба инъикос омада, он образҳо дар навбати худ ба синтези бадеии лавҳаҳои зиндаи ҳаёт ва муносибатҳои иҷтимоӣ… мубаддал гардидаанд» [4, 221].

Дар китоби «Соати саъд»-и Мирзолатиф Раҳимзода бештар ба лирикаи ахлоқӣ – асарҳои лирикие, ки панду насиҳат ва тарбияю ахлоқро дар назар доранд, дучор меоем. Ин адиб аз оғози фаъолияти корияш ба сифати муаллим кор карда, дар таълими хуби фарогирии дониш ахлоқи хубро таҳкурсии асосӣ медонад. Вай шогирдонро мефаҳмонид, ки барои дар оянда ба камол расидану марди соҳибҳунар шудан, бояд хаста нашуда, ба қироат машғул бошанд:

Бигзин ту насиҳатам ба хотир,
Аз аввали ҳарф то ба охир.
Хоҳӣ, ки шавӣ ту марди ҳушёр,
Аз рӯйи китоб сар набардор.
Шахсе ба китоб ҳамнишин аст,
Комаш ҳама дам пурангубин аст… [5, 57]

Мисраи фавқ иқтибос аз шеъри «Дар сифати китоб ва илм» буда, дар шакли маснавии хурд (43 байт) навишта шудааст.

Лирикаи ишқии Мирзолатиф Раҳимзода, тавре дар боло ишора шуд, асосан дар ғазалиёти ӯ бо таассуроту шавқу шӯри ошиқ таҷассум ёфтааст. Ошиқи шоир дилдодаю сарсупурдаи маъшуқа аст. Вай ба хотири маъшуқа ба ҳама азобу шиканҷаи маъшуқа тоб меорад, ба маъшуқа ошиқтар аз ӯ касе нест:

Гар ҷони ман ба зери қудумат ҳисоб нест,
Аз ҷон азизтар ба ҷаҳон ҳеҷ боб нест.
Ҳарчанд ҷон фидо кунамат нест боварат,
Оё магар дилам зи фироқат кабоб нест?!
Гар толибони васли ту ҳарчанд метапанд,
Чун ҷони ман ба ишқи ту дар изтироб нест…[5, 12]

Дар ин намуна аз ғазалҳо, ки лирикаи ишқии Мирзолатиф Раҳимзодаро дар худ таҷассум намудаанд, «ман»-и шоир симои қаҳрамони лирикӣ буда, бештар авқот бо маъшуқа созгор аст. Рафторҳои шоистаи вайро меситояд, зебоиҳои маъшуқаро тараннум месозад, ӯро аз хубрӯёни дигар боло мегузораду зиннати дунё мехонад. Чаро қаҳрамони лирикии шоир ин ҳама сифатҳои хубро нисбат ба маъшуқа раво медорад? Барои он ки тавре ишора шуд, маъшуқа бо ошиқ созгор омадаанд. Дар ин ҳолат маъшуқа бемехру камнамо нест, ҳамеша дар пеши чашмони ошиқ аст, доност, мурувват бар ошиқ дорад ва ғайраҳо:

Дар миёни хубрӯён дилбари зебо туӣ,
Моҳрӯи хуштакаллум, маҳваши раъно туӣ.
Хубрӯён ҳар кӯҷо бар ҳусн лофе мезананд,
Гарчи лофе мезананд, лек аз ҳама аъло туӣ [5, 76].

Ва дар ҳусни мақтаъи ҳамин ғазал омадааст:

Бар тамоми рӯйи олам, аз замин то бар само,
Аз ҳама маҳбубтар дар дидаи Мирзо туӣ [5, 76].

Мирзолатиф Раҳимзода фарзанди замони худ буд ва по ба пойи замон бо диди эҷодкорона қадам мезад. Ва чун дар ин ё он замон паҳлӯҳои неку бад дар набарданду бештар вақт некӣ бар бадӣ ғалаба мекунад, шоирону эҷодкорон низ ҷонибдори пирӯзии некианд. Ҳамин аст, ки дар ин гуна ашъори лирикии шоир иҷтимоиёт мавқеи вижа дорад. Суханвар дар ин гурӯҳ ашъори лирикаи иҷтимоияш, кӯшидааст, ки бахилону мағрурон, каҷравону бероҳагон, бебасиратону худнамоён ва

гирифторони молу амволро сахт мазаммат намуда, онҳоро ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят карданӣ мешавад ва бо овози баланд мегӯяд:

Аз кибру ғурур кас ба сомон нашавад,
В-аз бухл касе соҳиби эҳсон нашавад.
З-ин ҳар ду гузар, ки душмани ҷони туанд,
Бар дарди касе бахил дармон нашавад!

Аз шеърҳои иҷтимоии шоир «Ба шайхи маккор», «Чӣ ҳоҷат», «Каҷ», «Ҳайф», «Талаби мо», «Гулистон гардад» ва ғайра ҷолиб буда, дар худии худ бо ҷанбаи ахлоқӣ ва тарбиявӣ бо лирикаи ахлоқӣ ба ҳам омехтаанд ва таъсирнокии шеърҳо ва қимати онҳоро афзудаанд.

Гузашта аз ин ҳама, бояд гуфт, ки бо вуҷуди сужетписанд набудани лирика, дар лирикаи Мирзолатиф Раҳимзода гоҳо сужетҳои кӯтоҳ, канда-канда истифода шудаанд, ки он ба ҳаракати воқеа алоқаманд аст. Ба шеърҳои «Ба пешвози баҳори соли 1963», «Насиҳат», «Дар тарбияи фарзанд» ва ғайра ба ин маънӣ муроҷиат шавад.

Хулоса, ашъори лирикии Мирзолатиф Раҳимзода гуногунпаҳлую гуногунмуҳтаво буда, ҳамаҷониба омӯхтани он барои равшантар кардани паҳлӯҳои мухталифи рӯзгори ҷомеаи замони шоир аҳамиятнок мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р Ҳодизода, М. Шукуров, Т Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966.
2. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. - Ҷ.2.
3. Мирзолатиф Раҳимзода. Соати саъд / Раҳимзода Мирзолатиф; таҳия ва муқаддимаи Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – С.20-21.
4. Соҳиб Табаров. Масъалаи мазмуну шакл дар намунаи лирикаи граждани / Табаров Соҳиб // Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1977.
5. Мирзолатиф Раҳимзода. Соати саъд / Раҳимзода Мирзолатиф. – С.57, 72, 76.

ИДЕЙНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ЛИРИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИРЗОЛАТИФА РАХИМЗОДА

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению идейного содержания лирической поэзии таджикского писателя XX столетия Мирзолатифа Рахимзода.

Ключевые слова: Мирзолатиф Рахимзода, лирическая поэзия, идейное содержание лирических произведений.

IDEOLOGICAL CONTENT OF LYRIC POETRY MIRSAATOVA RAHIMZODA

This article is devoted to the study and consideration of the ideological content of lyric poetry Tajik writer of the twentieth century Mirsaatova Rahimzoda.

Keywords: Myselfif Rahimzoda, lyrical poetry, the ideological content of the lyric works.

Сведения об авторе*: М. Икромова* – соискатель Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 985-89-68-68**

ЗАМИНАҲОИ ЗУҲУРИ «ГУЛШАНИ РОЗ» - И МАҲМУДИ ШАБИСТАРӢ

Муҳаммадӣ Муҳаммадкозим Богимуллоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шайх Маҳмудӣ Шабистарӣ яке аз номдорони ҷовидонаи таърихи ирфон ва адаби форсист, ки дар рӯзгори пуршару шӯри зиндагӣ тавониста бо таолиму омӯзаҳои динӣ, ахлоқӣ ва инсонӣ ҳодию раҳнамои анбӯҳи муштоқони доираи ирфон ва адаб дар рӯзгори худ бошад. Ӯ бо пайравӣ аз ҳамин тафаккуроти ноб холиқи асари ҷовидона ва арзишманди «Гулшани Роз» гардида ва дар ин масир шуҳрати ҷаҳониро касб намудааст.

Манзумаи таълимии «Гулшани Роз», ки номаш дар радифи осоре чун «Маснавии Маънавӣ» - и Мавлонои Рум ва ғазалиёти Ҳофиз ҷой гирифтааст, дарвоқеъ доиратулмаорифи ирфонӣ аст, ки шоир бо қудрату маҳорати аҷибе тавонистааст қисмати умдаи усул ва мабодии сӯфияро дар тайи ҷавобҳое, ки ба суолоти Амир Ҳусайнӣ додааст, биғунҷонад. Абас нест, ки дар давраи Сафавия ин китоб ҳама ҷо ба масобаи зубда ва хулосаи ҷомеи ақоиди сӯфия талаққӣ мешуд. Чуноне ки Шорден, ҷаҳонгарди фаронсавӣ, зимни баёни ақоиди сӯфия хотирнишон

кардааст, ки сӯфия китобе ба номи «Гулшани Роз» доранд ва он ҷомеи илоҳиёти онҳост [3, 324].

Шинохтан, рӯнамойӣ ва донистани сабабҳои таълифи «Гулшани Роз» бар адабдӯстону аҳли таҳқиқ фарз аст, ки дарёфти ин мавзӯъ мушкилии асосиеро ҳал намекунад ва наёфтани он низ мушкилеро сабаб намегардад, лекин дарку кашфи ҳар маҷҳулу ибҳоме лаззатбахш аст ва он наметавонад рамзгушои калидӣ барои расонидан бар аслу дарёфти ганҷинаи ҳақоиқ гардад. Бинобар ин, бо арҷ ниҳодан ба таҳқиқ ва бо ифшои рози « Гулшани Роз», шояд битвонем дар равшан намудани як зовияи хурди ҳунар ва адаби форсӣ саҳмӣ ночизро ҷустуҷӯ намоем. Маснавии «Гулшани Роз», ки Насруллоҳи Ҳикмат аз он ба сарзамини хаёл ва тахайюл ёд мекунад [2, 9], дар баҳри ҳазаҷи мусаддас (мафоъилун- мафоъилун – мафоъил) суруда шуда, ки бар асоси абёту гуфтор сароянда дар моҳи шавволи соли ҳафтсаду ҳабдаҳи ҳиҷрии қамарӣ (1317-18м.) ва дар синни сиюсесолагӣ ва дар посух ба номаи Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, ки ӯ низ аз бузургони машоих ва орифони он рӯзгор буда, ба вуҷуд омадааст.

Чунонки пурсишҳо дар қолаби номаи манзуми Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ ва посуху пардозиши онҳо аз сӯйи Шабистарӣ, ки мавзӯи аслии ин мақола аст ва ба таҳқиқу таъйиди муҳақиқин ва адабшиносон сабаби пайдоиши «Гулшани Роз» гардида, дар сиюшаш байти оғозини ин маснавӣ баён шудааст, ки дар ин ҷо ба муқтазои калом ба абёте чанд аз онҳо ишора ва сабабҳо ва таҳлилу тафсири онҳоро ҷустуҷӯ менамоем:

Гузашта ҳафту даҳ аз ҳафсад сол,
Зи ҳиҷрат ногаҳон дар моҳи шавол.
Расуле бо ҳазорон лутфу эҳсон,
Расида хидмати аҳли Хуросон.
Бузурге, к-андар он ҷо ҳаст машҳур,
Ба ақсоми ҳунар чун чашмаи нур.
Ҳама аҳли Хуросон аз кеҳу меҳ,
Дар ин аср аз ҳама гуфтанд, ӯ беҳ.
Навишта номае дар бобби маънӣ,
Фиристода барии анбоҳи маънӣ.
Дар он ҷо мушкиле чанд аз иборат,
Зи мушкилҳои арбоби ишорат.
Ба назм овардаву пурсида як – як,
Ҷаҳоне маънӣ андар лафзи андак [9, 48].

Албатта, гуфтанист, ки умдаи муҳаққиқини машҳуру саршиносе, ки пеши ту дар ин замина тарҳи мавзӯъ кардаанд, аввалан, аз ададии ангуштони даст фаротар намераванд. Сониян, дар ҳошияи осори худ ба ду ё се далели мушобеҳ, муштараку такрорӣ, он ҳам дар ҳадди нақлу қавл аз якдигар ишора ва хулоса намудаанд, кифояти мавзӯъ намекунад. Бинобар ин, дар ин мақола саъй мешавад далоили пурсишҳо ба сурати мушаххас дастабандӣ карда шаванд:

1. Фатҳи боби ошнойии уламо ва урафо бо якдигар. Абдулҳусейни Зарринкӯб дар китоби «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» муътақид аст, ки «суолҳое, ки вай (Амир Ҳусайнӣ –М.М.) дар боби масоили роҷеъ ба тасаввуф матраҳ карда буд, борҳо дар осори ирфонии худ матраҳ шуда буд ва зоҳиран таҷдиди тарҳи онҳо барои фатҳи боби ошноӣ буд, на озмоиши машоихи Табрез ва на ҳоҷати воқеъӣ ба ҷавоби онҳо. Ин тарзи фатҳи боби ошноӣ ва дӯстӣ низ ҳамеша дар байни сӯфия ва уламо мутадовил буд [3, 327].

Дар ин бора Қосими Кокоӣ – устоди Донишгоҳи Шероз бо ишора ба байте аз Амир Ҳусайнӣ, ки дар «Панҷ ганҷ» - и ӯ омада: «Суханҳои Ҳусайнӣ ҳасби ҳол аст / На баҳри имтиҳонаш ин суол аст» назари фавқи Абдулҳусайнӣ Зарринкӯбро таъйид карда ки: «Ҳадафи Амир Ҳусайнӣ аз суолот имтиҳони арбоби маънии Табрез набудааст» [6, 191].

2. Равшан набудани посухи дурусти суолот. Самади Муваҳҳид – дигар муҳаққиқи донишгоҳӣ, назаре дорад, ки бисёр ҷолиб ва ба таври зайл аст: «Воқеан манзури Амир Ҳусайнӣ оё матраҳ кардани суолотест, ки ҷавоби онҳо барои ӯ чандон равшан набудааст? Ба назар мерасад, ки қазия дар «фатҳи боби ошноӣ» хулоса намешавад, балки пурсишҳо ҷиддист ва васфи ҳоли пурсанда:

Суханҳои Ҳусайнӣ ҳасби ҳол аст,
На баҳри имтиҳонаш ин суол аст.

Касе, к-ӯ ҳал кунад ин мушкиламро,
Нисори ӯ кунам ҷону диламро

Шояд манзури аслӣ посух хостан ба суолотест, марбут ба бархе аз таълимот ва дидгоҳҳои мактаби Ибни Арабӣ, ки ҷавоби дақиқи онҳо барои Ҳусейнии Ҳиравӣ, яъне парваридаи тасаввуфи суннати мактаби суҳравардия равшан набудааст. Оре мумкин аст суолҳо «борҳо дар осори ирфонии худи вай матраҳ шуда» бошад, аммо посухҳо фарқ мекунанд. Ҷавобе, ки худи Ҳиравӣ ба ин пурсишҳо медиҳад, мутобиқ бо боварҳо ва эътиқодоти мактаби суҳравардия аст. Дар ҳоле ки посухҳои Шабистарӣ ҳама бар мазоқи таълимоти мактаби вахдати вуҷуди Ибни Арабӣ аст» [11, 47].

Бо таваҷҷуҳ ба печидагӣ ва сангинии суолот ва шинохти Ҳиравӣ нисбат ба донишу тавоноии уламои Табрез ва билоди Озарбойҷон дар мақоми посухгӯйи ва имкони ин, ки онҳо посухи суолоташро бар асоси омӯзаҳои таълимоти дигар – мактаби Ибни Арабӣ бидиҳанд ва ӯ татбику муқоисае дар ҷавобҳои худ ва дигарӣ дошта бошад. Эҳтимол, қабули дидгоҳи ахир наздик ба зеҳну яқин хоҳад буд, ҳарчанд ки нигоранда боз ҳам таъкид дорад, ки аз ибтидо бар Ҳиравӣ маълум ва мушаххас набудааст, ки Шабистарӣ саҳнагардони ин мавзӯъ ва нақши авали ин сенария бошад.

3 **Фойидарасонии ҷавобҳо ва мухотибини ноошно.** Ҳамчунин, дар ҳамин замина Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Нақш дар об» зайли «Сайре дар «Гулшани Роз» менависад: «Суолҳое, ки шайх Маҳмуди Шабистарӣ онҳоро ҷавоб медиҳад ва ҷавобаш зоҳиран бар соил масоили пӯшида нест. Ба эҳтимоли қавӣ бад – он сабаб ба тарҳу баён меояд, ки то фавоиди ҷавоб ба мухотаб ё мустамеи ноошно оид гардад. Ва ин ки суол гаҳ-гаҳ муаммогуна ба назар меояд, низ барои он аст, ки кунҷковии мустамеъро барангезад» [4, 267].

4.**Тамойили Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ ба ифшои асрори ирфонӣ аз забони дигарон.** Қосими Кокоӣ дар ин бора навиштааст: «Ба назар мерасад, ки Ҳиравӣ ҳадафи болотар доштааст ва он ин ки «аз парда бурун афтад роз». Асрори рабубӣ табйини дархуре ёбед аҳли маъно, таобири муносибе барои ёфтаҳои ирфонии хеш ёбанд. Аз мункирон рафъи шубҳа шавад, сирри ғами Дӯст дар «даҳани ом» афтад ва зикри Ӯ, ки «ба ҳар забон ки гӯянд, хуш аст», аз забони орифе чун Шабистарӣ такрор шавад, чаро ки Ҳиравӣ худ, қабл аз ин, алфияе дигар дар масоили ирфонӣ ба назм дароварда буд» [6, 292].

Устод Ғуломризо Моили Ҳиравӣ, муҳаққиқи муосири афғонӣ ва ҳамшаҳрии Амир Ҳусайнӣ, ҳамсӯ бо ин назар, баёне марбут бо мавзӯи суолоти Ҳиравӣ дорад, ки чунин аст: «Чизе, ки бештар Сайидро ҷаҳонӣ сохта, дилаш чӯшида ва дар забони хомааш оташ афтодааст. Ҳарчанд наметавон ба ин асли мусаллам ақида пайдо кард, ки Амир Ҳусайнӣ аз суолоте, ки аз шайх Шабистарӣ, орифи равшанзамири асри худ намуда, аз мафоҳими он комилан огоҳ набудаст, зеро аз ҳилоли соири осори ӯ метавон комилан пай бурд, ки аз мушкилоту мабоҳиси ғомизи ирфону тасаввуф бехабар набуда ва ҳатто хостааст ба гуфтаи худаш: «Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон / Гуфта ояд аз забони дигарон». Асрор магӯй, аз забони шайх Маҳмуд бурун афтад ва ҳамин тавр ҳам шуд ва бузургтарин китоби ирфонии манзум ба номи «Гулшани Роз» ба вуҷуд омад» [8, 1].

5. Шак дар ақидаи Шабистарӣ. Муҳаммадбашир Анвари Абӯҳарӣ - муҳаққиқи покистонӣ, дар баёни ақоиди Шабистарӣ далели пурсишҳои Амир Ҳусайни Ғурии Ҳиравӣ уламои Табрез менависад: «Суолоте, ки Амир Сайид Ҳусайни Ғурии Ҳиравӣ фиристода ва дар ҷавоби он «Гулшани роз» манзум шуда, базоҳир суолоте мушкилу адақ нест, ки Амир Ҳусайни Ғурии Ҳиравӣ аз донистани он оҷиз буда, гарчи ҳеҷ мадраке ба даст надорем, ки Амир Сайид Ҳусайни Ғурии Ҳиравӣ дар бораи ақоиди Шабистарӣ шакке дошт ва мехост аз роҳи ин суолот ақидаи Шабистариро бидонад ва илло фиристодани ин суолот ба дасти як қосид аз Ҳирот ба Шабистар, ки роҳе дуру дароз аст, кори осон нест» [1, 44].

Бар ин асос ва бо он чӣ дар муқаддимаи «Гулшани Роз» аз забони Шабистарӣ мехонем, хеле дур аз интизор аст, ки тасаввур кунем тарҳу баёни асрори ниҳонӣ аз забони Шабистарӣ мадди назари орифи Ҳиравӣ буда бошад. Зеро, ҳамон тавре ки қаблан ишора гардид, аслан маълум набуда, ки шайх Шабистарӣ намояндаи урафо ва уламои Табрез ба сурати возеҳ номзад ба посухгӯйи суолоти ӯ бошад. Ҳамчунин, муҳимтарин санаде, ки баъд аз «Гулшани Роз» метавонад роҳнамои мо дар ин масир бошад, китоби «Равзаи атҳор ё мазороти Табрез» аст, ки Самади

Муваҳҳид ба нақл аз сафҳаи 152 -и он китоб менависад: «Сабаби таълифи китоби «Гулшани Роз» он аст, ки Амир Сайид Ҳусайнии Ҳиравӣ раҳматуллоҳу алайҳиро бисту ду масъала мушкил мешавад ва ҷиҳати ҳалли онҳо суолоти манзум ба уламову урафо ва машоихи замони худ, ба ҳама диёр бо расуле ирсол менамояд. Расул чун ба Табрез меояд, ҳама аз шайх Маҳмуд истидъо менамоянд, ки ҷавоби масоилро манзум бинависад, аммо зоҳиран аз миёни ҷавобҳои додашуда ҳеҷ як матбӯи табъи шарифи Ҳиравӣ намешавад, илло аз шайх Маҳмуд» [11, 49].

6.Посуҳҳои некӯ ва рози ҷовидонагии тафаккуроти Шабистарӣ. Гарчи доварӣ дар ин миёна сахт аст ва наметавон назари воҳид ва мутлақро пазируфт, аммо таҳқиқи мубанно ва равшангири ибҳомот ва меъёрӣ метавонад барои таъйини вазни ҳар нигоҳе қарор гирад.

Устод Козим Муҳаммадии Войқонӣ дар пажӯҳишҳои ирфонӣ дар ин бора муътақид аст: «Шайх Маҳмуди Шабистарӣ дар он таърих ҳудуди бисту нуҳ сол дошта ва чунонки худ навиштааст, то он сол таълифоту таснифоти фаровон ба наср навишта ва рисолаҳои зиёдеро ба нигориш даровардааст. Ва ин ки аз ӯ ин бори мафоҳимро дар қолаби шеъру назм ва наср талаб кардаанд, низ маълум мешавад, ки ӯро ё хостаанд дар тангно бигзоранд ва ё хостаанд, ки беҳтару ҷовидонатар фикру посухи нағз аз ӯ боқӣ бимонад» [10, 22].

Натиҷагирӣ. Бо қабули фарзиёт ва эҳтимолоти пешрав барои исбот ва дастёбӣ ба дурустгӯйии сабаби таълифи «Гулшани Роз» бадеҳист, ки баёни иллатро дар маълул ҷустуҷӯ кардан ба савоб наздиктар аст. Ба ҳамин лиҳоз, беҳтарин, маҳкамтарин манбаъ ва дастрастарин васила барои расидан ба мақсуд ва содиқтарин роҳнамо барои роҳгушоӣ дар кашфи ин мавзӯъ, ҳамоно «Гулшани Роз» - и Шабистарӣ мебошад. Дар байтҳое аз муқаддимаи «Гулшани Роз» омадааст:

Навишта номае дар бобби маънӣ,
Фиристода барии арбоби маънӣ.
Дар он ҷо мушкиле чанд аз иборот,
Зи мушкилҳои арбоби ишорот.
Ба назм овардаву пурсида як–як,
Ҷаҳоне маънӣ андар лафзи андак.

Бармеояд, ки ҳадафи аслии ирсоли пурсишҳои манзум, бартараф шудани ишколот, ибҳомоти иҷтимоӣ дар зеҳну забони Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ будааст. Агар бипазирем, ки аслан, маълум набудааст, ки олим ва муаллиме чун шайх Маҳмуди Шабистарӣ посухи суолот бидиҳад, куллияи фарзиёту эҳтимолоти матраҳшуда дар осори муҳаққиқин, «посухгӯе аз манзари мактаби вахдати вуҷуд» ва «зикри Дӯст ба ҳар забон, ки гӯянд, хуш аст» ва… нодуруст буда ва ё ҳадди ақал дараҷаи дурустии далоили онҳо камвазн мегардад. Бинобар ин, калиди ҳалли муамморо дар ҷойи дигар бояд ҷустуҷӯ кард.

Баъд аз мушаххас шудани шахси посухгӯ дар маҷлиси бузургони Табрез, шояд машшияту ҳикмате вуҷуд дошта, то ба назар ва ташхиси маҷлиси машвератӣ, Шабистарӣ номзади ин муҳим шуда бошад ва ӯ низ тавониста ба мадади дониши фарогиру бо илҳом аз тафаккуроти ирфонӣ ва ангораҳои зеҳну забони худ асаре шоиста ва дархури таҳсин - «Гулшани Роз» - ро бонӣ ва боис гардида.

Дар он маҷлис азизон ҷумла ҳозир,
Бад-ин дарвеш ҳар як гашта нозир.
Яке к-ӯ буд марди кордида,
Зи мо сад бор ин маънӣ шунида.
Маро гуфто: ҷавобе гӯй дар дар дам,
К-аз ин ҷо нафъ гиранд аҳли олам.
Бад-ӯ гуфтам: чӣ ҳоҷат, к- ин масоил,
Навиштам борҳо андар расоил [9, 50].

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки маротиби фарҳехтагии Шабистарӣ дар таълимоти динӣ ва тасаллути ӯ бар улуми ақлию нақлӣ қаблан бар аҳли маҷлис азаҳ ва собит буда. Ва яқин ҳосил буд, ки тавоноии посухгӯе ба мушаххас аст, ки ӯ бефикру такрор посуҳҳоро дар алфозе эҷозгуна, ба шарҳе ки мушоҳида мешавад, таҳрир менамояд:

Пас аз илҳоқи эшон кардам оғоз,
Ҷавоби нома дар алфози эҷоз.
Ба як лаҳза миёни ҷамъи бисёр,
Бигуфтам ин сухан бе фикру такрор [9, 50-51].

Тавре ки пештар зикраш рафт, Шабистарӣ мақоми олии Ҳиравиро дар ирфони назарӣ муътариф аст. Бинобар ин, дар чунин шароите ва бо дарназардошти манзилати илми Ҳиравӣ, бо андаке ғавр ва диққат дар гуфтори Шабистарӣ ду нуқтаи муҳим равшан ва мушаххас мегардад:

а) гарчи Амир Ҳусайнӣ орифӣ бузург ва олими мусаллат ба таълимоти ирфон буда, лекин ҳеҷ орифу олиме дар баррасӣ ва таҳлилу такмили нуқтаҳо бениёз аз таҳқиқ, мутолиа ва истифода аз орои дигарон набуда ва ин қавлест, ки ҷумлагӣ бар онем.

б) Шабистарӣ огоҳона ва зиракона муҳим будани «ҷаҳони маънӣ» дар қолаби номае манзум бо «лафзе андак» - ро бо бузург нишон додани посухҳо дар рафъи шубаҳот ва ҳалли мушкилоти «арбоби ишорат» ва таъбиру тафсири пурсишҳо, ки мубтанӣ бар таълимоти мактаби ваҳдати вуҷуд бударо тарроҳӣ ва баён намудааст.

в) «ба як лаҳза» ва «дар миёни ҷамъи бисёр» ва «бе фикру такрор» посух гуфтани суолоти Амир Ҳусайнӣ аз ҷониби Шабистарӣ чунин фарзияи қариб ба яқинро ба зеҳн илқо мекунад, ки шайхи Шабистарӣ, қиёсан бо Амир Ҳусайнӣ, дар мактаби ирфонии Ибни Арабӣ ҷӯшидаву пухта шуда буд. Биноан, посух гуфтан ба суолоти кунҷковонаи Амир Ҳусайнии Суҳраварди аз тарафи шайхе комил чун Шабистарӣ, ишколе надошт.

Ҳамчунин, бо таҳқиқ дар ин бора пурсишҳои пурсишгар нишонгари ҷустуҷӯйи васеъ барои ёфтани ҳадафе воҳид буда, ки бавузӯҳ метавон ин иддаоро дар понздаҳ суоли матраҳшуда дарёфт намуд. Ӯ қасде ҷиддӣ ва тарҳе бадеъро дар зеҳни хонанда дарандохта ва ба дунболи ҳақиқати дигар мебошад, ки имкон дорад тафовуте бо донистаҳои худаш дорад. Содапиндорист, агар бипазирем баёни пурсишҳо дарбаргирандаи баҳсу ҷадалҳои сатҳӣ ва таъҷизу имтиҳони олимони шаҳри Табрез буда бошад, зеро Амири Ҳусайнӣ, қабл аз тарҳи пурсишҳо, соҳиби манзумае «Зод-ул-мусофирин» дар ирфони таълимӣ буда ва аз шуҳрате хос дар рӯзгори худ бархурдор аст. Аз суолоти Амир Ҳусайнӣ пайдост, ки бар иловаи донишҳои худаш роҷеъ ба масоили ғомизи ирфон ӯ чашмдори назароти дигаргунае буд ва ахиран онро аз Шабистарӣ ҳосил кард.

Ҳамон тавре ки аз гуфтори Шабистарӣ дар муқаддимаи «Гулшани Роз» бармеояд «Пайи он то шавад равшантар асрор / Даромад тӯтии нутқам ба гуфтор» посухи сареҳу ошкори ӯ барои равшантар шудани асрор дар бистари ҳамгаройӣ, шояд ки яке аз посухҳое бошад, ки битавон бар қомати пурсишҳои Ҳиравӣ андохт. Ва ин ҳамонест, ки Ҳиравӣ ба дунболаш мегашт.

А Д А Б И Ё Т

1. Анвар Абӯҳарӣ Муҳаммадбашир. Гулшани Роз / Анвар Абӯҳарӣ Муҳаммадбашир; тасҳеҳи интиқодӣ ва мутолиа дар ақоид ва ирфони шайх Маҳмуди Шабистарӣ. – Покистон: Маркази таҳқиқоти форсӣ Эрону Покистон, 1386ҳ.ш.
2. Насруллоҳи Ҳикмат. Метафизикаи хаёл дар «Гулшани Роз» - Шабистарӣ / Насруллоҳи Ҳикмат .- Теҳрон: Фарҳангистони ҳунар, 1385 ҳ.ш.
3. Абдулҳусайни Заринӯб.Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / Абдулҳусайни Заринӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1388 ҳ.ш.
4. Абдулҳусайни Заринӯб. Нақш бар об / Абдулҳусайни Заринӯб. – Теҳрон: Сухан,1381 ҳ.ш.
5. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо. –Теҳрон: Фирдавс. - Чопи нуздаҳум, 1388ҳ.ш. – Ҷ.2.
6. Кокоӣ Қосим. Ҳасти ва ишқ ва нестӣ / Кокоӣ Қосим. – Теҳрон : Ҳармес, 1389ҳ.ш.
7. Луизан Лионард. Имон ва куфри шайх Маҳммуди Шабистарӣ / Лионард Луизан; тарҷумаи Маҷдуддини Кайвонӣ. – Теҳрон: нашри Марказ, 1379 ҳ.ш.
8. Моили Ҳиравӣ Ризо. Шарҳи ҳоли амир Ҳусайнии Ғурии Ҳиравӣ / Моили Ҳиравӣ Ризо. - Ҳирот: Озодӣ,1388 ҳ.ш.
9. Муҳаммадии Боғимуллоӣ Муҳаммадҳозим. Шарҳи «Гулшани Роз» / Муҳаммадии Боғимуллоӣ Муҳаммадҳозим. – Теҳрон: Милод,1389 ҳ. ш.
10. Козим Муҳаммадии Войқонӣ. Гулшани роз / Козим Муҳаммадии Войқонӣ. - Теҳрон: Наҷми Кубро, 1386 ҳ.ш.
11. Муваҳҳид Самад. Шайх Маҳмуди Шабистарӣ / Муваҳҳид Самад. – Теҳрон: Тарҳи нав, 1382 ҳ.ш.

ОСНОВНЫЕ МОТИВЫ СОЧИНЕНИЯ ПОЭМЫ «ЦВЕТНИК ТАЙН» («ГУЛШАНИ РОЗ») МАХМУДА ШАБИСТАРИ

Махмуд Шабистари оставил богатое литературное наследство. Первые свои философские произведения Шабистари писал в прозе, и только к концу жизни начал писать стихами. Первым стихотворным произведением Махмуда Шабистари, получившим всемирное признание, была поэма «Цветник тайн» («*Гулшани раз)* . В данной статье автор рассматривает основные мотивы сочинения данной

поэмы. Это было первое большое стихотворное произведение Шабистари, в котором он жалуется на трудности изложения философских мыслей в стихотворной форме. Сразу после написания данной поэмы Махмуд Шабистари завоевывает на Востоке большую популярность у последователей суфизма.
Ключевые слова: поэма, история создания поэмы, содержание поэмы, стихотворное произведение, изложения философских мыслей в стихотворной форме.

THE MAIN MOTIVES FOR THE COMPOSITION OF THE POEM "THE FLOWER GARDEN OF MYSTERIES" ("GULSHANI ROSES) MAHMOUD SHABISTARI

Mahmud of Shabistari left a rich literary legacy. His first philosophical works of Shabistari wrote in prose, and only toward the end of his life he began to write poems. The first poetic piece Mahmoud Shabistari, received international recognition, was the poem "the Flower garden of mysteries" ("Gulshani times) . In this article the author examines the main motives for the composition of this poem. It was the first large poetic work by Shabistari, in which he complains of the difficulties of presenting philosophical thoughts in poetic form. Immediately after writing this poem Mahmud of Shabistari wins in the East is very popular among the followers of Sufism.
Key words: poem, poems, the content of the poem, the poetic work, the presentation of the philosophical thoughts in poetic form.
Сведения об авторе:*Мухаммади Мухаммадкозим Богимуллои* – аспирант Таджикского национального университета

ТАЪСИРИ АДАБИЁТИ ҒАРБ БА ОСОРИ С. АЙНӢ

Ҳусейн Солиев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1940 ба масъалаи нав, ватандӯстии ҳақиқӣ ва тарбияи башардӯстии наслҳои наврас ва ҷавонон, бо повести навэҷоди худ «Ятим» дар саҳифаи адабиёт қадами худро гузошт. Нависанда саргузашти пурдарду алами Шодӣ Мурод (Ятим) ном писареро тасвир кардааст, ки баъд аз инқилоби Бухоро ӯро хӯҷаинаш Эшонқулбой ҳамроҳи молҳояш зӯран ба Русияи подшоҳӣ бурда буд. Ҳаёти вазнини тоқатфарсо дар хорича, зулму истибдод водор карданд, ки ӯ ба Тоҷикистони тозабунёд баргардад. Адиб ғамхории сарҳадчиён, парастории мураббиёни сағирахона, меҳрубонию шафқати муаллимонро нишон додааст. Ташаккули оилаи гуногунмиллати ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳимми повест мебошад, ки сардори он Юрий Сенчиков гӯё «аз дӯстдории одамҳо сохта шуда буд». Ҳамон лаҳза Шодӣ Мурод, ҳамчун ҷавони ватанхоҳ ва башардӯст тарбия ёфта, тамоми ҳастиашро ба ҳифзи сарҳадҳои муқаддаси кишвар мебахшад. Тасвиру тадқиқи бадеии ҳаёти халқи тоҷик дар гузаштаи таърих ва замони шӯравӣ дар асарҳои устод Айнӣ «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» ва «Ятим» инъикос ёфта, таъсири мафкураи фирқаи коммунистӣ каму беш мушоҳида шудааст. Ин аст, ки худи устод Айнӣ ба таърих асосан аз мавқеи синфӣ не, балки аз мавқеи умумибашарӣ назар афкандааст.

Ғояҳои олии ватанхоҳӣ, пайваста бо даъвати оташини тамоми халқ дар муборизаи бар зидди фашизм дар солҳои ҶБВ (1941-1945) тамоми осори устод Айниро фаро гирифт. Очеркҳои адабии таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (1944) ва «Исёни Муқаннаъ»(1944), як силсила мақолаҳои публитсистӣ ва фелетонҳои нависанда, ки мундаричаи амиқи ватандӯстӣ доштанд, ҳофизаи таърихии халқро дар бораи ватандӯстӣ ва ифтихор бо аҷдодони худ аз нав зинда карда, мардумро ба муборизаи зидди душманон сафарбар карда буданд.

Образҳои шахсиятҳои таърихӣ – Муқаннаъ (пешвои шӯриши халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили хилофати араб дар асри VIII) ва Темурмалик (ҳоким ва сарлашкари Хуҷанд, сарвари муборизаи халқ бар зидди истилогарони муғул дар асри XIII), ҷанговарони шӯравиро дар муборизаи барои озодии Ватан бар зидди фашизм қувваю қудрат ва рӯҳу илҳоми тоза бахшидааст.

Баъди ғалабаи ҶБВ, насри бадеии устод Айнӣ аз «Ёддоштҳо» иборат аст. «Ёддоштҳо» асари ҷамъбастии эҷодиёти устод Айниро дарбар гирифта, яке аз шоҳасарҳои адабӣ ба шумор меравад. Ҳама чор ҷилди «Ёддоштҳо», ки ҳаёти халқи тоҷикро дар солҳои 80 ва 90-уми асри XIX фаро гирифтааст, устод Айнӣ зиндагонии халқро бо фарогирии муҳимтарин масоил ва ҷузъиёт пурра тасвир кардааст. «Ёддоштҳо»-ро қомуси рӯзгори мардуми тоҷик дар чоряки охири асри XIX номидан мумкин аст. Адиб таърихи гузаштаро аз мавқеи замони худ таҳлилу тадқиқ ва ҷамъбаст намуда, ба равандҳои иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ баҳои холисона додааст. Устод Айнӣ бо тасвир ва нигоҳи худ собит мекунад, ки ҷабру зулми феодалӣ дар

шаклҳои ваҳшиёна ва қабеҳтарин то дараҷае инкишоф дошт, ки қисми пешқадами халқ аз он бо эътирози иҷтимоӣ, исён ва ҳаракатҳои озодихоҳона посух мегуфтанд. Асарҳои ӯ ҳаёти феодалиро фош намудан ва ҷустуҷӯ барои дарёфти ҳақиқату озодӣ, доираҳои гуногуни заҳматкашон, соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, мазмуну моҳияти афкори сиёсию иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқи ҷомеаро фаро гирифта буд. Анъанаҳои миллиро дарҳам шикаста, барои ишқу муҳаббат талош кардани Ҳабиба, ба роҳи интиқом аз золимон ва бойҳо даромадани Шукурбеки «дузд», корхонаи рехтагариро оташ задани ҳунармандон ва косибон, роҳҳои озодиро ҷустуҷӯ карда, барои нест кардани золимон мардумро ба муборизе даъват намудани Мулло Амон, аз Аҳмади Дониш сар карда, то худи устод Айнӣ ба танқиди дарбор ва ошкор сохтани нуқсонҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии аркони давлати феодалӣ пардохтани маорифпарварон ва дигар зиёиёни равшанфикр чунинанд, баъзе манзараҳои худогоҳии халқ ва бедории иҷтимоии он, ки дар «Ёддоштҳо» тасвир ёфтааст.

Хусусиятҳои «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ дар он аст, ки решаҳои таърихии пайдоиши дӯстии халқҳоро ба тасвир гирифта, аз ҷумла сиёсати мустамликадории Россияи подшоҳӣ ва зулму ситами мансабдорони онро мазаммат кунад ҳам, инсондӯстии намояндагони одии халқи русро таъкид менамояд. Воқеаҳои асар бо номи Садриддин нақл шавад ҳам, вале қаҳрамони асосии он халқ аст. Халқ дар «Ёддоштҳо» бо тамоми бузургӣ ва азамат, қувваи ҷисмонӣ ва маънавӣ, сифатҳои созандагии ҳамешагиаш тасвир шуда, Садриддин ҷузъи ҳамин гуна халқи тавоност. Дар ҷараёни рушду камоли Садриддин беҳтарин сифати халқ дар симои ӯ таҷассум ёфтааст. Дар шахсияти устод Айнӣ ҳамчун меҳнатқарин, илмдӯст, хушахлоқ, таҳаммулпазир, дар роҳи дӯстию рафоқат содиқ, шахси эҷодкор ва тараққипарварро дидан мумкин аст. Ҳамин аст, ки ӯ дар «Ёддоштҳо» тасвир шуда, аз муҳити оила сар карда то муҳити мадраса, аз деҳот то ба шаҳр сифатҳои беҳтарини халқи худро ба мерос гирифта ва онро инкишоф медиҳад.

Саидмуродхоҷа, Устоамак, Тӯтапошшо, Лутфулло-чӯпон, Шукурбек, Ҳабиба, Маҳмуди Гав ва дигарон образҳои намояндагони халқ буда, дар сабзишу камолоти Садриддин аз ягон ҷиҳат таъсир расондаанд. Устод Айнӣ образи намояндагони зиёиёни пешқадамро дар симои Мулло Туроб, Ҳоҷӣ-махдум, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва дӯстону шогирдони ӯ тасвир кардаст. Тавоноии маънавию ахлоқии халқ дар муқобили беинсофию золимии синфҳои ҳукмрон гузошта шудааст. Аз ин лиҳоз «Ёддоштҳо» дар шакли новеллаю ҳикояҳои ҷудогона таълиф шуда, шаклҳои хеле гуногуни типеозиро низ ба кор бурдааст. Ҳамин аст, ки қаҳрамони асосӣ ва дигар персонажҳо бо номи аслиашон ёд шуда, вале дар тасвирҳо бомаврид аз тахайюли бадеӣ низ баҳра гирифта шудааст.

Асари мазкур аз ҷиҳати жанр ёддошти бадеӣ буда, дар он услубҳои ҳамосӣ (эпикӣ), ғиноӣ (лирикӣ) ва илмии публитсистӣ истифода шудааст. Нависанда дар тасвири образҳои қаҳрамонони мусбат ташбеҳу тасвирҳои рангин ва дигар санъатҳои бадеиро ба кор бурда, дар нигориши чеҳраи персонажҳои манфӣ аз шаклҳои гуногуни тасвирҳои ҳаҷвӣ бештар истифода кардааст. Аз рӯйи анъанаҳои ёддоштнависии миллӣ, дар «Ёддоштҳо» бо муқоиса ва таҷрибаи адабиёти рус, хусусан М. Горкий синтез гардида, боиси ба миён омадани як асари намунавӣ дар адабиёти халқҳои Шарқ, бахусус Осиёи Марказӣ пайравони зиёде пайдо кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Садриддин Айнӣ. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. - Ҷ.6. - С.322.
2. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. 1947 - 48. - Ҷ.1, 2.
3. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. 1950 - 54. - Ҷ.3, 4.
4. ЭМТ. - Ҷ.1-2. – С.225-234.

ВЛИЯНИЕ ЗАПАДНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА ТВОРЧЕСТВО САДРИДДИНА АЙНИ

В данной статье автор рассматривает влияние западной литературы на творчество основоположника советской таджикской литературы Садриддина Айни. Садриддин Айни относится к той плеяде известных писателей, которые достигли творческих вершин и в новых исторических условиях стали предводителями литературных связей таджикского народа. Его знают как одного из выдающихся мастеров персоязычной литературы и как основоположника современной таджикской литературы.

Садриддин Айни своим творчеством внес большую заслугу в налаживание научных и литературных связей Таджикистана со странами цивилизованного мира.

Ключевые слова: Садриддин Айни, западная литература, таджикская и мировая литературы, духовное пробуждение, формирование и эволюция свободолюбивых идей.

THE INFLUENCE OF WESTERN LITERATURE ON THE WORKS OF SADRIDDIN AINI

In this article the author examines the influence of Western literature on the works of the founder of Soviet Tajik literature Sadriddin Avni. Sadriddin Avni refers to the constellation of famous writers who have reached the creative heights and in the new historical conditions become the leaders of the literary relations of the Tajik people. It is known as one of the great masters of Persian literature, and as the founder of modern Tajik literature.

Sadriddin Avni his creativity has made great contribution to the establishment of scientific and literary relations of Tajikistan with the countries of the civilized world.

Key words: Sadriddin Avni, Western literature, Tajik and world literature, spiritual awakening, formation and evolution of freedom-loving ideas.

Сведения об авторе:*Хусейн Солиев* – соискательТаджикского национального университета

ЭЪТИҚОДОТИ КАЛОМИИ ҶОМӢ ДАР МАСНАВИҲОИ “ҲАФТ АВРАНГ”

Муҳриддин Низомов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар миёни ҳамзамонон ва мутааххирон чун шоиру олим ва орифи барҷаста эътироф шудааст ва ин беасос ҳам нест. Бо дониш ва табаҳҳури комил дар анвои улуми шаръию ҳикамӣ Ҷомӣ осори арзишманде барҷой гузоштааст, ки равишҳои фикрии замон дар онҳо таҷассум ёфтааст. Вай аз пайравони фирқаи Ашъария буд ва эътиқодоти каломии ӯ реша бар таълимоти ҳамин фирқа дорад. Бо огоҳии комил аз мабоҳиси каломии пешин ва замони худ Мавлоно Ҷомӣ дар маснавиҳои “Ҳафт авранг” ба шарҳу тавзеҳи масоили муҳимми илми каломи исломӣ, хусусан аҳли суннат ва ҷамоат пардохта, бо овардани ҳикоёту тамсилот андешаҳои худро таҳвият мебахшад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Мавлоно Ҷомӣ, дар баробари баёни ақоиди каломӣ дар хилоли осори бадеӣ, хусусан маснавиҳои “Ҳафт авранг”, рисолаи алоҳидае бо унвони “Дуррат-ул-фохира” навиштааст, ки бахше аз онро мабоҳиси каломӣ ташкил мекунад. Аз муқаддимаи он бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ дар замони худ яке аз марҷаъҳои илми калом ба ҳисоб рафтааст. Рисолаи номбурда бо хоҳиши Султон Муҳаммади дувуми Усмонӣ навишта шудааст. Дар бораи сабаб ва мақсади таълифи рисолаи “Дуррат-ул-фохира” Тош Куброзода менависад: “Муҳйиддин Фанорӣ чунин ривоят карда, ки падараш Алии Фанорӣ, ки дар замони Султон Муҳаммадхон Қозӣ Аскар мезиста, гуфтааст: “Рӯзе Султон ба ман гуфт: - Зарурат дорад, ки миёни онон, ки дар улуми ҳақиқӣ баҳс мекунанд, яъне мутакаллимон, урафо ва фалосифа, доварӣ ба амал ояд. Ман гуфтам- Барои чунин муҳимме ҳеҷ кас шоистатар аз Ҷомӣ нест. Султон Муҳаммад пайке ба ҳамроҳи ҳадоёе чанд назди Ҷомӣ фиристод ва аз ӯ хост, то ин муҳимро бар уҳда бигирад. Ҷомӣ рисолае дар бораи шаш масъалаи мавриди низои гурӯҳҳои ёдшуда ва доварӣ миёни онҳо нигошт ва барои Султон Муҳаммад ирсол кард ва зимни ёддоште тасреҳ намуд, ки агар ин рисола мавриди қабули вай қарор гирад, онро комил хоҳад кард ва агар мавриди пазириш қарор нагирифт, вақти худро сарфи такмили он накунад. Аммо, ин рисола он гоҳ ба Истанбул расид, ки Султон Муҳаммад даргузашта буд” [9, 24-25].

Аз ин навишта маълум мешавад, ки “Дуррат-ул-фохира” дар асл шаш масъала - вуҷудшиносӣ, ваҳдати Борӣ, илми Борӣ, иродаи Борӣ, қудрати Борӣ ва каломи Бориро дар бар мегирифтааст ва баъдтар масъалаҳои шумори сифоти илоҳӣ, қудрати мумкинот ва судури касрат аз ваҳдат илова карда шудааст.

Мавлоно Ҷомӣ доир ба ҳар яке аз масоили нобурда аз нигоҳи мутакаллимон, урафо ва ҳукамо баҳс менамояд ва аз оҳанги баҳси ӯ бармеояд, ки муътақид бар ақидаи ашоира ва урафост. Андеша ва баҳсҳои Ҷомӣ дар ин асар нишон медиҳад, ки вай бар илми калом ва фалсафаи исломӣ, тасаввуф ва ирфон иҳотаи комил дорад ва

асари мазкур дар омӯзиши ақоиди каломӣ-фалсафии вай аҳамияти баланд дорад. Мабоҳиси марбут ба исботи воҷиб-ул-вуҷуд, ваҳдати илоҳӣ, сифоти илоҳӣ, илми илоҳӣ, иродаи илоҳӣ, каломи илоҳӣ, илова бар ин, асар дар дафтари аввали "Силсилат-уз-заҳаб", махсусан дар қисмати охири он, мавсум ба "Эътиқоднома" матраҳ шудаанд. Дар ин манзума масъалаҳои мазкур бар мабнои мазҳаби ҳанафӣ ва машраби каломии ашъарӣ баён шудаанд.

Чунончи, дар масъалаи сифати каломи Худо, яъне Қуръон, миёни ашоира ва муътазила ихтилофи назар аст. Муътазилиён қидами он (Қуръон-М.Н.)-ро инкор мекарданд ва муътақид буданд, ки Қуръон махлуқ аст. Вале Ашъариён бар ин назар буданд, ки Қуръон махлуқ, яъне офаридашуда набуда, балки ҳодис аст [11, 285; 323]. Мавлоно Ҷомӣ, ки худ ашъарист, дар манзумаи "Эътиқоднома" дар мавриди ҳодис будани Қуръони карим мегӯяд:

Чун китоби Худо каломи Худост,
Аз сифоти каломи банда ҷудост.
Макун аз Ҳақ карон чу маътазилӣ,
Лоязолеш дону лам язалӣ.
Ҳарфу савте, ки нав ба нав ҳодис
Мешавад, нест чун ду он лобис.
Бошад он пеши ақли хурдашинос
Мар каломи қадимро чу либос [6, 241].

Абулҳасани Ашъарӣ (р) дар китоби "Ал-Ибона" махлуқ ҳисобидани Қуръонро рад карда, навиштааст: "Мегӯем, ки сухани Худованд махлуқ нест ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло чизеро наофаридааст, магар ки ӯро гуфтааст: "Ҳаст шав"" [12, 136].

Баҳсҳои дигари каломии марбут ба масъалаҳои шаръӣ бар мабнои машраби каломии ашъарӣ дар ин манзума ба вузуҳ баррасӣ шудаанд.

Мувофиқи ахбори баъзе сарчашмаҳои марбут ба маноқиби Ҷомӣ, бахусус таълифоти шогирдони ӯ, Мавлоно Ҷомӣ дар баҳс ва ҳалли мусолиматомези масоили каломӣ низ хомӯш наистода, ҷавобҳои қонеъкунандае бар ин мабоҳис пешниҳод мекардааст. Аз ҷумла, мувофиқи навиштаи Абдул-восеи Низомӣ миёни Мавлоно Фатҳуллоҳи Табрезӣ ва Мавлоно Неъматуллоҳ-қозии Самарқанд дар масъалаи ақидаи муътазила, ки мункири руъяти Худованд буданд, баҳсе дар гирифтааст ва Мавлоно Неъматуллоҳ муътазилиёнро ба сабаби инкори руъяти Худо ба иҷмои уламо кофир эълон кардааст ва Мавлоно Фатҳуллоҳ иҷмои уламоро бар фатвои куфри муътазилиён бар асоси ин ақида рад кардааст. Вале, Мавлоно Ҷомӣ дар ин маврид роҳи миёнае пеш гирифта, гуфтааст: "Гурӯҳи муътазила нафйи мутлақи руъят мекунанд, аммо аҳли суннат, ки дар садади исботанд, агар қоил ба руъят ба эътибори зуҳур дар яке аз мазоҳир гарданд, сурати он суханро ваҷҳе метавон тасаввур намуд... Ва муқорини он ба таҳқиқу тафсили калом илтифот фармуда, нури дебочаи нутқ бар ин ваҷҳ барафрӯхтанд, ки тариқи ҳидоятест ва тариқи залолате. Тариқи залолати адёни мухталифа аст, ки дар баробари дини муҳаммадӣ бисоти зуҳур густурда ва ломаҳола муфзӣ ба шаҳовати сармадӣ мегардад ва тариқи ҳидоят, ки он иборат аз китобу суннат аст, дар он ҳеҷ гуна таъйину ташхис намеравад, ки албатта, дар маълуми касе мунҳасир гардад, балки арсаи он сари кори вусъате тамом дорад. Ҳар кас аз арбоби зеҳну зако ба қадри қудрату истеъдоди худ чизе аз он дарёфта ва дар маълуми ҳаср намуда. Ва метавонад буд, ки баъзе аз он ҷумла низ муфзӣ ба саодат шавад ва баъзе дигар ба шаҳоват сар боз ниҳад. Чунонки дар савонеҳи фариқи муътазила ва муашшари ашоъира. Ва аксар аз ин қабил аст, ки фи-л-ҳақиқа мухолифате нест дар миёни эшон, ҳар кас бар идроки мақсуди дигаре камоянбағӣ фоиз нагашта ва бар вафқи муътақиди худ сухан мегӯяд" [1, 99]. Яъне, ин ҷо

Мавлоно Ҷомӣ куфри муътазилиёнро қабул накарда, фарқи эътиқодоти ашоира ва муътазиларо баён намудааст. Вале, дар охир муътақиди руъяти Худованд будани худро таъкид намуда, дар ин замина ба ҳадиси набавӣ ва қавли Имом Муҳаммади Ғаззолӣ такя мекунад [1, 99].

Дар манзумаи "Эътиқоднома" низ ба руъяти Худо дар биҳишт муътақид аст:

Дараҷоти биҳишт бошад ҳашт,
Ки ба қавли суқот собит гашт...
Неъмати Ӯ бувад ҷудо зи шумор,
Бартар аз ҷумла неъмати дидор.
Ки бубинад Худойро ба басар,
Чун шаби чордаҳ маҳи анвар [6, 246].

Бар асоси Қуръону суннат ва мазҳаби ҳанафию машраби каломии ашъарӣ "муъминон дар ҳоле, ки дар биҳиштанд, Худованди таъоллоро бо чашмони сар бе ташбеҳ ва бе донистани чигунагии он мебинанд, дар ҳоле ки миёни Худо ва халқаш масофае намебошад... Аммо, ҷуҳамия муътазида ва хаворич дидани Худованди таъоллоро дар рӯзи қиёмат инкор мекунанд. Онҳо оёт ва аҳодисеро, ки дар бораи дидани Худованди таъоло ворид шудаанд, аз маънои ҳақиқиашон бо роҳи таъвили ғалат бармегардонанд [12, 191-193].

Яке аз масъалаҳои бунёдии илми каломи исломӣ ҷабру ихтиёр мебошад, ки дар миёни мактабҳои фикрӣ ва мазоҳибу фирқа ва ҷараёнҳои гуногуни мусулмонӣ баҳсҳои зиёдеро ба бор овардааст. Ин масъала аз оғози пайдоиши ислом ҳамвора мавриди тааммул ва баррасии бузургони дин ва донишмандони давраҳои аввал ва баъдии аҳди исломӣ қарор гирифта, дар ин замина ҷараёнҳои мухталифе падид омадаанд, ки ҷонибдорон ва мухолифони онҳо то имрӯз баҳсу ҷидоли хешро идома медиҳанд. "Баҳсҳои каломӣ, чунонки аз таворих истифода мешавад, аз нимаи қарни аввали ҳиҷрӣ оғоз шуд. Дар миёни баҳсҳои калом зоҳиран аз ҳама қадимтар баҳси ҷабру ихтиёр аст. Масъалаи ҷабру ихтиёр дар дараҷаи аввал як масъалаи инсонист ва дар дараҷаи дувум як масъалаи илоҳӣ ё табиӣ" [10, 11]. То имрӯз ин ихтилофи назарҳо рафъ нашудаанд ва гумон аст, ки битавон мардумро дар ин замина бар сари як андеша ва ақидаи воҳид ҷамъ овард. Ин масъала беш аз ҳама барои шинохти сирри нисбати афъолу кирдори инсон бо Офаридгор миёни донишмандони сатҳҳои гуногун ба вуҷуд омадааст.

Аз таърихи пайдоиши мазоҳиб ва фирқаву ҷараёнҳои дини мубини ислом маълум аст, ки бо тунд шудани баҳси ҷабру ихтиёр дар миёни пайравони мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат ду фирқаи маъруфе падид омад, ки минбаъд андешамандон бар пояи таълимоти эшон домони баҳсро вусъат доданд. Ин ду фирқа ё ҷараён муътазилия ва ашъария мебошанд, ки иддаи касири донишмандону орифон ва адибонро ба дунболи худ бурданд, то ин ки андешамандон ба ду гурӯҳи калон-ҷабариён ва қадариён ҷудо шуданд.

Пешвоён (Восил ибни Ато - ваф. 131ҳ.қ. ва Амру ибни Убайд – 144 ҳ.қ.) ва пайравони ҷараёни муътазилия бештар ба ақл такя карда, дар масъалаи ҷабру ихтиёр инсонро холиқи афъоли худ (чӣ бад ва чӣ хуб) ва дар зиндагии дунявӣ мухтору озод ва дар охират муставҷиби подошу уқубат медонанд.

Ашъариён (муассис Абулҳасани Ашъарӣ- 260-324ҳ.қ.) бар хилофи муътазилиён инсонро фоқиди ихтиёр дониста, бар ин назаранд, ки Худо холиқи кирдорҳои иродии инсон аст ва инсон косиби ин кирдорҳост. Агар инсон метавонист кирдорҳои худро халқ кунад, бар халқи падидаҳои дигар низ тавоно буд. Абулҳасани Ашъарӣ, ки назарияи касбро бунёд гузошта, касбро иқтирони қудрати худо ва инсон донист ва чунин ақида дошт, ки феъли иродӣ дар пайи ин иқтирон сурат мегирад."Шайх Абулҳасани Ашъарӣ (раҳмати Худо бар ӯ бод) бар ин бовар аст, ки афъоли ихтиёрии

бандагон танҳо бо қудрати илоҳӣ воқеъ мешавад ва қудрати онҳо ҳеҷ таъсире дар аъмолашон надорад, балки одати Худо ба ин тааллуқ гирифтааст, ки дар банда қудрату ихтиёре эҷод кунад ва вақте монее дар кор набошад, феъли мақдури бандаро муқорин бо он қудрат ва ихтиёр эҷод намояд. Пас, дарвоқеъ феъли банда махлуқи Худост, ибдоан ва эҳдосан ва максуби Худо. Ва манзур аз ин ки банда феъли хешро касб мекунад, ин аст, ки феъли ӯ муқорин бо қудрату иродаи вай мебошад, бидуни ин ки ҳеҷ гуна таъсир ё мадхалияте дар эҷоди феъл дошта бошад. Танҳо нақше, ки банда дорад, ин аст, ки маҳалли вуқӯи феъл аст" [9, 88].

Шайх Муҳйиддин ибни Арабӣ дар муҷаллади нахусти "Ал-футуҳоти Маккия" мегӯяд: "Маънои касб он аст, ки иродаи мумкин ба феъле хос тааллуқ гирад ва дар ҳамон ҳангом ба воситаи иқтидори илоҳӣ он феъл мавҷуд шавад. Дар ин сурат тааллуқро касб меноманд" [9, 88].

Мавлоно Ҷомӣ бар вафқи ақоиди ашоира инсонро фоқиди ихтиёр медонад ва он афъоли иродие, ки аз ӯ сар мезанад, дар назараш ихтиёрӣ менамояд, вале дар ҳамон ихтиёри худаш низ маҷбур аст. Яъне, ҳар он амале, ки аз инсон сар мезанад, бо ирода ва хости Худованд дар дили инсон дарки хайру эҳсони он амалро ворид менамояд ва сабабе барои иҷрои амал падид меоварад. Бинобар ин, ҳар коре, ки бидуни хости Худованд ва авомили қадарӣ сар мезанад, зарару нуқсоне беш нест. Ҳарчанд инро Ҷомӣ иҷбор намеҳисобад, вале таъкид менамояд, ки ихтиёри инсон дар дасти ӯ нест ва дар ҳамаи корҳои иродӣ ва ғайриироди тобеи қазои илоҳист:

Набарад феълро чӣ хайру чӣ шар,
Он чӣ гуфтам зи ихтиёр бадар.
Он бувад ихтиёр дар ҳар кор,
Ки бувад фоъил андар он мухтор.
Маънии ихтиёри фоъил чист?
Он ки фоъил чу феълро нигарист.
Эзад андар дилаш ба фазлу рашод
Дарки хайрияти вуҷуд ниҳод.
Яъне, онаш ба дида хайр намуд,
К-ояд он феъл аз адам ба вуҷуд.
Мунбаъис шуд аз он иродату хост,
Кард эҷоди феъл бе каму кост.
Дарки хайрият ихтиёр бувад,
В-он ба таълими Кирдгор бувад.
Ҳар чӣ ин илму хост шуд сабабаш,
Ихтиёре ниҳад хирад лақабаш.
В-он чӣ бошад бидуни ин асбоб,
Изтирорест номи ӯ дарёб.
Бошад аз ихтиёру қудрат дур,
Фоили он бувад бар он маҷбур.
Ҳамчу барги дарахту шохи шаҷар,
Ки биҷунбад зи боди шому саҳар.
Ҳар кӣ дар феъли худ бувад мухтор,
Феъли ӯ дур бошад аз иҷбор.
Гарчи аз ҷабр феъли ӯ дур аст,
Андар он ихтиёр маҷбур аст.
В-арчи беихтиёр кораш нест,
Ихтиёр андар ихтиёраш нест [6, 98].

Имом Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, ки яке аз мутааллимони машҳур ва пайрави ашоира буд, дар шарҳи ҷабру ихтиёр ба ҳамин мазмун навиштааст: "Пиндорӣ, ки ба дасти одамӣ чизест ва ин хатост, ки одамӣ дар нақши ихтиёри хеш маҷбур ва музтар аст. Ки кори вай дар банди қудрат аст ва қудрат мусаххари иродат аст, то он кунад, ки хоҳад... Пас чун қудрат мусаххари иродат аст ва иродат ба дасти вай нест, пас ҳеҷ чиз ба дасти вай набувад" [2, 23]. Мавлоно Ҷомӣ дар фасли "Дар баёни ҷавобу суоле, ки чун бандаи мухтор дар ихтиёри худ маҷбур бошад, ихтиёри вай ба ҷабр роҷеъ шавад, пас ҳикмати таклифи вай ба авомиру навоҳӣ чӣ бошад", бо

мисолҳои айнӣ роҷеъ ба ҷабру ихтиёр дар аъмоли инсон муҳокима ронда, қайд мекунад, ки Худованд барои ҳар шайъе ва афъоле сабабу мусаббаб ва шарту машрут эҷод кардааст. Яъне, чун аъёнро офарид, сифати ҳар яке аз дигаре фарқ мекунад ва ин шарти дигаре ва он машрути ин аст:

Гар ту гӯйӣ чу бандаи маъмур
Ҳаст дар ихтиёри худ маҷбур.
Ихтиёраш ба ҷабр шуд роҷеъ
В-он бувад амру наҳйро монеъ.
Кас нагӯяд ба санг, к-аз лаби бом
Чун бияфтӣ, макун ба хок мақом.
Ё зи пастӣ ҳавойи боло кун,
Аз буни кӯҳ бар сараш ҷо кун.
Кас нагӯяд ба об, к-аз таги чоҳ
Маталаб бе расан ба боло роҳ.
Ё чу далв аз расан шавад пора,
Ба таги чаҳ равад дигарбора.
Гӯямат нуктае ба вачҳи савоб,
Ки шавад з-ин суоли саъб ҷавоб.
Ҳақ чу таъйини ҷумла аъён кард,
Сифати ҳар яке дигарсон кард.
Сохт аҳволашон ба ҳам марбут,
Шуд яке шарту дигаре машрут [6, 100].

Баъдан Ҷомӣ шарту машрутҳоро як-як бармешуморад, ки шарти серӣ нон хӯрдан асту шарти зуҳду вараъ хавфу уммед, амру наҳй шарти зуҳури итоату саркашии бандагон, итоат аз Худо боиси муҳаббат ва ризои Ӯ мегардад ва саркашию хилофкорӣ сабаби қазои бад мегардад. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар муҷиб шудааст, ки зуҳду парҳезгорӣ ва тоату ибодати Зайд ошкор шавад ва миёни мардум шуҳра шавад. Ҳатто расидан ба маротиби боло ва чашидан аз наими ҷаннат ё кашидани азоби ҷаҳаннам марбут ба амру наҳй ва қазои Худост. Зеро, Зайд дар иҷрои ин аҳком ва умур ва тарки онҳо соҳибихтиёр нест:

Хӯрдани нон ниҳод шарти шабаъ,
Хавфу уммед шарти зуҳду вараъ.
Баҳри он кард амру наҳйи убод,
То шавад зоҳир инқиёду инод.
Зояд аз инқиёд ҳуббу ризо,
В-аз хилофу инод сӯйи қазо.
Зайдро гар на наҳй будиву амр,
Дар адои закоту хӯрдани хамр.
Кай шудӣ пеши ғойибу ҳозир,
Инқиёду иноди ӯ зоҳир.
З-он чашидӣ ъавоиди дараҷот,
З-ин кашидӣ шадоиди даракот.
З-он падид омадӣ сифоти ҷамол,
З-ин ҳувайдо шудӣ нуъути ҷалол.
Варна дар дасти Зайд набвад кор,
Нест дар феъли тарки он мухтор [6, 100].

Мавлоно Ҷомӣ барои исботи андешаи худ ривояти ронда шудани шайтонро ба сабаби сарпечӣ аз амри Худо мисол меорад. Шайтон, ки аз зоти ҷин буд, бадсиришти ва лаънатӣ шудани ӯ дар сиришташ ниҳон буд. Чун амри Худо (усҷуду, яъне ба Одам саҷда кун) ба саҷдаи ҳазрати Одам шуд, ӯ худро аз Одам боло гирифт ва саҷда карданро раво надонист ва оқибат ронда шуд. Бояд қайд кард, ки ҳамин рондашавӣ ва саркашӣ аз амри Худо низ ба ихтиёри Шайтон набуд, зеро бар Лавҳи маҳфуз, ки бар мабнои китобҳои исломӣ тақдири оламиён бар он сабт шудааст, ин ҳодиса сабт шудааст. Тафсилоти саргузашти иблис дар китобҳои динию ирфонӣ бисёр омадааст. Ва ҳама далолат бар он доранд, ки ронда шудани Азозил (Шайтон) низ бар ихтиёри ӯ сурат нагирифта, балки Худованд бо илми азалии худ аз он огоҳ буд. Тибқи ривоёти исломӣ Азозил аз малоики муқарраби Худо буда, бо дониш ва тақвои худ миёни малоик эътибори хос дошт.

Ҷомӣ низ бо зикри ин нукта, ки сирри лаъни иблис то амри саҷдаи Одам пинҳон буд ва ин ҳукм пеш аз офариниши инсон содир шуда буд, ишора ба ин қисса менамояд:

Ихтиёре чунон-к ҳар чӣ Худо
Хост, к-орад зи феъли тарк ба ҷо.
Ӯ тавонад хилофи он кардан,
Ғайри онро ба зоҳир овардан.
Буд пеш аз вуҷуди мо шайтон
Дар миёни фариштагон пинҳон.
Буд аз ҷинси ҷину лаънати ӯ
Мустаҷин буд дар ҷибиллати ӯ.
То нашуд амри усҷуду содир,
Нашуд он сирри мустаҷин зоҳир.
Пас бувад амру наҳӣ шарти зуҳур,
Феъли ҳоро зи бандаи маъмур(мутеъ).
Не пайи он ки бандаро дар даст
Ихтиёри тамому комил ҳаст [6, 99-100].

Қайд бояд кард, ки дар масъалаи гуноҳ ва подоши он миёни ашоира ва муътазила ихтилофи назар аст. Абулҳасани Ашъарӣ ва пайравони ӯ шахси гунаҳгорро муъмин меҳисобанд, вале муътазила ва пайравони онҳо, баръакс онҳоро аз имон хориҷ медонанд.

Яке аз масъалаҳои ҷолиби каломӣ ин адли илоҳист, ки ба масъалаи сарнавишт ва қазову қадар иртиботи зич дорад. Ба назари шоир гоҳо мешавад, ки аъмоле аз мардум, хоҳ шоҳ ва хоҳ ғайри он сар мезанад, ки ба назари мо зулм менамояд, вале шояд он пеши Худованд адл бошад. Ин андешаи Ҷомӣ сарчашмаи амиқи динию каломӣ дорад. Шоир дар хитоб ба мардум мегӯяд, ки талоши шоҳу кори муздуру дигар аркони давлату аҳли пешаву меҳнат аз барои ту мебошад:

Ин ҳама коргару коргарӣ
Нест ҷуз баҳри ту, чун дарнигарӣ.
Қадри ҳар як, ки шумурдам, бишнос,
Пеша кун қоидаи шукру сипос.
Аз барои ту яке коргузор,
К-аз пайи музд кунад ин ҳама кор.
Гар дусад ганҷи гуҳар афшонӣ,
Музди якрӯза адо натвонӣ.
Нест як нақд, ки гирад зи ту шоҳ,
Музди як корбари корогоҳ.
Ин ҳама нолаву фарёд, ки чӣ,
Ин ҳама таънаи бедод, ки чӣ,
Гарчи пеши ту бувад зулмнамой,
Шояд он адл бувад пеши Худой.
Эй басо адл, ки дорои ҷаҳон
Карда дар сурати зулм аст ниҳон [6, 686].

Барои тасдиқи андешаҳои худ Мавлоно Ҷомӣ дар маснавии “Субҳат-ул-аброр” “Ҳикояти муноҷоти Мӯсо (а), ки дидаи яқинии вай бигушоянд ва адл дар сурати зулмро ба вай намоянд”-ро меоварад, ки бисёр ҷолиб аст:

Гуфт рӯзе ба муноҷот Калим,
К-эй ҷаҳондор, Худованди ҳаким,
Бар дилам равзани ҳикмат бигушой,
Адл дар сурати зулмам бинамой.
Гуфт: -То нури яқинат набувад,
Тоқати дидани инат набувад.
Гуфт: - Ё Раб, бидеҳ он нур маро,
В-афкан аз заъфи яқин дур маро.
Гуфт: -Наздики фалон чашма нишин,
Менигар қудрати Моро зи камин [6, 686].

Тибқи ҳикояи мазкур Ҳазрати Мӯсо ба наздики чашма мерасад ва дар гӯшае нишаста, мунтазири вуқӯи ҳаводиси маъҳуд шуд. Дид, ки аз роҳ саворие расиду ба сари чашма омада, либос бадар намуд ва дар оби чашма тани худро шуста, бо шитоб аз об баромада, зуд либос пӯшиду ба хонаи худ баргашт. Аммо, аз миёни либосҳояш кисаи заре, ки дошт, бар замин афтода дар ҳамон сарчашма монд. Пас аз ӯ кӯдаке ба сари чашма расиду чашмаш ба кисаи зар афтода, ба чапу рост нигоҳ карда, касеро надид ва он кисаро бардошта, ба сӯйи хонаашон давид. Баъди он ҳазрати Мӯсо дид, ки нобиное ба сари чашма расида, дар оби он вузӯ сохта, ба намозхонӣ омода шуд. Ногоҳ марди кисаи зарро фаромӯшкарда ба ҷойи кисаи гумшуда омада, онро наёфт ва баҳри тафаҳҳус ба сӯйи марди нобино рафт, лекин аз марди нобино сухани дурушт шунида, бо корд вайро кушт:

Дид, к-аз роҳ саворе бирасид,
Чун Хизр рахт ба сарчашма кашид.
Ҷома канд аз тану зад ғӯта дар об,
Тан фурӯ шусту баромад башитоб.
Ҷома пӯшиду зи ин хона гирифт,
Раҳ сӯйи манзару кошона гирифт.
Бар замин монд аз ӯ кисаи зар,
Аз дили сифла зи дунё пуртар.
Пас аз ӯ кӯдаке омад аз роҳ,
Ҷониби кисааш афтод нигоҳ,
Аз чапу рост касеро чу надид,
Киса бирбуду сӯйи хона давид.
Баъд аз он дид, ки нобиное
Роҳи чашма ба асо паймое.
Омаду сохт вузӯе ба ниёз,
Баст бар як тараф эҳроми намоз.
Ногаҳ он кисафаромӯшкарда
Хайрбоди хираду хуш карда...
Кӯр бо вай сухане гуфт дурушт,
Зад бар ӯ қаҳркунон теғеву кушт [6, 687].

Ҳазрати Мӯсо ин ҳаводисро мушоҳида карда, ҳайрон шуд ва ба Худованд хитоб мекунад, ки он кисаи зарро дигар кас бурд, вале зарби кордро дигар кас хӯрд. Охир, дузд дигар касу захми корд насиби пирамард шуд, ки пеши ақлу шариат ин ҳукм хатост:

Мӯсо он сурати ҳоил чу бидид,
Гуфт, к-эй тахтгаҳат арши маҷид.
Он яке кисаи пурзар бурда,
В –ин дигар зарбати ханҷар хӯрда.
Киса он бурда, бар ин захм чарост,
Пеши шаръу хирад ин ҳукм хатост [6, 687].

Дар ҷавоби Ҳазрати Мӯсо аз Худованд ваҳй меояд, ки кори мо ба қиёс рост намеояд. Падари он кӯдак дар иморатгарии марди савор муздурӣ карда, музд ногирифта, афтода мурд ва музди ӯ ҳамон кисаи зар буд, ки насиби писараш шуд. Шахси нобинои кушташуда чанд вақт пеш падари қотил (савор)-и худро кушта буд, ки саранҷом ба дасти писараш кушта шуд.

Дошт он кӯдаки наврас падаре,
Муздро баҳри касон коргаре...
Музд нагрифта бияфтоду бимурд,
Музди вай буд дар он киса, ки бурд.
Кӯри мақтул аз ин кӯрӣ пеш,
Рехт хуни падари қотили хеш.
Кушташ имрӯз писар баҳри қасос,
В-аз падар рӯзи ҷазо дод халос [6, 687].

Шарҳи масъалаҳо ва андешаҳои каломии Мавлоно Ҷомӣ таҳқиқу омӯзиши ҷиддиро тақозо дорад ва дар ин мухтасар маҷоли тафсили бештар дар мабоҳиси каломии Ҷомӣ нест. Бо ин ҳама, андешаҳои каломии Ҷомӣ нишон медиҳад, ки ӯ тариқати Ашъарияро дунболагирӣ намуда, дар баёни ақидаи худ равиши

муътадилеро интихоб намудааст. Аз матолиби баррасишуда ба натиҷае расидем, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мусулмони комилэътиқоди ҳанафимазҳаб ва ашъаримашраб буда, бар мазҳаб ва машраби каломии худ содиқ ва устувор аст. Бо вуҷуди ихтилофи назар бо аҳли мазоҳиб ва фирқаҳои каломӣ, Мавлоно Ҷомӣ аз таассуб ва бадгӯйӣ парҳез намудааст. Андешаҳои ӯ дар масоили эътиқодии мазҳабӣ ва каломӣ имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулвосеи Низомии Бохарзӣ. Мақомоти Ҷомӣ / Абдулвосеи Низомии Бохарзӣ // Гӯшаҳое аз таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии Хуросон дар асри Темуриён. (Муқаддима ва тасҳеҳу таълиқоти Наҷиб Моили Ҳиравҷ). - Теҳрон: Нашри Най, 1383. – 400 с.
2. Абӯҳомид Имом Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ. Кимиёи саодат / Абӯҳомид Имом Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ; ба кӯшиши Ҳусайни Хидевҷам. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1383. - Ҷ.2. 556+738с.
3. Алиасғари Ҳикмат. Ҷомӣ: мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори манзуму мансури хотам-уш-шуаро Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ / Алиасғари Ҳикмат. - Теҳрон: Интишороти Тус, 1379. – 407 с.
4. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ- адиб ва мутафаккир / Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
5. Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Шайх Абдурраҳмони Ҷомӣ / Наҷиб Моили Ҳиравӣ. - Теҳрон: Тарҳи нав, 1377. – 341 с.
6. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг» / Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳқиқ ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият. Зери назари «Дафтари нашри «Мероси мактуб»». - Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378. - Ҷ.1. – 912 с.
7. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маснавии «Ҳафт авранг» / Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳқиқ ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият «Дафтари нашри «Мероси мактуб»». - Теҳрон: Маркази мутолеоти эронӣ, 1378. - Ҷ.2. – 710 с.
8. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс / Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳмуди Обидӣ. – Теҳрон: Сухан, 1386. – 1216 с.
9. Овардгоҳи мутакаллимон, ҳукамо ва урафо. Матн, тарҷума ва шарҳи рисолаи “Ад-дуррат-ул-фохирата фӣ таҳқиқи мазҳаб – ус-сӯфия вал - мутакаллимин вал-ҳукамо-ил-мутақаддимин”-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ / Тарҷума ва шарҳ аз Алии Уҷбӣ. - Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1386. -480 с.
10. Сафоӣ Сайид Аҳмад. Илми калом / Сафоӣ Сайид Аҳмад. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1384. - Ҷ.1.2. - 341+147с.
11. Ҳарри Ауструн Волфсон. Фалсафаи илми калом / Ҳарри Ауструн Волфсон; тарҷ. Аҳмад Ором. – Теҳрон: Алҳудо, 1368. – 871 с.
12. Ҳимматзода Муҳаммадшариф. Ақидаи Имом Абӯҳанифа / Муҳаммадшариф Ҳимматзода. - Душанбе: Мотуридиён, 2008. – 236 с.

КАЛАМСКИЕ УБЕЖДЕНИЯ ДЖАМИ В ПОЭМАХ “ХАФТ АВРАНГ” (СЕМЬ СКИТАЛЬЦЕВ)

В данной статье рассматриваются проблемы каламских убеждений Джами на основе поэм “Хафт авранг” (Семь скитальцев). Мавлоно Джами, как и другие персидские поэты-мыслители в своих произведениях, в том числе в поэме “Хафт авранг” (Семь скитальцев) рассуждал о каламских убеждениях муътазилитов и ашаритов. Кроме того, он написал отдельную книгу под названием “Тахкик ал-мазахиб” (“Уточнение философских систем”, 1481 г.), в которой комментирует божественную субстанцию на сущность ее атрибутов с точки зрения суфиев, мутакаллимов и философов. Сам Джами был сторонником ашаритов и был убеждён, что человек лишен свободы выбора и его деяния предопределены Богом. Джами комментирует важные проблемы калама, как свобода выбора и небходимость справедливости Бога, лицезрение Бога в раю, сотворенность Корана с точки зрения ашаритов и в некоторых моментах критикует муътазилитов.

Ключевые слова: калам, аш`ария, му`тазилия, свобода выбора, необходимость, предопределенность, деяния, справедливость.

KALAMSKIE BELIEFS JAMI IN THE POEMS "HAFT AVRANG" (“SEVEN WANDERERS”)

This article discusses the problems kalamskie Jami beliefs based on the poem "Haft avrang" (seven wanderers). Mavlono Jami, as well as other Persian poets, thinkers in his works, including the poem "Haft avrang" (seven wanderers) talked about kalamskih beliefs mutazilitov and Asharites. In addition, he wrote a separate book called "al-Tahqeeq mazahib" ("Clarification of philosophical systems", 1481), which commented on the essence of the divine substance of its attributes in terms of the Sufis, mutakallims and philosophers. Jami himself was a supporter Asharites and was convinced that a person deprived of freedom of choice and it acts ordained by God. Jami commented Kalam important issues such as freedom of choice and for it is required, the justice of God, beholding God in heaven, the creation of the Quran from the perspective of Asharites and in some moments criticizes mutazilitov.

Key words: Kalam, ash`ariya, mu`taziliya, freedom of choice, necessity, predestination, act and justice.

Сведения об авторе: ***Мухриддин Низомов*** - кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры истории таджикской литературы ТНУ. Телефон: **(+992) 918-71-43-50**

ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ДАР ТАЗКИРАИ «ШОМИ ҒАРИБОН»-И ЛАЧҲМӢ НАРОЙИН ШАФИҚ

Н. Шамсиддинова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Лачҳмӣ Наройин Шафиқ шоир, нависанда, тазкиранигор ва муаррихи забардасти асри ҶVIII мебошад. Ӯ соли 1158/1745 дар шаҳри Аврангобод таваллуд шуда, аз худ мероси адабии гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Лачҳмӣ Наройин Шафиқ забони форсиро аз шайх Абдулқодири Меҳрубон ном орифу олими замони хеш дар зодгоҳаш фаро гирифта, аз синни хурдсолӣ ба сурудани ашъори форсиву урду пардохт. Тахаллуси Собитро ӯ бо тавсияи ҳамин устодаш гирифт. Баъди он ки бо Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ ҳамсуҳбат шуду ӯро пиру муршиди хеш хонд, тахаллуси Шафиқро барои ашъори форсӣ ихтисос дод (3,1518). Шафиқ тақрибан соли 1223/1808 дар шаҳри Ҳайдарободи Ҳиндустон аз олам даргузашт. Осори ӯ ниҳоят серпаҳлӯ ва гуногунҷабҳа буда, қисмате аз онро тазкиранигорӣ ташкил медиҳад. Дар қатори маъруфтарин тазкираҳои Шафиқ метавон «Чаманистони шуаро», «Гули раъно» ва «Шоми ғарибон»-ро ном бурд. Ба ғайр аз тазкираҳои мазкур метавон чандин асарҳои таърихии ӯ, ба монанди-«Танмиқи шигарф», «Муосири Осафӣ», «Ҳақиқатҳои Ҳиндустон», «Бисот-ул-ғаноим», «Ҳолоти Ҳайдаробод», «Хулосат-ул-Ҳинд», «Миръот-ул-Ҳинд» ва дигаронро зикр намуд, ки дар шинохту таҳқиқи Ҳиндустон арзиши баландеро соҳибанд. Аз байни осори Шафиқ «Нахлистон», ки дар пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст ва «Хирқаи садпора» (асари таълимӣ) ӯро ҳамчун нависанда ва муаллими ахлоқ муаррифӣ мекунанд. Баробари девони ашъори форсӣ ва урду доштан, шоир боз чанд маснавиро низ ба ин ду забон ба қалам оврдааст, ки дар шакли кутуби алоҳида ба нашр расидаанд. Маснавии «Ҷавоҳири завоҳир» (дар ҷонибдории Озоди Балгиромӣ) ва «Ақсом-ун-нисо» (ба урду)-ро ба ин шумор ворид карда метавонем. Аз байни анвои мухталифи осори Шафиқ, ки ҳама дар зоти худ мумтозанд, тазкиранависӣ аз муҳимтарин ва пурбортарин ҷиҳати он маҳсуб мешавад. Барои он ки зимни тазкиранигорӣ дониши амиқ, диди фарох, дар интихоби абёту пораҳои шеърӣ сарроф будан барин хислатҳои шоир ба назар мерасанд. Дар мақолаи мазкур, ки ба тазкираи «Шоми ғарибон» ихтисос дорад, чанд нуктаеро доир ба ин тазкира матраҳ хоҳем намуд. Аввал ин ки дар тазкираи мавриди назари мо махсус шоироне зикр шудаанд, ки аз минтақаҳои дигар ба Ҳиндустон муҳоҷират намудаанд. Дар тазкираи «Гули раъно» аҳволу осори шоироне зикр шудааст, ки дар Ҳиндустон таваллуд шудаву нашъунамо ёфтаанд. Тазкираи «Чаманистони шуаро» бошад, дар зикри шуарои урду мебошад.

Дар тазкираи «Шоми ғарибон» шарҳи аҳвол ва намунаҳои осори 486 шоир аз Одам (а) то Шоҳяқини Балхӣ омадааст. Азбаски Лачҳамии Шафиқ нисбат ба Мирғуломалӣ Озоди Балгиромӣ эҳтироми баландро қоил буд, шарҳи аҳвол ва намунаи осори ӯро дар охири китоб алоҳида ва муфассал зикр мекунад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф шарҳи ҳоли худро ҳам баъди он зам карда, аз ашъори форсии хеш чанд байте пароканда ва қитъаҳои нокомил меорад. Бо вуҷуди ин маълумоти шоир ва зикри ашъори хеш қобили таҳсин аст, ки алоқамандонро бо каломи сеҳрофари муаллиф ошно месозад. Нуктаи мароқангези ин тазкира дар он аст, ки муаллиф аввалин шоири минтақаи Ҳиндро бар хилофи ҳама Одам (а) медонад. Чунончи, мефармояд: «…Чун аз воридони Ҳиндустони ҷаннатнишон аввал ҷаноби олӣ (Одам-Ш.Н.) аст ва забони муборакро ба гуфтани шеър ошно сохта, номи воло, тоҷи сари китоб ва мифтоҳи қуфли хитоб намуда шуд» (7,16). Сипас Шафиқ қиссаи офариниши Одам (а), ронда шудани ӯ аз ҷаннат ва Қобилу Ҳобилро бо тафсил нақл намуда ва ба ин восита иддаои худро далелнок мекунад. Аз байни 486 шоири муҳоҷири Шибҳи Қора 42-тояшон аз Мовароуннаҳранд. Инҳо: Озарии Исфароинӣ, Абтарии Бадахшӣ, Иброҳимбеки Бадахшӣ, Мулло Осори Бухорӣ, Бадеи Самарқандӣ, Бонии Кӯлобӣ, Хоҷа Обиди Самарқандӣ, Ҷонии Бухорӣ, Сипоҳии Андиҷонӣ, Айшии Ҳисорӣ, Ғурбатии Ҳисорӣ, Собирхоҷа Шоҳ Тирмизӣ ва чанд нафари дигар мебошанд. Шафиқ аз байни шоирони дар тазкирааш оварда, тақрибан 35 нафарро бидуни зикри мавзеи таваллуд ва баромадашон сабт намуда, ки барои аниқтару дақиқтар омӯхтани аҳволи онон мушкилие пешорӯй меорад. Чунончи, дар

шарҳи ҳоли Дастур Миррафеъ гӯяд: «Дастур Миррафеъ ном дошт. Насрободӣ гӯяд: - Дар таҳсили илми ҳикмат авқот сарф намуд…» (7,103). Аз байни 42 шоири ҳавзаи Мовароуннаҳр 14 нафарашонро зимни шарҳи ҳол ва боқимонда суханваронро ҳамроҳи номашон аз кадом мавзеъ буданашон сабт гардидааст (7,24; 45; 57; 66…). Ба ғайр аз ин, зимни шарҳи ҳоли якчанд адибон муаллиф онҳоро ба Мовароуннаҳр итлоқ менамояд. Аз ҷумла, роҷеъ ба Қайдӣ чунин навиштааст: «Қайдии Мовароуннаҳрӣ дар аҳди Байрамхон-вакили мутлақи Акбарподшоҳ ба Ҳинд омад ва дар Агра ба таҳсили илм иштиғол дошт» (7, 213). Зимни шарҳи ҳоли Баҳром ном шоир, ки Сақо тахаллус дошт, ҳамин гуна маълумот зикр шудааст (7,124). Муаллиф мекӯшад мухтасар, вале муҳимтарин нукоти ҳаёти шоирро баён намояд, ки ин падидаро метавон аз муҳимтарин вижагиҳои тазкираи мавриди таҳқиқ ҳисобид. Масалан, дар шарҳи аҳволи Роқим ном шоире аз Бухоро чунин навиштааст: «Роқим, Хоҷа Обиди Бухорӣ дар либоси фақр ба Исфаҳон рафт ва аз он ҷо ба Ҳинд омад» (7,115). Аз ин маълумоти муаллифи тазкира метавон ба осонӣ чанд нуктаи муҳими ҳаёти шоирро пай бурд. Масалан, шоир аз сабаби ривоҷ надоштани шеъру шоирӣ ба Исфаҳон омадааст ва дар онҷо ҳам бозори шеър касоду буду ба он аз дидгоҳи мазҳабӣ баҳо дода мешуд, ба Ҳиндустон, ки аз марокизи адабпарвари он замон маҳсуб мегардид, сафар намудааст. Агар суоле ба миён ояд, ки «либоси фақр» пӯшидани шоир шояд аз сабаби фақр буд? Ҷавоб чунин аст, ки агар ҳамин гуна мебуд, тазкиранигор сафари дубораи шоирро махсус зикр наменамуд.

Дар баробари мухтасарбаёнӣ, тазкиранигор аксар мавқеъ мекӯшад, ки ягон ҷиҳати мумтози ҳаёт, эҷодиёт, тахаллус, оила ва ғайраро бо ишороти кӯтоҳу мӯъҷаз баён намояд. Мисол, дар шаъни Сипоҳии Андиҷонӣ нигошта: «Сипоҳӣ набераи Хоҷа Калонбеки Андиҷонӣ аст, ки мазкур хоҳад шуд. Ба иқтизои тахаллуси худ Сипоҳӣ беназир буд ва дар айни ҷавонӣ дар шаҳри Агра соли нуҳсаду ҳафтоду ҳашт гирифтори аҷал гашт» (7,123). Ё ин ки дар шаъни Сақо гӯяд: «…аз муридони силсилаи Шайх Ҳоҷӣ Муҳаммади Хабӯшонӣ, марди фонӣ, дарвешмашраби холӣ аз ҷазба набуд. Пайваста дар кӯчаҳои Агра бо шогирде чанд об фи сабилиллоҳ ба халқ мерасонд ва дар он ҳолат забони ӯ аз ашъор обёртар будӣ» (7, 124). Агар дар пораи иқтиибоси боло муаллиф фақат доир ба ҳаёт ва ҷаҳонбинии шоир ва тариқати ӯ ҳадс зада бошад, дар бораи осору вижагиҳои осори шоири фавқуззикр чунин нигошта: «… Шеър ба забони форсиву туркӣ мегуфт, чанд девон ҷамъ карда буд. Ҳар мартаба, ки ҷазба бар ӯ ғалаба меовард, мешуст. Он чи боқӣ монда ҳам девони захим аст» (7, 124). Агар ду иқтибоси болоиро бо ҳам муқоиса намоем, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки Лачҳмӣ Шафиқ ҳини тазкиранигорӣ бағоят эҳтиёткор буда, ягон маълумотро бидуни мақсад ва аз таваккал намеорад. Чунонки аз чанд нукоте дар мавриди шахсияти шоири мазкур зикрнамудаи муаллиф маълум шуд, он нукот дар эҷодиёти шоир бетаъсир нестанд ва аз ин рӯ таваҷҷуҳи муаллифи тазкираро ба худ ҷалб намудаанд.

Нуктаи дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ аст, он ки муаллифи тазкира бар шарҳи ҳоли бархе адибони минтақаи Вароруд диққати бисёр дода, баробари саҳнаҳои ҷолиби ҳаёти онҳоро нақл кардан, нозукиҳои эҷодиёташонро низ зикр намудааст. Ба ин восита муаллифи тазкира аз мақому манзалати сухан ва суханварӣ ҳадс зада, дар ин ҷода кадом мартабаро ишғол кардани шуароро нишон медиҳад. Масалан, дар мавриди Муҳаммадқосими Коҳӣ, ки аз шоирони садаи ҲVI аст, шарҳи ҳоли нисбатан ҷомеъ оварда, зимни он ишора мекунад, ки мушорун илайҳи бо Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам вохӯрдааст (7,220). Дар баробари ин тазкиранигор нигоштааст, ки шоири мазбур барои сурудани як ғазал, ки бо номи «ғазали Фил» шуҳратманд мебошад, аз Акбаршоҳ сад ҳазор танга сила дарёфт намудааст (7,220). Ҳамчун намунаи иштиҳори Муҳаммадқосими Коҳӣ як байти ӯро, ки боиси норозигии як зумра равшанфикрону шоирону орифони замони ӯ шуда буд, оварда, қиссаи ҷолиберо ҳам роҷеъ ба баҳси он мактуб медорад, ки ба таври зайл аст: «… Мавлоно Коҳӣ вақте ки ин байт гуфт:

Аз банг шавад сирри аналҳақ зоҳир,
Чун ҳар баргаш ба сурати Аллоҳ аст.

Шайх Абдуннабӣ ӯро такфир карду халифаро бар он дошт, ки ӯро ба такриру ташҳири ин сухан ҳозир гардонанд. Чун ӯро ҳозир гардониданд, Шайх дар мақоми мунозира шуд. Мавлоно ба халифа арз кард, ки ҳазрати Шайхро пурсида шавад, ки гоҳе аз ин чашидаанд ё на? Халифа ба Шайх гуфт, ки Мавлоно чӣ мегӯяд? Шайх гуфт:-Астағфируллоҳ, сураташро надидаам, чӣ ҷои чашидан. Мавлоно гуфт: -Ҳақ ба ҷониби Шайх аст, агар андаке аз он тановул фармоянду сирре, ки гуфтаам мункашиф

нашавад, ҳар чи Шайх фармояд, онро сазоворам. Халифаро ин сухан бағоят афтод. Мавлоноро ба эъзозу икром рухсат фармуд» (7, 221). Барои тасдиқи ин ҳикоят ва исбот ҳақ будани он Лачҳмӣ Шафиқ қиссаи дигареро аз номи худаш ба қиссаи фавқуззикр монандӣ дорад, меорад (7, 221). Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳ он аст, ки тазкиранигор дар интихоби абёти шоири фавқ ва дигар шуаро ҳиммати воло нишон додааст. Масалан аз шоири мазкур 10 байт интихобан оварда:

Чун зи акси оразат оина барги гул шавад,
Гар дар он оина тӯтӣ бингарад, булбул шавад.

***

Ашки ман толиби он наргиси ҷоду бошад,
Ҳамчу тифле, ки давон аз пайи оҳу бошад.

Муаллиф аксар мавридҳо матлаи шоиронро ба ҳайси намунаи шеър меоварад, ки ин ҳам аз завқу салиқаи шеършиносии ӯ дарак медиҳад, зеро матлаи зебо пайомади ғазали зеборо тақозо мекунад. Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аксар дучор меояд, ки чанд шоир бо як тахаллус шеър гуфтаанд ва тафкике байни онҳо барои муҳаққиқон душворӣ меоварад, бахусус, агар шоирон аз як минтақа ва замон бошанд. Барои рафъи чунин мушкилот ва махлут нашудани шахсият ва ашъори шуаро Лачҳмӣ Шафиқ иқдоми хуберо пеш гирифта, ки шоистаи таҳсин аст. Ӯ дар мавриди ду шоир, ки бо тахаллуси Ҷонӣ шеър гуфтааанду аз Бухоро мебошанд, маълумот дода, якеро барои ташхиси мақому манзалат ба унвони «муқаллид» зикр намудааст. Чунончи, дар бораи Ҷонии Бухории аввал гӯяд: «Ҷонии Бухорӣ соҳиби истеъдод буд. Аз ватан баромада, дар Кобул Ҳумоюнподшоҳро мулозимат намуду дар назари султонӣ эътиборе ба ҳам расонд…» ва як ғазали пурраи ӯро ба намуна меоварад (7, 65-66). Дар мавриди Ҷонии сонӣ бошад чунин иттилоъ дода: «Ҷонии муқаллиди Бухорӣ муосири Ҷонии мазкур аст. Иттиҳоди тахаллус бо вуҷуди иттиҳоди ватану аср, маҳалли тааҷҷуб…» ва минбаъд ӯро то поёни шарҳи ҳолаш «муқаллид» гӯён хитоб намуда, фақат як байташро ба ҳайси намуна зикр мекунад (7, 66). Аз ин тарзи маълумотдиҳии Шафиқ ба осонӣ метавон пай бурд, ки шоири дувум барои муқаллидӣ аз тарафи ӯ мавриди сарзаниш қарор гирифтаву номуваффақ аст.

Ҳамчунин, маълумоти Шафиқ доир ба Байрамхон (7, 46), Ҳаким Носири Хисрав (7, 71), Алӣ Шоҳ Алӣ (7, 179), Мунсиф (7, 261) ва дигар шоирони мовароуннаҳрӣ қобили зикр аст.

Муаллифи тазкираи «Шоми ғарибон» баробари пайгирона истифода кардан аз тазкираҳои пешин, ба монанди-«Натоиҷ-ул-афкор», «Каламот-уш-шуаро», «Хизонаи омира», «Миръот-ул-хаёл», «Тазкираи Насрободӣ», «Оташкада» ва амсоли ин, мекӯшад маълумотеро аз хештан зимни баёни ҷузъиёти ном, мавзеъ, тахаллус ва ғайра илова намояд. Ӯ Носири Хисрави Қубодиёниро Исфаҳонӣ сабт намуда [7, 71], аммо ин ақида қобили дастгирӣ нест. Чун Носири Хисрави Қубодиёнӣ дар мазҳаби шиаи исмоилия буд, тахмин меравад, ки аз ҳамин сабаб тазкиранавис ба чунин ақида омада бошад. Дигар ин ки исми Зуҳурии Туршезӣ (ҳарчанд аз зумраи шоирони Мовароуннаҳр нест, аммо зикрашро аз манфиат холӣ намедонем) комилан дигар, дар шакли Мир Муҳаммадтоҳир [7, 168] сабт шуда, ҳол он ки тазкиранигорони дигар, аз қабили Озоди Балгиромӣ [4, 33; 3, 313], Боқии Наҳовандӣ [1, 393], Абдуннабии Фахруззамонӣ [6, 394] ва Муҳаммади Абдулғанӣ [2, 85] номи ин шоирро Нуриддин Муҳаммад сабт кардаанд.

Хулоса, дар баробари ин ки Лачҳмӣ Наройин Шафиқ дар тазкираи «Шоми ғарибон», ки исмаш бо моҳияташ мувофиқати том дорад, маълумоти саҳеҳу дасти аввал ва баркашидаву санҷидашуда меоварад, ин тазкира аз маълумотҳои ихтилофӣ ва ғайрисаҳеҳ ҳам холӣ нест. Бо вуҷуди ин нукта тазкираи мазкур арзиши муҳимеро дар ҷаҳони адабпажӯҳӣ дорост, зеро заминаи ҷиддиеро барои тадвину таҳияи якчанд китобҳои илмӣ фароҳам овард, ки «Корвони Ҳинд»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ яке аз ин кутуб мебошад. Ба ғайри он ки тазкираи мавриди назар сарчашмаи пажӯҳишҳои минбаъда ҳисобида шавад, маълумоти дар бораи шоирони Мовароуннаҳр, ки камтар мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифтаанд, заминаи хуберо барои таҳқиқоти пурвусъат ва ҷомеъ метавонанд фароҳам оваранд, зеро теъдоди зиёди шоирони ин минтақаи бузурги ҷуғрофӣ бо сабабҳои гуногун ба Ҳиндустон муҳоҷират кардаву дар он ҷо зистаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулбоқӣ Ниҳовандӣ Мулло. Маосири Раҳимӣ / Абдулбоқӣ Ниҳовандӣ Мулло. - Калкатта, 1924-1931. - Ҷ. 3.
2. Абдулғанӣ Муҳаммад. Тазкират-уш-шуаро / Абдулғанӣ Муҳаммад. - Алигарх, 1916. - 146 с.
3. Анӯша Ҳасан. Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи Қора. (Ҳиндустон, Покистон, Банглодеш) / Анӯша Ҳасан. - Теҳрон, 1380 ҳ. - Ҷ. 4. – С. 923-1749.
4. Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ. Сарви Озод / Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ; таҳқиқи тадвин, тасҳеҳ, тартиб, муқаддима, ҳавошӣ Доктор Зарринахон. – Алигарх, 2008. - 656 с.
5. Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ. Хизонаи омира / Озоди Балгиромӣ Мирғуломалӣ. - Конпур, 1781. - 394 с.
6. Фахруззамони Қазвинӣ Мулло Абдуннабӣ. Майхона / Фахруззамони Қазвинӣ Мулло Абдуннабӣ; омодакунандаи чоп ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот Аҳмад Гулчини Маонӣ. - Теҳрон, 1028ҳ. - 599 с.
7. Шафиқ Наройин Лачҳмӣ. Шоми ғарибон / Шафиқ Наройин Лачҳмӣ. - Ҳайдаробод, 1977. - 378 с.

ПОЭТЫ МАВЕРЕННАХРА В АНТОЛОГИИ «ВЕЧЕР СТРАННИКОВ» ЛАЧХАМИ НАРАЙИН ШАФИК

Статья просвещена жизни и творчеству персо язычного поэта Индии Шафика и его антологии «Вечер странников». Автор статьи на основе богатого фактического материала анализирует особенности биографии писателей и поэтов персидско-таджикской литературы, которые когда-то жили в Индии. Таким образом, изучая жизнь Лачхами Шафик, можно прийти к выводу, что именно благодаря дружбе с Гуломалихан Озод Балгироми, он стал литератором. Антология «Вечер странников» является одной из ценных литературных связей.

Ключевые слова: летописец и историк XVIII века, популярные антологии Лачхами Нарайин Шафик «Изящный цветок», «Вечер странников», поэты –странники Индии.

OETS MAVERANNAHR IN THE ANTHOLOGY "NIGHT WANDERERS" LACHEMI NARAIN SHAFIO

The article is devoted to the life and works of Persian speaking poet of India Shafiq and his anthology "Night Wanderers". The author of the article based on the extensive factual material analyzes the characteristics of biographies of writers and poets of Persian-Tajik literature, which once lived in India. Thus, studying the life Lachemi Shafiq, you can come to the conclusion that it is because of the friendship with Glomalean Ozod Bulgheroni, he became a writer. Anthology "Night Wanderers" is one of the valuable literary relations.

Key words: chronicler and historian of the eighteenth century, a popular anthology Lachemi Narain Shafiq "Elegant flower", "Night Wanderers", poets –strangers in India.

Сведения об авторе: ***Н. Шамсиддинова*** **–** соискатель кафедры таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА ОБРАЗА ГЛАВНОГО ГЕРОЯ ПОВЕСТИ С.АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА» КОРИ-ИШКАМБА В РУССКОМ И НЕМЕЦКОМ ПЕРЕВОДАХ С ОРИГИНАЛОМ

З.А.Шарипова

Таджикский национальный университет

Перу Садриддина Айни принадлежат множество гениальных произведений, но повесть «Смерть ростовщика» следует считать одним из главных его творений. «Огромной творческой удачей писателя» назвал появление этого произведения И. Брагинский.[1;163] Смех всегда является эффективным средством социального воздействия. Немецкий поэт, драматург, теоретик искусства и литературный критик - просветитель Готхольд Эфраим Лессинг писал: «...во всей морали нет лекарства более действительного, более сильного, чем выставление на вид смешного» [2, 76].

Эта книга переводилась на русский язык несколько раз. Русский перевод (как и оригинал) имеет два варианта. Обе версии русского перевода были созданы О.Сухаревой — советским этнологом и востоковедом. Первая редакция перевода О.Сухаревой осуществлена с текста оригинала, написанного в 1936 году. Книга впервые была издана в 1943 году. Этот перевод был переиздан в 1949, 1951 и 1952 гг.

Новый перевод повести Ольга Сухарева осуществила по последней авторской редакции произведения. Данный перевод был напечатан в трех изданиях - 1957, 1960, 1973 гг. Анализ текста показывает, что второй перевод О.Сухаревой можно назвать более удачным и очень схожим с текстом оригинала. Как прекрасный знаток таджикской культуры и языка, О.Сухарева пытается передать, при помощи русского языка,

национальную специфику и сатирическую направленность произведения. На немецкий язык повесть «Смерть ростовщика» была переведена Трауте и Гюнтером Штайн и была издана в 1966 году. Среди немецких читателей книга имела большой успех.

Повесть «Смерть ростовщика» начинается с того момента, когда автор-рассказчик - молодой студент медресе, оставшись без жилья, занят поиском свободной комнаты. Разыскивая нужное помещение для жилья, он слышит о человеке с необычным прозвищем Кори-Ишкамба. Для удовлетворения своего любопытства, молодой человек, последовал за ростовщиком, постепенно, изучая и раскрывая характер этого скупца - «святоши», чтеца Корана, который выдаёт себя за бедного и несчастного человека, а на самом деле являющегося одним из богатейших ростовщиков Бухарского эмирата начала XX века.

Для полного раскрытия этого образа, С.Айни прибегнул к тактике повествования различных случаев из жизни Кори, что постепенно создает полноценный образ бессердечного скряги, для которого деньги дороже всего на свете.

Мы не можем найти ни одной положительной черты у этого ростовщика. Он скуп и находится под властью своей скупости. Образ Кори-Ишкамбы не миф или вымысел, не обобщённый или символический персонаж. Это вполне конкретное, живое лицо, не обделённое многими человеческими грехами: обжорством, жестокостью, лживостью.

Внешние данные Кори – Ишкамбы не менее отвратительны, чем его внутренний мир. Физически он также малоприятен, как и духовно.

Вот как описывает его автор повести: *«Ӯ як одами миёнаҷади фарбеҳи ишкамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш ҷариб фарқ надошт, агар риши калони ғулимонанди алафи гандадарав ва печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯ гирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, гояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифторгардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд.*

Баъд аз дидани ин гунна шаклу шамоили ин одам дар дили ман гузашт: «Шояд мардум на аз ҷиҳати калонии шикамаш, балки аз ҷиҳати он ки баъд аз тарошидани ришаш тамоми баданаш ба як шикамбаи калон монандӣ мекард, ба ӯ ин лақабро муносиб дида бошанд» [3, 5].

В подстрочном переводе: Он был человеком среднего роста, толстым, с большим животом и короткой шеей, толщина шеи и полнота лица почти не отличалась от плотности его живота, если сбрить его длинную и густую бороду, похожую на вьющуюся траву, которая опутала всё его лицо, то голова и тело вместе были бы похожи на пустой желудок освежеванного верблюда, в общем, они были больше него и подобно плешивому верблюжьему телу, подвергнувшемуся чесотке, имели красноватый цвет.

После того, как я увидел облик этого человека, я подумал про себя: «Возможно, люди посчитали подходящим для него это прозвище не из-за большого его живота, а на том основании, что после бритья бороды всё его тело было бы похоже на большой живот».

Как же изображена эта яркая и колоритная фигура на русском языке? Смогла ли О.Сухарева донести до русского читателя тот портрет, которым обрисовал главного героя повести сам автор, правильно ли подобраны все эпитеты для этой гротескной фигуры?

Вот как представлен нам главный образ повести в русском переводе:

«Он оказался человеком среднего роста, и живот у него действительно был непомерно большой – такого я не видел ни у кого из толстяков. Жирное, расплывшееся тело и толстая короткая шея были под стать животу. На широком полном лице Кори Ишкамбы росла длинная борода, густая и спутанная, как заросли травы.

Тут я подумал, что если б Кори Ишкамбе сбрить бороду, он стал бы действительно похож на желудок, вытянутый из освежеванного верблюда, разве что отличался б от него ещё большей величиной да цветом, напоминающим кожу облезлого после чесотки верблюда.

Кто знает, может, ему дали прозвище «Ишкамба» не только за огромный живот, но и за то, что он весь – с головы до ног – походил на желудок» [4, 7].

Как мы видим, изображение Кори-Ишкамбы в переводе О.Сухаревой, достаточно точно описывает внешний образ главного героя произведения. На наш взгляд, русскоязычный читатель ярко представляет себе отвратительную фигуру ростовщика, похожую на верблюжий желудок. Как и таджикский оригинал, русский перевод портрета главного героя повести, изобилуют метафорами, сравнениями, яркими эпитетами. Он имеет свою красочность, которая является точным отражением индивидуальных особенностей персонажа. Обратим своё внимание на немецкий перевод. В немецком варианте читаем: *Er war mittelgroß und hatte einen kolossalen Fettbauch – solch einen hatte ich noch nie gesehen, selbst bei einem Dicken nicht. Sein massiger Körper und sein feister Hals harmonierten mit dem Bauch. Lange Bartstoppeln, dicht und wirr wie verfilztes Gras, bedeckten Kori-Ischkambas breites, fettes Gesicht.*

Ohne Bart, dachte ich, würde Kori-Ischkamba wirklich wie ein Kamelpansen aussehen und sich von ihm höchtens dadurch unterscheiden, das er größer ist und von anderer Farbe.

Wer weiß, vielleicht haben ihm die Leute den Spitznamen Ischkamba nicht nur des dicken Bauches wegen gegeben, sondern auch deshalb, weil er überhaupt einem Kamelpansen ähnelt [5, 7].

В подстрочном переводе: *Он был среднего роста и имел огромный жирный живот – такого я ещё никогда не видел, даже у толстяков. Его огромное тело и жирная шея гармонировали с животом. Длинная щетина, густая и растрёпанная как спутанная трава, покрывала жирное и широкое лицо Кори-Ишкамбы.*

Без бороды, подумал я, он бы действительно выглядел как желудок верблюда и отличался бы от него только тем, что он был больше и другого цвета.

Кто знает, может быть, люди дали ему кличку «желудок» не только из-за большого живота, а потому, что он вообще походил на желудок верблюда.

Как видно из подстрочного перевода, авторы немецкой версии, также, дали чёткую аналитическую характеристику внешности героя, которая соответствует таджикскому и русскому вариантам. Западные специалисты смогли передать внешний облик Кори-Ишкамбы, который несет на себе печать всего ростовщичества феодальной Бухары. Глядя на героя, немецкий читатель многое начинает понимать о его характере. Не случайно повесть начинается со знакомства читателя с главным героем. Благодаря этому приёму писатель создаёт первое впечатление о персонаже. Правильно подобранные, писателем и переведёнными переводчиками характеристики внешности Кори-Ишкамбы позволяют зарубежному читателю сформировать своё отношение к главному герою повести и понят его внутренний мир. Однако в русском и в немецком переводе отображения главного персонажа мы замечаем отсутствие одного абзаца. Тщательно работая над началом описания, переводчица решила отказаться от его конца, в котором заключено авторское отношение к образу. С.Айни пишет:

Дуруст аст, ки шиками ин одам аз шикамҳои одамони одӣ аз ҳад зиёд калон буд, лекин ғафсии дигар ҷойҳои баландаш, хатто гардану рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки он шиками калон дар пеши онҳо номаълум ва одӣ шуда мемонд. Бинобар ин, дар сабаби лақаби ин одам фикри охирии нависандаи ин сатрҳо дар ҳақиқат наздиктар менамуд» [3 ,6].

Подстрочный перевод: Действительно, живот этого человека был гораздо больше животов обыкновенных людей, но толщина остальной части тела, даже шеи и лица, были такими, что на их фоне его большой живот особенно не выделялся и даже казался обыкновенным. Поэтому причина его прозвища, по мысли автора этих строк, была близка к истине. Вероятно, О. Сухарева решила, что данный абзац не несёт ни какой важной информации, и он ничего не добавляет в отображение облика Кори-Ишкамбы. На первый взгляд, можно согласиться с решением О. Сухаревой, не переводить этот отрывок. Однако, скрупулезно, проанализировав всю характеристику облика главного действующего лица повести, мы пришли к выводу, что образ скряги-ростовщика Садриддин Айни даётся поэтапно, как бы в постепенном развитии. Слово за словом, абзац за абзацем он показывает нам истинное лицо бухарского ростовщика. Для более полного представления об образе, автору важна каждая деталь, каждый штрих. Через изображение внешности главного героя, автор выражает своё идейное отношение к нему. Перед читателями возникает отвратительная внешность ростовщика, а в абзаце, оставленном без внимания переводчицей, С. Айни сознательно акцентирует своё внимание на ужасающей

несоразмерности этого тела, потерявшего человеческий облик. Вот, почему мы считаем, что наличие данного отрывка в русской и немецкой версиях является необходимым.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Брагинский И.С. Садриддин Айни / И.С. Брагинский. - М., Советский писатель, 1978. - С.163.
2. Лессинг Г.Э. Гамбургская драматургия / Г.Э. Лессинг // Собр. сочин. – Изд. Вольфа, 1904. - Т.V. - С.76
3. С. Айнӣ. Марги судхӯр. / С. Айнӣ. – Душанбе: ТҶБ „Истоқбол“, 2011. - С.6
4. С. Айни.Смерть ростовщика / С. Айни. – Душанбе: Издательство „Маориф”, 1976. - С.7
5. S.Aini. Der Tod des Wucherers. / S.Aini. – Berlin: Verlag Kultur und Fortschritt, 1966. - S. 5

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА ОБРАЗА ГЛАВНОГО ГЕРОЯ ПОВЕСТИ С.АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА» КОРИ-ИШКАМБА В РУССКОМ И НЕМЕЦКОМ ПЕРЕВОДАХ С ОРИГИНАЛОМ

В статье анализируются в сопоставительном плане образ главного героя произведения С.Айни «Смерть ростовщика» Кори Ишкамба в немецком и русском вариантах с языком оригинала. Особое внимание уделено рассмотрению сохранения художественного стиля автора в переводах.

Ключевые слова: персонаж, соответствия, оригинал, язык-посредник, перевод, аналитический.

SOME ASPECTS OF COMPARATIVE ANALYSIS OF THE IMAGE OF THE MAIN CHARACTER OF S.AINI'S NOVEL «THE DEATH OF MONEY-LENDER» KORI ISHKAMBA IN RUSSIAN AND GERMAN TRANSLATIONS WITH THE ORIGINAL TEXT OF THE NOVEL

The present article deals with the comparative analysis of the image of the main character of S.Aini's novel «The death of money-lender» Kori Ischkamba in Russian and German translations with the original text of the novel. Special attention is given to the description of author’s artistic style in bath languages translations.

Key words: characteristics, original, mediator-language, translation, analytical.

Сведения об авторе: ***З.А. Шарипова*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 919-16-62-40**

ДУ УСЛУБИ БАРГАРДОНИ ЯК ҲИКОЯИ АЗИЗ НЕСИН

Г.А. Шарифова
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Нимаи дуюми асри XX ва хусусан, асри XXI, ки ҳамаи роҳҳо ба сӯйи ҷамъияти боадолатонаи демократӣ равона шудаанд, давраи инкишофи пуравҷи илму техника, даврони афзоиши донишу маърифати инсонӣ буда, он чӣ ба ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва чӣ ба шууру тафаккури аҳли ҷамъият табаддулоти азиме дохил карда истодааст. Боигарии ҳаёти моддӣ ва маънавии даврони мо на танҳо эҳсосот, таассурот, тасаввурот ва тафаккури инсониро ғанитар гардонида, дар одамон донишу маърифати дақиқу васеи ҳозиразамонро ҷойгир кунонда истодааст, балки он ба ҳамаи шаклу соҳаҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба робитаҳои адабӣ низ таъсири амиқе расонида истодааст (1, 10). Пайвандҳои илмию адабӣ ва фарҳангии халқи Тоҷикистону Туркия низ дар солҳои охир вусъати тоза пайдо карда истодаанд. Як хусусияти муҳимми ин робита баргардони асари бадеӣ аз як забон ба забони дигар масалан, забони тоҷикӣ мебошад.Дар ин маврид ба муқоисаи тарҷумаи як ҳикояи адиби ҳаҷвнигори Туркия Азиз Несин, ки ду нафар адибу олими тоҷик ба забони тоҷикӣ баргардон кардаанд, таваққуф намоем.

«Ҳикояти худам» ва «Арзи ҳол» ном дорад ин ду ҳикоя, ки воқеан, як асари хосаи тарҷумаиҳолист, дар бӯстони адаби тоҷик пайдо гаштани он таърихи аҷиб дорад. Охири моҳи сентябри соли 1968 дар шаҳри Тошканд ҷаласаи навбатии нависандагони кишварҳои Осиё ва Африқо доир гардид. Мулоқот дӯстонаи адибони машҳури мамолики олам он айём маъмул буд ва тантанаи хоса дошт. Ба муносибати ин ҷашн аҳли қаламу маънии маҷаллаи «Садои Шарқ» намунаи таълифоти як зумра адибони маъруфро ба чоп расонид.

«Ҳикояти худам»-и Азиз Несин бори аввал дар ҳамин маҷалла (№ 9, соли 1968) ба самъи хонандагон расид. Тарҷума ба қалами адиби нуктадон Раҳим Хошим мансуб буд. Баъди як моҳи ҷаласаи адибони номвар ва чопи ин ҳикоя асари мазкур дар се шумораи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод» паёпай чоп шуд (24, 25, 26-уми октябри соли 1968). Пас аз ду сол, моҳи ноябри соли 1970 «Садои Шарқ»

ҳикояи Азиз Несинро аз нав бо номи «Арзи ҳол» манзури хонандагон гардонид (№ 11, соли 1970), ки онро аз русӣ олими маъруф, бостоншинос Ӯктам Пӯлод ба тоҷикӣ баргардонида буд. Мутолиаи бодиққати ҳикояҳои «Ҳикояти худам» ва «Арзи ҳол» ошкор намуд, ки ду тан аз мутарҷимон ҳамон як таълифоти адиби туркро ба номҳои мухталиф тарҷума ва чоп кардаанд (1, 11). Тарҷумаи онон чӣ хусусиятҳо дорад? Санъати тарҷумаи кадоме бартар аст? Ҳангоми тарҷумаи ҳикоя кадом хусусиятҳои эҷодиёти Азиз Несин ба инобат гирифта шуд ва ба рӯҳияи айём мусоидат намуд? То ҷое, ки муяссар гашт, чанд хусусиятҳои тарҷумаи услубии ҳикоя ба назар расид. Қалб аз ҳама, маълум аст, ки Раҳим Ҳошим аз зумраи тарҷумонҳои бомаҳорат буда, ин ҳикоя (ва даҳҳо осори адибони туркро) бевосита аз забони туркӣ ба тоҷикӣ баргардонидааст.

Тарҷумаи Ӯктам Пӯлод бешубҳа, тавассути забони русӣ сурат гирифтааст. Яқин, дар санъати тарҷумаи эшон тафовути ҷиддӣ ворид шудааст. Баъдан, таҳлилу қиёс, муқоисаи ду тарҷумаи як ҳикоя амиқ ва аниқ сохт, ки Раҳим Ҳошим маънӣ, калима, мафҳум, ибора, таркиби луғавии ҳамон замонеро, ки маъмул буд, бештар нигоҳ доштааст. Ин маънӣ, ин мазмун, ин ҳадаф барои ошкор намудани мақсади адиб хидмат кардааст. Дар тарҷумаи Ӯктам Пӯлод калимаҳо ва ибораҳои русӣ бештар истифода шудаанд. Барои мисол, чанд калима, ибора, ҷумларо, ки тарҷума шуда, вале ғояи асар тағйир наёфтааст, метавон овард. Чунончӣ, дар тарҷумаи Раҳим Ҳошим «Маҳалли носозгор», дар тарҷумаи Ӯктам Пӯлод «Вақти нобоб», дар тарҷумаи Раҳим Ҳошим «Дар яке аз ҷазираҳои Туркия», дар тарҷумаи Ӯктам Пӯлод «дар яке аз ҷазираҳои шоҳзода» омадааст. Оид ба тарҷумаи унвони ҷазира Раҳим Ҳошим «ҷазираи Ҳақбелӣ», Ӯктам Пӯлод «ҷазираи Ҳайбалиада» навиштааст. Агар Раҳим Ҳошим ибораи «Ҳақбелӣ айлоқи давлатмандон…» тарҷума кунад, Ӯктам Пӯлод онро ба маъномаи макон овардааст: «он ҷо…». Чӣ навъе ки маълум, айлоқ аслан, ҷоест, мавзеест хилват аз манзили зисти инсонӣ мебошад (3, 102).

Раҳим Ҳошим «одами бетолеъ» нависад, Ӯктам Пӯлод онро «бахти баланд» гуфтааст, аммо ғояи ҳикоя ҳарчанд ба ибораҳои антонимӣ баён гашт, нигоҳ дошта шудааст. Хусусияти дигари услубӣ дар тарҷума нигоҳ доштани маънои аслии калима, мафҳум, ибора, фикр мебошад. Чунончӣ, Раҳим Ҳошим «испартаниҳои қадим», Ӯктам Пӯлод «раияти давлати қадими Спарта» навиштаанд, ки чандон вайрон нест.

Дар айни вақт, калима, ибора, мафҳум, фикр, ҷумлаҳое корбаст шудаанд, ки яке ихчаму мухтасар ва ба шакли ибораи фразеологӣ Раҳим Ҳошим «дунёи зебои зистанӣ», дигаре ҷумлаи алоҳида нигошта: «дунёи зеборо, ки барои бахту саодат офарида шудааст». Ба вуҷуд омадани ибораҳои «мамлакати сохти капиталистӣ» (Раҳим Ҳошим), «мамлакати капиталистӣ» (Ӯктам Пӯлод) низ аз ҳамин қабил мебошанд. Дар ин маврид бошад, аз баргардони мазкур носуфтагиҳои баён низ ба чашм мерасанд. Масалан, Раҳим Ҳошим «соли 1933 қонуни фамилия – номи хонаводагӣ қабул кардан баромад». Ӯктам Пӯлод «соли 1933 қонуне баромад, ки мувофиқи он ҳар як турк бояд ба худ фамилия интихоб мекард». Ҳамин ҷумла тарзи русиаш: «в 1934 году вышел закон, по которому каждый турок должен был принять фамилию» (аз китоби русии «Рассказы для Вас» А.Несин. Москва «Художественная литература», 1976).

Пинҳон нест, ки дар тарҷумаи Ӯктам Пӯлод фикр саҳеҳу равшан ба назар мерасад ва ба тарҷумаи русӣ низ мувофиқат мекунад. Боз иловаи дигар: Ӯктам Пӯлод дар ҷое ибораи «офитсери навзуҳур»-ро ба кор бурдааст. «Офитсери навзуҳур» яъне чӣ? Дар забони мо офтоби навтулӯъ, ситораи навтулӯъ мегӯянд, аммо «офитсери навзуҳур» як андоза ғайритабиист. Раҳим Ҳошим барои ифодаи ин ибора «ҷавони навқирон»-ро ба кор бурдааст. Дар тарҷумаи русии ҳамин ибора чунин омадааст: «новоиспеченный офицер», ки то ба дараҷае ба мақсад мувофиқ аст. Дар бобати васеъ кор фармудани ибораи «савдои хоми наполеонӣ», «бемори наполеонӣ», «наполеонтарошӣ», ки ба қалами Раҳим Ҳошим мансуб аст, тарҷумон Ӯктам Пӯлод ҳар се ибораҳоро чунин тарҷума кардааст: «дарди худписандӣ», «дард», «беморӣ». Бармегардем ба ибораи русӣ: «Каждый молодой офицер в душе мнит себя Наполеоном. Кое у кого мания величия остается на всю жизнь. Вообще-то чем быстрее отделываешься от нее, тем лучше, ибо болезнь эта опасна и заразна». Албатта, Раҳим Ҳошим маънои аслии мақсади адибро бештар кушодааст: «ҳар командир мисли Наполеон шуданӣ» (2, 10). Дар айни замон, ба мушоҳида расид, ки барои барҷаста баромадани фикр мутарҷим Ӯктам Пӯлод заҳмати бештар кашида

(шояд тарҷума аз забони русӣ сабаб шуда). Намуна аз Раҳим Ҳошим: «Ба санъати бузург будани шеър эътиқоди калон дорам, чунки бисёр касон барои шоир шуда натавонистан ба нависандашавӣ зӯр задаанд». Ӯктам Пӯлод: «Ман аминам, ки назм санъати бузургест ва беибо бо овози баланд эълон мекунам: онҳое, ки шоири ҳақиқӣ шуда натавонистанд, ҳеҷ набошад, носир шудаанд». Агар ибораи тарҷумакардаи Раҳим Ҳошим «бисёр касон барои шоир шуда натавонистан»-ро ба тарҷумаи «онҳое, ки шоири ҳақиқӣ шуда натавонистанд» (Ӯктам Пӯлод) муқоиса намоем, бартарӣ ва афзалияти тарҷумаи дувум маълум мегардад. Раҳим Ҳошим «рецепт-чора», Ӯктам Пӯлод "дастур ва дорувории тайёр" гуфтаанд, ки ба андешаи мо тарҷумаи дувумӣ саҳеҳтар, комилтар ва равонтар мебошад. Ниҳоят, далелҳои дигаре, ки мавриди зикр аст, ба тарҷумаи ном, унвони шаҳр, давлат, макон, мавзеъ тааллуқ доранд. Чунончӣ, Истамбулро чандин навъ тарҷума кардаанд: дар куллиёти устод Лоҳутӣ ба шакли «Истанбул», дар тарҷумаи Раҳим Ҳошим «Стамбул», дар тарҷумаи Ӯктам Пӯлод «Истамбул», дар тарҷумаи ба забони русии Г.Александрова ва К.Глазунова «Стамбул» омада. Кадоме аз ин тарҷумаҳо қобили эътироф ва шакли навишти дурусту бехато мебошанд? Ба назари мо мафҳуми «Истамбул» дар забони мо дар навишт беҳтар аст.

Кӯшиши мо дар тадқиқоти мазкур ба равшан кардани ин маъниҳо равона шудааст ва то ҷое ки муяссар гашт, чанд хусусияти тарҷумаи услубии ҳикоя ба назар расид. Қабл аз ҳама, маълум аст, ки Раҳим Ҳошим аз зумраи тарҷумонҳои бомаҳорат буда, ин ҳикоя ва даҳҳо осори адибони туркро низ бевосита аз забони туркӣ ба тоҷикӣ баргардон кардааст. Тарҷумаи Ӯктам Пӯлод бешубҳа, тавассути забони русӣ сурат гирифтааст. Яқин, дар санъати тарҷумаи эшон тафовути ҷиддӣ ворид шудааст. Баъдан, таҳлили қиёсӣ, муқоисаи ду тарҷумаи як ҳикоя амиқ ва аниқ сохт, ки Раҳим Ҳошим маънӣ, калима, мафҳум, ибора, таркиби луғавии ҳамон замонро, ки маъмул буд, беҳтар ва бештар нигоҳ доштааст. Ин маънӣ, ин мазмун, ин ҳадаф барои ошкор намудани мақсади адиб хидмат кардааст. Дар тарҷумаи Ӯ. Пӯлод бошад, табиатан калимаҳо ва ибораҳои русӣ бештар истифода шудаанд (3, 90).

Савум, азбаски Раҳим Ҳошим аз туркӣ, Ӯктам Пӯлод аз русӣ баргардонӣ намудаанд, тафовуте дар ҳаҷми ҳикоя низ ба вуҷуд омадааст. Аммо мазмун, ҳадафи аслии адиби ҳаҷвнигор дар ҳар ду тарҷума то ҳадди имкон нигоҳ дошта шудааст.

Хулоса, тарҷумаи осори Азиз Несин ҳам аз забони туркӣ, ҳам тавассути забони русӣ сурат гирифтааст. Тарҷумонҳо Раҳим Ҳошим барои мухтасару муъҷаз ифода намудани рӯҳу ғоя ва фикру андешаи муаллиф, Ӯктам Пӯлод барои ҳарчи бештар барҷаста, пурратар, ҳаматарафа ифода намудани ҳадафу мақсади муаллифи асар кӯшидаанд. Аз ҷониби дигар, тарҷумаи онон дар кадом шакле сурат гирифта бошад, барои боз ҳам хубтар ошно сохтани хонандаи тоҷик бо мардуми турк ва бо зиндагиномаи як нафар саромади адабиёти навини ин халқ хидмати холисона намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Несин А. Писатель, народ, власть / А Несин //Иностранная литература. 1965, № 10.
2. Ҳошим Р. Ҳавҷнависи оташсухан. (Шоири озарӣ С.Тоҳирзода)/ Р Ҳошим //Тоҷик. Сов, 1962, 30 май.
3. Шарифова Г.А. Равобити адабӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ / Г.А Шарифова. – Душанбе: Ирфон, 2012, -129 с.

ДВА СТИЛЯ ПЕРЕВОДА ОДНОГО РАССКАЗА АЗИЗА НЕСИНА

В настоящей статье стиль и художественный перевод произведения одного рассказа Азиза Несина осуществлялись как на языке оригинала так и на русском языке. Их перевод, в каком виде бы не было, смог поближе познакомить таджикского читателя с турецким народом в лице одного писателя этого народа.

Ключевые слова: перевод, язык, стих, писатель, цитата, сравнение, правильность, вид, признание, содержание.

WO STYLES OF TRANSLATION OF THE SAME STORY AZIZ NESIN

In conclusion, the translation of Aziz Nesin’s work carried out as into the original language and in Russian. Their translation, in any form would not be earned for a close acquaintance with the Turkish reader Tajik people and the life of a writer of this nation.

Key words: translation, language, verse, writer, quote, compare, correctness, view, recognition, contents.

Сведения об авторе: ***Г.А. Шарифова*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и философского обучения Таджикского технологического университета

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ДОИР БА БАЪЗЕ РОҲҲОИ ИФОДАИ ШАХС ДАР ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

М. Бекназарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии муосир ба масъалаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ тадқиқот ва дастовардҳо ниҳоят зиёданд. Метавон бемуболиға гуфт, ки танҳо дар ду-се соли охир дар забоншиносии тоҷик чандин мақола ва монографияҳо доир ба хусусиятҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқон ба ҷиҳатҳои гуногуни маъноӣ, сохторӣ ва услубии ин ганҷинаи забон таваҷҷуҳ намудаанд. Дар байни онҳо тадқиқоти профессор Ҳ. Маҷидов [1.], Дӯстов Ҳ., М. Мирзоева [3] ва чандин нафари дигарро ном гирифтан мумкин аст. Дар ин мақола тасмим гирифтем дар масъалаи сохтори воҳидҳои фразеологии забони матбуоти даврӣ таваҷҷӯҳ намоем. Дар қолаби ҷумла ифода гардидани воҳидҳои фразеологӣ ҳодисаи маъмул аст. Ҷумлаҳои фразеологӣ чун дигар фразеологизмҳо аз ҷумлаҳои озоди наҳвӣ бо сохтори тағйирнаёбандагӣ ва яклухт будан маъноянашон фарқ мекунанд.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар хусуси ҷумлаҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои он забоншиносон асару мақолаҳои ҷудогона навиштаанд. Аз ҷумла Ҳ. Маҷидов «Ҷумлаҳои фразеологӣ», Р.Саидов «Ҷумлаҳои фразеологӣ дар назми халқӣ», С. Шербоев «Ифодаҳои хабарҳои феълӣ бо воҳидҳои фразеологӣ». М.Муслимов «Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ» ва ғайра. Профессор Ҳ.Маҷидов ҷумлаҳои фразеологиро аз рӯйи сохту таркибашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: ҷумлаҳои фразеологии яктаркиба, ҷумлаҳои фразеологии дутаркиба, ҷумлаҳои фразеологии нотамом, ҷумлаҳои фразеологии мураккаб [2, 46].

Раҳим Саидов дар мақолаи «Ҷумлаҳои фразеологӣ дар назми халқ» хусусияти фарқкунандаи онҳоро аз ҷумлаҳои муқаррарии забон зикр карда, онҳоро аз рӯйи маъно ва хелҳои семантикӣ чунин тасниф намудааст: «Ҷумлаҳои фразеологии хабарӣ, ҷумлаҳои фразеологии шартӣ-хоҳишмандӣ, ҷумлаҳои фразеологии амрӣ-хитобӣ». Муҳаққиқ дар ин таснифот, ки аз рӯйи маъно ва оҳангнокӣ сурат гирифтааст, онҳоро аз рӯйи маъно ва ифодаи замонҳои феъл шарҳу эзоҳ дода, бо мисолҳои фаровон фикрашро тақвият додааст. Ӯ дар мавриди ҷумлаҳои фразеологӣ чунини иброзӣ ақида намудааст: «Азбаски семантикаи умумӣ ва яклухти ҷумлаҳои фразеологӣ ба ҷузъҳои алоҳидаи таркиби онҳо вобастагӣ надорад, дар таснифи онҳо чунин ҷиҳатҳоро ба назари эътибор гирифтан фарз аст: а) семантикаи яклухти ҷумлаҳои фразеологӣ, ки фақат маълумот ё хабареро дар маъноии маҷозӣ-фразеологӣ ифода менамояд; б) оҳанги интонатсияи хабарӣ; в) ҷиҳати модалнокии ҷузъҳои (компонентҳои) феълӣ ва предикатсия ҳамчун воситаи асосии муайян намудани гурӯҳҳои семантикии ҷумлаҳои фразеологӣ» [5, 13].

Ду ҷиҳати асосии ҷумлаҳои фразеологӣ сохти устувор ва маъноҳои яклухти онҳо аст. Агарчи қолаби наҳвии онҳо комил, пурра аст, асосан бар эзоҳ ва тақвияти фикрҳо, ҷумлаҳои дигар меоянд. Ҷаззобият, пуртаъсирӣ, маънии равшану комили онҳо танҳо дар матн барпо аст.

Азбаски ҷумлаҳои фразеологӣ мисли зарбулмасалу мақолҳо метавонанд ба ҳама дахл дошта бошанд, бинобар ин онҳо дар қолабҳои гуногуни ҷумлаҳо – сода, мураккаб, яктаркиба, дутаркиба омада, ба шахсу шумораҳои гуногун дахл дошта метавонанд. Аз ҷумла, як гурӯҳи калони онҳо дар қолаби ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилӣ омада, ба шахсу шумораҳои гуногун далолат мекунанд: *Беқарор мондам, аз ҷой намеҷунбидам, забон**ам** ба сухан намепечид (Адабиёт ва санъат.- 2000.- №43); Ӯ ки сиришт**аш** парвардаи фарҳанг буд, дари бахт ба рӯ**яш** боз шуд (Ҷумҳурият.-2000.- №13).* Дар мисолҳои боло вобаста ба ин ки ҷумлаи якум ба кадом шахс далолат мекунад, бандакҳои шахсӣ-соҳибӣ ба кӣ дахл доштан, нисбат доштани ҷумлаи фразеологиро муайян мекунанд. Ин гуна ҷумлаҳои фразеологӣ чунон вобастаи матн ҳастанд, ки бевосита пас аз ҷумлаи озоди синтаксисӣ омада, ё чун хулоса ва ё чун шарҳи он оварда мешаванд. Ба ин тариқ тақвият ёфтани фикри гуфташуда тавассути

воҳиди фразеологӣ бо бандакҷонишини соҳибӣ боз ҳам қувват дода мешавад: -*Ҳанӯз аз хурдӣ орзуям богпарварию ҷангалдорӣ буд, - як навъ дари дил**аш**ро кушода гуфт, Маҳмадҷон (*Ҷумҳурият,2000. - №13). Хусусияти умумӣ доштани чунин ҷумлаҳои фразеологиро дар он сурат боз ҳам барҷастатар намоён мегардад, ки ба ҷойи бандакҷонишинҳо пасванди ҷамъбандии ***–ҳо*** омада, муносибати субъективии шахсони зиёдро ифода мекунад: *Мебинем, ки дарди бедаво устоди ботанутӯшро ба чӣ ҳол оварда, таассуф мехӯрем, дил**ҳо** ба ҳоли ӯ реш мегарданд (Адабиёт ва санъат.-2000.- №43)*.

Дар мисоли боло мубтадои ҷумлаи фразеологӣ ба шахсони зиёд дахл доштани муносибати субъективиро ифода кунад ҳам, хабари сарҷумлаи ҷумлаи мураккаби озоди синтаксисӣ – ***мебинем, таассуф мехӯрем*** ба шахси якуми шумораи ҷамъ мансуб будани воҳиди фразеологӣ ифодашударо равшан мекунанд.

Онҳоро берун аз матн ҷустан ва маъною тобиши онҳоро муқаррар кардан ғайриимкон аст. Агар онҳо аз матн ҷудо карда шаванд ҳам, хусусияти коммуникативии худро гум намекунанд, чунки онҳо баръакси таркибу пайвастҳои фразеологӣ, ибораҳои фразеологӣ ва мисли ҷумлаҳои муқаррарии наҳвӣ фикри нисбатан пурратарро мефаҳмонанд. Онҳо ҳам дар қолабҳои таркиби рехта маъноҳои бутунро ифода мекунанд, ки аз рӯйи махсусияти ҳиссаи нутқии ин маъноҳо ба аломату хусусияти ашё, ҳодиса, ҳолат ва ғайра ишора мекунанд. Яъне, дар ин маврид онҳо аз ҳисоби унсурҳои ғайрифразеологӣ, ки ба ҷузъҳои алоҳидаи онҳо илова мешаванд, ё ин ки аз рӯйи мавқее, ки онҳо дар байни ҷумлаҳои дигари матн доранд, характери конкретӣ мегиранд. Гоҳҳо фикри пеш гуфташуда бо ҷумлаҳои фраезологӣ ҷамъбаст карда мешаванд: - *Аз куҷо тинҷӣ? Аз дирӯз боз дилам оташхона аст (Муҳаббат ва оила.-2010.- №27)*.Таҳлилу муқоисаи мисолҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин ҷумлаҳои фразеологӣ, ки шахс ва муносибати субъективӣ дар он таъкид мешавад, корбурди шахси якуми танҳо: *забон**ам** ба сухан намепечид, дилам оташхона аст* ва шахси сеюми танҳо: *дари бахт ба рӯ**яш** боз шуд* бештар ба назар мерсанд.

Ин ҳам далели он аст, ки воҳидҳои фразеологӣ бо вуҷуди аз зарбулмасалу мақолҳо фарқи куллӣ доштанашон, аз ҷиҳати қолабҳои аллакай тайёрдоштанашон, характери ба ҳама дахлдор буданашон бо онҳо монандӣ низ доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ. Маҷидов // Мактаби Советӣ, - 1978. - № 5. - С. 15–19.
2. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик (дастури таълимӣ) / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 1982. - 104 с.
3. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: ДДТ, 1982. – 104 с.
4. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ. 1.
5. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964.
6. Мирзоева М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. - 160 с.
7. Муслимов М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ / М. Муслимов. - Душанбе, 2009. – 187 с.
8. Саидов Р. Ҷумлаҳои фразеологӣ дар назми халқӣ / Р. Саидов // Мактаби советӣ, 1983. - №9. - С.13
9. Шербоев С. Ифодаҳои хабарҳои феълӣ бо воҳидҳои фразеологӣ. Забоншиносии тоҷик / С. Шербоев. – Душанбе: Дониш, 1984. - С. 136-146.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ВЫРАЖЕНИЯ КАТЕГОРИИ ЛИЦА В ФРАЗЕ ЛОГИЧЕСКИХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ

В данной статье дана информация о фразелогических единицах и различных ее особенностях. Также проанализированы структурно-семантические особенности предложений с различными примерами. С точки зрения таджикско-персидских ученых рассмотрены синтаксические и морфологические сложносочиненные предложения.

Ключевые слова: современный лингвистический, фразеология, фраза логические единицы, предложения, предикат, пословицы, структура, семантическая, язык, различия, проблема фразеологии.

ABOUT SOME PECULIARITIES OF THE EXPRESSION OF PERSON IN PHRASE LOGICAL SENTENCES

In this article has given information about phrase logical units and different peculiarities of it. Also analyzed the structural-semantically characteristics phrase logical sentences with different examples. From the point of view of Tajik-Persian scientists showed syntactical and morphological compound sentences.

Key words: colors, phrase, sentences, semantic, learning, scientists, Tajik scientists, structure.

Сведения об авторе: ***М. Бекназарова*** **–** соискатель Таджикского национального университета

ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ПАМФЛЕТИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

З. Муъминҷонов
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Жанри памфлет дар байни гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ бо хусусиятҳои хоси худ фарқ карда меистад. Дар ин жанр мақсад танқид намудани зуҳуроти манфие набуда, балки маҳкум кардан мебошад. Худи маънии калимаи памфлет «ҳама чизро месӯзонам» аст. Бо истифода аз жанри памфлет мақсади муаллиф тарбия ва ҳимоя кардан набуда, балки шармсор, нобуд ва маҳкум кардан мебошад.

Дар ин бобат профессор И. Усмонов хеле хуб гуфтааст: «Ба шеваи одӣ танқид карда ин «чиз бад» гуфтан, памфлет намешавад. Памфлет танқид не, балки маҳкум кардан аст ва ин бо сабке анҷом дода мешавад, ки он муассир бошад, бовар кунонад. Аз ин сабаб, бисёр вақт дар памфлет киноя ва тамасхур истифода бурда мешавад, яъне усули сатира усули навиштани памфлет аст» [1].

Дар ин ҷо барои фаҳмо гаштани услуби навиштани жанри памфлет фарқи ҳаҷв (сатира) ва зарофат (юмор) - ро дида мебароем. Дар памфлет услуби ҳаҷв истифода мегардад ва тавассути он нисбати воқеа ё одамоне, ки перомуни онҳо сухан меравад, эътироз ба амал меояд. Яъне, ин хандаи кушанда, маҳкумкунанда мебошад. Муаллиф ҳодиса ва шахсеро, ки чунин кори манфиро содир кардааст, чунон тасвир менамояд, ки хонанда, шунаванда ва бинанда нисбати он нафраташ ояд ва он шахси гуноҳкарда сарашро бардошта дар байни мардум гашта натавонад. Зарофат (юмор) бошад ҳаҷвест, ки мақсади хандондани одамонро дорад.

Памфлет дар ҳолате навишта мешавад, ки муаллиф воқеа ва ё ҳодисаи номатлуб ба ҷомеаро дарк мекунад ва барои аз байн бурдан, нест кардани он мекӯшад. Мавзӯи памфлет чунин буданаш мумкин аст: бадахлоқӣ, иғвогарӣ, нашъамандӣ, ҷанг ва ғайраҳо.

Намунаи жанри памфлети телевизионӣ дар Шабакаи «ОРТ» барномаи В. Шендерович «Итого», В. Зорин «Лица и маски» ва В. Дунаев «Мисс Этикетка» шуда метавонанд, ки дар он мавзӯъҳои дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ таҳия шуда, ҳаводорони зиёди худро пайдо намудаанд.

Дар маҳкум кардан ва хандидан ба ҳоли шахсе набояд муаллиф аз таҳқир истифода барад. Истифодаи таҳқири шахсият дар тамоми жанрҳои журналистика мамнуъ аст.

Памфлет ба фелетон хеле монанд аст, аммо фарқ мекунад. Дар фелетон ҳарчанд маҳкумкунӣ дида шавад ҳам, вале муаллиф мақсади тарбия намудан дорад. Ин хусусияти хосси жанри фелетон дар памфлет дида намешавад. «Фарқияти он аз фелетон (фарқияти памфлет) дар он аст, ки дар фелетон фактҳои алоҳидаи як воқеаи мушаххас танқид (ҳаҷв) карда шаванд, вазифаи памфлет аз танқиди (ҳаҷви) системаи ақидаҳо иборат мебошад» [2].

Хулоса, дар жанри памфлет мақсад танҳо маҳкум кардан, хандидан ва хандонидан набуда, бо ин услуб андешаи ҳикматомези хешро гуфтан, муносибат ва ақидаи худро дар хусуси ягон воқеа, ҳодиса ва зуҳуроти манфие баён намудан аст. Истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, ташбеҳҳои зебо, ибораҳои рехта, имову ишора ва дигар услубҳои бадеӣ ҷузъи муҳимми жанри памфлет мебошад. Ҳарчанд, дар памфлет баёни духӯрагӣ дида шавад ҳам, вале мақсад муайян ва равшан аст. Дар памфлет унсурҳои публитсистӣ ва ҳам бадеӣ васеъ истифода мешаванд. Воқеаи памфлет ҳақиқӣ буда, ҳеҷ гоҳ сохта нест. Истифодаи «ман» ва ё «мо» - и муаллиф бофтаю фантазияи ӯ набуда, балки бозкунандаи шахсест, ки дар памфлет маҳкум мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К Усмонов. – Душанбе, 2009. – 121 с.
2. Кузнецов Г.В. Телевизионная журналистика / Г. В Кузнецов [и. др.]. – М.: МГУ, 2002. – 209 с.

ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЖАНРА ПАМФЛЕТА НА ТЕЛЕВИДЕНИИ

В данной статье рассматривается анализ жанра телепамфлета. Автор на основе научных трудов в области тележурналистики доказывает особенности этого жанра на телевидении.

Ключевые слова: памфлет, критика, сатира, юмор, автор, зритель, тема, факт, конкрет, разница.

THE DIFFERENCE GENRE PAMPHLET ON TV

This article covers the analysis of the genre body of the pamphlet. The author on the basis of scientific works in the field of TV journalism proves features of this genre on the TV.

Key word: the pamphlet, criticism, satire, humor, author, the viewer, theme, fact specific, the difference.

Сведения об авторе: ***Зулфиддин Муминджонов***-кандидат филологических наук доцент кафедры журналистики телевидения ТГИИ им. М.Турсунзаде, докторант кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ РТСУ, первый заместитель директора Государственного учреждения «Телевизиони пойтахт».Телефон**: (+992)935-05-14-63.** E-mail: **zulfiddin.m @ mail. ru**

МАНИПУЛЯЦИЯ, КАК МЕТОД ГРАЖДАНСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

З.Ф. Тулаганова

Российско-Таджикский (славянский) университет

Информационные войны в современном мире явление привычное. И чтобы одержать победу необходимо умело владеть словом, главным оружием журналиста.

Способность журналистов развязывать информационные войны прерогатива сегодняшней журналистики. И как порой начинаются они с одного слова, также легко и заканчиваются, все тем же словом.

Человек 21 века живет в условиях постоянного влияния и давления, оказываемого на него со стороны, да и сам он является субъектом влияния и давления. Силовое давление уже не актуально, а вот мозговой штурм или промывание мозгов, иными словами-манипулирование посредством информационного влияния все быстрее входит в обиход. Манипулирование становится хорошим фундаментом для формирования и управления общественным мнением. Проводником между данными субстанциями выступает гражданская журналистика.

Для всякого манипулирования характерна некоторая иллюзия, невидимый механизм, психологическое воздействие на сознание с целью формирования целенаправленных идеологических убеждений. Как считает Г. Шиллер, «успех манипуляции гарантирован, когда манипулируемый верит, что всё происходящее естественно и неизбежно» [1, 28]. Из этого следует, что для манипуляции требуется фальшивая действительность. Все приемы манипулирования строятся на отвлечении внимания объекта от основной цели. Ярким примером подобного рода манипуляции со стороны гражданской журналистики является ситуация на Украине. Множество откровенных, провокационных материалов в интернете и на телевидение, рассчитанные на вызов агрессии со стороны аудитории, вполне справляются со своей задачей. Доподлинно неизвестно какие сюжеты являются реальностью, а где объективы телекамер направлены на постановочные сцены.

Манипуляция это эффективное оружие в умелых руках. Гражданская журналистика в совокупности с правильным манипулированием хороший тандем для создания грамотной ложной журналистики.

Человеческий мозг создан так, что способен находится в двух состояниях либо подчиняться, либо властвовать. И на деле мы готовы чаще подчиняться. Подчинение рождает полную способность не принимать решений и не нести ответственности за свои деяния. Ежедневно мы становимся невольными свидетелями, порой и участниками подобных ситуаций. Добровольно, без, казалось бы, внешнего воздействия поглощаем любую информацию, которая поступают к нам из разных источников. И только человеку с собственной точкой зрения удается не быть пойманным в сети дезинформации информационного пространства. Умение четко разграничивать правду и вымысел приходит лишь тогда, когда становишься очевидцем одной из сторон.

Но, как известно, все ситуации поделены на «хорошо» и «плохо» значит и в системе манипулирования, подчеркиваю правильного, настроенного на благо манипулирования

есть положительная сторона. Давайте разберемся, настолько ли плохо когда тобой управляют, когда тебя направляют, если правильно интерпретировать. Ведь, как и в иных ситуациях поддаваться манипуляции или нет, есть дело добровольное.

Поразмыслив можно столкнуться с тем, что манипулирование это ровно то, о чем мы думаем, с чем согласны, но что боимся произнести вслух, так как нами одолевает страх сомнения. И о чем мы говорили выше не возможность и нежелание отвечать за свои действия, слова и прочее. Если ты с чем-то не согласен, то, как бы тебя не убеждали изменить мнение сложно.

Воздействие на общество словом началось еще с тех пор, как человек начал говорить. Сегодня «слово» это инструмент манипуляции, воздействия, влияния. Умение, верно, целенаправленно владеть словом может привести как к успеху, так и к фиаско. Гражданская журналистика выступает на первый взгляд рычагом давления на массы, тем манипулятивным аспектом в глазах общества, который может изменить взгляды и идеологию аудитории.

Определенный процент гражданской журналистики–это, безусловно, направленная манипуляция человеком. Но не стоит исключать ту достоверную информацию, которая идет в массы.

Рассмотри схему восприятия человеком информации если она поступает напрямую информация–респондент, то в большинстве случаев информация не полностью воспринимается. Если же идет поток информации к респонденту, но через источник, которому доверяет респондент то информация усваивается эффективнее.

Таким образом, гражданская журналистика выступает манипулятором-проводником между информацией и респондентом.

Слово, интернет, гражданская журналистика-это сегодня тот тандем, который является составляющей современной манипуляции человеческим сознанием.

Может показаться, что эпоха слепой веры в мифы давно ушла в прошлое, но ежедневная практика показывает, что это не так. Как пишет Э. Кассирер, «если современный человек больше не верит в натуральную магию, то он, без сомнения, исповедует некий сорт «магии социальной»[2, 17].

Сложно не согласиться с Кассирером, поскольку «магия социальная» как обозначил автор, куда более действенна. Новые журналистские мифы создаются по точному плану, в соответствии с личной и социальной психологией людей и целями манипуляторов. Большинство изданий умышленно создают мифы вокруг событий, лиц, ситуаций.

По мнению М. Лернера, у человека «возникает полная мешанина понятий и никакой взаимосвязи событий. Единственная система, в которую он способен подставить отдельные факты, - это система стереотипов, уже сложившихся у него в голове. Это система, ориентированная главным образом на соревнование и борьбу, где понятия добра и зла принимаются на веру» [3, 47].

Исходя из вышеизложенного, стоит отметить, что метод манипуляции в журналистике использовался всегда, еще со времен появления первых прототипов газет – листовок. На сегодняшний день, данный метод гражданской журналистики более эффективен, так как им не брезгует ни одно даже самое статусное издание, телекомпания. Все дело в том, что любая журналистика: будь она государственная или частная имеет заинтересованного инвестора, кто проплачивает каждое слово и соответственно говорят то, за, что было уплачено. На просторах интернета невозможно доверять и сюжетам, выложенным «мобирепортерами». Если внимательно смотреть за картинкой, то нетрудно догадаться что снимают люди, хорошо владевшие информацией, точный ракурс, точное время и место, все эти факты говорят, лишь об одном, профессиональная журналистика есть вымирающий вид.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Шиллер Г. Манипуляторы сознанием / Г. Шиллер. - М., 1980. – 53 с.
2. Кассирер Э. Техника современных политических мифов / Э. Кассирер // Вестник МГУ. - Сер. 7 (философия). - 1990. -№2.17с.
3. Лернер М. Развитие цивилизации в Америке / М. Лернер. - М., 1992. – 67 с.
4. Иногда их называют методом «Ограничительные меры»

МАНИПУЛЯЦИЯ, КАК МЕТОД ГРАЖДАНСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

Метод манипуляции в журналистике использовался всегда, еще со времен появления первых прототипов газет – листовок. На сегодняшний день, данный метод гражданской журналистики более эффективен, так как им не брезгует ни одно даже самое статусное издание, телекомпания. Все дело в том, что любая журналистика: будь она государственная или частная имеет заинтересованного инвестора, кто проплачивает каждое слово и соответственно говорят то, за, что было уплачено. На просторах интернета невозможно доверять и сюжетам, выложенным «мобирепортерами». Если внимательно смотреть за картинкой, то нетрудно догадаться что снимают люди, хорошо владевшие информацией, точный ракурс, точное время и место, все эти факты говорят, лишь об одном, профессиональная журналистика есть вымирающий вид.

Ключевые слова: журналистика, метод манипуляции, гражданская журналистика, телекомпания, информация, просторы интернета.

MANIPULATION AS A METHOD OF CITIZEN JOURNALISM

Manipulation technique in journalism has always been used, since the appearance of the first prototypes of Newspapers and pamphlets. To date, this method of citizen journalism is more efficient, because they do not shrink from anything, even the status of the publication, the broadcaster. The thing is that any journalism: whether it is public or private has an interested investor who pays every word and consequently say something for what was paid. On the Internet cannot be trusted and plots laid out "mobileportal". If you look carefully at the picture, you might guess that you rent, well owned the information, the exact angle, the exact time and place, all these facts say only one thing, professional journalism is an endangered species.

Key words: journalism, manipulation technique, civic journalism, television, information, Internet.

Сведения об авторе: ***З.Ф Тулаганова*** **-** аспирантка кафедры печатных СМИ и PR Российско-Таджикского (славянского) университета

ВАО-И ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯИ ИТТИЛООТ

Сӯҳроби Мирзоалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз соҳаҳои асосии ҳамгироӣ, ин глобализатсияи иттилоот мебошад, ки дар натиҷа фазои иттилоотии ягона тавассути технологияҳои коммуникатсионӣ пайдо ва ташаккул меёбад. Ҷараёни фаъоли паҳншавии ахбор ва мубодилаи иттилоот миёни минтақаҳои оламро, ки ба воситаи алоқаи моҳворавӣ, кабелӣ, системаи компютерӣ ва дастгоҳҳои мухобиротӣ амалӣ мегардад, глобализатсияи иттилоот меноманд [5]. Ташаккули системаи паҳншавии глобалии иттилоот тавассути ВАО, рушд ва инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет ба пайдоиши фазои иттилоотии нав мусоидат намуд, ки дар он ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон ба ҳам алоқамандии зич доранд. Иттилоот дар асри навин мавқеи асосиро пайдо намуда истодааст. Эҳтиёҷи одамон ба он хеле афзудааст ва пешрафту тараққиёти ҷомеаро бе огоҳ будан аз навигариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ тасаввур кардан душвор аст. Ҷаҳонишавӣ тақозо менамояд, ки аксари муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсӣ характери умумиҷаҳонӣ касб намоянд [8]. Имрӯзҳо глобализатсия дар ҷаҳон дар соҳаҳои тиҷорат, иқтисодиёт, сиёсат, иттилорасонӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми ҳаётӣ вусъат гирифтааст. Нақши радиоҳои байналхалқӣ, телевизионҳои моҳворавӣ, рӯзномаҳо ва Интернет, ки бемамонияти дар аксари кишварҳо паҳн мегарданд, дар ин ҳамоишҳо хеле бузург аст.

Иттилоот ба яке аз маҳсулоти асосии глобалии ВАО мубаддал гаштааст, ки дар ҷаҳон талабот ба он зиёда аст. Дар ибтидо иттилоотро агентиҳои иттилоотии байналхалқӣ мефурӯхтанд, баъдан радиоҳо, акнун дар баробари онҳо телевизионҳои глобалӣ ва ВАО-и ахбории онлайнӣ ба фурӯши ахбор машғуланд. Ба ВАО-и давлатҳои гуногун харидории иттилоот нисбат ба сарф кардани маблағ барои ҷамъоварӣ ва таҳияи иттилоот арзонтар аст. Мубодилаи васеи иттилоот дар ҷаҳон ба глобализатсияи иттилоот оварда расонд.

Ҷараёни паҳншавии ахбори байналхалқӣ давра ба давра ташаккул ёфтааст. Марҳилаи аввал аз миёнаҳои асри 19 оғоз ёфта, то нимаи аввали асри 20 давом мекунад ва агентиҳои иттилоотӣ нақши асосиро дар паҳн кардани иттилоот бозиданд.

Дар аксар маврид баъзе муҳаққиқон ҷаҳонишавиро ба маънои ғарбишавӣ ва ё америкоишавӣ мефаҳманд, ки пеш аз ҳама аз таъсири бештари ин кишвар ба дигар кишварҳо мебошад. Аз ҷумла, дар фазои иттилооти ҷаҳон ВАО-и ИМА мавқеи

муҳимро дорад. Дар ИМА оҷонсиҳои зиёди иттилоотӣ фаъолият мекунанд, ки саҳми онҳо дар ҷаҳонишавии ахбор хеле назаррас аст. Вале аз ҳамаи оҷонсиҳои иттилоотии ИМА се оҷонсии иттилоотии он - Ассошиэйтед пресс (Associated Press), Юнайтед пресс интернешнл (United Press International) ва «Блумберг» (Bloomberg) аз тамоми олам иттилоъ ҷамъ карда, боз ба тамоми дунё ахбор пахш мекунанд ва аз ин рӯ мақоми ҷаҳонӣ доранд.

Радиоҳои байналхалқӣ марҳилаи дуюми паҳншавии ахбори байналхалқӣ мебошанд, ки аз миёнаҳои асри 20 оғоз шудааст. Радиоҳои байналхалқӣ пас аз оҷонсиҳои иттилоотӣ дуюмин ВАО мебошанд, ки дар ҷараёни ҷаҳонишавии ахбор нақши худро гузоштаанд. Радиои ВВС яке аз нахустин радиоҳои байналхалқии дар ин самт муваффақ аст.

Дар охирҳои асри 20 телевизионҳои моҳворавӣ рушд намуданд ва ба фазои иттилоотии ҷаҳон шабакаҳои телевизионии ахборӣ роҳ ёфтанд ва ин марҳилаи наве дар ҷаҳонишавии ахбор буд. Яке аз нахустин шабакаҳои телевизионии байналхалқӣ телевизиони CNN мебошад. Соли 1980 шабакаи ахбори кабелии CNN – Cable News Network аз ҷониби Тед Тернер дар Атланта ба пахши барномаҳо шурӯъ кард. Ширкати ВВС танҳо соли 1991 ба пахши барномаҳои телевизиони байналхалқиаш шуруъ кард ва он ба замони ҷанги Ироқ ва ИМА рост омад. Шабакаи телевизионии «Euro News», ки 1 январи соли 1993 дар шаҳри Лион ба фаъолият пардохт, низ аз ҷумлаи телевизионҳои байналхалқӣ буда, дар миёни тамошобинон маҳбубияти хосса дорад. То замони ба бозори ҷаҳонии иттилоотӣ ворид шудани шабакаи «Алҷазира», кишварҳои ғарбӣ аксаран дар фазои иттилоотӣ аз кишварҳои арабӣ бартарӣ доштанд ва як навъ нобаробарии иттилоотӣ на танҳо дар ин манотиқ, балки дар тамоми олам вуҷуд дошт. Шабакаи «Алҷазира» соли 1996 аз ҷониби амири давлати Қатар Шайх Ҳамад бини Халифа Ал-Санӣ таъсис ёфта, дар миёни насли навини шабакаҳои моҳвораии минтаҚа бо фаъолияти чашмрас сабқатро аз дасти дигар шабакаҳои пешрафтаи ҷаҳони Араб гӯё рабудааст.

Нашрияҳои байналхалқии International Herald Tribune, Wall Street Journal, Economist, Newsweek, Time ва ғайра дар тамоми ҷаҳон васеъ паҳн мешаванд, ки ин марҳилаи дигаре дар ҷаҳонишавии ахбор аст.

Имрӯз ҷаҳонишавии ахбор марҳилаи навини онлайниро тай карда истодааст ва тавассути Интернет истифодабаранда ахбори нашрияҳо, телевизионҳо, радиоҳо ва агентиҳои иттилоотиро дастрас карда метавонад. Дар марҳилаи панҷуми ҷаҳонишавӣ ВАО на танҳо шакли иттилорасонӣ ба аудиторияи худро дигар кард, балки ташаккул ёфт ва равандҳои наверо аз сар гирифт.

Равандҳои муосири ҷаҳонишавии ВАО пеш аз ҳама ба Интернет сахт иртибот доранд, зеро фаъолияти онҳо беш аз пеш ба он алоҚаманд аст. Ба андешаи мо равандҳои муосири ташаккули ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ, ин пайдоиши журналистикаи онлайнӣ, мултимедиавӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ, ВАО-и транснатсионалӣ (фаромиллӣ) ва блогнависӣ аст.

Имрӯз бо рушди техникаву технологияи рақамӣ, шабакаи байналмилалии Интернет иттиллоъро ҳамон лаҳза метавон ба тамоми олам паҳн кард. Муҳаққиқ Усмонов И. Интернетро « сареъТарин навъи журналистика» [7] номидааст. Воқеан ҳам Интернет ВАО-и фаврӣ аст. Зеро, маводи Интернет фавран ба аудитория рафта мерасад ва ҳар лаҳза нав ба нав ахбори тоза вориди он мегардад.

Бо истифода аз имкониятҳои Интернет сомонаҳои интернетии ВАО ба вуҷуд омаданд. Ҳамин аст, ки ҳамаи ВАО мехоҳанд дар Интернет мавқеъ дошта бошанд ва иттилоъро зудтар ба омма пешниҳод намоянд. Дар замони онлайнии журналистика на танҳо ВАО, балки жанрҳои журналистӣ низ ба он мутобиқ шуданд ва ташаккул ёфтанд. Масалан, бо истифода аз имкониятҳои Интернет навъҳои дигари мусоҳиба ба монандӣ онлайн- конфронс, онлайн- мусоҳиба ва онлайн - пурсиш дар ВАО-и онлайнӣ пайдо шуданд.

Технологияи хозира ба журналистика шароити хеле васеъро фароҳам овардааст. Бахусус, Интернет ҳамчун сарчашмаи иттилоот ва ё маълумот ба журналистон хизмат мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқон А.А. Калмыкова ва Л.А.Коханова «Интернет ин на танҳо ҷустуҷӯйи маълумот аст, балки воситаи мухобирот аст. Аз рӯйи маълумоти журналистони хориҷӣ бештари журналистон мусоҳибаро дар интернет мегузаронанд ва ҳар кадомашон дар пресс-конфронсҳои интерактивӣ иштирок мекунанд» [2].

Ғайр аз ин, Интернет воситаи пурсамари иртибот аст, ки аз рӯйи як қатор ҷиҳатҳояш аз телефон, факс ва дигар воситаҳои алоқаи анъанавӣ афзалият дорад. Муҳаққиқ Ҷовид Муқим вобаста ба ин хусусияти интернет чунин андеша дорад: «Аз пайдоиши Интернет дар соли 1969 (дар ИМА) чандон муддати тӯлонӣ нагузашта бошад ҳам, он имрӯз ба яке аз воситаҳои асосии иртиботии ҷомеа табдил ёфтааст. Яке аз муваффақиятҳои Интернет ин дастрасии муштариён ба иттилои гуногун мебошад. Интернет дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки ба индустрияи табъу нашр таъсири амиқ гузошта, боиси пайдоиши қаринаҳои электронии матбуот гардад» [4].

Бо таъсири Интернет шабакаи нави журналистон ташаккул ёфта истодааст, яъне он-лайн журналистон. Онҳо журналистоне мебошанд, ки тавассути реҷаи он-лайн барои ВАО мавод омода месозанд.

Раванди дигари ҷаҳонишавии ВАО имрӯз пайдоиши журналистикаи чандрасонаӣ аст. Интернет ба ВАО имконияти чандрасонавӣ, яъне мултимедиавӣ шуданро дод. Радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ ва ҳатто нашрияҳо низ барои афзудани аудиторияи худ ва чандрасонавӣ гаштан талош намуда, сомонаи интернетии худро таъсис доданд. ВАО-и чандрасонавӣ ва ё мултимедиавӣ (multimedia) ҳамаи имкониятҳои ВАО-ро дар худ дорад. Аз матбуот матн ва тасвир, аз радио овоз ва аз телевизион навор дар ВАО-и чандрасонавӣ ҷойгир мешавад. Ба таври дигар бигӯем, аз тариқи ВАО-и мултимедиавӣ истифодабарандаи Интернет ҳам матнро мехонад, ҳам садоро мешунавад ва ҳам сурат ва наворро тамошо мекунад, яъне Интернет имкониятҳои матбуот, радио ва телевизионро муштарак намудааст.

ВАО дар баробари пахши барномаҳояш тавассути радио, телевизион ва Интернет боз барои зиёдтар гаштани аудиторияи худ аз хадамоти гуногуни интернетӣ, ба мисли RRS, Подкаст, почтаи электронӣ, телефони мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук ва Твитер фаъолона истифода мебарад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз равандҳои нави ташаккули журналистика, ин пайдоиши журналистикаи шаҳрвандӣ мебошад. Бисёр касон ба он назаранд, ки журналистикаи шаҳрвандӣ бо пайдоиши интернет алоқаманд аст, вале дар асл чунин нест. Бинобар маълумоти Википедиа ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта дар Фаронса ва баъдтар дар дигар кишварҳои аврупоӣ маҷаллаҳои худсохт пайдо шуданд, ки аз чандин маҷаллаҳо бурида, ҷамъоварӣ мешуданд ва барои доираҳои худӣ пешниҳод мегаштанд [9]. Аммо, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ журналистикаи шаҳрвандӣ мавҷуд буд, зеро коргарону деҳқонон барои матбуот хабару гузоришҳои худро мефиристоданд. Аслан онҳо дастпарварони Университети мухбирону коргару деҳқон буданд, ки барои беҳтар гаштани робитаи ҷомеа бо матбуот ба онҳо тарзи тайёр кардани матн барои матбуотро омӯхта буданд.

Дар журналистикаи ИМА мафҳуми "civic journalism" ва "citizen journalism" роиҷ аст, ки ҳарду маъноии журналистикаи шаҳрвандиро медиҳанд. Ба ибораи дигар бигӯем, ба фаъолияти журналистӣ машғул шудани шаҳрвандон журналистикаи шаҳрвандӣ мебошад, ки онҳо ҳарчанд мутахассиси ин соҳа набошанд ҳам, ба офариниши асарҳои журналистӣ ҳаваскорона машғул мегарданд. Журналистикаи шаҳрвандӣ бо рушди интернет васеъ паҳн шуд, яъне интернет асосгузори он набуда, балки боиси оммавӣ гаштани он шудааст. Шахсоне, ки ба журналистикаи шаҳрвандӣ машғуланд, бо дастгоҳҳои наворбардорӣ, аккосӣ, Айпад, планшет ва телефонҳои мобилӣ лаҳзаҳоеро сабт карда, онро дар сомонаҳои интернетӣ, блогҳои шахсӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ мегузоранд. Бархе аз онҳо блогҳои шахсии худро доранд, андешаҳои худро роҷеъ ба ягон мавзӯъ ва масъала қайд менамоянд. Баъзан навор ва аксҳои журналистони шаҳрвандиро ВАО-и анъанавӣ низ истифода мебаранд, зеро баъзан чунин афрод шоҳиди ягон воқеа шудааанду навор, акс ва матни худро дар бораи он воқеа дар интернет ҷой додаанд.

ВАО-и транснатсионалӣ ё фаромиллӣ он ВАО-е мебошад, ки берун аз ҳудуди кишвари худ низ нашр ва паҳн мегардад. Дар миқёси ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ нашрияҳои «Комсомолская правда» ва «Аргументы и факты» мисоли ин гуна ВАО шуда метавонанд, зеро берун аз ҳудуди Русия ҳам нашр ва паҳн мегарданд. Дар байни мамлакатҳои арабӣ бошад, нашрияи «аш-Шарқ ул-авсат», ки дар Лондон ва 12 давлати арабию аврупоӣ нашр ва ба бисёр кишварҳо паҳн мегардад мисол шуда метавонад.

Глобализатсияи иттилоот шароити нобаробарро барои ширкаткунандагони бозори иттилоотии ҷаҳонӣ пешкаш менамояд. Ба ақидаи муҳаққиқ Дана Медеуова

«глобализатсия нобаробарии ҷаҳониро пурзӯр мекунад ва давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодию техникӣ заифро ба давлатҳое, ки дорои навтарин техникаи иттилоотӣ мебошанд, тобеъ мекунонад» [3]. Вале Гулмаҳмад Зокиров, сиёсатшиноси тоҷик бар он ақида аст, ки «он имконият медиҳад, ки маҳдудиятҳо ва зиддиятҳои гузаришӣ дар иттилоот аз байн бардошта шаванд…» [1]. Ҳарду андеша дар шароити рӯз ҷавобгӯйи талабот аст. Чун иттилооти дохилии мо пурра дастраси омма нест ва аудиторияи ВАО-и Тоҷикистон рӯ ба ВАО- и хориҷӣ меоварад ва ин ба назари мо ногузир аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи амнияти фазои иттилоотии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро таъсири ВАО-и байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ зиёд гашта истодааст. Чунин вазъият, бешубҳа, рақобати пурзӯрро дар байни расонаҳои хабарӣ баҳри ба даст овардани фазои иттилоотӣ ба миён овардааст. ВАО-и Тоҷикистон ва мутахассисони онро зарур аст, ки худро ба шароити нав мутобиқ намоянд. Бояд дар таҳаввулоти муосири илмиву техникӣ, бахусус дар татбиқи амалии технологияи нави иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолона ширкат варзид.

Глобализатсияи ахбор дар Тоҷикистонро метавон шартан ба се марҳила тақсим намуд. Аввалин марҳила ин роҳёбии ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон аст. Мавҷи ҷаҳонишавии ахбор ба Тоҷикистон пас аз истиқлолият вусъат гирифт, ки ин дар натиҷаи мавқеъ пайдо намудани ВАО-и кишварҳои хориҷӣ дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омад. Дар ин миён радиоҳои хориҷии форсизабон ва тоҷикӣ хеле фаъол гаштанд. Истифодаи маводи ВАО-и хориҷиву байналхалқӣ дар ВАО-и Тоҷикистонро марҳилаи дуюми воридшавии ҷумҳурӣ ба ҷаҳонишавии ахбор номидан мумкин аст, ки бо истифода аз имкониятҳои телевизионҳои моҳворавӣ ва дигар ВАО аз ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар ВАО-и Тоҷикистон васеъ истифода менамуданд. Омода ва паҳн намудани ахбор дар бораи рӯйдодҳои ҷумҳурӣ ва муаррифии Тоҷикистон тавассути ВАО-и ватанӣ ва байналхалқӣ, марҳилаи сеюми воридшавии Тоҷикистон ба ҷаҳонишавии ахбор аст. Ин замоне имконпазир гардид, ки ВАО-и Тоҷикистон дар шабакаи ҷаҳонии Интернет саҳифаҳои худро боз намуданд, шабакаҳои телевизионии давлатӣ ба моҳвора пайваст шуданд ва ВАО-и нав дар ҷумҳурӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Фарқи марҳилаи сеюм аз дигар марҳилаҳо дар он аст, ки акнун Тоҷикистон на ҳамчун як истеъмолгар дар бозори иттилоотии ҷаҳон фаъолият менамояд, балки акнун ҳамчун яке аз паҳнкунандагони ахбор ба фазои иттилоотии ҷаҳон ворид шудааст. Ба фаъолият оғоз намудани радиои «Овози тоҷик» бо 8 забон, телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо», муариифии Тоҷикистон дар телевизиони «Евронюс» ва маҷаллаҳои байналхалқӣ мисоли гуфтаҳои болоянд.

ВАО-и Тоҷикистон дар инъикоси рӯйдодҳои ҷумҳурӣ саҳм гузошта истода бошанд ҳам, вале дар инъикоси авзои ҷаҳон ҳанӯз побанди маводи ВАО-и хориҷӣ ҳастанд. Ин раванд ҳам дар матбуот, радио ва телевизионҳою сомонаҳои интернетии тоҷикӣ зиёдаст ва ин боиси он мегардад, ки як воқеаро ВАО-и мо аз чанд мавқеъ баён менамоянд. Барои таҳияи ахбори байналхалқӣ мо имконияти фиристодани хабарнигорони худиро надорем, вале дар муқоиса ба чанд манбаи хабарӣ метавонем воқеиятро муайян намуда, ҳақиқатро ба аудитория расонем.

Дар масъалаи инъикоси воқеоти ҷумҳурӣ дар сатҳи байналхалқӣ ва истодагарӣ ба муқобили таҳоҷуми иттилоотии кишварҳои алоҳида дар шароити ҷаҳонишавӣ, интернет воситаи хеле қулай ва арзон ба ҳисоб меравад, ки аз шаҳрванди оддӣ сар карда то мутахассис метавонанд, дар он сомонаи худро боз намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки оҷонсиҳои бузурги иттилоотӣ низ дар раванди ҷаҳонишавии иттилоот фаъолона иштирок доранд ва ахборро аз тамоми ҷаҳон ҷамъоварӣ намуда, ба ВАО ирсол менамоянд ва ба ҷараёни ҳамоиши иттилоотӣ вусъат мебахшанд. Қаблан муҳаққиқон вазифаи агентиҳои ахбориро дар ҷамъоварӣ ва паҳн намудани ахбори оммавӣ ба дохили давлат ва миёни давлатҳо медиданд. Аммо, имрӯзҳо аксари агентиҳои иттилоотӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияи компютерӣ саҳифаҳои интернетиашонро таъсис доданд ва метавонанд ахборро бевосита ба аудитория расонанд.

Дар миёни 11 агентии иттилоотии Тоҷикистон, аз ҳама бештар агентиҳои иттилоотии АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс», «Озодагон», «Тоҷнюс» ва «Авасто» фаъол буда, дар ҷараёни воридшавии ахбори Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳон саҳмгузор ҳастанд. Аз ин агентиҳои иттилоотӣ АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар интернет саҳифа доранд ва дигар агентиҳо

танҳо бо забони русӣ ва тоҷикӣ саҳифа кушодаанд. Дар баробари пурқувват намудани бахши ахбори англисии сомонаҳои интернетӣ ба ВАО –и Тоҷикистон зарур аст, ки мавқеи ҷойгиршавии ҷумҳурӣ ва вазъи демографии кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистонро ба назар гирифта, фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аз ҷумла ба забонҳои чинӣ, туркӣ, ҳиндӣ, урду, дарӣ, форсӣ, уйғурӣ, узбекӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ба роҳ мондани сомонаҳо ба манфиати ҷумҳурӣ аст. Аз ҷониби дигар иттилоот ба забони англисӣ дар Интернет дар мавриди Тоҷикистон зиёд карда шавад.

Баъзе кишварҳо воридшавӣ ба сомонаҳои интернетии ба онҳо номақбулро манъ менамоянд ва барои он ки сомонаҳои тоҷикӣ ба чунин рӯйхати сиёҳ наафтанд, лозим аст, ки сомонаҳои интернетии худро бе домени tj дар дигар доменҳо ба қайд гузорем. Бо ин роҳ ҳам аз бастани сомонаи тоҷикӣ дар интернети чунин кишварҳо раҳо мешавем ва ҳам як сарчашмаи алтернативии ахбор дар бораи Тоҷикистон муаррифӣ мегардем.

Бархе аз ВАО-и Тоҷикистон аз равандҳои муосири ҷаҳонишавии ВАО қафо намонда, сомонаҳои интернетӣ, сомонаҳои мултимедиавии худро таъсис додаанд, журналистикаи шаҳрвандӣ низ пайдо шудааст ва ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ВАО-и Тоҷикистон низ аз равандҳои муосири глобализатсияи ВАО қафо намондаанд, балки ба қадри имкон кӯшиш доранд ҳамқадами замон бошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. - Душанбе: Матбуот, 2003. - С. 581.
2. Калмыкова А.А. Интернетжурналистика / А.А. Калмыкова, Л.А Коханова. – М., 2006. - С. 263.
3. Медеуова Д. СМИ в условиях глобализации / Д. Медеуова. - Алматы: ИД «Жибек жолы», 2003. - С. 136.
4. Муқим Ҷ. Таъсири буҳрони молиявӣ ба рушди матбуоти электронӣ дар ИМА / Ҷ Муқим // [Захираи электронӣ]. www.jovidmuqimwordpress.com
5. Орлова В.В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке / В.В. Орлова. – М.: РИП-Холдинг, 2003. – С. 29
6. Усмонов И. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / И Усмонов, Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2011.
7. Усмонов И. Журналистика / И Усмонов. - Душанбе, 2008. - Қ.3. - С.374.
8. Якубов Дж. К. Глобализация и проблемы информационной безопасности / Дж К. Якубов. [Электроный ресурс]. http://tsulbp journal.narod.ru/jurnal/matn_2/yakubov_ch_k.html
9. [Электроный ресурс]. http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D

СМИ ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИИ

Автор статьи исследует проблему глобализации информации и рассматривает её как одну из важнейших и требующих научного анализа. Также автор дает научное определение глобализации информации, этапам её развития в мире и в Таджикистане, а также ее последствиям в информационном пространстве Республики Таджикистан. На основе научного анализа и мнения учёных автор предлагает пути развития СМИ Таджикистана в эпоху глобализации информации.

Ключевые слова: СМИ Таджикистана, информационное пространство Республики Таджикистан, проблема глобализации информации, пути развития СМИ Таджикистана.

TAJIK MASS MEDIA UNDER GLOBALIZATION OF INFORMATION

The author explores the problems of globalization of information and considers it as one of the most important and demanding scientific analysis. S. Mirzoali primarily gives a scientific definition of the globalization of information, the stages of its development in the world and in Tajikistan, as well as its implications in the information space of the Republic of Tajikistan. On scientific basis analysis and opinions of scientists the author suggests the ways of development of mass media in Tajikistan in the era of globalization of information.

Key words: mass media of Tajikistan, the information space of the Republic of Tajikistan, the problem of globalization of information, the development of mass media of Tajikistan.

Сведения об авторе: С. *Мирзоали* – дотцент кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. E-mail: **suhrobjsm@mail.ru.** Телефон**: (+992) 918-87-34-84**

МАВҚЕИ ЖАНРҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР НАШРИЯҲОИ ҲИЗБӢ
(дар мисоли жанри хабар)

Барно Бобоева
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Журналистикаи замони истиқлол дар раванди ҷаҳонишавӣ аз чанд дидгоҳ ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардид. Ин дигаргунӣ ба инкишофи жанрҳои журналистӣ низ муассир ба назар меояд. Мафҳуми жанр дар таърифҳои олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди М. Черепахов, В Учёнова, Ю. Д. Бараневич, В.Д.Пельт, М. Н. Ким, В. Смирнов, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, М. Муродӣ, Ҷ. Муким, С. Гулов бо тарзу ифодаҳои гуногун баён гардидааст. Аз ин рӯ, овардани он мулоҳизотро дар ин маврид лозим намедонем. Танҳо ҳамин нукта кифоя аст, ки жанри хабар дар матбуоти тоҷик мавқеи хеле назаррас дорад. Ҷойгоҳи жанри хабарро бо ҳамин назардошт метавон дар матбуоти аҳзоби сиёсӣ ба мушоҳида гирифт.

Жанри хабар яке аз жанрҳои маъмули журналистика буда, беш аз дигар анвои журналистӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар мавриди хусусияти жанрии хабар муҳаққиқон мулоҳизоти гуногун доранд. Ба андешаи муҳаққиқ И. Усмонов “Хабар воқеаеро, ки аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Хабар бояд ба саволҳои чӣ рӯй дод, кай, дар куҷо, ба кадом сабаб, дар кадом шароит ба амал омад ва чӣ натиҷа дод, посух гӯяд” [4, 3-14].

Муъталиднажод жанри хабарро ба ин тариқ таъриф мекунад: “Хабар эълом ва баёни воқеаи ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ, нақл , ақоид ва афкори умум аст ” [2, 18].

Олими амрикоӣ В. Ҷ. Блоев хабарро “ дар мавзӯи ҷории рӯз ба сабаби ҷолиб будан ва мавриди таваҷҷуӣ қарор гирифтани он аз тарафи хонандагон” медонад. Аз ҳамин ҷиҳат, метавон таъкид кард, ки рӯйдод ва воқеаи тоза ва арзишманд барои хонанда метавонад ба талаботи жанри хабар посух гӯяд. Ҳамон гуна рӯйдод хабар мебошад, ки аҳамият ва эътиборе дорад.

Мавриди таҳлил қарор додани жанри хабар дар нашрияҳои ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат муфид буда, барои муайян намудани мавқеи иттилоърасонии матбуоти ҳизбҳо аҳамияти махсус дорад. Дар ин мақола мо тасмим гирифтем мавқеи жанри хабарро дар нашрияҳои ҳизбӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳем.

Равшан аст, ки дар аксари нашрияҳои ҳизбӣ истифодаи жанри хабар бештар ба чашм расид, ки дар мисоли чанде аз рӯзномаҳои ҳизбӣ метавон ин матлабро таъкид кард.

Жанри хабар дар матбуоти аҳзоби сиёсӣ ҷойгоҳи вижа дошта, аксари иттилооти мавҷуда ба тариқи ин жанр пешниҳоди омма мегардад. Агар ба таври алоҳида хабарро дар рӯзномаҳои ҳизбӣ ба мушоҳида гирем, дар мавриди ҳар як аз нашрияҳо метавон изҳори назар кард.

Дар рӯзномаи “Минбари халқ”, ки нашрияи ҲХДТ мебошад жанри хабар бештар истифода гардидааст. Чунон ки ба мушоҳида гирифтем аз оғози таъсиси ин рӯзнома (аз 7.09.1996) то соли 2012 дар ҳар як шумора аз 8 то 12 хабар ба нашр расида, ки зиёда аз 9500 хабарро ташкил дод, ки ин санад далели истифодаи назарраси жанри мазкур дар нашрияи мавриди назар аст. Агар ҷойи хабарро дар рӯзномаи мазкур муайян намоем метавон изҳор дошт, ки хабар дар ин рӯзнома ҷойи муайян надорад, яъне гоҳо мешавад, ки дар ҳар саҳифаи рӯзнома метавон хабарро ба мушоҳида гирифт. Барои тасдиқи ин андеша шумораи №103(264) 11.12.2004 далели ин гуфтаҳост. Дар шумораи мазкур хабар дар ҳамаи саҳифаҳо (саҳифаи якум се хабар, саҳифаи дуюм ду хабар, саҳифаи сеюм се хабар, саҳифаи чорум шаш хабар) ба назар расид. Ин гуна корбурди хабар дар шумораҳои пешинаи “Минбари халқ” ба назар расад ҳам, дар шумораи баъдина, ки шаклу макети он дигар шуда, корбасти хабар ва ҷойи он низ дар рӯзнома тағйир ёфтааст. Масалан дар шумораи № 40 (863) 4.10. 2012 дар саҳифаи аввали ин шумора хабар ба мушоҳида намерасад. Зеро нашрияи мазкур аз назари шаклӣ ва сохторӣ дигар шуда саҳифаҳояш бештар гардидаанд, ки дар саҳифаи аввал номи матолиби асосӣ ба нашр расидаасту бас. Дар шумораи мазкур хабар дар саҳифаҳои баъдина [3, 4, 5,] ҷойгир шудааст. Агар хабарро аз назари навъҳояш дар рӯзномаи мазкур ба мушоҳида гирем, маълум мешавад, ки хабар бо анвои мухталифаш корбаст гардидааст. Дар нашрияи мавриди

назар хабари кӯтоҳ, хабари васеъ, хабари хурд ба чашм мерасад. Аммо, хабари кӯтоҳ назар ба дигар навъҳои хабар бештар истифода гардида, навъҳои васеъ ва хурд камтар ба назар мерасанд.

Мавзӯъ ва мухтавои хабарҳои нашрияи марвиди назар бештар аз рӯйдодҳои сиёсии ҳукумати кишвар буда, гоҳ-гоҳ хабарҳое, аз ҳодисоту воқеоти хоричӣ низ ба назар мерасанд. Як хусусияти фарқкунандаи хабарҳои ин нашрия аз назари мазмун ва мундарича нисбат ба дигар нашрияҳои ҳизбӣ дар он аст, ки дар рӯзномаи мазкур бештар хабарҳое ба нашр мерасанд, ки хусусияти тавсифӣ доранд. Яъне, дар қолаби жанри хабар, иттилооте пешкаш мегарданд, ки аксаран пешрафтҳои сиёсиву иқтисодӣ ва корномаҳои мухталифи аҳли сиёсатро дар бар гирифтаанд. Масалан шумораҳои №13. 28.03.2013, №40. 4.11.2012, №107.22. 12. 2004, ва ғ. фарогири чунин хабарҳоянд.

Агар ба сабку услуб ва тарзи нигориши хабарҳои рӯзномаи мазкур мутаваҷҷеҳ шавем, метавон гуфт, ки аксари хабарҳо бо вуҷуди он ки ҷавобгӯ ба меъёри қонуниятҳои забони тоҷикӣ ҳастанд, аммо баъзе норасоиҳо ва ноҳамвориҳои забонӣ аз ҷониби муаллифон сар зада, ки ба таҷдид ва бознигарӣ ниёз доранд.

Дар нашрияи ҲНИТ “Наҷот” низ хабар ҷойгоҳи назаррас дорад. Чунон ки мушоҳида гардид, аз назари теъдод истифодаи хабар дар нашрияи “Наҷот” нисбат ба нашрияи “Минбари халқ” зиёд мебошад. Масалан дар нашрияи “Минбари халқ” дар як шумора ба ҳисоби миёни 6-8 хабар истифода гардад, дар нашрияи “Наҷот” дар як шумора 10-15 хабар корбаст гардидааст. Ин далели он аст, ки рӯзномаи мазкур дар истифодаи хабар пешсаф аст. Агар хабарҳои нашрияи “Наҷот”-ро аз назари мазмун ва мӯҳтаво мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон таъкид кард, ки хабарҳои ин рӯзнома бештар фарогири масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳастанд. Масалан дар як шумораи № 5 (35) 29 декабри соли 2005 бо ин номҳо хабарҳо нашр гардидаанд: “IMF (сандуқи байналмилалии пул) қарзи Тохикистонро бахшид”, “Тавсияи сафорат ба шаҳрвандони Амрико”, “Кӯмаки СММ ба хонаводаҳои ниёзманди Панҷакент”, “Нерӯҳо муттаҳид мешаванд”, “Шикояти кассатсионии Искандаров баъд аз соли нав дида мешавад”, “Мулоқоти ҳайати парлумони Тоҷикистон бо мақомоти олирутбаи Эрон”, “Кашфи бемории хатарнок дар Хоруғ”, “ҲСДТ дар Интернет”, “Аз сӯхтор эҳтиёт бошед”, “Садама дар роҳи Бадахшон”. Аз унвони ин хабарҳо маълум мешавад, ки мавзӯот ва масоили мухталифи соҳаҳои гуногун дар қолаби жанри хабар дар истифодаи ин нашрия мебошад. Бояд дар назар дошт, ки сабку услуб ва тарзи баррасии масоили мухталиф дар ин хабарҳо ҷавобгӯ ба меъёрҳои жанрии хабар мебошанд. Дар шумораи дигари ин нашрия дар як саҳифа 12 хабар ба нашр расидааст. Илова бар ин, дар саҳфаҳои дигар низ хабарҳоро дидан мумкин аст. Дар ин шумора мухтавои хабарҳо бештар иттилооти хоричиро дар бар гирифтаанд. Чунончи : “Коммунистон дар Молдава пирӯз шуданд”, Кравченко қотили журналист?”, “Дар Туркия занон калтак хӯрданд”, “Бозори бензин дар Петербург шаффоф мегардад”, “Нирӯҳои Сурия аз Лубнон хоричӣ мешаванд”, “Ҳамла ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар Маскав”, “Гирдиҳамойӣ дар Қирғизистон”, “Бездошти шаҳрвандони ӯзбек дар Боку”, “Амрико тарҳи Эрон мекашад”, “Журналист озод вале муҳофизи ӯ ба қатл расид”, “Тазоҳурот алайҳи кӯдакдуздӣ дар Афғонистон”, “Дар Ироқ сарбозони амрикоӣ кушта мешаванд”. Хабарҳои мазкур танҳо дар як саҳифаи нашрияи мавриди назар омадааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки истифодаи жанри хабар дар нашрияи мазкур ба таври васеъ сурат гирифтааст. Аммо, ҳарчанд аз ҷиҳати теъдод хабарҳои ин нашрия нисбат ба дигар нашрияҳо афзун бошад ҳам, дар сифат ва тарзи пешниҳоди ин жанр баъзе норасоиҳо ба назар расидаанд. Чунончи яке аз талаботҳои жанри хабар ин доштани лид мебошад ва лид ҳамеша хабарро барои хонанда ҷолиб мегардонад. Дар хабарҳои нашрияи мазкур аксаран хабарҳо бидуни лид ҳастанд, ки ин гуна ба нашр расидани хабарҳо барои хонанда шавқангез намебошанд. Афзун бар ин, гоҳе носуфтагӣ ва камбудии сохтории хабар низ ба назар расид, ки аз қалам ва маҳорати муаллифон вабастагӣ дорад. Далели ин гуфтаҳоро метавон ба мисол зикр намуд. Яке аз навоқиси хабарҳои ин нашрия бидуни лид ба нашр расидани онҳо мебошад. Зеро, дар шумораи № 41 (342) 13. 10. 2005. –и “Наҷот” ҳарчанд 12 хабар ба нашр расида бошад ҳам, кулли ин хабарҳо бидуни лид ҳастанд.

Дар нашрияи “Адолат” низ жанри хабар истифода мешавад. Аммо, хабар дар нашрияи мазкур нисбат ба нашрияҳои “Минбари халқ” ва “Наҷот” мавқеи аввалиндараҷа надорад. Аз шумораҳои дастраси нашрияи мазкур маълум гардид, ки

дар ҳар як шумора ду ё се хабар ба нашр расида, ки ин теъдод нисбат ба хабарҳои нашрияҳои дар боло зикр гардида хеле кам мебошад. Дар ин нашрия назар ба хабар жанрҳои дигари иттилоотии журналистика ба монанди мусоҳиба, гузориш, мухбирнома, бештар ба назар расиданд. Аз назари мазмун ва мандариҷа бошад, хабарҳои дар нашрияи мазкур ба нашррасида бештар хусусияти сиёсӣ дошта, дар ҳар яки он як оҳанги норизоӣ аз сиёсати ҳукумат ва ё ягон ҳизби дигар ба чашм мерасад. Чунончи дар шумораи № 16. (28). 92 –и ин нашрия бо ин унвон “Вой бар ҳоли ҳукумат” хабар ба нашр расонида шудааст, ки матолиби он аз назари як нафар сайёри рус баён гардидааст. Шаҳрванди Русия баъди дидан аз майдони шаҳидон ба сандуқи хайриявӣ 200 ҳазор сӯм бахшидааст ва ба таассуф иброз доштааст, ки “вой бар ҳоли ҳукумате, ки ба чунин мардумони худ забон наёбад” ҳарчанд асоси хабар ҳамин тасмими шаҳрванди рус бошад ҳам, аз ҷониби идораи рӯзнома таъкид шудааст, ки “Рафиқи руси мо чӣ медонад, ки ҳокимони моро аз мардум дида мансаб азизтар аст”. Агар аз назари талаботи жанри хабар ба ин навишта назар афканем, хабари мазкур ба қонунияти жанри хабар ҷавобгӯ нест. Зеро, рисолати хабар танҳо маълумоте воқеӣ аст, ки ба мардум пешниҳод карда мешавад. Дар ин навишта бошад иловаи ғаразмандонаи нашрия изофа гардидааст, ки ба жанри хабар мутааллиқ нест.

Жанри хабар дар нашрияи ҲКТ «Нидои ранҷбар», низ ба таври фаровон истифода гардидааст. Аз назари мазмун ва мундариҷаи хабарҳои нашрияи мазкур метавон афзуд, ки дар нашрияи мавриди зикр хабарҳо фарогири матолиби сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, бештар аз иттилооти хориҷӣ гирдоварӣ шудаанд.

Дар нашрияҳои «Сафинаи умед», «Иттиҳод», «Сотсиал-демократ», «Иқтисодиёт ва ҳаёт», «Меҳргон» низ, хабар чун дигар жанрҳои журналистика истифодаи бештар доранд. Ба назар расид, ки дар нашрияҳои “Иқтисодиёт ва ҳаёт” ва “Меҳргон” бештар хабарҳое дарҷ гардидаанд, ки фарогири иттилооти марбут ба соҳаи иқтисодиёт ҳастанд. Агар аз назари анвои хабар дар рӯзномаҳои мазкур мутаваҷҷеҳ шавем, пайдост, ки бештар хабари кӯтоҳ мавриди истифодаи бештар қарор гирифтаанд.

Нашрияи “Сотсиал-демократ” майли бештар ба нашри хабарҳои сиёсӣ дошта, аз чаҳор се ҳиссаи хабарро бештар аз иттилооти сиёсӣ таркиб ёфтаанд. Дар ин маврид бояд афзуд, ки ҷойи хабар дар нашрияи мазкур муайян набуда, дар саҳфаҳои гуногуни он метавон дарҷи хабарро мушоҳида намуд. Дар ин нашрия низ бештар хабарҳои кӯтоҳ ба мушоҳида расиданд.

Дар маҷмӯъ метавон чунин натиҷа бардошт:

-жанри хабар нисбат ба дигар жанрҳои иттилоотии журналистика дар нашрияҳои ҳизбӣ корбурди бештар дорад;

-жанри дигаре, ки дар корбаст аз назари теъдод ба жанри хабар баробар бошад, ба чашм намерасад;

- мазмун ва мундариҷаи хабарҳо дар нашрияҳои аҳзоби сиёсӣ ҳадафҳои сиёсиеро, ки ҳизбҳо пеша кардаанд, дар бар гирифтаанд;

-ба назар мерасад, ки норизоии аҳзоби дигари сиёсӣ дар матолиби хабарҳо нисбат ба ҳизби ҳоким ифода гардидааст, ки барои таъмини озодии сухан заминаи мусоид фароҳам месозанд;

-хабарҳои аз назари жанрӣ ҷавобгӯ хеле зиёд бошанд ҳам, аммо дар баъзе хабарҳо талаботи жанрӣ риоя нагардидааст. Бахусус, дар нашрияҳои ҲНИТ ва ҲКТ ҳамин гуна хабарҳо зиёд ба чашм мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муродӣ М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / М. Муродӣ. - Душанбе, 2014. - Қ.2.
2. Муътамаднажод К. Рӯзноманигорӣ: бо фасле ҷадид дар бознигарии рӯзноманигории муосир / Муътамаднажод К. - Теҳрон : Сипеҳр, 1368.
3. Саъдуллоев А. Саҳифабандӣ ва чопи газета / А. Саъдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1999.
4. Усмонов И К. Жанрҳои публитсистика / И К. Усмонов. - Душанбе, 2009.

МЕСТО ИНФОРМАЦИОНННЫХ ЖАНРОВ В ПАРТИЙНОЙ ПРЕССЕ

(на примере жанра новостей)

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению место информационных жанров на примере жанра новостей в партийных изданиях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: журналистика, информационные жанры, жанр новостей, партийная пресса, партийные издания.

PLACE INFORMATIONAL GENRES IN A PARTY PRESS
(for example, the genre of news)
In this article, the author reviewed and study the place of informational genres in the genre of news in party publications of the Republic of Tajikistan.
Key words: journalism, news genres, the genre of news, party press, party publications.

Сведения об авторе: ***Барно Бобоева*** – соискатель кафедры журналистики и теории перевода Худжандского государственного университета мим. Б. Гафурова. Телефон: **(+992) 927-01-13-55**

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОРАТОРСКОГО ИСКУССТВА ЖУРНАЛИСТА

С. О. Каримова, К. И. Комилов
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

В статье рассмотрены аспекты ораторского таланта журналиста с точки зрения владения им искусством речи. На основе проведенного анализа сделаны выводы о том, что живая речь, образность языка, которые сегодня преобладают на экране и в печати, не должны быть чрезмерными.

Укрепление статуса таджикского литературного языка и его развитие связаны с приобретением Таджикистаном независимости. Известно, что сильный литературный язык может стать опорой независимости.

От любви к родному языку у человека рождается чувство национального достоинства. Нет ничего противоестественного в национальной гордости, в чустве любви к своей нации, в бережном отношении к традициям и обычаям.

В наши дни важными источниками развития и обогащения языка являются средства массовой информации, особенно телевидение и радио, которые доводят до потребителя информацию о культурных и национальных ценностях народа, тем самым журналисты выполняют свою работу.

Пользуясь ораторским искусством, журналисты способны вести содержательные беседы. Ведь ораторский талант журналиста - это искусство так говорить о вещах, чтобы без труда с и удовольствием все могли его понять. Это особенно важно и значимо в Таджикистане, где северные и южные говоры и наречия таджикского языка слишком заметны. Если в советское время на экране преобладали северные говоры, то в наши дни - южные. Такая практика не только не способствует развитию, но и оказывает на таджикский язык негативное влияние, регулярно вызывая своими передачами раздражение представителей того или иного региона страны.

Поэтому таджикским журналистам крайне необходимо грамотно знать литературный язык. Ведь они, как носители языка, смогут вносить значительную лепту в развитие таджикского литературного языка.

Таким образом, журналисты электронных средств массовой информации могли бы содействовать развитию устной речи и эстетического вкуса своих зрителей и слушателей. Поскольку в ораторском искусстве средством информации и социального общения является звучащее слово, иначе - речь, постольку она же является средством воздействия на людей с целью убеждения их в чём-либо.

В книге «Умение говорить публично» свои требования к личности и оратора, его профессиональному мастерству выдвигает А. В. Миртов. Подразделяя людей по своему душевному и физическому складу, он отмечает и разный уровень их способностей. Следовательно, по А. В. Миртову, все члены общества не могут быть и одинаково талантливыми ораторами: «...у одного более сильный и приятный голос, у другого зато больше жизненного опыта и понимания людей, у третьего – больше научных знаний и т. д. Все мы, прежде всего, различаемся по темпераменту; одни более живы, впечатлительны, подвижны, легче воодушевляются, но воодушевление это бывает недолго и непрочно; другие менее подвижны, более спокойны, реже способны на воодушевление, но обладают, может быть, большей силой воли, большей настойчивостью; третьи – угрюмы, подозрительны, недоверчивы; четвертые – вялы, медлительны, по выражению Салтыкова-Щедрина, «мямлят, канитель разводят, слюнями давятся» и т. д. (2,5).

С этой точки зрения А. В. Миртов разделяет всех ораторов на две большие группы:

1) Эмоционально-воодушевленных и

2) Рационально-бесстрастных.

Вторая группа, по мнению ученого, должна распасться ещё на две группы, а именно:

1) «Мыслящих вслух» и

2) Сообщающих готовые истины, причем эти истины двух родов: а) научные сведения и б) житейские истины – доводы здравого смысла». По этой причине, считает А. В. Миртов, можно говорить об ораторах:

1) Научно-обоснованных (эрудитах) и

2) Ораторах «здравого смысла» (1, 5-6). Ниже мы еще вернемся к вопросу о требованиях к личности и профессиональным качествам журналистов-ораторов.

Дар сохтори шуури эстетикӣ одатан тасаввуроти инсонро, ки зебо ва воло мебошад ва ҳамзамон бидуни образ ва тағйирот аст, ҷудо менамояд. Дар ин тасаввуротҳо муносибати арзишманди созандаи шуури объект, ки талаботҳои эстетикии он муайян мегардад, зуҳур меёбад. Доир ба объекти эстетикӣ М.М. Бахтин менависад: «Дар объекти эстетикӣ тамоми арзишҳои дунё дохил мешавад. Сухан, мавод тамом намешавад, балки ҳаматарафа таркиби ҳастию вазифаи бадеии дунё дар он мушаххас баён мегардад» [6, 175]. Дар образи бадеӣ хислати воқеии ҳаёт худ аз худ ҳамчун предмети баҳодиҳӣ барнамояд, балки дар омӯзиши эҷодӣ ба муносибати муаллиф бар он, яъне шаклгирии характери эҷодӣ ба миён меояд.

Алоқамандии диалектики ибтидои ҳиссӣ ва хирад дар фаҳмиши воқеӣ «афкори образнок»-ро ба вуҷуд меоварад, аз ин лиҳоз дилхоҳ «афкори образнок» бо ғанӣ будан аз мушаххасот, эҳсосот дар тасвири объектҳои гуногун ва зуҳуроти воқеӣ фарқ менамояд. Дар он афкори ҳиссӣ - маърифатӣ иштирок мекунад. Ба қавли Э.И. Пронин, образи журналистӣ дар пояи мантиқӣ мешукуфад. Низоми амалиётҳои мантиқӣ (гузориши проблема, истидлол, синтези тавсиаҳои амалӣ) бо амали таснифотӣ анҷом меёбад. Доро ба чунин табиати синтетикӣ, образҳои публитсистика метавонанд фаъолона дар озмоишҳои фикрӣ иштирок намоянд, ки ин ба эҷодгар на танҳо барои тамсилсозии вазъияти проблемавӣ мусоидат мекунад, балки барои синтези иттилоот ҳангоми азхудкунии проблема низ кӯмак мекунад.

Далелҳо амалро, образ арзишҳоро, мавқеъро характернок менамоянд. Ба туфайли гуногунрангии онҳо ба қавли Э. И. Пронин ғояи корӣ дорои асосноксозӣ дар се ҷанба мегардад: ҳаводис-пешгӯйинамоӣ, маданӣ-таърихӣ ва эстетикӣ-ғоявӣ. Ин ҷо пояи образии матни журналистӣ зуҳур меёбад» [8, 31]. Масалан, ҳангоми сохтани образ зуҳурот ба публитсистика зарур аст, ки на танҳо ба далелҳои муайян зуҳуротро аз ҳар ҷониб характернок мегардонад, балки пеш аз ҳама кӯшиш намояд онҳоро тавассути забони образӣ- экспрессивӣ тафсир диҳад.

Г. Белинский таъкид карда буд, ки «Санъат муносибати бевоситаи ҳаёт ё тафаккур дар образҳост» [9, 42]. Мафҳуми образ ба чанд мазмун истифода шудааст, гоҳо ибора, сухан ва ҷумлаи ҷудогонаеро, ки лаҳза вазъият ва ҳолати муайяни ҳассос ва муассиреро ифода кунад, ба мавқеи образ ё образнок истифода мебаранд. Ин ҷиҳат бештар ба насри мустанад ё жанрҳои таҳлиливу бадеӣ-публитсистии журналистика алоқаманд аст. Профессор А. Саъдуллоев дар китоби «Хосияти адабиёт», «образи публитсистиро чун як намуди сухани муассир баён намудааст» [10, 45-47].

Ба андешаи ӯ образи публитсистӣ бисёр хосиятҳои хешро аз адабиёт мегирад. Дар фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ образ ба маъноии шакл, тимсол, сурат омадааст. Новобаста аз сабку нигориш образ як шакли инъикоси воқеият аст, тафовут ин ҷост, ки шакли мавзунсозӣ, таҳррезии вақт ва фазо дар ҳар навъи суханварӣ гуногун аст. То ба имрӯз касе образнокиро аз публитсистика дур наангоштааст. Публитситстика аз тамоми ғановати васоити забонии ифода истифода

мебарад. Дар публитсистика образ ва мафҳум, образнокӣ, мантиқи баён, бадеият ва илмият, ҷиҳатҳои эҳсосӣ ва ақлӣ ба ҳам пайванди азалӣ доранд. Муҳаққиқони образи публитсистӣ М. Стюфляева, Рубашкин дар мавриди образнокии бадеияти публитсистика тадқиқотҳои аҷиберо анҷом додаанд. Дар фарзияи онҳо образи публитсистӣ зодаи фикр аст. Яке аз унсурҳои асосии образи публитсистӣ образнокии баён, ин мавзунсозӣ, яъне ритми сухан ба шумор меравад. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқони рус Э.П. Прохоров, В.В. Учёнова, М.С. Черепахов, А.П. Горбунов изҳори назар кардаанд. Дар васоити ахбори умум, аз қабили радио-телевизион каломи мутаваҷҷеҳсозанда тарзу услуби нигориш, истифода аз равия ва равандҳои ҷолибсозӣ мақоми махсус дорад. Ҳар як маводе, ки истифода мешавад, нақши иттилоотӣ, таҳлилӣ, таблиғӣ, ҷалбу ҷазбсозӣ дорад, ки хоҳу нохоҳ бо аҷзои эстетикӣ ҳамроҳ мешавад. Метавон гуфт, ки публитсистикаи муосири тоҷик имрӯзҳо ҳамчун воситаи офариниш, тақрибан тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифтааст. Меҳри ватан, ситоиши Тоҷикистони азизамон дар байни бахшҳои барномаҳои радиои Тоҷикистон бештар шунида мешавад, ки мавзӯъҳои ифтихор аз ватан, садоқат нисбат ба хоки сарзамини кишварамонро дар худ дорад:

Тоҷикистон сарзамини кӯҳсору дилбар аст,
Хоки зархезаш макони лаълу дурру гавҳар аст.
Қуллаҳои сап-сапедаш саллаи пири хирад,
Рӯдҳои шӯхи серобаш пур аз симу зар аст.
Сарбаландӣ дида ҳар фардаш ба мисли қуллаҳо,
Доимо сарсабзу дилкаш, кишвари хушманзар аст.

Мавзӯи Ватану ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ аз мавзӯъҳои асосии барномаҳои радиои «Тоҷикистон» буда, даъвату ҳамбастагӣ, тарғиби ин андеша ба шунавандаи радио рӯшан аст. Ин шеърҳомаъниҳои сарҷамъи ваҳдат ва пойдории миллату истиқлолияти кишвари азизро дар худ дорад. Воқеан ҳам ин мавзӯъ, пеш аз ҳама, бо самимияти хоссаи худ нисбат ба зодгоҳ, ба Тоҷикистони азиз аз ҳар ҷиҳат арзиши баланди тарбиявӣ ва эстетикиро соҳиб аст.

Тоҷикистонро ба ҷону дил баробар гуфтаанд,
Меҳрубон занҳои ӯро ҳамчу хоҳар гуфтаанд.
Навҷавонони азизашро бародар гуфтаанд,
Сангу хокашро макони лаълу гавҳар гуфтаанд.

Дарвоқеъ, Ватан сарчашмаи тамоми офариданҳост ва мо бояд ба қадри зебоиҳо ва истиқлолияти он, ки неъмати бебаҳост, бирасем. Ифтихор аз ин меҳани биҳиштосо дар барномаҳои радиои мазкур ҳар рӯз ба тариқи зайл пахш мегардад:

Фахрам ман аз он, ки Тоҷикистон Ватанам,
Нозам ман аз он, ки Тоҷикистон Ватанам.
Ман бо Ватани бузург ман-ман дорам,
Бошад ба фидои Ватанам ҷону танам.

Бояд қайд кард, ки мавзӯъҳои барномаҳои радиои мазкур гуногунҷабҳа буда, бештар ҷабҳаҳои миллиро дар бар дорад. Мусаллам аст, ки ҳар ҷашну маъракаҳои сиёсии кишвар дар барномаҳои радиои «Тоҷикистон» бештар инъикоси худро меёбанд.

Ҳар қадар, ки гаштаам дар чор аксои ҷаҳон.
Сайр кардам сарзамину саргузашту илму ирфонаш
Заргаровӣ дидам, аммо
Мазҳаби одамгаровӣ ёфтам дар ориёнои ҷавон.

Шеъри мазкур низ ҷанбаи меҳанпарастӣ дошта, хусусияти публитсистиро дар худ дорад. Ҷашни Мавлонои Рум, ки дар Тоҷикистон соли 2007 таҷлил гардид, ҳамчун иди фарҳангиву таърихӣ инъикоси хешро дар барномаҳои субҳгоҳии радиои мазкур ва дигар шабакаҳои тобеи он дарёфт. Бахусус, ҳамон сол қиссаҳо аз «Маснавии Маънавӣ»-и ин орифи дунёи сухан садо доданд, ки хусусияти тарбиявию ахлоқӣ дошта, дорои унсурҳои баланди поэтикӣ мебошанд. Масалан:

Миллати ошиқ зи миллатҳо ҷудост,
Ошиқонро миллату мазҳаб Худост.
Ту барои васл кардан омадӣ,
На барои фасл кардан омадӣ.

Истифодаи унсурҳои поэтикӣ дар барномаҳо ба дониши касбӣ ва маҳорати журналист вобаста аст. Чуноне ки муҳаққиқ И. Глужков вобаста ба ин қайд кардааст: «Бадеият маҳоратро металабад» [11, 29]. Муҳаққиқ Хосият Олимова ба ин андеша

аст, ки поэтика натанҳоҷаҳонбинии эҷодкорро дар бар мегирад, балки авзои ҷомеа, афкор, муошират, ғараз, ҳадафро матраҳ месозад» [12, 54]. Ва нуқтае, ки ҳоло зикрашро меоварем, ҳадафҳои замониро бо авзои ҷомеа инъикос карда, дорои поэтикаи хос ва ҷанбаи публитсистӣ аст ва дар он образнокӣ вуҷуд дорад. Бахшида ба ҷашни бузургдошти олими дунёи ислом Имоми Аъзам қариб як сол пандномаҳои ӯ тариқи шабакаҳои радиои мазкур садо доданд, ки ҷанбаи маънавию маърифатӣ дошта, шунавандаро ба дарки моҳияти ҳастӣ раҳнамун месозад. Ин ҷо чанде аз онҳоро намуна меоварем:

Агар даҳ сол ҳам бекасбу кор бимонӣ, аз илм рӯ магардон, зеро илм зикри Худост. Ва вақте аз илм рӯ гардонӣ ба зиндагии танг ва сиёҳрӯзӣ мубтало гардӣ.

Хулоса, дахолат кардан ба корҳои иҷтимоӣ, ҳифзи ифтихори ватандорию худогоҳии миллӣ журналистонро водор менамояд, ки бештар ба муаммоҳои ҷомеаи имрӯза даст зананд. Ҷустуҷӯҳои журналист бояд ба масъалаҳои мубрами ҷомеа мусоидат кунад, зеро агар рӯзноманигор омӯзанда, тавоно, бомаҳорат ва ҳамеша дар ҷустуҷӯю сайқали ҳунар бошад, ӯ натанҳо дар бартараф кардани мушкилоти касбӣ, балки ба ҳалли муаммоҳои объективӣ низ мусоидат карда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Прохоров Е.П. Публицист и действителност / Е.П. Прохоров. – М.: 1913.
2. Учёнова В.В. Гносиологичекий проблемы публитцистики / В.В. Учёнова. – М.: МГУ, 1991-72. - 126 с.
3. Здоровега В. И. Мастерство публицистики / В. И Здоровега. – М.: 1980. – 196 с.
4. Учёнова В.В. Творчества горизонти журналистики / В.В. Учёнова. – М.: 1976. - 161 с.
5. Черепахов М.С. Проблемы теории публицистики / М.С Черепахов, Е.П. Прохоров. – М.: Изд. Мисл, 1973. – 151 с.
6. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. – М.: 1986. – 175 с.
7. Щудря Н.Н. Эстетические особенности публицистического творчества: авт. кан. фил. наук / Н.Н. Щудря. - Киев, 1985.
8. Пронин Е.И. Разомкнутый текст / Е.И. Пронин // Социальная практика журналистикий текст. – М.: 1990. - 151 с.
9. Белинский В.Г. Русская литература в 1845 г / В.Г. Белинский // Полн. собр. соч. в трицати томах. - Т. Х. – М.:Изд. АН СССР, 1956. - 200 с.
10. Саъдуллоев А. Жанрҳои маърифатомӯз / А. Саъдуллоев // Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе, 2008. 17 с.
11. Глужков И. Очерк в русской литературе / И. Глужков. - Ростовский гос.унв,1996. - 29 с.
12. Олимова Х. Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводир - ул - вақоеъ»- и А.Дониш / Х Олимова. – Душанбе: – 83 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО СТИЛЯ НА РАДИО ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор рассматривает использование публицистического стиля на радио Таджикистан. Публицистический стиль может рассматриваться как своеобразное произведение искусства, которое воздействует одновременно и на чувства и на сознание. Задача оратора состоит в том, чтобы воздействовать на чувства слушателей.

Ключевые слова: разум, впечатление, общественно- политическая лексика, ораторское искусство, логическое восприятие речи, мастерство, сфера восприятия, публицистический текст.

USE JOURNALISTIC STYLE ON THE RADIO TAJIKISTAN

In this article the author examines the use of the publicistic style on the radio Tajikistan. Journalistic style can be seen as a unique work of art that affects both the feelings and the consciousness. The task of the orator is to influence the feelings of the listeners.

Key words: mind, impression, socio - political vocabulary, oratory, logical speech perception, skill, sphere of perception, journalistic text

Сведения об авторе: ***У. Наджмиддинова*** – кандидат филологических наук, Таджикский национальный университет

ВОҚЕИЯТ, САРЕҲИЯТ ВА ФАВРИЯТ ХОССИ ШАБАКАИ ИТТИЛООТӢ АСТ

Ҳ.И. Каримов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Афзалият ва бартарии иттилоъ дар фаврият ва дорои ҷанбаҳои сареҳият доштан аст. Дар олами босуръат рушдёбандаи технологияи ҷаҳони муосир бинанда ё худ шунавандаи замон бештар ба ахбори наву тоза ва воқеъбинона ниёз дорад. Бо дарназардошти омилҳои зикргардида, ҳанӯз 200-сол муқаддам файласуфи сиёсии фаронсавӣ Алекс де Токвилл (2011, 6) зимни боздид аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қайд карда буд: «Бидуни мардумсолорӣ рӯзномаҳои асилу манбаҳои иттилоотӣ вуҷуд надоранд, чунончи мардумсолорӣ бидуни ин манбаҳо мавҷуд нест» [1].

Аз он давра то кунун дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳаққонияти ин суханони одӣ борҳо тасдиқ шудааст. Ҳам ҷомеаи демократияи устувор ва ҳам рушдёбанда ба ризоияти шаҳрвандони огоҳ вобаста аст. Ҳамзамон воситаҳои ахбори омма (ВАО) яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоотие мебошанд, ки ба одамон барои идораи ҷомеа заруранд. Ҷавоб ба суоли «Хабар чист?» гӯё аён аст. Хабар (дар забони англисӣ news –навигарӣ) рӯйдоди навест, ки алъон ҷараён дорад. Дар луғат маъно ва муҳтавои ин калима чунин омадааст: «Маълумот оид ба рӯйдоди охир ё иттилооте, ки қаблан ошкор набуданд». Аммо, аксари воқеаҳое, ки ҳамарӯза дар ҷаҳон рӯй медиҳанд, ҳаргиз дар саҳифоти рӯзномаҳо ва нашрҳои хабарии радиову телевизион ҷой дода намешаванд.

Пас, чӣ воқеаро ба андозае мубрам мекунад, ки он боиси тазаккур дар рӯзномаҳо ва ё расонаҳои электронӣ мегардад? Дар асл агар гирем он ба як қатор омилҳои асосӣ вобаста аст. Умуман, хабар иттилое мебошад, ки барои гурӯҳи муайяни хонандаю бинанда ва шунавандагон ҷолиб аст. **1**. Аммо он хабаре, ки дар Буэнос-Айрес ҳангома барпо мекунад, дар Боку метавонад қобили зикр ҳам набошад. Зимни қабули қарор дар мавриди он, ки кадом хабар сазовори нашр аст, журналистон чунин омилҳои «арзиши иттиоотӣ»-ро бояд ба инобат бигиранд:

Фаврият. Оё ин воқеа ба наздикӣ рӯй додааст, ё дар бораи он мо акнун огоҳ шудем? Агар рӯйдод охиран ба вуқӯъ пайваста бошад, месазад, ки ба нашри хабарӣ ворид карда шавад. Албатта, мазмуни калимаи «охиран» ба навъи воситаи ахбори омма вобаста аст. Барои ҳафтанома тамоми он рӯйдодҳое, ки пас аз чопи шумораи охир ба амал омадаанд, қобили ёдоварӣ буда метавонанд, аммо баҳри шабакаи иттилоотии шабонарӯзӣ навигарии тозатарин гузориши мустақимест, ки хабарнигор аз ҷойи ҳодиса пешниҳод мекунад.

Таъсиру афзалият. Оё ин руйдод ба одамони зиёд дахл дорад, ё танҳо ба якчанд нафар? «Оқибати сели даҳшатбор дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон боиси марги 300-нафар ва ба нести бурдани 500-хоҷагии мардум гардид, ки чунин ахбор ба дилхоҳ бинандаю шунаванда таъсири бевосита мерасонад». **2.** Аммо хабари он, ки коргаре хатти интиқоли барқро буридааст, чандон арзиши иттилоотӣ надорад, танҳо агар ин ҳодиса тӯли якчанд соат тамоми шаҳрро аз таъмини барқ маҳрум накарда бошад.

Ихтилоф. Табиист, ки одамон аксаран ба рӯйдодҳои омехтаи низоъ, ташаннуҷ ва баҳсҳои кушод таваҷҷуҳ доранд; маъмулан, онҳо дар ин маврид яке аз ҷонибҳои баҳсро тарафдорӣ карда, мунтазир мешаванд, ки мавқеи кадом ҷониб бартарӣ пайдо мекунад. Ихтилоф на ҳамеша аз зиддияти дидгоҳи ду нафар иборат аст: он, дар ҳолатҳои дигар низ вуҷуд дорад, масалан вақте табибон бар зидди бемории вазнин муборизa мебаранд ва ё шаҳрвандон алайҳи қонунҳои беадолатона эътироз мекунанд.

Мубрам. Ҷаласаи ҳукумат, ки ба масоили иҷтимоӣ ва бехатарии ҳаракати нақлиёти мусофиркашонӣ бахшида шудааст, таваҷҷуҳи касеро ҷалб намекунад, вале моҷаро дар рафти бозии футбол метавонад тӯли чанд рӯз дар расонаҳои хабарӣ инъикос гардад, чунки он мавзӯи асосии мавриди баррасии сокинон аст. Аслан иттилооти мубрам навигариҳои имрӯзаро фаро мегиранд. Ин ҳамон маводест, ки шумо дар саҳифаи аввали рӯзнома, ё дар сарҳати сомонаҳо мебинед ва ё дар оғози нашри хабарии садою симо мешунавед. Мавзӯъҳои мубрами гузоришҳои иттилоотиро бештар ҷанг, сиёсат, тиҷорат ва ҷиноятқорӣ ташкил медиҳанд.

Мисоли иттилооти мубрами ҷомеа: 16-уми декабри соли 2014-ум силоҳбадастони ҳаракати «Толибон» ба як муассисаи таълимӣ дар шаҳри Пешовари Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳамла карданд. Дар пайи ин ҳучуми ноҷавонмардона 148 нафар ба халокат расид. Дар муассисаи таълимии мазкур фарзандони кормандони сохторҳои қудратии кишвар ва аҳолии ғайринизомӣ низ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба иқрори волидони қурбоншудагон ва кормандони ин муассисаи таълимӣ дар оғоз силоҳбадастон вориди мактаб гардида, баъдан хонандагону омӯзгоронро ҳадафи силоҳи оташфишони худ қарор додаанд. Дар миёни қурбониён аз шумораи умумии ҳалокшудагони ин ҳамла 9 нафарашро омӯзгорон ташкил медиҳанд. Дар баробари теъдоди зиёди қурбониён ҳамлаи хунини мазкур 120 захмии дигар низ бар ҷой гузошт. (Шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо», нашри аввали барномаи «Хабар» 18.10.14).

3. Бино ба иттилои шабакаи телевизионии «Тулӯъ»-и Афғонистон ҳодисаи террористии Пешовар дар таърихи Ҷумҳурии Исломии Покистон бесобиқа унвон мешавад. Дар муассисаи таълимии мактаб хонандагон ҳудуди 500 нафарро ташкил медиҳанд. **4** Бино ба маълумоти шабакаи телевизионии Ал-Ҷазираи давлати Қатар **аксари кушташудагони ормониро** кӯдакону наврасони аз 9 то 14-сола ташкил медиҳанд. Ин ҳамла бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам терроризм на давлат, на миллат, на сарҳад дорад ва барои афроди ҷиноятқор дину мазҳаб бегона аст. Коршиносон иброз медоранд, ки ин амали даҳшатбор нафрати сокинони осоиштаро нисбати ҷангиён дубора зиёд мекунад. **5** Ё худ матолиби дигари муҳим он аст, ки дар интишору воқиф гардонидани ҷомеа нақши ин шабакаҳои телевизонӣ хеле муҳимму саривақтӣ мебошад; Ё худ ба сифати мисол аввалҳои моҳи июни соли 2014-ум дар қарамлави Ироқ гурӯҳе бо номи «Давлати Исломӣ» арзи ҳастӣ кард. Баъдан ин гурӯҳ ба дигари кишварҳо бо шумули Сурия ва чанд кишвари дигари шарқи наздик реша давонд. Ҳадафи асосии мубросизаҳои билофосилаи гурӯҳи мазкур таъсиси давлати исломӣ мебошад.

Аз нигоҳи шабакаи телевизионии **BBC** Британияи Кабир ин ифротгароён, силоҳҳои боқимондаи артиши Амрикоро, ки баъди хурӯҷ аз Ироқ боқӣ гузошта буданд, тасарруф карданд. Баъд аз чанд моҳи муборизаҳо ин гурӯҳ чанд нуқтаи аҳолинишин ва мавзеъҳои дорои захираҳои нафтиро таҳти назорати худ даровардaнд. Тибқи баъзе маълумот шумораи силоҳбадастони гурӯҳи мазкур беш аз 30 ҳазор нафарро ташкил дода, аксари онҳо шаҳрвандони хориҷӣ буданд. «Табиист, ки гузашти марҳилаҳои начандон дури замони соҳибистиқлолии кишвар дар рушду инкишоф ва беҳбудии соҳаи радио ва телевизиони миллӣ навгониҳои зиёд оварда, ба дурнамои устувори ин соҳаи афзалиятноки ҷомеа марҳилаҳои сифатан наверо рӯйи кор овард». Аз ҷумла, таъсиси муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо», рӯзномаи «Имрӯз-NEWS» ва теъдоди зиёди манбаъҳои хабарӣ, дар муддати начандон зиёди вақт, на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки бурун аз он низ фазои дастрас ба хабару иттилои саривақтиро устувортару пурратар гардонид.

«Таъйиноти асосии журналистика аз таъмини шаҳрвандон бо иттилооти аниқу дақиқ, ки барои зистани онҳо дар шароити ҷомеаи озод зарур аст, иборат мебошад».

6. Назарсанҷӣ аз созмони амрикоии «Кумитаи журналистони нигарон». Аз ин рӯ, хабари сареҳиятдоштаи оҷилӣ дар шароити марҳилаҳои бархурди андешаҳо, метавонад ҳам ба манфиати тамошобин бошаду ҳам ба манфиати манбаъҳои хабаррасон, зеро аз ин ду омили асосии зикргардида, аввалан нуфузи Шабакаи хабарӣ боло мераваду дувум теъдоди тамошобинону шунавандагонаш ба маротиб афзоиш меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Журналисти мустақил. - 2011. - С.6-8.
2. Рӯзномаи Тоҷикистон. 10.05.2010. - С.2.
3. ТВ "Ҷаҳоннамо" барномаи "Хабар" 18.10.2014.
4. ТВ "Тулӯъ"-и Афғонистон. Барномаи "Навид."
5. ТВ "Ал-Ҷазира"-и Қатар.
6. Созмони амрикоии «Кумитаи журналистони нигарон».

ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ, ТОЧНОСТЬ И СКОРОСТЬ –ЧЕРТЫ ИНФОРМАЦИОННОГО КАНАЛА

В данной статье автор рассматривает такие качества информационного канала как действительность, точность и скорость представленных материалов, которые позволят повысить статус информационного канала и количество его зрителей.

Ключевые слова: информационный канал, передача информации, новостные передачи, статус информационного канала, зрители.

THE VALIDITY, ACCURACY AND SPEED OF INFORMATION CHANNEL

In this article the author examines the quality of the information channel as the validity, accuracy and speed of submissions, which will improve the status information of the channel and the number of its viewers.

Key words: news channel, the transmission of information, news transmission, the status information of the channel, the audience.

Сведения об авторе: ***Х.И. Каримов*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 935-01-15-16**

ОСОРИ САВТИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АФКОРИ АХЛОҚИИ ҶОМЕА

(дар мисоли гуфторҳои адабии радиои Тоҷикистон солҳои 1980-1990)

Обидҷон Матхолов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз, «таваҷҷуҳ ба гиромидошти шахсият ва андешаи суханварони пешини форсу тоҷик дар низоми сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар аз назари аввал ба хотири ошноии бештари ҷомеа бо мероси адабиву фарҳангии мо ба унвони омили муассири баланд бардоштани ифтихори миллӣ бошад, аз сӯйи дигар таблиғи таълифоти донишварону аҳли сухани гузаштаи мо метавонад дар тарбияи ҷомеа ва ҳидояти мардум ба сӯйи арзишҳои олии ахлоқӣ хидматгузорӣ мекунад» [4]. Андешаву ахлоқ ва ҳикмати ниёкони мо имрӯз маҳдуд ба ҳавзаи тамаддуни миллии мо қарор надорад, зеро аксари ҷашнвораҳои марбут ба бузургдошти арбобони адабиёт ва фалсафаву ирфони мо дар сатҳи ҷаҳон истиқбол ва таҷлил мешаванд, ки бешак ин амр ба бароварда гардонидани ниёзҳои мардуми олам тавассути мероси адабии миллати мо таъкид мекунад. Ба ин хотир аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ҳар сол ба номи шахсияте аз намояндагони адабиёт ва фарҳанги милливу маърифатӣ, ё ҳатто унсурҳои таҳкимбахши истиқлоли миллӣ ва фарҳангӣ бахшида мешавад ва ин бахшоишҳо ҳамеша аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ истиқболи самимона касб мекунад. Аз ҷумла, таҷлили 600-солагии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ.

Албатта, хонандаи тоҷик бо саъю кӯшиши рисолаҳои илмию бадеии донишмандони тоҷик А. Афсаҳзод [1], М. Рачабов [7], Ё. Одинаев [5-6], Н. Нуров [4] ба асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ва куллиёти ӯ шиносоӣ пайдо намудаанд. Муҳаққиқи ҷомишиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод дар китоби «Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир» барҳақ қайд кардаанд, ки «маҳбубият ва қаробати Ҷомӣ бо мардуми мо ба дараҷае аст, ки гуфтори ӯро одамони синну соли гуногун, ақоиду мафкураҳои мухталиф ва вазъияту кайфияти мутақобил, сарфи назар аз шуғлу пеша ва омолу андешаи хеш, чун далели бурҳон барои қабулу рад, таҳвияту тазъиф ва панду андарзи мусоҳиб ба сифати ҳикмати рӯзгор ба кор мебаранд. Дар ҳама маврид, ҳам барои ошиқони шайдо, ҳам барои дилбарони раъно, ҳам барои пирони рӯзгордида, доно ва ҳам барои ҷавонони ҷӯё аз қулзуми гуфтори ин адиби рӯйиҷаҳонӣ суханҳои мувофиқ ёфт мешавад. Одамони ғамзада, дар ғурбат афтода ва хастахотир дар паноҳи андешаҳои ӯ андӯҳу маломат ва ранҷу озурдагии табъи хешро сабук мегардонданд. Ҳофизону ромишгарон бо сурудани ғазалҳои диловез ва таронаҳои тарабангези вай ба дилҳо сурур мебахшид» [1, 3].

Хушбахтона, бо талошу заҳмати кормандони бахши адабии радио дар асоси асарҳои назмӣ ва насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ то ҳол ба шаклҳои мухталиф дар солҳои гуногун гуфторҳои бунёдии адабӣ таҳия ва пахш гардидааст. Дар китоби муҳаққиқ Ҷовид Муқим «Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» зикр мегардад, ки адабиёти бадеӣ ба 3 намуд дар радио истифода мешавад: хониши бадеӣ, радиоадабтатсия (мувофиқ кунондани асари бадеӣ барои радио) ва инсинировкаи радиоӣ [3, 49-50]. Ҳангоми омӯзиш муайян намудем, ки дар асоси ин 3 намуди тарғиби адабиёти бадеӣ дар радиои Тоҷикистон гуфторҳо таҳия шуда, нахустин гуфтори радиоӣ дар асоси осори Абдурраҳмони Ҷомӣ чунин таърих дорад. Соли

1963 дар республикаи советии Тоҷикистон омодагиҳо ба муносибати 550 солагии Ҷомӣ, ки соли 1964 мебоист дар сатҳи бошукӯҳ таҷлил шавад, оғоз гардида буд. Ба ин муносибат нахустин осори мукаммали ӯ ба хати хонои кирилии тоҷикӣ ба табъ расиданд. Масалан, бо кӯшиши Аълохон Афсаҳзод ва Баҳром Сирус ҷилди якуми «Осори мунтахаб», «Лайлӣ ва Маҷнун» дар алоҳидагии А. Афсаҳзод ва бо Абӯбакр Зуҳуриддинов «Хирадномаи Искандарӣ»-ро барои нашр ҳозир мекунанд, ки соли 1964 чоп мегарданд. Ҷашни ботантана бо ташаббуси Мирзо Турсунзода ва Муҳаммад Олимӣ сурат мегирифт ва дар ҳошияи ҷашн меҳмонони муътабар аз Маскав, Ленинград, адибони маъруф аз Эрону Афғонистон Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Сайид Нафисӣ, Халилулоҳ Халилӣ, Абдулҳай Ҳабибӣ, Сарвари Гӯё баробари бузургони миллати тоҷик даъват шуданд. Ҳамчунин дар ҳошияи ҷашн Кинотеатри муҳташами ба номи Ҷомӣ 17-уми ноябри соли 1964 бо маҷлиси бошукӯҳи соҳибном ба кор даромад. Ин солҳо, ки дар низоми радиошунавонии Тоҷикистон яккарадиоӣ ҳоким буд, табиист, ки ин радио дар ҷашни 550-солагии ботантанаи А. Ҷомӣ бетараф набуд ва мебоист гуфторҳо таҳия кунад. Ҳамин тавр, мувофиқи натиҷаи кори мо нахустин гуфтори ҷашнии бунёдӣ соли 1964 радиоинсинировкаи адабӣ-мусиқӣ аз рӯйи достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки муаллифи радиокомпозитсия худи А. Афсаҳзод буд, бо иштироки як силсила ҳунармандони маъруфи театр ва ходимони радио дар ҳаҷми 1 соату 20 дақиқа мураттаб гардид. Дар таҳияи гуфтор Ҳалима Насибулина, Хайрӣ Назарова, Наим Ғиёсов, Маҳмуд Тоҳирӣ, Ҳабибулло Абдураззоқов, Муҳаммадҷон Қосимов, Маҳмудҷон Воҳидов, Софя Тӯйбоева, Носир Ҳасанов, Қимматшо Ҳимматшоев ва Ҳадя Назарова заҳмат кашиданд ва мазмуну муҳтавои достонро возеҳ ба шунавандаи тоҷик расонданд. Гуфтор дар сатҳи олии мазмуну муҳтаво ва танзиму мусиқӣ мураттаб шуд, ки кас эҳсос мекунад, ки воқеа на гузашта, балки имрӯз рух додааст. Ҳамчунин, соли 1964 композитсияи адабии ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ бо садои Маҳмудҷон Воҳидов ҳамроҳи Наима Қаҳҳороваро [2] оҳанги классикии тоҷикӣ аз оғоз то интиҳо ҳамроҳӣ мекунад. Мусиқӣ ҳар навбат баъди хондани ду-се байти ғазал баланд мегардад. Оҳанг гоҳ- гоҳ иваз мегардад. Тафсири дурусти ҳар ғазал, қироати равони шеър, талаффузи буррои сухан ба мусиқӣ мувофиқат намуда, ба шунаванда рӯҳи тавонои адиби бузург, ҷаҳони маънавӣ ва зебоии ботини ӯро ошкор мекунад. Бояд гуфт, ки бар асари маҳдудсозии ҳокимияти шӯравӣ дар радио гуфторҳо дар асоси осори ниёгон, хосса осори ирфонӣ, камтар ва ё умуман сабт намегардид, агар ҳам сабт мегардид ба ғазалҳои лирикӣ маҳдуд буд.

Ба навиштаи муҳаққиқ Ҷ. Муқим дар асари «Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ»: «хониши бадеӣ нисбатан намуди содаи истифодаи адабиёти бадеӣ дар радио аст. Инҷо гӯянда ягон асари бадеиро барои шунавандагон ба таври ифоданок қироат мекунад. Ҷолиб баромадани хониши бадеӣ аз бисёр ҷиҳат ба тарзи суханронии гӯяндагон, ба оҳанги лаҳни вай ва дарки асар вобаста аст» [3, 50-51]. Ҳамин аст, ки ба хониши бадеӣ на ҳама ровиён, балки онҳое ба радиои Тоҷикистон ҷалб мегардиданд, ки аз қонуну қавоиди савтиёти форсии тоҷикӣ огоҳ буданд. Соли 1980 силсилагуфтори «Сафинаи ниёгон» аз тарафи идораи адабӣ таҳия гардида, то солҳои 90-ум идома кард. Таҳти рубрикаи мазкур силсилаи осори маъруфи ниёгонамон барои шунавандагон таҳия мешуданд. Аз ҷумла, соли 1988 ба муносибати 575-солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфтори нисбатан мукаммал дар асоси асари «Баҳористон» [2]-и мутафаккир дар радио падид омад. Гуфтор аз 5 шумора иборат буда, бо садои Абдуқодир Маниёзов, Саҳобиддин Сиддиқов ва ҳунарманд Муҳаммадҷон Шодиев сабт гардида ба шунавандаи тоҷик пешниҳод шуд. Аз хусуси аҳамияти ин асар, муҳаққиқи тоҷик Аълохон Афсаҳзод дар китоби «Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир» сухан ронда, онро дар қатори ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ чун дурдонаҳои тобнок ворид намуда, ки бо гузашти солҳо ҷилои он бештар мегардад [1, 262]. «Баҳористон» тӯли зиёда аз 500 сол нусха ба нусха, аз сина ба сина ва забон ба забон гузашта, бо тароват ва афкори ҳакимонаи худ ба инсоният сафо мебахшад ва мардумонро ба дарёи завқи салим, одамгарӣ, ахлоқи ҳамида, бародарӣ ва хизмат ба халқро ҳидоят менамояд. Сонӣ, гуфтори дигаре, ки пайдо намудем ин ҳам аз маҷмӯи хониши ғазалиёти А. Ҷомӣ иборат аст, бо садои ровиён Абдурашид Хӯҷамқулов ва Дилбар Умарова мебошад, ки соли 1989 [2] сабт гардидааст.

Ба назари Ҷ. Муқим инсинировкаи радиоӣ-ин бо имконоти маҳдуд аз нав таҳия кардани асари бадеӣ барои саҳна аст ва аз рӯйи сохтор ба песаи радио монанд аст.

Вале, вазифаи вай тасвири кардани он воқеияте аст, ки аллакай, як маротиба дар асари бадеӣ тасвир ёфтааст. Тавассути инсинировка барои он саҳнаҳои нав навишта мешавад [3, 49-50]. Зеро, ба андешаи ин муҳаққиқ, бо ҳамин тавр метавон моҳияти асари бадеиро ҷолибтар дар радио инъикос намуд. Ба ин шакл, соли 1989 радиотеатри «Саломон ва Абсол» [2] аз рӯйи песаи файласуфи тоҷик Ёқуб Одинаев, ки дар асоси достони «Саломон ва Абсол»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва асари ҳамноми Абӯалӣ Ибни Сино офарида шуда, сабт гардид. Бояд гуфт, ки дар асоси қиссаи «Саломон ва Абсол»-и А.Сино [2] низ, хониши бадеӣ бо садои Саҳобиддин Сиддиқов ҳанӯз 16-уми феврали соли 1979 сабт гардида буд. Дар муқоисаи асари ҳамном файласуф Ё. Одинаев дар китобашон «Нур ва Зулмот» менависанд, ки «Ибни Сино дар асари худ рафтори оқилона, ҷасорат, тобоварӣ ва ватандӯстии Саломонро ташвиқ кунад, Абдурраҳмони Ҷомӣ майпарастӣ, фосиқӣ, беиродагиро мазаммат намуда, ҷавононро барои аз худ кардани ахлоқи ҳамида даъват мекунад [5, 8].» Ба назар мерасад, ки ба саҳнаи радио «баровардани асарҳои классикон як кӯшиши хайр буда, ба ҳукми анъана даромадааст. Хусусан, барои бачагон манзур сохтани онҳо, корест начиб, вале мушкил. Ин кор ба назари мо, агар аз ду ҷиҳат: аввалан, бо мақсади ба бачагон равшантар расонидани маъниҳои баланд ва мураккаби ин асарҳо; сониян, барои ташреҳи ба худ хосси ин асарҳо ба ҷо оварда шавад, бештар ба ҳадафҳо мерасад [5, 128].»

Таҳияи радиотеатр ба шунавандагон писанд омад. То ҳол аз радио пахш мегардад. Ин радиотеатр таҳлили достонро аз мураккабӣ берун кашида, ҷиҳатҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ ва эстетикии онро ошкор мекунад. Зеро, достони «Саломон ва Абсол» асари ирфонӣ-фалсафист. Дар шарҳи мазмуну муҳтавои асар Ё. Одинаев нигоштааст: Симоҳои асосии достон шоҳи Юнон, мушовири доимии ӯ-ҳакими хирадманд, инчунин, писари зебову фархундааш Саломон ва дояи нозанини писарак Абсол мебошад. Ҳамчунин, Зуҳра, ки намояндаи зебоии осмонӣ аст, оқибат аз хотири шоҳзода Саломон ёддоштҳоро оид ба Абсол зудуда месозад. Тарҳи тахайюлии достон Саломони бе модар таваллудшуда ва тасвири Абсоли нозанинро дар бар мегирад, ки Абсол бо вуҷуди 20 сол калон буданаш аз дастпарвари худ, ба қайди муҳаббати ӯ гирифтор мешавад, ки он боиси хашму ғазаби шоҳ ва ҳаким мегардад. Шоҳ-падари Саломон ва ҳакими хирадманд мушовири шоҳ аз рафтори Абсол, ки хилофи расму оин ва ахлоқи дарборӣ буд, ба сутӯҳ омада, роҳи аз Саломон ҷудо намудани ӯро нақша мекашанд. Ҳакими нерӯманд бо амри шоҳ ва талқини рӯҳониён Саломонро ба биҳишти заминӣ мефиристад. Ӯ ба он ҷо ҳамроҳи Абсол равон мешаванд, то ки аз ҳезум гулхани бузурги маросими дафнро барафрӯзанд. Ошиқу маъшуқа худро ба оташ меандозанд, Абсол месӯзад, аммо Саломон безарар ва аз ҳама хоҳишҳои заминӣ пок боқӣ мемонад. Достон қиссаи рамзист [6, 15]. Радиотеатри «Саломон ва Абсол» 21-уми июли соли 1989 сабт шуд. Барои ифодаи мазмуну муҳтаво ҳунармандони маъруф, масалан, дар нақши шоҳ-ҳунарманди мардумии Тоҷикистон-Бурҳон Раҷабов, ҳаким-Нурулло Абдуллоев, Саломон-Ибодулло Машрабов, Абсол-Мавлуда Обидова, вазир-Намоз Айматов, ясавул-Ортиқ Қодиров, оҳангар-Усмон Давронов ва баранда-ровии маъруфи радио Бурҳон Раҳмонов моҳияти асарро табиӣ ба шунаванда расондаанд. Бояд гуфт, ки барои мақсаднок ва образнок, бо унсурҳои овозию мусиқӣ тасвир ёфтани асар нақши коргардон Муқаддаси Расул ва муназзими овоз Гулчеҳра Латифова назаррас аст. Ҳаҷми умумии гуфтор 1 соату 40 дақиқаро фаро мегирад.

Хулоса, мурури кӯтоҳ ба осори савтии радиои Тоҷикистон, омӯзиши натиҷаи муҳаққиқони тоҷик А. Афсаҳзод, М. Рачабов, Ё. Одинаев, Н. Нуров маълум менамояд, ки таҳияи гуфторҳо дар асоси осори ниёгон, хосса, бузургдошти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки аз шахсиятҳои беназири илму маориф ва адабиёту фарҳанги миллии мо эътироф шудааанд, воқеан аз чанд дидгоҳ, таҳияи гуфторҳо барои ҷомеаи кунунӣ аҳамияти муҳим дошта, дар арсаҳои мухталифи фарҳанги инсонӣ сабақҳои ибратомӣзе барои мо манзур менамояд, ки воқеан бо татбиқи онҳо дар корномаҳои рӯзонаи хеш мо метавонем хеле аз масоили мубрамро ҳаллу фасл намоем. Нақши осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таҳкими пояҳои дӯстии халқҳои мухталиф; инчунин барои тарбияи шогирдони фаровон дар таҳаввули адабиёти форсӣ; афкори баландпояи ахлоқиву ҳакамии ӯ ҳам, пеш аз ҳама, таҷассуми андешаҳои ҷаҳонсоз равшан ҳувайдост, ки на танҳо ба ниёзҳои ҷомеаи миллии мо, балки ба тамоми олам созгор меоянд; мубаллиғи дӯстии халқҳо ва тамоми мардуми олам берун аз миллату

мазҳаб дар сурудаҳояш низ баромад намуда, чеҳраи олии инсонии хешро муҷассам месозад, ки дарси ибрати инсоншиносӣ ва инсонсозиро таълим медиҳад. Воқеан, ин нуқтаи назари Ҷомӣ, аз ҳар ҷиҳат дар айёми кунунии бархӯрдҳои афзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоми инсониятро ба дӯстиву дӯстӣ варзидан ва ба таъбири худи шоир «дӯстшиносӣ» даъват мекунад. Муаллими ахлоқи башарият, муқобили теғ кашидан ба ҷонибе ва даст ба куштору қатл задан аст. Афкори олишони мазкур баробари ҳидоятгарии инсонҳо ба суйи дурӣ варзидан аз душманиву хусумат, куштору низомҳои ҷории сиёсии ҷаҳониро дар ҳар давру замон раҳнамоӣ ба сӯйи таъмини сулҳу оштӣ даъват мекард ва таблиғи овозии осори Ҷомӣ монеи хуруҷи хурофоти динӣ ва гурӯҳҳои ифротии динӣ ва ғайра шуда метавонад. Хуллас, таҳияи гуфторҳо дар асоси осори мутафаккир аз манфиат холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир / Афсаҳзод Аълохон. – Душанбе: Ирфон, 1989. 384 с.
2. Бойгонии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши радио-хазинаи адабӣ: Шуъбаи адабӣ. Дафтари № 1-ум, таҳти № 2144, сабти соли 30.12. 1964. Вақт: 28 дакиқаю 44 сония // таҳти № 390, 401, 397, 399, 441, ҳаҷми умумӣ: 2.5 соат // таҳти № 3129, сабти 16.02.1989, вақт: 42:52 // таҳти № 2633, вақт: 1 соату 40 дақиқа // таҳти № 2122, вақт: 28.55
3. Ҷ. Муқим. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. - 55 с.
4. Нуров Н. Андешаҳое ҷаҳонсоз ва созгор ба ниёзҳои башар / Н. Нуров. [Захираи электронӣ] http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=13011.
5. Одинаев Ё. Қ. Нур ва Зулмот / Ё. Қ. Одинаев. - Душанбе: Адиб. 1989. - 128 с.
6. Одинаев Ё. Қ. Таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии Абдураҳмони Ҷомӣ / Ё. Қ Одинаев. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 84 с.
7. Раджабов М. Абдуррахман Джами и таджикская философия 20 века / М. Раджабов. - Душанбе: Ирфон, 1968.

АУДИОНАСЛЕДСТВО АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ВОСПИТАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСТВА

(на примере литературных программ Радио Таджикистан 1980-1990 гг.)

В статье обсуждается аудионаследство Абдуррахмана Джами в Радио Таджикистан, его значение в формировании национального самопознания, совершенствования фундаментов дружбы различных народов, и демонстрируются такие идеи Джами как миросоздание, которые не только отвечают требованиям национального общества но и требованиям всего мира.

Ключевые слова: радио, программа, аудионаследство, Абдуррахман Джами, аудитория, влияние.

ABDURRAHMAN JAMI AUDIO HERITAGE AND ITS IMPACT ON THE EDUCATION OF MANKIND

(in the examples of literary programs Radio Tajikistan 1980-1990)

The article discusses audionasledstvo Abdurahmoni Jomi Radio in Tajikistan, and his articles in the formation natsionnalnogo of self-improvement foundations of friendship different peoples thoughts high educational merit Jami and shows such as mirosozdanie ideas that will not only meet the requirements of the national society but all over the world.

Key words: radio program audionasledstvo, Abdurrahman Jami, audience impact.

Сведения об авторе:*Матхолов Обидджон* – соискатель кафедры телевидения и радивещания ТНУ.
Телефон: **(+992) 919-01-49-60**

ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЖУРНАЛИСТА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Афсахзод Аббоси Аълохон

Российско –Таджикский (славянский) университет

На постсоветском пространстве давно стало аксиомой, что наличие русскоязычной прессы в национальных республиках – это и показатель уровня аудитории и барометр степени наличия демократических преобразований и устоев. Таджикистан в этом отношении не исключение.

За последние пять лет в информационном поле республики в количественном плане, практически, изменений не было, если не считать появление новой газеты «Вечерка», костяк которой составили бывшие «бунтари» газеты «Вечерний Душанбе» Амиршоева Г.

и Пасторова Е. [1]. Однако существенную трансформацию, причем в худшую сторону, следует отметить особо.

Давно известно, что чем больше свободы в информационном пространстве, которая влияет на все общество, тем больше ответственности за ее сохранение и преумножение.

Исходя из этого, с момента возникновения журналистики, да и во все времена, самым большим и значимым во взаимоотношениях журналиста и аудитории был принцип уважения, благодаря которому не узурпировались и ни СМИ, ни аудитория в общем, и конкретный человек в частности. Уважение было и остается тем барометром, который балансирует извечные вопрос нравственности: «можно» и «нельзя», «пристойно» и «непристойно». Первые признаки возникновения «вторых» дали повод появлению «желтизны».

Морально - этические нормы, куда входит уважение, понятное дело, меняются, однако не следует забывать, что общечеловеческие ценности, такие как порядочность, культурность, образованность, гуманность как были главенствующими за всю историю человечества, так таковыми и остались и любой, кто обладает ими, становится эталоном подражания и, конечно же, восхищения. Аксиомой является и то, что такие извечные принципы журналистики как честность и правдивость, становятся неотъемлемой чертой этих граждан.

В ССМИ уважение, выраженное честностью и правдивостью, классифицируется и как качественность. Однако, этот постулат, в первую очередь, предполагает присутствие ряда обязательств, а именно - наличия фактов, а не суждений, достоверность этих фактов, осознанное информирование и глубокий анализ, четкое разграничение между фактом, анализом и комментарием, взвешенность оценок, благодаря чему проявляется и ответственность. Бесспорно, такая ответственность предполагает принятие и целого спектра обязанностей как объективного, так и субъективного характера, куда входит практически вся совокупность морально-этических, законодательных и психологических норм здравомыслящего человека.

Качественную прессу, формирующуюся за счет соблюдения этических принципов, «История русской журналистики» определяет как «политический орган со строго выдержанным направлением, рассчитанный на своего читателя-единомышленника» [2].

Исходя из вышеизложенного, попробуем в этом ключе проанализировать русскоязычные издания республики, так как по республиканским каналам телевидения и радио данный сегмент представлен исключительно только одной новостной программой.

Сегодня в Республике Таджикистан среди русскоязычных потребителей хорошо известны такие газеты, как «Народная газета», «Азия Плюс», «Вечерний Душанбе», «Дайджест Пресс», «Авиценна», «Вечерка», «Бизнес и политика», «Курьер Таджикистана» и таджикские версии «Комсомольской правды» и «АиФ». Есть несколько газет, специализирующихся на публикации разного рода кроссвордов и сканвордов.

Из данного перечня как носителей отечественной информации следует исключить «Комсомольскую правду» и «АиФ», так как в них только две полосы приложения являются таковыми, и те зачастую несут «рекламно-пропагандистский характер», к тому же они и не такие «частые гости» национального информационного пространства. Круг читателей «Вечернего Душанбе», «Дайджест Пресса», «Курьера Таджикистана», «Авиценны», «Вечерки», «Бизнес и политики» как ограничен, так и достаточно своеобразен. Для читателя не секрет и то, что ни одна из названных газет не соответствует выбранной типологии и лейтмотиву выпуска, т.е. заблаговременно уже известно, что они не прилагают достаточных усилий в деле уважения своих аудиторий изначально: «Вечерний Душанбе» и «Вечерка» своим названием не только указывают на время выхода и на потенциальную аудиторию, но и на тематику своих материалов, однако издаются раз в неделю и с таким кругом вопросов, которому могли бы позавидовать «Вашингтон пост» и «Таймс»; «Дайджест Пресс» и «Курьер Таджикистана» реально забыли географию своего предназначения; «Авиценна» и «Бизнес и политика» превратились в газеты развлечения и рекламы. Наверное, именно поэтому тираж всех этих изданий вместе взятых не превышает 10-12 тысяч экземпляров уже который год и ни на йоту не увеличивается, что не скажешь в отношении других изданий, в том числе и таджикоязычных и узбекоязычных. Следует отметить, что данный показатель никоим образом не является свидетельством сокращения говорящих на русском языке, так как

тираж тех же «Азии Плюс» и «Народной газеты» увеличился до трех и пяти раз соответственно.

Причина кроется не только в «отстраненности» тематики и порой устарелости информации, но и в том, что неуважение к своей аудитории проявляется в безграмотности и отсутствии такта в выражении мысли, в чувстве превосходства над аудиторией, выражающейся в элементарном игнорировании потенциала, знаний и возможностей читателя, попирании его прав как потребителя. Яркими и наглядными примерами могут быть обилие интернетовских материалов, давно утративших свою новизну и актуальность, размещение рекламы и объявлений не только не по статусу и направленности издания, но и на таджикском, английском и узбекском языках, однозначно противоречащих уставным и зарегистрированным обязательствам, сокрытие требуемых законом выходных данных, и, конечно же, самая банальная безликость публикаций, где критика присутствует настолько обобщенно, что порою не понять где происходит событие – в Таджикистане или может в Польше или же, возможно в государстве Новая Гвинея, а если вдруг «герой» присутствует, то он далеко не тот кто должен решать поставленную задачу. Страшно то, что это все набирает обороты и вместо уменьшения – увеличивается все больше и больше.

Два оставшихся издания, - «Азия Плюс» и «Народная газета», считают себя качественными и востребованными, что в какой-то степени оправданно.

Качественная пресса направлена не только на формирование информационного поля, но и на создание потенциально сильного электората, влияющего на выработку общественного мнения посредством участия и решения различных общественно-политических вопросов и проблем. Оно, как правильно утверждает Б.Лозовский, «рассчитано на высокообразованного читателя» [3]. Высокообразованность, в свою очередь, это не только знание языка или языков, а достаточно высокий уровень образования, широкий круг интересов и социальный статус, серьезно влияющий на общество в целом уже только своим наличием, которое ни в коей мере не надо забывать и не уважать!

«Народная газета» как предмет нашего исследования, являясь органом Правительства Республики Таджикистан и распространяющаяся практически по всей республике без исключения, в первую очередь, обязана глубоко и полно освещать ее работу, знакомить и пояснять ее инициативы, направлять массы на реализацию поставленных целей и задач, показывать степень претворения в жизнь на отдельно взятом участке. Только наряду с этим, на повестку выносятся и такие злободневные темы, где главным критерием было, есть и будет профессионализм журналистов и всякого рода ангажированность. А что происходит на страницах этой газеты?

В первую очередь, редакция забыла, что является «правительственной», а не «партийной», и усиленная односторонняя атака на представителей политических партий, не представляющих верхние эшелоны власти, не оправданна и не отвечает ее типу, классификации и предназначению. За последнее время, практически после смены руководства газеты, очень трудно найти номер, где нет материала, направленного на критику как представителей, так и руководства КПТ, ПИВТ и ДПТ, Интересно и то, что оппонирование игнорирует еще один постулат качественности, а именно – выдержанность и взвешенность тона публикаций. Заглавия, лиды и тексты изобилуют восклицательными и вопросительными знаками, прилагательными превосходной степени, двузначными названиями и словами, дерзкими, если не сказать, оскорбительными аллегориями.

В качестве примера возьмём номера газеты за 12.03.2014 №11 (19929) и за 09.12.2014 №50 (19968): «Пой, птичка, пой!», «Не дави на «слабо» «Авеста»!», «Не на то …», «Малашенко, сдай маленько…», «Не виноватая я, он сам пришел», «Климат «затемпературил»», «У страха глаза велики». Заметьте, данные опусы на первой полосе, то есть они «передовые» материалы издания! Резкость и косность языка наблюдается и при рассмотрении вопросов, связанных с взаимоотношениями с соседними странами, в частности с Узбекистаном.

И эти приведенные примеры свидетельствуют, по мнению коллектива, о «взвешенности оценок», характерных для «качественного» издания республиканского масштаба!

К сожалению, этим проблемы редакции не ограничиваются. Каждый номер газеты имеет колонку «Одной строкой». В этих колонках редакцией представляются краткие заметки по всем направлениям социально-экономической и культурной жизни страны.

Несомненно, это важная и по сути чисто репортерская работа, демонстрирующая качество, интенсивность и насыщенность журналистской профессии. Однако, ознакомление с ними приводит в ужас уже хотя-бы тем, что ни в одной из этих заметок нет ответов на главные вопросы журналистики «когда?»: «Спикер нижней палаты парламента Таджикистана Ш.Зухуров принял главу Бюро ОБСЕ в Душанбе…» (№11 от 12.03.14), «Встреча старших должностных лиц государств ЦА прошла в Вене, на которой…» (№11 от 12.03.14), «Юные легкоатлеты Таджикистана завоевали шесть медалей в Ташкенте на международных соревнованиях ЦА среди юниоров» (№11 от 12.03.14), «В рамках проекта «Зан-Замин-Зиндаги», который поддерживается Ассоциацией «Нури умед», в Пенджикенте состоялась выставка ручных изделий…» (№50 от 09.12.14), «Глава МВД Таджикистана генерал-лейтенант Р.Рахимзода в ходе своей рабочей поездки по ГБАО ознакомился..» (№50 от 09.12.14) и т.д. Как говорится, «Комментарии излишни!»: каждая строка страдает то от нехватки необходимой информации, то от перенасыщения ненужных деталей.

Особое место занимает отсутствие элементарной грамотности и внимательности. Практически абсолютно во всех материалах любого номера газеты, что, впрочем, стало бичом современных таджикских СМИ, встречаются и грамматические и орфографические ошибки. Зачастую игнорируется и литературный язык, который так нужен и важен в деле воспитания и образования подрастающей молодёжи, для которой, к сожалению, данная газета в связи с ее статусом считается образцом элитарности. Ведь, к примеру, «материалы качественной французской газеты Le Monde студенты и преподаватели высших учебных заведений используют наравне с учебниками»! [4].

И наконец, последнее. В «Народной газете», так же как и в других отечественных изданиях, как было отмечено выше, используются и другие языки передачи информации. В частности это касается разного рода объявлений и низкопробных рекламных материалов, которые, кстати, согласно статусу качественной газеты в принципе недопустимы. Эти же материалы представляются в укрупненном виде, занимая огромные территории полос.

Таким образом, можно резюмировать, что журналист, ощущающий свою ответственность, должен находиться в состоянии постоянного размышления и поиска такого характера деятельности в целом и конкретного поступка в ее рамках, которые были бы истинной реализацией его социального долга и уважения своей аудитории, своего читателя. Осознание этой ответственности проявляется в стремлении действовать соответственно. А результаты деятельности подлежат общественному суду: нарушение законодательства - судебному разбирательству, неэтичное поведение - «суду чести», отступление от программных требований или направления СМИ - обсуждению в кругу коллег, иногда (в зависимости от меры нарушения) с суровыми выводами (вплоть до расторжения контракта). Конфликт между чувством долга и реальным поведением порождает у частного журналиста самоосуждение, внутренний разлад, результатом чего является либо возвращение на стезю ответственного поведения, либо движение по пути наименьшего сопротивления, ведущему к поведению «по обстоятельствам» и подтверждению мнения Самюэля Батлера, что «Пресса полезна уже потому, что она учит нас не доверять прессе!» [5].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Афсахзод А. Степень защищенности журналистов РТ на современном этапе / А. Афсахзод. – Москва: Медиаскоп. - Выпуск № 4. 2011.[Электронный ресурс]. www.mediascope.ru
2. Махонина С.Я. История русской журналистики начала XX века / С.Я. Махонина. - М.: Наука, 2004. – С. 48.
3. Лозовский Б.Н. Журналистика: краткий словарь / Б.Н. Лозовский. - Екатеринбург: Изд-во Урал ун-та, 2004. - С. 116.
4. Петрушкова В.В. Функциональные особенности афоризма в журналистском тексте / В.В. Петрушкова, А.А Азимов. – Душанбе: РТСУ, 2014. – С. 14.
5. [Электронный ресурс].www.google//журналистика//качественная пресса

ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЖУРНАЛИСТА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Во взаимоотношениях журналиста и его аудитории на первом месте всегда была и должна быть ответственность, выраженная всесторонним уважением ее интересов. Журналист, ощущающий свою ответственность, должен находиться в состоянии постоянного размышления и поиска такого характера деятельности в целом и конкретного поступка в ее рамках, которые были бы истинной реализацией его

социального долга и уважения своей аудитории, своего читателя. Осознание этой ответственности проявляется в стремлении действовать соответственно.
Ключевые слова: аудитория, ответственность, нравственность, уважение, неуважение, честность, правдивость, качественность, язык.

THE RESPONSIBILITY OF THE JOURNALIST AT A MODERN DAY

In relations between the journalist and his audience the priority always should be given to responsibility, expressed by full respect for its interests. Journalist, conscious of its responsibility, should be in a constant state of cogitativeness and quests of the nature of general and concrete activities within the frames that would be pure realization of its social and relational duty and respect of his audience and reader. Awareness of this responsibility is manifested in aspiration to act accordingly.
Key words: audience, responsibility, morality, respect, disrespect, honesty, integrity, goodness, language.

Сведения об авторе: ***Афсахзод Аббоси Аълохон*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры печатных СМИ и PR Российско –Таджикского (славянского) университета.
Телефон: **+7(392) 935-78-69-69.** E-mail: **abbos64@mail.ru; abbos@airnav.tj**

ИМИДЖ РОССИИ НА СТРАНИЦАХ СОВРЕМЕННОЙ РУССКОЯЗЫЧНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИКИ

(по материалам «Народной газеты» и «Азии-Плюс»)

С.Б. Мирзоев
Таджикский национальный университет

В условиях глобальных политико-экономических трансформаций успех той или иной страны, другими словами, её имидж на мировой арене зависит не только от экономической или военной, но и от информационной мощности. Значительная часть мощи - государства - это грамотное и адекватное построение странового имиджа. Средства массовой информации (СМИ) не только реагируют на текущие социально-политические и экономические события, но и воздействуют на них. Формирование имиджа государства на мировой политической арене зависит от комплекса факторов, но, прежде всего от эффективности международных отношений, идеологической привлекательности и динамично развивающийся экономики. Качественная и плодотворная работа по формированию и продвижению бренда определённой нации требует не малых финансовых затрат, но следует учитывать и то, что она приносит определённые дивиденды в экономическом и политическом сферах, привлекая огромное количество туристов и потенциальных инвесторов.

Имидж государства - есть результат совместных действий представителей государственного управления, гражданского общества, а также реализации внешней политики, формирующей представление и образ страны в глазах мирового сообщества. СМИ в силу своего охвата, распространенности и доступности могут оказаться действующим инструментом в деле создания имиджа страны. Кроме того, СМИ могут предоставить площадку для обсуждения мнений, как со стороны госслужащих, так и гражданского общества, тем самым, превращаясь в форум, который также вносит свой вклад в формирование и укрепление имиджа той или иной страны.

Итак, что же понимается под понятием «государственный имидж»? Имидж государства – это совокупность общих представлений (состоящая из набора убеждений и ощущений), складывающихся у зарубежных граждан от страны в целом. Таким образом, представление об имидже включает в себя рациональную, или логическую составляющую, основанную на внутренней убежденности, и эмоционально-образную, базирующуюся на чувствах [9, 3].

В настоящей статье, мы рассматриваем имидж Российской Федерации в русскоязычных печатных СМИ Таджикистана в период 2010-2015 гг., как фактор межгосударственного, стратегического партнерства. Выбор заданной темы обусловлен тем, что от СМИ в наши дни все больше зависит имидж той или иной страны. Анализ содержания материалов русскоязычных печатных СМИ Таджикистана показывают, что освещению российско-таджикских отношений в информационном пространстве Республики Таджикистан уделяется особое внимание.

Среди особенностей освещения темы России в русскоязычных СМИ Таджикистана можно выделить две основные:

1. Имидж России в вышеназванных масс медиа в целом положителен. Российская Федерация рассматривается как стратегический партнер республики, как важный геополитический игрок региона и как основной источник социально-экономической стабильности страны.

Такое изображение России в таджикских СМИ можно объяснить историческими и продолжительными отношениями двух стран, которые почти 70 лет были объединены в СССР. Эта общая история только подкрепляется ностальгическими отношениями населения, выраженными на страницах периодической печати Таджикистана касательно совместного советского прошлого. Помимо этого, Россия, после распада Советского Союза, превратилась в основной источник дохода населения Таджикистана. Следует заметить, что материалы данной категории особенностей, наиболее ярко представлены в государственной газете «Народная газета». Россия представляется, как стратегический партнер, основной инвестор в экономику Таджикистана, также отмечается продолжительность и важность российско-таджикских взаимоотношений. Например, за период 2010-2013 гг. в «Народной Газете» статей исключительно политического характера, освещающих перспективы и нынешние реалии российско-таджикских отношений, насчитывается около 40.

Будет уместно отметить, что положительное отношение к России можно наблюдать по наличию различных российских культурных центров, которые ведут свою деятельность в сфере сохранения и популяризации русского языка и культуры в стране. Из числа подобных организаций, отметим, фонд «Русский мир» при Таджикском Национальном университете, Таджикском государственном педагогическом университете имени С. Айни, Таджикском государственном институте языков имени С. Улугзаде и при Российско-Таджикском (славянском) университете. В деле укрепления международных связей, сотрудничества в гуманитарной сфере и формирования положительного имиджа России, в частности в Таджикистане, ведёт работу представительство Россотрудничества. Несмотря на большой отток русскоязычного населения, после гражданской войны, русский язык остается языком межнационального общения в Таджикистане. К тому же, в стране функционирует филиалы МГУ, МИСИС, а также Российско-Таджикский Славянский Университет.

2. Краткосрочно, имидж России предстает в негативном плане, что зависит от политической ситуации и настроений, возникающих между двумя странами. Россия, будучи более сильным политическим игроком, чем Таджикистан, может использовать рычаги давления на страну, что не остается без внимания отечественными СМИ, а также ведет к смене тона освещения Российской Федерации в публикациях.

Так, например, громкое «дело летчиков» от 8 ноября 2011 года породило целый ряд статей в СМИ, критикующих Россию за использование таджикских мигрантов в качестве разменной «монеты». Ужесточение мер пребывания мигрантов на территории России, случаи смерти или убийства таджикских соотечественников не остаются незамеченными на страницах русскоязычных СМИ Таджикистана. Что касается «рычагов давления», то в связи с этим показательна статья в общественно-политической газете «Азия-плюс» под заголовком «Мигранты – ахиллесова пята Таджикистана». Издание, ссылаясь на некоторые экспертные мнения, пишет, что «экономические проблемы со странами Запада вынуждают Россию оказывать давление на Таджикистан для принуждения его вступления в Евразийский экономический союз (ЕАЭС)», который, как известно, вступил в силу 1 января 2015 года. Применение подобного давления издание связывает с нововведенными требованиями в миграционной политике Российской Федерации с началом 2015 года в отношении таджикских трудовых мигрантов. В данном материале приводится ряд экспертных мнений, выступающих за то, чтобы Таджикистан воздержался от вступления в данный союз. Статья связывает такой «совет» с ростом инфляции, резким повышением цен и ухудшением социально-экономической ситуации, которые, как предполагается, могут быть результатами присоединения Таджикистана к ЕАЭС [2].

Необходимо отметить, что в целом колорит в материалах, посвященных Российской Федерации и взаимоотношениям с Таджикистаном, зависит от типа издания. Так, например, в «Народной Газете», печатном органе Республики Таджикистан, из изученных нами 40 статей за вышеназванный период, только 2 носили негативную окраску. Это

статьи «Санитара вызывали?» и «Компартия России: Пролетарии, разъединяйтесь!», в которых авторы критически отзываются о таких политических фигурах России, как Онищенко и Зюганов, и их позиции по отношению к таджикским трудовым мигрантам [5]. Но эти две статьи, скорей всего, являются исключением, выбивающимся из стройного ряда положительных публикаций на страницах «Народной Газеты». В целом, статьи данного издания посвящены тематике двустороннего стратегического сотрудничества России и Таджикистана в экономической, социальной и военной сферах, а также культурным взаимоотношениям, совместным встречам, мероприятиям и конференциям. К тому же, в основном, заголовкам статей заданы ярко выраженные лексиконом и словами, прочитав которые, можно понять позицию автора и его оценочное направление.

К примеру, в статье «Народной газеты» под заголовком «Россия никогда не оставит в беде братский таджикский народ», посол Российской Федерации в Таджикистане Игорь Лякин-Фролов говорит о российско-таджикской дружбе, которая «выдержала сложные испытания, связанные с распадом СССР, гражданской войной и постконфликтным восстановлением республики». Посол так же отмечает, что отношения между двумя странами «наполнены конкретным содержанием, которое действительно отвечает высокому статусу стратегического партнерства» [6].

Автор другой статьи данного печатного органа с не менее экспрессивным заголовком: «Дружба, находящаяся под благословленным крылом» отмечает, что «Россия и Таджикистан – братские страны, и Россия, как никто другой, всегда рядом с таджикским народом в самые трудные годы». Связывая заголовок со своей идеей, автор пишет, что «…тот, кто укрепляет дружбу народов, находится под крылом пророка. Народы России и Таджикистана находятся под этим крылом, ибо считают дружбу между Россией и Таджикистаном своей судьбой» [10]. В данном материале четко выражена авторская положительная позиция по отношению к России и ее сотрудничеству с Таджикистаном. Помимо основной части о стратегическом взаимоотношении между «братскими народами», немалая часть материала ссылается на такие общепринятые ценности, как дружба, священность, взаимное разделение невзгод судьбы и взаимопомощь. Это позволяет предположить, что у издания есть определенная политика по освещению РФ на своих страницах.

Как становится очевидным, статьи освещают такие общие сферы, как стратегическое партнерство, внешняя политика, приоритеты сотрудничества, дружба народов, встречи и обсуждения высшего уровня между руководством двух стран и значимые культурные и образовательные мероприятия. Поэтому, авторы публикаций ограничиваются указанием определенных фактов, называнием неких достижений и заключением, а мнений экспертов или сторонних читателей не приводится.

Однако следует признать, что не все материалы в «Народной Газете» сугубо положительны по отношению к России. Так, в вышеуказанной статье «Санитара вызывали?» автор критикует главного санитарного врача РФ Геннадия Онищенко за его инициативу ввести «временный запрет» на использование в России трудовых ресурсов из Таджикистана. Это предложение, Г. Онищенко объясняет тем, что «только за 2010 год в страну въехали 188 граждан этой страны [Таджикистана] с туберкулезом, сифилисом и ВИЧ». Такую инициативу Г. Онищенко, автор статьи К. Бабаев связывает с ответными реакциями на нашумевшее «дело летчиков», которые были задержаны в Таджикистане [5]. Второй показательной статьей в данном ключе является «Компартия России: Пролетарии, разъединяйтесь!». В этом материале автор выступил с резкой критикой Геннадия Зюганова, лидера Компартии России за то, что тот предложил ввести визовый режим со странами Центральной Азии и, в частности, с Таджикистаном. К. Бабаев ставит под сомнение правильность идеологической приверженности главного коммуниста России, действующего вразрез с идейными принципами коммунизма и социализма, которые признают трудящегося гражданина без учета его этнической принадлежности и места проживания [4].

Стоит отметить, что такие статьи с критической подоплекой возможны только в том случае, когда взгляды авторов этих публикаций совпадают с наиболее общими интересами российской политической элиты. Так, например, Онищенко и Зюганов в своих инициативах не снискали должной поддержки своего политического руководства. Кроме того, в «Народной Газете» приводятся мнения Владимира Путина и Дмитрия Медведева,

говорящих о нецелесообразности введения визового режима и необходимости России во внешних трудовых ресурсах [8].

Для иллюстрации второй особенности имиджа Российской Федерации на страницах периодической печати Республики Таджикистан, наиболее показательны материалы газеты «Азия Плюс». Одним из самых резонансных и широко обсуждаемых статей является материал об издании российской брошюры для приезжих трудящихся, в которой трудовые мигранты были представлены в образе строительных инструментов. Данная брошюра вызвала бурю недовольства в таджикском обществе, и газета «Азия-плюс» по данному поводу приводит несколько экспертных мнений в своем материале.

Так, лидер движения «Таджикские трудовые мигранты» Каромат Шарипов отмечает, что теперь таджикских мигрантов будут называть «вениками» или «лопатами», в то время, как «у 50% приезжающих в Российскую Федерацию мигрантов из Таджикистана высшее образование, это порядочные и честные люди…». Другое мнение выражает Гавхар Джураева, глава центра «Миграция и право», которая заявляет, что если бы работодатели в свою очередь были изображены в виде инвентаря, тогда можно было бы избежать обиды и оскорбительного восприятия. Российских эксперт Лев Пономарев, лидер движения «За права человека», считает, что «такие вещи только разжигают ксенофобию» [3]. При этом следует отметить, что освещение данной резонансной брошюры «Народная Газета» обошла стороной.

Примечательно то, что, как в «Народной Газете», так и «Азия-Плюс» статьи критического характера посвящены проблемам таджикской трудовой миграции в России. Так, в вышеупомянутой статье «Мигранты – ахиллесова пята Таджикистана» проводится анализ того, каким образом Россия может и уже использует наличие трудовых мигрантов Таджикистана на своей территории для оказания давления и манипулирования, с целью принудить Таджикистан к выполнению тех или иных действий. Экспертные мнения, которыми богата статья, сводятся к тому, что трудовые мигранты могут оказаться «козырной картой» в руках России, когда дело коснется вступления Таджикистана в ЕАЭС и Таможенный Союз. Так, глава СДПТ в ГБАО Алим Шерзамонов, указывает на манипуляции со стороны России касательно мигрантов и отмечает, что «правовая незащищенность [мигрантов] связана с коррупционными схемами, а также с недостатком эффективных механизмов подачи жалоб жертвами противоправных действий» [2].

Итак, можно заключить, что характер и оценочная составляющая публикаций о России на страницах русскоязычных СМИ РТ зависят от типа и идеологической направленности издания. Как было выявлено выше, в «Народной Газете» практически все публикации на данную тему носят позитивный характер, рассказывающих о нынешнем положении и перспективах стратегического партнерства между двумя странами. Создавая статьи на такие обширные темы, как двустороннее сотрудничество, военные соглашения, культурные и образовательные связи, авторы статей в «Народной Газете» не приводят экспертные точки зрения, мнения общественности и отдельных лиц. Следует также подчеркнуть, что одной из важных отличительных особенностей газеты является то, что, будучи печатным органом правительства, «Народная Газета» публикует ответные статьи на высказывания политических игроков России, которые, по мнению издательства, потенциально вредны для партнерства двух стран.

Это и отличает издание от общественно – политической независимой газеты «Азии-Плюс», материалы которой характеризуются привязкой к отдельному случаю или явлению, как, например, проблемы миграции. Здесь публикации часто изобилуют многочисленными экспертными мнениями, противоположными точками зрения и статистическими данными. Кроме того, авторы данных статей задаются вопросами касательно миграционной политики непосредственно Таджикистана, воздерживаясь от одностороннего обвинения лишь Российской Федерации.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Абдуллаев М.А. Языковой колорит русскоязычных СМИ Республики Таджикистан. / М.А. Абдуллаев // Сборник научных статей «Русскоязычные СМИ в условиях информационного общества Таджикистана. – Д., 2014. - С.151.
2. «Азия-плюс» Мигранты – ахиллесова пята Таджикистана. - №26 (1009) от 6 апреля 2015 г.
3. ИА «Азия-плюс». В России вокруг брошюры для мигрантов разгорается скандал от 20 октября 2012 г. [Электронный ресурс] / Режим доступа; http://news.tj/ru/news/v-rossii-vokrug-broshyury-dlya-migrantov-razgoraetsya-skandal.

4. К. Бабаев. Компартия России: Пролетарии, разъединяйтесь! / К. Бабаев // «Народная газета». - № 30 (19896) от 3 июля 2013 г.
5. Муллоев Ш.Б. К вопросу о положении русского языка в контексте российско-таджикских отношений / Ш.Б. Муллоев // Сборник научных статей «Русскоязычные СМИ в условиях информационного общества Таджикистана. – Д., 2014. - С.151.
6. «Народная газета». Россия никогда не оставит в беде братский таджикский народ. - №52 (19918) от 25 декабря 2013 г.
7. «Народная газета». Санитара вызвали? - №47 (19808) от 23 ноября 2011 г.
8. «Народная газета». Владимир Путин выступил против визового режима для мигрантов из СНГ. - № 46 (19912) от 16 октября 2013 г.
9. Савиных А.В. Имидж государства / А.В. Савиных // «Беларуская думка» – общественно-политический и научно-популярный журнал. – Ноябрь 2011. - №11. – С. 3.
10. Х. Усманов. Дружба, находящаяся под благословленным крылом / Х. Усманов // «Народная газета». - №24 (19837) от 13 июня 2012 г.

ИМИДЖ РОССИИ НА СТРАНИЦАХ СОВРЕМЕННОЙ РУССКОЯЗЫЧНОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИКИ
(по материалам «Народной газеты» и «Азии-Плюс»)

В данной статье автор анализирует публикации русскоязычных газет, посвященные российско-таджикским отношениям, как фактор стратегического сотрудничества. На основе изученных материалов, автор выявляет специфику формирования имиджа России на страницах русскоязычных печатных СМИ Республики Таджикистан. Также отмечается роль российских культурных центров в деле сохранения и популяризации русского языка и культуры в РТ.

Ключевые слова: СМИ; миграция; страновой имидж; ЕАЭС; стратегическое партнерство; Российская Федерация.

RUSSIA'S IMAGE ON THE PAGES OF THE CONTEMPORARY RUSSIAN-LANGUAGE MEDIA OF TAJIKISTAN (WITH THE CASES OF "NARODNAYA GAZETA" AND "ASIA-PLUS" ARTICLES)

In this article the author analyzes the publication of Russian-language newspapers devoted to Russian-Tajik relations as a factor of strategic cooperation. The author reveals the specifics of forming Russia's image in the Russian-language print media pages of the Republic of Tajikistan based on the study of materials. Also notes the role of Russian cultural centers in the preservation and popularization of the Russian language and culture in the Republic of Tajikistan.

Key words: mass media; migration; state image; Eurasian Economic Union (EEU); strategic partnership; Russian Federation.

Сведения об авторе: ***С.Б. Мирзоев*** - аспирант кафедры печатных СМИ Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 900-80-70-97 (м.), (+992) 777-00-05-08 (м.).** E-mail:**Saady-1989@mail.ru**

САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАТБИҚИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ДАР КИШВАР

Гулнозаи Бобокалон
Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Баъд аз муборизаҳои пайдарпай ва созанда ба ҷавони ҷасур, матин ва ғамхори миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон муяссар гашт, ки 6-уми ноябри соли 1994, пас аз баргузории овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардад.

Ҳангоми ба ин унвони олӣ ноил гардидан, Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 42 сола буд. Ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, пайваста мекӯшид халқи гурезаи аз ҷанг азияткашидаро ба Ватани аҷдодиашон баргардонад ва қавл дод, ки «То охирин гурезаро ба Ватан барнагардонам, худро осуда ҳис нахоҳам кард». Заҳмат намуд, то ки сулҳу амният ва осоиштагии рӯзгори мардумро дар қаламрави мамлакат таъмин карда, кулли сохторҳои идоракунии давлатиро ба манфиати ҷомеа дигаргун созад, ба оғози марҳилаи бунёдкориҳову созандагиҳо асос гузорад.

Ҳанӯз, зимни баргузории интихоботи раиси ҷумҳур, соли 1994-ум, Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи пешазинтихоботиашро чунин маънидод кард: «Мақсади асосии ман ин аст, ки Тоҷикистон бо мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар як радиф қарор дошта бошад, халқи ман дар шароити сулҳу оромӣ ва амният зиндагӣ кунад. Аз ин рӯ, ҷомаи амал пӯшидани тамоми ин ҳадафҳоро танҳо дар ваҳдату ягонагӣ ва меҳнати софдилонаи халқи азизам, ки таърихи чандинасра ва фарҳаги ғанӣ дарад,

мебинам ва боварии комил дорам, ки ояндааш низ бузург аст. Ин ояндаро мо бояд созем».

Он рӯзҳо ин суханони пешвои мардум ба дилу дидаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони азиз маскан гирифт ва умеди дубора эҳё гардонидан ва машҳури ҷаҳон намудани миллати тоҷик тавлид гашт ва дар натиҷаи талошҳои бемислу монанди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарвари оқилу одил ва тавоно-Эмомалӣ Раҳмон имрӯз метавон гуфт, ки халқи тоҷикро кулли олам шинохтааст.

Бад-ин минвол, фаъолияти пурзаҳмат ва сермаҳсули Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид. Он солҳо мебоист қариб тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимро тағйир дод ва дар натиҷаи кӯшишу талошҳои ҳамарӯзаи сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд, ки ҳамаи ин иқдому тағйиротҳо барои некӯаҳволии зиндагии мардуми тоҷик равона гашта буд.

Бояд тазаккур дод, ки зимни интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Президенти ҷумҳурӣ, ҳамзамон, Конституцсияи (Сарконуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, ба таври умумихалқӣ аз ҷониби шаҳрвандони комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри давлати Тоҷикистон қабул шуд. Ин ҳуҷҷати басо муҳим ва тақдирсози миллат бо моддаҳо ва бобҳои пурмуҳтавои худ бар он мусоидат намуд, ки ҳар сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона аз ҳуқуқ ва ҳуҳдадориҳои хеш баҳравар гардад. Боби алоҳидае (4) зери унвони «Президент» матраҳ гашт ва муқаррароту салоҳияту шароитҳои хубу заруриро барои Сардори давлат фароҳам овард. Такя ба ин модда ва қонунҳои дигаре, ки фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бевосита танзим менамояд, Эмомалӣ Раҳмон заҳмат кашид, талош варзид ва саъй намуд, ки ҳарчи зудтар оромӣ, ободӣ ва осудагии рӯзгори мардумро муҳайё созад.

Муҳлати аввали ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 ба анҷом расид. Мувофиқи талаботи Конституцсияи қабулшуда ваколати Сардори давлат ҳамагӣ панҷ солро ташкил медод. Аз ин рӯ, зарурат ба миён омад, ки Президенти ҷумҳурӣ аз нав интихоб гардад ва ин буд, ки 6-уми ноябри соли 1999 интихоботи навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гашт. Эмомалӣ Раҳмон дубора номзадии худро ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошт. «Агар шаҳрвандон мартабаи Президенти ҷумҳуриро ба ман аз нав бовар кунанд, ман мақсади асоситарини худро дар ин мақоми масъулиятнок минбаъд низ дар таҳкими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона хоҳам дод»-чунин буд яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимми барномаи пешазинтихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Дар паҳлуи ӯ номзадҳои алтернативии дигар ҳам буданд.

Тамоми муборизаҳои Сарвари давлатро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ миллати соҳибистиқлоли тоҷик хуб мефаҳмид ва аз ин лиҳоз, наметавонист ин мансабро дар симои шахси дигар бубинад. Бинобар ин, бо умеду эътимод шаҳрвандони мамлакат бе шакку шубҳа овозҳои худро рӯзи 6-уми ноябри соли 1999 ба марди накӯкор, ҷонфидои давлату миллат ва ғамхори ятимону маъюбон Эмомалӣ Раҳмон доданд ва ӯ аз нав дар асоси бисёрномзадӣ ва бо овозиҳии умумихалқӣ бори дуюм ба муҳлати панҷ сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Шодии мардумро, аз дубора интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадду канор набуд. Ин фараҳро метавон аз натиҷаи овозиҳии мардум ба ин шахсияти наҷиб мушоҳида намуд. Маҷлиси Олӣ ва дар симои он мардуми Тоҷикистон барои хизматҳо дар амри ба Ватан баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ, заҳмату талошҳои фидокорона ва матонату ҷасурӣ, таъмину таҳкими сулҳу субот ва амният дар қаламрави ҷумҳурӣ соли 1999 ба Эмомалӣ Раҳмон унвони олӣ - Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муносиб донистанд.

Ҳамин тавр, марҳилаи дувуми кории Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Тӯли ин солҳои таърихӣ дар қаламрави давлат бо талошҳои пайвастаи Эмомалӣ Раҳмон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар дар даврони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи меҳнати фидокорона ва иқдомҳои қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон имрӯз дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Мукофоти ин ҳама заҳматкашиданҳо буд, ки ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми

бузурги ҷомеаи ҷаҳониро нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ афзун гардонд.

Дарвоқеъ, Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувваи худро барои некӯаҳволии халқи азизаш равона месозад ва ин кӯшиш имрӯз низ боиси дастгирӣ ва аҳсантхониҳои бешумори ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Ҳамин тавр, хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва Истиқлолияти миллӣ аз он иборат аст, ки маҳз ӯ бори масъулият ва ихтиёри давлатдориро ба уҳда гирифта, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохт, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дод, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуд, заминаи сулҳи миллиро матраҳ кард, қариб тамоми гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт, ислоҳоти конституцсиониро дар мамлакат амалӣ гардонд, Конституцсияи (Сарқонуни) нави Тоҷикистонро эҷод кард, барои ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа (27-уми июни соли 1997) заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт. Сулҳи тоҷиконро таъмин кард, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи беназир аст. Заминаҳои худшиносӣ ва эҳёи миллиро фароҳам сохт, ба корҳои азими созандагӣ ифтитоҳ бахшид, аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро ба куллӣ беҳтар карда, хатари гуруснагиро аз байн бурд, эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ афзун гардонд. Аз ҳама муҳиммаш эътимоди мардумро ба зиндагии ободу осуда қавӣ гардонд.

Дар баробари пайванд намудани дилҳои кулли тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон бо баргузории Анҷумани шашум, эълон доштани Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ барои миллати мутамаддини тоҷик дар олам, таҷлил кардани 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ марҳилаи ободкориҳо вусъати тоза касб намуд.

Аз соли 1994-ум инҷониб, яъне баъд аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон, тағйиротҳои назаррас ва басо муҳим ба вуқӯъ пайвастанд, ки ҳамаи онҳо бешубҳа, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳодисаҳои нодир маънидод гаштанд.

Аз рӯзи нахустини эъмори ҷомеаи сулҳпарвар Сарвари давлати тоҷикони дунё Эмомалӣ Раҳмон бо матонат ва далериву шуҷоат арз дошт, ки мо бояд ҳамеша роҳ ба бунёдкорӣ ва тармиму таъмири биноҳову иншоотҳои фалаҷгашта ниҳем. Шиори ӯ: «Ба пеш, ба сӯйи хираду созандагӣ!»-дар ҳама ҷо назаррас буд ва такя ба он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дастёронаш пайваста заҳмат мекашид, то биноеро обод кунанд, хонаеро рӯшан намуда, ба дилу дидаи ҳар як шаҳрванди тоҷикистонӣ шуълаи умед барангезанд.

Дар мамлакат бунёдкорӣ низ оғоз шуд: сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, нақби ағбаи Анзоб, сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ-обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, Роғун, конҳои гази Хоҷасартез, Хоҷабоқирғон, фурӯдгоҳи шаҳри Кӯлоб ва азнавсозии фурӯдгоҳи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, барқароркунии роҳи оҳани Вахш-Ёвон, ба кор андохтани як қатор иншооти хурду бузурги саноатӣ дар деҳот ва шаҳру вилоятҳо, ободонии маҳалҳои истиқоматӣ, азнавсозии роҳу пулҳои харобшуда, махсусан дар водиҳои Рашту Вахш, таъсиси даҳҳо корхонаҳои муштарак дар саросари ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ танҳо тавассути кӯшишу заҳматҳои фарзанди асилу фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба даст оварда шуд. Ин ҳама на танҳо ба рушди иқтисодиёти кишвар, балки барои таҳкими мавқеи байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Оғоз бахшидан ба марҳилаи ободкориҳо аз ҷониби сардори давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои мо дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва Истиқлолияти миллӣ мусоидат намуда, пеши роҳи хатари нобудшавии ҳамагуна хавфҳои миллиро, ки бо сохтмон ва ободкориҳо вобастагӣ дошт, гирифт. Хираду созандагии Эмомалӣ Раҳмон ба мо имкон фароҳам овард, ки заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро бунёд созем, шоҳроҳҳои азими асрро ба истифода дода, барои некӯаҳволии шаҳрвандони Тоҷикистон саъй намоем.

Таҷрибаи сулҳҷӯёнаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ барои мо як мактаби бузурги ҳаёт ва сабақи нотакрори

давлату давлатдорӣ, марҳалаи ибратомӯзи расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, як қадами ҷиддии рӯ овардан ба нақшаҳои азими созандагӣ гардид, ки ҳадафҳои бузурги он бо тақдири наслҳои оянда пайвастаанд.

Эмомалӣ Раҳмон ба ивази саҳми хеле арзишманди худ дар таъмини сулҳи Тоҷикистон ва таҳкими амнияти минтаҚа ва дигар хидматҳои шарофатмандонааш дар вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни мардумон бо унвону нишонҳои олии давлатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷаҳон сарфароз гардидааст.

Ба итмом расонидани сохтмони нақби Анзоб (бо пешниҳоди сарвари давлат- «Истиқлол»), оғози расмии бунёди нақби автомобилгарди Шаҳристон, бунёди шоҳроҳҳои бузурги аср, сохтмони пулҳои аҳамияти минтақавидошта, оғози расмии сохтмони нерӯгоҳи барқӣ-обии «Сангтӯда-1», «Сангдӯда-2», «Роғун» ва монанди инҳо аз ҷумлаи иншоотҳое мебошанд, ки бо бунёди онҳо Истиқлолияти коммуникатсиониро таъмин мекунем.

Мавриди зикр аст, ки бо сохта ба истифода додани нерӯгоҳи барқӣ-обии «Сангтӯда-1» ва ду агрегати нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи таъминоти қувваи барқ пурра ҳал мегардад ва ҷумҳурӣ имконият пайдо менамояд, ки дар ин замина иқтидорҳои нави истеҳсолии корхонаҳои саноатиро ба кор андозад.

Моҳияти дигари масъала аз он иборат мебошад, ки дар баробари сохта ба истифода додани ҳарду нерӯгоҳ, дар заминаи қувваи барқи арзони истеҳсоли ватанӣ, даҳҳо корхонаҳои дигари истеҳсолӣ пайдо мешаванд, ки метавонанд захираҳои бойи канданиҳои фоиданокро ба манфиати халқу кишвар ба истифода диҳанд ва бояд дар ин ҷода, аз кӯшиш, талош, муборизa ва ҷонфидоии Эмомалӣ Раҳмон чун Сарвари оқилу доно ва тавоно ёдрас шуд. Аксари барномаҳои дарозмуҳлати давлатӣ, бахусус, стратегияи паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ маҳз ба хотири таъмини некӯаҳволии намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, равнақи кори муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти нерӯҳои зеҳнии сарзамин амалӣ шуда истодаанд.

Дар ин замина, кушодашавии телевизиони кӯдаконаи «Баҳористон» дар арафаи 15-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Анҷумани навбатии тоҷикон ва форсизабонони дунё чун нишон ва рамзи дастгирии бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ҳама давру замон аҳли илму маърифат, мояи ифтихору эътиқод ва равшангарони роҳи фардои беҳтару созанда буданд. Мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр аз он сарфарозӣ менамояд, ки дар таърихи гузаштаю имрӯза шахсиятҳои оқилу дурандеш, фарзандони нобиғаву воломаърифат ба дунё овардаву боз хоҳад овард ва онҳо ҳамчун роҳбаладони бедордили ҷомеа, азму боварии имрӯзиёну ояндагонро ба некӯаҳволию бунёдкорӣ қавитар мегардонанд.

Бо заҳматҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, оғози ободкориҳо дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо суръати баланд густариш ёфта, ба ҳамагон натиҷаҳои ин талош назаррас гардидааст, ки наметавон тамоми сайъи ин абармарди шуҷоъро рӯйи қоғаз овард. Танҳо ҳамин нукта мавриди таъкид аст, ки маҳз бо шарофати дастгирии Эмомалӣ Раҳмон бунёди иншоотҳои ҳаётан муҳим ва беҳтар гардидани ҳаёти осоиштаи мардум вусъати тоза гирифта, тӯли ин солҳо умеди умедворон боз ҳам қавӣ гашт.

Бо назардошти ҳамаи талошҳо ва кӯшишҳои пайиҳами Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар асоси моддаи 64-уми Коститутсияи кишвар, ки тақозои интихоби сарвари навро ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миён мегузорад, соли 2005 интихоботи навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои озоду демократӣ ва шаффоф баргузор гашт. Панҷ ҳизб номзадии худро барои муборизa дар маъракаи пешазинтихоботӣ ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ намуданд, вале маҳбубияту маъруфияти Эмомалӣ Раҳмон миёни халқ ба маротиб зиёд буд ва эътимод доштем, ки дар интихоботи навбатӣ, бо кӯмаки интихобкунандагон ба пирӯзӣ мерасем.

Салоҳиятҳои Президентро моддаи 69-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас намудааст, ки аз инҳо иборатанд:

- Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;
- Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

- Ба татбиқи сиёсати хоричӣ роҳбарӣ мекунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд...

Ин ва дигар салоҳиятҳои бардӯшдоштаи Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли солҳои Президентии худ ба пуррагӣ иҷро шуда, дар дили мардум бовариро нисбат ба давлату Ҳукумат афзун намуд ва дар ин ҷода маҳз аз заковату талошҳои ин абармарди начиб ва оқилу тавоно мебояд ёдрас гардид.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон Раисии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба уҳда дорад ва аз замони чун сарвари ҳизб интихоб гаштани Эмомалӣ Раҳмон, нуфузу қудратманд гаштани он ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид ва маҳбубияти он миёни халқ дар муддати начандон зиёди вақт ба маротиб афзуд.

Дар Анҷумани навбатии ҲХДТ, ки рӯзи 23-юми сентябри соли 2006 баргузор гардид, лоиҳаи қарори Анҷуман дар бораи номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани Раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон, бинобар номзади дигар пешниҳод нашудан, ба овоздиҳии кушода монда шуда, якдилона қабул гардид. Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҳамчун номзад пешбарӣ кардани ӯ ба мансаби Президенти мамлакат розигии худро дода, ба ҳамаи вакилони Анҷуман ва тамоми аъзои ҳизб барои чунин боварӣ ва эътимоди бузургашон изҳори сипос намуд.

Ин боварӣ ба Сарвари давлат на танҳо гувоҳи якдилии вакилон, балки эътимоди қавии мардумро ба Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад.

Президенти амалкунандаи кишвар Эмомалӣ Раҳмон барномаи пешазинтихоботии худро барои шаҳрвандон муаррифӣ сохта, ҳадафҳои стратегии ҲХДТ-ро барои солҳои минбаъда манзур сохт, ки ҳамаи онҳо барои беҳбуд бахшидани ҳаёти шаҳрвандони Тоҷикистон равона гаштаанд. Аз зумраи ин мақсадҳо метавон мусоидат ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ, ҳифз ва эҳёи мероси маънавию ахлоқии ниёгон ва ҷонибдорӣ аз асолати фарҳангии ҳамаи халқҳои сокини Тоҷикистон, ҳамҷун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ, суръат бахшидан ва ба итмом расонидани сохтмони нерӯгоҳҳои азими энергетикии ҷумҳурӣ – «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Роғун» ва ба итмом расонидани хатҳои баландшиддати интиқоли барқии 500 киловатаи «Ҷануб-Шимол», «Роғун-Кобул-Ҳирот-Машҳад», «Роғун-Кобул-Исломобод», пурра ба анҷом расонидани сохтмон ва азнавсозии роҳҳои мошингарди «Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Сари Тош», «Душанбе-Хуҷанд-Мастчоҳ-Чанақ», «Душанбе-Айнӣ-Панҷакент», «Қӯрғонтеппа-Панҷи поён», пулҳои бузурги «Панҷи поён» ва ғайраро арзёбӣ намуд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсии мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун як ҷаҳиши бузурге ба ҳисоб мераванд...

Дар маҷмӯъ, нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон ба ояндаи дурахшон ва ҷаҳоншумули Тоҷикистони азиз рангину бой ва хеле ғанӣ аст. Аз рӯзи нахустини ба сари қудрат омадани ӯ тамоми соҳаҳои ҳаёт ба куллӣ тағйир ёфта, ҷанбаҳои мусбатро ба худ касб кард. Аҳолии мамлакат тамоми саъю талошҳои пайгиронаи ӯро ҳаргиз аз мадди назар дур намемонанд ва ҳамарӯза шоҳиди накӯкориҳои Эмомалӣ Раҳмон мегарданд ва ба он арҷ мегузоранд, ки дар ҳаққи халқи азизаш ба ин миқдор талош меварзад. Ӯро дурбини миллат номидан арзанда аст ва агар дастгирии мо нисбат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ ва назаррас бошад, ҳадафҳои дигари тақдирсози ӯ бар манфиати ҷомеа пайдарпай амалӣ хоҳанд гашт.

Ойини ватандорӣ ҳамин аст, ки барои минбаъд идома бахшидани ҳадафҳои азим ва умумимиллии ӯ ҳамаи мо, шаҳрвандони комилҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоем.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Шарифзода. Президенти мардумӣ / А. Шарифзода, С. Фаттоев. – Душанбе, 2012.
2. Ҳамдам А. Сиёсати ваҳдатофар / А. Ҳамдам, Л. Чигрин. – Душанбе, 2011.
3. Сомонаи расмии Президенти Тоҷикистон. [Захираи электронӣ].www.president.tj

ВКЛАД ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА ЭМОМАЛИ РАХМОНА В РЕАЛИЗАЦИИ МИРА, ЕДИНСТВА И НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ В СТРАНЕ

Статья рассказывает об основных достижениях президента страны Эмомали Рахмона в укреплении и реализации национального единства, мира и согласия в стране. Основываясь на конкретных примерах, делается попытка анализировать сущность данной тематики.

Ключевые слова: Эмомали Рахмон, единство, мир, согласие, национальная идея.

CONTRIBUTION OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON IN REALIZATION OF THE WORLD, UNITY AND THE NATIONAL CONSENT IN THE COUNTRY

Article tells about the main achievements of the president of the country Emomalii Rahmon in strengthening and realization of national unity, peace and harmony in the country. Based on concrete examples, attempt to analyze essence of this subject becomes.

Key words: Emomali Rahmon, unity, world, consent, national idea.

Сведения об авторе: ***Гулнозаи Бобокалон*** - аспирант ТГИИ им. Мирзо Турсунзода.
Телефон: **(+992) 937-70-63-33.**

БОЗТОБИ ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ЗАНОНИ МУЗОФОТ АЗ НИГОҲИ БОНУВОНИ ЖУРНАЛИСТИ ХАТЛОН

Носирҷон Маъмурзода
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Пажӯҳишу кандуков ва варақзании матбуоти даврӣ аз он далолат мекунанд, ки саҳми занони рӯзноманигори хатлонӣ дар ташаккул ва таҳаввули матбуоти Тоҷикистон қобили мулоҳиза буда, бонувони қаламкаш бо диду назари бесобиқа, навҷӯй, сабку услуби хосаи нигорандагӣ аз ҳамтоёни мардашон фарқ мекунанд. Дар баробари ин, эшон дар далериву матонат, сатҳи касбият, ҷаҳонбинӣ ва хештаншиносӣ низ аз мардон камбуде надоранд, ки шоистаи таҳсин аст.

Дар мавриди ташкили аввалин рӯзномаҳо дар Хатлонзамину нахустин публитсистони вилоят қаблан ҳам матолибе ба нашр расидаанд, аммо мавзӯи ҷойгоҳи бонувони эҷодкор дар матбуот ва журналистикаи минтақавӣ, инъикоси ҳаёти занони Хатлон дар ВАО-и маҳаллӣ аз нуқтаи назари илм пажӯҳиш нашуда, то ҷое аз назари муҳаққиқон дур мондааст.

Агар ҳар боре дар бораи аввалин публитсистону журналистони вилоят сухан равад, бештар номи Насрулло Абдуллоеву Мирсаид Миршакару Ляховичу Коночкинро мегиранд, ки нахустин муҳаррирони рӯзномаи тоҷикию русии «Зарбдори сохтмони Вахш» будаанд. Аммо шояд кам касе маълумот дошта бошад, ки ҳанӯз қабл аз пайдоиши ин рӯзнома дар «Вахшстрой» зани ҷавони роҳиоҳансозе бо номи Валентина Петровна Астафйева соҳибрӯзнома будааст [3, 3].

Валентина Петровна Астафйева пас аз ин ки дар бораи барномаи стратегии Ҳукумати Шӯравӣ оид ба бозсозиҳо дар Осиёи Миёна ва азхудкунии водиҳо дар ин минтақа иттилоъ дармеёбад, бо хоҳиши худ тирамоҳи соли 1930 аз шаҳри Сарански Русия ба совхози Вахш омада, ин ҷоро қароргоҳи кору зиндагии хеш интихоб мекунад. Валентина Петровна дар сохтмони нахустин қитъаҳои роҳи оҳани камбари Панҷи Поён ва қитъаи асосии «Вахшстрой» (солҳои 1930-1932) ширкати фаъол дошта, сардории бригадаи каҷмехкоронро ба уҳда дошт. Аммо дар баробари иштирокаш дар сохтмони Вахш, ин комсомолдухтарро нахустин зани рӯзноманигор дар водии Вахш метавон унвон кард. Зеро ҳанӯз дар солҳои 1930-31, то замони ба миён омадани «Ударник Вахшстроя» - аввалин нашрияи сабтиномшуда дар Хатлонзамин, Валентина Астафйева дар маҳалли сохтмон рӯзномаҳои девории ҷолибу шавқовар мебаровард ва дар он хабарҳоро оид ба ҷараёни сохтмон, кори пурмашаққат, вале начибу бошарафонаи садҳо кормандони он ҷой медод. Дар матолиби ин рӯзномаҳои деворӣ Валентина бинокоронро ба меҳнати содиқона ташвиқ мекард ва кори онҳоро «хизмати бузурге дар назди таърих» унвон мекард [9, 172].

Имрӯзҳо дар соҳаи масс-медиа мафҳуми «журналистикаи шаҳрвандӣ» роиҷ аст. Муҳаққиқон пайдоиши ин ифодаи соҳавиро ба инкишофи интернет ва технологияҳои дигари коммуникатсионӣ дар нимаҳои солҳои 2000-ум рабт медиҳанд. Аммо ташкили рӯзномаи деворӣ аз ҷониби В. Астафйева, хабару гузоришҳои чопшуда дар он ва муҳтавои ин нашрияи дастӣ аз рӯйи шакл ва услуби пешниҳод ҳамон «журналистикаи шаҳрвандӣ»-и имрӯзаро мемонад, ки ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри гузашта дар водии Вахш нишона ва аломатҳои он мушоҳида шудааст.

Муаррих МаҳамадӣҲамроев бо истинод ба дафтари хотироти Валентина Астафйева менависад, ки ин зан дар баробари анҷоми корҳои техникӣ ва нашри рӯзномаҳои деворӣ, ҳамчунин ба иншои шеър рағбат дошта, ин ҳунарашро низ

барои роҳнамоӣ ва таблиғи кору ояндадории водии зарнисори Вахш истифода мекард. Валентина дар пайи мавриди баҳрабардорӣқарор гирифтани яке аз қитъаҳои асосии роҳи оҳан ва омадани аввалин қатора то ба мавзеи «Вахшстрой» шеъре эҷод намуда, онро манзури хонандаҳои рӯзномаи девориаш кард:

Замоне баҳри ҳайвонҳои ваҳшӣ
Чарогоҳбуд ин сахрои хомӯш.
Хати сайти қатора омад акнун,
Садояш мерасад ҳар лаҳза бар гӯш.
Ба рағми душманони гирду атроф,
Ба сабқат пиру барно кор доранд.
Кунанд обод Вахши зарнисоре,
Ки завқу шавқу нангу ор доранд [9, 33].

Валентина Астафйева аз ҷумлаи мухбирони фаъоли коргару деҳқон буд, ки дар солҳои 30-юм барои рӯзномаҳои ҷумҳуриявии Тоҷикистони Шӯравӣ аз водии Вахш хабару гузоришҳо медод. Он замон бинобар камбуди шумораи хабарнигорони ҳирфаӣ, матбуоти даврии ҷумҳурии тозабунёд асосан ба мухбирони коргару деҳқон такя мекард, ки аз миёни фаъолони сохтмонҳо, деҳқонон ва ҷонибдорони фидоии сохти нави давлатдорӣ ба ҳамкорӣ даъват шуда буданд. Валентина Астафйева, ки асосан барои рӯзномаҳои сатҳи миллии русизабон менавишт, дар матолибаш бештар ба таблиғу ташвиқи фаъолияти пахтакорон, бригадаҳо ва колхозҳо, таҷрибаи пешқадаму намунавии гурӯҳҳои заҳматкаши саҳро рӯ меовард.

Он замон ташкил кардани газетаҳои деворӣ дар тамоми сохтмонҳо, колхозҳо ва идораҳои корӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисоб мешуд. Ҳукумати вақт таъкид мекард, ки таъсиси чунин рӯзномаҳои деворӣ ва ба миён омадани матбуоти даврӣ дар сафарбарӣ ва ҳавасмандии ҳарчӣ бештари синфи коргар ба умури бозсозии мамлакат, зудтар расидан ба ҳадафҳои барномаи панҷсолаи якуму дуюми давлати Шӯравӣ саҳми бориз хоҳад гузошт.

Соли 1935 мухбири маҳаллӣ В. Астафйева дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» зери сарлавҳаи «Ҳамробибӣ Обилова дар як рӯз 145 кг пахта мечинад» хабареро ба нашр расонд. Дар ин матн муаллиф доир ба комёбиҳо ва таҷрибаи шоистаи ибрати зани пахтакоре аз колхози ба номи Раҳимбоеви ноҳияи Куйбишев (ҳозира ноҳияи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ) иттилоъ додааст.

Ин хабари Валентина Астафйева базудӣ вокунишҳои зиёди мусбатеро ба бор овард. Ба иддаои муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик Иброҳим Усмонов ва Давлат Давронов, Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Тоҷикистон 28 октябри соли 1935 қароररо ба тасвиб расонида, кулли кормандони матбуоти даврии сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ (ноҳиявӣ)-ро муваззаф кард, ки аз таҷрибаи ғании Ҳамробибӣ Обилова барои хонандаҳои худ маълумот диҳанд ва ташаббуси ӯро, ки «ҳаракати стахановӣ» номида мешуд, таблиғ ва дастгирӣ намоянд [7, 111] (Дар воқеъ, «ҳаракати стахановӣ» аз мафҳумҳои серистеъмоли матбуот дар он замон буд ва дар солҳои 30-юм чандин рӯзномаи ноҳиявию вилоятӣ бо номи «Стахановчӣ», «Стахановец» ва монанди ин дар Тоҷикистон таъсис дода шудаанд).

Дар бедорӣ, маҳви бесаводӣ, маърифатнокӣ, таъмини ҳуқуқ ва хештаншиносии бонувони Тоҷикистон саҳми рӯзномаи «Бедории тоҷик», имрӯза «Ҷумҳурият», низ бориз аст. Аксари кулли занони Осиёи Марказӣ то замони инқилоби Октябр мавриди хушунат қарор гирифта, ҳуқуқу озодиҳояшон поймол мешуд. Ҳукумати Шӯравӣ ба занон озодиҳои сиёсӣ дода, онҳоро бо мардон баробарҳуқуқ эълон кард, барояшон имкони кору таҳсилро фароҳам овард. Дар рӯзномаи «Бедории тоҷик» сар аз соли 1927 рубрикаи махсусе бо номи «Гӯшае барои занон» пайдо шуд, ки дар он масоили марбут ба ширкати занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври густурда инъикос меёфт. Масъулони шуъбаи кор бо занони ҳизби коммунистии Тоҷикистон ин гӯшаи рӯзномаи «Бедории тоҷик»-ро барои нашри муроҷиатномаҳо, даъватҳо, инъикоси фаъолият дар маҳалҳо, ифшои «душманон»-и баробарҳуқуқии занон фаровон истифода мебурданд. Профессор Иброҳим Усмонов дар рисолааш «Ташаккул ва рушди матбуоти ҳизбӣ-шӯравии тоҷик дар солҳои 1917-1929» навиштааст, ки матолиби нашршуда дар «Гӯшае барои занон» асосан ду равия доштанд: назариявӣ ва амалӣ. Аммо рӯзномаи «Бедории тоҷик» бештар ба қисмати дувум – мавзӯи инъикоси кори амалии созмонҳои ҳизбӣ ва шӯравии дифоъ аз ҳуқуқи занон, комёбиҳо дар роҳи таъмини баробарӣ ва кашфи камбудиҳо ва роҳҳои рафъи он мутаваҷҷеҳ мешуд.

Барои фаҳмондадиҳии ҳуқуқу озодиҳо ба занони тоҷик ва ҷалби онҳо ба кори саҳро, мутобиқсозии онҳо ба зиндагӣ ва сохти давлатдории нав аз нерӯи занони муҳоҷиршуда аз Русия низ истифода мешуд. Пас аз ноябри соли 1929-ум бо қарори пленуми КМ ҲК (б) дар чанд марҳила 25 ҳазор нафар одамони касбу кори гуногун аз Русия ба Тоҷикистон фиристода шуда буданд, то дар сохтмони ҷумҳурӣ ва ҷомеаи навин ва татбиқи барномаҳои ҳукумати шӯроӣ мусоидат кунанд. Азбаски бонувони тоҷик он замон таҳсилнодида, хонашин буданду ҳуқуқу озодиҳояшон ба таври бояду шояд таъмин набуд, бо одамони бегона умуман суҳбат намекарданд. Рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» дар яке аз шумораҳояш дар тирамоҳи соли 1931 навишт, ки ҷалби занони водиҳои Вахшу Кӯлоб ба кори колхозҳо мушкил буд. Олга Евполова, хайёти муҳоҷире аз Маскав, ки муовини раиси райколхозсоюзи ноҳияи Арал (ҳозира ноҳияи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ) интихоб шуда буд, дар нахустин ҷамъомади занони маҳаллӣ гуфт: «Ҳарчанд ҳуқуқи занон аз рӯзҳои аввали ҳукумати Шӯравӣқонунӣ карда шудаанд, барои татбиқи он, бахусус дар ин ҷо – мавзеъҳои дурдаст, бояд хеле часпу талош кард». Занони деҳқони маҳаллӣ сарфи назар аз монеасозиҳои руҳониён ва шавҳарони зери таъсири таблиғоти онҳомонда, бо вуҷуди таҳдиду зӯровариҳо бо даъвати ин хайётзани маскавӣ борҳо гирди ҳам меомаданд.

Боре Олга Евполова дар ҷараёни сафараш ба Балҷувон азм мегирад, ки бо занони маҳаллӣҷамъомаде барпо кунад. Дере нагузашта ба деҳа босмачиҳо ворид мешаванд. Завҷаи раиси шӯрои деҳа сарфи назар аз хатари маҳз Олгаро дар хонаи худ пинҳон мекунад. Ба вай пираҳани миллӣпӯшонида, ба сари гаҳвора мешинонад ва гаҳворачунбонию аллагӯиро нишон медиҳад, то босмачиҳо гумон баранд, ки вай низ як зани одии деҳотист. Ҳамин тавр, бо кӯмаки зани деҳотии тоҷик Олга Евполова ҷон ба саломат мебарад.

Баъдан, шумораи фаъолзанон аз ҷумлаи бонувони тоҷик дар колхозҳо рӯ ба афзоиш ниҳода, умури фаҳмондадиҳиро дар миёни занони дигар пеш мебурдагӣ шуданд.

Бо гузашти солҳо, пешрафти арсаҳои кишоварзию саноат ва обёрии водиҳо, мавзӯъ ва муҳтавои матолиби рӯзномаҳои маҳаллии вилояти Хатлон низ тағйир меёфт, аммо таҷрибаи пешқадами занони корманди хатлонӣ, мушкилоти зиндагӣ, таҳсил ва кори онҳо ҳамеша бозтоб меёфт.

Рӯзномаҳои маҳаллии Хатлон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мардумро бар муқобили истилогарони фашистӣ таҳрик дода, матолиби даъваткунанда ба ҳифзи марзу буми Ватан, сарнагунии душманони сохти сотсиалистии Иттифоқи Шӯравӣ нашр мекарданд. Рӯзномаҳо шиори умумихалқии «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!»-ро сармашқи кори худ карда буданд ва ташвиқ мекарданд, ки мардум барои қонеъсозии ниёзмандиҳои фронт, ба пурра кардани сафи сарбозони артиши Шӯравӣ мусоидат намоянд. Дар матбуоти даврӣ перомуни заҳамоти занону модарон дар ақибгоҳ матолиби фаровоне ба нашр мерасид. Аз он ҷумла, нашрияи ноҳиявии «Коммунисти Балҷувон» дар шумораи рӯзи 13 ноябри соли 1941 аз корномаи Анорбӣ Раҳимова, модаре ситоиш кард, ки ду писараш «Сарбози Сурх» буда, дар Фронт қарор доштанд ва ин модар аз деҳаи Чилатоши хоҷагии ба номи Сталини Шӯрои қишлоқи «Саталмуш» (имрӯза ҳудуди ноҳияи Ховалинг – Н.М.) ба фарзандонаш шимҳои аз пахтаи тоза дӯхтаашро фиристодааст. Ин модар дар суҳбат бо рӯзномаи «Коммунисти Балҷувон» чунин гуфтааст: «Дар ин зимистони қаҳратун бигзор кадом ҷанговаре, ки туҳфаҳои фиристодаи маро пӯшад, меҳру муҳаббати бепоёни модарии ман ӯро чун ҳарорати дили ман гарм нигоҳ дорад. Ба вай қувваю мадори рустамона бахшад, то ки душманони бераҳму шафқатро саркӯб кунад, рӯзи хушбахтию ғалабаро наздик гардонад…» [7, 96].

Пас аз нашри ин мақола дар рӯзномаи «Коммунисти Балҷувон» дар пайравӣ ба иқдоми бонувони барзгари колхози ба номи Сталини Балҷувон тайи якуним моҳ, то якуми январи соли 1942 аз тамоми ҷумҳурӣ барои артиши Шӯравӣ 2358 нимпӯстин, қариб 53 ҳазор пӯсти овчин, беш аз 36 ҳазор килограмм пашм, 4132 адад дастпӯшак, зиёда аз се ҳазор ҷуфт мӯзаи намадин ва кариб 17400 адад телпак тайёр карда, ба фронт фиристоданд.

Рӯзномаҳои маҳаллии Хатлон солҳои баъдӣҳам вобаста ба саҳми занон дар эҳёи иқтисоду беҳсозии вазъи иҷтимоии давлату мардуми Шӯравӣ матолиби зиёде ба нашр мерасониданд. Бахусус, дар матбуоти даврии солҳои 70-80-уми вилояти Хатлон журналистони ҳирфаӣ аз ҷумлаи занон ба кор ҷалб шуданд. Онҳо мавзӯъҳои доғи

рӯзро ба баррасӣ гирифта, доир ба проблемаҳои кори саҳро, ҳифзи иҷтимоии занон, вазъи экологӣ, камбудию нуқсонҳо дар кори идораю муассисаҳои давлатӣ, аз мақоми хизматӣ сӯйистифода кардани мансабдорон ва монанди ин масъалагузорӣ менамуданд [4, 22-24].

Журналист Ҳуриннисо Ализода дар солҳои 80-ум дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» аз рӯзгори як зани серфарзанди тоҷик ва ташвишу тараддудҳои ҳаррӯзаи зиндагии вай қисса карда, пешниҳод кардааст, ки чунин модарони серфарзанду ба истилоҳ «хонанишин» ҳам бояд дар баробари онҳое, ки собиқаи корӣ доранд, бо нафақапулӣ таъмин карда шаванд. Муаллиф аз ҷумла менависад: «Агар чунин занони серфарзанд ҳамаашон кор кунанд, барои таъмини кӯдакҳои онҳо чӣқадар маблағ лозим? Мувофиқи маълумоти додаи котиби Совети посёлкаи Москва Музаффар Муродов, солҳои 1985-87 танҳо дар ҳудуди посёлка 1904 нафар духтарону зани аз синни 16 то 54 зиндагӣ мекунанд, ки дар ҳеҷҷой кор намекунанд. Аз ҳамин ҳисоб 374 нафарашон аз 6 то 10 кӯдак доранд. 738 нафари онҳо аз 16 то 54 солаанд. Тахминан, агар аз ҳамин ҳисоб 550 нафар занони танҳои ҳамин посёлка аз 6 кӯдак зиёд дошта бошанд, пас, ин модарон ба тарбияи 4400 кӯдак машғуланд. Дар район 2 боғчаи калонтарин барои 140 нафар кӯдак сохта шудааст, ки давлат барои сохтани як боғча 278 ҳазор сӯмро сарф мекунад (Танҳо сохтани боғча!). Барои 4400 кӯдакро ба боғча фаро гирифтан камаш 28-30 боғчаи дигар сохтан даркор, барои сохтани ин миқдор боғчаи бачагона 8 миллиону 340 ҳазор сӯм лозим.

Акнун тасаввур кунед, ки барои ҷиҳозонидан, бо коргар, мураббияву доя, духтуру ошпаз, мудиру методист, ронандаву мошин, фаррошу боғбон ва дигар шахсони зарурӣ таъмин кардану мунтазам маош додан ба онҳо чӣқадар маблағ лозим мешавад? Агар ин мисолро нисбати як вилоят гирем чӣ? … Дар боғчаҳои марказии ватанамон (шаҳрҳои Россия дар назар аст) дар як гурӯҳ 12-15 нафар тарбия меёбанд. Аз соати 8-и пагоҳӣ то соати 20 барои ин 15 нафар 1 мураббия, 1 доя, чанд ошпаз, духтур, фаррош, методисту боз даҳҳо одамони дигар банданду маош мегиранд. Як зани серфарзанди маҳаллӣ бошад, танҳо худаш ба ҳамин корҳо шабу рӯз машғул аст» [1, 59-64]. Биноан, журналист таклиф кардааст, ки чунин модарон коргар ҳисобида шаванд ва ба онҳо нафақат музд, балки барои «собиқа»-и корӣ дафтарчаи меҳнатӣ дода шавад.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ сарфи назар аз бесарусомониҳо, қатлу хонасӯзиҳо, занони журналист рисолати касбии худро содиқона иҷро мекарданд. Мутаассифона, дар миёни 74 журналисте, ки тӯли 5 соли низоъҳои ҳамватанӣ кушта шудаанд, Шарифамоҳ Кишвардухт, мухбири фаъолу соҳибқалами рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» низ ҳаст. Сайидалӣ Бобохонов, собиқадори матбуот ва ҳамкори Шарифамоҳ дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Рӯзноманигори касбӣ буд ӯ. Медонист аз чӣ боб, чӣ гуна нависад. Ва метавонист навиштан, хуб менавишт. Нишонрасу дилнишин менавишт. Солҳои дароз бахши фарҳангии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро сарварӣ мекард ӯ. Мекӯшид дар роҳи болоравии маърифату маънавиёти мардум заррае ҳам бошад, саҳм бигирад. Ва шогирдонро низ ҳидоят мекард ба ин роҳ. Қаламкаше буд хушсалиқа ва роҳу равиши хоси худро дошт дар ҷодаи эҷод. Бо самимият менавишт лавҳаро дар ситоиши модар, бо андешаю мулоҳиза менавишт дар боби одобу ахлоқи ҷавонон, бо дарду алам менавишт очерку репортажро нисбати мақоми зан дар ҷомеа, бо қаҳру ғазаб менавишт мақолаи публитсистиро дар боби беадолатии замона…» [2, 182-185].

«Рӯзноманигорӣ мубориза аст» - чунин буд шиори Шарифамоҳ дар кору зиндагиаш ва дар ин роҳи мубориза ӯҷон нисор кард.

Ҳарчанд дар солҳои 90-ум рӯзномаҳои вилояти Хатлон ба ҳафтаномаю моҳномаю гоҳнома табдил ёфта буданд, ин нашрияҳо низ дар сулҳу оштии миллӣ ва таҳкими вахдат саҳми қобили мулоҳиза доштанд. Нашрияҳо дар бораи некниҳодӣ, қудрати равшангарӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳидоятҳои зан-модар, ки Тоҷикистонро метавонист аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ бурун кашаду ба қатъи хунрезиҳо боис шавад, зиёд менавиштанд. Дар ҳақиқат, зан буд, ки ба хотири сулҳ ва ризоияти миллӣқатли фарзанду ҳамсару бародари хуниашро бахшид, насли навро ба сӯйи вахдату фарҳанги баланди ҳамзистию рафоқат раҳнамун сохт. Беҳуда нест, ки рӯзномаи вилоятии «Хатлон» дар матлабе пас аз 15 соли хатми ҷанг модари тоҷикро «муаллифи тарҳи сулҳи тоҷикон» унвон кард: «Агар садҳо ҳазор зан писар, падар, бародар, ҳамсарашро аз даст дод. Агар беш аз 55 ҳазор тифл ятим монду ҳазорон модарону хоҳарон бори гарони масъулияти парастории онҳоро ба дӯш гирифтанд.

Агар беш аз 25 ҳазор зан беваю бечора монд, қисмати талху низоъҳои ҳамватанӣ онҳоро шикаст надоду мардона ба сӯйи ояндаи неку рахшанда раҳсипор шуданд. Ҳазорон манзили истиқоматӣ ба коми оташ рафт, молу мулки мардум тороҷ шуд ва маҳз занон буданд, ки танга-танга ҷамъ карда, ҷабру ҷафо кашида, зиндагии дубора шурӯъ карданд… Бо вуҷуди ин ҳама азиятҳои замони ҷанги шаҳрвандӣ, агар бахшояндагӣ ва ҳидоятгарии модарони тоҷик намебуд, то куҷо ҷонибҳои даргири ҷанг талоши тафоҳум мекарданд? …Пас, мешавад гуфт, ки агар ҷангро мардҳо шурӯъ карданд, модарони Тоҷикистон сулҳро ба мо оварданд!» [5, 330-335].

…Тӯли даҳсолаҳои охир шумораи зиёди бонувони эҷодкор аз мактаби эҷодии рӯзномаҳои хатлонӣ гузашта, худашон соҳибмактаб, соҳибқалам ва соҳибном шудаанд. Исми бонувони қаламкаши хатлонӣ В. Астафйева, Бӯриннисо Бердиева, Шарифамоҳ Кишварова, О. П. Попова, О. И. Боброва, Ҳуриннисо Ализода, Адолат Амирова, Асалмо Сафарова, Туҳфа Аҳмадова, Тоҷинисо Давлатова, Муҳаббат Мирзораҳимова, Нуриннисо Муртазоева, Ҳусния Ҳафизова, Латофат Чориева, Наталя Ниёзова, Ҳангомаи Исмат, Махфират Шоимова, Адолат Сайфуллоева (муҳаррири нашрияи «Тахти Қубод»-и Қубодиён), Дилором Маҳкамова (мудири кафедраи журналистикаи ДДҚ ба номи Носири Хусрав) ва даҳҳо нафари дигар дар саҳифаҳои таърихи матбуоти Хатлонзамин сабт гардида, умедворем, ки насли нави бонувони журналист ҳам пайрави мактаби эҷодӣ, таҷриба ва маҳорати нигорандагии онҳо хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода Ҳ. Оё модар коргар нест? / Ҳ. Ализода // Чеҳраи Хатлон. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.
2. Бобохонов С. Кош мебудӣ ту имрӯз, эй ҳамқалами ба мурод нарасида… / С. Бобохонов // Чеҳраи Хатлон. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.
3. Маъмурзода Н. Зан, матбуот, Хатлон / Н. Маъмурзода // «Хатлон». – Қӯрғонтеппа, 2014-03-07. - №9.
4. Маъмурзода Н. «Хатлон» - ойинаи рӯзгори хатлониҳо / Н. Маъмурзода // Чеҳраи Хатлон. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.
5. Паҳлавонова Ҳ. И. Нақши модари тоҷик дар сулҳи тоҷикон / Ҳ. И. Паҳлавонова // Чеҳраи Хатлон. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.
6. Овсепян Р.В. Многонациональная печать большевиков. 1900-1917 гг. / Р.В. Овсепян. – М., 1972. - 232 с.
7. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997. – 159 с.
8. Усмонов И. Журналистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2005. - Ҷ. 2.
9. Ҳамроев М. Таърихи обёрии водии Вахш / М. Ҳамроев. – Душанбе, 2003. – 208 с.

ВКЛАД ЖЕНЩИН-ЖУРНАЛИСТОВ ХАТЛОНА В ОСВЕЩЕНИИ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ ЖЕНЩИН ПРОВИНЦИИ

Автор статьи размышляет о роли и вкладе журналисток Хатлонской области в освещении жизни и социальных проблем женщин южного региона Таджикистана. В данной статье автор также анализирует особенности журналистского стиля, темы материалов и оригинальный взгляд женщин-журналистов в постановке вопроса о проблемах женщин провинции.

Ключевые слова: Хатлонская область, региональная журналистика, социальные проблемы женщин, особенность стиля, женщина-журналист.

CONTRIBUTION OF WOMEN JOURNALISTS FROM KHATLON REGION IN THE COVERAGE OF SOCIAL PROBLEMS OF WOMEN PROVINCE

The author reflects on the role and contribution of women journalists in the coverage of the Khatlon region of life and social problems of women of the southern region of Tajikistan. In this article the author analyzes the characteristics of journalistic style, theme materials and original view of women journalists in the formulation of the question about the problems of provincial women.

Keywords: Khatlon, regional journalism, social issues, women, style feature, a female journalist.

Сведения об авторе: Маъмурзода Носирджони Маъмур - преподаватель кафедры журналистики КТГУ имени Носири Хусрава.Телефон: **(+992) 918-69-64-66.**E-mail: **m.nosirjon@gmail.com**

ВАСИЛАҲОИ ТАҲКИМИ ЭЪТИМОД БА МАТЛАБИ ЖУРНАЛИСТӢ

Х. У. Раҳимҷонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба таври умум, агар атрофи омилҳое, ки матлаби журналистро эътимоднок менамоянд, сухан ба миён овардан хоҳем, пеш аз ҳама, талаботи касбӣ, асосҳои журналистика – дар асоси принсипҳои фаъолияти журналистӣ амал намуданро дар назар дорем. Зеро маҳз ҳамин қоидаҳо муайян мекунанд, ки матлаби журналистӣ бояд чӣ гуна таҳия шавад, то мақбули аудитория гардад. Дар ин баробар, меъёрҳои ахлоқии касбии журналист ҳамчун ҷузъи таркибии асосҳои журналистика барои эътимодбахш баромадани матлаби журналистӣ ниҳоят нақши барҷаста доранд. Омӯзиши вазъи равонии ҷомеа, дуруст муносибат намудан бо психологияи одамон, баёни афкори солим барои тақвияти мавқеъ, бо далелҳо собит намудани фикр, ба таври воқеӣ муносибат кардан, дарёфти асли моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ низ ба боварибахш гардидани матлаб мусоидат мекунанд, вале мо мехоҳем ба яке аз ин омилҳо – риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ бештар таваҷҷуҳ намоем.

Қабл аз баррасии омилҳо ба таври мушаххас моҳияти эътимоднокии матлаби журналистиро баён кардан мехоҳем. Дар ин маврид, танҳо зикри он ки воситаҳои ахбор наметавонанд бидуни эътимоднокии матолибашон мавқее дар ҷомеа пайдо кунанд ва мондагору хотирмон бошанд, кифоя аст.

Муҳиммият, нозукӣ ва ҷолиби диққат, омили муҳимми комёбӣ будани меъёрҳои ахлоқи касбии журналистро он ҷиҳат бештар аён месозад, ки онҳо ҳам талаботи касбӣ ва ҳам меъёрҳои ҳуқуқиро аз дидгоҳи ахлоқ мавриди баррасӣ ва инъикос қарор медиҳанд, зеро ин меъёрҳо бо кор гирифтан ба фитрати инсон, дар такя ба он журналистонро водор месозанд, ки ба садои виҷдони худ гӯш диҳанд, моҳияти фаъолияти касбии худро бори дигар пеши назар оранд ва баъдан амал кунанд. Масалан, дар аксар санадҳое, ки ба хотири худтанзимкунии фаъолияти воситаҳои ахбор таҳия гардидаанд, махсусан, дар “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” меъёрҳое чун “эҳтироми ҳаёти шахсӣ”, “эҳтимоли бегуноҳӣ”, “роҳ надодан ба табъиз (дискриминатсия)” ҳастанд, ки онҳо паҳлуи ҳуқуқӣ низ доранд.

Ба назари профессор И. Усмонов, аз нигоҳи ахлоқ баррасӣ гардидани ин меъёрҳо омили дигар дорад: “Ҳадаф ва моҳияти сухани воситаҳои ахбор барои инсон аст. Вай барои инсон пайдо шудааст ва ба инсон бояд хизмат кунад. Пас, барои воситаи ахбор аз инсон муқаддамтар чизе мавҷуд набояд бошад. Аз ҳамин сабаб, эҳтиром ба инсон ин вазифаи муқаддаси воситаи ахбор мебошад. Поймол кардани ҳуқуқи шахс аз мавзӯъҳои қонунгузорӣ аст ва барои ин сахттарин ҷазоҳо муайян карда шудааст. Дар бисёре аз мамлакатҳо барои эҳтиром накардани ҳаёти шахсӣ ҷазоҳои ҳуқуқӣ муайян шудааст. Аммо, кодекси одоб ба ин мавзӯъ аз чорчӯбаи ахлоқи журналистӣ муносибат мекунад. Кодекси одоб чун дар ҳама ҳолатҳои дигар на ҷазои ҳуқуқӣ, балки ҷазои ахлоқиро ба ин масъала ба миён мегузорад” [5, 29].

Аз ин шарҳ ба хубӣ аён аст, ки моҳияти ахлоқии ин меъёр дар кадом сатҳ аст. Нозукии ҷиҳати ахлоқии ин меъёр он аст, ки журналистон метавонанд меъёри ҳуқуқиро вайрон накарда, ба ҳаёти шахсӣ дахолат кунанд, вале ба назари мо, сазои ахлоқие, ки ҳангоми риоя накардани ин меъёр муносиб дониста мешавад, аз ҷазои ҳуқуқии он ба маротиб сангинтар аст.

Дар баробари ин, боиси тазаккур аст, ки меъёри ахлоқ миёни ҳаёти иҷтимоӣ ва инфиродии инсон тафовут мегузорад. Ин нукта низ дар журналистика ниҳоят муҳим аст.

Паҳлуи ахлоқии меъёри дигар чунин шарҳ дода мешавад: “Эҳтимоли бегуноҳӣ. Ҳангоми гузориш дар мавриди инъикоси қазияи ҷиноӣ ва амсоли он ВАО ва журналист аз пешдоварӣ худдорӣ мекунанд. То собит гардидани гуноҳи шахс дар суд ВАО ва журналист наметавонанд дар бораи гунаҳкории ӯ қазоват кунанд.

Ин меъёр ҳуқуқӣ аст ва қонунгузории Тоҷикистон барои риоя накардани он ҷазо муайян кардааст. Ба меъёри одоб дохил шудани ин мавзӯъ ду ҳадаф дорад:

1. Аввалан, ба журналист ва журналистика ҳушдор дода мешавад, ки қонунҳоро қатъӣ риоя кунанд ва чун барои покии қонун мубориза мебаранд, пеш аз ҳама, худашон пок бошанд.

2. Журналист бояд дар назар дошта бошад, ки ҳеҷ кас ба вай ҳуқуқ надодааст, ки ба ҷойи қонун ва ба ҷойи суд қазоват кунад. Ин банд чунин маъно дорад, ки ҳеҷ каси дигар, аз ҷумла журналист, дар ҳеҷ ҳолат на ба маънои манфӣ ва на ба маънои мусбат масъалаеро қазоват кунад.

Эҳтимоли бегуноҳӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи инсон бармеояд. Дар журналистика нодуруст истифода шудани он ҳуқуқи шахсро поймол мекунад ва ин ҳуқуқпоймолкунӣ хислати инфиродӣ не, хусусияти ом, хусусияти иҷтимоӣ касб мекунад. Зеро, журналистика онро ба воситаи ахбор эълон мекунад ва воситаи ахбор бо чанд кас маҳдуд намемонад. Вай дар байни теъдоди зиёди одамон паҳн мешавад. Ҳамчунин, ҳар он чӣ дар воситаи ахбор пайдо шуд, хислати яклаҳзаина надорад, вай ба сифати ҳуҷҷати расмӣ боқӣ мемонад. Яъне, навиштаи матбуот метавонад беасос ва бесабаб шахсеро барои ҳамеша бадном кунад. Меъёри одоб журналистонро аз чунин амал боздоштан мехоҳад ва дар ин ҳолат он гуфтаи халқ пеш меояд, ки кордро аввал ба худ зан, агар дард накард, баъд ба дигарон” [5, 34 -36].

Дар ин шарҳ низ ба хубӣ пайдост, ки чӣ гуна меъёри ҳуқуқӣ пеш аз муқаррароти қонун будан меъёри ахлоқ ба шумор меравад. Нуктаи дигар он аст, ки дар ҳоли қазовати нодуруст пас аз ошкор гардидани он муносибат ба матлаби журналист дигаргуна мегардад; беэътимодӣ нисбат ба воситаи ахбор ба вуҷуд меояд.

“Табъиз (дискриминатсия) яке аз зуҳуроти бадтаринест, ки ба ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ аз гузаштаи давлатдориҳои худхоҳ мерос мондааст. Табъиз муносибати ғайриинсонӣ ба инсон аст. Муносибати инсонӣ бояд бо фаҳми ҳамдигарӣ, бо дарки манфиати ҳамдигарӣ сурат гирад. Ҳар кас дар симои каси дигар ҳампояи худро бинад. Ҳеҷ унсуре баландтар аз унсури инсонпарварӣ буда наметавонад.

Табъиз поймолкунии ҳуқуқи инсон аст ва касе, ки ҳуқуқи дигаронро поймол кардааст, аслан инсони комил нест. Табъиз муносибати ниҳоят бад аст. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳуқуқи ҷиноӣ ба он таваҷҷуҳ мекунад. Аммо, мақсади ниҳоии кодекси одоб он аст, ки ҳолати инъикоси масъалаҳои марбутро дар воситаҳои ахбори омма ба сатҳе бояд овард, ки худи одоби журналист беандешагиро дар ин соҳа пешгирӣ кунад ва матбуот тавре нашр шавад, ки эҳтиёҷ ба татбиқи қонунҳои ҷиноӣ дар ин соҳа намонад” [4, 36-37].

Ҳолате низ ҳаст, ки ба ҳам пайванд будани омилҳои комёбии журналистро нишон медиҳад ва ин чунин маъно дорад, ки онҳо як низоме ҳастанд, ки дар маҷмӯъ, журналистро барои расидан ба комёбиҳо, дарёфти номи нек, иҷрои рисолати касбӣ раҳнамоӣ мекунанд. Ба гунаи дигар, ин омилҳо дар пайдарҳамӣ идома ва ё пурракунандаи якдигар ҳастанд; принсипҳои касбӣ муайян мекунанд, ки чӣ гуна журналист бояд рисолати худро иҷро намояд. Меъёрҳои ахлоқӣ ба риояи талаботи касбӣ мусоидат мекунанд ва дар ҳоли сарфи назар гардидани онҳо маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ рӯйи кор меоянд: “Эҷоди журналистӣ, ки ба воқеияти рӯз ва масоили мубрам, аниқтараш, зиндагии нақд сару кор мегирад, нисбат ба навъҳои дигари эҷод ба маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва қонуниятҳои касбӣ бештар мубтало мегардад. Ҷанбаъ ва ё имконоти ҳуқуқӣ, аз як сӯ агар дар раванди эҷод маҳдудиятҳо ба вуҷуд орад, аз сӯйи дигар барои ташаккули касбияти журналист мусоидат мекунад. Ҳамчунин, авомили ҳуқуқӣ раванди фаъолиятро ба манфиати шахсии эҷодкор самт бахшида, ӯро ба мустақилияти эҷодӣ ва масъулияти касбӣ водор менамоянд. Ба ин маънӣ, раванди эҷод, хосса ҷараёни фаъолияти эҷоди журналистиро бидуни ҷанбаъҳои ҳуқуқӣ ва донистану риоя намудани онҳо наметавон тасаввур кард” [3, 13].

Пайвандии меъёрҳоро дар он дидан мумкин аст, ки нисбат ба ҳар кадоме аз онҳо ин андешаҳоро баён кардан мумкин аст. Ба таври мушаххас, меъёрҳои ахлоқиро низ дар давраи аввали қабули санади Шӯрои ВАО - “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” чун як воситаи дигари маҳдудкунии ҳуқуқҳои журналист арзёбӣ мекарданд ва ин андеша имрӯз низ вуҷуд дорад. Ба назари мо, ин ақида шояд доир ба меъёрҳои ҳуқуқӣ то андозае дуруст бошад, ҳарчанд аз таҳлилҳои профессор М. Муродов бармеояд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ низ ин гуна мақсад надоранд: “Меъёрҳои ҳуқуқӣ тақозо менамоянд, ки дар раванди фаъолият ба тафтиши муътамадии иттилоот ва маълумот, нигоҳ доштани махфияти иттилоот, гирифтани иҷозат дар пахши иттилооти фарогирандаи ҳаёти шахсии шаҳрвандонро қатъиян риоя намоянд. Ин ва амсоли ин уҳдадориҳо асоси масъулияти ҳуқуқии журналистро ташкил медиҳанд. Аммо, дар воситаҳои ахбори омма, хосса матбуоти ғайридавлатӣ борҳо мушоҳида кардаем, ки пас аз интишори матолиб вокуниш, раддия, ҷавоб ва

тасҳеҳҳо пайдо мешаванд. Албатта, ба вуҷуд омадани вокуниш ё раддияҳо дар матбуот амали муқаррарӣ ва нишони афкори рангин аст, аммо мушоҳидаву таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳтавои аксарияти эътирозҳоро дуруст санҷида нашудани факту маълумот ва ё яктарафа муносибат намудан ба предмети инъикос ташкил медиҳанд” [3, 15].

Ин вазъиятро метавон ҳимояи эътибори журналист донист на маҳдуд гардидани ҳуқуқи ӯ, зеро озодии сухан ҳам он нест, ки ҳар чӣ хостӣ, гӯйиву нависӣ. Озодӣ низ масъулият, ҳадду ҳудуди худро дорад.

Дар идомаи ин таҳлилҳо чунин натиҷа ҳосил мегардад: “Вайрон кардани этикаи рӯзноманигорӣ, ба инобат нагирифтани ҳуқуқҳои инсонӣ, ҳамчунин, талаботи касбӣ дар раванди эҷоди журналистиро метавон як навъ амали ноуҳдабароёна ва ғаразнок номид. Мувофиқи меъёрҳо, талаботи нисбатан принсипиалӣ барои журналист қарзи касбӣ, масъулият, виҷдон ва шаъну эътибор аст. Журналист ҳамчун субъекти фаъолият баробари дигар субъектҳои иҷтимоӣ дорои шаън, эътибор ва обрӯй мебошад. Ӯ аз як тараф ин ҷиҳатҳоро бояд пеш аз ҳама, худ риоя ва ҳимоя кунад, аз ҷониби дигар, ҳуқуқ надорад, ки ба таҳқир ва паст задани шаъну эътибори дигарон роҳ диҳад” [3, 17].

Меъёрҳои ахлоқи касбӣ ҳимоятгари шаъну шараф ва эътибори журналистон мебошанд, яъне, онҳо аз ҷараёни ба суд рафтани қазия пешгирӣ мекунанд, ки барои журналистон ин маънӣ хеле муҳим аст.

Доир ба ҳолатҳое, ки шаъну шараф ва эътибори журналисту журналистикаро поймол мекунанд, профессор И. Усмонов чунин назар дорад: “Роҳ ёфтани туҳмат дар матолиби журналистӣ, яъне, инъикоси воқеа ва ҳодисаҳое, ки пурра ё қисман бофта шудаанд ва ба ҳақиқат иртибот надоранд, сарфи назар аз он ки ин туҳмат обрӯю эътиборро кам мекунад ё не, барои амали журналистӣ номувофиқ аст. Зеро аввалан, он боиси таҳқири одам мешавад; дуюм, он аудиторияро ба роҳи хато мебарад ва сеюм, асли ҳақиқатнигории журналистикаро халалдор мекунад.

Айни ҳамин ҳолат дар ситоиши нобарҷой низ ба назар мерасад. Ситоиши нобарҷой дар халқ ба номи хушомадгӯйӣ ҳам ёд мешавад. Маъмулан, ин нисбат ба одамоне сурат мегирад, ки вазифаҳои баланди иҷтимоӣ доранд ва ё журналист, ё воситаи ахбори мазкур аз онҳо вобаста ҳастанд ва ё ҳам чизеро аз онҳо нигарон ҳастанд. Ситоиш – зиёдтар аз буда васф кардани қаҳрамон, ситоиш – чизи набударо ба қаҳрамон мансуб донистан, ситоиш - чизи манфии дар фаъолияти қаҳрамон мавҷудбударо рӯйпӯш кардан, ситоиш – ба таври доимӣ дар бораи айни шахс сухани таърифӣ гуфтан ва ӯро аз дигарон муқаддам гузоштан аст.

Ҳам туҳмат ва ҳам ситоиш журналист ва журналистикаро беобрӯ мекунанд. Аудитория навиштаҳои журналистеро ё ВАО - еро, ки ба касрат, ба туҳмат ва ситоиш таваҷҷуҳ мекунанд, намеписандад, қабул намекунад” [5, 33].

Ин масъала паҳлӯи дигари ахлоқӣ низ дорад. Вақте кодекси ҷиноятӣ барои туҳмат ва таҳқир ҷавобгарӣ муайян мекард, ҳолатҳое ҳам буд, ки мақомоти гуногуни давлатӣ воситаҳои ахбореро, ки доир ба камбудии кори онҳо мавод ба нашр расониданд, ба паст задани шаъну шараф ва эътибори шахсӣ гунаҳкор карданд. Журналистон борҳо кӯшиш карданд ва дар охир муваффақ ҳам шуданд, ки ин моддаҳо ба кодекси граждани гузаранд. Аз кодекси ҷиноятӣ берун кардани ин муқаррарот барои он даркор аст, ки дар мавриди ба вуҷуд омадани туҳматҳо журналист ва журналистика аз хатар эмин бошанд, вале бояд дар мадди назари журналистон ҳамеша бошад, ки ин имконияте барои таҳқиру туҳмати дигарон нест.

Бо назардошти ин ва дигар нуктаҳои назар доир ба меъёрҳои ахлоқӣ муқаррароти ду санади ахлоқиро зикр мекунем, то ба таври мушаххас маълум гардад, ки мундариҷаи онҳо барои муътамад гардидани матлаби журналист то кучо метавонад аҳамиятнок бошад.

“Принсипҳои байналхалқии этикаи журналистӣ чунин меъёрҳоро муайян кардааст:

1.Ҳуқуқи одамон ба гирифтани иттилоъ. Одамон на танҳо ба гирифтани иттилоъ, балки барои баёни ақида низ ҳақ доранд.

2. Садоқати журналист ба воқеияти объективӣ. Вазифаи аввалини журналист – додани кафолат ба мардум дар гирифтани иттилооти воқеӣ.

3. Масъулияти иҷтимоии журналист. Журналист бояд аз рӯйи арзишҳои ахлоқӣ фаъолият намояд ва ӯ натанҳо дар назди муассис, балки дар назди аудитория низ масъул бошад.

4. Бошарафӣ ва бовиҷдонии касбии журналист. Ошкор накардани сарчашмаи иттилоъ (агар зарур бошад) ва асардуздӣ накардан. Барои манфиати шахсӣ аз манфиати умум сарфи назар кардан ба ҳеҷ ваҷҳ норавост.

5. Ба умум дастрас будани фаъолияти ВАО ва дар фаъолияти он ширкат доштани омма. Журналист бояд барои ислоҳи хатои худ талош намояд ва ҳуқуқи ҷавоб гуфтанро ба ҳама тарафҳои дахлдор диҳад.

6. Эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва шарафи одамӣ. Журналист аз таҳқир, туҳмат, айбдоркуниҳои бардурӯғ парҳез намояд.

7. Эҳтироми манфиатҳои умумӣ: Журналист, бахусус эҳтироми сохторҳои демократӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷамъиятро риоя кунад.

8. Эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ ва гуногунфарҳангӣ. Фаъолияти журналист бояд барои сулҳ, пешрафти иҷтимоӣ, таҳкими адолат, демократия, ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқии халқу милллатҳо, боварӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, мусоидат кунад. Этикаи касбӣ журналистонро вазифадор мекунад, ки аз созишнома, изҳорот ва қатъномаҳои байналхалқӣ огоҳ бошанд.

9. Муқобилият ба ҳама зуҳуроте, ки бар зидди инсоният нигаронида шудаанд. Журналист бояд дар фаъолияташ муқобили амалҳое бошад, ки бар зарари инсоният равона шудаанд.

10. Мусоидат ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот. Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот ошно бошад ва барои дар амал ҷоришавиаш мусоидат кунад.

Кодекси касбии шарафи журналистон (ин кодексро Федератсияи байналхалқии журналистон соли 1939 дар Конгресси 7-уми Бордо қабул кардааст) ба ин ҷанбаҳои фаъолият таваҷҷуҳ намудааст:

1.Бовиҷдонӣ. Журналист набояд ҳангоми ҷамъоварии иттилоъ аз роҳҳои ғайришаръӣ истифода барад.

2. Масъулият. Журналист барои ҳамаи навиштаҳояш масъулият дошта бошад.

3. Сареҳият. Агар журналист пешакӣ донад, ки хабар нодуруст аст, аз чопи он даст кашад.

4. Эҳтироми факт ва рӯйдод. Журналист набояд ба таҳриф роҳ диҳад.

5. Эҳтироми одамон. Журналист пешдоварӣ накунад, набояд шахсро то ҳукми суд гунаҳкор эълон кунад, шахсро туҳмату таҳқир накунад.

6. Бошарафӣ, бовиҷдонӣ. Журналист ба асардуздӣ роҳ надиҳад, иқтибос оварда, ҳатман онро бояд нишон диҳад.

7. Мустақилият. Масъулияти ахлоқӣ. Журналист кореро накунад, ки ба эътиқоди худаш зид бошад.

8. Шарафмандӣ. Журналист набояд бо гирифтани маблағ манфиатҳои ҳукумат, ин ё он гурӯҳ ё шахсони алоҳидаро ҳимоя кунад. Агар бо ивази маблағ маводе чун реклама омода карда мешавад, аудитория бояд хабардор карда шавад.

9. Эҳтиёткорӣ. Журналист дар инъикоси масъалаи аҳамияти давлатӣ ё шахсидоштае, ки ба ӯ бовар карда шудааст, бояд эҳтиёткор бошад.

10. Ҳамраъйӣ. Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ набояд ба ҳамкасбони худ зарар расонад ва бояд меъёрҳои ҳамраъйии касбиро риоя кунад» [2, 4-6].

Ба таври мушаххас маълум мегардад, ки риояи ин меъёрҳо барои эътимоднок гардидани матлаби журналистӣ мусоидат мекунад.

Ба назари муҳаққиқ С. Г. Корконосенко «вақте дар атрофи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қабули санадҳои марбут ба ахлоқ сухан меравад, бояд таъкид намуд, ки ин ташаббуси худи ҷомеаи журналистӣ аст; журналистон он масъалаеро муҳокима намуданд, ки барои баланд бардоштани эътибор, таъсирбахш кардани матлабҳо ва бартараф намудани монеаҳои фаъолият чӣ бояд кард? Ба хулосае расиданд, ки роҳи дуруст қабули кодекси ахлоқист, зеро он аз низоъ ва ихтилофот пешгирӣ намуда, барои муттасилу таъсирбахш фаъолият намудан мусоидат мекунад. Ин хулоса дар асоси таҷрибаи журналистика ва мушоҳидаҳои ҳирфаӣ ба вуҷуд омадааст” [4, 278].

В. В. Ворошилов, муҳаққиқи дигари соҳа меафзояд: “Касбаш ба журналист ҳуқуқ медиҳад ва ухдадор менамояд, ки аз номи ҷомеа доир ба манфиатҳои ҷамъиятӣ сухан гӯяд, хулосабарорӣ кунад. Барои ҳамин ҳам, журналист бояд донад, ки фаъолияти ӯ комилан ба ахлоқ асос ёфтааст, зеро ахлоқи журналист ҳамчун ахлоқи ҷамъиятӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ мегардад” [1, 345].

Мо доир ба чанд омиле, ки матлаби журналистиро эътимоднок менамоянд, сухан гуфтем ва пайвандии онҳоро тазаккур дода, бар он кӯшидем, ки дар такя ба

ақидаи муҳаққиқон муҳиммияти меъёрҳои ахлоқиро дар эътимоднок баромадани матни журналистӣ ба таври мушаххас бозгӯ кунем. Бори дигар маълум гардид, ки нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар таъсирнокӣ, боварибахшӣ ва эътимоднокии матлабҳои журналистӣ бесобиқа аст. Ҳарчанд дар журналистикаи имрӯз меъёрҳои ахлоқӣ баъзан нодида гирифта мешаванд, вале сарфи назар намудани онҳо натиҷаеро медиҳад, ки дар таҳлилҳои муҳаққиқон зикраш рафт. Мо аз ин баррасиҳо ба натиҷае расидем, ки муҳимтарин омиле, ки матлаби журналистиро эътимоднок мегардонад, риояи меъёрҳои ахлоқи касбист. Вақте матлаб ба боварии аудитория сазовор гардид, табиист, ки қадру манзалати журналист низ боло меравад.

Муҳиммияти баррасии мавзӯи мазкурро боз он нукта таҳвият мебахшад, ки дар замони муосир сарфи назар намудани роҳҳои эътимодноксози матлаб хавфи ба бумҳрони эътимод гирифтор шудани воситаҳои ахборро ба вуҷуд меорад, ки ин ҳам хатари ҷиддие ба вазъи минбаъдаи журналистика аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ворошилов В. В. Журналистика / В. В. Ворошилов. - СПб., 2002. - 656 с.
2. Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмӯаи мақолаҳои устодону аспирантони факултети журналистикаи ДМТ). – Душанбе, 2014, - Қисми VI. - 144 с.
3. Муродов М. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ дар раванди эҷоди журналистӣ / М. Муродов // Замони муосир ва журналистика (материалҳои конференсияи байналмилалӣ). - Душанбе, 2011. - 166 с.
4. Корконосенко С. Г. Основы журналистики / С. Г Корконосенко. – М., 2002. - 287 с.
5. Усмонов И. Шарҳи “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” / Усмонов И. – Душанбе, 2011. – 64 с.
6. Усмонов И. Журналистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. - Ҷ 4. – 474 с.

ВНУШАЮЩИЕ ФАКТОРЫ ТВОРЧЕСТВА ЖУРНАЛИСТА

Творческая деятельность журналиста, порождающая текст, является литературным изложением информации. В статье подчеркивается доверие аудитории к творчеству журналиста как средство определения позиции, имиджа и важный фактор продолжительности деятельности средств массовой информации. В статье этичным нормам уделяется особое внимание, как важному внушающему фактору творчества журналиста, в случае соблюдения всех правил со стороны журналиста и он заслуживает уважения аудитории.

Ключевые слова: журналистика, журналист, СМИ, этика, фактор, соблюдение, уверенность, аудитория, цель журналиста, нормативные права, профессиональные принципы.

INSPIRING FACTORS OF CREATIVITY OF THE JOURNALIST

The creative activity of the journalist generating the text is a literary statement of information. In article the trust audience to creativity of the journalist as means definition of a position, image and an important factor duration of activity of mass media is emphasized. In article to ethic norms the special attention as an important inspiring factor of creativity of the journalist, in a case everything ruled observance from the journalist is paid and it deserves respect and audience remuneration.

Keywords: journalist, mass media, ethics, factor, observance, confidence, audience, journalist purpose, standard right, professionally principles.

Сведения об авторе: ***Х.У. Рахимджонов*** – аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон**: (+992) 934-89-26-56**. E-mail: **khushdil_09@list.ru**

СОЦИАЛЬНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬСКИЕ ФУНКЦИИ ТЕЛЕВИДЕНИЯ

Илхомджон Хамидов, Бахтиёр Абдурахимов
Таджикский национальный университет

Согласно 9 ст. Закона Республики Таджикистан «О телевидении и радиовещании», основными задачами государственных структур телевидения и радиовещания являются: создание и распространение экономических, публицистических, культурно-образовательных, учебных, развлекательных, спортивных программ; оперативное информирование радиослушателей и телезрителей об общественно-политических и иных событиях в Республике Таджикистан и за рубежом, распространение официальных сообщений, решений органов законодательной, исполнительной и судебной властей, подлежащих официальному распространению; освещение государственной символики

Республики Таджикистан; содействие укреплению международных связей Республики Таджикистан.

Что такое общество? Общество это вся наша жизнь. Все события, оказывающие положительное или отрицательное воздействие на нашу деятельность можем назвать общественными. Что входит в понятие социально-просветительских функций телевидения? Джордж Элгози подчёркивает: «Два величайших изобретения в истории:книгопечатание, усадившее нас за книги,и телевидение, оторвавшее нас от них».

Таджикский учёный Муродов М. отмечает, что современные таджикские СМИ не уделяют должного внимания важным вопросам. Обращает внимание на то, что СМИ выполняют только информационную функцию.

Надо отметить, что в разные периоды таджикское телевидение оказывало различное воздействие на общество. Данное влияние позволяет телевидению занимать определённое место в информационном пространстве. Речь идёт о том, что до периода независимости средства массовой информации Таджикистана- газеты и журналы, радио, телевидение и информационные агентства выполняли раздельные функции. Например, информационное агентство Таджикистана «ТаджикТА» подготавливало новостные материалы для периодики, радио и телевидения. Само агентство не имело собственного средства распространения информации или же не стремилось иметь таковое. Телевидение и радио большей частью придерживались развлекательного направления. Они скорее уподобились какому-то виду искусства. Хотя и было много публицистики. В советское время печать служила идеологическим рупором. Принимая во внимание функциональное использование телевидения в советское время с учетом местных географических условий и других факторов таджикское телевидение того времени было лишь техническим средством.

Период независимости стал временем телевизионного воздействия на общество. Известные события начала девяностых годов прошлого столетия возвысили роль телевидения в информационном пространстве Таджикистана. Увеличение числа репортажей, связанных с происходящими событиями и поливание грязью оппонентов ясно обозначили отрицательное воздействие телевидения. В частности, тревожит роль телевидения в период поддержки оппозиции законного правительства. Случайно ли нет, на День Радио (7 мая) произошёл захват Дома Радио оппозиционными силами, и главные СМИ государства заняли оппозиционную сторону. Телевидение и радио- организации, финансируемые из государственного бюджета стали работать против этого же государства.

Известный тележурналист, свидетель тех событий Искандар Мирзоев вспоминает: «Дня не было, чтобы в программах государственного телевидения и радио не обличали правительство Рахмона Набиева».

На основании заявлений, поступивших в Комитет безопасности от таджикской интеллигенции и чиновников правительства, председатель Государственной телерадиокомпании Таджикистана Мирбобо Миррахим и его сотрудники были обвинены в одностороннем отображении происходивших событий.

Таким образом, в определённый период, будучи на стороне оппозиции комитет телевидения и радиовещания вёл одностороннюю деятельность и достиг высшей ступени в распространение лживой и искажённой информации.

Впоследствии, телевидение становится лояльным к официальной власти, защищает правительство и до сегодняшнего времени остаётся средством пропаганды достижений государства.

Прошедшее XX столетие одарило человечество многими техническими средствами - атомной энергией, компьютерами и др. Решение вопросов информационной, культурной, пропагандистской и даже военной безопасности стало одной из важных задач при распространении телевизионных программ. Телевидение имеет несравнимое культурное значение для человека, предоставляя возможность обмена мнениями и расширения общения на международном уровне.

Одна из удивительных возможностей телевидения доставка из самого далёкого уголка земного шара в наши дома вестей от дружественных народов. О телевидении сказано много и хорошего и плохого.

Уместно добавить, что пришествие телевидения в послевоенные годы явилось третьей аудиовизуальной революцией, если первой считать изобретение кинематографа в

конце прошлого века, а второй — приход синхронного звука на рубеже 20 — 30-х годов. Датировка этой революции связана, разумеется, не с техническим фактом изобретения видения на расстоянии, а с фактом массового распространения, так называемого «переворота в мозгах».

Советские исследователи назвали повсеместное обеспечение населения телевизионными программами - основной задачей телевидения.

После создания государственного телевидения (март 1939) в Москве - центре 15 дружественных братских государств, в Таджикистане через 20 лет -3 октября 1959 открылся отдельный государственный телецентр, освещающий общественную жизнь.

Год от года телевидение обеспечивалось новейшими технологиями. Это новое средство массовой информации постепенно стало движущей силой в общественной жизни, и возникла необходимость в создании единой общенациональной государственной программы.

Информационная программа «Ахбор» стала основной программой по сбору, подготовке и распространению республиканской информации об общественно-политических, культурно-образовательных событиях. После распада Советского Союза и заявления о государственной Независимости Республики Таджикистан возникли сложности в сфере телевидения и радиовещания. Телевидение не знало, какой идеологии теперь придерживаться: непонятной демократии, так называемой свободной или уже сломленного коммунизма? В это время разжигание братоубийственной войны также дало свой эффект. Каждый день репортажи с митингов, о перестрелках нагнетали обстановку.

Несмотря на это, новостные программы выходили систематически и имели свой круг зрителей. Таким образом, хорошо принимались программы с журналистами, которые пытались пролить свет на происходящее.

Постепенно телевидение предпочло принять сторону официального Правительства Таджикистана и его политики, потому что изначала было государственным телевидением. В то страшное время телевидение Таджикистана сумело решить сложнейший вопрос для себя, потому что жизнь всей республики повернулась к строительству нового общества. Задачей телевидения в тот период было ежедневное отображение происходивших событий и мероприятий.

Сегодня телевидение Таджикистана, опираясь на богатое культурное наследие таджикской нации, делает программы о народных традициях и обычаях. Два государственных канала ежедневно ранним утром выпускают две программы информационно-развлекательного и художественно-образовательного характера: «Утро» Первого Канала телевидения Таджикистан и «Рассвет» государственного учреждения «Телевидение Сафина».

Телевидение, способствуя общественному порядку и государственной стабильности, собирает у своих голубых экранов многочисленных телезрителей. Цвик В. пишет: Государственное телевидение посредством своих программ оказывает воздействие на общественное сознание». Возьмём, к примеру, нашу страну. В 1996 году прошла серия репортажей о сдаче оружия правительству оппозиционными группировками, послужившая усилению миротворческой роли телевидения в глазах телезрителей.

Кузнецов Г. и Юровский А. подчёркивают, что телевидение мобилизует народ на выполнение общегосударственных задач. Вспомним последние годы, как государственное телевидение превратило покупку акций Рогунской ГЭС в общенациональное мероприятие. Все, начиная от детсадов и заканчивая министерствами, наперегонки стремились закупить акции Рогуна. Несмотря на добровольно-принудительный порядок скупки акций, телевидение декларировало лишь гражданскую сознательность и добровольность.

Или другой пример, посредством телевидения приглашают население на национальный бег или общегородской марафон, в данном случае происходит обеспечение исполнения государственных задач, и телевидение в этом играет центральную роль.

При выполнении социально-просветительских функций телевидение обращает народное внимание на общезначимые проблемы, и телевидение по собственной воле оказывает обществу содействие.

В связи с этим, телеканалы стремятся учитывать интересы всех социальных слоёв, вероисповеданий, возрастных групп при создании программ, направленных на решение социально-политических вопросов. Например, телевидение «Джахоннамо» (Мировое

обозрение) регулярно освещает вопросы религии, комментируют политику государства и правительства Таджикистана в отношении вероисповедания. Приглашаются служители религии и обсуждаются вопросы обета, молитв, ношения бороды и др. Профессор Саъдуллаев А. отмечает: «Ввиду того, что СМИ работают с обществом, естественно, когда журналисты своей деятельностью оказывают большое влияние на сознание общества и стремятся показывать те события и происшествия, которые наиболее притягивают внимание населения.

Из чего можно сделать вывод, что телевидение заинтересовано расширять данное направление, разнообразные личностные представления требуется сбалансировать: потому, как свободное изложение идей в свободное сознание человека вступят в противоречие. Общество вынуждено стать на сторону группы, которую поддерживает телевидение, и одна избранная группа или общественный слой получает возможность управлять сознанием общества.

Большинство считает, что в современных условиях не трудно понять роль телевидения в информационном пространстве, но ошибаются. Исследователи журналистики считают, что сегодня перспективное использование телевидения весьма тонкое дело. Именно поэтому необходимо повышать у телезрителей гордость за своё телевидение.

В частности А.Борецкий пишет: «тонкости мировосприятия сегодняшнего телезрителя побуждают к тому, чтобы каждые пять секунд менялся кадр на телевизионном экране, так как телезритель имеет возможность, за это время, связаться, по спутниковому каналу, или с помощью других информационных каналов с 1000 или более интернет - провайдерами». [1, 125].

Если оценивать с этой точки зрения, то государственное телевидение Таджикистана (Первый канал, телевидение «Сафина», телевидение «Джахоннамо» и телевидение «Бахористон») не очень заинтересованы в привлечении внимания зрителя, так, как в информационном телевизионном пространстве эти каналы не имеют сильного конкурента. Кроме Независимого телевидения Таджикистана (НТТ), который тоже за короткий период своей деятельности столкнулся с возникающими техническими недостатками, другие каналы не только не могут конкурировать, но даже не имеют аналогичные технические возможности, как государственный канал. Преимущество НТТ, вначале заключалось в том, что здесь вместе собрались талантливые молодые люди с новыми идеями некоторое время составили конкуренцию в деле привлечения внимания зрителей в пространстве столицы и окружающих её районов. И в результате, в некоторой степени добились успеха. Но потом появились технические сложности. Большинство опытных сотрудников этого частного телевидения перешли работать в государственное телевидение, потому что, этот канал распространял программы на одной волне с первым телевизионным каналом России (ОРТ). Долгое время никто своими действиями не брал на себя такую ответственность у Комитета по телевидению и радио.

Только на встрече с прессой в 2012 году нынешний председатель комитета пообещал, что НТТ перейдёт на другой канал вещания.

На сегодняшний день всемирные каналы телевидения распространяются в самые дальние регионы планеты, имеют возможность, используя спутниковые средства и интернет, оповещать людей во всём мире о происходящих событиях в каждом уголке вселенной.

По выражению бывшего генерального секретаря ООН Кофи Анана телевидение может стать великой силой дара. Целью ООН является упорядочение,«объединённого информационного общества», а телевидение считается мощнейшим средством в претворении этой мечты.

Оно предоставляет возможность, чтобы мы были оповещены о состоянии далёких и близких соседей и имели общее понятие и самообладание в различных мировых проблемах.

В действительности наблюдение одного информационного выпуска всемирного канала телевидения достаточно, чтобы зритель был информирован об Обращении Эмомали Рахмона к участникам Мирового Форума информационного Канала в Тунисе и оповещён о ходе визита должностного лица. Конечно, таким образом телевидение и даже один репортаж может стать причиной возникновения противоречия и провокации.

Как известно, материалы телевидения и радио предназначены для восприятия на слух, а не для чтения. Эту мысль тоже поддерживает Д.Поттер [2, 92].

Исследователь А. Нуралиев тоже подчёркивает, что зритель только один раз имеет возможность услышать и воспринять новость. Он как читатель не может повторно прочитать непонятное предложение [4, 130].

Каждое телевидение непосредственно пропагандирует политическую идею того или иного государства. Естественно, что эта пропаганда является социальной, приобретает обучающее значение – пропагандирует способы ведения жизни, деликатность социальных вопросов и видов социальной деятельности, определённого поведения и нравственности. Она зависит от общей структуры и способа государственного управления, так, как зачастую политическую программу определяет государственная политика. Даже телевизионные каналы Си - эн – эн (США), Би – би – си (Великобритания) и Аль-Джазира (Арабистан), которые объявили себя самыми свободными средствами массовой информации мира, в отдельности являются носителями политики своих государств.

В случае продолжения социально – просветительских задач необходимо отметить, что это может необычайно воздействовать на психику зрителя. Все хорошо помним заметный пример выборов президента России 1996 года, когда сведения в эфире относительно действующего президента Б. Ельцина передавались в положительных новостях, а о его конкуренте – Г. Зюганове, в сводках о несчастных случаях (катастрофа, авария, разрушении), что естественно отражало облик этих двух политиков в сознании зрителя.

В нашей стране при проведении кампании президентских выборов в 2006 году, действующий руководитель государства Эмомали Рахмон представлялся во всех государственных телевизионных каналах, как национальный герой или спаситель государства.

Если один говорил о великих стройках века, возведение которых было возможно стараниями президента, другой рассказывал о выводе из коммуникационного и продовольственного кризиса и обеспечении энергетической независимости страны. Третий утверждал о развитии области образования, четвёртый о науке и культуре. И всё это происходило в положении, когда другие кандидаты на пост президента только говорили и обещали. В действительности все эти кандидаты не приложили возможных усилий для частичного развития Таджикистана.

Исследователи и психологи доказали, что каждая телевизионная передача непосредственно воздействует на психику зрителя. Она может привести человека к неизлечимому заболеванию. Особенно сцены и сюжеты в фильмах, где показывается притеснение и насилие в натуральной форме («естественной»). Давление, притеснение оседают в мозгу человека, и однажды выясняется, что друг или подруга способны на такое действие. Телевидение имеет возможность непроизвольного воздействия на сознание. Например, глаз человека способен только за одну секунду воспринять кадров, если смысл 25 кадра скрытый, то сознание, невольно восприняв его, буквально размещает в мысли человека [3, 23].

По наблюдениям выясняется, что социально – просветительские задачи телевидения граничат с группой информационных задач. Приспособление населения к жизненным изменениям является важнейшей социально – просветительской задачей.

